Дар шароити якхелаи иқлим ва хусусиятҳои табиии хок баҳои киштгардон ба асорати зироати пешинакишт ва агротехникаи парвариши он зич алоқаманд аст. Маълум аст, ки ин асоратҳо ба хусусиятҳои хок гуногунанд. Аз ин лиҳоз як қатор тафовутҳо дар хусусиятҳои хок ва ҳосилхезии он, ки ба зироати пешинакишт вобастаанд, дар амалияи истеҳсолоти кишоварзӣ ба назар мерасанд.

Дар шароити Тоҷикистон дар зинаҳои мухталифи рушди ҷомеа ҳариб ҳама низомҳои зироаткорӣ ва нақшаҳои мухталифи ивазшавии зироатҳо амалӣ гардонида мешуданд. Бо мақсади баланд бардоштани ҳосилхезии хок аз тамоми воситаҳои имконпазир –дамдиҳии гуногун муҳлати заминҳо, истифодаи пору ва ҳаргуна боқимондаҳои органикӣ, хоки деворҳои кӯҳна, лоиқаи наҳрҳо ва ғ. истифода бурда мешуданд. Новобаста ба ин дар зироаткорӣ як низоми муайяни илман ва амалан асоснок мавҷуд набуд ва тадбирҳои ташкилию агротехникӣ бо як низоми муайян амалӣ гардонида намешуданд.

То инқилоби Октябр ва барқароршавии Ҳукумати Шӯравӣ дар шароити Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ корҳои илмӣ – тадқиқотӣ гузаронида намешуд. Танҳо пас аз таъсиси Институти илмӣ-тадқиқотии пахтапарварии умумииттифоқӣ (Союз НИХИ) ва дар ин замина таъсис додани стансияи минтақавии Тоҷикистонии Союз НИХИ бо ин мақсад, ҷиҳати баланд бартоштани ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба тарҳрезии корҳои илмӣ- тадқиқотӣ оғоз бахшида шуд. Дар ин радиф Л.П. Белякова ва Н.С. Паришкура (1957), Л.П. Белякова (1957) барои хокҳои водии Вахш, ки дар таркибашон миқдори ками гумус (0,86–1,2%), нитроген (0,05-0,08%) доранд ва структураашон ба даст, ҷиҳати баланд бар-доштани ҳосилхезии онҳо ва ҳосилнокии онҳо ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, киштгардонҳои пахтаю юнучқаро тавсия менамоянд. Дар ҳамон солҳо ҷиҳати мукаммал-гардонии низоми зироаткорӣ як қатор тадбирҳои судманди ташкилию агротехникӣ андешида шуда буданд, ки онҳо бо тарҳрезию тавсияҳои академик В.Р. Вилямс (1938)– аҷмӯи чорабиниҳо, ки аз шаш унсур иборат буданд, ба итмом расидаанд. Дар радифи он-ҳо киштгардонҳои бисёрмайдона бо кишти ҳатмии омехтаю алафҳои бисёрсолаи лӯбиё-гиҳо ва ғаллагиҳо ҳамчун омили такрористеҳсолкунанда ҳосилхезӣ ва беҳтар кунандаи хусусиятҳои агрофизикии хок, унсури асосӣ ба шумор мерафтанд. Ин унсури низоми алафмайдонаи зироаткорӣ дар Тоҷикистон дар шакли киштгардонҳои 9 ва ҳатто 12 майдонаи пахтаю юнучқа ва ҷуворимакка тавсия шудаанд. Дар онҳо пахта дар шакли якказироатӣ дар тӯли 6,7 ва ҳатто 9 сол парвариш карда мешавад.

Бояд иқрор шуд, ки дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ва сохтори кунунии истифодабарии заминҳои корамӣ обӣ, куллан тағйирёбии таркиби масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ дар кишвар, киштгардонҳои бисёрмайдонаи калонмасоҳати пахтаю юнучқа ҳамчун воситаи асосии нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии хоку ҳосилнокии зироатҳои кишо-варзӣ, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ дар шароити худтаъминкунӣ ва беҳдошти фитосанита-рию экологӣ мавқеъи худро як дараҷа гум кардаанд. Солҳои охир дар адабиётҳои илмии даврӣ ҷиҳати самаранокии киштгардонҳои калонмасоҳати бисёрмайдонаи пахтаю юнуч-қа ва ҷуворимакка низ кам ба назар мерасад ва дар татбиқи онҳо дар амалияи истеҳсолот низ чунин муносибат ҷой дорад. Қобили қайд аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ баъзе муҳаққиқон (Ҷумонқулов, 2007, 2008) кӯшиш ба харҷ додаанд, ки маълумотҳои зарурии илмиро нисбат ба самараи киштгардонҳои кӯтоҳдаври пахтаю юнучқа пешниҳод намуданд, аммо ин тавсияҳо низ татбиқи худро дар амалияи истеҳсолот наёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ягон фард наметавонад, дар бораи аҳамияти агротехникӣ, мелиоративӣ ва беҳдоштию фитосанитарии юнучқа дар киштгардонҳо шак оварад. Дар ба-робари ин набояд, аз лавҳи хотир дур кард, ки сохтори ҷомеа, муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва шаклҳои истифодаи замин дар шароити соҳибистиқлолию иқтисоди бозор-гонӣ ва диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ куллан тағйир ёфтаанд. Ин ҳолат тако-зо менамояд, ки низоми зироаткорӣ ва унсурҳои он бо дарназардошти ин дигаргуниҳо аз нав тарҳрезӣ ва дар амалияи истеҳсолоти кишоварзӣ татбиқ карда шаванд.

Дар як вақт дар шароити норасоии мошинолоти кишоварзӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, нуриҳои минералию маводи кимиёвии ҳимояи растаниҳою ҳосил аз организмҳои зараррасон, гаронии нархи онҳо ва дар ин замина татбиқи натиҷаи мукаммалгардонии технологияҳои каммасрафи коркарди хок, обу энергия захиракунанда интихоби зироату навъҳои сермаҳсул истифодаи хусусиятҳои хоси биологию фитосанитарии онҳо ва тарҳрезию татбиқи нақшаҳои нави киштгардонҳо самараи хуб медиҳанд. Вазъияти ба амал омада водор сохт, ки бодарназардошти шаклҳои мухталифи истифодаи замин низоми зироаткорӣ аз нав мавриди таҳқиқ қарор дода нақшаҳои нави киштгардонҳои кӯтоҳдавр дар заминаи таркиби воқеъии масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар асоси таҷрибаҳои саҳроӣ, натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои илмӣ, илмӣ-истеҳсолӣ, амалияи истеҳсолоту ҳисобҳои таҳлилӣ тавсия карда шаванд.

Натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур собит намуданд, ки менамоянд, ки дар шароити амалигардии шаклҳои гуногуни истифодаи замин, куллан тағйирёбии таркиби масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ ва диверсифғикатсияи истеҳсолот дар радифи киштгардонҳои пахтаю юнучқа танҳо киштгардонҳои кӯтоҳдаври пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво, сабзавотӣ ва ғ бо татбиқи ҳатмии унсурҳои низоми дар давоми сол пурра истифодабарии заминҳои корам – киштҳои асосӣ, фосилавӣ, такрорӣ, ангорӣ, баъдидаравӣ ва сидератсионӣ имконият медиҳад, ки захираҳои хокию биоиқлимӣ самаранок истифода бурда шаванд ва ҳосилхезии хок нигоҳ дошта шаваду дар як вақт ҳосили дилхоҳи пахта, ғаллаю хӯрокаҳои хушсифати чорво ба даст оварда шавад (Сардоров 1998, 2014).

Масоҳати киштгардонҳои кӯтоҳдавр бо мавҷудияти заминҳои корам дар хоҷагӣ ва нақшаи истеҳсоли ин ва ё он маҳсулот вобаста аст. Шумораи майдонҳо дар киштгардонҳо на бояд аз 3-5 зиёд бошад. Дар хоҷагӣ вобаста ба нақшаҳои истеҳсолӣ ва талаботи дохилии маҳсулоти истеҳсоли худи имкон аст, ки якчанд намуди киштгардонҳо ба монанди: пахтаю зироатҳои ғаллагӣ (3-4 майдона), зироатҳои ғаллагӣ, пахтаю зироатҳои сабзавотӣ, зироатҳои хӯроки чорво ва ғ.татбиқ карда шаванд. Дар мавриди муайянкунии самаранокии киштгардонҳои кӯтоҳдавр бояд самти фаъолияти хоҷагӣ, ҳаҷми маҳсулоти ба нақшагирифташуда, мавҷудияти захираҳои моддию техникӣ, меҳнатӣ ва обӣ ба назар гирифта шаванд. Ба ғайр аз ин бояд шароит фароҳам оварда шавад, ки радиатсияи фаъоли фотосинтетикӣ (РФФ), боришот ва моддаҳои ғизоии пас аз зироатҳои пешинакишт боқимонда самаранок истифода бурда шаванд. Дар онҳо кишти зироатҳои лӯбиёдонагӣ ҳамчун манбаи нитрогенӣ иловагӣ ба нақша гирифта шавад.

Самаранокии нақшаи назоратии киштгардони пахтаю юнучқа ва ҷуворимакка (1:2:7) бо истифодаи ҳосилнокии зироатҳо бо усули таҳлилӣ муайян карда шудааст. Натиҷаи тадқиқотҳо оид ба самаранокии киштгардони кӯтоҳдаври 3 ва 4-майдонаи пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ аз рӯйи нишондодҳои коэффитсенти истифодаи замин, баромади пахта, дон маҳсулоти иловагӣ, воҳиди хӯрокаҳо ва ғуншавии моддаҳои органикӣ бартарии онҳоро нисбат ба киштгардони пахтаю юнучқа собит менамоя (ҷадвали 1).

Пай дар пай ҷорӣ намудани киштҳои асосӣ, ангорӣ, фосилавӣ, такрорӣ имконият медиҳад, ки коэффитсенти истифодаи замин дар киштгардонҳои кӯтоҳдаври пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ то ба 200% расонида шавад, ки нисбат ба нақшаҳои назоратӣ 90% зиёд аст.Дар киштгардонҳои 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагӣ аз 100 га замини корам мутаносибан 482,8-362,0 т/дон,

2966,7–2972,5 т маҳсулоти иловагӣ, 1194,0–918,0 т воҳиди хӯрокаҳо, 2324,3 т–1810,2 т моддаҳои органикӣ ба даст оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Самаранокии киштгардонҳои кӯтоҳдаври 3 ва 4 майдонаи пахта ва зироатҳои ғалладонагӣ нисбат ба киштгардони 10 майдонаи пахтаю юнучқа ва ҷуворимакка, аз 100 га замини корам

Нишондодҳо	Киштгардонҳо		
	10-майдона (назоратӣ)	3-майдона	4-майдона
Коэффитсенти истифодаи замин, %	110 -	200 +90	200 +90
Баромади дон аз 100 га, т.	68 -	422,8 +414,8	362 +294
Маҳсулоти иловагӣ, т	671 -	2966,7 +2295,5	2972,5 +2301,3
Воҳиди хӯрокаҳо, т	461,7 -	1194 +732,3	918 +456,3
Ҷамъи моддаҳои органикии ғуншуда, т	1865,3 -	2324,3 +459	1810,2 -55,1
Баромади пахта, т	252 -	259,7 +7,7	255 +3

Эзоҳ: дар сурат бузургии нишондодҳо, дар маҳраҷ фарқияти онҳо нисбат ба нақшаи киштгардони 10 майдонаи пахтаю юнучқа ва ҷуворимакка (1:2:7).

Ин нишондодҳо нисбат ба нақшаи киштгардони назоратӣ мутаносибан ба нақшаҳои назоратӣ 414,8-294,0 т/дон, 2295,5 -2301,3 т маҳсулоти иловагӣ, 732,3-456,3 т воҳиди хӯрокаҳо ва дар нақшаи 3 майдона 459,0 т моддаҳои органикии ғуншуда кам аст. Аз киштгардонҳои 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагӣ аз 100 га замини корам мутаносибан 259,7-255,0 т пахта ҷамъоварӣ карда шудааст, ки амалан ба нишондоди нақшаи назоратӣ (1:2:7) баробар буда, пахтанокӣ дар нақшаҳои таҳқиқшаванда 66,6-75% -ро ташкил менамояд. Натиҷаи тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки низоми тавсияшавандаи заминҳои корами обӣ аҳамияти калони агротехникиро дорост. Дар киштгардони 10 майдонаи пахтаю юнучқа аз ҳисоби ҳосил ва боқимондаҳои ангорию низоми решагӣ дар 100 га замини корами обӣ 1865,3 т моддаҳои органикӣ ғун мешавад, ки ин нисбат ба киштгардонҳои 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагӣ мутаносибан 459,0-55,1 т кам аст. Бешак пӯсиши чунин миқдор моддаҳои органикӣ метавонад ба дараҷаи ҳосилхезии хок ва беҳтаршавии хусусиятҳои агрофизикӣ ва реҷаҳои ғизоии он таъсири мусбат расонад.

Аз нуқтаи назариявӣ ва амалияи истеҳсолот баромади пору аз ин миқдор моддаҳои органикӣ ғуншуда муҳим аст. Чунки истифодаи пору дар мавриди таҳияи низоми нуриан-дозӣ чун нуриҳои минералӣ дар давраи гардиши зироатҳо дар вақту майдонҳо ба нақшагирифта мешавад. Дар навбати дигар ба таркиби амиқи кимиёвиаш имкон медиҳад, ки ба омили таҳқиқшаванда (киштгардонҳо) баҳои объективӣ дода шавад. Дар таҷрибаҳои мо баромади пору аз ҳосилу боқимондаҳои ангорию низоми решагӣ дар киштгардонҳои таҳқиқшаванда бо усули Вулф (Агрохимия, зери таҳрири П.М.Смирнова ва А.В. Петербургский. –М.: «Колос», 1975, -С. 311) муайян карда шуд. Барои баргардонидан ба поруи пурра пӯсида тибқи ҳамин услуб коэффитсент 0,5 –ро истифода бурдем. Натиҷаи ҳисобҳо нишон доданд, ки дар киштгардонҳои таҳқиқшавандаи 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагӣ бо татбиқи киштҳои фосилавӣ, ангорию такрорӣ ва сидератсионӣ баромади пору мутаносибан 23,3 ва 18,1 т/га –ро ташкил менамояд. Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки ин миқдор пору дар ин киштгардонҳо ҳар сол ворид мешавад, ки бартарии онҳоро собит менамояд. Нишондодҳои ҳосилшуда нисбат ба киштгардони назоратӣ (1:2:7) мутаносибан 4,6 ва 0,6 т/га зиёданд (ҷадв.2).

Ҷадвали 2. Баромади пору ва NPK дар нақшаҳои мухталифи киштгардонҳо

Нишондодҳо	Киштгардонҳо		
	10- майдона (назоратӣ)	3-майдона	4-майдона
Ҷамъи моддаҳои органикӣ аз 100 га киштгардон, т	1865 -	2324 +459	1810 -55,1
Баромади пору аз 100 га киштгардон, т	3730,6 -	4948,4 +917,8	3620,4 -110,2
Баромади пору аз 1 га замини корам, т	37,3 -	46,5 +9,2	36,2 -1,1
Баромади поруи пурра пӯсида (0,5) аз 1 га, т	18,7 -	23,3 +4,6	18,1 -0,6
Миқдори нитрогени (N) ғуншуда дар хок аз ҳисоби пору кг/га	9,3 -	116,5 +23,0	90,5 -3,0
Миқдори (P_2O_5) –и ғуншуда дар хок аз ҳисоби пору, кг/га	56,1 -	69,9 +13,8	54,3 -1,8
Миқдори (K_2O) –и ғуншуда дар хок аз ҳисоби пору, кг/га	112,2 -	139,8 +27,6	108,6 -3,6

Эзоҳ: ***дар сурат бузургии нишондодҳо, дар маҳраҷ фарқияти онҳо нисбат ба нақшаи назоратӣ (1:2:7)***

Ин миқдор пору дар нақшаҳои таҳқиқшаванда 3 ва 4 майдона дар таркибаш 116,5 ва 90,5 кг/га N, 69,9 ва 54,3 кг/га P_2O_5 ва 139,8 ва 108,6 кг/га K_2O дорад, ки нисбат ба нақшаи киштгардони назоратӣ 23,0 ва 3,0 кг/га N, 13,8 ва 1,8 кг/га P_2O_5 ва 27,6 ва 3,6 кг/га K_2O зиёд аст. Таҳлили маводҳо нишон медиҳад, ки киштгардонҳои 3 ва 4 майдонаи пахтаю зи-роатҳои ғаллагӣ дар ҳолати риояи қатъии пайдарҳамии ивазшавии зироатҳо, технологияи парвариши онҳо ва пурра баргардонидани моддаҳои органикии ғуншуда дар шакли пору нисбат ба киштгардонҳои бисёрмайдонаю калон масоҳати пахтаю юнучқа ва чуворимакка бартарӣ дошта, шароит фароҳам меоваранд, ки ҳатто дар ҳолати истифода набурдани нуриҳои минералӣ аз ҳисоби поруи ҳосили зироатҳои хӯроки чорво ва боқимондаҳои ангорию низоми решагӣ ва бодарназардошти миқдори миёнаи моддаҳои ғизоии дар хок мавҷуд буда баробари ҳосили миёнаи кунунии пахта дар чумҳурӣ, ҳосил ба даст овардан имконпазир аст. Аз маълумотҳои ҷадвали 3 бар меояд, ки дар киштгардони назоратӣ аз ҳисоби захираҳои моддаҳои ғизоии хок ва моддаҳои органикии ғуншуда 153,7 кг/га N, 101,1 кг/га P_2O_5 ва 312,2 кг/га K_2O ғун мешавад, ки нисбат ба нақшаҳои 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагӣ мутаносибан 23,0 кг/га N, 13,8 кг/га P_2O_5 ва 27,6 кг/га K_2O кам аст.

Ҷадвали 3.-Дараҷаи ҳосилнокии пахта аз ҳисоби захираҳои моддаҳои ғизоии хок ва самаранокии киштгардонҳои таҳқиқшаванда

Киштгардонҳо	Моддаҳои ғизоӣ	Миқдори моддаҳои ғизоӣ дар хок, кг/га	Миқдори моддаҳои ғизоӣ аз ҳисоби моддаҳои органикии ғуншуда, кг/га	Ҳамагӣ, кг/га	Ҳосилноки аз ҳисоби моддаҳои ғизоии хоку боқимондаҳои органикӣ с/га
10-майдонаи пахтаю юнучқа ва чуворимакка (назоратӣ)	N	60	93,5	153,5	30,7
	P	45	56,1	101,1	33,7
	K	200	112,2	312,2	52,0
3- майдонаи пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ	N	60	116,5	176,5	35,3
	P	45	69,9	114,9	38,3
	K	200	139,8	339,8	56,6
4- майдонаи пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ	N	60	90,5	150,5	30,1
	P	45	54,3	99,3	33,1
	K	200	108,6	308,6	51,4

Ин нишондодҳо дар киштгардони 4- майдонаи қариб ба нишондодҳои нақшаи назоратӣ баробаранд. Беназардошти коэффитсенти моддаҳои ғизоӣ аз захираи онҳо дар хок ва бодарназардошти он, ки ҳарсол моддаҳои ғизоии моддаҳои органикии ғуншуда ба хок ворид мешаванд, аз киштгардонҳои 3 ва 4 майдона аз ҳисоби N 35,3-30,1 с/га, P_2O_5 38,3-33,1 с/га ва K_2O 56,6-51,4 с/га бояд ба даст оварда шавад. Дар киштгардони 3-майдона ин нишондодҳо нисбати нақшаи назоратӣ 4,6 с/га зиёд ва дар киштгардони 4-майдона ҳамагӣ 0,6 с/га каманд.

Маълумотҳои ҷадвали 4 оид ба барориши моддаҳои ғизоӣ бо ҳосил, миқдори миёнаи онҳо дар хоку дар моддаҳои органикии ғуншуда ва мувозинаи NPK барои рӯёнидани 40 с/га пахта низ бартарии киштгардонҳои 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагиро собит менамояд.

Ҷадвали 4. Барориши моддаҳои ғизоӣ барои рӯёнидани 40 с/га пахта бодарназардошти захираи онҳо дар хоку моддаҳои органикии ғуншуда ва мувозинаи NPK бе истифодаи нуриҳои минералӣ

Киштгардонҳо	Моддаҳои ғизоӣ	Барориши NPK барои ҳосили ба нақша гирифташуда, кг/га	Миқдори миёнаи моддаҳои ғизоӣ дар хок, кг/га	Миқдори моддаҳои ғизои аз ҳисоби моддаҳои органикии ғуншуда, кг/га	Ҳамагӣ, кг/га	Мувозинаи NPK (+,-)
10-майдонаи пахтаю юнучқа ва чуворимакка (назоратӣ)	N	200	60	93,5	153,5	-46,5
	P	120	45	56,1	101,1	-18,9
	K	240	200	112,2	312,2	+72,2
3- майдонаи пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ	N	200	60	116,5	176,5	-23,5
	P	120	45	69,9	114,9	-5,1
	K	240	240	139,8	339,8	+99,8
4- майдонаи пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ	N	200	60	90,5	150,5	-49,5
	P	120	45	54,3	99,3	-20,7
	K	240	200	108,6	308,6	+68,6

Аз маълумотҳои дар ҷадвал ҷой дода шуда маълум мешавад, ки дар ҳама ҳолатҳо ва нақшаҳои мухталиф миқдори калий басанда ва барзиёд аст. Дар киштгардони 3-майдона барои истеҳсоли 40 с/га пахта ҳамагӣ 23,5 кг/га N ва 5,0 кг/га P_2O_5 намерасад, ки нисбати нақшаи назоратӣ 23,0 кг/га N ва 13,7 кг/га P_2O_5 кам аст. Ин нишондодҳо дар киштгардони 4-майдона нисбат ба нақшаи назоратӣ ҳамагӣ 3,0 кг/га N ва 1,8 кг/га P_2O_5 камтаранд, ки аҳамияти истеҳсолиро доро нестанд.Ҳамин тариқ, таҳлили тамоми нишондодҳо–коэффит-сенти истифодаи заминҳои корами обӣ дар давраи имконпазирии сабзишу инкишоф, баромади ғалла, пахта, маҳсулоти иловагӣ, воҳиди хӯрокаҳо, ғуншавии моддаҳои органикӣ (пору) ва NPK-и дар онҳо ғуншуда, мувозинати NPK барои ҳосили ба нақша гирифташуда бартарии киштгардонҳои кӯтоҳдаври 3 ва 4 майдонаи пахтаю зироатҳои ғаллагиро собит месозанд. Дар баробари ин мавриди таъқид аст, ки афзалияти киштгардонҳои кӯтоҳдавр дар он ҳолат зоҳир мегардад, ки агар заминҳои корами обӣ дар давоми сол тавассути

киштҳои асосӣ, такрорӣ, ангорӣ, баъдидаравӣ, фосилавӣ ва сидератсионӣ истифода бурда шаванду гардиши зироатҳо тибқи нақша риоя ва тамоми моддаҳои органикии ғуншуда аз ҳисоби ҳосил ва боқимондаҳои ангорию низоми решагӣ ба хок баргардонида шаванд. Татбиқи киштгардонҳои кӯтоҳдавр дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки агар ҳоҷати бо захираҳои моддию техникӣ, меҳнатӣ ва обӣ мусаллаҳ бошад. Ба ғайр аз ин интихоби дурусти намуду навъҳои зироатҳо, риояи қатъии технологияи парвариши зироатҳою ҷамъоварии саривақтию беталафоти ҳосил ва маданияти баланди зироаткорӣ шарт аст.

АДАБИЁТ

1. Белякова Л.П. Пути повышения плодородия почв Южное Таджикистана в условиях хлопково-люцерновых севооборотов/ Л.П. Белякова –Сталинобад, Полиграф комбинат – 1957.
2. Белякова Л.П. Пути повышения плодородия почв Таджикистана в условиях хлопково-люцерновых севооборотов/ Л.П. Белякова, Н.С. Паришкура//Хлопководства Таджикской ССР, ч.1. – 1957.
3. Вильямс В.Р. Собрание сочинение, т. X. / В.Р. Вильямс – М.: Сельхозгиз.- 1938
4. Прянишников Д.Н. Избранные сочинения, т. III / Д.Н. Прянишников – М.-Л., 1953
5. Сардоров М.Н. Методика теоритических обоснований и практических расчетов эффективности севооборотов с короткими схемами / // Кишоварз, 1998, -№2.
6. Сардоров М.Н., Сардорова С.М. Аҳамияти агротехникии киштгардони кутоҳдаври пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ дар системаи рушдёбандаи устувор ва муназзами экологӣ// Кишоварз, 2014, -№2.
7. Тимирязев К.А. Избранные сочинения в четырех томах, т.II/ – М.: Сельхозгиз, 1948.

АННОТАЦИЯ

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ ЗЕМЛЕДЕЛИЯ И ЕЕ ЭЛЕМЕНТОВ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ.

В данной статье представлены результаты исследований последних лет по продуктивности и агротехническому значению коротких севооборотов хлопчатника и зерновых культур с полной использование реализацией элементов круглогодичного использования орошаемых земель-основного, повторного, пожнивного, послеуборочного, смешанные, сидерационные культуры и т.д. средства эффективного использования почвенных и биоклиматических ресурсов регионов. Результаты исследований доказывают, что короткоротационы 3 и 4-х польные хлопково зерновые севооборота с использовании основных пожнивных, повторных послеуборочных сидерационных посевов сельскохозяйственных культур по эффективно превосходят многопольным крупноплощадные хлопково люцерновие севообороты по выход хлопка-сырца, зерна кормов и по накоплению органических остатков засеет корневых, пожневных остатков и урожая зеленый массы выращиваемых культур в севообороте.

Ключевые слова: *севооборот, основная культура, повторный, коэффициент использования земли, выход продукции, дополнительная продукция, кормовая единица, органические вещества, выход навоза, питательные вещества.*

ANNOTATION

IMPROVEMENT OF THE FARMING SYSTEM AND ITS ELEMENTS IN THE CONDITIONS OF STATE INDEPENDENCE

In this article, the results of recent years' research on the productivity and agro technical significance of short rotations of cotton and grain crops with the full use of elements of year-round use of irrigated land - main crops, repeated crops, grape crops, post-harvest crops, mixed crops, sideration (green manure) and so on. means of effective use of soil and bioclimatic resources of the regions cotton cultivation of the republic is explained. The results of the research prove that short rotations of 3 and 4 areas of cotton and grain crops with the addition of intermittent, grape, repeated, post-harvest and sideration crops of agricultural crops are superior to large-area cotton and alfalfa crop rotations in terms of cotton, grain, storage of grape and root residues and fodder.

Key words: *crop rotation, main crop, repetition, coefficient of land use, output of products, additional products, feed unit, organic substances, output of manure, nutrients.*

Сведения об авторах:

Сардоров Махмадёр Наимович-доктор сельскохозяйственных гаук, член-корреспондент АИКТ, профессор кафедры земледелия и кормопроизводства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146, E-mail: ректортау@ mail.ru тел: 918 724044

Рахматов Абдурахмон Хасанович-доцент кафедры земледелия и кормопроизводства Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 146, E-mail: rahmatov1111@mail.ru тел: 918784423.

Authors information:

Sardorov Mahmadyor Naimovich – doctor of agricultural sciences, professor of the department of crop cultivation and fodder production of the Agrarian University of Tajikistan named after Shirinshoh Shokhtemur, 734003, Dushanbe city, 146 Rodaki Avenue, E-mail: rectortau @ mail.ru tel: 918724044

Rakhmatov Abdurakhmon Khasanovich, associate professor of the department of crop cultivation and fodder production of the Agrarian University of Tajikistan named after Shirinshoh Shokhtemur, 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 146, E-mail: rahmatov1111@mail.ru tel: 918784423.

ТДУ: 633.863 (575.3)

МАҲСУЛНОКИИ ФОТОСИНТЕТИКИИ РАСТАНИИ ОФТОБПАРАСТ ВОБАСТА БА МУҚҲЛАТИ КИШТ ВА ЗИЧИИ НИҲОЛҲО

Норов М.С., Сардоров М.Н., Мустафакулова М.О.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *офтобпараст, муҳлати кишт, зичии ниҳолҳо, сатҳи баргҳо, фаъолияти фотосинтетикӣ.*

Шароити иқлимии бисёр минтақаҳои зироаткории Тоҷикистон имконият медиҳад, ки дар давраи тирамоҳ-зимистон-баҳор ва тобистон парвариш карда шаванд.

Реҷаи нурафканӣ (радиатсионӣ) дар Тоҷикистон ба мувозинаи доимии мусбиаш нисбат ба дигар кишварҳо хусусиятҳои хоси худро дорост. Воридшавии ҷамъи нурафканӣ дар минтақаи Ҳисор ба 151 ккал/см^2 ва нурафкании фаъоли фотосинтетикӣ (НФФ) ба 725 ккал/см^2 баробар аст. Дар давраҳои тирмоҳ-зимистон ва аввали баҳор 3 млрд/ккал-ро ташкил менамояд. Шаддидияти ҷамъи нурафканӣ ба ҳисоби миёна чунин бузургиҳоро ташкил менамояд: зимистон аз 0,4 ккал/см^2 дақиқа.

А.А. Ничипорович [1963], М.С. Шатилов [1970], Х.Ҳ. Каримов [1980, 2003] қайд менамоянд, ки НФФ дар ҳаёти растаниҳо ва пойдоргардии ҳосил мавқеи аввалиндараҷаро дорост.

Ба ақидаи А.А. Ничипорович [1972] тасаввури дуруст оид ба энергияи НФФ ва ба эътибор гирифтани он дар самти самаранок истифодаи захираҳои сабзи ҷаҳонӣ ва табии асосӣ ба даст овардани ҳосили баланд ба шумор меравад. Ин ақида минбаъд дар корҳои илмии Ю.С. Носиров [1966], К.Г.Тооминг [1977] ва дигар муаллифон ба таҷрибаҳо исботи худро ёфтанд. Маҳсулнокии баланди зироатҳо аз рӯйи нашондоди назарраси маҳсулнокии тозаи фотосинтез (МФТ) ва афзоиши шабонарӯзии моддаҳои хушк маънидод карда мешавад.

М.С. Норов [2006] тағйирёбии фаъолияти фотосинтетикии маъсарро дар шароити Тоҷикистони Марказӣ вобаста ба усулҳои мухталифи агротехникии парвариш истифодашуда омӯхтааст. Қобили қайд аст, ки то кунун дар шароити заминҳои лалмии Тоҷикистони Марказӣ фаъолияти фотосинтетикии офтобпараст мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин масъала аҳамияти калони илмию амалиро доро мебошад. Вобаста ба ин, мо баъзе унсурҳои фаъолияти фотосинтетикии офтобпарастро дар доираи гуногунии зичии ниҳолҳо мавриди омӯзиш қарор додем.

Истифодаи энергияи офтоб аз бисёр ҷиҳат ба афзоиши пойдоргардии масоҳати сатҳи баргҳо ва бузургии он дар ин ё он кишт вобаста аст. Бо мурури зиёдшавии масоҳати сатҳи барг миқдори энергия фурӯбурдашуда низ зиёд мешавад. Ин ҳолат бо дараҷаи баланди таври максималӣ ғуншавии анбуҳи нашвӣ идома меёбанд. Минбаъд фурӯбарӣ бо сабаби хушкшавии баргҳо кам мешаванд ва табиист, ки сатҳи ассимилатсионӣ низ кам мегардад.Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки растании офтобпараст дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмин парвариш карда шуд, дастгоҳи бузурги ассимилиатсиониро доро гашта, дараҷаи фотосинтетикии муътадилро таъмин менамояд.

Аз маълумоти натиҷаи таҳқиқотҳо бармеояд, ки муҳлати кишт ба бузургии масоҳати сатҳи барги офтобпараст таъсири куллӣ мерасонад (ҷадв.1).

Ҷадвали 1.-Динамикаи пайдошавии масоҳати сатҳи баргҳои офтобпараст вобаста аз муҳлати кишт (ҳаз.м^2/га)

Муҳлати кишт	Санаи муайянкунӣ					
	05.04	20.04	05.05	20.05	05.06	20.06
15-20 декабр	22,2	26,5	33,2	39,8	46,7	43,2
15-20 февраль	22,1	26,3	32,4	37,5	45,2	42,1
01-05 март	21,0	23,4	28,3	33,2	39,6	36,2
15-20 март	19,0	21,3	25,5	29,4	31,5	27,4

Дар ҳама давраҳои инкишоф дастгоҳи ассимилятсионӣ дар кишти барвақтӣ нисбат ба кишти дерӣ бартарӣ дорад. Дар аввали моҳи апрел дар ктшти моҳи декабрӣ 22,2 ҳаз.м^2/га, дар кишти моҳи февралӣ 22,1 ҳаз.м^2/га ва дар кишти моҳи мартӣ мутаносибан 21,0 ва 19,0 ҳаз.м^2/га масоҳати сатҳи барг пойдор гардид. Ба ғайр аз муҳлати кишт ба пайдоршавии таркиби кишт ва ташаккулёбии сатҳи барг дар майдон зичии ниҳолҳо таъсири назаррас мерасонанд. Дар давраи аввали нашъунамо (то аввали моҳи апрель) афзоиши шиддатноки ғуншавии масоҳати сатҳи барг ба амал меояд ва қариб 50-60% ассимилятҳо барои сохтори баргҳо масраф мешаванд ва дар байни вариантҳо тафовутҳо назаррас ба қайд гирифта намешавад.

Бо мурури зиёдшавии зичии ниҳолҳо масоҳати барг меафзояд ва дар аввали моҳи июн дар варианти 70 ҳаз.раст/га ба бузургии максималӣ (36,6 ҳаз.м^2/га) ноил мегардад (ҷадв.2).

Минбаъд дар ҳама вариантҳои таҷриба масоҳати сатҳи барг кам мешавад. Ин тамоили камшавии сатҳи ассимилятсионӣ махсусан дар вариантҳои зичии ниҳолҳояшон зиёд баръало зоҳир мешавад.

Ҷадвали 2.-Динамикаи зиёдшавии ташаккулёбии сатҳи барги офтобпараст вобаста ба зичии ниҳол дар кишти пеш аз зимистонӣ, ҳаз.м²/га.

Зичии ниҳолҳо, ҳаз/га	Санаи муайянкунӣ					
	05.04	20.04	05.05	20.05	05.06	20.06
40	10,2	16,5	18,2	23,8	31,0	30,1
50	11,9	15,3	21,4	26,4	22,6	31,3
60	13,2	17,7	24,1	29,4	36,1	33,7
70	13,5	18,0	24,4	30,3	36,6	34,0
80	13,2	17,1	22,9	27,9	34,4	31,7

Бо назардошти он, ки иқтидори биологии навъҳои офтобпараст дар шароити Тоҷикистони Марказӣ омӯхта нашудаанд, мо дар баробари омӯзиши масоҳати сатҳи барг, нишондоди иқтидори фотосинтетикӣ (ИФ), маҳсулнокии тозаи фотосинтез (МТФ) ва коэффитсенти таъсири муфиди нурафкании фаъоли фотосинтетикиро (КТМ НФФ) низ омӯхтем.

Аз ҳама бештар нишондоди МТФ-ро кишти офтобпараст бо зичии 70 ҳаз.раст/га доро буд. Дар ин ҳолат дар киште, ки моҳи декабр гузаронида шуд, ин нишондод 4,1 г/м² шабонарӯзро ташкил кард (ҷадв.3).

Ҷадвали 3.-Баъзе унсурҳои фаъолияти фотосинтетикии офтобпараст вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо

Зичии растаниҳо, ҳаз.раст/га	Баргу пояи сабз	Вазни биологии хушк,т/га	Масоҳати сатҳи баргҳо, ҳаз.м²/га	МФТ г/м²,дар шабонарӯз	ИФ, млн.м²/га	КТМ НФФ, %
Кишт 15-20 декабр						
40	37,8	9,0	38,8	3,27	2,28	1,17
50	44,5	10,6	40,2	3,93	2,37	1,53
60	50,2	11,9	44,3	4,0	2,50	1,74
70	52,7	12,5	48,5	4,1	2,60	1,81
80	50,2	11,9	46,7	4,0	2,52	1,67
Кишт 15-20 феврал						
40	36,1	8,8	31,6	3,39	2,01	1,04
50	43,4	10,6	31,9	3,80	2,01	1,30
60	48,7	11,6	34,4	4,13	2,09	1,46
70	41,3	10,1	39,6	3,96	2,00	1,36
80	39,2	9,6	37,6	3,44	1,82	1,0
Кишт 15-20 март						
40	29,5	7,2	24,7	3,47	1,76	0,94
50	32,4	7,9	25,9	3,72	1,84	1,05
60	31,8	7,7	27,3	3,62	1,80	1,00
70	28,7	7,0	28,8	3,24	1,69	0,84
80	25,4	6,2	26,6	2,92	1,48	0,66

Аз ҳама бештар иқтидори фотосинтетикӣ (НФ) ба 2,60 млн.м²/га рӯз дар кишти моҳи декабрӣ бо зичии 70 ҳаз.раст/га ба қайд гирифта шуд.

Нишондодҳои КТМ НФФ нишон медиҳад, ки дар кишти барвақтӣ самаранокии истифодаи нуриҳои офтоб бештар аст. Аз натиҷаи таҳқиқотҳо маълум мешавад, ки дар кишти моҳи декабрӣ бо зичии 70 ҳаз.раст/га нишондоди баландтарини (1,70%) КТМ НФФ ҷой дорад. Ин нишондод дар муҳлати моҳи мартӣ то 1,05% кам мешавад. Зиёд намудани зичии ниҳолҳои офтобпараст аз ин ҳад ба камшавии истифодаи энергшияи офтоб сабаб мешавад. Ин ҳолат ба он маънидод карда мешавад, ки бинобар сабаби сояафканӣ ва баргҳои зинаҳои поёнӣ, шиддати ассимилятсионӣ кам мешавад.

Натиҷаи таҳқиқотҳо оид ба унсурҳои фаъолияти фотосинтетикӣ дар шароити заминҳои лалмии Тоҷикистони Марказӣ бо зироати офтобпараст ба бузургии нисбатан зиёди масоҳати сатҳи барг ноил гашта, нишондоди баланди МТФ, ИФ ва КТМ НФФ-ро доро мегардад. Қобили қайд аст, ки дар ин ҳолат шароити нисбатан мусоид дар кишти моҳи декабрӣ бо зичии ниҳолҳо 70 ҳаз.раст/га пойдор мегардад. Дар ин вариант дар давраи нашъунамо 52,7 т/га баргу пояи сабз ё 11,9 т/га вазни хушк ғун мешавад. Ҳамин тариқ, шаклгирии масоҳати сатҳи баргҳо ва фаъолияти фотосинтетикии офтобпараст ба муҳлати кишт ва ба зичии ниҳолҳо вобаста аст. Масоҳати баландтарини сатҳи барг-46,7 ҳаз.м²/га дар кишти декабрӣ, 31,5 ҳаз.м²/га дар кишти моҳи март (15-20 март) ҳосил шуд.

АДАБИЁТ

1. Ничипорович, А.А. О путях повышения продуктивности фотосинтеза растений в посевах // фотосинтез и вопросы продуктивности растений. Сборник. - М.: АН ССС. –С. 5-36.
2. Каримов, Х.Х. Физиология и биохимия зимневегетирующих кормовых культур. –Душанбе, 2003, -193 с.
3. Каримов, Х.Х. Экономические, биологические и агротехнические условия получения запланированных урожаев. – Вып. 1, -М.: МСХА, 1970, -С. 60-66.
4. Насыров Ю.С. Фотосинтез растений вертикальных посевов Таджикистана и пути повышения его продуктивности. Автореф, дисс. докт. биолог. наук. Душанбе, 1966, -45 с.

5. Томинт Х.Г. Солнечная радиация и формирование урожая. – Л.: Гидрометеоиздат, 1977. – 194 с.

АННОТАЦИЯ

ПРОДУКТИВНОСТЬ ПОДСОЛНЕЧНИКА И ЕГО ФОТОСИНТЕТИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПРИ РАЗЛИЧНЫХ СРОКАХ ПОСЕВА И ГУСТОТЫ СТЕБЛЕСТОЯНИЯ

В статье представлены результаты исследования о продуктивности подсолнечника и его фотосинтетической деятельности, при различных сроках посева и густоте стеблестояния. Установлено, что площадь листьев и их фотосинтетическая деятельность зависит, как от сроков, так и от густоты стояния растений. Наибольшую площадь листьев формировали растения 05 июня – 46,7 тыс.м^2/га, при посеве в декабре. Максимальный ЧПФ, ФП и КПД ФАР имели варианты с густотой 70 тыс.раст/га.

Ключевые слова: *подсолнечник, сроки посева, густота посева, площадь листьев, фотосинтетическая деятельность*

ANNOTATION

SUNFLOWER PRODUCTIVITY AND PHOTOSYNTHETIC ACTIVITY AT VARIOUS SOWING PERIODS AND STALKING DENSITY

The article presents the results of a study on the productivity of sunflower and its photosynthetic activity at various sowing times and stalk density. It has been established that the area of leaves and their photosynthetic activity depends on both the timing and the density of the plants. The largest leaf area was formed by plants on June 05 - 46.7 thousand m2/ha when sowing in December. The maximum NPP, AF and PAR efficiency had options with a density of 70 thousand ras/ha.

Keywords: *sunflower, sowing time, sowing density, leaf area, photosynthetic activity*

Сведения об авторах:

Норов Мастибек Самадович – доктор сельскохозяйственных наук, профессор кафедры земледелия и кормопроизводства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 919-46-95-46. E-mail: nmastibek@mail.ru

Сардоров Махмадиёр Наимович – доктор сельскохозяйственных наук, профессор кафедры земледелия и кормопроизводства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 918-72-40-44.

Мустафакулова Мавзуна Олимовна-кандидат сельскохозяйственных наук Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 939-38-59-37.

About authors:

Norov Mastibek Samadovich - Doctor of Agricultural Sciences, Professor of the Department of Agriculture and Feed Production of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur, 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Phone: (+ 992) 919-46-95-46. E-mail: nmastibek@mail.ru

Sardorov Mahmadier Naimovich - Doctor of Agricultural Sciences, Professor of the Department of Agriculture and Feed Production of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur, 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Phone: (+ 992) 918-72-40-44.

Mustafakulova Mavzuna Olimovna- Candidate of Agricultural Sciences, Tajik Agrarian University named after S. Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 146 Rudaki Avenue. Phone: (+ 992) 939-38-59-37.

УДК.633.11.631.5

ВЛИЯНИЕ ФИТОМЕТРИЧЕСКИХ И ФОТОСИНТЕТИЧЕС-КИХ ПАРАМЕТРОВ НА УРОЖАЙНОСТЬ АРАХИСА В УСЛОВИЯХ МАТЧИНСКОГО РАЙОНА

Курбонзода Б.А.-Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур

Ключевые слова: *фотосинтез, сухая биомасса, сырая биомасса, урожыйность, арахис, густота, фенология.*

Правительство Республики Таджикистан принимает необходимые меры по увеличению продукции питания и укреплению продовольственной безопасности страны.

В связи с дефицитом и недоступности цен на животноводческие продукции, в частности органические жиры, местное население в основном широко использует растительные масла – главным образом хлопковое, меньше льняное.

Среди масличных культур высокой масличностью в семенах и качеством масла отличается арахис. Арахис–ценная масличная культура. В семенах содержится до 50-60% высококачественного пищевого, невысыхающего масла и 35% белка. Из семян арахиса можно изготовить около 60 видов кондитерских изделий. Арахисовое масло по качеству не уступает оливковому, применяется в пищу, а также в консервной, маргариновой, мыловаренной промышленности, и в медицине. Жмых арахиса богат белком (40-45%), содержит 7-8% жира и используется для изготовления консервов, халвы, шоколада, кофе и других кондитерских изделий.

Семена арахиса также широко используется в поджаренном виде, как лакомство.

Программой научных исследований предусматривалось установление оптимальных сроков, способов посева и густоты стояния растений арахиса в орошаемых условиях предгорной зоны Центрального Таджикистана. С целью осуществления экспериментальных исследований заклады-

вались полевые опыты, проводились лабораторные анализы и производственная проверка изучаемых агроприемов.

Опыт 1. Влияние густоты стояния растений на продуктивность арахиса. Изучались следующие варианты: 75, 90, 105, 120, 135, 150 тыс. растений на гектар. Междурядья в посевах - 70 см.

Объектом исследований во всех опытах прислужил районированный сорта арахиса «Таджикский 15».

Опыты проводились в 2021-2024 гг. в дехканском хозяйстве им. Зориун Матчинского района в четырехкратной повторности; площадь делянок 60 м², учетная площадь 25 м², размещение рендомизированное.

Наблюдения, учеты и лабораторные анализы проводилисй по методике государственного сортоиспытания полевых культур [Москва, 1971]. В основу исследований положена методика полевых опытов [Юдин, 1971]. Данные по урожаю арахиса обработаны методом дисперсионного анализа [2].

В годы исследований проведены следующие наблюдения, определения и учеты:

- фенологические наблюдения за развитием арахиса (всходы, бутонизация, цветение, плодообразование и созревание) проводились визуально на делянках двух несмежных повторений.
- густота стояния растений определялась дважды: в период полных всходов и перед уборкой, путем подсчета количества растений в четырех местах по диагонали каждой делянки в 4-х кратной повторности.
- рост растений в динамике определяли по фазам, измеряли высоту от корневой шейки до верхушечной точки роста. Замеряли 25 растений каждого варианта в двух повторностях.
- динамика накопления биомассы арахиса определялась путем отбора проб растений с площади 0,25 м² в 2-х кратной повторности.
- Площадь листьев по фазам развития определялась методом высечек.

Чистая продуктивность фотосинтеза рассчитывалась по формуле, предложенной Киддом, Вестом и Бриггсом по отношению сухого веса растений к площади их ассимилирующей поверхности [3]. Продуктивную работу листьев (ПРЛ) и продуктивную нагрузку листьев (ПНЛ) определяли по методике [1].

Количество клубеньков и их массу определяли в динамике, по фазам развития арахиса, в 2-х кратной повторности. Корни арахиса освобождали от земли и отмывали в ситах диаметром 1 мм. После этого подсчитывали количество клубеньков и взвешивали их массу. Использование солнечной энергии посевами арахиса установили по приходу ФАР [5].

Арахис размещался после озимой пшеницы. Зяблевую вспашку проводили осенью на глубину 25-30 см. Весною зябь бороновали. По наступлению физической спелости, почву обработали дисковыми орудиями на глубину 10-12 см в сочетании с боронованием.

Годовая норма удобрений составила в расчете на гектар N_{60},P_{60},K_{40}. 50% фосфора и всю норму калия вносили под зяблевую вспашку, а азотные удобрения и 50% фосфора в двух подкормках - в начале цветения и в период интенсивного плодообразования.

В технологии возделывания культур, одним из важнейших элементов является оптимальная площадь питания растений, что применительно к этой культуре обеспечивается соответствующим выбором норм высева и густоты стояния с учетом ее биологических особенностей, а также почвенно-климатических и агротехнических условий конкретных зон выращивания.

Как указывает Н. Синягин, правильно установленная густота стояния способствует полному использованию питательных веществ и влаги из почвы и других сопутствующих факторов, от которых зависит урожайность арахиса [4].

Данные фенологических наблюдений, приведенные в таблице, показывают, что продолжительность периода от посева до появления всходов и от всходов до бутонизации на всех вариантах опыта с различной густотой посева была одинаковой.

Таблица 1. -Фитометрические, фотосинтетические параметры и урожайность арахиса

Варианты опыта	Динамика формирования сухой биомассы, ц/га	Динамика формирования площади листьев, тыс.м²/га	Фотосинтетический потенциал (ФП), тыс.м²/га х дней	Чистая продуктивность фотосинтеза (ЧПФ),г/м²хсутки	Урожайность семян, ц/га
III.Густота стояния растений, тыс.раст/га					
75	48,2	23,2	3431,4	3,0	26,4
90	51,7	25,7	3584,2	2,9	28,4
105	55,2	25,9	3674,9	3,3	31,7
120	58,1	27,9	3898,1	3,3	33,4
135	60,8	29,1	3942,5	3,3	34,5
150	63,1	29,3	3953,0	3,6	33,0

Результаты экспериментальных исследований показывают, что сырая и сухая масса в период всходов и в фазе бутонизации были незначительны, и составляла соответственно от 8,0 до 9,1; 1,5

до 2,3 и от 15,3 до 23,1; 4,7 до 6,5 ц/га в период указанных фаз. Однако интенсивное накопление биомассы арахиса наблюдалось с фазы цветения.

Так, в период отмеченной фазы развития сырая масса возросла при густоте стояния 150 тыс./га по сравнению вариантам 75 тыс./га на 26,2, а урожай сухой массы на 9,7 ц/га, в фазе плодообразования на 45,6 и 15,0 и в фазе созревания на 57,1 и 14,9 ц/га. Высокий урожай сырой и сухой массы арахиса с гектара формировался при густоте стояния 135-150 тыс. растений.

На основании полученых данных можно сделать заключение о том, что путем оптимизации площади питания, растения арахиса может сформировать максимальную листовую поверхность и высокую урожайность биомассы в посевах.

По мнению И. Беликова (1963) световой режим имеет существенное значение для формирования урожая. Накопление его массы на 90-95 % происходит в период вегетации в процессе фотосинтеза из неорганических веществ. Он далее, отмечает, что в полевых условиях невозможно изменять световой поток ни качественно, ни количественно, как это делается при минеральном и водном питании. Световым режимом управлять пока можно только правильным размещением растений на площади (И. Беликов, 1964).

По мере увеличения густоты стояния от 75 до 150 тыс. растений на гектар по всем фазам развития закономерно возрастала площадь ассимиляционной поверхности арахиса. Максимальная величина площади листьев сформировалась в фазе плодообразования. Так, в период указанной фазы величина площади листьев при густоте 75 тыс./га оказалась равной - 35,3 тыс. м^2/га. Это на 2,0 тыс. м^2/га меньше, чем в посевах с густотой стояния растений - 90 тыс./га, на 2,6 тыс. м^2/га меньше чем при густоте 105 тыс. /га и на 5,6 -5,9 тыс./га по сравнению густоты 135-150 тыс./га.

Таким образом, самая минимальная площадь ассимиляционной поверхности (35,3 тыс. м^2/га) сформировалась на варианте 75 тыс. /га, а самая максимальная (41,2 тыс. м2/га) при густоте стояния – 150 тыс. /га растений.

На основании вышеизложенного можно сделать заключение о том, что максимальная площадь листовой поверхности арахиса в фазе плодообразования (41,2 тыс. м^2/га) и в фазе созревания (29,3 тыс. м^2/га) формировалась на самых загущенных посевах (150 тыс. растений на гектар).

В фазе бутонизации в наименее загущенных (75 тыс./га) посевах самым низким оказался показатель ФП – 141,4 тыс.м^2 х дней. Во втором варианте (90 тыс./га) его увеличение составило 5,6 тыс.м^2 х дней, а на шестом варианте (150 тыс./га) - 25,4 тыс.м^{2}х дней.

К фазе цветения разница показателей фотосинтетического потенциала посевов разница между вариантами увеличиваются. Однако, максимальные его параметры формировались в период фазы плодообразования и созревания бобов. Так, на вариантах с густотой стояния 135-150 тыс./га по сравнению с вариантом 75 тыс./га величина фотосинтетического потенциала увеличивалась в фазе плодообразования на 121,2- 124,4 а в фазе созревания – на 284,3-368,6 тыс.м^2 х дней.

В сумме за весь период вегетации посевы арахиса отличались довольно высокими показателями фотосинтетического потенциала. Если в первом варианте при самой низкой густоте стояния растений (75 тыс./га) фотосинтетический потенциал оказался равным - 3431,4 тыс.м^2 х дней, то во втором при 90 тыс./га она увеличивалась на 152,8 тыс.м^{2}х дней, в третьем (105 тыс./га)-на 243,5; четвертом (120 тыс./га)- на 466,7; пятом (135 тыс./га) – на 511,1 и шестом варианте (150 тыс./га) – на 521,6 тыс.м^2/га х дней. В отличие от фотосинтетического потенциала, между площадью ассимиляционной поверхности листьев и чистой продуктивности фотосинтеза при возрастании густоты стояния растений корреляции не наблюдается.

В начале вегетации чистая продуктивность фотосинтеза в зависимости от вариантов опыта варьировала у арахиса от 2,1 до 2,5 г/м^2 х сутки.

Чистая продуктивность фотосинтеза растений арахиса, интенсивно повышалась по мере роста и развития, достигая максимума в фазе цветения. В указанной фазе показатель ЧПФ в опытах с густотой стояния растений колебалась по вариантам опыта от 3,5 до 6,1 г/м^2 х сутки. С увеличением густоты стояния растений чистая продуктивность фотосинтеза соответственно возрастала. При этом, если разница по величине чистой продуктивности фотосинтеза между смежными вариантами опыта по густоте стояния растений была 0,3-0,8 г/м^{2}х сутки, то между крайними вариантами (75 и 150 тыс./га) достигла 2,6 г/м^2 х сутки или в 1,7 раза. В среднем за период вегетации чистая продуктивность посевов в зависимости от густоты стояния варьировала от 2,9 до 3,6 г/м^2 х сутки.

Урожайность – основной показатель опыта, характеризующая соответствия совокупности условий в период вегетации биологическим требованиям выращиваемой культуры и их влияние на деятельность фотосинтезирующих органов растений, а также интенсивности использования посевами ФАР.

Уровень урожайности выращиваемых культур в зависимости от почвенно-климатических, агротехнических и сортовых особенностей подвержены значительным изменениям. В среднем луч-

шими вариантами по урожайности семян арахиса следует считать варианты густоты стояния растений 120 и 135 тыс./га (33,4-34,5 ц/га соответственно).

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдуллаев Х.А., Каримов Х.Х., Бурнашев Ш.Т. Физиологические тесты в селекции растений //Труды НИИ физиологии и биофизики АН РТ-Душанбе, 1994. - С. 24-33.
2. Доспехов Б.А. Методика полевого опыта.-М.: Агропромиздат, 1985. 351 С.
3. Ничипорович А.А. Фотосинтетическая деятельность растений в посевах. - М.: АН СССР, 1961.
4. Синягин И.И. Площади питания растений. М.:-Россельхозиздат. 1975, 283 с.
5. Шатилов И.С., Каюмов М.К. Максимальное аккумулирование солнечной радиации культурными растениями важнейшая задача современного земледелия //В кн.: Пути интенсификации орошаемого земледелия в хлопковых районах Средней Азии. - Душанбе, 1982.-С.28-30.

АННОТАТСИЯ

ТАЪСИРИ НИШОНДОДҲОИ ФИТОМЕТРӢ ВА ФОТОСИНТЕТИКӢ БА ҲОСИЛНОКИИ ЧОРМАҒЗИ ЗАМИНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚЛИМИИ НОҲИЯИ МАСТЧОҲ

Дар мақола таъсири зичии растаниҳо ба нишондодҳои фитометрӣ ва фотосинтетикии чормаҒзи заминӣ баррасӣ карда шудааст. Дар тамоми вариантҳои омӯзишӣ нишондоди баланди фитометрӣ ва фотосинтетикии киштзор бо зичии 150 ҳаз.раст/га ба вуҷуд омадааст. Ҳосилнокии баланди киштзори чормаҒзи заминиро 33,4-34,5 с/га зичии 120-135 ҳаз.раст/га таъмин намудааст.

Калимаҳои асосӣ: *фотосинтез, вазни хушк, вазни тар, ҳосилнокӣ, чормаҒзи заминӣ, зичӣ, фенологӣ*

ANNOTATION

INFLUENCE OF PHYTOMETRIC AND PHOTOSYNTHETIC PARAMETERS OF PEANUT NUTRITION AND METHODOLOGY OF MATCHINSKOGO RAYONA

The article discusses the effect of plant density on phytometric and photosynthetic parameters of groundnut. In all study options, a high phytometric and photosynthetic indicator of the field was created with a density of 150 thousand plants/ha. The high productivity of the ground nut plantation was ensured by 33.4-34.5 s/ha density of 120-135 thousand plants/ha.

Key words: *photosynthesis, dry biomass, sparse biomass, yield, peanut, density, phenology*

Сведение об авторе:

Курбонзода Барно Абдугани–кандидат сельскохозяйственных наук, доцент Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 900737751.

Information about the author:

Kurbanzoda Barno Abdugani- Candidate of Agricultural Sciences, associate professor of the Tajik State University named after Sh. Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 146. Phone: (+992) 900737751.

УДК 631. 52. 581. 19

БОТАНИЧЕСКОЕ РАЗНООБРАЗИЕ ЭГИЛОПСОВ ФЛОРЫ ТАДЖИКИСТАНА И ИХ МОРФОБИОЛОГИЧЕСКИЕ И БИОХИМИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

Мамадюсуфова М.Г., Нигмонов М., Насырова Ф.Ю.-

Института ботаники, физиологии и генетики растений НАНТ

Ключевые слова *Aegilops L., условия произрастания, электрофорез белков, полиакриламидный гель, глиадины.*

В настоящее время, главные усилия исследователей сосредоточены на поисках путей интрогрессии в геном культурных растений, генов диких видов, обусловливающих устойчивость к экстремальным абиотическим и биотическим факторам внешней среды [1]. При этом, особую значимость приобретает создание сортов (гибридов), обладающих комплексной устойчивостью к возбудителям болезней (грибковых, бактериальных, вирусных, микоплазматических) и вредителям, толерантностью к засолению и солонцеватости почв, токсичному содержанию в них солей металлов, недостатку азота и т.д. [2]. В этом плане виды рода Aegilops L, благодаря ряду ценных признаков (высокая устойчивость к различным заболеваниям, засухе и засолению) привлекают большое внимание исследователей в качестве перспективных генетических источников для создания устойчивых сортов пшеницы. Кроме того, многие исследователи небезосновательно считают, что в эволюционном становлении культурных видов тетраплоидных (2n=28,) и гексаплоидных (2n=42) пшениц принимали участии два вида эгилопса: *Ae. speltoides tauschii* и *Ae. squarrosa* L, и они являются одними из их ближайших сородичей [3].

Почвенно-климатические условия территории Таджикистана, включая контрастность горные районы и долины, аридных склонов, способствовали формированию уникального биоразнообразия видов и разновидностей рода *Aegilops* L. [4]. В частности, жесткие условия vестов произрастания, действуя как селективный фильтр, затрагивая адаптационных механизмов, способствовали сохранению, биоразнообразию и весьма, распространению наиболее приспособленных и устойчивых биотипов. Распространению наиболее приспособленных и устойчивых биотипов данного изученного рода, которые позволяли определить и ввести учет частоты встречаемости выявленных компонентов (глиадинов) зерна у четырёх

видов рода эгилопс (Aegilops L.) и мягкой пшеницы собранных в разных эколого-географических регионов Таджикистана и сопредельных стран [4].Отсюда, исследование морфофизиологическое биоразнообразие видов эгилопсов и их разновидностей, собранных в различных климатических условиях Таджикистана, и идентификации биотипов по спектрам спирторастворимых белков (глиадинов) представляет большой научно-практический интерес, где в сущности, и явилось цель настоящей работе.

Эколого-географические условия долин, аридных склонов и горной зоны Таджикистана в условиях естественной среды, способствовали формированию уникального разнообразие видов *Aegilops* L., которые ныне существуют. Некоторые биотипы отдельных видов узкоспецифично приспособились к жарким и наиболее соленым местам произрастания, другие - к местам с более умеренной прохладной температурой.

С целью сбора, каталогизации и использования видов рода *Aegilops* L. произрастающих на территории Таджикистана и пограничных сопредельных некоторых государств, были организованы несколько машрутов и проводили экспедиционный сбор более 400 образцов видов рода Aegilops L. относящихся к четырем систематическим видам: *Ae. tauschii Coss, Ae. triuncialis, Ae. cylindrica Host in Gram, Ae. Crassa Boiss in Dian* для дальнейшего их изучения по некоторым морфобиологическим и биохимическим показателям.

Тщательный сравнительный анализ региона произрастания показало, что каждый вид имеет определенный ареал и высотный предел распространения. И тем самым, в зависимости от воздействия комплекса факторов внешней среды, в том числе и неблагоприятных условий места произрастания (засоленность почвы, сухость склонов и т.д.) выявлены большой внутривидовой изменчивости основных морфобиологических показателей компонентов структуры колоса. Больше всего, подвергаются изменению такие фенотипические признаки: окраска колосья и остей (черноколосья опущенные, желтый или светло-желтый окраски с коричневатыми и фиолетовыми оттенками, степени ломкости колосков и также окрашенными гладким или грубыми остями и т.д.). Основные внутривидовые фенотипические различия обнаруживались на уровне окраски колоса, остей и в наличии или отсутствии воскового налета на поверхности колосовых элементов.

Методика. Объектом исследования служили трех наиболее распространенных в Таджикистане видов эгилопсов (*Ae. tauschii Coss, Ae.triuncialis, Ae.Cylindrica Host)*, собранных в различных эколого-географических зонах Гиссарского, Зеравшанского, Туркестанского хребтов и Южного Таджикистана. В пределах одного и того же вида было собрано много образцов, которые отличались по ряд морфобиологичес-ких признаков: окраске колоса и остей, степени остистости и ломкостей колосков, интенсивности воскового налета на поверхности колосковых элементов. Для электрофоретических исследований глиадин выделяли из тонкоизмельченной муки семян 70%-ным этанолом по методу Осборна (1935) [6]. Электрофорез белков (глиадинов) проводили в 6,5%-ном полиакриламидном геле в ацетатном буфере при pH3,1 [6]. После окончания электрофореза белковые зоны фиксировали препаратом Кумассы R-250.

Результаты и обсуждения. Как известно, запасные белки, и энзимы, как биопродукт экспреции генома, соответствующих культур в себе заключают генетически полиморфные системы, хорошо отражающие аллельную структуру гена и широко использующиеся в генетических исследованиях, в идентификации сортов и биотопов, в анализе популяций и т.д. [7]. При этом, электрофоретический анализ белковых компонентов способствует раскрывать множественность белка как многокомпонентную систему, кодируемую группами или кластерами, соответствующих или множественных генов. [8].

Сравнительный анализ электрофоретических зон спирторастворимых фракций белков (глиадинов) зерна, изученых видов рода эгилопса произрастающих в Таджикистане (табл. I, 2,3) дало возможность в пределах каждого вида выделить и идентифицировать несколько групп компонентов, отличающихся между собой по числу компонентов и их относительной электрофоретической подвижности (ОЭП): *Ae. tauschii Coss* – от 10 до 14, у *Ae. triuncialis*– от 14 до 17, а у *Ae. cylindrica Boiss* – от 8 до 12 компонентов в зависимости от местности (пункта) сбора материала. С целью более глубокой интерпретации результатов, относительно электрофоретическим зонам и облегчении их идентификации нами принята попытки условно их разделить на три больших зон:

1. медленнодвижующие компоненты с ОЭП 0,20 по 0,37;
2. среднедвижующие компоненты с ОЭП 0,40 по 0,75;
3. быстродвижующие компоненты с ОЭП 0,77 по 1,00.

При сравнительном обсуждение полученых результатов, в целом, изученые виды эгилопсов в зависимости от пункта сбора по спирторастворимым белкам (глиадинов) охарактеризовались следующим образом:

Ae. tauschii Coss. Для собранных образцов данного вида наиболее характерно аналогичность или более постоянство компонентов с ОЭП 0,22, 0,24, 0,27, 0,32 (в 1-ой электрофоретической зоне); 0,57, 0,61 (во 2-ой зоне) и 0,80, 0,83, 0,95 в 3-ей зоне. Компоненты с ОЭП 0,35 (в 1-ой зоне), 0,40, 0,48, 0,55

(во 2-ой зоне) и 1,00 в 3-ей зоне являются наиболее лабильными компонентами, где они в определенном пункте сбора если появляются, то в других - могут отсутствовать. Их можно именовать экологоспецифичными компонентами. Однако и есть такие компоненты (компонент с ОЭП 0,66), в котором с высокой интенсивностью, в большинство пунктах сбора встречается, но в отдельно взятых пунктах (в двух пунктах - Муминобадский район, кишлак Гуломобод и на солевом источники Гиссарского и Восейского района) отсутствуют.

Ae. Cylindrica Boiss. У данного вида независимо от пункта сбора образцов компоненты с ОЭП 0,25 (в 1-ой зоне), 0,62, 0,71 (во 2-ой зоне), 0,77 и 0,82 в 3-ей зоне проявились без заметной изменения и с одинаковой интенсивностью полос, почти у всех исследованных образцов данного вида (Табл.2). Различия по электрофоретическим спектрам у изученых образцов в основном обнаружены по компонентам с ОЭП 0,20, 0,31 (в 1-ой зоне), 0,56, 0,57 (во 2-ой зоне), 0,87, 0,90 и 1,00 (в 3-ей зоне). Указанные компоненты если в определенной зоне в зависимости от эколого-географических условий исчезают, то в других пунктах сбора вновь могут появляться. При этом, компонент с ОЭП 0,68 у изученых образцов (только) отсутствовал в условиях северного склона холмов кишлака Зираки Кулябского района.

Ae. triuncialis. Независимо от места сбора образцов для данного вида характерно более стабильного проявления следующих компонентов с ОЭП 0,23, 0,25, 0,29, 0,32 и 0,37 (в 1-ой зоне), 0,60, 0,65, 0,70, 0,75 (в 2-ой зоне), 0,78, 0,91 и 1,00 в 3-ей зоне. Однако компоненты с ОЭП 0,55 и 0,82 как экологоспецифичными компонентами проявили большую лабильность. А компоненты с ОЭП 0,20, 0,87, встречаясь в большинство образцов, не появлялись только в образцах, собранных в Файзабадском районе и северный склон Зеравшансхого хребта, и также в условиях соледобывающие территории Гиссарского и Восейского районов, соответственно.

В целом, в большинстве случаев исчезновения или появления компонентов у изученых образцов наблюдается в основном в области 2 зоне, т.е. по среднедвижующемся компонентов с ОЭП 0,31 по 0,82. У некоторых образцов, *Ae. cylindrica* в области медленнодвижущейся (компоненты с ОЭП 0,20, 0,28), быстродвижущейся (компоненты с ОЭП 0,82, 0,87, 0,90 и 1,00) зоне также обнаружены экологоспецифичные компоненты. При этом компонент с ОЭП 0,55 по этим свойствам характерен, специфичен для трех изученых видов эгилопса. Интересно отметить, что эти лабильнохарактерные компоненты, у соответствующих образцов, в отдельно взятом пункте сбора, проявляются с одинаковой средней интенсивностью окраски полос.

Особый интерес вызывает, внутривидоспецифические компоненты, которые независимо от эколого-географических условий места сбора у собранных образцов каждого изученного вида обнаруживаются постоянно, стабильно, даже с одинаковой интенсивностью полос. В области медленнодвижущейся зон такими компонентами характерных для *Ae. tauschii Coss и Ae. triuncialis* является компоненты с ОЭП 0,22, 0,25, 0,28 (при этом компонент с ОЭП 0,25 характерен также и для *Ae. cylindrica*), 0,32 и 0,37 (только для Ae. triuncialis). В области среднедвижущейся зоне, компоненты с ОЭП 0,60, 0,65, 0,70, 0,75 (для *Ae. triuncialis*) и 0,62, 0,71 (для *Ae. cylindrica*), 0,57, 0,61 для Ae. triuncialis. Однако в области быстродвижущейся зоне самые видоспецифическими компонентами, являются компоненты с ОЭП 0,80, 0,83, 0,95 (у *Ae. tauschii*), 0,78, 0,91, 1,00 (у *Ae. triuncialis*) и 0,77 и 0,82 у Ae. cylindrica. Кроме того, с большой доли вероятности, и предположительно, можно считать компонентов с ОЭП 0,25, 0,62, 0,78 родоспецифическими компонентами. Поскольку, эти указанные компоненты у всех трех изученых видов, независимо от эколого-географических условий места произрастания и систематическую принадлежность, с незначительной доли изменчивости с одинаковой схожей интенсивностью, неизменно встречаются и проявляются в электрофоретических спектрах спирторастворимых белков, выделенных из зерна образцов изученых видов. По-особому хочется отметить, что среди стабильнообнаруженных компонентов, также встречаются такие компоненты, которые характерны только отдельному, конкретному виду, и, следовательно, их можно именовать или представлять, как маркерными белками. Таковыми компонентами для Ae. tauschii являются компоненты с ОЭП 0,57, 0,95, а *у Ae. triuncialis*–компоненты с ОЭП 0,65 и 0,75. Для *Ae. Cylindricca* такие компоненты нами не обнаружены. Таким образом, электрофоретический анализ глиадина (спирторастворимая фракция белков) трех видов рода *Aegilops L* показало, что они не только отличаются между собой по числу компонентов, соотношения и ОЭП белковых зон, но также по отдельным и определенным компонентам имеют общую специфическую характеристику. Выявлена внутривидовая изменчивость по конкреным белковым зонам в зависимости от экологических условиях место произрастания. Для отдельных видов, выявлены белковые маркеры, которые облегчают идентификацию и способствуют паспортизацию и каталогизацию этих соответствующих видов, с целю изучения внутривидового полиморфизма представителей рода *Aegilops* L. и выявлению генотипов с повышенной устойчивостью к засухе, засолению и болезням.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ригин Б.В. Проблемы интрогрессии генов морозоустойчивости ржи в геном мягкой пшеницы //Сб.науч.тр. по прик. ботан.

генетике и селекции. 1987. Т. 100. С. 140-150.
2. Жученко А.А. Эколого-генетические проблемы селекции растений //С.-х. биология. 1990. №3. с.3-23.
3. Дрофеев В.Ф., Мигушова Э.Ф. Ботанические разнообразие эгилопсов (*Aegilops* L.). Закавказья // Тр. по прак. ботан. генетике и селекции. 1966. т. 38. вып.2, с.152-158.
4. Каримов Х.Х., Наимов С., Нигмонов и др. Электрофоретические компоненты глиадинов зерна некоторых видов Трибы Triticale в зависимости от природно-климатических условий места произрастания //Известия АН РТ. Отд. биологи и мед. наук, 2005, № 3-4 (153), с. 30-35.
5. Осборн Т.Б. Растительные белки. М: 1935, с. 220.
6. Губарева Н.К., Гайденков Н.В. Сортовая идентификация генофонда мягкой пшеницы // Сб. научных трудов по прик. ботан. генетике и селекции. Л.:1987, т. 114, с. 14-24.
7. Конарев В.Г. Белки как генетические маркеры в изучении природы и происхождения геномов культурных растений. Труды по прик. ботан., генетике и селекции. 1979. т.63, вып.3. с.3-8.
8. Конарев В.Г. Белковые маркеры в сортовой идентификации и регистрации генетических ресурсов культурных растений. Сборник научных трудов по прикладной ботанике, генетике и селекции. Ленинград.1987.Т.114.-С.3-11.

АННОТАТСИЯ

ГУНОГУНИИ БОТАНИКИИ ЭГИЛОПСҲОИ ФЛОРАИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОБИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВИИ ОНҲО

Дар ин мақола натиҷаҳои таҳлили электрофоретикии ҷузъҳои глиадинии ғалла ва се намуди эгилопс, ки дар минтақаҳои гуногуни экологӣ-географии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя ҷамъоварӣ шудаанд, оварда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки вобаста ба таъсири маҷмӯи омилҳои беруна дар байни онҳо ҷои афзоиши намудҳои омӯхташуда аз рӯи шумораи ҷузъҳои минтақаҳои сафедаи ОЭП каму беш аз ҳамдигар фарқ мекунад, аммо инчунин аз рӯи ҷузъҳои алоҳида ва муайян хусусияти хоси умумӣ (монанд)доранд барои намудҳои алоҳида сафедаҳои маркерӣ ошкор карда шуданд, ки барои муайян ва каталогизатсияи ин намудҳои омӯхташударо осон мекунанд, то ки полиморфизми дохили намудҳои сафедаҳои глиадин дар намудҳои омӯхташудаи Aegilops L омӯхта шаванд.

Калимаҳои асосӣ: *Aegilops L., шароити афзоиш, электрофорези сафеда, гели полиакриламид, глиадинҳо.*

ANNOTATION

THE BOTANICAL DIVERSITY OF THE AEGILOPS FLORA OF TAJIKISTAN AND THEIR MORPHOBIOLOGICAL AND BIOCHEMICAL FEATURES

This article presents the results of electrophoretic analysis of gliadin components of grain in three species of aegilops collected in various ecological and geographical regions of Tajikistan and neighboring countries. It is shown that, depending on the impact of a complex of environmental factors, the place of growth of the studied species differs more or less among themselves in the number of components of the EP protein zones, but also in individual and certain components have a common (similar) specific characteristic for individual species, marker proteins have been identified that facilitate the identification and cataloguing of these studied species, with the purpose of studying the intra-species polymorphism of gliadin proteins in the studied species of the genus Aegilops L.

Keywords: *Aegilops L., protein electrophoresis growth conditions, polyacrylamide gel, glyadins.*

Сведение об авторов

Мамадюсуфова Мену Гуломайдаровна – кандидат биологических наук, ведущий научный сотрудник лаборатории биологической безопасности Института ботаники, физиологии и генетики растений Национальной Академии наук Таджикистана. 734017, Душанбе, ул. Карамова, 27. menoomamad@gmail.com. (+992) 901117475

Нигмонов Мухбил – доктор биологических наук, главный научный сотрудник лаборатории биологической безопасности Института ботаники, физиологии и генетики растений Национальной Академии наук Таджикистана. 734017, Душанбе, ул. Карамова, 27.

Насырова Фируза Юсуфовна – доктор биологических наук, профессор заведующей лаборатория биологической безопасности Института ботаники, физиологии и генетики растений Национальной Академии наук Таджикистана. 734017, Душанбе, ул. Карамова, 27.

Information about the authors

Mamadyusufova Menoo Gulomaydarovna - Candidate of Biological Sciences, researcher at the laboratory of biological safety of the Institute of Botany, Physiology and Genetics of Plants of the National Academy of Sciences of Tajikistan. 734017, Dushanbe, str. Karamov, 27.

Nigmonov Mukhbil - Doctor of Biological Sciences, Chief Researcher of the Laboratory of Biological Safety of the Institute of Botany, Physiology and Genetics of Plants of the National Academy of Sciences of Tajikistan. 734017, Dushanbe, str. Karamov, 27.

Nasyrova Firuza Yusufovna - Doctor of Biological Sciences, Professor, Head of the Laboratory of Biological Safety of the Institute of Botany, Physiology and Genetics of Plants of the National Academy of Sciences of Tajikistan. 734017, Dushanbe, str. Karamov, 27.

ТДУ: 581.132.633.511

ТАЪСИРИ ХЛОРИДИ НАТРИЙ БА ФАЪОЛНОКИИ СИСТЕМАҲОИ ОКСИДАНТӢ ВА АНТИКОСИДАНТИИ ГЕНОТИПҲОИ КАРТОШКА

Сайдализода С.Ф., Қиёмзода З.С., Алиев Қ., Хаитматова М.А., Усмонова Н.С.-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *преоксиди гидорген, антиоксидантӣ, генотип, растанӣ, картошка, стресс, оксидантӣ, металлҳо, диалдегиди малонӣ.*

Қариб $9 \cdot 10^8$ гектар заминҳои сайёра дорои миқдори зиёди намакҳо мебошанд ва шӯршавии заминҳо сол то сол меафзояд. Хусусан дар натиҷаи обёрии нодурусти заминҳо, бештар шӯразаминҳо пайдо мешаванд, ки ташвишовар аст.

Намудҳои гуногуни шӯршавӣ, аз ҷумла, хлоридӣ (Na, Cl), сулфидӣ (Na_2 SO_4), карбонатӣ ($NaHCO_3$) ва омехта мавҷуд аст. Консентратсияи баланди намак дар хок на танҳо дохилшавии обро душвор мегардонад, балки метавонад ба растанӣ зарар расонад ва ҳатто таркиби хокро вайрон кунад. Дар ноҳияҳои намнок шӯрии хлоридӣ бартарӣ дорад, дар чулу биёбонҳо бошад, шӯрии сулфидӣ ва карбонатӣ нисбатан бештар дида мешавад. Сабаби асосии фавти растаниҳо ҳангоми шӯрӣ – вайроншавии гомеостази ионӣ ва заҳролудшавӣ аз намакҳо, инчунин стресси гиперосмотикӣ мебошад [4].

Ҳангоми шӯрии паст дар растаниҳои гликофитӣ инкишоф боз дошта мешавад, якбора афзоиши вазни хушк кам шуда, баргҳо беранг мешаванд. Одатан намакҳо назар ба узвҳои рӯизаминӣ бештар инкишофи решаро суст мегардонанд, чунки реша дар муқоиса ба навдаҳо ҳамавақт ба хоки шӯр дар мубодила аст. Осебёбии минтақаҳои мазкур новобаста аз сустшавии шиддатнокии транспиратсия норасоии обро дар бофтаҳо бештар мекунад. Дар натиҷа ба растаниҳо моддаҳои ғизоӣ намерасанд. Дар ҳуҷайраҳои реша обгузаронандагии мембранаҳо коҳиш меёбад - ин яке аз ҳолати мутобиқшавии растанӣ ба оби шӯр дар хокҳои пурнамак аст [4].

Омӯхтани таъсири намакҳо ба растанӣ усулҳои селексионии баланд бардоштани устувории онҳо ба шӯрӣ коркард карда шуда истодааст. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки баъзе растаниҳои махсуси гликофитӣ метавонанд, устувории муайян ба шӯриро дошта бошанд. Мисол, растании ҷаве, ки Э. Эпштейн онро ба таъсири намакҳо устувор карда буд, дар шароити шӯрие ки дар он ҷави оддӣ мемирад, ҳосил медиҳад. Селексияи ояндаи ин навъ метавонад боиси ҳосил кардани қаторҳои нави ба заминҳои шӯр устувори он гардад. Ҳамзамон, фаъолнокии ОПЛ бо иштироки ферментҳои ҳимоявии антиоксидантӣ дар сатҳи муайян нигоҳ дошта мешавад, ки гомеостази пероксидӣ ба ҳисоб меравад. Барои фаъолияти ҳаётии муътадили организм бояд миқдори муайяни ОПЛ доимӣ мавҷуд бошад. Зиёдшавии консентратсияи ДАМ аз пурзӯршавии ОПЛ ва аз кор мондани системаи ҳимоявии антиоксидантӣ шаҳодат медиҳад [1].

Мавод ва методҳои таҳқиқот. Таҳқиқот дар растаниҳои *Solanum tuberosum L.,* навъи нави ба шӯрӣ устувор – Тоҷикистон ва навъи ба намак (*NaCl*) ноустувори “Пикассо”, ки дар Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст, гузаронида шудаанд. Таҷрибаҳо бо усулҳои қабулшудаи озмоишгоҳӣ ва саҳроӣ бо истифодаи таҷҳизотҳо ва маводҳои замонавӣ гузаронида шудаанд.

Миқдори пролини озодро мувофиқи тавсияи Bates L.E. [Bates L.E., 1973] муайян кардем.

Муайян кардани фаъолнокии аскорбатпероксидаза. Фаъолнокии ферменти аскорбатпероксидазаро бо истифода аз усули Verma S. [Verma, S., 2003] аз рӯйи суръати таҷзияи пероксиди гидроген бо ёрии фермент бо ҳосилшавии об ва дегидроаскорбат муайян намудем.

Муайян кардани оксидшавии пероксиди липидҳо. Миқдори диалдегиди малониро бо усули Hodges D.M. муайян намудем [Hodges D.M. et all 1999].

Натиҷа ва муҳокимаи таҳқиқот. Чуноне, ки аз натиҷаҳои ҷадвали 1 бармеояд, дар байни вариантҳо аз рӯйи миқдори умумии сафеда фарқияти назаррас дида намешавад. Танҳо ҳангоми таъсири *NaCl* - и 2% миқдори сафедаҳо ҳангоми муайян намудани вазни тар ва вазни хушк кам (18%) мушоҳида карда мешавад.

Ҷадвали 1. – Таъсири хлориди натрий ба миқдори сафедаҳо пас аз рӯзи сеюми таъсир (навъи “Тоҷикистон”)

NaCl, %	мг/г вазни тар	мг/г вазни хушк
0	5,38±0,32	53,32±1,7
0,5	6,24±0,36	63,21±2,2
1,0	6,30±0,37	67,21±1,9
1,5	6,0 ± 0,33	70,35 ± 2,3
2,0	5,29 ± 0,22	53,47 ± 1,7

Маълумотҳои расми 1 нишон медиҳанд, ки миқдори пролини озод ҳангоми зиёдшавии консентратсияи *NaCl* (0,5-2%) дар навъи устувори “Тоҷикистон” ва навъи ба намак ҳассоси “Пикассо” гуногун аст.

Дар ҳамаи консентратсияҳои *NaCl* миқдори пролин дар навъи “Тоҷикистон” нисбат ба навъи “Пикассо” бештар мебошад. Дараҷаи аз ҳама баланди захирашавии пролин дар вариантҳои дорои консентратсияи баланди *NaCl* ба амал меояд. Ҳангоми 1,5% будани *NaCl* миқдори пролин нисбат ба навъи “Пикассо” зиёд буда, ба 70% баробар мебошад, ки ин ба мавҷудияти системаи аз таъсири стресс (шӯршавӣ) ҳимоякунандаи навъи “Тоҷикистон” шаҳодат медиҳад. Зиёдшавии миқдори пролин таҳти таъсири консентратсияи баланди *NaCl* ба механзими мутобиқшавии

системаи антиоксидантии фаъол ҳангоми таъсири стрессорҳо алоқаманд мебошад. Таҳқиқотҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки дар пояҳои растании картошка миқдори ДАМ вобаста ба миқдори намак дар муҳити кишт тағйир меёбад, ки маҳсули асосии оксидшавии пероксидии липидҳо мебошад. Ҳангоми коркарди растанӣ бо консентратсияи пасти *NaCl* (0,5) миқдори ДАМ дар дараҷаи растаниҳои назоратӣ бетағйир мемонад (расми 2).



Расми 1. – Таъсири хлориди натрий ба миқдори пролини растании картошка пас аз рӯзи сеюми таъсири стресс



Расми 2. – Таъсири хлориди натрий ба миқдори ДАМ дар генотипҳои картошка пас аз рӯзи сеюми таъсири стресс

Консентратсияҳои 1,5 ва 2%-и *NaCl* ба растаниҳо таъсири аз ҳама бештар мерасонанд. Дар чунин шароит миқдори ДАМ нисбат ба варианти назоратӣ дар навъи “Тоҷикистон” то 30-40% зиёд мегардад. Дар навъи “Пикассо” вобаста ба зиёдшавии консентратсияи намак (аз 0,5% то 2%), болоравии сатҳи ДАМ мушоҳида мегардад. Ҳангоми то 1,5-2% зиёд кардани консентратсияи *NaCl*, миқдори ДАМ дар вариантҳои таҷрибавӣ нисбат ба варианти назоратӣ то 2-2,5 маротиба зиёд мегардад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки шиддатнокии оксидшавии пероксидии липидҳо гуногун аст. Дар навъи “Тоҷикистон” оксидшавии пероксидии липидҳо нисбат ба навъи «Пикассо” камтар мебошад, яъне навъи “Тоҷикистон” нисбат ба навъи “Пикассо” ба таъсири намак устувор аст. Метавонем гӯем, ки шиддатнокии ОПЛ аз дараҷаи инкишофи стресси оксидативӣ ва ё фаъолнокии ферментҳои системаи антиоксидантӣ вобаста аст.

Яке аз сабабҳои гуногунии дараҷаи шиддатнокии ОПЛ дар навъҳои таҳқиқнамудаи мо, ба пурзӯршавии фаъолнокии ферментҳои таҷзиякунандаи пероксиди гидроген (H_2O_2) алоқаманд мебошад. Чуноне ки аз маълумотҳо дида мешавад, дар растаниҳои навъи “Тоҷикистон” тӯли 3 шабонарӯзи таҳти таъсири консентратсияи 0,5 ва 1%-и *NaCl* қарор доштани растаниҳо, фаъолнокии АПО ба варианти назоратӣ баробар мебошад. Ҳангоми то 1,5 ва 2% зиёд кардани консентратсияи *NaCl,* фаъолнокии АПО то 30-40% баланд мегардад (расми 3).

Баландшавии фаъолнокии АПО дар навъи “Пикассо” ҳангоми парвариши растаниҳо таҳти консентратсияҳои паст (0,5-1,0%)-и намак мушоҳида мегардад. Фаъолнокии АПО таҳти консенттратсияи 1,5-2% ногаҳон баланд мегардад. Ҳамчунин зиёдшавии фаъолнокии АПО метавонад ба камшавии миқдори он дар ҳуҷайраи растании навъи “Пикассо” гардад ё боздории ҳосилшавии de novo-и он ба амал ояд. Бояд қайд кард, ки миқдори умумии фаъолнокии АПО дар генотипҳои таҳқиқотӣ дар ҳама консентратсияҳои *NaCl* нисбат ба варианти назоратӣ зиёд аст, аммо дар навъи “Пикассо” фаъолнокии фермент нисбат ба фаъолнокии он дар навъи «Пикассо” бештар мебошад.



Расми 3. – Таъсири хлориди натрий ба фаъолнокии аскорбатпероксидазаи генотипҳои картошка пас аз рӯзи сеюми стресс

Тағйироти фаъолнокии АПО, ки дар генотипҳои навъҳои гуногуни картошка “Тоҷикистон” ва “Пикассо”) дар натиҷаи таъсири стресс таҳти таъсири консентратсияи зиёдшудаистодаи намак ба амал омадааст, аз як тараф ба сатҳи синтези фермент ва аз тарафи дигар, ба инактиватсияи микдори зиёди аскорбатпероксидаза дар рафти катализатсияи реаксия бо ёрии фермент, вобаста бошад. Эҳтимол, пероксиди гидроген дар навъи “Тоҷикистон” чун месенҷери дуюминдараҷа ба синтези фермент оғоз бахшад, чунки нақши ахборотии он ба ҳама маълум аст. Ҳамин тариқ, фаъолнокии АПО ҳангоми баланд будани консентратсияи *NaCl* дар генотипҳои таҳқиқшуда гуногун аст. Навъи “Тоҷикистон” нисбат ба стресси намак устувории зиёд нишон медиҳад. Эҳтимол, механизми ҳимоявӣ дар картошкаи навъи “Тоҷикистон” ҳангоми норасоии об аз навъи “Пикассо” фарқ кунад. Пурзӯршавии ОПЛ дар навъи ноустувори “Пикассо” бо сабаби норасоии пролин ба амал меояд, фитогормонҳо ва микроэлементҳои дорои валентҳои тағйирёбанда дар бештар устувор шудани растаниҳо ба шароитҳои ногувор нақши муайянро мебозанд.

Механизми ҳимоявӣ ва устувории растании картошка ба намак ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, чунки маълумотҳо оид ба таъсири стресси намак ба синтези сафедаҳо ва ҳосилшавии системаҳои антиоксидантии растании картошка гуногун мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Ахмад, П. Влияние солевого стресса на систему антиоксидантной защиты, перекисное окисление липидов, ферменты метаболизма пролина и биохимическую активность у двух генотипов шелковицы / П. Ахмад, К.А. Джалил, С. Шарма// Физиология растений. - Т. 57. – 2010. - № 4. – С. 547-555.
2. Назарова, Н.Н. Биотехнология растений: культура столонов - новый способ оздоровления растений картофеля / Н.Н. Назарова, К. Алиев, А.Ф. Салимов // Душанбе: Дониш – 2015. – 114 с.
3. Сайдализода, С.Ф. Равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растании Solanum Tuberosum L.дар шароитҳои абиотикӣ / С.Ф.Сайдализода, З.С. Қиёмзода // Монография. Душанбе, - 2022. -128 с.
4. Сайдализода, С.Ф. Экофизиологияи стресс /С.Ф. Сайдализода// Дастури таълимӣ. –Душанбе, -2024.-113 с.
5. Hodges, D.M. Improving the thiobarbituric acid-reactive-substances assay for estimating lipid peroxidation in plant tissues containing anthocyanin and other interfering compounds / D.M. Hodges, J.M. Delong, C.F. Forney, P.K. Prange // Planta. - 1999. - V. 207. - P. 604-611.
6. Verma, S. Lead toxity induces lipid peroxidation and alert the activities of antioxidant enzymes in grooving rice plants / S. Verma, R.S. Dubey // Plan. Sci. - 2003. -Vol. 164. -P. 645-655.

АННОТАЦИЯ

ВЛИЯНИЕ ХЛОРИДА НАТРИЯ НА АКТИВНОСТЬ ОКИСЛИТЕЛЬНЫХ И АНТИОКСИДАНТНЫХ СИСТЕМ ГЕНОТИПОВ КАРТОФЕЛЯ

Представленные исследования показывают, что количество малонового диальдегида в стеблях растений картофеля изменяется в зависимости от количества в питательной среде соли, которая является основным продуктом перекисного окисления липидов. У сорта «Тоджикистон» перекисное окисление липидов ниже, чем у сорта “Пикассо”, а значит, сорт «Тоджикистон» более устойчив к воздействию соли, чем сорт “Пикассо”. Активность аскорбатпероксидазы при высокой концентрации NaCl у изученых генотипов различна. «Тоджикистон» сорт проявляет высокую устойчивость к солевому стрессу. Вероятно, механизм защиты картофеля сорта «Тоджикистон» при недостатке воды иной, чем у сорта “Пикассо”. Усиление перекисного окисления липидов у нестабильного типа “Пикассо” происходит за счет дефицита пролина, определенную роль в повышении устойчивости растений к неблагоприятным условиям играют фитогормоны и микроэлементы с переменной валентностью.

Ключевые слова: *перекись водорода, антиоксидант, генотип, растение, картофель, стресс, окислитель, металлы, малоновый диальдегид.*

ANNOTATION

INFLUENCE OF SODIUM CHLORIDE ON THE ACTIVITY OF OXIDATING AND

ANTIOXIDANT SYSTEMS OF POTATO GENOTYPES

The presented studies show that the amount of malondialdehyde in the stems of potato plants varies depending on the amount of salt in the nutrient medium, which is the main product of lipid peroxidation. The «Tajik» variety has lower lipid peroxidation than the «Picasso» variety, which means that the «Tajik» variety is more resistant to salt than the «Picasso» variety. The activity of ascorbate peroxidase at high NaCl concentrations is different in the studied genotypes. The «Tajik» variety exhibits high resistance to salt stress. Probably, the protection mechanism of the «Tajik» potato variety under water shortage is different than that of the «Picasso» variety. Increased lipid peroxidation in the unstable «Picasso» type occurs due to proline deficiency; phytohormones and microelements with variable valency play a certain role in increasing plant resistance to unfavorable conditions.

Keywords: *hydrogen peroxide, antioxidant, genotype, plant, potato, stress, oxidant, metals, malondialdehyde.*

Сведение об авторах:

Сайдализода Саидвали Файзали–кандидат биологических наук, доцент кафедры физиологии растений Таджикского национального университета, 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 907-98-94-95. E-mail: Saidvali-1989@mail.ru

Киёмзода Зарафо Суфиджон–кандидат биологических наук, дотсент кафедры биотехнологии Таджикского национального университета, 734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Буни – Хисорак.

Алиев Курбан–академик Национальной академии наук Таджикистана, доктор биологических наук, профессор кафедры биотехнологии: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Хаитматова Мохира Азаматовна–доктор phD кафедра физиологии растений Таджикского национального университета, 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Усмонова Нигина Солеховна–ассистент кафедры физиологии растений Таджикского национального университета, 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author:

Saidalizoda Saidvali Fayzal–Candidate of Biological Sciences, Associate Professor of the Department of Plant Physiology Tajik National University, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. phone: 907-98-94-95. E-mail: Saidvali-1989@mail.ru

Kiyomzoda Zarafo Sufijon–Candidate of Biological Sciences, Associate Professor at the Department of Biotechnology of the National University of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Buni - Khisorak street.

Aliyev Kurban–academician of NAST, Doctor of Biological Sciences, Professor of the Department of Biotechnology Tajik National University, 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

Khaitmatova Mohira Azamatovna–Doctor of PhD, Department of Plant Physiology Tajikistan National University, 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

Nigina Solekhovna Usmonova–assistant at the Department of Plant Physiology Tajik National University, 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

ТДУ:631.52:633.511:632

СЕЛЕКСИЯИ НАВЪҲОИ ПАХТАИ МАҲИННАХИ G. BARBADEHSE L., БА ВИЛТИ ФУЗАРИОЗӢ ВОБАСТА БА ДАРАҶАИ УСТУВОРИИ ПАДАРИЮ МОДАРИ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ ДУРАГАКУНОНӢ

Рустамов Ш.Р.-Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

Калимаҳои асосӣ: *колексия, дурагакунӣ, селексия, навъҳо, пахта, маҳиннах, устувор, падарӣ, модарӣ, касалӣ, вилти, фузариоз, баҳодиҳӣ.*

Бо назардошти имконияти пайдошавш нави нисбатан агрессивӣ доштаи Fuzarium vasinfectum мо сараввал аз ҳосил намудани маводи ибтидоии софи шакли муайяни экологӣ ва услуби нави паҳнкунандаи замбурӯғи мазкур дар ёфтем. Дар аввали таҷрибагузаронӣ маводи тозаи ибтидои шакли муайянро дар дохили пробирка бо моеъи картошка ё биринҷ тайёршуда нигоҳ дошта мешавад.

Инфексияро дар чанд зарфҳои шишагини як литра, ки ба ҳар яки банка 0,2кг ҷав ё сорго партофта, дар муддати 90 дақиқа ба воситаи автоклавҳо дар буғ стерилизатсия карда мешавад, дар ин ҳолат фишори буғ 1 атм мебошад. Пас аз гузаронидани стерилизатсия мавод (яъне моеъи дар дохили банка буда) ба зарфҳои калони пластмассӣ рехта мешаванд ва ба воситаи инфексияи дар колбаҳо ё зарфҳои шишагин тайёр карда шуда сироят кунонида мешаванд. Пас аз он ҳамаи маводи сироятёфтаро ба болои мизҳо (стелляжҳо) рехта бо болопӯши этиленӣ маҳкам мекунанд.

Ин услуб имкон медиҳад, ки пайдошавии инфексияи вилти фузариоз бо кафолати 100% таъмин карда шавад. Дар ин ҳолат сирояткунанда дар давоми 5 рӯз нигоҳ дошта мешавад, то ки дар дохили термостат инкубатсия шавад.

Бо гузаштани мӯҳлати муайян маводи стерилизатсия шуда дар дохили зарфҳо пурра бо қабати замбурӯғи fuzarium фаро гирифта мешавад. Қабл аз он, ки пунбадонаҳои пахта кишт карда шаванд онҳо дар дохили маводи моеъи замбурӯғ нигоҳ дошта мешаванд, ин барои он гузаронида мешавад, ки бо дараҷаи баланд ниҳолҳои пахта бо касалии вилти фузариози сироят ёфта тавонанд. Ба ҳамаи ин муваффақиятҳо дар селексияи пахта нигоҳ накарда, масъалаи устувории

ниҳолҳо ба касалии вилти фузариози оиди ирси на онқадар пурра омӯхта шуд. Инчунин давом ёфтани ин аломатҳо дар дурагакунонии ниҳолҳои пахта, ки ба самаранокии ҳосили пахта таъсири худро мерасонад, натиҷаҳои селексияи пахта назаррасанд.

Барои баҳодиҳӣ намудан ба маводи аввалин нисбати устуворӣ доштан ба касалии вилти фузариози ва омӯхтани хусусиятҳои ин аломатҳо дар қитъаҳои коллексионӣ, дурагаҳои соли якум (F_1), дуюм (F_2), ва сеюм (F_3), селексионии соли якум ва соли дуюм дар муҳити ба дараҷаи баланд вилти фузариози сироятёфта кор бурда шуд.

Дар давоми омӯхтани сабабҳо ва хусусиятҳои ба касалии вилти фузариози гирифтор шудани навъҳо ва дурагаҳо дар шароити баланд ва мӯътадил сироятёбии муҳит аниқ карда шуд, ки хусусиятҳои устуворӣ ва тобоварӣ ба вилти фузариози дар дохили навъи пахта ҳамчун аломати ирсӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар таҷрибаҳои дурагакунии навъҳои пахта, ки аз рӯи хусусиятҳои устуворӣ ба вилти фузариози ба ҳамдигар ҳастанд, ҳолати “гетерозис”-ро мушоҳида кардан мумкин аст, яъне устувории баландтари дурага пайдо мешавад. Агар дар гузаронидани таҷрибаи дурагакунӣ навъҳои пахта ки барои таҷриба интихоб шудаанд аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд, ё хеле дигаргун бошанд он гоҳ дар ин ҳолатҳо (яъне устувор ва ноустувор будани навъҳо) дурагаҳои F_1 мавқеи дигар, яъне байни онҳоро доштанаш мумкин аст, ки бо яке аз онҳо наздиктар аст.

Дар натиҷаҳои ба даст овардашуда аниқ ва муайян гардид, ки хусусиятҳои полимерӣ, ки аз ҳисоби наслӣ буданаш дар растаниҳо вуҷуд дорад метавонанд ақаллан каме бошад таъсир расонанд, ва дар организми растанӣ бартари дошта бошанд.

Ҷадвал.-Устувории дурагаҳо аз навъҳои пахтаи маҳиннах ба вилти фузариози вобаста ба дараҷаи устувории падарию модари ҳангоми гузаронидани дурагакунонӣ бо %.

№	Номгӯи навъҳо	падарӣ х модарӣ	Сироятёбии шаклҳои ҷуфтӣ устуворӣ х ноустуворӣ бо %		Сироятёбии дурагаҳо
			Падарӣ	модарӣ	
1	6465-В	С-2282 х 5536-В	1,0 %	2,0 %	0,0 %
2	5595-В	5776-И х С-2525	0,68	1,0%	0,0 %
3	7318-В	С-6022 х Гиза -45	0,9	1,0 %	0,0%
4	7072-В	5904-И х 9123-И	1,0%	2,0%	0,0%
5	6249-В	504-В х 8596-И	0,34 %	1,0%	0,0 %
6	8408-В	6240-В х 9647	1,0%	2,0%	0,0%

Тавсифи морфологии навъҳои пахтаи маҳиннах. Навъи 5595 – В бо роҳи дурагакунии навъҳои 5476-И ва С-2525 (1949), инчунин интихоби фарди ва санҷиши наслҳо дар қитъаи замбурӯғи фузариозӣ дошта рӯёнида шудааст. Муаллифони навъи мазкур [1] мебошанд. Дар мавриди агротехникаи мутобиқ баландии буттаи навъ ба 100-130 см мерасад.

Баргҳои ин навъ панҷ парраи ҳаҷмашон миёна нах ва луч буда, парраи миёнаи барг секунҷаи шаклаш байзамонанди нӯгдор мебошад. Гулаш калон буда, гулбаргҳои тоҷгулаш ранги зард доранд ва дар бехи тоҷгул доғи антотсианӣ ба назар мерасад. Сутунчаи гардбарг узви модинаро печонда гирифтааст, гардгираки узви модина аз сутунчаи гардбарг баръало ба тариқи барҷаста бар омада меистад, баргаки зери гул бузургии миёна дошта, дар он 11-13 дандонача мавҷуд аст.

Кӯраки навъи мазкур барҷаста, се-чор қабата мебошад, вазни пахтаи хоми як кӯрак бошад, ба 3.8-4.5г. мерасад. Шакли кӯрак махрути байзамонанд буда, нӯги начандон калони кунд дорад, сатҳи он ранги сабзи тира дорад ва бо ғадудҳои сиёҳи хурд пӯшонда шудааст. Кӯраки ин навъ ҳангоми расидан нағз кушода мешавад, рехтани пахтаи хом кам ба назар мерасад, нахаш типи дуюм мебошад. Тухмиҳои навъ бузургии миёна дошта, шакли байзамонанди кашидашуда доранд ва бехи онҳо бо тибити рангаш сабз пӯшонида шудааст. Навъи мазкур зудрас буда, кӯракҳои аввалин дар баландии бандҳои 3-5-ум ташаккул меёбанд. Навъи 5595-В ба касалиҳои замбурӯғи фузариозӣ ва вертисиллёз устувор аст, вале ба мисли дигар навъҳои пахтаи маҳиннах метавонад аз касалии пӯсиши сиёҳшавии реша осеб бинад. Ҳосилнокии навъи мазкур аз 30.0 то 32.7с\га–ро ташкил медиҳад. [2].

Навъи 6465-В бо усули дурагакунии байни навъи дар мавриди бо ҳам дурагакунии навъҳои С - 2282, 5536–В дар филиали Вахш рӯёнида шудааст. Навъи мазкур дар ноҳияҳои вилояти Суғд ва минтақаи Кӯлоб ноҳиябандӣ карда мешавад. Ин навъ тезрасу сер ҳосил буда, нахи сифатан хуб дорад. Ҳосили навъи 6465-В назар ба дигар навъҳо ба воситаи мошини ҳосилғундор беҳтар ҷамъоварӣ карда мешавад. Муаллиф А.С. Сангинов [3]. Аломатҳои морфологии навъи 6465-В чунинанд: пояи асосӣ дар шароитҳои водии Вахш, дар мавриди агротехникаи мутобиқ баландиаш ба 100-115см мерасад, буттааш типи навдадавонии сифриро соҳиб мебошад. Пояаш устувору хамнашаванда буда, луч, яъне мӯйина надорад.

Бо рафти пояи асосӣ аз бағалаи ҳар як барг 3-4 баъзан поёнтар аз он инкишоф меёбад, аз онҳо аз 1 то 3 кӯраки калон ташаккул меёбад. Баъди сарчинаккунӣ дар як - ду буғуми болои поя бештар навдачаҳои кӯтоҳи симподиалии байни буғумӣ ташаккул меёбанд, ки дар охири онҳо, дар намуди тӯдабарг 2-3 кӯракҳои калони ташаккулёфта ҷойгиранд. Баргҳояш калон ё миёна панҷҳиссадор буда, ранги сабзи тира доранд, мӯйина надоранд, шакли қисми миёнаи он байзамонанди секунҷаи нӯгчадор мебошад.

Гулаш калон буда, гулбарги тоҷгулаш ранги зарди равшан дорад, буни тоҷгулаш доғи калони антотсианӣ ва ранги равшан дошта, яклухт мебошад, баргакҳояш бузургии миёна ва 11-15 дандонача доранд, нӯги кунд дошта, дар ҳар як растанӣ бештар миқдори зиёди 4-5 кӯраки тобхӯрда ба назар мерасад. Ранги сатҳи кӯракҳо сабзи тира мебошад. Ҳангоми расидан табақачаҳои кӯрак нағз кушода мешаванд, рехтани пахтаи хом аз онҳо миқдори камро ташкил медиҳад. Тухмиҳои навъ ҳаҷми миёна дошта, шакли байзамонанди секунҷаи сардор бо мӯйинаҳои зумурраддор доранд. Ҳосилнокии навъи мазкур аз 32.0 то 36.0с\га-ро ташкил медиҳад.

Навъи 6249-В дар Стансияи таҷрибавии кишоварзии минтақаи Вахш ба воситаи дурагакунии навъҳои 504-В ва 8596-И бо интихоби минбаъдаи бисёркарата ва санҷиши насли онҳо руёндаанд [4]. Дар мавриди агротехникаи мӯътадил соҳиби буттаи манорамо-нанди типи навдаронии сифрӣ мебошад. Баландии пояи асосии он ба 100-130 см мерасад. Пояш ғафс, устувор, хам нашаванда ва луч буда, дар тирамоҳ аз тарафи офтобрас бо сиёҳӣ пӯшида мешавад. Буғумҳои мобайниаш миёна (6-7см) буда, бо равиши пояи асосӣ аз бағалаи баргҳо 5-6-тогӣ буғумҳо бо 1-3 кӯрак ташаккул меёбад. Барги калон ё миёна дошта, бо муйина пӯшида нашудаанд онҳо панҷҳиссадор буда, ранги сабзи тира доранд. Гули ин навъ калон, гулбаргҳояш ранги зарди антотсианӣ дошта, гарддонаш ранги зард дорад. Баргакҳои зери гул ҳаҷми миёна ва 11-15 дандона доранд. Кӯракҳояш калон, шакли байзамонанд ё махрутӣ, нӯгчаҳояшон наонқадар кунд, қаҳваранг ё сабзи тира мешаванд.

Дараҷаи кушодашавии табақчаҳои кӯракии навъи мазкур хуб аст ва резиши пахтаи хом аз онҳо паст мебошад. Тухмиҳои ин навъ бузургии миёна, шаклашон секунҷаи байза-монанд, нӯгчадор, тибитҳояш кӯтоҳ ва нахи навъи мазкур каме зардчатоб, дарозиашон 39-41мм, устувориаш ба 4.8-5.0г мерасад. Навъ нисбат ба замбурӯғи фузариозӣ, вертиссиллёз, пӯсиши сиёҳшавии реша ва макроспориоз устувор аст. Агротехникаи навъи 6249-В бо агротехникаи парвариши навъи 5595-В аз бисёр ҷиҳат шабоҳат дорад, обёрии давраи нашъунамо дар давраи расиши кӯракҳо ҳамин гуна аст.

Навъи 7318-В. Бо усули дурагакунии байни навъӣ аз навъҳои С – 6022 х Гиза-45 С ва интихоби бисёркарата, санҷиши наслҳо дар қитъаи замбурӯғи фузариозӣ рӯёнда шудааст. Навъ имкониятҳои иқтидорнокиашро дар ноҳияҳои ҷанубӣ (дар заминҳо бо обҳои зери заминии наздик) ва гурӯҳи ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ зоҳир менамояд.Баландии ниҳолҳои ин навъ ба 90-110см мерасад, навдарониаш типи сифрӣ мебошад. Навдаҳои моноподиалӣ надорад, байни буғумҳо баравиши поя кӯтоҳанд, яъне ба 6-7см мерасанд. Пояи ин навъ устувор ва кам хамшаванда мебошад. Дар тирамоҳ пояаш бо сиёҳии антотсианӣ пӯшонда мешавад. Қади поя аз бағалаи баргҳо, чун қоида, 2-3 кӯрак дар думчаҳои дарозиашон ба 6-7см баробар инкишоф меёбанд.

Дар мавриди агротехникаи баланд аз бағалаи баргҳо боз навдачаҳои кӯтоҳ рушд намуда, дар онҳо иловатан боз ҳам 2-3 кӯрак ташаккул меёбанд. Гули навъи мазкур калон буда, гулбаргҳояш ранги зард доранд, дар буни тоҷгул доғи антотсианӣ ба назар расида, ба тариқи равшан рангин шудааст. Гардонҳои он зарди равшананд. Гардгиракҳои узви модина аз сутунчаи гардбарг нағз ҷудо шудаанд. Баргаки зери гули навъи мазкур бузургии миёна ва 11-13 дандонача дорад. Кӯракҳояш калон, шакли кӯрамонанди махрутшакл ва нӯги кунд доранд. Сатҳи кӯракҳо чуқурчадор, сабз буда, дараҷаи кушодашавии пахтаи хом аз кӯракҳо миқдори камро ташкил медиҳад.Тухмиҳои ин навъ бузургии миёна, шакли секунҷаи байзамонанд. Навъ аз волидайнаш бо шакли бутта, тезрасии беҳтар, ҳосилнокӣ ва устуворӣ нисбат ба замбурӯғи фузариозӣ, пӯсиши сиёҳшавии реша, ҳамчунин мутобиқ ба чиниши мошинӣ фарқ мекунад. Нахи навъи мазкур зардтоб аст.

Навъи 8408-В. Ин навъ бо усули дурагакуни-пайвандкунии навъҳои 6249–В х 9647-И ва интихоби бисёркарата, инчунин санҷиши наслҳояш дар қитъаи замбурӯғи фузариозӣ рӯёнда шудааст. Шакли буттааш манорамонанд буда, навдаронии типи сифриро соҳиб мебошад ва баландиаш ба 110-120 см мерасад. Навдаи моноподиалӣ надорад. Пояи навъи мазкур ранги сабз дошта, дар сатҳи он муйина вуҷуд нест. Нисбат ба хамшавӣ устувор буда, кӯракҳои нахустинаш дар буғумҳои 3-5-ум ташаккул меёбанд. Баргҳояш ҳаҷми миёна, панҷҳиссадор ва сабз мебошанд.Гулаш бузургии миёна дошта, ранги гулбаргаш зард ва гарддонҳояш зард мебошанд. Баргаки зери гулаш миёнава 11-13 дандончадор мебошад. Кӯракҳои ин навъ бузургии миёна дошта, шакли махрутӣ, нӯги кунд доранд. Онҳо муйякчадор буда, муйякчаҳояш ранги сабз доранд. Вазни 1000 дона тухмиҳои ин навъ ба 110-115г. мерасад. Навъи мазкур аз волидайни худ бо ҳосилбандии беҳтар, тезрасӣ ва қади

нисбатан муътадил фарқ мекунад. Ба ҳарорати баланд, замбурўғи фузариозӣ ва пўсиши сиёҳшавии реша устувор мебошад.

Навъи 7073-В. Ин навъ бо роҳи дурагакунии навъҳои 5904 ва 9123, бо интихоби фардӣ ва санҷиши наслҳо дар қитъаи пажмурдашавии ангезанда рўёндашудааст.Навъ нисбатан тезрас, ҳосилнокии бештар ва бо сифати хуби нах фарқ мекунад. Баландии буттаҳои навъи мазкур ба 100-115см мерасад. Типи нав навдаронии моноподиалӣ дорад. Пояаш ғафс буда, сатҳи он муйна надорад. Дар тирамоҳ бо сиёҳи ё худ доғи антотсианӣ пўшида мешавад. Байни буғумҳои поя 5-6см аст. Бақади поя аз бағалаи баргҳо дар думчаҳои дарозиашон ба 6-7 см баробар 2-3 кўрак ташкил меёбад. Гули ин навъ ҳаҷми миёна дорад, гулбаргҳояш ранги зард доранд, дар бехи навдачаҳо доғи антотсианӣ ба назар мерасад. Ранги равшан дорад. Баргдонаш ранги зарди равшан дорад, гардгиракаш аз гардбарг ҷудо шуда меистад. Баргаки зери гулҳояш ҳаҷми миёна ва 11-13 дандонача дорад. Нахи навъи мазкур ранги сафед дошта, аз рўйи сифати механикӣ ба типи дуюм тааллуқ дорад. Часпиши нах ба тухмиҳо суст буда, аз пўчоқашон ба осонӣ ҷудо мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. Красичков В.П., Тонковолокнистый сорт хлопчатника 5595-В, Хлопководство, 1965, №3. –С.16-18
2. Красичков В.П., Сангинов Б и др. Сорт советского тонковолокнистого хлопчатника 5595. Ирфон, Душанбе, 1980.- 12с.
3. Сангинов А.С. Пахтакорӣ дар Тоҷикистон /Сангинов А.С. навъи 6455- В Бохтар 2020 -С.238-242
4. Сангинов А.С. Пахтакорӣ дар Тоҷикистон Сангинов А.С. навъи 6249- В Бохтар 2020 -С. 230-235

АННОТАЦИЯ

СЕЛЕКЦИЯ СОРТОВ ХЛОПЧАТНИКА МЕЛКОЗЕРНИСТОГО G. BARBADEHSE ПРОТИВ ФУЗАРИОЗНОГО УВЯДАНИЯ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ СТЕПЕНИ ОТЦОВСКОЙ И МАТЕРИНСКОЙ УСТОЙЧИВОСТИ ПРИ СКРЕЩИВАНИИ.

В начале опыта чистый исходный материал определенной формы держат в пробирке с жидкостью, приготовленной из картофеля или риса. Заражение проводят в нескольких стекянных банках объемом 1л, в каждую банку засыпают по 0,2 кг ячменя или сорго и стерилизуют паром в течение 90 мин при помощи автоклавов, при этом давление пара составляет 1атм. С целью оценки первого материала на устойчивость к фузариозному увяданию и изучения особенностей прояления этих симптомов на коллекционных делянках гибриды первого года (F_1), второго (F_2), и третьего (F_3), года селекции первого года и второй год в период до степени А. Использовали сильно зараженное фузариозным увяданием.

Ключевые слова: *коллекция, гибридизация, селекция, сорта, хлопок, недавно, стабильный, отцовство, родной, болезнь, увядание, фузариоз, оценка.*

ANNOTATION

SELECTION G. BARBADEHSE FLNE-QRAINED COTTON VARIETIES AQAINST FUSARIUM WILT DEPENDINQ ON THE DEQREE OF PATERNAL AND MATERNAL STABILITY DURINQ CROSSBREEDINQ

At the beqinninq of the experiment, a clean startinq matererial of a certain ahape is kept in a test tube with a liquid made from potatoes or rice. The infection is carried out in several one-liter qlass jars, in which 0.2 kq of barley or sorqhum is added to each jar and sterilized in steam for 90 minutes by means of autoclaves, in this case, the steam pressure is 1 atm. Ln order to evaluate the first material for resistance to fusarium wilt disease and to study the characteristics of these symptoms in the collection plots, hybrids of the first year (F_1), second (F_2), and third (F_3), breedinq of the first year and the second year in the period to the deqree A hiqhly infected fusarium wilt was used.

Key words: *count, hybridization, satdown, with, cotton, recently, stabilinium, fatherhood, native, illnesses, witherinq, fusarium, autumn.*

Сведения об авторе:

Рустамов Шухрат Рустамович-преподаватель кафедры общей биологии Бохтарского государственного унверситета имени Носира Хусрава. Shuhrat031085@bk.ru

Information about the author:

Rustamov Shuhrat Rusamovich-Lecturer of the Department of General Biology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Shuhrat031085@bk.ru

ТДУ: 631.1: 633.379

МАҲСУЛНОКИИ НАВЪҲОИ ЗИРОАТҲОИ ЛӮБИЁДОНАГӢ ҲАНГОМИ КИШТИ ТАКРОРӢ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ ОБИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Раҳмонов Ҳ.Ш.[1], Музафарзода Д.М.[2]-[1]Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, [2]Донишгоҳи давлатии Данғара

Калимаҳои асосӣ: *маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ, навъ, лӯбиёи муқаррарӣ, лӯбиёи чинӣ, мош, кишти такрорӣ, шароит, заминҳои обӣ.*

Тоҷикистон иқлими ба худ хос дошта, зиёда аз 93%-ро кӯҳсорҳо ишғол намуда, танҳо 7%-и за-

минҳои умумии онро ҳамвориҳо ташкил менамояд. Майдонҳои барои кишт ҷудошуда дар кишвар зиёдтар аз 900 ҳазор гектарро ташкил дода, зироатҳои ғаллагию техникӣ, сабзавоту картошка бештар парвариш карда мешаванд. Зиёда аз 40%-и заминҳои киштшавандаи ҷумҳуриро зироатҳои ғаллагӣ, хосатан, гандум, ҷав, ҷуворимакка, ҷуворӣ, қисман шолӣ ташкил менамоянд.Барои парвариш кардани зироатҳо бояд тухмиҳои сифаташ баланд ва навъи пурмаҳсулро интихоб кардан лозим аст. Ҳамчунин, замини ҳосилхезро интихоб намудан зарур мебошад. Дар баробари омилҳои зикргардида барои баланд бардоштани ҳосилнокию сифати маҳсулот нуриҳо нақши муҳим мебозанд. Яъне дар парвариши зироатҳо нуриҳои органикию минералиро истифода бурдан зарур мебошад.

Унсурҳои асосии ғизоӣ барои рушду инкишофи растаниҳо нитроген, фосфор ва калий ба ҳисоб мераванд. Дар ҳаёти растаниҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот нуриҳо нақши муҳимро мебозанд. Нуриҳои органикию минералӣ дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ аҳаммияти муҳим доранд. Дар доираи 50-60%-и афзоиши ҳосили зироатҳо аз истифодаи нуриҳо вобаста мебошанд [1, с.3].

Самаранок истифода намудани заминҳои корам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Сиёсати ҳукумати кишвар дар самти кишоварзӣ ба он равона шудааст, ки ҳар як қитъаи замин ва рӯзҳои офтобӣ самаранок истифода шуда, маҳсулнокии навъҳои зироатҳо баланд бардошта шаванд. Дар амал татбиқ кардани раванди истеҳсоли ду ҳосили дон аз як қитъаи замин дар як сол ҳалли худро ёфтааст, аммо раванди минбаъда илман асоснок намудану дар амал татбиқ кардани гирифтани се ҳосил ва зиёда аз он дар як сол масъалаи муҳимтарин мебошад. Ин раванд тавассути татбиқи дастовардҳои илмӣ дар парвариши зироатҳои ғалладонагӣ лӯбиёдонагиҳои давраи нашъунамояшон кӯтоҳ мақсаднок мебошад.

Афзун намудани ҳосили маҳсулоти растанигӣ аз интихоби навъ низ вобаста мебошад. Аҳаммияти навъ дар истеҳсолти кишоварзӣ ниҳоят зарур буда, навъи каммаҳсул новобаста ба ғизодиҳӣ ва парвариши хуб ҳосили дилхоҳ дода наметавонад. Нақши навъҳои пурмаҳсул дар баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот дар таҷрибаи пешқадамони истеҳсолот исбот карда шудаанд. Навъҳои парваришёбандаи зироатҳо бояд маҳсулнокии баланд, тезпазӣ, устувор будан ба касалӣ ва ҳашароти зараррасон бошанд.

Дар худи ҳамон як шароити хоку иқлим ва агротехникӣ, ҳосилнокии навъҳои гуногун моҳиятан фарқ мекунанд ва дар бештари мавридҳо фарқияти ҳосилнокии иловагӣ 30-40%-ро ташкил медиҳад. Яке аз захираҳои асосии баланд бардоштани маҳсулнокии киштзор интихоб ва парвариши навъҳои бо қобилияти баланди фотосинтетикӣ ва маҳсулнок, ки ба шароити хоку иқлимии минтаҳа мутобиқ гардонида шудаанд масъалаи муҳим мебошанд [2, с.29].

Навъҳои дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷоришаванда бояд серҳосил ва ба шароити минтаҳа мувофиқ бошанд. Дар баробари ин, ба касалию ҳашароти зараррасон бояд устувор бошанд, дар натиҷа маҳсулнокӣ ва сифати маҳсулот баланд мегардад.

Таҷрибаҳои илмии мо дар қисмати ҷануби Тоҷикистон дар шароити заминҳои обии хоҷагии деҳқонии «Тоҳир-2014»-и шаҳри Кӯлоб гузаронида шуданд. Ин минтаҳа яке аз минтаҳаҳои муҳими зироаткорӣ маҳсуб меёбад. Иқлими ба худ дошта, бо миқдори фарққунандаи боришот ва ҳарорати нисбатан гарм боиси паҳншавии зироатҳои гуногун, аз он ҷумла зироатҳои гармидӯст гардидааст. Дар ин ҷо зироатҳои гуногун, ба монанди ғалладонагиҳо, лӯбиёдонагиҳо, сабзавоту меваҷот, пахта ва дигар зироатҳо парвариш карда мешаванд. Гирду атрофи минтаҳаро ноҳияҳои Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Муъминобод иҳота кардаанд [3, с.414].

Минтаҳаи Кӯлоб ба минтаҳаи агроиқлимии Қизилсӯ дохил буда, ҳудуди фарохи онро водиҳо, доманакӯҳию кӯҳӣ ташкил менамоянд. Релефи минтаҳа ба гурӯҳи ҳамвориҳои наздикӯҳӣ дохил буда, баландиҳои зиёда аз 500 м аз сатҳи баҳрро дар бар мегиранд. Хоки минтаҳаро хокҳои хокистарранги равшан, хокистарранги махсус ва хокистарранги тира ташкил менамоянд [4, с.110].

Хокҳои хокистарранг тибқи маълумоти Кутеминский В.Я., Леонтева Р.П. дорои гумуснокии паст (2,14%) карбонатнокии баланд ва сохтори ковок мебошанд . Ин гуна хокҳо дар баландии зиёда аз 600 метр аз сатҳи баҳр ҷойгиранд [5, с.84].

Давоми солҳои 2022-2024 таҷрибаҳои илмии мо дар шароити хоҷагии деҳқонии «Тоҳир-2014»-и шаҳри Кӯлоб дар асоси барномаи илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба «Таъсири нуриҳои органикӣ ва минералӣ ба ҳосилнокии зироатҳои лӯбиёдонагӣ ҳангоми кишти такрорӣ дар шароити минтаҳаи Кӯлоб» гузаронида шуд.

Натиҷаи таҳлили мушоҳидаҳои Саидзода Р.А. [2020] гувоҳи он мебошанд, ки шароити хоку иқлимии минтаҳаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои парвариши лӯбиё ва самаранок гардонидани масоҳати кишти он хеле мусоид мебошад [6, с.156].

Таҷрибаҳои саҳроӣ мувофиқи методикаи Доспехов Б.А. [1985] гузаронида шуда, аз рӯйи таҳлили дисперсионӣ санҷида шуд [7, с.67].

Дар шароити минтақаи Кӯлоб киштҳои асосӣ ва такрорӣ моҳияти хос дошта, заминҳои обёришавандаро бо мақсади гирифтани ду-се ҳосил истифода менамоянд. Зироатҳои лӯбиёдонагиро бештар дар кишти такрорӣ истифода менамоянд, аммо ҳосилнокиашон он қадар зиёд нест, чунки гумуснокии хокҳои минтақаи Кӯлоб камтаранд. Аз ҳамин сабаб мақсади таҳқиқоти мазкур омӯзиш ва муайян намудани маҳсулнокии навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ бо истифодаи нуриҳо мебошад.

Ҷадвали 1.-Тавсифи мухтасари навъҳои зироатҳои муҳимтарини лӯбиёдонагӣ, ки дар минтақаи Кӯлоб парвариш мешаванд

Навъ	Пайдоиш	Аломатҳои асосӣ	Ҳосилнокии миёна, с/га
Навъҳои лӯбиёи муқаррарӣ			
Маҳаллӣ	Тоҷикистон	Навъи миёнапаз буда, давраи нашъунамояш 95-105 рӯзро ташкил намуда, вазни 1000 донааш 300-320 грамм шуда метавонад.	15-25
Рябой	Қирғизистон	Навъи нисбатан миёнаю дерпаз буда, давраи нашъунамояш 100-120 рӯзро ташкил намуда, вазни 1000 донааш аз 490 то 505 грамм шуда метавонад.	10-25
Навъҳои лӯбиёи чинӣ			
Ситора	Тоҷикистон	Навъи миёнапаз буда, давраи нашъунамояш 88-97 рӯз, баландии қадаш 96-105 см, вазни 1000 донааш аз 125 то 135 грамм мешавад.	23-30
Орзу	Тоҷикистон	Навъи миёнаю дерпаз буда, давраи нашъунамояш 110-125 рӯз мебошад. Қадаш то 103-124 см, вазни 1000 донааш аз 130 то 134 грамм мерасад	27-35
Навъҳои мош			
Тоҷикӣ 1	Тоҷикистон	Навъи миёнапаз буда, давраи нашъунамояш 92-105 руз аст. Вазни 1000 донааш 40-43 грамм аст.	15-20
Тоҷикӣ 2	Тоҷикистон	Навъи пешпазак буда, давраи нашъунамояш 80-90 рӯзро дар бар мегирад. Вазни 1000 донааш 40-42 граммро ташкил медиҳад	20-25

Вазифаҳои таҳқиқот чунинанд:

- кишти такрории навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва маҳсулнокии онҳо;
- мушоҳидаи фенологӣ дар давраи нашъунамои навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ;
- муайян намудани ташаккулёбии растаниҳои лӯбиёдонагӣ дар давраҳои нашъунамо;
- муайян намудани дараҷаи ташаккулёбии аломатҳои ҳосили зироатҳои лӯбиёдонагӣ;
- муайян намудани ҳосилнокии навъҳои лӯбиё, мош, лӯбиёи чинӣ.

Ба сифати маводи кишт навъҳои лӯбиёи муқаррарӣ – «Маҳаллӣ» ва «Рябой», навъҳои лӯбиёи чинӣ–«Ситора» ва «Орзу»; навъҳои мош–«Тоҷикӣ-1» ва «Тоҷикӣ-2» истифода бурда шудаанд.

Талаботи муҳимтарини омӯзиши таҷрибаҳо интихоб намудани усули дурусти таҳқиқот мебошад. Дар ин асос мо усули ягонаи парваришро дар навъҳои омӯзишӣ амалӣ намуда, натиҷаи маҳсулнокии навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагиро баҳо додем. Усулҳои асосии омӯзиш ва таҳқиқот назорати мушоҳидаи фенологӣ дар киштҳои истеҳсолии лӯбиёи муқаррарӣ, лӯбиёи чинӣ ва мош иборат буд. Бо ҳамин мақсад қитъаҳои санҷишӣ интихоб кардем. Барои омӯзиш 2 навъи лӯбиёи муқаррарӣ (Маҳаллӣ ва Рябой) 2 навъи лӯбиёи чинӣ (Ситора ва Орзу) ва 2 навъи мош (Тоҷикӣ-1 ва Тоҷикӣ-2) интихоб намуда, ҳар як навъи омӯзишӣ дар се карат такрорёбӣ кишт карда шуданд. Агротехникаи парвариш дар қитъаи таҷрибавӣ дар асоси агротехникаи дар хоҷагӣ амалишаванда ба роҳ монда шуд. Гузаронидани мушоҳидаҳо бо мақсади муайян намудани рушду инкишофи навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ дар кишти такрорӣ, давраҳои инкишоф ва гирифтани ҳосили баландро бо истифодаи нуриҳои органикию минералӣ дар бар мегирад.

Мушоҳидаи фенологӣ дар киштзор аз оғози сабзиш то пухтарасии ҳосили дони зироатҳои лӯбиёгӣ ба қайд гирифта шуд. Инчунин ҳангоми гузаронидани мушоҳидаҳо бақайдгирии сабзиши саросарии киштзор, зичии қарордошти ниҳолҳо, баландии қади ниҳолҳо ва миқдори ҳосили навъҳо вобаста ба истифодаи нуриҳои органикию минералӣ муайян карда шуданд.

Давраи нашъунамои зироатҳои лӯбиёдонагӣ инҳоянд: сабзиш, муғчабандӣ, гулкунӣ, ғилофак-бандӣ ва пухтарасӣ. Санаи кишти ҳамаи навъҳои зироатҳои омӯхташаванда якхела (9-уми июн) буданд. Санаи фарорасии давраҳои нашъунамои навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гуногун буданд (ҷадв.2). Мушоҳидаи фенологиро дар кишт-зори навъҳои лӯбиё, лӯбиёи чинӣ ва мош аз оғози сабзиш то пухтарасии ҳосил ба қайд гирифтем. Бақайдгирии давраҳои нашъунамои зироатҳои лӯбиёдонагии қитъаи таҷрибавиро дар 10 фоизи растаниҳои майдони кишт аз рӯйи аломатҳои нишондиҳандаи давраҳо ҳамчун санаи оғози давра ба қайд гирифтем.

Дар ҷадвали 3 давомнокии давраҳои нашъунамои навъҳои лӯбиёи чинӣ ва мош оварда шудаанд. Миқдори рӯзҳои давраҳои нашъунамои навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагиро аз сабзиш то пухтарасии ҳосил муайян кардем (ҷадв.3).

Чи хеле, ки аз таҳлили ҷадвали 3 бармеояд, сабзиши тухми навъҳои лӯбиёи чинӣ дар як вақт ба назар расиданд, оғози муғчабандӣ (выметивания) бошад барои навъҳои омӯхташаванда дар дахрӯзаи 1-ум, 2-юм ва 3-юми моҳи июл ба мушоҳида расид.

Ҷадвали 2.-Санаи фарорасии давраҳои нашъунамои навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ дар кишти такрорӣ (ба ҳисоби миёна, давоми солҳои 2022-2024)

Навъ	Давраҳои нашъунамо				
	Сабзиш	Муҷчабандӣ	Гулкунӣ	Ғилофакбандӣ	Пухтарасӣ
Навъҳои лӯбиёи муқаррарӣ					
Маҳаллӣ	18.06	10.07	28.07	20.08	10.09
Рябой	20.06	27.07	23.08	20.09	17.10
Навъҳои лӯбиёи чинӣ					
Ситора	17.06	16.07	10.08	03.09	24.09
Орзу	17.06	20.07	15.08	10.09	2.10
Навъҳои мош					
Точикӣ1	16.06	7.07	29.07	24.08	18.09
Точикӣ2	16.06	06.07	25.07	18.08	10.09

Ҳамин тавр давраи гулкунӣ ба даҳаи охири моҳи июл ва аввали моҳи август рост омад. Давраи ғилофакбандӣ бошад, дар даҳрӯзаи охири моҳи август ва аввали моҳи сентябр рост омад. Давраи пухтарасии пурраи дони лӯбиёи чинӣ (вобаста ба навъ) аз нимаи дуюми моҳи сентябр сар шуда, то ба даҳрӯзаи якуми моҳи октябр рост меояд.

Ҷадвали 3.-Давомнокии давраҳои нашъунамои навъҳои зироатҳои лӯбиёдонагӣ дар кишти такрорӣ, рӯз (ба ҳисоби миёна, давоми солҳои 2022-2024

Навъ	Давраҳои нашъунамо ва давомнокии онҳо					
	Аз киш то сабзиш	Аз сабзиш то муҷчабандӣ	Аз муҷчабандӣ то гулкунӣ	Аз гулкунӣ то ғилофакбандӣ	Аз ғилофакбандӣ то пухтарасӣ	Давраи пурраи нашъунамо аз сабзиш то пухтарасӣ
Навъҳои лӯбиёи муқаррарӣ						
Маҳаллӣ	7	22	18	23	20	89
Рябой	8	37	27	28	27	127
Навъҳои лӯбиёи чинӣ						
Ситора	8	29	25	24	21	99
Орзу	8	33	26	25	22	106
Навъҳои мош						
Точикӣ 1	7	21	22	25	24	92
Точикӣ 2	7	20	19	23	22	84

Аз ҷадвал бармеояд, ки давраи ташаккули элементҳои маҳсулнокии лӯбиёи чинӣ то ғилофакбандӣ ба моҳи август ва сентябр рост меояд, ки дар шароити минтақаи Кӯлоб барои инкишофи пурраи дон мусоид мебошад. Ҳамин тариқ, давраи пурраи нашъунамои навъи Ситора 99 рӯз ва навъи Орзу 106 рӯзро дар бар гирифт. Аз таҳлили ҷадвали 3 бармеояд, ки давраи нашъунамои кӯтоҳтарин дар зироати мош, навъи «Точикӣ-2» (86 рӯз) ва дар зироати лӯбиёи муқаррарӣ, навъи «Маҳаллӣ» (89 рӯз) ба амал омадааст. Давраи нашъунамои зиёдтар дар лӯбиёи навъи «Рябой» ба амал амадааст, ки он ҳамагӣ 127 рӯзро дар бар гирифтааст.

Зироатҳои лӯбиёдонагӣ вобаста ба намуду хусусиятҳои биологӣ ва генетикиашон аз ҳамдигар аз ҷиҳати фарорасӣ ва давомнокии давраҳои нашъунамо фарқ менамоянд. Вобаста ба намуду навъ, муҳлати кишт, ҳарорати ҳаво, намнокии нисбӣ, боришоти атмосферӣ ва обёрӣ оғоз ва давомнокии давраҳои нашъунамои лӯбиёдонагиҳо тағйирёбанда аст. Таъсири омилҳои иқлимӣ, муҳлат, меъёр ва тарзи кишт метавонад дар ташаккули ҳосил нақши асосӣ гузоранд [8, с.9].

Ҳангоми мушоҳидаи фенологӣ дар қитъаи омӯзишии навъҳои мош ва лӯбиёи муқаррарии навъи “Маҳаллӣ” сабзиши саросарӣ дар муддати 7 рӯз ба назар расиданд. Давомнокии давраи сабзиш ва муҷчабандӣ 20-21 рӯз идома ёфт, фарқиятҳо дар давомоти марҳилаҳои инкишоф аз давраи гулкунӣ то пайдоиши ғилофак ва аз пайдоиши ғилофак то пухтарасии дон ба назар мерасад. Ҳамин тавр давраи пурраи нашъунамои навъи Точикӣ 1 ҳамагӣ 92 рӯз ва навъи Точикӣ 2 аз сабзиш то пухтарасӣ 84 рӯзро дар бар гирифтанд.

Ҳосилнокӣ нишондиҳандаи ниҳоии таҷриба ва инъикоси тамоми омилҳои ҳаётӣ дар давраи нашъунамои растанӣ мебошад, ки ба зироатҳои парваришшаванда таъсири назаррас мерасонанд. Сатҳи ҳосилнокӣ имкон медиҳад, ки вариантҳои оптималии усулҳои омӯхташудаи агротехникӣ муқаррар карда шаванд. Мақсад аз парвариши зироат пеш аз ҳама ба даст овардани ҳосили баланду хушсифат мебошад. Аз нишондодҳои дар ҷадвали 4 овардашуда маълум шуд, ки дар шароити заминҳои обии минтақаи Кӯлоб дар кишти такрорӣ имконияти гирифтани ҳосили баланди дони зироатҳои лӯбиёгӣ мавҷуд аст. Аз маълумоти дар ҷадвали 4 овардашуда маълум мешавад, ки парвариши навъҳои зироат-ҳои лӯбиёдонагӣ (лӯбиё, мош, лӯбиёи чинӣ) дар кишти такрорӣ ҳосили хуб дода метавонанд. Ҳосилнокии дони зироатҳои лӯбиёдонагӣ вобаста ба навъ дар таҷрибаҳои мазкур дар солҳои таҳқиқот ба ҳисоби миёна аз навъҳои лӯбиёи муқаррарӣ 14,0-21,9 с/га, навъҳои лӯбиёи чинӣ 28,6-31,0 с/га ва аз навъҳои мош 28,1-30,1 с/га баробар шудааст.

Хулоса, таҳлилҳо нишон доданд, ки парвариш ва ба роҳ мондани агротехникаи дурусти парвариши зироат ҳангоми кишти такрорӣ имконияти гирифтани ҳосили баландро дорад.

Ҷадвали 4.- Ҳосилнокии дони зироатҳои лӯбиёдонагӣ ҳангоми кишти такрорӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб, с/га

Солҳои таҳқиқот	Лӯбиё		Лӯбиёи чинӣ		Мош	
	Маҳаллӣ	Рябой	Орзу	Ситора	Тоҷикӣ-1	Тоҷикӣ-2
2022	19,4	12,0	28,1	25,2	27,8	24,9
2023	24,5	16,2	34,5	31,7	32,7	31,0
2024	21,7	13,9	30,3	28,9	29,7	28,5
Ба ҳисоби миёна	21,9	14,0	31,0	28,6	30,1	28,1

Ҷустуҷӯ ва пайдо кардани роҳҳои самараноки парвариши навъҳои гуногуни зироатҳои лӯбиёдонагӣ (лӯбиёи муқаррарӣ, лӯбиёи чинӣ, мош) дар шароити заминҳои обии ноҳияҳои кишвар яке аз воситаҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ мебошад. Ҳамин тавр, ҳосилнокии дони навъҳои зироатҳо аз ҳамдигар фарқ менамуданд.

АДАБИЁТ

1. Ҳотамов М.Т. Низоми истифодаи нуриҳо. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007, -144 с.
2. Музафарзода Д.М. Агротехнологияҳои навини истифодаи қитъаҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ дар шароити Тоҷикистон: дар мисоли вилояти Хатлон. – Душанбе: Нашри Муборизи, 2022, 340 с.
3. Таджикистан: природа и природные ресурсы. –Душанбе, Изд-во “Дониш”, 1982, 420.
4. Агроклиматические ресурсы Таджикской ССР. - Л.: Гидрометеоиздат, 1976.-Ч.1., 214 с.
5. Кутеминский В.Я., Леонтьева Р.С. Почвы Таджикистана. Условия почвообразования и география почв // Вып. 1. Душанбе, «Ирфон», 1966,-223 с.
6. Саидзода Р.А. Таърихи парвариши лӯбиё ва аҳамияти он дар хоҷагии халқ /Международной научно-практической онлайн видеоконференции /Р.А. Саидзода// Роль вузов в обеспечении устойчивого развития региона в контексте ускоренной индустриализации страны -Куляб, 2020.- С.156-162.
7. Доспехов, Б.А. Методика полевого опыта. -М.: Агропромиздат, 1985, 352 с.
8. Музафаров Д.М., Махмадёров У.М., Саидов Р.Ф. Расулов Б.Р. Особенности роста, развития и продуктивности зерно-бобовых культур пожнивного посева в условиях Дангаринского массива. Доклады ТАСХН/АИКТ/-01,2015, -С. 8-11.

АННОТАЦИЯ
ПРОДУКТИВНОСТЬ СОРТОВ ЗЕРНОБОБОВЫХ КУЛЬТУР ПРИ ПОВТОРНОМ ПОСЕВЕ НА ОРОШАЕМЫХ ЗЕМЛЯХ КУЛЯБСКОГО ЗОНА

В статье приведены результаты особенности развития, формирования и продуктивности сортов зернобобовых культур (фасоль, соя, маш) повторного посеве в условиях орошаемых земель Кулябского региона. Анализ статьи выявил, в Кулябском регионе повторный посев урожайность зернобобовых культур в зависимости от сортов у фасоль 14,0-21,9 ц/га, и сои 28,6-31,0 ц/га, и для маша 28,9-30,1 ц/га.

Ключевые слова: *продуктивность, урожайность, сорт, фасоль обыкновенний, соя, маш, повторный посев, условия, орошаемые земли.*

ANNOTATION
PRODUCTIVITY OF VARIETIES OF LEGUMINOUS CROPS DURING RE-SOWING ON IRRIGATED LANDS OF THE KULYAB REGION

The article presents the results of the peculiarities of the development, formation and productivity of varieties of leguminous crops (beans, soybeans, mash) re-sown in the conditions of irrigated lands of the Kulyab region. The analysis of the article revealed that in the Kulyab region, repeated sowing yields of leguminous crops, depending on the varieties of beans, 14.0-21.9 c/ha, and soybeans, 28.6-31.0 c/ha, and for masha, 28.9-30.1 c/ha.

Keywords: *productivity, yield, variety, common beans, soybeans, mash, re-sowing, conditions, irrigated lands.*

Сведения об авторах:

Рахмонов Хабибулло Шарбатович – ассистент кафедры биологии и методики Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, 735360, Таджикистан, Куляб, ул. С.Сафаров, 16, тел.: (+992) 207 27 47 47.

Музафарзода Даврон Махмадшариф – кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры агротехнологи Дангаринского государственного университета. 735320, Таджикистан, Дангара, улица Маркази, 25, Tel.: (+992) 907777602;

Information about the authors:

Rakhmonov Habibullo Sharbatovich – Assistant of the Department of Biology and Methodology of the Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki, 735360, Tajikistan, Kulyab, S. Safarov str., 16, tel.: (+992) 207274747.

Muzafarzoda Davron Mahmadsharif – Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Agrotechnology, Dangara State University. 735320, Tajikistan, Dangara, st. Central, 25, Tel.: (+992) 907777602.

УДК 636.64: 631.816

ЗАВИСИМОСТЬ РОСТА И РАЗВИТИЯ РАСТЕНИЙ ТОМАТА ОТ НОРМ ПРИМЕНЕНИЯ УДОБРЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ ТАДЖИКИСТАНА

Солихов Дж.М, Ахмедов Т.А.-Таджикский аграрный университет им.Ш. Шотемур

Ключевые слова: *органоминеральные удобрения, факторы, томат, биохимия, величина урожая, сорта, эффективность и качество.*

Рост и развитие томатов являются важными показателями жизненных циклов растения, которые зависят от факторов внешней среды: света, температуры, влаги и питания. Каждый, из перечисленных факторов оказывает определенное воздействие на процессы роста и развития. Среди них минеральное питание играет особо важную роль. Так как минеральное питание обеспечивает нормальный рост и развитие растений, при условии наличия необходимого температурного, светового и влажностного фона в жизни растения.

Многочисленными исследованиями установлено, что поглощение растениями минеральных элементов, усвоение углекислоты и воды являются элементами единого физиологического процесса в питании растений. Использование необходимых элементов питания обеспечивает нормальный рост и развитие растений.

На основании имеющихся литературных данных можно заключить, что удобрения оказывают положительное действие на рост и развитие растений томата. Растения вариантов с применением минеральных и органических удобрений более рослые, имеют хорошо сформированную листостебельную массу, образуют больше побегов и плодов. Рост растений, процесс увеличения размеров листостебельной массы и развитие растений взаимосвязаны. Установлено, что прохождение процессов роста, развития и формирования урожая плодов связано с минеральном питанием. В условиях наших опытов при вегетации растений томата световой тепловой и влажностный режим воздуха и почвы были благоприятными. Тем не менее, наиболее регулируемые из них являются влажность почвы и наличие питательных веществ в почве, при помощи которых можно управлять процессом роста и фаз развития растений [Куликова 1964].

При обеспечении высокой агротехники происходит быстрый рост и развитие овощных растений, в частности томатов, которые сопровождается ранним обильным плодоношением [Марков, 1974].

В проведенных нами исследованиях, было установлено, что растения сортов томата не одинаково реагируют на минеральное питание. Как показывают данные (табл. 1), учеты и измерения растений выявили следующее: на контрольном варианте высота главного стебля всех сортов составляла 40,2-45,3 см, толщина стебля-5,0-8,5 мм, количество листьев-73-78 штук, количество плодов-25-35 штук на одном растении.

Таблица 1. - Биометрические показатели растений томата в конце вегетации растений, (среднее за 2008-2011гг.)

Сорта	Варианты опыта *				Показатели						
	N	P_2O_5	K_2O	Навоз	Высота главного стебля, (см)	Толщина стебля, (мм)	Кол-во листьев, (шт)	Площадь листьев одного растения, $дм^2$	Кол-во побегов, (т)	Средняя длина боковых побегов,(см)	Кол-во образовавшихся плодов, (шт)
Новичок	Без удобрений (контроль)				45,3	5,2	76	89,9	11	13	33
	120	100	60	-	58,5	7,8	95	123,5	13	16	48
	240	100	60	-	65,5	8,5	110	147,4	15	19	53
	240	150	90	-	68,1	8,8	113	143,7	17	18	57
	-	-	-	40	50,9	6,1	95	122,6	14	15	42
	120	100	60	30	70,5	9,3	115	153,2	18	21	67
Дар Заволжья	Без удобрений (контроль)				40,2	5,0	73	98,2	12	10	35
	120	100	60	-	53,5	6,9	94	152,1	13	13	49
	240	100	60	-	62,1	7,5	110	156,6	14	16	55
	240	150	90	-	65,8	7,6	115	157,4	17	18	65
	-	-	-	40	48,5	6,3	90	132,3	15	9	38
	120	100	60	30	73,5	9,5	118	153,2	19	22	70
Финиш	Без удобрений (контроль)				43,5	5,5	78	97,5	9	8	25
	120	100	60	-	60,8	6,1	98	137,1	15	19	45
	240	100	60	-	65,2	6,5	103	135,2	14	14	50
	240	150	90	-	68,3	6,9	110	143,7	16	17	53
	-	-	-	40	47,5	6,1	90	128,3	16	10	43
	120	100	60	30	75,3	9,8	120	163,1	19	20	68

**** минеральные –кг/га, навоз–т/га***

Наиболее мощными оказались растениям варианта N_{240},P_{100},K_{60} кг/га и варианта 30 т/га навоза + N_{120},P_{100},K_{60} кг/га. При этом высота растений достигала 70,5-75,3 см, толщина стебля-9,3-9,8 мм, а количество листьев-110-115 шт./растение, на одном растение образовалось до 67-70 штук плодов.

Следует отметь, что применение N_{120}, P_{100}, K_{60} кг/га в сочетании с 30 т/га навоза оказало мощное действие на биометрические параметры растений томата. Эти показатели оказались одними из наиболее высоких, в сравнении с другими вариантами нашего опыта.

Наибольшее количество листьев образуется при применении повышенных норм минеральных удобрений (варианты 3 и 4), равное 103-115 шт. на растение. На варианте с органоминеральным удоб-

рением растения томата формировали самое большое количество листьев, с соответствующей листовой поверхностью. На этом варианте, в сравнении с другими вариантами, количество плодов оказалось намного больше, где высота главного стебля была равна 62,1 – 68,3 см. Это объясняется интенсивным ростом и большей вегетативной массой растений, которое проявляется на растениях, получивших достаточное минеральное питание. Тем самим выявлена прямая пропорциональность внесения повышенных доз минеральных удобрений, сочетание навоза с минеральными удобрениями, где установлено наличие ряда превосходящих биометрических показателей в растениях томата.

Анализируя данные роста и развития растений томатов, в зависимости от условий питания, следует отметить существенной влияние органоминеральных удобрений. Это сказывается также на облиственности растений. На контрольном варианте, растения, не получившие дополнительного минерального питания, имели наименьшую облиственность (табл. 2, рис. 1, 2 и 3). Аналогичная картина наблюдается и на варианте с органоминеральными удобрениями.

Таблица 2.-Динамика роста главного стебля растений томата по фазам развития, в см (2008-2011 гг.)

Сорта	Варианты опыта				Фазы развития				
	N	P_2O_5	K_2O	На-воз	Бутони-зация	Цвете-ние	Плодооб-разование	Массовое плодоношение	Конце вегетации
Новичок	Без удобрений (контроль)				12,9	20,5	32,6	40,2	45,3
	120	100	60	-	15,0	32,1	43,6	49,3	58,5
	240	100	60	-	17,1	30,7	42,4	53,6	65,5
	240	150	90	-	19,2	33,9	45,8	55,2	68,1
	-	-	-	40	14,3	25,4	34,2	42,4	50,9
	120	100	60	30	20,1	34,1	50,5	63,8	70,5
Дар Заволжья	Без удобрений (контроль)				14,2	23,8	30,8	36,5	40,2
	120	100	60	-	16,2	24,3	36,8	49,1	53,5
	240	100	60	-	18,9	29,1	41,3	50,5	62,1
	240	150	90	-	20,7	31,7	44,2	53,1	65,8
	-	-	-	40	15,9	23,4	35,3	41,2	48,5
	120	100	60	30	21,7	31,3	49,3	65,6	73,5
Финиш	Без удобрений (контроль)				13,2	23,8	30,4	38,1	43,5
	120	100	60	-	15,2	33,7	47,2	55,6	60,8
	240	100	60	-	17,5	26,5	35,3	50,1	65,2
	240	150	90	-	19,3	28,8	39,5	54,0	68,3
	-	-	-	40	13,3	25,7	33,8	40,9	47,5
	120	100	60	30	22,1	35,9	49,5	59,3	75,3

**** минеральные –кг/га, навоз–т/га***



Рисунок 1. -Динамика роста главного стебля растений томата, по фазам развития в см (2008-2011 гг.)



Рисунок 2. - Высота главного стебля растений и его толщина в конце вегетации, см (2008-2011 гг.)

Наши расчеты показали тесную корреляционную зависимость между высотой главной стебля и урожайностью сортов томата, которая представлена на рисунке 3.



Рисунок 3. - Корреляционная связь между высотой главного стебля растений и средней урожайностью



Рисунок 4. - Биометрические показатели растений томата (кол/шт.) в конце вегетации, (2008-2011гг.)

ЛИТЕРАТУРА

1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2016- с 24-25
2. Столярова И. А. Овощеводство. - Под ред. - Краснодар: Сов. Кубань, 2000. - 400с.
3. Тараканов Г.И. Плодообразование и семенная продуктивность растений томата при искусственном опылении при выращивании в различных культурооборотах защищенного грунта / Г.И. Тараканов, Е.Н. Андреева // Прогрессивные приемы в селекции овощных культур. - М., 1984.-С. 31-38.
4. Марков, В.М. Овощеводство. / В.М. Марков. - 2-е изд., перераб. - М.: Колос, 1974. – 512 с.

АННОТАЦИЯ

ЗАВИСИМОСТЬ РОСТА И РАЗВИТИЯ РАСТЕНИЙ ТОМАТА ОТ НОРМ ПРИМЕНЕНИЯ УДОБРЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ ТАДЖИКИСТАНА

В статье, на основе многочисленных исследований, приведены данные по поглощению растениями минеральных элементов, усвоение углекислоты и воды, которые являются элементами единого физиологического процесса в питании растений. Известно, что использование необходимых элементов питания обеспечивает нормальный рост и развитие растений. Следует отметить, что применение N_{120}, P_{100}, K_{60} кг/га, в сочетании с 30 т/га навоза, оказало мощное воздействие на биометрические параметры растений томата. Эти показатели оказались одними из наиболее высоких, в сравнении с другими вариантами нашего опыта.

Ключевые слова: *органо-минеральные удобрения, факторы, томат, биохимия, величина урожая, сорта, эффективность и качество.*

ANNOTATION

DEPENDENCE OF THE GROWTH AND DEVELOPMENT OF TOMATO PLANTS ON THE NORMS OF FERTILIZER APPLICATION IN THE CONDITIONS OF THE GISSAR VALLEY OF TAJIKISTAN

The article, based on numerous studies, provides data on the absorption of mineral elements by plants, the assimilation of carbon dioxide and water, which are elements of a single physiological process in plant nutrition. It is known that the use of essential nutrients ensures the normal growth and development of plants. It should be noted that the use of N_{120},P_{100},K_{60} kg/ha, combined with 30 t/ha of manure, had a powerful effect on the biometric parameters of tomato plants. These indicators turned out to be among the highest in comparison with other variants of our experience.

Key words: *organic-mineral fertilizers, factors, tomato, biochemistry, crop value, varieties, efficiency and quality.*

Сведения об авторах:

Солихов Джамшед Мирзоевич-кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры плодоовощеводства и виноградарства Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 917-20-11-11, E-mail: solihov_jamshed@mail.ru

Ахмедов Турсун Ахмедович-доктор сельскохозяйственных наук, академик Таджикской академии сельскохозяйственных наук, профессор кафедры плодоовощеводства и виноградарства Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+ 992) 907-75-11-71, E-mail: t.akhmedov.49@mail.ru

Information about the authors:

Solihov Jamshed Mirzoevich, Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Horticulture and Viticulture, Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Avenue. Phone: (+ 992) 917-20-11-11, E-mail: solihov_jamshed@mail.ru

Akhmedov Tursun Akhmedovich-Doctor of Agricultural Sciences, Academician of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, Professor of the Department of Horticulture and Viticulture of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Avenue. Phone: (+ 992) 907-75-11-71, E-mail: t.akhmedov.49@mail.ru

УДК 632.2: 634.8

ПРОДОЛЖИТЕЛЬНОСТЬ ИНКУБАЦИОННОГО ПЕРИОДА БОЛЕЗНИ, В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ТЕМПЕРАТУРЫ ВОЗДУХА И СОРТА ВИНОГРАДА В УСЛОВИЯХ ДАНГАРИНСКОГО РАЙОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Мирзоев Т.К., Аёмбекова А.Х.-Таджикский аграрный университет имени Ш. Шотемур

Ключевые слова: *болезнь, лоза, антракноз, заболевания, бактерии, мероприятия, виноград.*

Болезни виноградной лозы-антракноз и оидиум, в отдельные годы, наносят непоправимый ущерб специализированным хозяйствам и исчисляются десятками тыс/сом. Снижение урожая и качества продукции отмечается, почти, во всех виноградоводческих хозяйствах Таджикистана. В связи с этим, перед нами была поставлена задача разработать систему мероприятий в борьбе с данными заболеваниями, и дать рекомендации хозяйствам.

С 2018 по 2024 г., в дехканском хозяйстве имени «Сомонджон» Дангаринского района проводились исследования по изучению динамики, вредоносности антракноза и оидиума, изучались условия, влияющие на развитие болезней, разрабатывалась система мероприятий в борьбе с заболеваниями. Для этого, испытывался ряд химических препаратов, их дозировка и наилучшие сроки применения; изучалось влияние отдельных агротехнических приёмов на снижение заболевания.

На основании проведенных работ, в борьбе с болезнями винограда, производству рекомендована система, слагающаяся из аэропрофилактических и химических мероприятий. Однако, система может быть высокоэффективной только в этом случае, если ее применять строго по рекомендованной схеме.

С целью изучения эффективности рекомендуемой системы мероприятий на опытном и контрольных участках подбиралось по 25 модельных кустов столовых сортов. Модельные кусты располагались в трех частях опытного и контрольного участков, т.е. в 3-х проворностях. Все модельные кусты этикетировались. Учеты эффективности применяемых мероприятий проводились по степени заражения, которые устанавливались по 4-х балльной шкале.

Данные исследования по изучению инкубационного периода возбудителя антракноза показали, что продолжительность его заметно колеблется, в зависимости от температуры и сорта винограда. Наиболее короткий инкубационный период 3-4 дня отмечается при температуре 18-24^{0}С на сорте Хусейне; 4-5 дней на сорте Джаус; 6-7 дней на Тайфи. Более интенсивное развитие наблюдалось на сорте Хусайне. Отсюда следует, что все испытуемые сорта поражаются антракнозом, но в различной степени. Наиболее короткий инкубационный период 3-4 дня отмечался при тепературе 18-24^{0}С., при более высоких температурах инкубационный период затягивался и длился до восьми дней (таблица).

Таблица-Продолжительность инкубационного периода болезни, в зависимости от температуры воздуха и сорта винограда.

Сорт	Температура 12-16^0 Влажность 70-80%							Температура 18-24^0 Влажность 70-80%							Температура 30-33^0 Влажность 70-80%						
	Размеры пятен (диаметр в мм)																				
	Дни																				
	3	4	5	6	7	8	9	3	4	5	6	7	8	9	3	4	5	6	7	8	9
Хусайне	-	-	-	-	-	0,5	0,9	-	0,6	1,1	2,3	3,7	5,0	5,1	-	-	-	-	0,8	1,4	1,7
Джаус	-	-	-	-	-	-	0,1	-	-	0,5	0,5	0,9	1,0	1,1	-	-	-	-	-	0,3	0,4
Тойфи	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	0,2	0,6	0,1	0,6	-	-	-	-	-	-	-

Данные исследования дают возможность применять химическую обработку, увязывая их с инкубационным периодом развития возбудителя на различных сортах винограда. Проведение химических обработок по схеме инкубационных периодов эффективно только на чистосортных посадках. Проведен-

ная работа по испытанию рекомендованной системы показала, что данная система эффективная в том случае, если на плантации будет соблюдаться весь комплекс агротехнических и аэропрофилактических мероприятий, а химические мероприятия будут увязаны с климатическими условиями и с инкубационным периодом развития возбудителя, на разных сортах винограда. Специфика этого года заключаются в том, что на плантациях получил широкое распространение бактериальный рак, вызываемый возбудителем Agrobacterium tumefaciens, который проявился у основания штамба и распространялся по разветвлениям.

Вспышка бактериального рака виноградных кустов-это результат двух предшествующих холодных зим, в результате которых растения были сильно подморожены и ослаблены, а на штамбах и ветвях были механические повреждения. Создавались благоприятные условия (наличие инфекции и ослабление кустов) для бактериального рака, который быстро развивался, поражая весь куст, и приведению его к полной гибели. Поэтому сравнительной оценки урожая с контрольного и опытного участков провести не удалось. Но, мы вплотную подошли к вопросу о необходимости определения продолжительности инкубационного периода болезни, в зависимости от температуры воздуха и сорта винограда.

Таким образом продолжительность инкубационного периода возбудителя антракноза зависит от температуры и сорта винограда. Наиболее короткий инкубационный период 3-4 дня отмечается при температуре 18-24^{0}С на сорте Хусайне.

ЛИТЕРАТУРА

1. М.Х. Султанова, (С.С. Раҳмадов, М.М. Ташпулатов, А.Х. Аёмбекова, М.Р. Сафаров) Болезни и вредители виноградной лозы, меры борьбы с ними. – Душанбе: «Ирфон» , 2013, (ст.9).

АННОТАТСИЯ

ДАВОМНОКИИ ДАВРАИ ИНКУБАТСИОНИИ КАСАЛИҲО ВОБАСТА АЗ ҲАРОРАТИ ҲАВО ВА НАВЪҲОИ АНГУР ДАР ШАРОИТИ НОҲИЯИ ДАНҒАРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба давомнокии давраи инкубатсионии касалиҳо вобаста аз ҳарорати ҳаво ва навъҳои ангур дар хоҷагии деҳқонии “Сомонҷон”-и, ноҳияи Данғара баррасӣ шудааст. Маълумоти таҳқиқот оид ба давраи инкубатсионии барангезандаи антракноз нишон дод, ки давомнокии он вобаста ба ҳарорат ва навъҳои ангур тағйир меёбад. Аз ҳама давраи кӯтоҳтарини инкубатсионӣ 3—4 рӯз дар ҳарорати 18—24^{0}С дар навъи “Ҳусейнӣ” мушоҳида мешавад; 4-5 рӯз дар навъи “Ҷавс”; 6-7 рӯз дар навъи “Тоифӣ”. Инкишофи каме бошиддаттар дар навъи “Ҳусайнӣ” мушоҳида шуд. Аз ин бармеояд, ки ҳамаи навъҳои санҷидашуда бо касалии антракноз сироят меёбанд, вале бо дараҷаҳои гуногун. Дар ҳарорати 18—24^{0}С давраи кӯтоҳтарини инкубатсионӣ 3—4 рӯз мушоҳида карда шуд. Дар ҳарорати баланд давраи инкубатсионӣ тӯл кашида, то ҳашт рӯз давом мекард.

Калимаҳои асосӣ: *касалӣ, ток, антракноз, давра, бактерия, чорабинӣ, ангур*.

ANNOTATION

DURATION OF THE DISEASE INCUBATION PERIOD DEPENDING ON AIR TEMPERATURE AND GRAPES VARIETIES IN THE DANGARA DISTRICT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.

The current article considers the result of field experiments on the deration of the incubation period of the disease depending on the air temperature and grapes varieties in the Somoni farm Dangara district. Research data on a study of the incubation period of the anthracnose pathogen showed that its duration fluctuates noticeably depending on the temperature and grapes varieties. The shortest incubation period of 3-4 days is observed at a temperature of 18-24^{0}С jn the Hussein variety 4-5 days on the Dzhaus variety, 6-7 days on Taifi. More intensive development was observed on the Hussaine variety. It follows that all tested varieties are affected by anthracnose to varying degrees. The shortest incubation period of 3-4 days was observed at a temperature of 18-24^{0}С at higher temperatures the incubation period was prolonged and lasted up to eight days.

Key words: *diseases, vine, anthracnose, bacteria, events, grapes.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Тавакал Каримович-доцент кафедры защиты и карантина растений Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур. 734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр Рудаки 146. E-mail: tavakal-84@mail.ru. Тел.(+992) 985365060.

Аёмбекова Авалбахт Худжамёровна-старший преподаватель кафедры защиты и карантина растений Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур. 734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 146. E-mail: avalbakht68@mail.ru. Тел.(+992) 933111610.

Information about the authors:

Mirzoev Tavakal Karimovich-Associate Professor of the Department of Plant Protection and Quarantine, Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur. 734013. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Ave. E-mail: tavakal-84@mail.ru. Phone: (+992) 985365060.

Ayombekova Avalbakht. Khujamyrovna-Assistant of the Department of Plant Protection and Quarantine, Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur. 734013. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Ave. E-mail: avalbakht68@mail.ru. Phone: (+992) 933111610.

ТДУ 631.6.02.

ҲОЛАТИ БАРҚАРОРШАВИЮ ПАҲНШАВИИ ТАБИИӢ ПИСТА ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ РЕШАИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБУ - ҒАРБӢ

Худойқулов Б.С.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *писта, барқароршавӣ, омил, табиӣ, омили инсонӣ, чаронидани чорво, минтақа, ҷамоа,ҷангал.*

Писта аз оилаи анакардиаҳо *Anacardiaceae* соли 1753 дар Аврупои Ҷанубӣ аз тарафи Линнеем чун растании киштшаванда тасвир карда шуда буд.

Дарахти писта то 10 метр қад мекашад, лекин аксар вақт баландии он 6-7м мебошад. Бисёртана ва буттамонанд буда, ба шакли яктана кам вомехӯрад. Баргҳояш мураккаби 3-5 баргакдор, пӯсти баргаш ғафси зич буда, дар қаламчаҳои зичмӯй ҷой гирифтанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пистазор бисёр васеъ паҳн шудааст ва майдони асосии пистаи ёбоии Осиёи Миёнаро ташкил медиҳад. Лекин таҳлили адабиёт нишон дод, ки ин як қисми ками ҷангали сираки писта буда, дар гузашта ниҳоят майдони калонро ишғол мекардааст. Нишонаҳои бераҳмона нобуд кардани ҷангали пистазор то ҳоло дар бисёр ҷойҳои қаторкӯҳҳои Муғултоғ, Боботоғ, Ғозималик, Рангонтоғ ва Қурама вомехӯранд [3, с.153].

Дар замони ҳозира пистазор қариб дар тамоми сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз Помир паҳн шудааст. Сарҳади шарқии сабзиши он ба води дарёи Ванҷ рост меояд. Лекин қисми зиёди пистазор дар қаторкӯҳҳои Боботоғ, Аруктоғ, Ғозималик, Қаратоғ, Тереклитоғ, Алатоғ, Чилтоғ, Сарсарак дар нишебиҳо ба таври минтақавӣ дар баландиҳои 500-1800 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтанд (расми 1).



Расми 1.-Минтақаи паҳншавии писта дар Тоҷикистони ҷанубу ғарбӣ

Дар Тоҷикистони Марказӣ пистазор нисбатан кам вохӯрда, аксар вақт бо бодом, татум, чилон ва дигар ҷамоаи ҷангали шибляк месабзад. Лекин дар гузашта майдони пистазор дар ин минтақа васеъ паҳн шуда будааст, ки ин аз чакалаҳои на он қадар калон, дарахтони ҷудогона истода ва номи маҳалҳо (Кулписта, Пистамазор ва ғайра) гувоҳӣ медиҳанд.

Дар Тоҷикистони Шимолӣ бошад, вазъият таассуфовар мебошад. Дар ин ҷо дар асрҳо XVII-XIX писта майдони калонро ишғол мекард ва барои ангишттайёркунӣ, ҳезуму чӯбтайёркунӣ васеъ истифода бурда мешуд. Ҳоло бошад, дар заминҳои фарроҳи ин сарзамин дарахти ҷудогонаи пистаро дидан мумкин аст. Чакалакҳои начандон калони он дар қисми поёни дараҳои чуқури қаторкӯҳҳои Муғултоғ ва Қурама ҷойгир шудааст.

Таҳлили маълумотҳои чопшуда ва Агенти хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар гузашта майдони умумии пистазор тахминан 150 ҳазор гектарро ташкил мекард [2, с.351]. Лекин дар замони ҳозира ин нишондод 80–ҳаз/га-ро ташкил менамояд [1, с.16]. Дар давоми зиёда аз 40 сол масоҳати пистазор қариб 70-ҳаз/га коҳиш ёфтааст (диаг.1).

Таҳқиқотҳои солҳои 1982 -1987-ум дар хоҷагии ҷангали Данғара ва Панҷ гузаронида нишон медиҳанд, ки ҳангоми манъ кардани чаронидани чорво ва 10-20% нигоҳ доштани ҳосили писта дар болои дарахт барқароршавии ҷангали писта қаноатбахш буда, дар як гектар то 370 навниҳоли худрӯйро дидан мумкин аст. Лекин, баъди соли 1995 аз сабаби пурра ҷамъоварӣ кардани ҳосили пистаи то охир пухта нарасида, истифода бурдани ҷангали писта ҳамчун чарогоҳи зимистона ва тамоми сол амалкунанда, боиси ниҳоят паст барқароршавии пистазор шуда аст. Дар чунин ҳолат нишондоди навниҳолҳои худрӯй ниҳоят паст мебошад. Ин ҳлатро ба назар гирифта дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҳолати барқароршавии табиии пистазор омӯхта шуд.



Диаграммаи 1.-Динамика камшавии майдони ҷангали пистазор (ҳаз/га)

Барои муайян намудани барқароршавии табиӣ писта дар солҳои 2021-2024 дар минтқаҳои гуногуни пистазори хоҷагиҳои ҷангали Данғара, Панҷ, Фархор ва Хуросон майдончаҳои тасодуфӣ дар се такрор бо андозаҳои 10х10м, 20х20м ва 50х50м интихоб карда шуд. Ғайр аз он дар минтақаи Пасигачи хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара бошад чор майдончаи санҷишии андозааш 100х100м интихоб карда шуд. Дар баъзе маврид дар ҳудуди майдончаҳои санҷишии тасодуфан интихоб карда шуда, дарахтони бо таври суънӣ шинонида шуда низ мавҷуд буданд.

Дар тамоми минтақаҳои интихобкардашуда барқароршавии писта ғайриқаноатбахш баҳодиҳӣ карда шуд. Танҳо дар нишебии тарафи шимол, ки зичии ҷангали писта 0.6-0.7-ро ташкил мекард, дар майдончаи андозааш 100х100м се адад навниҳоли писта ба қайд гирифта шуд. Баландии қади ниҳолчаи худрӯи писта аз 18 то 22 см. ва қутраш 3 см.-ро ташкил менамуд. Танҳо дар хоҷагии ҷангали ноҳияи Панҷ дар як майдончаи санҷишии андозааш 50х50м. ду адад ниҳоли худрӯи пистаи 2-солаи баландии қадаш 10-12 см ба қайд гирифта шуд. Ғайр аз он барои муайян намудани барқароршавии табиӣ якчанд хатсайри назардидӣ гузаронида шуд, ки дарозии онҳо аз 500 то 1000м ва паҳмиашон 4м-ро ташкил менамуд. Таҳқиқот нишон дод, ки ба ҳисоби миёна дар ҳар як хатсайр аз 2 то 5 адад навниҳолҳои писта ба қайд гирифта шуданд.

Омилҳои асосии ниҳоят паст будани барқароршавии писта дар минтақаҳою майдончаҳои санҷишии интихобкардашуда-ин шиддатнок чаронидани чорво мебошад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар натиҷаи чаронидани чорво як қисми навниҳолҳо поймол карда шуда, қисми зиёди онҳо зери таъсири чорво нобуд шуданд. Рӯишии қисми дигараш бошад ниҳоят паст мебошад. Барқароршавии табиии писта дар ду шароит хуб ба назар намерасад. Якум, ин норасогии намии хок дар фасли тобистон ва дуюм, ин ҳарорати баланду хушк будани ҳаво мебошад. Дар чунин шароит решаи навниҳоли писта, махсусан дар тобистон аз қабати хавфноки 60- сантиметраи хок гузашта наметавонад ва дар нимаи дуюми тобистон хушк мешавад, дуюм, омили инсонӣ буда, бо пурра ҷамъоварӣ намудани ҳосили писта (аксар вақт писта норасида ҷамъоварӣ карда мешавад) вобастагӣ дорад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки тамоми ҳосили писта то давраи пухта расидан ҷамъоварӣ карда мешавад ва дар дарахт ягон донаи писта ба назар намерасад, ҳоло он ки барои барқароршавии дарахтзор бояд на камтар аз 30% ҳосили он дар дарахт нигоҳ дошта шавад.

Инкишофи навниҳолҳои писта аз сохти решаҳои он вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама ҳаётгузарониашон дар соли аввал дар шароити табиӣ ниҳоят вазнин мегузарад. Ин дар ниҳоят ба суст инкишоф ёфтани қисми болоии ниҳол ва рӯиши тези қисми поёни решаи он, ки дар як муддати кӯтоҳ аз қабатҳои хушкнашавандаи хок дар тобистон мегузаранд, сабаб мешавад. Ҳаминро қайд кардан муҳим аст, ки дарозии қисми поёнии (реша) навниҳоли 2-солаи писта нисбати баландии қисми болоии (танаи) он 10-15 маротиба зиёд мебошад. Агар дар ин синну сол баландии танаи навниҳоли писта 10-25см бошад, пас дарозии решаи он ба 2,5м мерасад. Дар солҳои оянда, ҳангоми ниҳоят суст инкишоф ёфтани навдаҳо ва зери таъсири зимистони сард бисёркарата нобуд шудани онҳо сабаби намуди буттамонанд гирифтани танаи дарахт мешавад. Дар ин давра решаи писта тез инкишоф меёбад. Решаҳои дар қабатҳои болоии хок ҳангоми аз ҳисоби боришоти зимистонаю баҳорӣ намнок будани онҳо рӯиш меёбанд. Решаҳои паҳлугии дарахтони қадрас, ки аз гарданаки реша ба паҳлуҳо тӯл мекашанд, то 20м ва аз он ҳам зиёд дарозӣ доранд.

Дарозии решаҳои ростфаромадаи дарахти писта дар зардхокҳои қабати ғафсдошта, то ба 12-15м ва аз он ҳам зиёд мерасад. Агар ғафсии зардхокҳо зиёд набошанд, решаҳои асосӣ то 5-6м ба замин чуқур фаромада, баъдан бо кунҷи рост ба тарафҳо паҳн шуда, инкишоф меёбад. Дар решаҳои паҳлугӣ решачаҳои борики бисёр тараққиёфта, ки қисми асосии он дар қабати болоии хок ҷой гирифта аст. Хусусияти хоси писта ҳамчун намуди асосии ташкилкунандаи ҷангали шибляк - ин инкишофи ниҳоят сусти навдаҳои дарахт ба баландӣ, ки асосан давраи рӯиши кӯтоҳ дар давоми як соли нашъунамоӣ дорад, мебошад.

Навдаҳо танҳо дар давраи намнокӣ ва гармӣ ҳангоме, ки хок аз боришот таъмин мешавад, дар давоми 30-35 рӯз месабзанд. Решаҳои асосӣ дар ин давра бо решачаҳои ниҳоят борики эфемерӣ, ки фурӯ бурдани намиро аз хок таъмин мекунад, пӯшонида мешаванд. Миқдори решачаҳои эфемерӣ нисбати решаҳои асосӣ дар чуқурии 20см, 60%, дар чуқурии як метр 65%-ро ташкил мекунад. Қисми зиёди решачаҳои эфемерӣ дар чуқурии 50-60 см ҷой гирифтанд. Баъди гулкунӣ, ки ба давраи инкишофи шиддатноки писта рост меояд, давраи давомноки нимороми сар мешавад, ки рӯиши дарахт манъ шуда, решачаҳои эфемерӣ хушк ва дар солҳои ниҳоят хушк қисми баргҳо ва меваҳо меафтанд.

Хулоса. Ҳамин тавр, барқароршавии писта дар шароити Тоҷикистони ҷанубу ғарбӣ ғайриқаноатбахш буда, омили асосии он табиӣ ва омили инсонӣ ба шумор меравад. Дар ҳамаи минтақаҳои санҷишӣ шумораи навниҳолҳои писта 2-3 ададро ташкил мекунад, ҳоло он ки ин нишондод дар солҳои 70-80-уми асри гузашта 370 ададро дар як гектар ташкил менамуд. Барои барқароршавии пистазор бояд чаронидани чорворо ба танзим дароварда, ҷамъоварии пистаро дар муҳлати муайян гузаронидан лозим ва ҳатман як қисми ҳосили пистаро дар дарахт мондан лозим аст.

АДАБИЁТ

1. Аҳмадов Ҳ.М., Худойқулов Б.С. Ҷангалҳои Тоҷикистон. –Душанбе. Нашрияи Эр-граф, -2020, -288 с.
1. Запрягаева В.И. Лесные ресурсы Памиро Алая. -Л.: Изд-во Наука.-1976, -595 с.
3. Запрягаева В.И. Дикорастущие плодовые Таджикистана. Наука, Л:.-1964, -695 с.

АННОТАЦИЯ

СОСТОЯНИЕ ВОССТАНОВЛЕНИЯ И ЕСТЕСТВЕННОГО РАСПРОСТРАНЕНИЯ ФИСТАШКИ И НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЕЁ КОРНЕВОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ ЮГО-ЗАПАДНОГО ТАДЖИКИСТАНА.

В статье автор рассмотрел ареал распространения фисташек, изменения её площади за последние 80 лет, состояние естественного восстановления и факторы, препятствующие её восстановлению, а также некоторые особенности её корнеформирования. Установлено, что основным неудовлетворительным фактором восстановления фисташки является особенность фисташки, климатические условия и человеческий фактор. Результаты исследования показали, что естественное восстановление фисташки на склонах, обращенных на север, в 8–10 раз выше, чем на других склонах.

Ключевые слова: *фисташка, восстановление, фактор, природный, человеческий фактор, выпас животных, регион, сообщество, особенность, лес,.*

ANNOTATION

STATE OF RESTORATION AND NATURAL DISTRIBUTION OF PISTACHIO AND SOME FEATURES OF ITS ROOT IN SOUTH-WESTERN TAJIKISTAN

In the article, the author examined the distribution area of pistachios, changes in its area over the past 80 years, the state of natural restoration and factors impeding its restoration, as well as some features of the pistachio root. It has been established that the main unsatisfactory factors for pistachio restoration are the characteristics of the pistachio, climatic conditions and the human factor. The results of the study showed that the natural recovery of pistachio on north-facing slopes is 8–10 times higher than on other slopes.

Key words: *pistachio, restoration, factor, natural, human factor, animal grazing, region, community, forest.*

Сведения об авторе:

Худойқулов Бахтовар Субхонович-кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры лесного хозяйства и ландшафтного строительства Таджикского аграрный университета имени Шириншох Шотемур. Проспект Рудаки 146, E-mail: bahtovar-1984@ mail.ru, тел.: (+992) 934131646

Information about the author:

Khudaykulov Bakhtovar Subkhanovich-candidate of agricultural sciences, associate professor of the department of forestry and landscape construction Tajik Agrarian University named after Shirinshoh Shotemur, Rudaki Avenue 146, E-mail: bahtovar-1984@ mail.ru, tel.: (+992) 934131646

ТДУ 635:25;631

ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ НАВЪҲОИ СЕРҲОСИЛУ БАЛАНДСИФАТИ БОДИРИНГ ДАР КИШТИ АСОСИЮ ТАКРОРӢ ДАР ШАРОИТИ НОҲИЯИ ДАНҒАРАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Раҳмонализода И.Р.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *сабзавотпарварӣ, бодиринг, таҷрибаҳои саҳроӣ, кишти асосӣ ва такрорӣ, омилҳои иқлимӣ, ғизодиҳӣ, агротехника, зараррасонҳо, касалиҳо ва чораҳои муборизa.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зироатҳои гуногуни кишоварзӣ аз ҷумла растаниҳои сабзавотӣ ба таври васеъ парвариш карда мешаванд. Яке аз растаниҳои сабзавотии маъмул дар байни мардум, ки аҳолӣ ба он талаботи зиёд дорад ин растании бодиринг мебошад. Бодиринг вобаста ба

хусусиятҳои биологии худ аз витамину ферментҳои лозима, ки барои саломатии инсон лозим аст, бой мебошад.

Ҳамасола дар ҷумҳурӣ растании бодирингро дар майдони 3,5-4,0 ҳазор га дар кишти асосӣ ва 1,2-1,4 ҳазор га дар кишти такрорӣ, баъди ҷамъоварии ҳосили дигари зироатҳои ғалладонагӣ парвариш мекунанд. Дар кишти асосӣ ҳосилнокии бодиринг назар ба кишти такрорӣ 35-40% зиёд мебошад. Ноҳияи Данғара, ки дорои хоки ҳосилхез ва обҳои мусаффо мебошад, метавонад ба яке аз минтақаҳои тараққикардаи агросаноатӣ дар парвариши ҳосили зироати сабзавотии барвақтию такрорӣ, хусусан бодиринг мубаддал гардад.

Заминҳои нав обёришавандаи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла мавзеи Данғараи вилояти Хатлон манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши зироатҳои сабзавотии барвақтию дерӣ ва аз як замин гирифтани ду се ҳосил, аз он ҷумла меваи бодиринг мувофиқи мақсад мебошад.

Бодиринг ба оилаи кадугиҳо дохил шуда, бино ба маълумоти адабиёти илмӣ он 3000 сол пеш аз милод парвариш карда мешудааст. (Гикало, Фролов, 1997).

Бодиринг растании гармидӯст буда, макони пайдоишаш қисмати шимолу ғарбии Ҳиндустон мебошад. Бодирингро дар майдони кушоди обёришуда ва гармхонаҳои ҷумҳурӣ ҳамчун зироатҳои асосӣ ва такрорӣ парвариш мекунанд.

Ҳангоми гузаронидани корҳои илмӣ таҳқиқотӣ (солҳои 2020-2022) дар хоҷагии деҳқонии “Шомурод”-и ноҳияи Данғара, ки хокаш ба талаботи кишту кори растаниҳои сабзавотӣ ҷавобгӯ мебошад, дар кишти асосӣ (баҳорӣ) ва такрорӣ (тобистона) растании бодиринг парвариш карда шуд. Қитъаи таҷрибавӣ дар фасли баҳор дар чуқурии 30-35 см шудгор ва мола карда шуда, пеш аз кишти тухмӣ ба замин 30 т/га поруи нимпӯсида ва миқдори муайяни нуриҳои азотӣ, фосфорӣ ва калийгӣ ҳамроҳ карда шуд.

Тартиби шинонидани тухмӣ 70см Х 25см; 70см Х 30см ва 60 см Х 30см бо меъёри кишти 57;47 ва 37-ҳаз/растанӣ дар 1га-ро ташкил дод. Тартиби шинонидани тухмӣ дастӣ гузаронида шуд. Корҳои агротехникии байни қаторҳо, шинонидани тухмӣ, нармкунии байни қаторҳо, омодакунӣ ва безараргардонии хок, тоза кардани ҷӯякҳо аз алафҳои бегона, гузаронидани корҳои профилактикии пешакӣ оид ба муборизa бар зидди касаливу ҳашаротҳои зараррасони растании бодиринг дар вақти шинонидани тухмӣ ва баъд аз кишт гузаронида шуд. Ҳама корҳои агротехникӣ мувофиқи талаботи қабулшуда барои шароити Тоҷикистон гузаронида шуд (Агрорекомендация, 1982).

Дар кишти баҳорӣ, ки намӣ дар хок басанда буд, аввал баъди 10-12 рӯз ва ҳангоми гармӣ зиёд шудан баъди 5-6 рӯз обмонӣ гузаронида шуд. Дар вақти пайдо шудани 2-3 барг мулоимкунии бехи растаниҳо ва хишовакунии якумро дастӣ гузаронидем. Байни қаторҳо низ дастӣ мулоим карда аз алафҳои бегона тоза кардем.

Вобаста ба зичӣ ва тамбашавии хок 5 маротиба байни қаторҳоро мулоим карда аз алафҳои бегона тоза намудем. Ягонакунии якум дар вақти пайдо шудани ду барг дар растанӣ амалӣ карда шуд. Маротибаи дуюм дар вақти пайдо шудани 3-4 барг дар растанӣ гузаронида шуда, дар лона яктоии он монда шуд. Инчунин, хишовакунӣ ва буриши растаниҳо бо воситаи қайчӣ гузаронида шуда, вобаста ба зарурият дар ҷойҳои холии иловагӣ майсаҳои нав шинонида шуд. Дар вақти хишоваи сеюм каландкунии байни ниҳолҳо ва нест кардани алафҳои бегона гузаронида шуд. Баъди 20-25 рӯзи хишовакунии дуюм дар вақти бофташавӣ ва нашъунамо ёфтани растанӣ, каландкунии бехи растаниҳо гузаронида шуда, навдаҳои нодаркорро канда партофтем.

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки шарти асосии ноил гаштан ба ҳосилнокии баланди зироат, ин интихоби замин, релефу элементҳои иқлимии лозима дошта, бо оби полезӣ таъмин ва дарбаргирии агротехникаи парвариши он ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд мувофиқи тавсияҳои мавҷуда оид ба парвариши зироати бодиринг дар кишти асосӣ ва такрорӣ, номгӯи чорабиниҳои агротехникӣ ба назар гирифта шуданд.

Кишти тухмӣ дар таҷрибаи саҳроӣ дар фасли баҳор дар даҳ рӯзи якуми моҳи апрел, дар тобистон бошад дар аввали даҳрӯзаи якуми моҳи июл гузаронда шуд. Дар давраи кишти баҳорӣ ва тобистона, раванди нашъунамои растаниҳои ҳар як навъ дар алоҳидагӣ омӯхта шуд. Натиҷаи мушоҳидаҳои гузаронида нишон доданд, ки сабзиши (майсазании) тухмии ҳар як намунаи дар таҳқиқот омӯхташуда, вобаста ба муҳлати кишташон дар давраи кишти баҳорӣ ба ҳисоби миёна 5-8 рӯзро ташкил дод.Бо сабаби паст шудани ҳарорати ҳаво дар даҳаи дуюми моҳи апрел тухмӣ кишт шуда, дар соли 2020 2-3 рӯз дертар сабзиданд. Дар фасли тобистон бинобар мавҷуд будани ҳарорати оптималӣ ва намӣ дар хоки қитъаи таҷрибавӣ, барои ҳамаи навъҳо сабзиши тухмӣ кӯтоҳтар буда, 4-5 рӯзро дар бар гирифтанд (ҷадвали 1).

Бояд қайд кард, ки давраи кишти баҳорӣ ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво дар давраи кишт ва пайдошавии майса аз 11,6°С то 17,7°С дарачаро ташкил дод.

Дар давраи тобистон бошад, ҳарорати гармӣ барои сабзиши тухмиҳо кифоя буда, ин нишондиҳандаҳо ба 26,9 °С - 29,9 °С дарача гармӣ баробар шуд. Дар кишти баҳорӣ бодиринг, вобаста ба хусусиятҳои хоси намуду навъҳояш, дар давоми 90-100 рӯз, он аз сабзиши тӯхмӣ то пухтарасии ҳосил дар замини кушоди кишти баҳорӣ 95-106 рӯз то 79-94 рӯз дар кишти тобистона ин равандҳо давом доштанд.

Ҷадвали 1.–Давраҳои асосии гузариши нашъунамои растании бодиринг дар кишти баҳорӣ (асосӣ) миёнаи солҳои 2020-2023

Навъҳо	Рӯзи мушоҳида дар давраи нашъунамо					
	Сабзиши баъди кишти тухмӣ	3-4 барги ҳақиқӣ	Пайдошавии гули нарина	Пайдошавии гули модина	Чиниши якуми ҳосил	Чиниши охири ҳосил
Марғилонӣ-822	7-8	10-12	25-27	41-42	53-55	101-106
Беназир	7-8	8-9	21-23	38-39	46-47	96-99
Парад-176	5-6	7-8	20-22	35-37	42-44	93-97
Дурагаи Суперина F^1	6-7	7-8	20-22	35-37	41-44	95-99

Сабаби кӯтоҳ шудани давраи нашъунамои растании бодиринг, ин пастшавии ҳарорати ҳаво, боло рафтани намнокии нисбии он ва дар натиҷа пажмурдашавии растаниҳо мешавад. Мушоҳидаҳои саҳроии мо дар парвариши ҳосили намунаҳои бодиринги кишти баҳорӣ нишон дод, ки фарорасии давраҳои гуногуни нашъунамои растании бодиринг, вобаста ба хусусиятҳои биологии намунаҳои омӯхташуда фарқият доштанд. Агар давоми сабзиши тухмӣ (майсазанӣ) байни намунаҳои омӯхташуда, ба ғайр аз навъи “Парад-176”, қариб, ки якхела бошад, дигар намунаҳои байни ҳамдигар фарқияти назаррас доштанд. Аз давраи ташаккулёбӣ 3-4 барги ҳақиқӣ, фарқияти байни намунаҳои бодиринги омӯхташуда инъикоси худро ёфтааст.

Навъи стандартии бодиринги “Марғилонӣ-822”, назар ба дигар намунаҳо давомнокии зиёдтарро дар чунин нишондод зоҳир намуд. Ҳамин тариқ, дар муқоиса, намунаҳои омӯхташуда нисбати навъи стандартӣ фарқияти зудамал буданашро зоҳир намуд. Ин нишондод аз пайдошавии гулҳои нарина ва модина оғоз ёфта, дар фарорасии давраи чиниши аввали ҳосил мушоҳида шуд.

Навъҳои омӯхташудаи бодиринг дар парвариши ҳосили барвақтии кишти баҳорӣ ҳамагӣ 41-47 рӯзро дар бар гирифта бошад, саршавии ҷамъкунии ҳосили навъи “Марғилонӣ-822” то 53-55 рӯз тӯл кашид. Вобаста ба намунаҳои омӯхташуда, бо сабаби калонҳаҷмии буттаҳо, навъи стандартӣ назар ба намунаҳои омӯхташуда давраи дарозтарини нашъунамо доштанд. Вале ба назари мо чунин нишондод назар ба дигар намунаҳои тезпази растании бодиринг, ки дар ҳосилдиҳии барвақтӣ таҷассум меёбад, барои парвариши ҳосили зироатҳои такрории кишоварзӣ манфиатноктар ба ҳисоб меравад.Мақсади оқилона истифодабарии захираҳои табиии минтақаи таҷрибаҳои саҳроӣ, ин парвариши ҳосили дуюми зироати бодиринг ва омӯхтани раванди давраҳои нашъунамои ин зироат дар кишти тобистона (такрорӣ) мебошад.

Таҳқиқотҳои чандсолаи мо (2020-2023) дар кишти тобистонаи (такрорӣ)-и намунаҳои бодиринг дар шароити мавзеи Данғара нишон доданд, ки фосилаи сабзиши тухмӣ аз кишт то майсазанӣ бо сабаби гармии муътадили тобистонаи ҳаво, дар ҳамаи намунаҳои омӯхташуда қариб якхела (5-7 рӯз) мебошад. Ба ғайр аз навъи “Марғилонӣ-822”, ки ба он ҳарорати лозимии қабати болоии хок ва намиаш мусоидаткунанда мебошад. Назар ба кишти баҳорӣ, растаниҳои кишти тобистонаи намунаҳои омӯхташудаи бодиринг, дар чунин шароит нишондиҳандаҳои барвақтиро доро ҳастанд. Чунин фарқият дар пайдошавии гули наринаю модина, фарорасии чиниши якуми ҳосил ва ба итмом расидани давраи нашъунамо, инчунин ҳосилдиҳии онҳо таҷассум ёфтаанд.

Ҷадвали 2.–Давраҳои асосии гузариши нашъунамои растании бодиринг дар кишти тобистона (такрорӣ) миёнаи солҳои 2020-2023

Навъҳо	Рӯзҳои мушоҳида дар давраи нашъунамо					
	Сабзиши баъди кишти тухмӣ	3-4 барги ҳақиқӣ	Пайдошавии гули нарина	Пайдошавии гули модина	Чиниши якуми ҳосил	Чиниши охири ҳосил, давомнокии вегетатсияи растанӣ
Марғилонӣ-822	6-7	9-10	21-23	38-40	50-51	78-81
Беназир	5-6	6-7	19-20	33-34	39-40	83-87
Парад-176	5-6	6-7	17-19	31-33	39-40	90-94
Дурагаи Суперина F^1	5-6	6-7	17-18	31-33	37-39	88-90

Аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, ки дар баробари баланд шудани ҳарорати ҳаво ва хок, инчунин дар сурати мавҷуд будани реҷаи оптималии намӣ дар хок, муҳлати сабзиши тухмӣ тез мешавад.

Бахтиёр Сайвали-кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры технологии переработки продуктов животноводства и кормления животных Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. тел: (+992) 918878614. E-mail: bachtiyor.89@mail.ru

Author information:

Bakhtiyor Saivali-Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Technology for Processing Livestock Products and Animal Feeding Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur. Phone: (+992) 918878614. E-mail: bachtiyor.89@mail.ru

УДК: 378

ВОЗРАСТНАЯ ДИНАМИКА ЖИВОЙ МАССЫ ПОДОПЫТНЫХ КОРОВ СИММЕНТАЛЬСКОЙ ПОРОДЫ

Файзуллоев А.П., Рузиев Т.Б.-Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур

Ключевые слова: *возраст, живая масса, коровы, симментальская порода, селекция, молочный тип, молочно-мясной тип, мясо-молочный тип.*

Известно, что молочность коров зависит от живой массы и имеет существенное значение в селекции крупного рогатого скота. Она определяет породность и конституциальные признаки, и характеризует степень развития животных. В последние годы, для всех пород определена оптимальная живая масса коров, при которой достигается высокая молочная продуктивность. Так как симментальская порода, у нас в республику, поступила недавно, учитывая климатические особенности республики, мы хотели определить молочную продуктивность коров, в зависимости от живой массы и их типов.

Коров в хозяйстве ООО «Агросаноат» Турсунзодевского района распределили по типам на три группы: молочную, молочно-мясную и мясомолочную. Из таблицы 1 видно, что живая масса коров внутрипородных типов хоть немного, но, в зависимости от возраста коров, она повышается.

Таблица -1. Возрастная динамика живой массы коров разных внутрипородных типов

Лактация	Тип					
	молочный		молочно-мясной		мясомолочный	
	n	M±m	n	M±m	n	M±m
1	21	598	19	627	20	635
2	32	605	17	639	18	652
3	19	613	18	648	17	661
В среднем		605,3		638,0		652,0

С первой по третью лактации живая масса у коров молочного типа повышалась на 2,5% (от 598 до 613 кг) (Р ≤ 0,95), у коров молочно-мясного типа - на 3,3% (от 627 до 648кг) (Р≤ 0,95) и у коров мясо-молочного типа на - 4,0% (от 635 до 661 кг) (Р≤ 0,95).

У коров мясо-молочного типа живая масса была самой высокой и, в среднем, составила 652, 0 кг, что было больше, по сравнению с молочным типом на 47 кг (7,7%) и молочно –мясным на 14 кг (Р≤0,999), (Р≤0,95).

Живая масса коров мясомолочного типа во второй лактации по сравнению с молочным типом, была больше на 47 кг (Р ≤ 0,999) и по сравнению с молочно-мясным на - 13 кг (Р≤0,95).

Такая закономерность встречается и по 3-ей лактации, разница составляет 48 кг (Р≤0,999) и 13 кг (Р ≤0,95). В среднем, живая масса коров молочного типа составила 605,3 кг,что было меньше по сравнению с молочно-мясным типом,на 32,7 кг (Р≤0,999) и мясомолочным типом на-14 кг (Р≤0,95).

Многие ученые [1,2,3] утверждают, что молочная продуктивность коров зависит от ее живой массы. С этой целью мы попытались установить оптимальные соответствия живой массы и уровня продуктивности коров. Для этого коровы были распределены по величине удоя и живой массе (табл. 2).По проведенным материалам таблицы видно, что основную часть стада составляют коровы молочного типа (41,6%) с удоем 5001-5500 кг и живой массой 580-619 кг.

Таблица 2.- Распределение коров-первотелок молочного типа, с учетом удоя и живой массы

Живая масса	500-539		540-579		580-619		620-659		660-699	
Удой, кг	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%
4000-4500	1	1,65	2	3,33	4	6,66	3	5,02	-	-
4501-5000	1	1,65	1	1,65	5	8,32	3	5.02	1	1,68
5001-5500	-	-	3	4,97	5	8,32	3	5,02	-	-
5501-6000	-	-	-	-	6	9,98	4	6,68	2	3,37
6001-6500	1	1,65	-	-	3	4,99	3	5,02	1	1,68
6501-7000	1	1,65	1	1,65	2	3,33	2	3,34	2	3,37
Итого	4	6,6	7	11,6	25	41,6	18	30,1	6	10,1

Самое меньшее поголовье было среди коров с живой массой 500-539 кг, 4 головы (6,6%) и среди коров с живой массой 660-699 кг -6 голов (10,1 %). Коровы молочного типа в хозяйстве составили 60 голов. Из них 25 голов (41,6%) приходились на коров с живой массой 580-619 кг. У этих коров, 5 голов (8,32 %) с удоем 4500-5000 кг, 5 голов (8,32%) с удоем 5001-5500 кг. Самое большое поголовье 6 голов (9,98%) было среди коров с живой массой 580-619 и удоем 5501-6000 кг. Среди этих коров с удоем 6001-6500 были 3 головы (4,99%) и с удоем 6501-7000 кг - 2 головы (3,33%).

Среди коров молочного типа, на втором месте идут коровы с живой массы 620-659 кг (30,1%) и удоем 5501-6000 кг молока. Надо отметить, что до определенного предела, живая масса повышается, одновременно с повышением продуктивности, а затем продуктивность у коров начинается снижаться.Среди коров с удоем 6001-6500 кг всего 8 коров (13,3 %), наибольшее количество 3 головы (5,02%) среди коров с живой массы 620-659 кг. Коров с удоем 6501-7000 кг в хозяйстве 8 голов, также с живой массой 620-659 кг. Таким образом, можно сказать, что для коров симментальской породы молочного типа продуктивности оптимальная живая масса 600-650 кг. Только при таком весе они дают наибольшее количество молока.

В таблице 3 приведены данные о молочной продуктивности коров молочно-мясного типа. Видно, что по сравнению с коровами молочного типа, коровы молочно-мясного типа были менее продуктивными, при большей живой массе. Среди коров симментальской породы с таким типом было 84 голов

Таблица 3.-Распределение коров-первотелок молочно-мясного типа, с учетом удоя и живой массы

Живая масса	500-539		540-579		580-619		620-659		660-699		700-740	
Удой, кг	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%
4000-4500	2	2,38	3	3,57	4	4,76	3	3,57	4	4,76	12	14,3
4501-5000	2	2,38	2	2,38	3	3,57	4	4,76	3	3,57	11	13,1
5001-5500	-		1	1,19	3	3,57	3	3,57	3	3,57	7	8,33
5501-6000	-		-	-	1	1,19	2	2,38	3	3,57	3	3,57
6001-6500	1	1,19	1	1,19	-	-	1	1,19	1	1,19	-	-
6501-7000	1	1,19	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
Итого	6	7,13	7	8,33	11	13,04	13	15,5	14	16,7	33	39,3

Среди коров молочно-мясного типа, с увеличением живой массы, не наблюдается увеличение удоя. При живой массе коров 700-740 кг 12 голов (14,3%) получила - 4000 до 4500 кг молока, 11 голов (13,1%) - от 4500 до 5000 кг молока. При таком живой массе 7 голов (8,33%) дали от 5001 до 5500 кг и 3 головы (3,57%) дали от 5501 до 6000 кг молока. В дальнейшем, с увеличением живой массы не увеличилась молочная продуктивность.

При живом весе 660-699кг -14 голов (16,7 %) дали молока от от 4000 до 4500 кг- 4 головы (4,76%), от 4501-5000-3 головы (3,57%), от 5001 до 5500-3 головы (3,57%), от 5501-6000кг -3 головы (3,57%). При таком весе только 1 головы дала больше 6000 кг молока. Среди коров этого веса коров с продуктивностью более 6001 кг не встречаются. Наоборот, среди коров с меньшей живой массой встречаются коровы с продуктив-ностью до 7000 кг. Среди коров с живым весом 500-539 кг встречаются 2 головы с продуктивностью от 6001 до 7000 кг молока.

Коров с живой массой 620-659- 13 головы (15,5%) дали от 4000 до 6000 кг молока. Наибольшее количество коров при этом весе 4 головы (4,76 %) дали молока на уровне 4501-5000 кг.Таким образом, можно сказать, что среди коров молочно-мясного типа, с увеличением живой массы не повышается молочная продуктивность.Также мы изучили взаимосвязь живой массы и молочной продуктивностью у коров мясо-молочного типа (табл.4). В стаде, коров с таким типом встречаются 52 головы.

Таблица 4.- Распределение коров-первотелок мясо-молочного типа с учетом удоя и живой массы

Живая масса	500-539		540-579		580-619		620-659		660-699		700-740	
Удой,кг	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%	n	%
4000-4500	-	-	3	5,75	2	3,84	4	7,69	5	9,61	5	9,61
4501-5000	1	1,92	2	3,84	2	3,84	3	5,75	3	5,75	3	5,75
5001-5500	2	3,84	2	3,84	2	3,84	3	5,75	2	3,84	2	3,84
5501-6000	2	3,84	1	1,92	1	1,92	-	-	-	-	-	-
6001-6500	2	3,84	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
6501-7000	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-	-
Итого	7	13,46	8	15,37	7	13,46	10	19,23	10	19,24	10	19,24

Среди коров мясомолочного типа, в основном, большинство коров с увеличением живой массы, повысили молочную продуктивность от 4000 кг до 5001-5500 кг, в дальнейшем, с увеличением живой массы, молочная продуктивность не увеличивалась.

С увеличением живой массы, от основной части стада, с живой массой от 500 до 740 кг 19 голов (36,5%) получили от 4000 до 4500 кг молока, 14 головы (26,9 %) дали от 4501 до 5000 кг, 13 головы (25,0%) дали от 5000 до 5500 кг молока.

Среди коров этого типа, от 620 кг и выше живой массы, не наблюдается повышение молочной продуктивности. Только среди коров с живой массой от 500 до 540 кг было получено больше удоя 6000 кг молока. Таким образом, можно заключить, что среди коров такого типа с увеличением живой массы можно получать удой до уровня 5500 кг молока, после этого с увеличением живой массы удой не увеличивается.

ЛИТЕРАТУРА

1. Горбачев А.Ф. Зависимость продуктивности коров черно-пестрой породы зоны Урала от их живого веса при первом отеле / Горбачев А.Ф.// Труды Уральского НИИ сельского хозяйства, 1976. №11, -С.88-92.
2. Рузиев Т.Б. Живая масса и ее влияние на продуктивность коров / Т.Б. Рузиев, Р.Нодирова, С.С. Сафарализода, Б.Мирзоев, А.Н. Иброхимов //Международной научно-практической конференции: «Решение главных проблем продовольственной безопасности посредством эффективного использования земельных и водных ресурсов в современных условиях». Душанбе. -2024.-С.284-286.
3. Фенченко Н. Влияние различных факторов на молочную продуктивность коров /Фенченко Н., Хайруллина Н., Хусаинов В.// Ж. Зоотехния, 2005, № 4. С.7.

АННОТАТСИЯ

ДИНАМИКАИ ЗИЁДШАВИИ ВАЗНИ ЗИНДАИ МОДАГОВҲОИ ТАҶРИБАВИИ ЗОТИ СИТММЕНТАЛӢ

Вазни зиндаи говҳои типи ширӣ аз давраи якум то сеюм 2,5% (аз 598 то 613 кг) (P ≤ 0,95), дар модаговхои ширю гӯштӣ 3,3% (аз 627 то 648 кг) (P≤0,95) дар модаговҳои гӯштию ширӣ 4,0 % (аз 635 то 661 кг) (P≤0,95) зиёд шудааст. Вазни зиндаи модаговҳои типи гӯштию ширӣ баландтарин буда, ба ҳисоби миёна 652,0 кг-ро ташкил дод, ки нисбат ба типи ширӣ 47 кг (7,7%) (P≤0,999) ва нисбат ба ширию гӯштӣ 14 кг (P≤0,95) зиёд аст. Вазни зиндаи говҳои типи гӯштию ширӣ дар давраи ширдиҳии дуюм назар ба типи ширӣ 47 кг (P ≤ 0,999) ва назар ба типи ширию гӯштӣ 13 кг (P≤0,95) зиёд буд. Ин қонуният дар 3-юм давраи ширдиҳӣ низ нигоҳ дошта мешавад, фарқият 48 кг (P≤0,999) ва 13 кг (P≤0,95) буд. Вазни зиндаи говҳои типи ширӣ ба ҳисоби миёна 605,3 кг-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба типи ширию гӯштӣ 32,7 кг (P≤0,999) ва нисбат ба гӯштиву ширӣ 14 кг (P≤0,95) кам буд. Дар байни модаговҳои типи ширию гӯштӣ ва гӯштию ширӣ ширчӯшӣ бо афзудани вазни зинда ба дараҷаи 5500 килограмм зиёд мешавад, дигар дар баробари зиёд шудани вазни зинда ширдӯшӣ зиёд намешавад.

Калимаҳои асосӣ: *синну сол, вазни зинда, модагов, зоти симменталӣ, селексия, намуди ширӣ, намуди ширию гӯштӣ, намуди гӯштию ширӣ.*

ANNOTATION

AGE-RELATED DYNAMICS OF LIVE WEIGHT OF SIMMENTAL COWS

From the first to the third lactation, the live weight of dairy cows increased by 2.5% (from 598 to 613 kg) (P ≤ 0.95), of dairy-beef cows by 3.3% (from 627 to 648 kg) (P ≤ 0.95) and of meat-dairy cows by 4.0% (from 635 to 661 kg) (P ≤ 0.95). The live weight of meat-dairy cows was the highest and averaged 652.0 kg, which was 47 kg (7.7%) more than the dairy type and 14 kg more than the dairy-beef type (P ≤ 0.999), (P ≤ 0.95). The live weight of dairy and beef cows in the second lactation was 47 kg (P ≤ 0.999) higher than that of dairy cows and 13 kg (P ≤ 0.95) higher than that of dairy and beef cows. This pattern is also observed in the third lactation, the difference is 48 kg (P ≤ 0.999) and 13 kg (P ≤ 0.95). On average, the live weight of dairy cows was 605.3 kg, which was 32.7 kg (P≤0.999) less than the dairy-meat type and 14 kg (P≤0.95) less than the meat type. Among dairy-meat and meat type cows, with an increase in live weight, milk yield increases to 5500 kg, and then with an increase in live weight, milk yield does not increase.

Key words: *age, live weight, cows, Simmental breed, selection, dairy type, dairy and meat type, meat and dairy type.*

Сведения об авторах:

Файзуллоев Абдувосит Атабоевич-докторант, кандидат сельскохозяйственных наук Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146 телефон: (+992) 909997945

Рузиев Туйчи Бадалович-профессор Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур, 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146 телефон: (+992) 935655501. E-mail: tuychi.ruziev@mail.ru

Information about the authors:

Fayzulloev Abduvosit Ataboevich-doctorate, candidate of agricultural sciences of the Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur. 734003. 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, Tajikistan phone: (+992) 909997945

Ruziev Tuichi Badalovich - Professor of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur, 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146 phone: (+992) 935655501. E-mail: tuychi.ruziev@mail.ru

ТДУ639.311 (575.1)(075)

ПОЛИКУЛТУРА - РОҲИ АСОСИИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ КӮЛҲО ВА ЗИЁД НАМУДАНИ ИСТЕҲСОЛИ МОҲӢ

Тешаева М.З., Рачабов Ф.М., Азизов Ф.Ф., Юсупов А.Я.-

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *моҳӣ, поликултура, парвариш, вазни моҳӣ, вазнафзункунии мутлақ, вазнафзункунии якшабонарӯза, маҳсулнокӣ.*

Дар миёни маҳсулотҳои ғизои моҳиҳо ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Гӯшти моҳӣ нисбати маҳсулотҳои чорводорӣ, парандапарварӣ ва дигар намуди ҳайвонот аз ҷиҳати ғизонокӣ бой буда ва онро инсон ҳамчун манбаи асосии ғизо истифода мебарад. Бинобар ҳамин, маҳсулоти моҳигӣ ва ғизоҳои аз он тайёр карда шуда, барои инсон ҳамчун хӯроки парҳезӣ ва дорои микроэлеменҳо ва витаминҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ҳолати зиёд намудани истеҳсоли моҳӣ бо истифодаи усули интенсивӣ ва зичии зиёди моҳиҳо дар кӯлҳо, хӯронидани моҳиҳо бо хӯрокҳои серғизои сунъӣ дар поликултура мо метавонем рушди соҳаи моҳипарвариро аз рӯйи талабот ба роҳ монем [2, 4].

Истифодаи пурраи базаи хӯрокаи табиӣ ва зиёд намудани маҳсулнокии кӯлҳо дар моҳипарварӣ ин дар як манбаи парваришӣ парвариш намудани намудҳои гуногуни моҳиҳо вобаста ба синну сол мебошад. Дар шароити хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ усули парвариши моҳиҳои растанихӯр бо капурмоҳиҳо дар поликултура паҳн шудааст. Парвариши капурҳо дар поликултура бо дигар намудҳои моҳиҳо имконият медиҳад, ки пурра манбаъҳои ғизоии сунъӣ ва табиии кӯлҳо истифода шаванд.Таҳқиқотҳо барои зиёд намудани маҳсулнокии кӯлҳо ва самаранокии парвариши моҳиҳои алафхӯр дар поликултура бо капур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номукаммал омӯхта шудааст. Барои ҳамин ҳам, коркарди самаранокии технологияи парвариши моҳиҳо дар кӯл мавзуи ҳозиразамон ҳисоб шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад [4].

Таҳқиқотҳо дар кӯлҳои моҳипарварии хоҷагии таълимӣ таҷрибавии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар шаҳри Ҳисор гузаронида шудааст. Барои натиҷагирӣ дар моҳи апрел моҳии капури яксола 2000 дона, пешонағафси ало 2000 дона, амури сафед 1000 дона ба ҳисоби миёна 20 – 25 г дар кӯл оварда сард дода шудаанд.

Кӯлҳои моҳипарварӣ бо моддаҳои минералӣ ва органикӣ бо усули умумӣ қабулкардашуда истифода намуда таркиби оби кӯлҳоро аз моддаҳои зарурӣ бой намудем. Барои парвариши моҳиҳо ғизои иловагӣ ҳамроҳ карда шуд. Ҳар ҳафта моҳиҳоро барои омӯзиш сайди назорати гузаронида

шуда дараҷаи вазнафзункунии онҳо муайян карда мешуд, инчунин коркарди биометрии маводҳои таҳқиқотӣ гузаронида шуда аз натиҷааш маълумотҳо омода карда шудаанд [1,3].

Моҳиҳои хӯрокхӯр бо хӯрокҳои серғизои ғелакардашуда хӯронида шудаанд, ки таркиби он дар ҷадвали 1 оварда мешавад.

Ҷадвали 1.- Рӯйхати комбикормҳо барои парвариши капурҳо,%

Намуди хӯрокҳо	Моҳичаҳои то 1 сола	Моҳичаҳои 2 сола
Ҷӯворимакка	12	11
Гандум	10	8
Ҷав	17	12
Нахуд	15	21
Донаи пахтаи майдашуда	20	28
Гандуми майдакардашуда	16	12
Орди моҳӣ	5	4
Хамиртуруши ғизоӣ	4	3
Бур	1	1

Меъёри хӯронидани комбикорм ба капурҳо вобаста ба талаботи истифодаи хӯрок дар як шабонарӯз ва ҳар даҳрӯза дар ҳолати пурра истифодаи хӯрок аз рӯи талабот бо назардошти ҳарорати об муайян карда шуд. Ҳамин тавр, бо мақсади таъмин кардани ҳолати гулкунии «цветение» об ҳар ҳафта аз рӯйи меъёр нуриҳои минералӣ 5 кг селитри аммиак + 5 кг суперфосфат ба кӯлҳо ворид намудем, ки дараҷаи тағйирёбии ранги обро таъмин намуда, инкишофи организмҳои обиро дар давоми ҳафта таъмин мекард. Ҳамзамон, барои зиёд шудани маҳсулнокии ҷонварони обӣ ба монанди зоопланктонҳо нуриҳои органикӣ ба намуди пору илова кардан лозим аст [3].

Дар давраи гузаронидани таҳқиқот инкишоф ва биомассаи фитопланктон омӯхта шуд ва натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки нишондиҳандаҳо нисбати моҳҳои аввали мавсими парвариш тағйир ёфтааст, зеро дар моҳи май – 5,8 г/м^3-ро ташкил карда бошад, дар моҳи июн ин нишондиҳандаҳо - 8,3 г/м^3-ро ташкил дод.Чунин қонуният дар вақти назорати инкишоф ва биомассаи зоопланктон дар моҳи май мушоҳида карда шуд, ки он 12,9 г/м^3, дар моҳи июн -17,4 г/м^3 ва дар июл -15,6 г/м^3-ро ташкил намуд ва оғоз аз моҳи август ва сентябр паст шудани нишондиҳандаҳо мушоҳида карда шуд, чунки 8,2 ва 4,3 г/м^3-ро ташкил намуд. Дар таркиби зоопланктонҳои кӯлҳои таҳқиқотӣ миқдори зиёди харчангҳои белпой, шохчамӯйлабдорон ва кирминаи хирономидҳо будаанд. Дар давраи инкишофи моҳиҳо хусусиятҳои хоси поликултура қайд карда шудааст, тавсифи хусусиятҳои моҳипарварӣ дар маҳалҳои иқлимаш гарм нишон дода шуд. Давраи инкишофи моҳиҳо 212 рӯзро ташкил дода ва вазни миёнаи капурмоҳиҳо - 19,7г, амури сафед - 24,2 г, пешонағафси ало - 17,4 г-ро ташкил мекард.

Дар давраи парвариш инкишофи расиши ҳамаи намудҳои моҳиҳо дар моҳҳои июн, июл ва август қайд карда шудааст. Ин аз ҳарорати об вобаста буда, нишондиҳандаҳои баланд дар ҳамаи моҳиҳо нишон дода шудааст (27,6 - 29,1^{0}С) аз моҳи сентябр паст фаромадани суръати инкишофи моҳиҳо дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. - Тағйирёбии вазни моҳиҳо дар муддати мавсими баҳор

Моҳҳои сайди моҳиҳо	Капур	Амури сафед	Пешонағафси ало
Апрел	19,7±1,21	24,2±2,06	17,4±0,96
Май	119,1±6,04	415,9±17,68	182,7±13,42
Июн	258,2±19,02	964,2±64,01	414,1±21,28
Июл	429,8±28,74	1640,7±112,35	699,7±38,92
Август	589,3±41,31	2269,5±159,06	965,2±50,85
Сентябр	711,2±54,80	2749,9±173,84	1167,9±69,44
Октябр	818,6±72,24	3173,8±211,26	1347,0±98,58
Ноябр	908,4±87,46	3527,6±223,04	1496,3±122,72

Қонунияти тағйирёбии вазни моҳиҳои парваришӣ дар мавсими баҳор айёни нишондиҳандаҳои инкишофи шабонарӯзии он, вазни онҳо нишон дода шудааст. Вазни зиндаи инкишофи ҳамаи намудҳои моҳиҳо дар моҳҳои июн, июл ва август нишон дода шудааст.

Дар раванди парвариш хусусиятҳои инкишофи намудҳои моҳӣ мушоҳида карда шуд. Ҳамин тавр, инкишофи шабонарӯзии амури сафед ва аз ҳама инкишофи паст дар моҳиҳои капур муайян карда шуд. Инкишофи моҳии пешонағафси ало бошад аҳамияти мобайнӣ дошт. Дар муддати кӯтоҳи парвариш моҳиҳо вазн афзун карданд ва дар моҳи ноябр вазни онҳо муайян карда шуданд.

Ҷадвали 3. - Нишондиҳандаҳои биологии парвариши моҳиҳо дар поликултура

Нишондиҳандаҳо	Капур	Амури сафед	Пешонағафси ало
Вазни миёна ва аввали моҳиҳо, г	19,7±1,21	24,2±2,06	17,4±0,96
Вазни миёна ва охири моҳиҳо, г	908,4±87,4	3527,6±223,0	1496,3±122,7
Инкишофи мутлақи онҳо, г	888,7	3503,4	1478,9
Инкишофи шабонарӯзи моҳиҳо, г	4,19	16,52	6,98
Зинда мондани моҳиҳо %	89	91	87
Маҳсулоти с/га	4,52	9,11	7,43

Сайди зиёди моҳиҳо дар моҳи ноябр нишон дод, ки капури 2-сола, ба ҳисоби миёна 908г, пешонаґафси ало 1496 г ва амури сафед 3527 г-ро ташкил дод. Вазни максималии капур 1,24 кг; амури сафед 4,86 кг; пешонаґафси ало 1,93 кг-ро ташкил доданд.

Омилҳои зинда мондани амури сафед нисбатан баланд буда 91%, пешонаґафси ало ва капур нисбатан пасттар буда, мутаносибан 87 ва 89% - ро ташкил кардаанд.

Инкишофи мутлақи миёнаи шабонарӯзии инкишофи моҳӣ нисбатан баланд, дар амури сафед мутаносибан 3503 ва 16,52 г-ро ташкил кард. Ин ба таъсири базаи хӯрока ва реҷаи химияви об дар кӯл вобаста аст. Дар ҷойи дуюм пешонаґафси ало буда вазни мутлақи он 1479 г ва шабонарӯзии он 6,98 г – ро ташкил кард. Нишондиҳандаҳои инкишоф дар капурҳо 889 ва 4,19г, мушоҳида карда шудааст.

Парвариши моҳиҳои растанихӯр дар якҷоягӣ бо капур имконият доданд, ки базаи хӯрокии кӯлҳо пурра истифода карда, аз ҳисоби моҳиҳои растанихӯр маҳсулоти иловагӣ ба даст оварда шавад. Инчунин, маҳсулнокии умуми моҳипарварӣ дар кӯлҳо то 21,06 с\г баланд бардошта шуд.

Самаранокии иқтисодии парвариши моҳиҳои растанихӯр дар поликултура дар якҷоягӣ бо капур 46,1-50,8 ҳазор сомониро ташкил дода, ба як дона моҳӣ 10,8 ва 11,5 сомонӣ рост меояд, даромади истеҳсоли моҳиҳои молӣ 51,4-56,1%-ро ташкил кард. Ҳамин тавр натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки имконияти парвариши капурҳо бо моҳиҳои растанихӯр дар поликултура бо истифодаи ғизои майдакардашуда имконият медиҳад, ки базаи хӯрокаи табиӣ пурра истифода карда шуда, базаи хӯрокаи кӯлҳо ва моҳипарварӣ дар кӯлҳо баланд бардошта шавад.

АДАБИЁТ

1. Агеец В.Ю. Возможности инновационного развития и научное обеспечение аквакультуры в Республике Беларусь / В.Ю. Агеец // Рыбоводство и рыбное хозяйство. – 2016. - № 10. – С. 33-40.
2. Ба Мохамед Ламин. Эколого-биологическое обоснование выращивания растительноядных рыб в поликультуре с другими объектами / Ба Мохамед Ламин // Автореферат дисс… кандидата биологических наук. – Астрахань, 2004. – 24 с.
3. Виноградов В.К. Перспективы использования поликультуры растительноядных рыб в прудовом рыбоводстве и для рыбохозяйственного освоения водохранилищ, озер и других водоемов / В.К. Виноградов // Прудовое рыбоводство СССР. - М., 1968. - С. 126-130.
4. Ҳаитов А. Технологияи интенсивии моҳипарварӣ / Хаитов А., Азизов Ф.Ф., Шарипов М.А., Тешаева М.З.// Матбааи «Нашри Файз». -Душанбе, 2018. -336 с.

АННОТАЦИЯ

ОПЫТ ВЫРАЩИВАНИЯ РАСТИТЕЛЬНОЯДНЫХ РЫБ В ПОЛИКУЛЬТУРЕ С КАРПОМ

В статье изложены результаты исследований по изучению эффективности выращивания растительноядных рыб в поликультуре с карпом. Установлено возможности выращивания товарного карпа с белым амуром и белым толстолобиком в поликультуре, что дает возможность максимально использовать естественную кормовую базу прудов и повысить их рыбопродуктивность.

Ключевые слова: *рыба, поликультура, выращивание, масса рыбы, абсолютный прирост, среднесуточный прирост, рыбопродуктивность.*

ANNOTATION

EXPERIENCE OF GROWING HERBIVOROUS FISH IN POLYCULTURE WITH CARP

The article presents the results of studies on the effectiveness of cultivation of herbivorous fish in polyculture with carp. The possibility of cultivation of marketable carp and white cupids and white carp in polyculture, which allows maximum use of the natural forage ponds and increase their fish production.

Key words: *fish, polyculture cultivation, plenty of fish, pure gain, average daily gain, fish productivity.*

Сведения об авторах:

Тешаева Мадина Зокировна–соискатель кафедры ихтиологии и физиологии сельскохозяйственных животных Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. e-mail:madina.zokirovna@mail.ru. +992919168433;

Раджабов Фарход Меликбоевич-доктор сельскохозяйственных наук, профессор кафедры технология переработки продуктов животноводства и кормления животных Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146, e-mail: rajabov-65@mail.ru тел.: +992907911201;

Азизов Фарух Фатҳуллоевич–кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры ихтиологии и физиологии сельскохозяйственных животных Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. e-mail: azizov.farukh@mail.ru. тел.: +992936003538;

Юсупов Абдурауф Якубович–кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры ихтиологии и физиологии сельскохозяйственных животных Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146. тел.: +992918767118;

Information about the authors:

Teschaeva Madina Zokiriovna- applicant of the department ichthyology in physiology of the agricultural animal of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146, e-mail: madina.zokirovna@mail.ru tel.: +992919168433;

Rajabov Farhod Melikboevich-Doctor of Agricultural Sciences, Professor of the Department of Technology of Processing of Livestock Products and Animal Feeding of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146,, e-mail: rajabov-65@mail.ru tel.: 907911201;

Azizov Farukh Fathulloevich- condidat of agricultural sciences, associate professor of the department ichthyology in physiology of the agricultural animal of the TAU named after Sh. Shotemur, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146, e-mail: azizov.farukh@mail.ru. tel.: +992936003538;

Ysupov Abdurauf Yakubovich- condidat of agricultural sciences, associate professor of the department ichthyology in physiology of

the agricultural animal of the TAU named after Sh. Shotemur, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146, tel.: +992918767118;

ТДУ 636.2.084.4

ОМӮЗИШИ МУҚОИСПАИИ ТАЪСИРИ КУНҶОРАИ ЗИРОАТҲОИ ГУНОГУНИ РАВҒАНДИҲАНДА БА ТАРКИБИ ХИМИЯВИИ ШИРИ МОДАГОВҲОИ ЗОТИ СИММЕНТАЛӢ

Азизов П.М.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *модаговҳо, хӯронидан, кунҷораи пахта, кунҷораи заҒир, кунҷораи маъсар, таркиби шир*.

Шир барои инсон маҳсулоти ҒизоИи пурарзиш буда, истеъмоли он ҳамеша меафзояд. Вобаста ба ин, зиёд намудани истеҳсоли шир ва маҳсулотҳои ширӣ яке аз маҳаки асосии таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад.

Таркиби химиявии шир бисёр мураккаб буда, дар он зиёда аз 100 намуд моддаҳои гуногун мавҷуд аст. Дар таркиби шир ҳамаи моддаҳои барои организми инсон зарур ба монанди сафедаҳо, равҒан, карбогидратҳо, намакҳои минералӣ, витаминҳо мавҷуд аст. Ин моддаҳо ба осонӣ ва ба пуррагӣ дар организм ҳазм ва аз худ карда мешаванд [1-4].

Таркиби химиявии шир таҒйирёбанда буда, аз шароити хӯронидан вобастагии асосӣ дорад. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки тартиб додани ратсионҳои хӯронидани чорво ва ретсептҳои омехтаи хӯроки серҒизо дар асоси манбаъҳои хӯрокии маҳаллӣ, имкониятҳои хӯрокии минтақаҳои алоҳида ва ҳатто хоҷагиҳо, таркиб ва ҒизонокиИ хӯрокҳои истифодашаванда аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар кишварамон барои истеҳсоли равҒани растанӣ чигити пахта, тухми заҒир ва маъсарро истифода мебаранд. Баъди аз онҳо кашида гирифтани равҒан кунҷора ва шрот боқӣ мемонад, ки онҳо барои чорво хӯрокҳои ҒизонокиИ энергитикиашон баланд ва серсафеда мебошанд. Вале, то ҳол доир ба омӯзиши таъсири онҳо ба таркиби химиявии шири модаговҳо таҳқиқот гузаронида нашудааст. Бинобар ин, мақсади таҳқиқоти мо аз омӯзиши муқоисавии таъсири кунҷораи зироатҳои гуногуни равҒандиҳанда ба таркиби химиявии шири модаговҳои зоти симменталӣ дар шароити ҶДММ ба номи “Л. Муродов”-и шаҳри Ҳисор иборат буд.

Таҷрибаҳои илмию хоҷагӣ дар давраи тобистон ва зимистон гузаронида шудаанд. Барои таҷрибаи якум 40 сар, таҷрибаи дуюм 44 сар модагов интихоб карда шуд. Чорвои интихобшуда ба 4 гурӯҳ ҷудо карда шуд: дар таҷрибаи якум 10 сарӣ ва дар таҷрибаи дуюм 11 сарӣ. Таҷрибаи якуми илмию хоҷагӣ аз 11-уми июл то 22-юми октябри соли 2023, таҷрибаи дуюм бошад аз 3-юми декабри соли 2023 то 12-уми апрели соли 2024 гузаронида шуд. Давомнокии давраи баҳисобгирии таҷрибаи 1-ум 104 рӯз ва таҷрибаи 2-юм 132 рӯзро ташкил дод. Гурӯҳҳои чорвои назоратӣ ва таҷрибавӣ аз рӯйи усули ҷуфт-аналогҳо бо дарназардошти зот, синну сол, вазни зинда, ҳолати сиҳатӣ, шумораи давраи ширдиҳӣ, вақти зоиш ва бордоркунӣ, ширҷӯшии якшабонарӯза, равҒаннокии шир тартиб дода шуданд.

Пеш аз оғози таҷрибаҳо бо дарназардошти таркиби химиявӣ ва ҒизонокиИ ҳақиқии хӯрокҳои хоҷагӣ 4 ретсепти омехтаи хӯроки серҒизо тартиб додем. Ретсепти № 1 назоратӣ буд, дар таркибаш кунҷора надошт ва аз 35% ҷуворимакка, 20% ҷав, 15% сулӣ, 29% сабуси гандум ва 1% иловаҳои минералӣ иборат буд. Ба таркиби ретсептҳои № 2, № 3 ва № 4 ба ивази 5% ҷуворимакка, 5% ҷав ва 5% сулӣ мутаносибан ба ретсептҳо 15% кунҷораи пахта, кунҷораи заҒир ва кунҷораи маъсар ворид карда шуд.

ҒизонокиИ энергетикӣ ва минералии ретсептҳои гуногуни омехтаи хӯроки серҒизо таҚрибан якхела буданд. Дохил кардани кунҷораи зироатҳои гуногуни равҒандиҳанда ба таркиби омехтаи хӯроки серҒизо ба ивази хӯрокҳои Ғаллагӣ имкон дод, ки ҒизонокиИ протеинӣ ва равҒанИи онҳо баланд шавад: миқдори протеини хом 33,6-42,8 г/кг ё 29,8-37,9%, равҒани 6,9-10,9 г/кг ё 21,6-34,2% зиёд шуд. Дар 1 кг ретсепти омехтаи хӯроки серҒизои назоратӣ (бе кунҷора) миқдори равҒан 31,9 г, протеини ҳазмшванда 79,0 г ва протеини хом 112,9 г, дар ретсептҳои таҷрибавӣ (бо кунҷора) мутаносибан 38,8-42,8; 104,6-115,3 ва 146,5-155,7 г мавҷуд буд.

Мувофиқи нақшаи таҷриба модаговҳои гурӯҳи 1-уми назоратӣ аз рӯйи ратсиони хоҷагӣ, ки омехтаи хӯроки серҒизои онҳо кунҷора надошт хӯронида шуданд. Дар ратсиони модаговҳои гурӯҳҳои 2-юм, 3-юм ва 4-ми таҷрибавӣ мутаносибан ба гурӯҳҳо ба таркиби омехтаи хӯроки серҒизои онҳо кунҷораи пахта, заҒир ва маъсар ворид намудем.

Ратсионҳои хӯронидани модаговҳои зери таҷриба қарор дошта дар давраи таҷриба ба ҳисоби миёна дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Дар хӯронидани модаговҳои зоти симменталӣ истифодаи намудҳои гуногуни кунҷора ба беҳтар шудани таркиби химиявии шири онҳо мусоидат намуд, аммо таъсири онҳо якхела набуд (ҷадвали 2). Ба ҳисоби миёна дар давраи таҷрибаи 1-ум ратсиони хӯронидани якшабонарӯзаи модаговҳои ҳамаи гурӯҳҳо аз 30 кг ҷуворимаккаи сабз, 23 кг юнучқаи сабз, 6 кг лаблабуи хӯрокӣ, инчунин аз 4 кг омехтаи хӯроки серҒизо иборат буд.

Ҷадвали 1. - Ратсионҳои хӯронидани модаговҳо

Нишондиҳанда	Гурӯҳҳо			
	1-ум	2-юм	3-юм	4-ум
Таҷрибаи 1-ум				
Хӯрокҳо, кг:				
ҷуворимаккаи сабз	30	30	30	30
юнучқаи сабз	23	23	23	23
лаблабуи хӯрокӣ	6	6	6	6
омехтаи хӯроки серғизо	4	4	4	4
Дар ратсион мавҷуд аст:				
ВХС	15,25	15,25	15,37	15,30
ВХЭ	16,84	16,88	16,92	16,88
моддаи хушк, кг	17,21	17,25	17,25	17,25
протеини хом, г	2115,6	2286,8	2259,6	2250,0
протеини ҳазмшаванда, г	1589,0	1734,3	1703,0	1691,4
равғани хом, г	634,6	662,2	678,2	670,6
клетчаткаи хом, г	3609,4	3663,0	3643,8	3651,4
крахмал, г	1634,7	1372,7	1376,3	1362,3
қанд, г	1792,4	1820,0	1805,6	1777,2
Протеини ҳазмшаванда ба 1 ВХС, г	104,2	113,7	110,8	110,5
Протеини ҳазмшаванда ба 1 ВХЭ, г	94,4	102,7	100,6	100,2
Таносуби қанду протеин	1,13	1,05	1,06	1,05
Таносуби Са ба Р	1,52	1,47	1,48	1,51
Таҷрибаи 2-юм				
Хӯрокҳо, кг:				
бедаи юнучқа	3	3	3	3
коҳи гандум	2	2	2	2
тарбедаи юнучқа	10	10	10	10
силоси ҷуворимакка	18	18	18	18
лаблабуи қандӣ	8	8	8	8
омехтаи хӯроки серғизо	4	4	4	4
Дар ратсион мавҷуд аст:				
ВХС	14,57	14,57	14,69	14,61
ВХЭ	16,76	16,80	16,84	16,80
моддаи хушк, кг	14,48	14,41	14,38	14,36
протеини хом, г	2345,6	2516,8	2489,6	2480,0
протеини ҳазмшаванда, г	1582,0	1727,3	1696,0	1684,4
равған, г	522,6	550,2	566,2	558,6
клетчатка, г	4516,4	4570	4550,8	4558,4
крахмал, г	1718	1456	1459,6	1445,6
қанд, г	1473,0	1500,6	1486,2	1457,8
Протеини ҳазмшаванда ба 1 ВХС, г	108,6	118,5	115,4	115,3
Протеини ҳазмшаванда ба 1 ВХЭ, г	94,4	102,8	100,7	100,3
Таносуби қанд нисбат ба протеин	0,93	0,87	0,88	0,86
Таносуби Са нисбат ба Р	1,70	1,66	1,66	1,70

Дар ратсиони модаговҳои гурӯҳҳои 2-юм, 3-юм ва 4-ум миқдори протеини хом 171; 144 ва 136 г афзуд. Протеини ҳазмшаванда дар ратсиони гурӯҳҳои номбурда мутаносибан ба миқдори 145; 114 ва 102 г, равған ба миқдори 27,6; 43,6 ва 36,0 г нисбат ба гурӯҳи 1-ум зиёд гардид. Миқдори клетчатка дар гурӯҳи назоратӣ нисбат ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ 34-54 г кам буд.

Дар таҷрибаи 2-юм ратсиони якшабонарӯзаи модаговҳои ҳамаи гурӯҳҳо аз 3 кг бедаи юнучқа, 2 кг коҳи гандум, 10 кг тарбедаи юнучқа, 18 кг силоси ҷуворимакка, 8 кг лаблабӯи қандӣ ва 4 кг омехтаи хӯроки серғизо иборат буд. Аз ҳисоби ба таркиби омехтаи хӯроки серғизо ворид намудани кунҷора миқдори протеини хом дар ратсиони модаговҳои гурӯҳҳои 2-юм, 3-юм ва 4-ум 134-171 г, протеини ҳазмшаванда - 102-145 г, равған - 27-43 г нисбат ба гурӯҳи 1-ум зиёд гардид. Дар ҳар ду таҷрибаҳои илмию хоҷагӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои воҳиди хӯрокии сулӣ ва энергетикӣ, миқдори қанд, крахмал ва моддаҳои минаралии ратсионҳои хӯронидани модаговҳои гурӯҳҳои гуногун фарқияти назаррас дида намешуд ва ҳама нишондиҳандаҳо тақрибан якхела буданд. Консентратсияи моддаҳои ғизонок ва воҳиди хӯрокии энергетикии ратсиони модаговҳои гурӯҳҳои гуногун фарқияте надоштанд ва ин нишондиҳандаҳо дар ҳамаи гурӯҳҳо тақрибан якхела буданд.

Таҳлили қисмҳои таркибии шир дар таҷрибаи 1-ум нишон дод, ки дар шири модаговҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ равған ба миқдори 0,07-0,14%, сафеда - 0,06-0,10%, боқимондаи шири хушки беравған (БШХБ) - 0,08-0,15% ва моддаи хушк - 0,15-0,29% зиёд шуд (P>0,95). Дар таҷрибаи 2-юм низ бартарии модаговҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ мушоҳида гардид. Миқдори равған дар шири модаговҳои гурӯҳҳои 2-юм, 3-юм ва 4-уми таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи 1-уми назоратӣ мутаносибан ба андозаи 0,09; 0,11 ва 0,07%, сафедаи умумӣ - 0,11; 0,09 ва 0,07%, боқимондаи шири

хушки беравгаи - 0,14; 0,13 ва 0,09% (P>0,95), миқдори моддаи хушк - 0,23; 0,24 ва 0,16% (P>0,99) зиёд буд.

Ҷадвали 2 - Таркиби химиявии шири модаговҳо ба ҳисоби миёна дар давраи таҷриба

Нишондиҳанда	Гурӯҳ			
	1-ум	2-юм	3-юм	4-ум
Таҷрибаи 1-ум				
Равган, %	3,74±0,14	3,85±0,16	3,88±0,14	3,81±0,11
Сафеда, %	3,21±0,09	3,29±0,10	3,31±0,13	3,27±0,08
Қанд, %	4,51±0,01	4,53±0,01	4,54±0,02	4,52±0,01
Хокистар, %	0,73±0,02	0,75±0,03	0,75±0,02	0,74±0,02
БШХБ, %	8,45±0,14	8,57±0,18	8,60±0,17	8,53±0,16
Моддаи хушк, %	12,19±0,17	12,42±0,21	12,48±0,24	12,34±0,19
Калтсий, мг%	118,9±3,14	120,2±2,87	121,6±3,38	119,3±2,37
Фосфор, мг%	96,1±2,88	96,8±3,04	97,3±2,72	96,5±2,65
Таҷрибаи 2-юм				
Равган, %	3,86±0,21	3,95±0,27	3,97±0,25	3,93±0,23
Сафеда, %	3,27±0,10	3,38±0,09	3,36±0,10	3,34±0,08
Қанд, %	4,63±0,02	4,65±0,02	4,66±0,02	4,65±0,02
Хокистар, %	0,76±0,01	0,77±0,02	0,77±0,01	0,76±0,01
БШХБ, %	8,66±0,13	8,80±0,16	8,79±0,20	8,75±0,17
Моддаи хушк, %	12,52±0,17	12,75±0,26	12,76±0,22	12,68±0,23
Калтсий, мг%	123,1±2,68	124,1±2,76	123,6±3,27	125,2±3,34
Фосфор, мг%	97,7±2,45	98,5±2,91	99,2±3,18	98,8±2,90

Дар ҳар ду таҷриба аз рӯйи миқдори қанд, калтсий, ва фосфор миёни модаговҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ фарқияти калон ба қайд гирифта нашудааст. Аз рӯйи таркиби химиявӣ шири модаговҳои гурӯҳи 3-юми таҷрибавӣ, ки ба онҳо омехтаи хӯроки серғизо бо кунҷораи заҒир хӯронида шуда буд, нисбатан беҳтар буд. Дар шири модаговҳои ин гурӯҳ миқдори равган, сафеда, қанд, БШХБ ва миқдори моддаи хушк зиёд буд. Ҷойи дуюмро аз рӯйи таркиби химиявӣ модаговҳои гурӯҳи 2-юми таҷрибавӣ, ки ба омехтаи хӯроки серғизои онҳо кунҷораи пахта ворид карда шуда буд, ишғол намуд. Нишондиҳандаҳои нисбатан пасттар дар таркиби шири модаговҳои гурӯҳи 1-уми назоратӣ ба қайд гирифта шуд. Чунки ба таркиби омехтаи хӯроки серғизои онҳо кунҷора илова карда нашуда буд. Аз рӯйи таркиби химиявӣ шири модаговҳои гурӯҳи 4-уми таҷрибавӣ, ки ба онҳо кунҷораи маъсар дода шуда буд аз шири модаговҳои гурӯҳи 1-ум бартарӣ доштанд. Аммо аз шири модаговҳои гурӯҳи 2-юм ва 3-юм пасттар буд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҷрибаҳои гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки истифодаи кунҷораи зироатҳои гуногун дар хӯронидани модаговҳо таркиби химиявии ширро беҳтар мекунад. Шири таркиби химиявиаш нисбатан беҳтар аз модаговҳое гирифта шуд, ки ба онҳо кунҷораи заҒир ва пахта хӯронида шуда буд. Аз рӯйи таркиби химиявӣ шири модаговҳое, ки ба онҳо кунҷораи маъсар дода шуда буд, нисбат ба онҳое, ки кунҷораи заҒир ва пахта хӯронида шуда буданд пасттар, вале аз гурӯҳи назоратӣ афзалият доштанд.

АДАБИЁТ

1. Барабанщиков, Н.В. Молочное дело / Н.В. Барабанщиков. – М.: Колос, 1990. - 414 с.
2. Горлов, И.Ф. Профилактика обмена веществ у коров / И.Ф. Горлов, В.В. Безбородин // Зоотехния. -1998. - № 12. - С. 15-17.
3. Заболотнов, Л.А. Сбалансированное кормление высокопродуктивных коров (справочное руководство) / Л.А. Заболотнов, С.Г. Кузнецов, В.Т. Виноградова, И.А. Баранова, П.В. Матющенко. – М.: ЗАО «Новые печатные технологии», – Боровск, 2013. – 246 с.
4. Зеленков, П.И. Скотоводство / П.И. Зеленков, А.И. Баранников, А.П. Зеленков. - Ростов на Дону: «Феникс», 2005. - С. 81, 97-98, 221.

АННОТАЦИЯ

СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИЗУЧЕНИЕ ВЛИЯНИЯ ЖМЫХА РАЗЛИЧНЫХ МАСЛИЧНЫХ КУЛЬТУР НА ХИМИЧЕСКИЙ СОСТАВ МОЛОКА КОРОВ СИММЕНТАЛЬСКОЙ ПОРОДЫ

В статье изложены результаты исследований по изучению влияния жмыха хлопчатника, льна и рапса в составе комбикормов на химический состав молока коров симментальской породы. Установлено, что включение в состав комбикорма жмыха различных масличных культур в количестве 15% взамен зерновых кормов способствует увеличению в молоке содержание жира, белка, сухого обезжиренного молочного остатка и сухого вещества. По содержанию сахара, кальция и фосфора между группами не отмечено существенных различий.

Ключевые слова: *коровы, кормление, хлопчатниковый жмых, льняной жмых, рапсовый жмых, состав молока.*

ANNOTATION

COMPARATIVE STUDY OF THE OF CAKE FROM VARIOU OIL SEED CROPS ON THE CHEMICAL COMPOSITION OF MILK OF SIMMENTAL BREED COWS

The article presents the results of studies on the influence of cotton, flax and rapeseed cake in feed on the chemical composition of milk from Simmental cows. It has been established that the inclusion of cake of various oilseeds in the composition of feed in an amount of 15% instead of grain feed helps to increase the content of fat, protein, dry skim milk residue and dry matter in milk. There were no significant differences between the groups in the content of sugar, calcium and phosphorus.

Key words: *cows, feeding, cotton cake, flax cake, rapeseed cake, milk composition.*

Сведения об авторе:

Азизов Парвиз Маджидович - соискатель кафедры технологии переработки продуктов животноводства и кормления животных Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур, 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146, e-mail: parviz.azizov.93@list.ru, тел.:(+992) 901611906.

Information about the author:

Azizov Parviz Majidovich - applicant of the department of technology of processing livestock products and animal feeding, Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146, e-mail: parviz.azizov.93@list.ru, tel.: (+992) 901611906.

ТДУ: 547.9+61

СИНТЕЗИ ПЕНТАПЕПТИДИ H-Arg-Lis-Asp-Val-Pro-OH ВА ХОСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ ОН

Касирова А.Н., Бандаев С.Г.,Бобиев Х.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Калимаҳои асосӣ: *тимопентин, аминокислотҳо, пептидҳо, эфири пентафторфенилӣ, дипентафторфенилкарбонат, конденсатсия.*

Дар замони муосир, роҳу усулҳои химиявӣ барои тарҳрезии биокатализаторҳои синтетикӣ, ки самти дурнамои таҳқиқот мебошанд, дар инкишофи полимерҳо, пайвасткунандаҳо, гурӯҳҳои ҳимояшудаи баргарданда ва методҳои фаъолсозии бандҳои ковалентӣ нақши муҳим бозида, барои пешравии таҳқиқотҳо дар соҳаи пептидҳо ва сафедаҳо мусоидат менамояд.

Методи мазкур барои синтез кардани пептидҳои хурд, ки дорои якчанд боқимондаҳои аминокислотагӣ мебошанд, истифода мешавад. Бартарии асосии ин метод дар он аст, ки маҳсулотҳои иловагии ҳосилшуда пас аз ҳар як зинаи синтез, ҷудо ва аз нав тоза кардашуда онро барои аз нав пайвастшавии такрорӣ истифода мебаранд. Аз онҳо метавонанд пептидҳои калони дилхоҳи пайдарпай ҷудо шаванд ва дар баробари ин, тоза карда мешаванд. Ин метод нисбати пайвастшавӣ ва комбинатсияи пайдарпайии пептидӣ хеле беҳтар аст. Усули синтез дар маҳлулҳо бо назардошти таҳрезии гурӯҳҳои функсионалӣ барои занҷирҳои канорӣ ва конденсатсияи фрагментҳои алоҳида барои синтези молекулаҳои калон бо истифода аз реагентҳои нави пайвасткунанда иборат мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот: Кор карда баромадан, омӯзиши хосиятҳои физикию химиявӣ, биологӣ ва такмил додани усулҳои синтези ҳосилаҳои нави тимопентин, ки дар молекулаашон боқимондаҳои аминокислотаҳои қатори гетеросиклӣ доранд, мебошад.

Бештари ин пайвастаҳо истифодаи худро дар тибби амалӣ ба сифати маводи доруворӣ, ки хосияти зиддиилтиҳобӣ, аналгетикӣ, сармозадагӣ ва ғайра доранд, пайдо намудаанд. Бо вуҷуди ин, маълумот дар адабиёти илмӣ оид ба синтез ва омӯзиши тимопенин ва аналогҳои он кам аст ва мавриди пажӯҳиши густурда қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, роҳҳои муносиби синтези ҳосилаҳои тимопентин ва коркарди усулҳои нави ҳосилкунии онҳо, бо роҳи амалӣ намудани мубаддалкуниҳои мухталифи химиявӣ, омӯхтани қобилияти реаксионидошта, ошкор намудани вобастагии муайян дар байни сохт ва хосиятҳо, таҳқиқ намудани фаъолнокии камзаҳрии онҳо, инчунин, ҷустуҷӯи соҳаҳои дар амал истифода бурдани онҳо масъалаи актуалӣ буда, ҳанӯз бо пурраги омӯхта нашудаанд.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Таҳқиқотҳои пештараи мо ба синтез ва омӯзиши ҳосилаҳои тимопентин [1], ба синтези ҳексаапептиди *H-Arg-Lys-Asp- Val- Typ- Arg-OH*-и аналоги тимопентин [2], синтези тетрапептиди *H-Glu-Glu-Pro-Pro-OH* [3] ва тетрапептиди *H - Lis – Glu – Pro – Tir* [4] бахшида шуда буданд. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи хосиятҳои онҳо муайян карда шудааст, ки баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳосил кардани пайвастаҳои доруворирo дар асоси ҳормонҳои тимусӣ ҳал кардан иконпазир мебошад.

Қонунятҳои тағйирёбии хосиятҳои моддаҳои синтез шуда вобаста аз табиати гурӯҳҳои функсионалӣ, ҷойгиршавии аминокислотаҳои алоҳида дар занҷири пептидӣ, таносуби баҳамтаъсиркунии пайвастҳо ва шароити гузаштани реаксияҳо муқаррар карда шудаанд [14].

Дар мақолаи мазкур мақсади таҳқиқот усули синтези пентапептиди H-Arg-Lis-Asp-Val-Pro-OH мебошад. Синтези ҳосилаи тимопентин – пента-пептиди аргинил-лизил-аспаргил-валил-пролинро бо методи эфирҳои фаъолгардонида, бо роҳи зинагӣ зиёд намудани занҷири петидӣ аз ҳисоби гурӯҳи карбоксилӣ синтез карда шуда [5], мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Усули ҳосил кардани тимопентин, пентапептид бо пай дар пайии аргинил-лизил-аспартил-валил-пролин, ки фрагменти 32-36-и молекулаи тимспоэтинро ташкил мекунад дар таҳқиқотҳо [6] нишон дода шудааст.Вобаста ба ин, аминокислотаҳои дорои заряди мусбат (Arg ва Lys) ва заряди

манфӣ (Asp) дошта, дар тарафи N-ии молекула ҷойгир шудаанд. Дар асоси он, тахмин кардан мумкин аст, ки мавҷудияти аминокислотаҳои кислотагӣ ва асосӣ метавонанд ба фаъолияти биологии пептид таъсир расонанд.

Ивазкунии аминокислотаҳо дар мавқеи 36-и Tyr бо Pro ба талафоти беш аз 50 % -и фаъолияти биологӣ оварда мерасонанд. Аз ин рӯ, синтези аналогҳои тимопэнтинҳои дар мавқеъҳои 32, 33 ва 34, ки қобилияти зоҳир кардани фаъолияти биологии ба тимопентинҳо хосро доро мебошанд, дар химияи пептидҳо нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, энергияи боҳамтаъсиркунии пептидҳо бо унсурҳои полярии муҳити липофилии мембрана дар сатҳи ҳуҷайра метавонад ба аминокислотаҳои дар ин мавқеъҳо ҷойгирбуда вобастагӣ дошта бошад. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимон [7-11] аз он шаҳодат медиҳанд, ки пайвастшавии тимопоэтин бо ретсептор дар ҳолатҳои 31, 34 ва 36 фаъолтар мегузаранд. Аминокислотаҳои дар ҳолатҳои 32 ва 36 буда бошанд, эҳтимолан барои ба вуҷуд овардани печидаҳое, ки ба молекула хосанд, ки модели онҳо бо ҳисобҳои назариявии пешакӣ мувофиқат мекунанд, имконят медиҳанд.

Барои тағйир додани хосияти тимопентин аналоги он синтез карда шуд, ки дар он бақияи тирозин дар ҳолати 36 бо бақияи пролин иваз карда шудааст. Пентапептид бо пайдарпаии аминокислотагии аргинил-лизил-аспаргил-валил-пролин бо методи эфирҳои фаъол бо афзоиши зинавии занҷири пептидҳо аз ҳисоби гурӯҳи карбоксил, мувофиқи нақшаи дар поён оварда синтез карда шуд. Гурӯҳи α - карбоксили пролин бо роҳи ба эфири метилӣ табдил додан ҳимоя карда шуд. Барои ҳимояи α-аминогурӯҳҳои валин, каслотаи аспарагин, лизин ва аргини бензилоксикарбонил истифода шуд, ε-аминогурӯҳи боқимондаи лизинро бо трет-бутилоксикарбонил ҳимоя карда, гурӯҳи β-карбоксилии кислотаи аспаргин бо табдил додани он ба эфири *трет*-бутилӣ ҳимоя карда шуд, ба ғайр аз марҳилаи конденсатсияи эфири *п*-нитрофенили трикарбобензоксиаргинин бо тетрапептиди ҳимояшуда H-Lys (Boc)-Asp (OBu^t)-Val-Pro-OH (87,3 %) илова карда шуд, ки баромади он 81 % - ро ташкил дод.

Эфири метилро пеш аз ин марҳила бо гидролизи ишқорӣ бо таъсири маҳлули 1 н NaOH дар давоми як шабонарӯз дар хунукӣ то марҳилаи гидрогенизатсия дар 10 % Pd/C дур карда шуд, ки бо воситаи он гурӯҳҳои ҳимоякунандаи бензилоксикарбонилро аз пептидҳои мобайнӣ ва пентапептиди ниҳоӣ озод карда шуданд. Гурӯҳҳои *трет*-бутилокси-карбонил ва *трет*-бутилиро аз пентапептиди ниҳоии ҳимояшуда бо омехтаи кислотаи трифторатсетат-анизол-метилэтил-сулфид (425:50:25) озод карда шуданд.



Нақшаи синтези пентапептиди H-Arg-Lys-Asp-Val-Pro-OH

Пентапептиди H – Arg – Lys – Asp – Val – Pro - OH мувофиқи нақшаи нишон додашуда, бо роҳи 12 зина синтез карда шуд.



3)


- H2O
H2, 10% Pd/C
- C6H5 - CH3, CO2

4)


H+
- H2O
-H2O

5)


NaOH, t=0-5 °C, pH8-10
-HCl

6)


H2, 10% Pd/C
- C6H5 - CH3, CO2

7)


NaOH, t=0-5 °C, pH8-10
- HCl
H+
- H2O
-H2O

8)



9)


H2, 10%Pd/C
- C6H5-CH3, CO2



Қисми таҷрибавӣ. Синтези эфири метилии трикарбобензоксиаргинил-*N*$^{\varepsilon}$-*трет*-бутил-оксикарбонил-лизил-*β*-*трет-бутил*-аспаргил-валил-пролин. 1г (1,17 мм) эфири метилии *N*$^{\alpha}$-карбобензокси-*N*$^{\varepsilon}$-бутил-оксикарбонил-лизил-*β-бутил*-аспаргил-валил-пролин дар омех-таи трифторэтанол-этанол (1:1) ҳал карда, ҳангоми хунуккунӣ дар катализатори 10% Pd /C гидрогенизатсия карда шуд. Катализаторро филтр карда, филтратро буғронӣ карда дар 30 мл ДМФА ҳал намудем. Ба он 0,8 г (1,14 мМ) эфири *п* - нитрофенил трикарбобензоксиаргинин илова карда шуд. Омехтаи реаксиониро дар давоми 2 рӯз омехта намуда, сипас 150 г этилатсетат илова карда, бо маҳлули сероби бикарбонати натрий, маҳлули 2% кислотаи сулфат ва об шуста шуд. Маҳсулоти хеле монанде, ки дар як қабат таҳшин шудааст, филтр карда шуда, бо этилатсетати гарм шуста ва дар эксикатори вакуумӣ хушк карда шуд. Баромад 1,16 г (87,3%) маҳсулоти аморфӣ. R_f = 0,76 (А); 0,59 (Г); 0,75 (Д); 0,51 (Е); $[\alpha]_D^{20}$ = -17,67^0.

Синтези аргинил-лизил-аспаргил-валил-пролин. 2 г (1,78 мм) эфири метилии трикарбобензоксиаргинил-*N*$^{\varepsilon}$ -*трет*-бутилоксикарбонил-лизил-*β-трет-бутил*-аспаргил-валил-про-линро дар 30 мл трифторэтанол ҳал карда, муддати 2,5 соат дар катализатори 10 % Pd /C гидрогенизатсия карда шуд. Катализаторро филтр карда, филтратро буғронӣ намудем ва боқимондаро дар омехтаи кис-

лотаи трифторатсетат, анизол, метилэтил-сулфид (425: 50: 25) ҳал карда, пас аз 1 соат ҳалкунанда буғронӣ карда шуд, бақия бо эфир ва дар маҳлули 10% карбонати натрий ҳал карда шуд (pH=10,5). Пас аз 1 соат маҳлулро бо кислотаи хлориди консентронида то pH=5 турш карда, бо *н*-бутанол экстраксия намудем. Пептиди озодро тавассути (ХБЭ) дар колонкаи 160 х 20 мм бо силикогели фазаи баргардонидашуда Силасорб C_{18} дар градиенти буферии этанол- аммоний - атсетат тоза карда шуд. Баромад 1 г (81%) масулот. Ҳ. гуд=178-200 ^{0}C. R_f= 0,19 (Б); 0,06 (В), 0,26 (З), 0,80 (И); $[\alpha]_D^{20}$= -14,07. Таҳлили аминокислотагӣ: Arg=0,88, Lys =0,95, Asp =0,91, Val=1,0, Pro =0,86.

Хулоса. 1. Бо истифода аз эфирҳои фаъолгардонидашуда пептидҳои гуногунпорчаҳои тимопентин ва тимозин α_1 синтез карда шудаанд. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷониба хосиятҳои онҳо муайян карда шудааст, ки баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳосил кардани пайвастаҳои доруворирo дар асоси ҳормонҳои тимусӣ ҳал кардан имконпазир мебошад.

2. Қонунятҳои тағйирёбии хосиятҳои моддаҳои синтезшуда вобаста ба табиати гурӯҳҳои функционалӣ, ҷойгиршавии аминокислотаҳои алоҳида дар занҷири пептидӣ, таносуби баҳамтаъсиркунии пайвастаҳо ва шароити гузаштани реаксияҳо муқаррар карда шудаанд.

3. Дар асоси тимопентин усулҳои синтези ҳосилаҳои нави полифункционалии он аз аминокислотаҳои қатори гетеросиклӣ коркард ва амалӣ карда шуданд, ки дар маҷмӯъ самти нави дурнамо дар синтези органикӣ мебошанд.

4. Дар натиҷаи омӯзиши фаъолнокии биологӣ моддаҳои таҳқиқ-шаванда муайян карда шуд, ки пентапептиди нав синтез шуда, дорои фаъолнокии биологӣ ва захрнокии паст мебошанд.

5. Тозагии таркиб ва сохти пептидҳои ҳосилкардашуда бо усули хроматографияи моеъгии короишаш баланд, таҳлили аминокислотагӣ, таҳлили элементҳо хромотографияи моеъгии қатронӣ (ХМҚ) тасдиқ карда шуданд.

АДАБИЁТ

1. Касирова А. Н., Бобизода F. М., Бандаев С. Г.Синтез ва омӯзиши ҳосилаҳои тимопентин // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. - №1 (10 - 11) - С. 318 – 323.
2. Касирова А.Н., Бандаев С.Г. Синтези ҳексаапептиди *H-Arg-Lys-Asp- Val- Typ- Arg-OH*-и аналоги тимопентин // Вестник педагогического университета.- 2023.- №2 (18).-С. 88-99
3. Касирова А. Н., Бобизода F. М., Бандаев С. Г.Синтези тетрапептиди *H-Glu-Glu-Pro-Pro-OH* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. - №1 (10 - 11). - С. 328 – 330.
4.. Касирова, А. Н. Синтези аналогҳои тимопентин. Синтези тетрапептиди *H - Lis – Glu – Pro – Tir –* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ бахши илмҳои табии риёзӣ. – Душанбе, 2022.- №1-2 (13 - 14). - С. 214– 221.
5. Pert C.B., Snyder S.H. Opiat receptors: demonstration in nervous tissue // Science, - 1973. v 179. – P. 1011-1014.
6. Kuher M.J. Pert C.B., Snyder S.H. Regional distribution of opiate receptor binding in monkey and human brain // Nature. – 1973. – v. 254 – P. 447 - 450.
7. Oka T. Enkephalin receptor in the rabbit ileum // Bbrit. J. Pharmacol. -1980. - v. 68 - P. 193 -195.
8. Hughes J. SosterIite N. W. Leslio P. M. kaffect of adrenergic transmission in the Mous Vas deferens. Assessment of agonist potencies of narcotic analgesics // Brit. J. Pharmacol. 1975. – v. 53. – P. 371 – 381.
9. Kosterlitz H. W. Advances in pharmacology and therapeutics // Receptorc: Proc. 7th Int. congr. Pharmacol. – Paris. 1978. Oxford e. a. 1979. - 15-23.
10. Korezin A. D. Eskel Y., Ktren O. Enkephalin mudriais in mice// Eur. J. Pharmacol. – 1980. – v. 65. – P. 285-267.
11. Valette A., Rome M., Pontonuler G. Gros J. Specific bindingfor opiate – like druge in the placenta // Biochtn. Pharmacol. And and Exp. Ther. – 1981. v. 217. – P. 228 – 234.

АННОТАЦИЯ

СИНТЕЗ ПЕНТАПЕПТИДА H-Arg-Lis-Asp-Val-Pro-OH И ЕГО БИОЛОГИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА

На основе тимопентина были разработаны и реализованы методы синтеза новых полифункциональных веществ из гетероциклических аминокислот, которые в целом являются новым перспективным направлением в органическом синтезе. Чистота состава и структуры очищенных пептидов была подтверждена методом высокоэффективной жидкостной хроматографии, аминокислотного анализа.

Ключевые слова: *тимопентин, аминокислоты, пептиды, сложные эфиры пентафторфенила, дипентафенилкарбонат, конденсация.*

ANNOTATION

SYNTHESIS OF H-Arg-Lis-Asp-Val-Pro-OH PENTAPEPTIDE AND ITS BIOLOGICAL PROPERTIES

Хулоса. Таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ нишон доданд, ки штаммҳои ваксина – салмонелла ва пастерелла барои мушҳои сафед иллатангез буда, вояи миёнаи маҳвкунанда – LD_{50} 461 – 500 мл бактерияро ташкил медиҳад. Муқаррар карда шуд, ки фаъолнокии иммуногении ваксина баланд буда, вояи иммуногении он – $ВИ_{50}$ аз 0,32 то 0,37-ро мл ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои ба даст омада заминаи боэътимод барои омӯзиши самаранокии ваксина дар чорвои калон ва майдаи шохдор дар шароити истеҳсолӣ шуда метавонад.

АДАБИЁТ

1. Русалеев В.С., Прунтова О.В.,Гневашев В.М.,Потехин А.В,Васильев ДА. Бородина О.В. Оценка иммуногенности противопастереллезной вакцины//Труды Федерального центра охраны здоровья животных - Владимир,2005. -С. 223-229.
2. Саттори И.Методы контроля ассоциированной вакцины против сальмонеллеза и пастереллеза сельскохозяйственных животных// И. Саттори, К. Б. Махмудов / Доклады ТАСХН, 2015. -№2, -С.53-56.
3. Саттори И. Выделение и идентификация энтеробактерий у больных с синдромом диареи телят// И.Саттори,К.Б. Махмудов, А.Р.Сафаралиев/ Доклады ТАСХН, 2024, -№ 2(80). –С. 78-83.
4. Ситьков В.И. Особенности промышленного производства ассоциированных и поливалентных биопрепаратов /В.И.Ситьков, В.Ш. Гелидзе // Диагностика, лечение и профилактика заболеваний сельскохозяйственных животных,- Ставрополь.-1997,- С. 18-19.

АННОТАЦИЯ

ИММУНОЛОГИЧЕСКАЯ АКТИВНОСТЬ АССОЦИИРОВАННОЙ ВАКЦИНЫ ПРОТИВ САЛЬМОНЕЛЛЕЗА И ПАСТЕРЕЛЛЕЗА КРУПНОГО И МЕЛКОГО РОГАТОГО СКОТА В ЛАБОРАТОРНЫХ УСЛОВИЯХ.

В статье приведены результаты изучения патогенности штаммов сальмонеллы и пастереллы и иммуногенная активность ассоциированной вакцины против сальмонеллеза и пастереллеза крупного и мелкого рогатого скота на белых мышах. Установлено, что LD_{50} штаммов сальмонеллы и пастереллы составляет 461 -500 м.к., соответственно. Иммуногенная активность вакцины на лабораторных животных колебалась от 84 до 90%, а иммунизирующая доза ($ИД_{50}$) составила 0,34 мл.

Ключевые слова: *белые мыши, сальмонелла, пастерелла, LD_{50}, штамм, вакцина, иммунизирующая доза, иммунологическая активность.*

ANNOTATION

IMMUNOLOGICAL ACTIVITY OF THE ASSOCIATED VACCINE AGAINST SALMONELLOSIS AND PASTEURELLOSIS OF BOVINE AND SMALL CATTLE IN LABORATORY CONDITIONS.

The article presents the results of studying the pathogenicity of salmonella and pasteurella strains and the immunogenic activity of the associated vaccine against salmonellosis and pasteurellosis in bovine and small cattle on white mice. It was found that the LD50 of salmonella and pasteurella strains is 461-500 m.k., respectively. The immunogenic activity of the vaccine in laboratory animals ranged from 84 to 90%, and the immunizing dose (ID50) was 0.34 ml.

Keywords: white mice, salmonella, pasteurella, LD_{50}, strain, vaccine, immunizing dose, immunological activity.

Сведение об авторе:

Рахимов Абдусаид Абдурашидович–учёный секретарь Института проблем биологической безопасности и биотехнологии ТАСХН; 734067. Республика Таджикистан, город Душанбе, Гипрозем, 61 тел.: (+992) 918-65-00-30

Information about the authors:

Rakhimov Abdusaid Abdurashidovich, scientific secretary of the Institute for Biological Safety and Biotechnology of TASKhN; 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Giprozem, 61 tel.: (+ 992) 918-65-00-30

УДК: 619 (575.3)

СЕРОЛОГИЧЕСКАЯ ДИАГНОСТИКА ЛЕЙКОЗА КРУПНОГО РОГАТОГО СКОТА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Набиев М.Н.[1], Зуурбекова О.С.[2]

[1]Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемур,

[2]Института проблем биологической безопасности и биотехнологии ТАСХН

Ключевые слова: *лейкоз, крупный рогатый скот, вирус лейкоза. ИДР*

Введение. В Республике Таджикистан скотоводство является главным поставщиком продукции животноводства способное обеспечить продовольственную безопасность населения без зависимости от других стран. Устойчивое развитие животноводства, обеспечивающее население и перерабатывающую промышленность мясом, молоком и кожей, наряду с другим факторами, обусловлено благополучием, по инфекционным болезням. Вирусный лейкоз продолжает оставаться самым распространенным инфекционным заболеванием крупного рогатого скота на территории республики.

Лейкоз разных видов животных диагностируют почти во всем мире. Распространение болезни неодинаково не только в государствах, но и в различных климатических и географических районах одной и той же страны. Отмечено, что в странах с хорошо развитым племенным животноводством лейкозы регистрируются чаще. Наиболее широко лейкозы распространены в США, ряде стран Центральной Европы, Дании, и Швеции. Выявлены они и в странах Ближнего Востока. Ранние эпизоотологические исследования основывались лишь на данных послеубойной статистики мясокомбинатов и гематологического анализа.

С появлением вирусологических и серологических методов, возникла возможность полнее выявлять вирусы лейкоза крупного рогатого скота (ВЛКРС). Однако географическое распространение ВЛКРС окончательно неизученно. Лейкоз крупного рогатого скота вялотекущее онкологическое заболевание опухолевой природы. Патология характеризуется поражением кроветворной системы, лимфоцитозом, возникновением новообразований. Молоко больных коров содержит канцерогенные вещества, которые могут запустить опухолевый процесс у человека. Возбудитель ВЛКРС способен годами пребывать в изоляции, ожидая ослабление иммунитета. При рассмотрении путей возникновения лейкоза в благополучном хозяйстве, четко установлено, что основным источником возбудителя инфекции являются больные и зараженные ВЛКРС животные. Поэтому основное внимание руководителей и специалистов должно быть направлено на охрану благополучных хозяйств от завоза больных и не проверенных на лейкоз, серологическим методом животных. Зараженный теленок пожизненно остается вирусоносителем. Приобретая племенной молодняк в возрасте до 6 месяцев, следует помнить следующие особенности. Молодняк крупного рогатого скота с молозивом матери, в первые часы после рождения, получает иммуноглобулины, уровень которых определяет иммунологический статус организма. Колостральные (материнские) антитела обычно элиминируются из организма телят к 6-месячному возрасту. И только в этом возрасте, с помощью реакция иммунодиффузия (РИД) можно достоверно определить инфицированность животного ВЛКРС. Однако клинические симптомы до полугодовалого возраста не проявляются. Признаки заболевания возникают в четырехлетнем возрасте постепенно нарастая. Кроме КРС, к возбудителю лейкоза восприимчивы домашние и дикие жвачные.

Причины: для проявления клинических симптомов лейкоза необходимо сочетание следующих факторов:

1. Сопутствующие хронические заболевания на фоне ослабления иммуной системы.

2. Стресс.
3. Генетические аномалии.

Лейкоз наносит значительный экономический ущерб, связанный со снижением молочной продуктивности, и выбраковкой высокопродуктивных животных. При возникновении лейкоза, приходится выбраковывать животных с высоким генетическим потенциалом. Во время проведения таких предприятий прекращается племпродажа молодняка, что сопряжено с большими экономическими потерями.

Эпизоотологический анализ результатов обследований, а также причин возникновения развития и распространения лейкоза в благополучных хозяйствах показывает, что все они связаны с наличием ВЛКРС, наследственной предрасположенностью и иммунологической недостаточностью макроорганизма.

Первоочередной задачей в борьбе с лейкозом, в Республике Таджикистан остается освобождение племенных хозяйств от данной инфекции. Наличие носителей вируса лейкоза крупного рогатого скота в племенных хозяйствах, является потенциальной угрозой распространения заболевания у животных, реализуемых в благополучные по заболеванию хозяйства. Кроме прямых убытков, которые несут племпредприятия, лейкоз также наносит существенный ущерб генофонду.

За последние годы, проблема лейкоза стоит остро и требует безотлагательного решения, так как животноводческие хозяйства в большинстве регионов неблагополучны по данному заболеванию. Для установления эпизоотической ситуации по лейкозу, в племенных хозяйствах, в республике в 2020 году была утверждена государственная целевая программа по оздоровлению племенных и молочно - товарных ферм от лейкоза крупного рогатого скота.

Целью нашей работы было выявление лейкоза крупного рогатого скота в областях и районах Таджикистана.

Материал и методы. Серологические тестирования животных на лейкоз проводили согласно «Методическим указаниям по диагностике лейкоза крупного рогатого скота», эпизоотологические исследования - соответственно «Методическим рекомендациям по эпизоотологическому исследованию лейкоза крупного рогатого скота». С этой цельо было исследовано 3169 проб сывороток крови КРС в реакции иммунодиффузии (РИД). (Таблица 1).

Таблица 1. Результаты исследований сывороток крови КРС на лейкоз, за период 2016-2024 годы в Республике Таджикистан.

Годы	Название области, районов	Исследовано животных	Выявлено ИДР +
2016	Хатлон	384	5
	Согд	188	10
	ГБАО	64	-
	РРП	197	44
2017	РРП	342	7
2018	Хатлон	305	18
2019	РРП	654	159
	Хатлон	45	-
2020	Хатлон	145	-
	РРП	14	9
2021	Хатлон	48	-
	РРП	52	-
2022	Хатлон	50	-
	РРП	95	1
2023	Хатлон	24	-
	РРП	341	18
	ГБАО	40	-
2024	Хатлон	90	-
	РРП	91	5
Всего		**3169**	**276**

Исследования показывают, что из 3169 проб сывороток кровы КРС в 276 пробах выявлен антитела против вируса лейкоза крупного рогатого скота.

Заключение. Таким образом, планомерная работа по **а**здоровлению поголовья, изолирование, содержание и серологические исследования методом РИД, способствуюм выявлению вирусоносителей и больных животных. В неблагополучных по лейкозу хозяйствах, рекомендовано своевременное выделение из стада не только серопозитивных, но и праведения регулярных серологических исследовании для выявления животных, находящийся в прямом контакте с выделенными ранее вирусоносителями, что является основной оздоровления и контроля эпизоотического благополучия по лейкозу.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гулюкин М. И. Мониторинг по эпизоотическому ситуации по лейкозу крупного рогатого скота. –Москва. -С. 25-28.
2. Бурба Л. Г.,Кунаков А.А. Диагностика лейкоза сельскохозяйственных животных.-Москва: Колос,1983.-С. 59-62.

3. Мурватуллоев С. А. Энзоотический лейкоз крупного рогатого скота. –Душанбе, 2022. - С. 14-16.

АННОТАТСИЯ

ТАШХИСИ СЕРОЛОГИИ ЛЕЙКОЗИ ЧОРВОИ КАЛОНИ ШОХДОР ДАР ТОҶИКИСТОН

Аз соли 2016 то соли 2024 дар ҷумҳурӣ бо истифода аз реаксияи иммунодифузия (РИД) таҳқиқоти серологии бемории лейкоз дар чорвои калони шохдор гузаронида шуд. Аз 3169 намуна зардоби хуни чорвои калони шохдори аз назар гузаронидашуда дар 276 намуна антителла бар зидди вируси лейкози чорвои калони шохдор ошкор карда шуд.

Калимаҳои асосӣ: *лейкози чорвои калони шохдор, вируси лейкоз, реаксияи иммунодифузия*

ANNOTATION

SEROLOGICAL DIAGNOSIS OF BOVINE LEUKEMIA IN TAJIKISTAN

Institute biosafety and biotechnology of the tajik academy of agriculture sciences Annotation: This article presents the results of a study of IDR serum leukemia in the period from the beginning of 2016 to 2024 using an immunodifusion reaction in cattle. Of the 3169 serum samples that were examined 276 samples antibodies were found only for leukemia virus. Cattle.

Key words: *leukemia of cattle, leukemia virus, immunodiffusion reaction.*

Сведения об авторах:

Набиев Мухаммад Набихонович-кандидат ветеринарных наук, старший преподаватель кафедры хирургии, акушерства и терапии Таджикского аграрного университета имени Ш. Шохтемур, 730403, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146, телефон (+992) 900078322

Зуурбекова Ойбегим Ситкинушовна, старший научный сотрудник по профилактике холеры, ящура и лейкемии Института проблем биологической безопасности и биотехнологии ТАСХН, Республика Таджикистан, 734061, г. Душанбе, ул Гипрозем 61, тел (+992) 015466868

Author Informations

Nabiev Muhammad Nabikhonovich, Candidate of veterinary Sciences, senior teacher at the Department of surgery, obstetrics and thery, TAU named after Sh. Shotemur, 740403, Republic of Tajikistan, Dushanbe, pr. Rudaki Avenue 146, phone (+992) 900078322

Zuurbekoba Oybegim Sitkinushovna, senior scientific worker for the prevention jf cholera, foot-and-mouth disease and leukemia lnstitute for Biological Safety and Biotechnology, TAAS Republic of Tajikistan, 734003, Giprazem Street 61, tel, (+992) 015466868

ТДУ 619:616.995.573/3

МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТРЕМАТОДОЗҲОИ ЧОРВОИ ХУРДИ ШОХДОР ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ.

Сафаров Ф.Х.[1], Иброҳимзода Б.И.[2] –

[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,

[2]Институти зоология ва паразитологияи АМИТ

Калимаҳои асосӣ: *чорвои хурди шохдор, самаранокии зиддигиҷҷавӣ, левафас диамонд, алвет, трематодозҳо, Тоҷикистони Ҷанубӣ*

Ҷузъи муҳими беҳтар намудани истеҳсоли ширу гӯшт ва бо маҳсулоти аз ҷиҳати биологӣ мукаммал таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт ба амал баровардани маҷмуи тадбирҳои ветеринарию санитарӣ, чорабиниҳои махсуси табобатӣ ва пешгирии бемориҳои паразитии чорвои калон ва хурди шохдор бо назардошти муҳлати даври ҳаётӣ, технологияи нигоҳубин ва ғизодиҳии ҳайвонот ва хусусиятҳои эпизоотологию нозологии алоҳида бо назардошти шароити иқлимию ҷуғрофии минтақаҳо ба ҳисоб меравад [7, 10].

Дар байни бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одамон дар саросари ҷаҳон инвазияҳои трематодаҳо (фассиолёз, дикроселиоз, шистосомоз, описторхоз, клонорхоз) аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) ва Бюрои байналмилалии эпизоотӣ (ББЭ) ҳамчун таҳдиди глобалии биологӣ ба соҳаи чорвопарварӣ ва аҳолии сайёра эътироф шудаанд [4].

Зарари иқтисодии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор аз паст шудани маҳсулнокӣ: шир ва гӯшти ҳайвонот, забҳи маҷбурӣ, нест кардани ҷигар ва меъдаю рӯдаҳои аз гиҷҷаҳо зарардида иборат буда, аксар вақт исқоти ҳамл мушоҳида мешавад, ки ба пастшавии арзиши ирсии насл боис мегардад ва ҳамчунин сифати ширу гӯшт хеле коста гардида, арзиши энергетикии онҳо паст мешавад [5, 6, 8].

Гиҷҷаҳои муфтхӯр муқобилиятнокии организмро суст намуда, роҳҳои тайкардаи онҳо то ҷойи зисташон дар организм ҳамчун дарвозаи сироят хизмат намуда, сабабгори гирифтор шудани чорво ба бемориҳои сироятӣ мегарданд. Гиҷҷаҳое ҳастанд, ки сабаби пайдо гаштани бемориҳои вазнини хусусияти иҷтимоидошта дар байни одамон мегарданд, аз он ҷумла эхинококкоз, тениаринхоз, трихинеллёз, тениоз, фассиолёз ва ғайра. Бинобар сохт ва мураккабии даври инкишофи ҳаётӣ зоопаразитҳо дар муқоиса ба микроорганизмҳо хусусиятҳои ба худ хос дошта, ба равиш, ҷараёнгирӣ, табобат, пешгирӣ ва мубориза бар зидди беморӣ таъсир мерасонанд. Аз ин

лиҳоз, таҳқиқи алоқаҳои мураккаби байни муфтхӯр ва муҳит аҳамияти назариявӣ дошта, барои дарёфти тадбирҳои зиддипаразитӣ зарур ва муҳим мебошад.

Пешниҳоду маслиҳатҳои илман асосноки олимона соҳа ба хоҷагидорон ва чорвопарварон муҳим мебошад. Хусусан оид ба маводҳои табобатии зиддигиҷҷавие, ки хусусиятҳои таъсири васеъ ва самаранокии баланд, безарар, тарзи истифодабарии осон ва нархи дастрас дошта бошанд. Бинобар набудани ширкату фабрикаҳои дорусозӣ дар мамлакатамон моро зарур аст, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти чорводорон маводҳоро аз хориҷи кишвар ворид намоем. Чунин ҳолат мушкилоти шахсони мутассадиро дучанд менамояд, зеро онҳо вазифадор ҳастанд, ки намунаи маводҳои табобатиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз ваъзи эпизоотологӣ аз санҷиш гузаронанд [9].

Мақсади таҳқиқот ҷустуҷӯ ва муайян намудани самаранокии маводҳои зиддигиҷҷавии муосир дар шароити истеҳсолӣ мебошад, ки ин ба тараққӣ додани чорводорӣ мусоидат менамояд.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар асоси гуфтаҳои боло мо барои омӯзиши самарабахшии баъзе аз маводи зиддигиҷҷавии истеҳсоли ширкатҳои дорусозии ватанию хориҷӣ дар шароити истеҳсолӣ корҳои илмию таҳқиқотӣ гузаронидем. Дар таҷрибаи худ мо самаранокии зиддигиҷҷавии маводи левафас диамонди истеҳсоли ширкати дорусозии «Норбрук»-и Ирландияи Шимолӣ ва алвет-суспензияи ҶДММ “Нита-фарм”-и Федератсияи Россия-ро истифода намудем. Левафас диамонд дар таркиби худ дар ҳар 1 мл 30 мг гидрохлориди левамизол ва 60 мг оксиклозанид дорад. Маводи фаъоли таъсирбахши суспензияи алвет дар ҳар 1 мл 100 мг албендазол ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми гузаронидани санҷиш таъини мавод тибқи дастурамали истифодабарии онҳо ба роҳ монда, маводи левафас диамонд аз рӯйи меъёри 2,5 мл ва суспензияи алвет дар ду меъёр 1,0 ва 1,2 мл ба 10 килограмм вазни зинда таъин карда шуд. Ҳамин тариқ, дар моҳи апрели соли 2022 дар чорвои кооперативи тиҷоратию истеҳсолии «Сомонҷон»-и ноҳияи Данғара самаранокии зиддигиҷҷавии маводҳои номбурда муайян карда шуданд. Барои муайян намудани дараҷаи сироятёбии чорво аз траматодаҳо усулҳои шустани пайи ҳам, усули флотатсионии Фюллеборн, бо такмили Г.А.Котелников, А.М.Хренов, Бермана-Орлов ва Вайд истифода гардиданд [1, 2, 3].

Пеш аз таъини мавод аз 210 сар гӯсфанди зоти ҳисорӣ ва аз 90 сар бузи зоти омехташудаи маҳаллӣ, ки якҷоя чаронида шудаанд, намунаҳои саргин гирифта шуда, таҳқиқоти копрологӣ гузаронида шуд, ки дар 86 намунаи саргини гӯсфандон ва дар 6 намунаи саргини бузҳо тухми фассиолаҳо, дикроселиумҳо ва нематодаҳои меъдаю рӯдаҳо дарёфт гардиданд. Бояд қайд намуд, ки инвазияи экстенсивии гӯсфандон 40,9% ва бузҳо 6,6%-ро ташкил намуд. Инвазияи экстенсивӣ ҳангоми санҷиши умумии чорвои хурди шохдор (бузу гӯсфандон) 30,6%-ро ташкил дод. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҳангоми муайян намудани инвазияи экстенсивии чорвои хурди шохдор аз ин ё он намудҳои гиҷҷаҳо (дар ҳолати бузу гӯсфанд якҷоя будан) нишондиҳандаҳои носаҳеҳи сироятёбӣ ба даст оварда шуд. Зеро ҳамеша гирифторшавии гӯсфандон ба бемориҳои гиҷҷавии зиёд ба қайд гирифта мешавад, агарчанде ки онҳо дар чарогоҳ якҷоя нигоҳ дошта мешаванд. Чи тавре, ки маълум гардид, сироятёбии гӯсфандон аз бузҳо даҳо маротиба зиёдтар буд. Илова бар ин, дар организми бузҳо ҳангоми муайян намудани инвазияи интенсивӣ дар муқоиса ба гӯсфандон аз рӯйи шумора садҳо маротиба гиҷҷаҳо камтар ба қайд гирифта шуданд. Ин ба хусусиятҳои хоси бузҳо вобаста буда, дар паҳншавии инвазия аз ин хотир мо дар таҳқиқотҳои худ барои ба даст овардани маълумоти саҳеҳ бештар гӯсфандонро таҳти таҷриба қарор додем. Инвазияи интенсивӣ бошад, пеш аз гиҷҷаронӣ (дегелминтизатсия) аз 60 то 120 адад тухми трематодаҳо дар як 1 г саргини чорво ташкил дод. Чорвои сироятёфтаро ба чор гурӯҳи иборат аз 23 сар дар ҳар як гурӯҳ (21 сар гӯсфанд ва 2 сар буз) ҷудо намуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ ба гурӯҳи якум маводи левафас диамондро ба меъёри 2,5 мл, ба гурӯҳи дуюм суспензияи алветро 1 мл ва ба гурӯҳи сеюм низ суспензияи алветро дар 1,2 мл дар 10 кг вазни зинда ба дарун таъин намудем. Гурӯҳи чорумро ҳамчун гурӯҳи санҷишӣ қарор додем. Ҳангоми таъини мавод ба гӯсфандони таҳти таҷриба қарордошта, ягон дигаргуниҳои назаррас мушоҳида карда нашуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Ҳамин тариқ, баъд аз 14 шабонарӯзи истифодабарии мавод такроран намунаҳои саргини гӯсфандони таҳти таҷриба қарордошта ҷамъоварӣ карда шуда, санҷида шуданд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвал инъикос гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба омӯзиши самаранокии табобатии маводи зиддигиҷҷавии левафас диамонд ва алвет дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки маводи алвет ба миқдори 1 мл ба 10 кг вазни зинда самаранокии муътадили зиддигиҷҷавӣ дорад (СЭ 80%). Маводи мазкур меъёри 1,2 мл ба 10 кг вазни зинда таъсири нисбатан баландтари зиддипаразитӣ дорад (СЭ 83,4%), ки онро ҳамчун маводи таъсирбахши зиддигиҷҷавӣ бар зидди трематодозҳои гӯсфандон пешниҳод кардан мумкин аст.

Ҷадвал 1. - Самаранокии зиддигиҷҷавии левафас диамонд ва алвет ҳангоми трематодозҳои чорвои хурди шохдор

№р/т	Номгӯйи мавод	Саршумори ҳайвонот дар гурӯҳҳо	Аз гичча озодгардида/сар	Меъёри маводи зиддигиҷҷавӣ	Миқдори тухм дар 1 г саргини чорвобаъди гичҷаронӣ/адад	Миқдори тухм дар 1 г саргини чорвобаъди гичҷаронӣ/адад	Самаранокии интенсивӣ (СИ/%)	Самаранокии экстенсивӣ (СЭ/%)
1	Левафас диамонд	23	21	2,5 мл ба 10 кг в/з ба дарун як маротиба	60	1-2	96,7	91,3
2	Алвет	23	19	1,0 мл ба 10 кг в/з ба дарун/як маротиба	то 120	10-24	80,0	82,6
3	Алвет	23	20	1,2 мл ба 10 кг в/з ба дарун/як маротиба	60	6-10	83,4	86,6
4	Назоратӣ	23	0	---	60	120	0	0

Бояд қайд кард, ки маводи фаъоли таъсирбахши алвет-суспензия - албендазол буда, дар ин мавод ба миқдори 100 мг дар 1 мл мавҷуд буда, ҳангоми каме зиёдтар кардани меъёри маводи мазкур (1,2 мл) самаранокии он меафзояд.

Маводи левафас диамонд бо меъёри 2,5 ба 10 кг вазни зинда самаранокии нисбатан баланди зиддигиҷҷавӣ дар муқоиса ба суспензияи алвет дошта, самаранокии экстенсивии он (СЭ) 91,3% ва самаранокии интенсивии (СИ) он 96,7%-ро ташкил дод.

Самаранокии нисбатан баланди маводи мазкур аз моддаҳои дар таркиби он мавҷудбуда вобастагии зиёд дорад, зеро маводи зиддигиҷҷавии маҷмуӣ ҳама вақт таъсири васеъ доранд. Ҳар як моддаи дар таркиби маводи зиддигиҷҷавӣ (левамизол ва оксиклозанид) буда, таъсири ба худ хос доранд.

Таъсири гуногунҷанбаи маводи зиддигиҷҷавии маҷмуӣ (бисёртаркиба) дар муқоиса ба маводи яктаркиба ҳамеша самаранокии дилхоҳро ба бор меоранд, ки ин монеи паҳншавии васеи барангезандагони беморихои гиҷҷавӣ гардида, ба тараққиёти бемайлони чорвопарварӣ мусоидат менамоянд. Маълум карда шуд, ки пайвастагии кимиёвии албендазол, ки дар таркиби маводи алвет мавҷуд аст, ҳангоми меъёри мувофиқ таъсири нисбатан баланди зиддигиҷҷавӣ бар зидди трематодаҳо дорад. Натиҷаҳое, ки дар давоми таҷрибаҳо оид ба санҷиши самаранокии зиддигиҷҷавии маводи зиддигиҷҷавии суспензияи алвет ба даст оварда шудаанд, аз самаранокии баланди табобатии он (СЭ 83,4%) шаҳодат медиҳад. Бояд қайд намуд, ки маводи номбурда нисбатан безарар ва нархи нисбатан дастрас нисбат ба левафас диамонд дорад. Маводи мазкур бар зидди нематодаҳои меъдаю рӯдаҳо тақрибан 100% самаранокии экстенсивӣ (СЭ) ва самаранокии интенсивӣ (СИ) нишон дод.

Механизми таъсири пайвастагиҳои химиявии дар таркиби маводҳои зиддигиҷҷавии санҷидашуда мавҷудбуда (оксиклозанид, гидрохлориди левамизол ва албендазол) аз вайрон кардани мубодилаи моддаҳо, системаи асабу мушакҳо иборат буда, дар маҷмуъ боиси фалаҷ ва маҳви паразитҳо мегарданд.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки ҳангоми беморихои гиҷҷавӣ истифодаи маводҳои зиддигиҷҷавии дар таркибашон ду ва ё зиёда пайвастагиҳои химиявӣ мавҷуд буда, ба самаранокии баланди дегелминтизатсия мусоидат менамояд, зеро ҳар як пайвастагӣ дар алоҳидагӣ таъсири манфии худро ба муфтхӯр мерасонад.Ҳамин тавр, таъсири васеъ ва самаранокии баланди маводи зиддигиҷҷавии левафас диамонд ҳангоми беморихои гиҷҷавӣ аз мавҷудияти миқдори зиёди ду пайвастагии химиявии дар таркиби он мебошад. Суспензияи алвет ҳам самаранокии кифоя дошта, он ҳангоми зиёд намудани меъри истифодабарии маводи номбурда мушоҳида карда шуд. Хулоса, пайвастагиҳои химиявӣ ҳангоми якҷоягӣ таъсири нисбатан фаъоли зиддипаразитӣ дар муқоиса бо маводҳои яктаркиба доранд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур гувоҳи он мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Абуладзе К.И., Акбаев М.Ш. и др. Практикум по диагностике инвазионных болезней сельскохозяйственных животных. М Колос,-1984 г. С. 112-127.
2. Акбаев М.Ш. Паразитология и инвазионные болезни животных / М.Ш. Акбаев. –М.: Колос, 1998. – С. 145 – 147.
3. Архипов И.А. Антигельминтики: фармакология и применение. М., 2009. - С. 281-292.
4. Баранова А.М., Сергиев В.П., Гузеева Т.М. Клиническая настороженность к завозной малярии: прививные случаи и смертельные исходы в России. Инфекционные болезни: новости, мнения, обучение: журнал для непрерывного образования врачей. - 2018. - № 4. - С. 97-101.
5. Кумышева Ю.А. Фасциолез крупного рогатого скота и его влияние на физико-химические показатели продуктов убоя: автореф. дис… к.б.н: 03.00.19 - М., 2009. - 22 с.
6. Кумышева Ю.А., Мазихова А.М. Морфологическая характеристика говядины при дикроцелиозе крупного рогатого скота. / Вестник КрасГАУ. - 2009. - №5. - С.122-125.
7. Лайфанов, А.В., Черепанов, А.А. Пути оздоровления крупного рогатого скота от паразитарных болезней в Западном регионе России. Теория и практика борьбы с паразитарными болезнями (зоонозы): Материалы докладов научной конференции ВИГИС. -М. - 2002. - С. 195-196.

8. Мазихова, А.М., Беккиева С.А., ЮсуповА.О., Чилаев С.Ш. Влияние трематодозных инвазий на морфологический состав крови крупного рогатого скота. / Вестник Красноярского государственного аграрного университета. - N94. - Красноярск. - 2009. - С. 163-164.
9. Худойдодов Б.И., Разиков Ш.Ш., Раджабов У.Р. Эффективность водной суспензии ферулы и гельмицида при стронгилятозах овец и коз. – Изв. АН РТ. Отд. биол. и мед.н., - 2014, /№3-(187). - С. 34-37.
10. Черепанов, А.А. Стратегия и тактика противопаразитарных мероприятий на животноводческих фермах, комплексах в новых экономических условиях. Теория и практика борьбы с паразитарными болезнями: Материалы докладов научной конференции ВИГИС. - М. - 2001. - С. 287-289.

АННОТАЦИЯ
МЕРЫ БОРЬБЫ С ТРЕМАТОДОЗАМИ МЕЛКОГО РОГАТОГО СКОТА В УСЛОВИЯХ ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА

В статье приведены сведения об испытания эффективности антигельминтных препаратов левафаса диамонда и альвета при трематодозах мелкого рогатого скота. Установлено, что экстенсивная эффективность (ЭЭ) антигельминтного препарата левафаса диамонда составляет 91,3%, а интенсивная эффективность (ИЭ) - 96,7%. Экстенсивная эффективность (ЭЭ) суспензии альвет равна 86,6%, а интенсивная эффективность (ИИ) – 83,4%. Результаты испытания эффективности антигельминтных препаратов левафаса диамонда и альвета в условиях производства показали, что применения обоих препаратов полезно при трематодозах мелкого рогатого скота.

Ключевые слова: *мелкий рогатый скот, антигельминтная эффективность, левафас диамонд, альвет, трематодозы, Южный Таджикистан.*

ANNOTATION
MEASURES TO CONTROL TREMATODOSIS OF SMALL CATTLE IN SOUTHERN TAJIKISTAN

The article provides information about testing the effectiveness of the anthelmintic drugs Levafas Diamond and Alvet for trematodes in small cattle. It has been established that the extensive effectiveness (EE) of the anthelmintic drug Levaface Diamond is 91.3%, and the intensive effectiveness (IE) is 96.7%. The extensive efficiency (EE) of the Alvet suspension is 86.6%, and the intensive efficiency (II) is 83.4%. The results of testing the effectiveness of the anthelmintic drugs Levafas Diamond and Alvet under production conditions showed that the use of both drugs is useful for trematodes in small cattle.

Key words: *small cattle, anthelmintic effectiveness, levafas diamond, alvet, trematodoses, Southern Tajikistan.*

Сведения об авторов:

Иброхимзода Бехруз Иброхим- кандидат ветеринарных наук, старший научный сотрудник отдела паразитологии Института зоологии и паразитологии им. Е.Н. Павловского НАНТ, 734025; г. Душанбе р. Шохмансур ул. Гулистон п/я 70, э-почта: behruz.0289@mail.ru; тел.: (+992) 918-78-07-79;

Сафаров Фируз Холназарович-старший преподаватель кафедры хирургии акушерство и гинекологии Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемура, 734003; г. Душанбе, пр. Рудаки 146; э-почта: firuz-doctor@mail.ru; тел.: (+992) 900-87-36-36;

Autors informations:

Safarov Firuz Kholnazarovich, senior teacher at the Department of Surgery, Obstetrics and Gynecology, Tajik Agrarian University named after. Sh. Shotemur, 734003; Dushanbe, Rudaki Ave.146; e-mail:firuz-doctor@mail.ru;тел.:(+992)900-87-36-36;

Ibrohimzoda Behruz Ibrohim, Ph.D., Senior Researcher, Department of Parasitology, Institute of Zoology and Parasitology named after. E.N. Pavlovsky NAST, 734025; Dushanbe, Shokhmansur district, st. Guliston p/o box 70, e-mail: behruz.0289@mail.ru; tel.: (+992) 918-78-07-79;

ТДУ:591

ХОСИЯТҲОИ ПАРВАРДАГӢ ВА МОРФОЛОГИИ БАРАНГЕЗАНДАИ СИЁҲРОНИ ЧОРВОИ КАЛОНИ ШОХДОР БАЪД АЗ НИГОҲДОРӢ БО УСУЛИ ПАЙВАНДУ ҶАББИШ ДАР АДСОРБЕНТ

Соҳибов Ш.С. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *сиёҳрон, Clostridium chauvoei, нигоҳдорӣ, усули пайванду ҷаббиш, хосиятҳои парвардагӣ ва морфологӣ.*

Сиёҳрони чорвои калони шохдор бемории хавфноки сироятӣ буда, ба хоҷагиҳои чорводорӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад. Бо дигар шудани шакли хоҷагидорӣ дар соҳаи чорводорӣ зиёда аз 90% чорво дар хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ҷойгир шуд ва дар ин маврид пайдо шудани мушкилиҳои сари вақт гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ ва хариду фурӯши беназорати чорво афзуд. Сари вақт моякубӣ накардани чорво зидди сиёҳрон ва дигар бактериозҳо ба паст шудани иммунитети хоси бадан оварда расонид ва боиси сироятёбии бештари ҳайвонот гардид.

Имрӯз биофабрикаҳо зидди сиёҳрони чорво ваксинаҳои гуногун истеҳсол менамоянд ва онҳо самаранок дар пешгирии ин беморӣ истифода мешаванд. Дар шуъбаи биотехнологияи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология (ИМАББ) низ аз штаммҳои маҳаллӣ ваксина зидди сиёҳрони чорвои калони шохдор истеҳсол мегардад. Штаммҳои ин ваксина дар коллексияи микроорганизмҳои институт дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ зери равғани маъданӣ дар яхдон (4-8^0 С)

нигоҳ дошта мешаванд. Яке аз камбудии ин усули нигоҳдорӣ дар он аст, ки хавфи олуда шудани парвардаи штаммҳо бо микроорганизмҳои бегона, гум шудани баъзе хосиятҳои биологии онҳо (1,2,3), заиф шудани спораҳои бактерия ва қатъ гардидани қувваи барқи яхдонҳо вуҷуд дорад.

Ба ҳамин хотир, ҷустуҷӯи усули нигоҳдории дарозмуддати штамми клостридияҳо дар адсорбентҳо (4) яке аз вазифаҳои муҳими микробиология ва биотехнология мебошад.

Мавод ва усули таҳқиқот. Таҷрибаҳои илмӣ дар озмоишгоҳи биотехнологияи факултети тибби ветеринарии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур ва Маркази захираҳои миллии микроорга-низмҳои иллатангези Институти масоили амнияти бехатарии биологӣ гузаронида шуданд.

Барои таҷрибаҳои илмӣ 3 штамми Cl. chauvoei истифода гардианд. Бозкишт ва нигоҳдории штаммҳо дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ зери равғани маъданӣ ба муддати 12 моҳ дар ҳарорати 4-8^{0}С таъмин карда шуд. Дар баробари нигоҳдории табиӣ, штаммҳо клостридия бо усули пайванду ҷаббиш дар адсорбент дар ҳарорати 4 - 25^{0}С нигоҳ дошта шуданд.Омӯзиши хосиятҳои парвардагӣ, тинкториалӣ ва морфологии штаммҳо мутобиқи усулҳои маъмули микробиологӣ сурат гирифт.

Натиҷаи таҳқиқот. Таҳлили бактериологии парвардаҳои Cl. chauvoei дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ зери равғани маъданӣ баъди як соли нигоҳдорӣ нишон дод, ки спораҳои бактерия заиф шуда буданд, пардаи онҳо хеле тунук шуда, дар молишакҳо спораҳои грам манфӣ дида мешуд. Молишакҳое, ки аз суспензияи адсорбенте, ки дар он штаммҳо клостридия ҷабида шуда буданд, баъд аз 2 соли нигоҳдорӣ нишон доданд, ки пардаи спораҳо нисбатан ғафстар ва грам мусбат буданд.

Баъди бозкишт дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ афзоиши штаммҳои бо усули табиӣ нигоҳдоришуда назар ба штаммҳое, ки бо усули пайванду ҷаббиш дар адсорбент нигоҳдоришуда сусттар буд (расми 1).

а б в

Расми 1.-Натиҷаи кишти штамми Cl. chauvoei дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ

Эзоҳ: ***а)муҳити ғизоии назоратӣ, б) афзоиши штамм дар ғизо, баъд аз 2 соли нигоҳдорӣ дар адсорбент, в). афзоиши штамм дар ғизо баъд аз 1 соли нигоҳдорӣ дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ зери равғани маъданӣ.***

Дар натиҷаи рангкунии молишакҳои парвардаи штамми бактерияҳо маълум карда шуд, ки онҳо хосиятҳои тинкториалии худро гум накардаанд. Дар зери микроскоп штаммҳои Cl. chauvoei дар адсорбент нигоҳдоришуда, грам мусбии чӯбчашакли ғафси Штаммҳои клостридия, ки дар ғизои адсорбент бо усули пайванду ҷаббиш дар муддати 2 сол нигоҳдорӣ шуданд, грам мусбии серранг буданд, онҳо дар алоҳидагӣ ва дар шакли занҷири кӯтоҳ мушоҳида гардиданд (расми 2а). Штаммҳои клостридия, ки дар ғизои Китта Таротсӣ нигоҳдорӣ шуданд дар муддати 1 сол, грам мусбии камрангу бориктар буданд ва онҳо дар алоҳидагӣ ва дар шакли занҷирҳои кӯтоҳ дида шуданд (расми 2б).



а



б

Расми 2. -Морфологияи штамми Cl. chauvoei баъд аз 2 соли нигоҳдорӣ дар адсорбент (а) ва баъд аз 1 соли нигоҳдорӣ дар муҳити ғизоии Китта Таротсӣ (б).

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки нигоҳдории штаммҳои истеҳсолии Cl. chauvoei бо усули пайванду ҷаббиш дар адсорбенти табиӣ барои дарозмуддат нигоҳдорӣ намудани хосиятҳои биологии штаммҳои коллексия мақсаднок аст ва барои тайёр намудани ваксинаи аз ҷиҳати иммуногенӣ

фаъол нақши муҳим мебозад. Усули пешниҳодшуда арзону дастрас буда, барои нигоҳдории дарозмуддати штаммҳои Cl. chauvoei дар ҳарорати 4-25^{0}С имконпазир аст.

АДАБИЁТ

1. Герна Р. Хранение микроорганизмов // Методы общей бактериологии: перевод с английского / Р.Герна; под-ред. Ф Герхаете и др. – М.: Мир, 1983, -С.512-534.
2. Патент 1831498 СССР, с12 №1/04, 1993. Способ контактной сушки микроорганизмов / Вирясов С.Н., Перелыгин В.В., Биркина Ю.С.: Опубл. 30.07.93. Бюл.№20.
3. Похиленко В.Д. Методы длительного хранения коллекционных культур микроорганизмов и тенденции развития. (В.Д.Похиленко, Баранов А.М., К.В.Детушев). Известия высших учебных заведений. Поволжский регион, Медицинские науки. – 2009, -№4 (12). – С. 99-121.
4. Сатторӣ И. Мутобиқшавии штамммҳои истеҳсолии Cl. chauvoei ба муҳити ғизои бентонитӣ.// И.Сатторӣ, А Исматов., Ш.С. Соҳибов/ Маводи конференсияи 3-ми илмии ҷумҳуриявӣ “Мутобиқшавии организмҳои зинда ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист”, -Душанбе, АМИТ, 26.09.24, -С 25-26

АННОТАЦИЯ

КУЛЬТУРАЛЬНО - МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВОЗБУДИТЕЛЯ ЭМФЕЗИМАТОЗНОГО КАРБУНКУЛА КРС ПОСЛЕ ХРАНЕНИЯ МЕТОДОМ КОНТАКТНО-АДСОРБЦИИ НА АДСОРБЕНТЕ

Результаты научных исследований показывают, что контактно-адсорбционный метод хранения производственных штаммов Cl. chauvoei на природных адсорбентах позволяет длительно сохранять биологические свойства и обеспечивать иммунологи-ческую активность штаммов вакцины. Он является простым и доступным методом для длительного хранения коллекционных штаммов клостридии при температуре 4-25^{0}С, в условиях лаборатории.

Ключевые слова: *ЭМКАР, Clostridium chauvoei, хранение, контактно-адсорбционный метод, культурально - морфологические свойства.*

ANNOTATION

BREEDIN AND MORPHOLOGICAL CHARACTERISTICS OF THE STIMULUS BLACKNESS OF CATTLE AFTER STORAGE BY THE METOD OF GRAFTING AND ADSORPTION ON ADSORBENT

The results of scientific research show that the contact-adsorption method of storing production strains of Cl. chauvoei on natural adsorbents allows for long-term preservation of biological properties and ensure the immunological activity of vaccine strains. It is a simple and affordable method for long-term storage of collectible strains of clostridia at a temperature of 4-25^0 C in a laboratory.

Key words: *emphysematous carbuncle, Clostridium chauvoei, storage, contact-adsorption method, cultural and morphological properties.*

Сведения об авторе:

Соҳибов Шохмахмад Сатторович-старший преподаватель факултета ветеринарной медицины Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146, телефон: (+992) 918755027

Author informations:

Sohibov Shokhmakhmad Sattorovich, Senior teacher at the Faculty of Veterinary Medicine of the Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki, 146. Phone: (+992)918755027

ТДУ: 691.771

ТАЪСИРИ ИЛОВАИ КАЛИЙ БА ХОСИЯТҲОИ МЕХАНИКӢ ВА МИКРОСТРУКТУРАИ ХӮЛАИ АЛЮМИНИЙИ AlCu4.5Mg1 НАВЪИ ДЮРАЛЮМИНӢ

Ғаниев И.Н.[1], Абуали Э.[2], Валиев С.З.[3], Хочаназаров Х.М.[1], Сафаров Б.С.[1]-
[1]Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
[2]Донишгоҳи давлатии Данғара, [3]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шохтемур

Калимаҳои асосӣ: *хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ, калий, хосияти механикӣ, усули металлографӣ, микроструктура, усули Бринелл, сахтӣ, мустаҳкамӣ.*

Хӯлаҳои алюминий дар ҳама соҳаҳо истифода мешаванд. Алюминий ва хӯлаҳои он махсусан дар саноати авиатсия, автомобилсозӣ ва тракторсозӣ ва мошинҳои кишоварзӣ васеъ истифода мешаванд. Солҳои охир дар таҷрибаҳои электромошинсозии ҷаҳон, хӯлаҳои алюминий барои рехтани қисмҳои муҳаррикҳои электрикӣ бештар истифода мешаванд. Зиёдшавии истифодаи доимии хӯлаҳои алюминий дар энергетика, нақлиёт, сохтмон ва дигар соҳаҳои техника коркарди технологияҳои нави хеле самаранокро талаб мекунад, ки мустаҳкамӣ, устувории ҳароратӣ, эътимоднокӣ ва хизматрасонии дуру дарози онҳоро зиёд мекунад [1, 2].

Дар соли 1908 олими немис А.Вилм хӯлаи бо таркиби 4,02% Cu, 0,5% Mg ва 0,5% Mn пешниҳод кард. Баъдтар, ин хӯла номи дюралюминӣ гирифт ва асоси гурӯҳи калони хӯлаҳо гардида, дар рушди ҳавопаймосозӣ нақши бузург бозид. Дар айни ҳол ҳама дюралюминиҳои дар саноат истифодашавандаро мумкин аст ба чор зергурӯҳ тақсим кард: 1) дюралюминии классикӣ (Д1), ки аз замони А. Вилма таркиби он амалан бетағйир мондааст; 2) дюралюминии мустаҳкамиаш баланд (Д16), ки аз Д1 бо миқдори зиёди магний фарқ мекунад; 3) дюралюминиҳои ба гармӣ тобовар (Д19; ВАД1 ва ВД17), ки фарқи асосии онҳо аз Д1 ин зиёдшавии таносуби Mg/Cu мебошад; 4) дюралюминиҳои ёзандагиашон баланд (Д18 ва В65), аз Д1 бо миқдори камшавии ҳамаи компонентҳо ё баъзеи онҳо фарқ мекунад [3, 4].

Бе коркарди технологияи истеҳсоли материалҳои нав комёбиҳои бузургро дар ягон соҳаи муҳимми стратегии илм ва техника тасаввур кардан мумкин нест. Ба маводҳои ояндадор, хӯлаҳои дар асоси алюминий бо бериллий таъаллуқ доранд, зеро онҳо сабук (2,0-2,4 г/см^3), модули чандирии баланд (140-220 ГПа) ва устувории баланд (450-600 МПа) доранд. Барои онҳо камшавии ҳассосият ба буришҳо ва бори такрорӣ хос аст. Ин хӯлаҳо ҳангоми сохтани конструксияҳои таҷҳизотҳои парвозкунанда, аз ҷумла дар ҳавопаймоҳо самаранок истифода мешаванд. Дар солҳои охир барои беҳтар кардани муқовимат ба зангзанӣ ва хосиятҳои электрохимиявӣ хӯлаҳои алюминий онҳоро бо дигар металлҳо микроҷавҳаронида мекунанд [5, 6].

Дар адабиёт маълумотҳо дар бораи рушд ва хизматрасонӣ оид ба навъҳои конструктивии хӯлаҳои алюминийи ба гармӣ тобовар, деформатсияшавандаи системаҳои AI-Cu, AI-Cu-Mg ва AI-Cu-Mg-Ag ва усулҳои ҷавҳаронидани онҳо дида баромада шудаанд [7, 8].

Хосиятҳои мавод на танҳо ба хосиятҳои атомҳо ва дигар элементҳои калонтари сохторӣ, ки системаи додашударо ташкил медиҳанд, балки аз он вобаста аст, ки ин элементҳо дар фазо чӣ гуна ҷойгиранд. Ба ибораи дигар, дар ташаккули хосиятҳои мавод на танҳо таркиби химиявӣ (элементӣ), балки сохтори (структураи) онҳо низ нақши муҳим мебозад. Аз ин сабаб, дар маводшиносӣ ба таҳқиқоти сохторие, ки дар миқёсҳои гуногун гузаронида мешаванд, аҳамияти махсус дода мешавад. Ба туфайли дар соҳаҳои гуногуни саноат васеъ истифода бурдани хӯлаҳои алюминий барои беҳтар намудани хусусиятҳои кори онҳо, мунтазам корҳои таҳқиқотӣ бурда мешаванд [9-11].

Дар адабиёт маълумот оид ба хосиятҳои механикии хӯлаи алюминийи AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминий бо натрий мавҷуд нест. Чунин маълумот саҳифаҳои маълумотно-маҳои дахлдорро пур мекунад ва ҳангоми интихоби мавод барои конструксияҳои аз хӯлаи алюминий сохташуда маълумоти пурарзиш мебошад.

Хосиятҳои маводҳо на танҳо аз хосиятҳои атомҳо ва дигар сохторҳои элементҳои калонтаре, ки дар системаи додашуда ҳосил мешаванд, балки аз он, ки ин элементҳо дар фазо чӣ гуна ҷойгиранд, вобастаанд. Ба ибораи дигар, дар ташаккули хосиятҳои маводҳо на танҳо таркиби химиявӣ (элемент), балки сохтори (структураи) онҳо низ нақши муҳим мебозад. Аз ин сабаб, дар маводшиносӣ ба таҳқиқотҳои сохтории дар миқёсҳои гуногун гузаронида шуда, аҳамияти махсус дода мешавад.

Омӯзиши микроструктура яке аз воситаҳои асосии таҳқиқоти хӯлаҳо мебошад. Ин имкон медиҳад, ки таъсири деформатсияҳои гуногун ва коркарди ҳароратӣ оид ба хосиятҳои маснуотҳои тайёри алюминийро муайян карда, сабабҳои нуқсонҳои онҳо таҳлил карда шаванд. Микроструктураи хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 бо калий бо истифода аз микроскопи рӯшноии MODEL HBRV-187.5D омӯхта шуд (расми 1) [12, 13].

Расми 1.-Микроскопи MODEL HBRV-187.5D (Украина)

Омода кардани микросуфта барои омӯзиши микроструктура одатан аз буридани намуна аз минтақаи муайяни объекти омӯхташаванда оғоз меёбад. Ин минтақа аз рӯйи ҳадафи таҳқиқот муайян карда мешавад (масалан, наздиктар ба шикастан ё тарқиш дар маҳсулот). Барои тайёр кардани микросуфтаҳо намунаҳои буриши силиндрӣ ё мураббаъ бо диаметр ё канори мураббаъ аз 10 то 20 мм ва баландии аз 10 то 30 мм хеле мувофиқ мебошанд. Яке аз хосиятҳои маъмултарине, ки сифати металлҳо ва хӯлаҳоро муайян мекунад ва имкони истифодаи онҳоро дар сохторҳои гуногун ва дар шароитҳои гуногуни корӣ муайян мекунад, сахтӣ мебошад.

Санҷиш оид ба сахтӣ нисбат ба муайян кардани дигар хусусиятҳои механикии металлҳо: мустаҳкамӣ, дарозшавӣ ва ғайра бештар гузаронида мешавад. Сахтӣ аз рӯйи усули Бринелл (ГОСТ 9012-59) тавассути пахш кардани кураи пӯлодии диаметри муайяни D (2,5; 5; 10 мм) ба намунаи озмоишӣ таҳти таъсири сарбории додашудаи F дар муддати муайян чен карда мешавад (расми 2). Рақами сахтӣ аз рӯйи Бринелл бо HB (H ҳарфи ибтидоии калимаи Hardness-сахтӣ; B - ҳарфи ибтидоии номи усули муайянкунии сахтӣ Бринелл) таносуби сарбории F ба майдони сатҳи нишонаи S кӯра ифода карда шуда ва бо кгк/мм^2 ё МПа чен карда мешавад:

$$HB = \frac{F}{S}. \qquad (1)$$

Сахтӣ бо воситаи диаметри кӯра D ва диаметри нишона d ифода гардида аз рӯйи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$HB = \frac{2F}{\pi D(D-\sqrt{D^2-d^2})}. \qquad (2)$$

Сахтии хӯлаҳо бо Бринелл мувофиқи усули стандартӣ дар дастгоҳи ТШ-2 чен карда шуд (расми 3). Намунаҳо бо ғафсии 10 мм ва диаметри 16 мм озмуда шуданд [14, 15].

Омӯзиши микроструктура яке аз воситаҳои асосии омӯзиши хосиятҳои алюминий ва хӯлаҳои он мебошад. Ин имкон медиҳад, ки таъсирҳои гуногуни деформатсионӣ ва коркарди ҳароратиро ба хосиятҳои маҳсулотҳои тайёри алюминий муайян карда, сабабҳои нуқсонҳои онҳо таҳлил карда шаванд. Таҳқиқотҳо имконят медиҳанд, ки дараҷаи сарҳади байни минтақаҳои гомогенӣ ва гетерогениро дақиқ муайян карда, тағйирёбии микроструктура дар вобастаги аз таркиб ва ҳарорат, инчунин мавҷудияти фазаҳои байниметаллӣ дар система мушоҳида карда шавад.



Расми 2.- Нақшаи санҷиши намунаҳо ба сахтӣ мувофиқи усул Бринелл (ГОСТ 9012 – 59)

Расми 3.-Сахтиченкунаки намуди ТШ-2

Барои омухтани микроструктураи намунаҳои таҳқиқшаванда аз гудохтаи ҳосилкарда намунаҳои силиндрии диаметраш 15 мм ва дарозиаш 20 мм рехта мешавад. Ҳар як намунаро

пешакӣ сайқал дода, бо спирт беравғаи намуда, дар реагенти таъиноти умумӣ 0,5% маҳлули обии HF аз 30 то 50 сония меғӯтонем.

Маводи таҳқиқотӣ хӯлаи алюминийи рехташудаи саноатӣ буда, таркибаш ваз. %: Cu-4,5 ва Mg-1,2; боқимондааш-Al мебошад. Барои омӯхтани таъсири иловаҳои калий ба микроструктураи хӯлаи алюминийи AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминий як қатор хӯлаҳо бо калий дар ҳудуди 0,05-1,0 % массавӣ ҳосил карда шуданд. Пас аз тезобкунӣ, лавҳачаи ниҳоят тунуки суфташударо дар оби равон шуста бо коғази филтри бодиққат хушк менамоем.

Микроструктураи хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ бо калий маҳлули сахти алюминий бо дохилшавии эвтектикӣ мебошад, ки миқдор ва андозаи он аз миқдори элементи ҷавҳаронидашуда дар хӯла вобаста аст. Хӯлаҳои бо иловаҳои нисбатан хурди калий бо сохтори нисбатан даҳал тавсиф карда мешаванд. Зиёдшавии минбаъдаи миқдори моддаҳои модификатсионӣ микроструктураи хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминро такмил медиҳанд ва он якхела ва калон дона мешавад (расми 4).



Расми 4.-Микроструктураи (х500) хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ (*а*), миқдори калий, % массавӣ: 0,05 (б); 0,1(в); 0,5 (г); 1,0 (д).

Муқаррар карда шуд, ки иловаҳои то 1,0% массавии калий ҳамчун тағйирдиҳандаи сохтор микроструктураи хӯлаи ибтидоиро ба таври назаррас такмил медиҳанд ва он якхела ва калон дона мешавад.

Яке аз намудҳои паҳншудаи санҷиши механикии металлҳо ин ченкунии сахтӣ мебошад. Азбаски аксари хосиятҳои металлҳо ва хӯлаҳоро сохтори онҳо муайян мекунад, бо қимати сахтӣ баровардани хулосаҳои пешакӣ оид ба дигар хосиятҳои механикии металлҳо (хӯла) мумкин аст. Ченкунии сахтӣ имкон медиҳад, ки оид ба вҷуд доштан ё надоштан дар ҷузъҳо (деталях) сатҳҳои сахтшуда дар натиҷаи коркарди гуногуни ҳароратии хӯлаҳо, ки бо тағйирёбии сохтор дар буриши ҷузъҳо алоқаманд аст, хулоса баровардан мумкин аст. Мо таҳқиқотро бо ёрии таҷҳизоти ТШ-2 бо бори Р = 250 кг ва диаметри кӯрааш Д = 10 мм гузарондем. Намунаҳои хӯлаҳои ғафсиашон аз 6 мм калонтар ва диаметрашон 16 мм озмоишӣ гузаронида шуд.

Байни ҳудуди мустаҳками металл ва сахтии Бринелл робитаи тахминӣ вуҷуд дорад:

$$\sigma_в = к \cdot HB, \ МПа.$$

Қимати *к* барои хӯлаҳои алюминий баробари 0,35 аст. Бо назардошти ин қимат $\sigma_в$ хӯлаҳо аз нав ҳисоб карда мешаванд. Натиҷаҳои ҳисобкуниҳо дар ҷадвал пешниҳод шудаанд. Чи тавре дида мешавад, ҳангоми илова кардани калий то 1,0% массавӣ сахтӣ ва мустаҳкамии хӯлаи аввала кам мешавад.

Ҷадвал. -Сахтӣ ва устувории хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ бо калий ҷавҳаронидашуда

Миқдори калий, дар хӯла, % массавӣ	*Сахтӣ HB, кгк/мм²	*Сахтӣ HB, МПа	Мустаҳкамии ҳисобӣ, МПа
0,0	22,86	224,18	15,70
0,05	22,12	216,92	15,18
0,1	20,27	198,72	13,91
0,5	18,00	176,51	12,35
1,0	16,86	165,34	11,57

***-қимати миёнаи HB дар асоси натиҷаҳои 3 ченкунӣ муайян карда шуд.**

Чунон ки аз ҷадвал дида мешавад, ҳангоми илова кардани калий то 1,0% массавӣ сахтӣ ва мустаҳкамии хӯлаи аввала кам мешавад.

Хулоса. Микроанализ имкон медиҳад, ки на танҳо сифатан омухтани сохти металл инчунин барои муайян кардани миқдори ҷузъҳои сохторӣ, масалан, барои чен кардани андозаи дона, умқи қабат ва ғайра истифода шавад. Андозаи дона хусусияти хеле муҳими хӯлаҳо буда, хосиятҳои механикии онҳо, асосан қувваи зарбаро муайян мекунад: дона ҳар қадар майдатар бошад, тобоварӣ ба шикастани зарбаҳо зиёд мешавад ва аз ин рӯ, мустаҳкамии сохтории хӯлаҳо ҳамон қадар зиёдтар аст. Андозагирии сахтии металл муҳимтарин таҳқиқотест, ки ба шумо имкон медиҳад қобилияти мавод барои муқовимат ба қувваҳои деформатсияшаванда арзёбӣ карда шавад. Нишондиҳандаҳои асосии сифат, устуворӣ, устуворӣ ва хусусиятҳои гуногуни кори ин мавод дар шароити кор бевосита аз хусусиятҳои сахтӣ вобастаанд. Дар кор таъсири иловаи калий ба сахтӣ ва мустаҳкамии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ омӯхта шудааст. Исбот шудааст, ки сахтӣ ва мустаҳкамии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ бо зиёд шудани консентратсияи калий коҳиш меёбад. Усули металлография нишон дод, ки иловаи калий то 1,0% массавӣ ҷузъҳои сохтории хӯлаи аввалaро AlCu4.5Mg1 хеле калон дона мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Бочвар А.А. //Изв. АН СССР. 1944. -№6. -С. 358-366.
2. Бочвар А.А. Металловедение. М.: Металлургиздат. 1956. -495 с.
3. Антипов В.В., Сенаторова О.Г., Ткаченко Е.А., Вахромов Р.О. Алюминиевые деформируемые сплавы /В сб.: Авиационные материалы и технологии: Юбилейный науч.-технич. сб. (приложение к журналу «Авиационные материалы и технологии»). -М.: ВИАМ. 2012. -С. 167−182.
4. Фридляндер И.Н. Алюминий и его сплавы. -М.: Знание. 1965. -61 с.
5. Чирков Е.Ф. О старение сплава М40 /В кн.: Металловедение сплавов легких металлов. -М.: Наука. 1970. -С. 63-71.
6. Чирков Е.Ф. Жаропрочный сплав М40. Алюминиевые сплавы. Промышленные деформируемые, спеченные и литейные сплавы. М.: Металлургия. 1972. -С. 123-131.
7. Колобнев И.Ф. Жаропрочность литейных алюминиевых сплавов. М.: Металлургия. 1973. -320 с.
8. Фридляндер И.Н. Алюминиевые деформируемые конструкционные сплавы. М.: Металлургия. 1979.-208 с.
9. Квасов Ф.И., Фридляндер И.Н. Алюминиевые сплавы типа дуралюмин. М.: Металлургия. 1984. -240 с.
10. Phillips H.W.L. Annotated Equlibrium Diagrams of Some Aluminium Alloy Systems.The Inst. of Met. Monograph and Report Series. 1959. №25. -86 p.
11. Чирков Е.Ф. О природе воздействия Cu и Mg на эволюцию структуры и жаропрочность алюминиевых сплавов системы Al-Cu-Mg //ТЛС. 2002. №4. -С. 64-70.
12. Ганиев И.Н., Ходжаев Ф.К., Одинаев А.Х. Микроструктура свинцового баббит БСа (PbSb15Sn10Ка) с натрием и фазовый состав продуктов их окислений. Нумановские чтения. «Результаты инновационных исследований в области химических и технических наук в XXI» // ГНУ «Институт химии имени В.И. Никитина НАНТ», 2022. -С.112-115
13. Давлатзода Ф.С. Ганиев И.Н., Иброхимов Н.Ф., Раджабалиев С.С., Караев П.Н. Влияние титана, ванадия и ниобия на микроструктуру и механические свойства алюминиевого сплава АМг2 // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. 2019. -Т.46. -№2. -С. 67-71.
14. Холмуродов Ф., Сафаров А.Г., Одинаев Ф.Р., Ботуров К., Ганиев И.Н., Нуров Н.Р. Микроструктура и механические свойства алюминиевого сплава AlFe5Si10 с оловом, свинцом и висмутом // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. 2023. -№ 2-1 (108). -С. 101-107.
15. Исмонов Р.Д., Сафаров А.М., Раджабалиев С.С., Бадурдинов С.Т. Влияние галлия, индия и таллия на микроструктуру и механические свойства алюминиево-бериллиевого сплава AlBe1 // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. 2024. -№1 (65), -С. 60-63.

АННОТАЦИЯ
ВЛИЯНИЕ ДАБАВЛЕННОГО КАЛИЙ НА МЕХАНИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА И МИКРОСТРУКТУРУ АЛЮМИНЕВОГО СПЛАВА AlCu4.5Mg1 ДЮРАЛЮМИНИЯ

В статье представлены результаты исследования макроструктуры механических свойств алюминевого сплава AlCu4.5Mg1 типа дюралюмин легированного калием. Установлено, что добавки калия в количестве до 1,0 мас.% как модификатора структуры исходного сплава AlCu4.5Mg1, значительно измельчают, и она становится крупгозер-нистой. Стандартные методы измерения твердости металлов (метод Бринелля) показали, чтодобавки калия до 1,0 мас.% уменьшают твердость и прочность алюминевого сплава AlCu4.5Mg1 типа дюралюминия.

Ключевые слова: *алюминиевый сплав дюралюминий AlCu4.5Mg1, калий, механические свойства, металлографический метод, микроструктура, метод Бринелля, твердость, прочность.*

ANNOTATION
THE EFFECT OF POTASSIUM ON MECHANICAL PROPERTIES AND MICROSTRUCTURE OF ALUMINUM ALLOY AlCu4.5Mg1 OF THE DURALUMINE TYPE

The article presents the results of the research of the microstructure and mechanical properties of the aluminum alloy AlCu4.5Mg1 of the duralumin type, alloyed with potassium. It was found that potassium additives in an amount of up to 1.0 wt.%, as a modifier of the structure of the original AlCu4.5Mg1 alloy, significantly crush it and it becomes coarse-grained. Standard methods for measuring the hardness of

metals (the Brinell method) showed that potassium additives up to 1.0 wt.% reduce the hardness and strength of the aluminum alloy AlCu4.5Mg1 of the duralumin type.

Key words: *aluminum alloy of the duralumin type AlCu4.5Mg1, potassium, mechanical properties, metallographic method, microstructure, Brinell method, hardness, strength.*

Маълумот дар бораи муаллифон

Ғаниев Изатулло Наврӯзович — академики АМИТ, доктори илмҳои химия, профессори кафедраи технологияи истеҳсоли химиявии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042 Душанбе, хиёбони академикҳо Рачабовҳо, 10, E-mail: ganievizatullo48@gmail.com.

Абуали Элмурод - ичрокунандаи вазифаи мудири кафедраи химияи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735320, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25, Тел.: (+992) 900-03-04-64, E-mail: abuali54321@inbox.ru

Валиев Самардин Зайнуддинович,омӯзгори калони кафедраи воситахои энергетикӣ ва бехатарии меҳнати Донишгоҳи аграрии тоҷикистон ба номи шириншоҳ шоҳтемур. 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони. Рудакӣ, 146. Тел. (992) 987200483. E-mai: valiev_vcz@mail.ru

Хоҷаназаров Хайрулло Маҳмудхонович – н.и.т., муаллими калони кафедраи метрология, стандартизатсия ва сертификатсияи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042 Душанбе, хиёбони академикҳо Рачабов, 10, Тел.: (+992) 907-60-60-73, E-mail: khayrullo.khodzhanazarov@bk.ru.

Сафаров Бахриддин Саидович - н.и.т., ичрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи технологияи мошинсозӣ, дастгоҳҳо ва асбобҳои металлбурии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042 Душанбе, хиёбони академикҳо Рачабов, 10, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, Душанбе, хиёбони академик Рачабовҳо, 10 А. E-mail: Baha_1985@mail.ru;

Сведение об авторах

Ганиев Изатулло Наврузович – академик АМИТ, доктор химических наук, профессор кафедры технологии химических производств Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, 734042,Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Раджабовых, 10, E-mail:ganievizatullo48@gmail.com.

Абуали Эльмурод – исполняющий обязанности директора кафедры общей химии, Дангаринского государственного университета. 735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Центральная, 25, Телефон: (+992) 900-03-04-64, E-mail: abuali54321@inbox.ru

Валиев Самардин Зайнуддинович-старший преподаватель кафедры энергетики и безопасности труда Таджикиского аграрного университета имени Шириншох Шотемур. 734003, Таджикистан, город Душанбе, просп. Рудаки, 146. Телефон (+992) 987200483. E-mail: valiev_vcz@mail.ru

Ходжаназаров Хайрулло Махмудхонович – кандидат технических наук, старший преподаватель кафедры метрологии, стандартизации и сертификации Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, 734042,Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Раджабовых, 10, Телефон: (+992) 907-60-60-73, e-mail: khayrullo.khodzhanazarov@bk.ru.

Сафаров Бахриддин Саидович – кандидат технических наук, и.о. доцента кафедры технологии машиностроения, приборов и металлорежущего инструмента Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, 734042, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Раджабовых, 10, E-mail: Baha_1985@mail.ru;

ТДУ 621.762

ТАҲЛИЛИ УСУЛҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАРСОИШПОЁИ БЕЛЧАҲОИ АҚРАБАКШАКЛИ ЗАМИННАРМКУНАКҲО

Сафаров Х.[1], Ҳасанов Б.[2]

[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

[2] Донишгоҳи давлатии Данғара

Калимаҳои асосӣ: *андудан, агротехникӣ, дарозумрӣ, бақоӣ, заминнармкунак, қисм, мошин, мустаҳкамкунӣ, техника, технология, фарсудашавӣ, ҷузъ, хизматрасонии техникӣ.*

Сабаби асосии паст будани эътимоднокӣ ва ба талаботҳои техникию агротехнологӣ мутобиқат накардани ҷузъҳо ва қисмҳои кории мошинҳои коркарди хок, ки аз пӯлод сохта мешаванд пеш аз ҳама дар фарсудашавии онҳо мебошад.

Фарсуда шудан ва аз кор баромадани ҷузъҳо ва қисмҳои кории мошинҳои коркарди хок яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳими мошинсозон ва истифодабарандагон ба ҳисоб меравад. Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии фарсудашавӣ ва корношоям гардидани ҷузъҳои кории мошинҳои коркарди хок аз таркиб ва намуди хок, филизе, ки масолеҳ сохта мешавад ва ҳолати техникии ҷузъҳо ва қисмҳо вобастагӣ дорад.

Таҳқиқотҳои сершумор [1, 2] ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷузъҳо ва қисмҳои кории мошинҳои коркарди хок бештар ба фарсудашавии соёӣ, механикӣ ва зангзанӣ дучор мегарданд, ки дар натиҷа шакл, вазн ва андозаи онҳо тағйир ёфта ба нишондодҳои техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, неругии мошинҳои кишоварзӣ мутобиқат накардан оварда мерасонанд.

Дар натиҷа ин омилҳо ба зиёд шудани вақт барои гузаронидани хизматрасониҳои техникӣ, таъмир ва барқароркунӣ, инчунин зиёд шудани сарфҳои истифодабарию арзиши аслии маҳсулотҳои истеҳсолкардамешуда оварда мерасонад [1, 3].

Гарчанде, ки то ба имрӯз аз тарафи таҳқиқотчиёни зиёд оид ба баланд бардоштани қобилияти коричрокунӣ ва дарозумрии ҷузъҳо ва қисмҳои кории мошинҳои коркарди хок таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, вале то ба имрӯз ин масъала ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст.

Мувофиқи маълумотҳои Вазорати кишоварзӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба 01. 01 соли 2023 дар муҷтамеи агросаноатии ҷумҳурӣ, мошин ва абзорҳои зиёди коркарди хок истифода бурда мешаванд, ки аз коршоямӣ ва дарозумрии онҳо баланд бардоштани самаранокии кишоварзӣ вобастагии калон дорад. Дар ҷадвали 1 маълумот доир ба номгӯ ва миқдори мошинҳои коркарди хок оварда мешавад [4].

Ҷадвали 1. - Маълумот дар бораи мошинҳои коркарди хок, ки то ба 01.01.2023 дар ҷумҳурӣ арзи вуҷуд доштанд

№	Номгӯи мошинҳои коркарди хок	Тамға	Миқдор,адад
1.	Испорҳо (ҳама намуд)	ПЯ, ПН ва ғайра	10837
2.	Испорҳои чуқурнармкунанда	ПЧ-4.5	134
3.	Мошинҳои заминҳамворкунанда	ПА-3, ГН-4А	467
4.	Нармкунаку ғизодиҳанда	КРХ, КХУ-4 ва ғайра	3475
5.	Мошинҳои яклухт нармкунанда	КПГ-250А ва ғайра	98
6.	Сихмолаҳо	ЗБЗНТУ-1	
7.	Тухмипошакҳои пахта	СХУ-4А,	2283
8.	Тухмипошакҳои ғалла ва дигар зироатҳо	СЗ-3,6А; ва ғайра	987
9.	Чархмолаҳо	БДТ ва БДН	711
10.	Ҷуйкашу ҳамворкунанда	КЗУ-0,38 ва ғайра	384
11.	Чуқурнармкунандаҳо	ПГ-3,5;FTTILA,FTTILA,HYDRO ва ғайра	88
12.	Яклухтнармкунандаҳо	ГУН-4 ва ғайра	111

***Рақамҳои Вазорати кишоварзӣ, таҳқиқотҳои муаллифҳо ва* [4]**

Яке аз ҷузъҳои тез фарсудашавандаи қисмҳои кории мошинҳои коркарди хок белчаҳои ақрабакшакли мошинҳои заминнармкунанда ба ҳисоб мераванд, ки онҳо аз пӯлодҳои обутобдодашуда сохта мешаванд.

Дарозумрии белчаҳои заминнармкунанда дар натиҷаи дуруст интихоб кардани технологияи фарсоишпоёӣ, дуруст мустаҳкамкунӣ ва зиёд намудани қобилияти коричрокунӣ, инчунин ба зиёд шудани фарсоишпоёӣ имконият медиҳад [3].

Дар расми 1 намуди умумӣ ва ҷадвали 2 усулҳои баланд бардоштани фарсоишпоёӣ заминармкунандаҳо оварда мешаванд, ки роҳҳои асосии баланд бардоштани фарсоишпоёи белчаҳо аз инҳо иборат мебошад:

- такмил додани сохтор;
- интихоби масолеҳ ва коркарди он;
- мустаҳкам намудани теғи бурранда.



Расм. - Тарҳи белчаи ақрабакмонанди заминнармкунӣ

Ҷадвали 2. - Усулҳои зиёд намудани дарозумрии белчаҳо

Синфи усул	Усул
Мустаҳкамкунӣ бо роҳи дар сатҳи маснуот парда ба вуҷуд овардан	Бо реаксияи химияви таҳшин карда шудан
	Такшинкунии электролитӣ
	Бо пайвастагиҳои фарсишпоѐ чанг кунонидан
Мустаҳкамкунӣ дар сатҳи филиз ва ба вуҷуд овардани қабати махсус бо роҳи тағйир додани таркиби химиявӣ	Чангкунию омехтакунӣ (дифузионӣ)
Мустаҳкамкунӣ бо роҳи тағйир додани қабати сатҳ	Коркарди химиявию ҳароратӣ
	Коркарди барқию физикӣ
	Коркарди механикӣ
	Бо хуллаи филизӣ сахт ҷавҳаронидан
Мустаҳкамкунӣ бо роҳи тағйир додани неругии сохти қабати ҷузъ	Дар майдони магнитӣ коркард кардан
Мустаҳкамкунӣ бо тағйир додани захираи неруи қабати сатҳ	Коркард дар майдони магнитӣ
	Шаклтағирдиҳии плостикӣ
Мустаҳкамкунӣ бо роҳ пурраи тағйир додани сохтори филиз	Коркарди сайқалдиҳӣ ҳангоми мусбат будани ҳарорат
	Коркарди бо роҳи криогенӣ
Мустаҳкамкуни бо роҳи ба таркиби масолеҳ ворид намудани дигар унсурҳо	Ба масолеҳ илова намудани теллур

Маълумотҳои [3] ва таҳқиқоти муалифҳо.

Устувории ҷузъҳои буррандаи мошинҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла белчаҳои заминнармкунакҳо (расм), вобаста аз дараҷаи қобилияти ниҳоияшон баҳодиҳӣ карда мешавад. Бино бар сабаби дар раванди иҷрои амалиётҳои кишоварзӣ риоя нагардидани талаботи техникию агротехнологӣ, инчунин дар заминҳои сангу регдор истифода намудани белчаҳои кории заминнармкунакҳо, корношоям гардида пеш аз муҳлат таъмир ё иваз карда мешаванд.

Усулҳои асосии баланд бардоштани фарсоишпоёи белчаҳои акрабакшаклро ба шаш гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин [3]:

- истифода намудани масолеҳи фарсоишпоё;
- истифода намудани масолеҳи биофилизии дар натиҷаи андудан ба даст омада;
- истифода намудани масолеҳи ҷавҳардодашуда;
- истифода намудани фаровардаҳои навардкардашудаи дуқабата;
- истифодаи хӯллаҳои сахт.

Барои андудан асосан хӯлаи хроми баланд истифода бурда мешавад. Ин усул фақат дар Федератсияи Руссия истифода бурда мешавад. Дар кишварҳои тараққикарда бештар хуллаҳо дар асоси карбит ва волфрам истифода бурда мешаванд. Хуллаҳои дар таркибашон 25-35% карбит дошта, ҳангоми фарсудашавии соёӣ ва мавҷуд будани зарба баҳои баланд дода мешаванд [4].

Умуман барои мустаҳкам кардани ҷузъҳои кории мошинҳои коркарди хок намудҳои зерини андудан истифода бурда мешавад: барққамонӣ, газӣ, индуксионӣ, плазмавӣ, хунук кардан, химиявию ҳароратӣ ва ғайра.

Дар солҳои охир ба масолеҳи асосӣ илова намудани дигар унсурҳо истифода бурда мешавд, ки дар натиҷаи чунин таъсир ба ғафсӣ ва мустаҳкамии лозимиро ба даст овардан имконпазир мебошад. Чунин усулҳо аз таъсири манфӣ ба мисли таъсири ҳароратӣ, ки ба тағйирёбии геометрии ҷузъ ва талафшавии масолеҳи ҷавҳардодашудаи унсури фарсоишпоёи электронӣ оварда расониданашон мумкин [5].

Ҳангоми бо газ андудани милаҳои атсетилению оксигенӣ дар асоси оҳан (ПР-С1, ПР-С27), кобалт (ПР-ВЗК, ПР-ВЗРКР, ПР-816К), «Сармайт», ки сахтии руйпӯши онҳо то 45-60 HRC мерасад, истифода бурда мешавад.

Дар андудани барққамонӣ, ноқилҳои хокагии Ш1-АН-125, ПП-АН-123 ва тасмаҳои хокагии ЛС-У10Х7ГР, ки фарсоишпоёи қисмҳо ва ҷузъҳоро нисбат ба силсилавиҳо то 1,5-2,0 маротиба зиёд менамояд, истифода бурда мешавад. Камбудии асосии ин намуди андудан дар мушкилии ба даст овардани ғафсии баробари сатҳи ҷузъ мебошад.

Андудани индуксионӣ бо хуллаҳои ПГС-УС25, ФБХ-6-2 иҷро карда мешавад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои дар озмоишгоҳи КВД –и “Мошинсозӣ”-и шаҳри Душанбе ва озмоишгоҳи “Технологияи филизҳо”-и ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур гузаронидашуда маълум гардид, ки фарсоишпоёи балантаринро намунаи якум доро мебошад. Новобаста ба бартариҳо ҳангоми истифодабарии ин намуд як қатор камбудию норасоиҳо, ба монанди зиёд шудани арзиши аслӣ муайян гардид.

Андудани “сардгардонӣ” ҳангоми истифода намудани хуллаи ФБХ-6-2 имконияти то 2-3 маротиба зиёд шудани фарсоишпоёи он тасдиқ гардид. Инчунин, муайян карда шуд, ки ҳангоми истифодабарии чунин технология дар бисёр ҳолатҳо нокифоягии часпидани филизи асосӣ ва зиёд шудани фарсудашавии ҷойҳои мустаҳкамкардашуда мушоҳида мегардад [6].

Дар кишварҳои тараққикарда якчанд намуд технологияҳои дигари андудан истифода бурда мешавад, ки самаранокии баландро доро мебошанд. Бинобар ҳамин, аз тарафи муаллифони ин мақола усули нави аз чӯяни хокистарранг бо роҳи илова намудани теллур сохтани қисмҳо ва ҷузъҳои мошинҳои коркарди хок (белчаҳои акрабакмонанди заминнармкунакҳо ва дигар қисмҳо) коркард карда шуда пешниҳод карда мешавад, ки фарсоишпоёи эътимоднокиро то ба 1,5-2,0 маротиба зиёд менамояд [7].

Хулоса. Таҳлили усулҳои мавҷудбудаи баланд бардоштани фарсоишпоёи белчаҳои заминнармкунандаҳои байни қаторҳои пахта ва дигар зироатҳои техникӣ нишон медиҳад, ки мақсад на фақат барои кам кардани масолеҳ (филиз, чӯян), балки дар таъмин намудани фарсоишпоёӣ ва бақои ҷузъҳои ба талаботҳои техникию агротехнологӣ мутобиқаткунанда мебошад. Бинобар ҳамин, муаллифони ин мақола дар натиҷаи таҳқиқот ва озмоиш, усули нави аз чӯяни хокистарранг сохта шудани ҷузъҳо ва қисмҳои кории мошинҳои коркарди хокро бо илова намудани теллурр пешниҳод менамоем. Ин усул нисбат ба усулҳои дар боло нишондодашуда фарсоишпоёи баланд дошта, аз нуқтаи назари иқтисодӣ 1,5-2,0 баробар арзон буда, қобилияти фарсоишпоёи баланд дошта, барои коркарди хокҳои ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон мувофиқ мебошад [7].

АДАБИЁТ

1. Сафаров Х. Истифодабарии техникии парки мошину тракторҳо. – Душанбе: ДАТ, 2002. - С. - 159.

2. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический сборник. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2024. – 368 с.
3. Кравченко И. Н. Ресурсосберегающие технологии ремонта сельскохозяйственной техники: Учебное пособие / И. Н. Кравченко, В. М. Корнеев, Ю. В. Катаев // М.: ФГБНУ "Росинформтех", 2018. - 184 с.
4. Сафаров Х., Ҳасанов Б., Давлатов Д. Усули технологии баланд бардоштани бақои ва захираҳои чузъҳои кории мошинҳои коркарди хок. Мачмуи мақолаҳои илмӣ. Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши татбиқи имкониятҳои инноватсионӣ дар ҳалли мушкилоти соҳаи кишоварзӣ, маориф ва илм». – Душанбе, 2024. - С. 344-348.
5. Бетеня Г. Ф. Повышение долговечности почве режущих элементов сельскохозяйственной техники наплавкой нагораживанием кан. дис. / Г.Ф. Бетеня. – Мин. БелНИИНТИ, 1986. - 44 с.
6. Ткачев В. И. Износ и повышение долговечности рабочих органов почвообрабатывающих машин [Текст] / В. Н. Ткачев. – М.: Машиностроение, 1984. – 372 с.
7. Сафаров Х., Ҳасанов Б, Ясинов Ш. М., Бердиев С. А., Умирзоқов А.М. Чӯян. Шаҳодатномаи муаллифии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № ТЈ 1514 аз 05.07. 2024.

АННОТАТСИЯ

АНАЛИЗ СПОСОБ ПОВЫШЕНИЯ ИЗНОСОСТОЙКОСТИ СТРЕЛОЧНЫХ ЛАП КУЛЬТИВАТОРОВ

Приводиция анализ существующих способов повышения износостойкость, долговечность и работоспособности стрелчатых лап культиваторов для междурядной обработки хлопчатника и на их основе предложено новый метод повышения износостойкости и долговености култивароных лап за счет изготовление новый лап из серого чугуна с добавкой теллура.

Ключевые слова: *покрытие, агротехника, долговечность, остаток, смягчитель почвы, деталь, машина, усиление, техника, технология, износ, деталь, технический сервис.*

ANNOTATION

ANALYSIS METHOD OF INCREASING WEAR RESISTANCE OF SWITCH FEET OF CULTIVATORS

An analysis of existing methods for increasing the wear resistance, durability and performance of arrow-shaped cultivator paws for inter-row cultivation of cotton is presented and, based on them, a new method for increasing the wear resistance and durability of cultivator paws is proposed by manufacturing new paws from gray cast iron with the addition of tellurium.

Key words: *coating, agricultural technology, durability, residue, soil softener, part, machine, reinforcement, technology, technology, wear, part, technical service.*

Сведения об авторах:

Сафаров Худжавали – доктор технических наук, профессор кафедры технический сервис и ремонт машин Таджикского аграрногно университета имени Шириншох Шотемур. 734017, Республики Таджикистан, г. - Душанбе, пр. Рудаки 146. Тел. (992) 90 106 60 57. Email.zu Safarov-@mail.ru

Хасанов Бобо – старший преподаватель кафедры естественной математики и современных технологии Дангаринского государственного университета. 735140, Республики Таджикистан, Дангаринский район, село Рахшонзамин. Тел. + 992 915761412.

Information about the authors:

Safarov Khudjavali – Doctor of Technical Sciences, Professor of the Department Technical service and repair of machines TAU named after Sh. Shotemur (734017, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 146) Tel. (992) 901 06 60 57. E-mail.ru Safarov-47-@ mail.ru.

Khasanov Bobo – senior lecturer of the department of natural math mathematics and modern technologies of Dangara State University 735140, Tajikistan, Dangara district, Rakhshonzamin. Tel. +992 915761412.

ТДУ: 634.4:638.8

НАТИҶАҲОИ БЕҲТАРИНИ АГРОТЕХНИКӢ ВА САРФАИ ОБЁРИКУНӢ ВОБАСТА АЗ ИСТИФОДАБАРИИ УЗВҲОИ КОРИИ ПАССИВӢ ВА АКТИВӢ БАРОИ КОРКАРДИ ХОКИ БАЙНИ ҚАТОРИ БОҒУ ТОКЗОР

Буҳодуров Ш.Б., Тохиров А. М.-Филиали Институти боғУ токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд

Калимаҳои асосӣ: *олотҳо, агротехника, майдакунии хок, узвҳои корӣ, боғ, токзор, мукаммалкунӣ.*

Бо мақсади фароҳам овардани шароити сабзиши дарахтон ва буттаи ток бояд хоки байни онҳо хушсифат коркард шуда, аз алафҳои бегона пурра тоза карда шавад. Тачрибаҳо ва таҳқиқотҳо нишон доданд, ки беҳад майдашавии қабатҳои хок ба нигоҳ доштани намнокии хок оварда мерасонад ва сабаби сарфакории об мегардад. Яъне, мо метавонем бо ин роҳ дар мавсими тобистону тирамоҳи сол парвариши дарахтони мевагию буттаҳои ток шумораи обмониро ихтисор намуда, ҳачми муайяни обро сарфа намоем. Аз ин лиҳоз, барои исботи ин гуфтаҳо доир ба технологияи гуногуни коркарди хоки байни қатори боғу токзорҳо бо мошинолотҳои анъанавию

таҷрибавӣ (бо узвҳои кории активию пассивӣ) таҳқиқотҳои илмию техникӣ гузаронида шуданд, ки натиҷаҳои зарурӣ ба даст омада хулосаҳои дахлдор бароварда шуданд.

Санҷишҳои олотҳои анъанавӣ ва таҷрибавӣ. Аввало ин олотҳо бо ёрии сохти овезанда ба системаи овезандаи трактор пайваст карда мешавад, ки агрегат меноманд. Пеш аз ҳама узвҳои кории панҷагии олот мувофиқи талаботи техникӣ соз карда мешаванд, яъне дар чуқурии коркарди муайян гузошта мешаванд. Пас аз он мувофиқи методикаи санҷиши саҳроӣ корҳои илмию таҳқиқотиро аз муайян кардани суръати ҳаракати мошинолот сар карда шуд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.-Нишондиҳандаҳои суръати ҳаракати агрегат вобаста аз таҳвилҳои қуттии суръаттағйирдиҳандаи трактори тамғаи МТЗ–80

№ таҳвилҳои қуттии суръат-тағйирдиҳанда	Суръати ҳаракати мошинолотҳо дар вақти бекоркард (нақлиётӣ), м/с	Суръати ҳаракати мошинолотҳо дар вақти коркард, м/с
I	0,45	0,33
II	1,25	0,83
III	1,70	1,25

Аз натиҷаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки бо зиёдшавии таҳвилҳои қуттӣ аз I то III суръати ҳаракати трактор дар ҳолати нақлиётӣ таносубан аз 0,45 то 1,70 м\с баланд мешавад, ки ба нишондиҳандаҳои дастурамали техникии трактор мувофиқ меоянд. Чунин қонуният дар ҳолати коркарди хок суръати ҳаракати трактор нисбатан аз 26 то 32 фоиз дар ҳамаи таҳвилҳои қуттии суръаттағйирдиҳанда паст мегардад. Сабаби асосиаш дар вақти коркарди хок пастшавии суръати ҳаракати трактор аз ҳисоби муқовимат- нишондиҳии хок дар вақти коркард мебошад. Аз тарафи дигар, дар асоси ин нишондиҳанда мо метавонем сарфшавии тавоноиро барои иҷрои коркарди хокро ҳисоб карда бароем. Хамин тариқ, санҷиши мошинолот мувофиқи ин суръатҳои ҳаракат доир ба муайянкунии дараҷаҳои майдакунии хок ва несту нобудкунии алафҳои бегона гузаронида шуд, ки дар ҷадвалҳои 2 ва 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.-Дараҷаи майдакунии хок бо мошинолотҳои тамғаи ПРВН-2,5А ва таҷрибавӣ вобаста аз суръати ҳаракати мошинолотҳо

Нишондодҳои вариасионӣ	Фраксияҳои хок, %				
	100 > мм	50-100 мм	25-50 мм	10-25 мм	1 < мм
Мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А; суръати ҳаракат - ϑ = 0,45 м\с					
$M_м$	13,0	17,0	20,0	43,0	6,0
± σ	2,3	3,2	1,9	4,0	1,5
P, %	5,1	6,4	7,2	6,3	8,0
Мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А; суръати ҳаракат - ϑ = 1,25 м\с					
$M_м$	9,0	12,0	27,0	45,0	7,0
± σ	2,8	3,4	1,8	3,8	1,5
P, %	5,4	6,0	6,3	5,3	5,0
Мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А; суръати ҳаракат - ϑ = 1,7 м\с					
$M_м$	4,0	8,0	31,0	49,0	8,0
± σ	2,6	3,2	2,2	3,4	1,5
P, %	5,7	6,1	6,5	5,4	6,0
Мошинолоти таҷрибавӣ(қабатӣ); суръати ҳаракат - ϑ = 0,45 м\с					
$M_м$	-	-	30,0	63,0	7,0
± σ	-	-	2,5	3,8	1,7
P, %	-	-	5,6	5,2	6,3
Мошинолоти таҷрибавӣ(қабатӣ); суръати ҳаракат - ϑ = 1,25 м\с					
$M_м$	-	-	27,0	66,0	8,0
± σ	-	-	2,8	3,3	1,7
P, %	-	-	5,9	5,9	6,5
Мошинолоти таҷрибавӣ(қабатӣ); суръати ҳаракат - ϑ = 1,7 м\с					
$M_м$	-	-	25,0	68,0	8,0
± σ	-	-	2,3	3,2	1,7
P, %	-	-	5,5	6,1	6,2
Мошинолоти фрезагӣ; суръати ҳаракат - ϑ = 0,45 м\с					
$M_м$	-	-	-	87	13
± σ	-	-	-	4,2	1,8
P, %	-	-	-	6,3	5,8

Таҳлили ҳаматарафаи натиҷаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки қонунияти тағйирёбии қиматҳои коркарди хоки байни қатори боғу токзор бо мошинолотҳои тамғаи ПРВН-2,5А ва таҷрибавӣ бо ҳам монандӣ дошта аз ҷиҳати сифати коркарди хок, яъне бо доштани фраксияҳои пурқиматнокии хок аз ҳамдигар бо қуллӣ фарқ мекунанд. Масалан: дар вақти коркарди хок бо намнокии нормалӣ (18-20 % намнокии хок будан) барои мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А дар суръати 0,45 м/с–фраксияҳои аз 100>, аз 50-100 мм ва 25-50 мм таносубан 13, 17–20 %; фраксияи

пурқимат–10-25 мм–43 %-ро ташкил медиҳад. Барои суръати ҳаракати 1,7 мм ин нишондиҳандаҳо таносубан барои фраксияҳои номбаршуда таносубан 4,0; 8,0; 31,0 ва 49 фоизро ташкил додааст. Барои мошинолоти тачрибавӣ дар суръати 0,45 ва 1,7 м\с фраксияҳои хоки аз 100>, ва 50-100 мм умуман вуҷуд надоранд. Фраксияҳои хоки аз 25-50 мм ва пурқимат аз 10-25 мм таносубан 30,0; 63,0 ва 25,0; 68,0 %-ро ташкил додааст. Барои мошинолоти фрезагӣ фраксияи пурқимати хок зиёда аз 80 фоизро ташкил дод, ки барои намнокии хокро дар муддати тӯлонӣ нигоҳ доштан шароит фароҳам меоварад. Аз нишондиҳандаҳои мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А маълум гардид, ки фраксияҳои калонхока аз 100> ва 50-100 мм дошта фраксияи пурқимат аз 43 то 49 %-ро ташкил медиҳад, ки хеле паст мебошад. Ин нишондиҳанда ба талаботи агротехникӣ ҷавобгӯ набуда, бухоршавии об аз хок зиёд мегардад.

Чадвали 3.-Дарачаи несту нобудкунии алафҳои бегона вобаста аз намуди мошинолотҳо

Нишондодҳои вариасионӣ	Шумораи алафҳои бегона то гузаштани агрегат, дона	Шумораи алафҳои бегона баъди гузаштаниагрегат, дона	Фоизи несту нобудкунии алафҳои бегона
Мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А;			
$M_м$	96	72	75
± σ	1,4	4,3	6,2
P, %	0,4	3,4	5,6
Мошинолоти тачрибавӣ(қабатӣ) ва фрезагӣ			
$M_м$	88	84	96
± σ	2,5	6,5	1,3
P, %	0,8	4,2	0,6

Ба ғайр аз он ин нишондиҳандаҳо дар се гузариши мошинолот ба даст оварда мешавад, ки сарфи сӯзишворӣ хеле зиёд буда хароҷотҳои пулию қувваи корӣ баланд мешавад. Ин норасогиҳо дар мошинолоти тачрибавӣ тамоман ислоҳ карда мешавад, чунки дар як гузариши мошинолоти тачрибавӣ аз байни қатори боғу токзор имконият медиҳад, ки 20-22 % фраксияи пурқимати хокро зиёд менамояд, ки намнокиро муҳлати дароз нигоҳ медорад ва ба талаботи агротехникии коркарди хок ҷавобгӯ мебошад. Дар натиҷа хароҷотҳои дар боло зикршуда аз миён бардошта шуда ва сифати баланди коркарди хоки байни қаторҳои боғу токзор дар як гузариши мошинолоти тачрибавӣ ба даст оварда мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мошинолоти пешниҳодшудаи тачрибавиро маҳсулнокиаш 2,5-3 маротиба баланд буда сифати коркарди хок нисбат ба олотҳои вуҷуддошта то 30 % беҳтар мебошад.

Аз таҳлили ҳаматарафаи ҷадвали 3 бармеояд, ки мошинолоти тачрибавӣ барои несту нобуд кардани алафҳои бегона нишондодҳои беҳад баланд доштааст, ки ба талаботи агротехникӣ мувофиқат мекунад, ки сабаби сарфа кардани нуриҳои минералӣ ва органикӣ мегардад. Аз тарафи дигар, боиси баланд шудани ҳосилнокии меваю ангур мегардад, ки боиси баланд гардидани даромаднокии хоҷагӣ мусоидат менамояд. Мошинолоти тачрибавӣ нисбат ба тамғаи ПРВН-2,5А то 20 % зиёдтар алафҳои бегонаро несту нобуд мекунад, ки боиси даромаднокии баланди хоҷагиҳои боғу токпарварӣ мешаванд. Ҳамин тавр, сабаби асосии баландтарин несту нобудкунии алафҳои бегона ин қабат ба қабат гузоштани узвҳои кории панҷагӣ аст. Чунин гузориши узвҳои корӣ имконият медиҳад, ки алафҳои бегонаро аз ду сатҳи баландиаш мебурад, ки сабаби ба пуррагӣ несту нобудшавии он оварда мерасонад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии баъди коркарди байни қаторҳои токзор бо мошину олотҳо ин дарачаи ҳамворшавии сатҳи он мебошад, охирон бо мошинолотҳои ҳамворкунак ба даст оварда мешавад. Яъне, бо ичрои проссеси технологии иловагӣ ба даст оварда мешавад. Аз ин лиҳоз, дарачаҳои ҳамвории сатҳи байни қатори токзор баъди коркарди он бо мошинолотҳои дар боло зикршуда дар зери санҷиш қарор дода шуд, ки бо роҳи гузаронидани профилгирӣ ичро карда шуд. Аз рӯйи натиҷаҳои ба даст оварда шуда нақшаи кундалангии ҳамвории горизонталии коркарди байни катори токзор баъди шудгор бо плуги ПРВН-2,5А нишон дода шудааст (диаграмма).



Диаграмма. -Нақшаи сатҳои дарачаи ҳамвории байни қатори токзор баъди коркард вобаста аз намуди мошинолотҳо

А-намуди сатҳи ҳамвории байни қатори токзор баъди шудгор корпуси шудгоркунандаи мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А; Б- намуди сатҳи ҳамвории байни қатори токзор баъди коркард бо узви кории панҷагӣ (пассивӣ) мошинолоти тамғаи ПРВН-2,5А (расмҳои 1 ва 2). В- намуди сатҳи ҳамвории байни қатори токзор баъди коркард бо мошинолоти такмилдодашудаи таҷрибавӣ (расми 3). Г- намуди сатҳи ҳамвории байни қатори токзор баъди коркард бо узви кории активӣ.

Расми 1.- Намуди мошин-олот аз паҳлу дар хоҷагиҳо вучуддошта кадоме,ки ба рамаи ПРВН–2,5 А бо 7 дона узви кории панҷагӣ дорад ва бо чарх дар як қабати хокӣ соз карда мешавад. Бинобар он, барои пурра ва хушсифат коркарди хок аз байни қатори боғу токзор 3–4 маротиба мегузарад, ки маҳсулнокиаш паст гардида ва сарфи сӯзишворӣ беҳад зиёд мегардад.

Расми 2. -Намуди мошин-олот аз паҳлу кадоме, ки дар ду қатор ҷойгиршавии узвҳои панҷагӣ, дар қисми қафоғӣ мола ва дар қисми болоӣ муҳофизаткунак ҷойгир шудааст (онҳо ба рама маҳкам карда шудаанд).



Расми 3.- Фреза бо тири горизонталии чархзананда (олоти таҷрибавӣ)

Аз шаклҳои намуди сатҳи ҳамвории байни қатори токзор дар расми 1А пас аз коркарди хок дида мешавад, ки дар вақти шудгор сатҳи болоии заминии байни қатори токзор беҳад ноҳамвор пасту баландӣ то 200 мм шуда, коркардҳои иловагӣ ба монанди чизелкунӣ, молакунӣ ва дигарҳоро талаб менамояд. Пас аз ду маротиба коркард бо узвҳои панҷагии мошинолоти тамғаи ПРВН -2,5А (расми 1Б) сатҳи ҳамвории коркард нисбатан ҳамвор мегардад, лекин пасту баландии он то 100 мм-ро ташкил медиҳад, ки боз коркарди иловагиро талаб менамояд. Баъди як коркард бо ёрии мошинаолотҳои такмил додашудаи таҷрибавӣ(қабатӣ) ва фрезагӣ (расмҳои 1В,Г) сатҳи замин наздик ду маротиба беҳтар ҳамвор гашта, дигар коркарди иловагиро талаб наменамояд. Хамин тариқ, мошинолоти такмил додашудаи таҷрибавӣ нисбат ба мошинолоти анъанавӣ тамоми нуқсонҳои он ислоҳ гардида самаранокии баланди он исбот гардидааст.

Дар ҳақиқат таҷрибаҳои истифодабарии онҳо нишон дод, ки узвҳои кории активӣ нисбат ба пассивӣ коркарди хокро беҳтар майда намуда, алафҳои бегонаро тамоман несту нобуд мекар-даст. Барои маълум кардани ҳолати пастшавии намнокӣ дар хок пас аз коркарди хок бо узвҳои кории панҷагӣ (анъанавӣ), қабат ба қабатгузории узвҳои кории панҷагӣ ва фрезагӣ корҳои омӯзишу

талаботи методии умумӣ гузаронида шуда бо коркарди математикаи статистикӣ тасдиқи худро ёфтааст.

Ҷадвали 4.-Нишондиҳандаҳои пастшавии намнокӣ дар мӯҳлати шабонарӯзӣ ва бузургии талафшавии намнокӣ

Тарзи коркард	Намнокӣ дар рӯзи коркард,	Пастшавии намнокии хок бо фосилаи зиёдшавии он ва талафшавии он аз суммаи бузургии талафшуда.						Бузургии мутлақии талафшавии мнокӣ дар 24 шабонарӯз, %	Бузургии талафшавии намнокӣ аз нишондиҳандаи ибтидоӣ, %
		1 шабо-на-рӯз	2 шабона рӯз	3 шабона рӯз	4 шабона рӯз	5 шабона рӯз	6 шабонар ӯз		
Узви кории панҷагии ПРВН- 2,5А	19,4	2,9/22,9	4,4/34,8	5,9/46,5	9,6/76,5	11,9/94,5	12,6/100	12,65	65,0
Фреза бо тири горизонт.архз.(олоти тачриб)	19,5	1,6/15,0	2,4/22,5	3,2/30,0	7,14/67,0	9,49/89,0	10,65/100	10,65	54,6
Нисбати талафшавии намнокӣ		1,81	1,83	1,84	1,35	1,26	1.79		

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои ҷадвал бармеояд, ки намнокии хок вобаста аз тарзи коркарди хок узвҳои кории пассивӣ ва активӣ дар муҳлати 24 соат бо коркарди узви кории панҷагӣ аз 19,4% то 6,75% паст гардидааст, ки талафшавии намнокии хок 12,65%-ро ташкил додааст. Пас аз коркарди хок бо узви кории фрезагии тири горизонталии чархзананда аз 19,5% то 8,85% паст гардида, талафшавии намнокӣ 10,65%-ро ташкил додааст. Яъне, коркарди фрезагӣ нисбат ба панҷагӣ имконият медиҳад, ки талафшавии намнокии хокро дар муҳлати 24 шабонарӯзӣ дар фосилаи 10-12% паст намуда, сарфаи оби обёришавандаи боғу токзор самаранок истифода бурда шавад. Чунин равиши ҷараёни нигоҳ доштани намнокӣ имконият медиҳад, ки миқдори обёрии боғу токзорро 1,0-1,3 маротиба паст карда, аз ҳар гектар то 500-800 м^3 обро сарфа намоем.

Хулоса

1. Нишондиҳандаҳои агротехникии коркарди хок бо мошинолоти анъанавӣ ба талабот ҷавобгӯ намебошад.
2. Мошинолотҳои таҷрибавӣ ба монанди қабатӣ ва фрезагӣ нисбат ба анъанавӣ майдакунии хокро қариб 2 маротиба беҳтар менамояд.
3. Несту нобудкунии алафҳои бегонаро аз 30 то 50 фоиз баланд менамояд.
4. Маҳсулнокии коркарди хоки байни қатори боғу токзорро 2, 5-3,0 маротиб баланд бардошта сарфи сӯзишвориро то 2 маротиба паст менамояд.
5. Миқдори обёрии боғу токзорро 1,0-1,3 дар мавсими нашъунамои дарахтону буттаҳои ток кам мекунад, яъне 500-800 м^3 об сарфа карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Буҳодров Ш.Б. Механизатсияи корҳои меҳнатталаб дар боғу токпарварӣ.–Душанбе:Эр-граф, 2021. -283 с.
2. Буҳодуров Ш.Б., Дӯсталиев С.Т., Кенҷаев Ш.А., Каримзода Р.Р. Асосҳои технологии механиконии боғу токпарварӣ. – Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. «Меъроҷ», 2022, -116с.
3. Буҳодуров Ш.Б., Дӯсталиев С., Кенҷаев Ш., Воҳидов А. Нахустпатент. Нармкунаки ангурпарварӣ. № TJ 1352 санаи 27.02.2023.
4. Буҳодуров Ш.Б., Дӯсталиев С., Кенҷаев Ш., Воҳидов А. Нахустпатент. Нармкунаки ангурпарварӣ. № TJ 1433 санаи 24.10.2023
5. Абдуллоев З. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. –Душанбе: Маориф, 1996, -303с.

АННОТАЦИЯ

АГРОТЕХНИЧЕСКИЕ ПОКАЗАТЕЛИ И ЭКОНОМИИ ПОЛИВНОЙ ВОДЫ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ТЕХНОЛОГИИ ОБРАБОТКИ ПОЧВЫ В МЕЖДУРЯДИЯХ САДОВ И ВИНОГРАДНИКОВ

В статье приведены технологические процессы обработки почвы В междурядиях садов и виноградников, агротехника обработки почв с орудиями марки ПРВН-2,5А, экспериментальные и др. Кроме того, результаты исследования по фракции почвы, уничтожению сорных растений и выровниванию поверхности обработки почвы, по сравнению с распашкой в междурядиях. В конечном счёте, показано преимущество экспериментального орудия по сравнению марки ПРВН-2,5А.

Ключевые слова: *сад, рабочие органы, агротехника, виноградников, фракции почвы, совершенствование.*

ANNOTATION

AGROTEHNICHESKIE FACTORS AND SPARE ПОЛИВНОЙ OF WATER DEPENDING ON TECHNOLOGIES OF THE PROCESSING OF GROUND IN ROW-SPACINGS GARDEN AND VINEYARD

The article conducted technological processes of the processing of ground on row garden and vineyard, agrotechnical processing of ground with instrument of the mark ПРВН-2,5А, experimental and others. Besides results study on factions of ground, deleting the rubbish plants and smoothing surfaces of the processing of ground by comparison plough in row. In final count is shown advantage experimental instrument by comparison marks ПРВН-2,5А.

Keywords: *garden, worker organs, agrotehnical, vineyard, factions of ground, improvement.*

Сведения об авторах:

Буходуров Шукрулло Бурхонович-доктор технических наук, главный научный сотрудник, отдела механизации сельского хозяйства Согдийского филиала Института садоводства, виноградарства и овощеводства ТАСХН. 735294. Республика Таджикистан. Согдийская область. Бободжон Гафуровский район. Джамоат Аучи калачи, улица Ю.Зухур, 113. тел: 92 915 69 10

Тохиров Абдулложон Мазокирович-кандидат сельскохозяйственных наук, заведующий научной лабораторией хранения и переработки сельскохозяйственных культур Согдийского филиала Института садоводства, виноградарства и овощеводства ТАСХН. 735294. Республика Таджикистан. Согдийская область. Бободжон Гафуровский район. Джамоат Аучи калачи, улица Ю.Зухур, 113. E-mail: Tohirov1958@mail.ru. Телефон: (+992) 985-50-33-58

Information about authors:

Buhodurov Shukrullo Burhonovich-Doctor of the technical sciences, сршуа sciences employee, managing division to mechanizations of the Branch of the the Sogdi Branch of the Institute of Horticulture, Viticulture and Vegetable Growing, TAAS. 735294. Republic of Tajikistan. Sogd region. Bobojon Gafurovsky district. Jamoat Auchi Kalachi, U. Zuhur Street, 113. Phone: 92 915 69 10

Tokhirov Abdullozhon Mazokirovich-Candidate of Agricultural Sciences, Head of the Scientific Laboratory for Storage and Processing of Agricultural Crops of the Sogdi Branch of the Institute of Horticulture, Viticulture and Vegetable Growing, TAAS. 735294. Republic of Tajikistan. Sogd region. Bobojon Gafurovsky district. Jamoat Auchi Kalachi, U. Zuhur Street, 113. E-mail: Tohirov1958@mail.ru. Phone: (+ 992) 985-50-33-58

ТДУ 631.316.02

ҲИСОБ ВА АСОСНОККУНИИ ОЛОТИ КОРИИ ДИСКИ СФЕРАГӢ БАРОИ КОРКАРДИ ХОКИ БАЙНИ ҚАТОРҲОИ ЧОРМАҒЗИ ЗАМИНӢ

Ҳочиев Б.Б., Қурбонзода Б.А.-ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ. *диски сферагӣ, агрегат, технология, олоти корӣ, тарҳрезӣ, чормаҒзи заминӣ, культиватор, пушта, ҷӯяк, таҳқиқ.*

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чормаҒзи заминӣ зироати наву умедбахш ва ояндадор буда, дар масоҳати ками майдонҳои водигӣ кишти он ба роҳ монда мешавад. Аз рӯйи талаботҳои агротехникӣ ва технологии парвариши зироати чормаҒзи заминӣ байни қаторҳои зироат 60 ва 70 см буда, дар давраи нашъунамои зироат, баъд аз 18-20 рӯз тавассути культиваторҳои коркарди байни қаторӣ дар чуқурии 8-14 см гузаронида мешавад. Аз рӯйи талаботҳои агротехникӣ дар ибтидои давраи гулкунӣ барои беҳтар пайдо шудани ҳосил бояд хокгардон гузаронида шавад.

Дар айни замон барои коркарди хоки байни қаторҳои зироати чормаҒзи заминӣ, истифода аз культиваторҳои коркарди байни қаторӣ бо муҷаҳаз намудани олотҳои кории зерин гузароинда мешавад: олотҳои кории кории фаъол, ғайрифаъол ва реактивӣ [1].

Дар расми 1 таснифоти олотҳои кории культиваторҳо барои коркарди байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда, вобаста ба раванди технологии кори онҳо ва таъсири олотҳо ба хок оварда шудааст.



Расми 1.-Таснифоти олотҳои кории культиваторҳои коркарди байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда

Аз рӯйи таҳқиқи натиҷаи корҳои илмии олимони факултети механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шошҳтемур муйаян карда шуд, ки дар асоси (рама) культиватори тамғаи КРХ-4 имконияти муҷаҳаз кардани олоти кории фаъол, диски сферагӣ барои коркарди хок, нест кардани алафҳои бегона, бардоштани хоки байни қаторҳои зироати чормаҒзи заминӣ истифода карда мешавад.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ҳангоми муҷаҳаз намудани олоти кории диски сферагӣ бо культиватори КРХ-4 барои коркарди байни қаторҳои чормағзи заминӣ майдашавии кулӯхпораҳо 80 %, нест кардани алафҳои бегона 75-85 %, бардоштани хок ба зери пояи зироат то 95 % ва ҳифзи минтақаи муҳофизатии зироат 97-99 % -ро бо сарфанамоии энергия ва риояи талаботҳои агротехникӣ иҷро карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот лоиҳаи олоти кории диски сферагӣ тарҳрезӣ карда шуд (рас.2)



(а) (б)

Расми 2.-Олоти кории диски сферагии хокбардор: а) сохти олот намуд аз қафо; б) сохти олот намуд аз боло. 1-диски сферагӣ; 2-сутум; 3-корпус ва подшипник; 4-наварди диск.

Барои муҷаҳаз намудани олоти кории диски сферагии тарҳрезишуда, бояд талаботҳои агротехникӣ ва конструктории олотро вобаста ба деформатсияшавии хок, шаклу андозаи пӯштаи зироат ва тартиби ҷойгиркунии олот дар культиватори КРХ-4 ба инобат гирифта шавад [1]:

- масофаи байни пуштаҳо бояд баробар бошанд;
- баландии пуштаҳо H_{cp} на бояд аз 16 см, аз рӯйи натиҷаҳои ченкунӣ 12-34 см ва хубтараш 18-20 см бошанд;
- бари фарогирии болои пуштаҳо 10-20 см, барои байни қаторҳои 60 см – 11-15 см бошанд;
- кунҷи нишебии пушта бояд ба кунҷи оромии хок наздик бошад, то ки шакли пушта доимӣ ва тағйир наёбад.

Барои риояи талаботҳои агротехникӣ тавассути олоти кории тарҳрезишуда аз усулҳои олими рус М.Г. Догановский истифода мебарем. Усули М.Г. Догановский аз муйаян кардани деворҳои ҷӯйбори ду кунҷ бо кунҷҳои қанотҳои олоти корӣ дар пуштаҳо фаро мегирад. Барои муайян кардани чуқурии коркарди хок тавассути олоти корӣ аз муодилаи зерин истифода бурда мешавад [2,3]:

$$h = \frac{-m \pm \sqrt{m^2 + 4H_{cp}\left(b + H_{cp}ctg\delta\right)\left(ctg\delta - ctg\gamma\right)}}{2\left(ctg\delta - ctg\gamma\right)} \qquad (1)$$



Расми 3.-Тарзи ҷобаҷогузории олоти кории диски сферагӣ дар байни қаторҳои 60 см-и чормағзи заминӣ.

дар ин ҷо: m– бари фарогирии байни қаторҳо;

H_{cp} – баландии пушта;

B – барои фарогирии пушта дар қисми боло;

δ –кунҷи девори болоии пуштаи ҷӯяк ва кунҷи оромии нишебии хоки пуштаи ҷӯяк;

γ — кунҷи девори поёнии ҷӯяк дар чуқурӣ.

Олоти кории тарҳрезишудаи диски сферагиро бо культиватори КРХ-4 дар байни қаторҳои 60 см муҷаҳаз ва танзим кардан чунин аст (Расми 3).

Ҳангоми ҳаракати агрегат бо суръати нисбатан калони даврзанандаю пешравандаи олотҳои корӣ қабати хокро дар чуқурии танзимшуда нарм карда, кулӯхпораҳоро майда ва ҷӯяки обмониро барои байни қаторҳои 60 см тартиб медиҳад. Олоти кории номбурда ҳаракати даврзаниро аз замин ҳангоми ҳаракати пешравандаи агрегат ичро мекунад.

Бо мукаммалгардонии культиватори КРХ-4 барои коркарди хок ва нест кардани алафҳои бегонаи байни қаторҳои зироати чормағзи заминӣ ба мо имконият дод, ки аз ҳисоби технологияи тарҳрезишуда 7-12 %-и ҳосилнокии зироати номбурда баланд гардонида мешавад.

АДАБИЁТ

1.Догановский, М.Г. Исследование работы окучников и сферических дисков при образовании борозд и гребней /М.Г. Догановский //Научные труды Северо-Западного НИИСХ. - 1959. -Вып. 3, ч. 1. -С. 153-185.

2.Стрельбицкий, В.Ф. Дисковые почвообрабатывающие орудия /В.Ф. Стрельбицкий. -М.: Машиностроение, 1978. - 135 с.

3.Черников, В.И. Построение и сравнительная оценка нового окучника /В.И. Черников //Труды Всесоюз. НИИ МСХ. - 1963. - Т. 33 - С. 18-26.

АННОТАЦИЯ

РАСЧЕТ И ОБОСНОВАНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СФЕРИЧЕСКОГО ДИСКОВОГО РАБОЧЕГО ОРГАНА ДЛЯ МЕЖДУРЯДНОЙ ОБРАБОТКИ ПОЧВЫ В ПОСЕВАХ АРАХИСА

В статье дано обоснование использования рабочего органа сферического диска, относительно к агротехническим требованиям при выращивании арахиса, с помощью которого производится измельчении комков, уничтожение сорняков, рыхление почвы, нарезание борозд, что обеспечивает защиту и повышение урожайности сельскохозяйственных культур, с учетом разработанной технологии на 7-12%.

Ключевые слова: *сферический диск, агрегат, технология, рабочий орган, арахис, культиватор, гребень, борозда, исследование.*

ANNOTATION

CALCULATION AND JUSTIFICATION OF THE USE OF A SPHERICAL DISK WORKING BODY FOR INTERROW CULTIVATION OF SOIL IN PEANUT CROPS

The article provides a justification for the use of a spherical disk working body, in relation to agrotechnical requirements when growing peanuts, with the help of which lumps are crushed, weeds are destroyed, the soil is loosened, furrows are cut, which ensures protection and an increase in the yield of agricultural crops, taking into account the developed technology by 7-12%.

Key words: *spherical disk, unit, technology, working element, peanut, cultivator, ridge, furrow, research.*

Сведения об авторах:

Ходжиев Бахтиёр Бобоевич - кандидат технических наук, доцент, заведующий кафедрой машины и оборудования технологических процессов в агроинженерии Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 146. Тел: (+992) 93-513-35-35, E-mal: moshinho-1946@bk.ru

Курбонзода Барно Абдугани -кандидат сельскохозяйственных наук, доцент, заведующая кафедрой растениеводства Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 146. Тел: (+992) 907-73-77-51, E-mal: kurbonova.barno80@mail.ru

Authors Information:

Khojiev Bakhtiyor Boboevich - Candidate of Technical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Machinery and Equipment of Technological Processes in Agroengineering of the Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue. Rudaki str. 146. Tel: (+ 992) 93-513-35-35, E-mal: moshinho-1946@bk.ru

Kurbonzoda Barno Abdugani - candidate of agricultural sciences, associate professor, head of the department of plant growing of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146. Tel: (+992) 907-73-77-51, E-mail: kurbonova.barno80@mail.ru.

УДК:631.331

СРАВНИТЕЛЬНЫЕ РЕЗУЛЬТАТЫ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ И ЭКСПЕРИ -МЕНТАЛЬНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ ОЦЕНКИ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОЙ УСТОЙЧИВОСТИ ПОСЕВНЫХ АГРЕГАТОВ

Умирзоков А.М., Назаров Т.Ш., Кароматуллоев Э.С.

Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур

Ключевые слова: *сеялка-культиватор, посевной агрегат, технологическая устойчивость, распределение семян, сыпучесть, относительное расхождение, корректирующий коэффициент*

Основными задачами оценки и повышения технологической устойчивости функционирования

посевных агрегатов, в частности, универсальной малогабаритной сеялки-культиватора, при высеве слабосыпучих семян, являются [3,4,5]:

– дать количественную оценку, обосновать и учесть влияние объективно действующих идентифицированных факторов на формирование технологической устойчивости функционирования посевных агрегатов при высеве слабосыпучих семян;
– обосновать фактическую потребность в технологической устойчивости посевного агрегата и изыскать пути ее повышения, с учетом агротехнических и биологических требований для роста и развития с/х культур;
– обеспечить сопоставимость технологической устойчивости функционирования посевных агрегатов, с учетом их назначения, а также конструкторских и технико-экономических показателей.

Для оценки технологической устойчивости функционирования посевных агрегатов, при высеве слабосыпучих семян овощных культур принят общеизвестный метод, основанный на корректировании нормативов равномерности высева семян по площади питания, с учетом влияния комплекса значимых факторов [1, 2, 6, 8].

Обоснование числовых значений корректирующих коэффициентов, для нормирования уровня технологической устойчивости посевного агрегата, при высеве слабосыпучих семян, производилось на основе обобщения результатов теоретических и экспериментальных исследований в следующем порядке:

– на основе анализа факторов, влияющих на формирование технологической устойчивости, обоснованы наиболее значимые из них;
– в качестве фактора, учитывающего уровень сыпучести семян, был принят коэффициент внутреннего трения, приведенный в ряде трудов, в частности, в изложенной работе [7]. В результате экспериментальных исследований было установлено значение данного коэффициента для семян лука репчатого ($f = 0,7 \ldots 0,8$);
– значения корректирующего коэффициента, учитывающего влияние уровня мастерства механизатора, установлены экспериментально, в процессе измерений равномерности распределения семян, при работе агрегата без механизатора в почвенном канале и с ним на поле, при постоянстве других факторов;
– значение корректирующего коэффициента, учитывающего влияние чисел оборотов высевающей катушки и опорно-приводного колеса, установлены экспериментально, в процессе измерений равномерности распределения по площади посева для прочих равных условий, при высеве слабосыпучих семян овощных культур;

На основе свойства кумулятивной функционирования дозирующий системы посевной машины, результирующий коэффициент корректирования k_p ее технологической устойчивости определяется из выражения

$$k_p = k_{n_к} k_{n_o} k_{v_a} k_f , \qquad (1)$$

где $k_{n_к}, k_{n_o}, k_{v_a}$ и k_f – соответственно коэффициенты корректирования технологической устойчивости универсальной малогабаритной сеялки-культиватора при высеве семян овощных и бобовых культур, по числу оборотов высевающей катушки, опорного колеса, скорости агрегата и сыпучести семян.

Значения корректирующих коэффициентов для оценки уровня технологической устойчивости функционирования универсальной малогабаритной сеялки-культиватора, при высеве семян овощных и бобовых культур, представлены в табл. 1.

Таблица 1. – Числовые значения корректирующих коэффициентов

Культура	Корректирующий коэффициент				
	$k_{n_к}$	k_{n_o}	k_{v_a}	k_f	k_p
Лук репчатый	0,87…0,88	0,86…0,88	0,81…0,83	0,87…0,91	0,53…0,66
Маш	0,87…0,88	0,92…0,94	0,91…0,93	0,84…0,86	0,61…0,66

Сравнительные расчетные и опытные данные по технологической устойчивости функционирования универсальной малогабаритной сеялки-культиватора, при высеве семян овощных и бобовых культур, отличающихся различной сыпучестью представлены в табл. 2.

Таблица 2. – Сравнительные расчетные и опытные данные по технологической устойчивости функционирования УМСК-1,4

Культура	Условно-нормативная технологическая устойчивость	Уровень технологической устойчивости		Относительное расхождение между расчетным и опытным данными, %
		расчётная	опытная	
Лук репчатый	0,95	0,57	0,58	1,8
Маш	0,95	0,66	0,64	3,0

Расчетные значения уровня технологической устойчивости функционирования универсальной малогабаритной сеялки-культиватора установлены по формуле (2), с учетом полученных коэффициентов корректирования, приведенных в табл. 1. Опытные данные получены в процессе лабораторно-полевых испытаний УМСК-1,4, непосредственным измерением расстояний между семенами и сравнением оптимального, и среднего фактического их значений, из выражения

$$U\left(k_{n_к}, k_{n_o}, k_{v_a}, k_f\right) = \frac{U_{опт} - \Delta U_{факт}}{U_{опт}}, \qquad (2)$$

где: $U_{опт}$ – оптимальное значение расстояний между семенами, согласно агротехническим требованиям; $\Delta U_{факт}$ – отклонение фактического значения расстояний между семенами от оптимального.

На основе обобщения результатов теоретических и экспериментальных исследований, установлена адекватность предложенной математической модели для определения уровня технологической устойчивости функционирования сеялки, при высеве семян овощных и бобовых культур, разработанной на основе системного подхода, с помощью коэффициентов корректирования для конкретных условий, относительно условно-нормативных.

Вывод. Относительное расхождение между расчетными и опытными значениями уровня технологической устойчивости функционирования сеялки при высеве семян овощных и бобовых культур, не превышает 3,0 %, что свидетельствует о достаточно высокой адекватности предложенных математических моделей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахунов, Т.И. О некоторых особенностях высева слабо сыпучих семян высевающими аппаратами катушечного типа/ Т.И. Ахунов, А.А. Гафаров, Т.Ш. Назаров, Р.Э. Махмуродов// Вестник Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур. – 2018. – №4. – С.
2. Ахунов, Т.И. Повышение эффективности высева мелкосеменных культур гребневой сеялкой с широкополосным сошником/ Т.И. Ахунов, Т.Ш. Назаров// Сб. науч. трудов. Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. – 2010.– С. 54- 60.
3. Ахунов, Т.И. Оптимизация параметров дозирующей системы универсальной сеялки/ Т.И. Ахунов, А.М. Умирзоков, Т.Ш. Назаров// Журнал «Кишоварз» Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур. – 2023.– №3. – С.102-106.
4. Ахунов, Т.И. Систематизация процессов функционирования универсальной сеялки/Т.И. Ахунов, А.М. Умирзоков, Т.Ш. Назаров// Журнал «Кишоварз» Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур. – 2023.– №4. – С.108-115.
5. Ахунов, Т.И. Статистическая оценка показателей работы посевного агрегата/ Т.И. Ахунов, А.А. Гафаров, Т.Ш. Назаров// Журнал «Кишоварз» Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур. – 2006. №2. – С.19-21.
6. Лурье А.Б., Березин В.В. Метод оценки равномерности высева семян отдельными высевающими аппаратами //Труды ЛСХИ, 1974, т.231, с.45-48.
7. Карпенко А.Н. Сельскохозяйственные машины/А.Н. Карпенко, В.М. Халанский. – М.: Агропромиздат, 1989. -527 с.
8. Сысолин, П.В. Повышение качества и универсальности катушечного аппарата сеялки/ П.В. Сысолин.–Ж. Тракторы и сельскохозяйственные машины. – 1973.– №2 – стр. 21-22.

АННОТАТСИЯ

НАТИҶАҲОИ МУҚОИСАИ ОМӮЗИШИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАҶРИБАИ БАҲО ДОДАНИ УСТУВОРИ ТЕХНОЛОГИИ АГРЕГАТҲОИ ТУХМИПАРВАРӢ

Дар мақола натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба арзёбии устувории технологии агрегатҳои кишт нигаронида шудаанд, ҷамъбаст карда шудаанд. Вазифахои асосии баходихй ва роххои баланд бардоштани устувории технологии агрегатхои кишт асоснок карда шудаанд. Маълумоти муқоисавии ҳисобшуда ва таҷрибавӣ дар бораи устувории технологии кори УМСК-1.4, инчунин фарқиятҳои нисбии байни маълумоти ҳисобшуда ва таҷрибавӣ муайян карда шудааст.

Калимаҳои асосӣ: *тухмипошак-культиватор, агрегати тухмӣ, устувории технологӣ, тақсимоти тухмӣ, ҷараёнпазирӣ, номувофиқи нисбӣ, омили ислоҳкунӣ.*

ANNOTATION

COMPARATIVE RESULTS OF THEORETICAL AND EXPERIMENTAL STUDIES OF EVALUATION OF TECHNOLOGICAL STABILITY OF INOCULATION AGGREGATES

The article summarizes the results of theoretical and experimental studies aimed at assessing the technological stability of sowing units. The main tasks of assessing and ways to increase the technological stability of sowing units are substantiated. Comparative calculated and experimental data on the technological stability of the functioning of UMSC-1.4 are presented, as well as relative discrepancies between calculated and experimental data.

Key words: *seeder-cultivator, seeding unit, technological stability, seed distribution, flowability, relative discrepancy, correction factor*

Сведения об авторе:

Умирзоков Ахмад Маллабоевич-кандидат технических наук, дотсент Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур. 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. E-mail. ahmad.umirzokov@mail.ru. Телефон: (+992) 908-87-70-07.

Карорматуллоев Эркин Саломович- кандидат технических наук, профессор Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур. 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) (+992) 919-13-98-96

Назаров Точиддин Шарофович- старший преподаватель Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур. 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 934-10-39-31

Information about authors:

Umirzokov Ahmad Mallaboevich, candidate of technical sciences, associate professor of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734013. E-mail. ahmad.umirzokov@mail.ru. Phone: (+992) 908-87-70-07.

Karomatulloev Erkin Salomovich - candidate of technical sciences, professor of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734013. Phone: (+ 992) (+ 992) 919-13-98-96

Nazarov Tojiddin Sharofovich-is a senior lecturer at the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734013. Phone: (+ 992) 934-10-39-31/ E-mail. nazarov.t79@mail.ru

УДК: 631.363.2

АЭРОДИНАМИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА ГРАНУЛИРОВАННЫХ КОРМОВ, КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА ПНЕВМАТИЧЕСКОЙ КОРМОРАЗДАЧИ

Зарипов А.А. –Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур

Ключевые слова: *аэродинамические свойства, критическая скорость, коэффициент сопротивления воздуха, плотность воздуха, динамическое и статическое давление, центробежный вентилятор, площадь сечения, уравнение движения*

Поведение гранул при транспортировке в воздушном потоке определяется их аэродинамическими свойствами. Показателями аэродинамических свойств гранул являются: критическая скорость, (скорость витания), коэффициент сопротивления воздуха $k_в$ и коэффициент парусности $k_п$ [1].

Гранулометрический состав почвы	Содержание части <0,01, %	Часы наблюдений						За 6 часов, м³/га	Степень водопроницаемости
		1-й	2-й	3-й	4-й	5-й	6-й		
Суглинки легкией	18,2	9,7	4,1	2,1	1,4	1,1	0,9	1930	Средняя
Песчаные	8,7	17,4	6,1	3,5	2,5	2,4	2,3	3420	Сильная



Водопроницаемость (см/час.) в зависимости от гранулометрического состава почвы

По графику можно установить, что за первый и второй часы наблюдения, показатели водопроницаемости почвы очень высокие (4,1-17,4 см/час), а после чего постепенно уменьшается (0,9-2,3 см/час). Также, установлены поливные нормы для легкосуглинистых и песчаных почв, которые приведены в таблице 2.

Анализируя данные таблицы 2, можно рекомендовать поливные нормы сельскохозяйственных культур, в зависимости от предполивной влажности почвы и глубины расчетного (корнеобитаемого) слоя почвы. Установлено, что с повышением предполивной влажности почвы от 60 до 80% от НВ, поливная норма для легкосуглинистых и песчаных почв в слое 0-100см уменьшается от 1016 до 508 и от 732 до 366 м³/га, соответственно [11].

Следовательно, разработка технологии повышения равномерности увлажнения почвы при бороздковом поливе, особенно для легкосуглинистых и песчаных почв, а также улучшение их структуры в положительную сторону, т.е. повышение плодородия и гидроаккумуляционной способности весьма актуально и своевременно для орошаемого земледелия Таджикистана.

Таблица 2.-Расчет поливных норм

Предполивная влажность почвы				Запас воды по слоям, м³/га			Поливная норма по дефициту по слоям, м³/га		
% от НВ	% от абсолютно сухой почвы			0-50	0-70	0-100	0-50	0-70	0-100
	50	70	100						
Суглинок легкий									
60	11,0	10,7	10,4	761	1066	1523	508	710	1016
70	12,8	12,5	12,2	888	1243	1777	381	533	762
80	14,6	14,3	13,9	1015	1421	2031	254	355	508
Песок связный									
60	8,3	7,9	7,4	596	809	1099	397	539	732
70	9,7	9,2	8,6	695	944	1282	298	404	549
80	11,0	10,6	9,8	794	1078	1465	199	270	366

Примечание: ***согласно методике СоюзНИХИ к поливной норме необходимо добавить 10 % (испарение в процессе полива).***

Известны различные способы обработки посевных площадей, пахотный слой которых состоит из легкосуглинистых и песчаных почв.

Существует способ оструктуривания почвы, который осуществляется следующим образом. Во время двух основных обработок почвы, срезают ее верхний слой (4-6 см) и наносят рабочий раствор полимера-структуро-образователя на поверхность нижележащего слоя, а срезанный слой почвы подсушивают до 0,6-0,8 от наименьшей влагоемкости, затем после второй основной обработки почвы с оборотом пласта, проводят повторную операцию по нанесению структурообразователя [2]. Однако, данный способ представляет собой сложный технологический процесс и высокую стоимость.

Известен также способ мелиорации почв, осуществляющим следующим образом. В подпахотный слой мелиорируемой почвы вносят пористый материал: керамзит, шлак-пемзу или топочный шлак, который перед внесением обрабатывают водным раствором микроэлементов. В качестве источника микроэлементов используют медный купорос, молибдат аммония, борную кислоту или бормедное удобрение. Для чего 100-150 м³/га пористого материала выдерживают в

течение 1 суток в 100 м³ водного раствора, содержащего один из компонентов, кг: медный купорос 40-60; молибдат-аммония 1-5; борная кислота 1,8-6,0; бормедное удобрение 0,8-1,0 [3]. Недостатком этого способа является ограниченность применения при остром дефиците влагоемких материалов и неудобства в эксплуатации.

Наиболее реальным и подходящим является способ закрепления подвижных песков, осуществляющим следующим образом. Массив подвижных песков опрыскивают средствами авиации арланской нефтью (3-4 т/га), после чего производят посев семян растений, например, люцерны, эспарцета, житняка и др. Через 25-30 дней после обработки почвы образуется сплошная корка толщиной 3-4 мм, препятствующая переносу песка и темный цвет корки оказывает положительное влияние на повышение температуры песчаного субстрата и ускоренное прорастание семян [4]. Этот способ, также имеет ряд недостатков главными из которых является недоступность арланской нефтью для фермерско-дехканских хозяйств и недостаточно эффективен.

В сохранившихся бесценных трудах великого Авиценны имеется упоминание о «глине с пашни» («тин ал-ардин ал- мазруъа»), которая повышает плодородие земли. Указано, что применение такой глины для обработки земли, облагораживает ее и повышает урожайность. Это было сказано Авиценной десять веков тому назад. Лишь в XX столетии это высказывание нашло свое подтверждение, когда бентонитовые глины со всеми их уникальными свойствами были, в результате всестороннего изучения, разгаданы и раскрыты [1].

Недра Таджикистана располагают большим количеством различных видов полезных ископаемых, в том числе бентонитами. Однако, сельскохозяйственная сфера с широкой инфраструктурой производства оставалась вне поля зрения специалистов по внедрению бентонитов в земледелие, где по предварительным данным, их применение существенным образом повышает плодородие пахотной земли. Первой отраслью в использовании бентонитов в сельском хозяйстве стало растениеводство, повышение продуктивности которого даст возможность обеспечить продовольственную безопасность республики.

Опытно- экспериментальные работы по применению местных бентонитов в качестве эффективного минерального сырья для получения высоких урожаев сельскохозяйственных культур, были проведены сравнительно недавно. В недавнем прошлом, такие опыты по применению местного бентонитового сырья в земледелии были проведены на полях Согдийской области Таджикистана, где в последние годы, из-за недостаточного обеспечения хозяйств нужным количеством минеральных удобрений, урожайность сельскохозяйственных культур заметно снизилась. Для повышения плодородности пахотных земель на базе местных природных сырьевых ресурсов было разработано комплексное минеральное удобрение (КМУ), основу которого составили бентонитовые глины с добавкой глауконита и фосфорита.

Как показали проведённые опыты, применение бентонитов дало весьма эффективные результаты на серо-бурых среднекаменистых и песчаных почвах Согдийской области, внесение которых улучшило мелиоративные свойства пахотной земли и оказало положительное влияние на её плодородие. Традиционно применяемые на хлопковых полях минеральные удобрения по эталонной форме №250Р120К100, позволяли получить не более 30 ц/га урожая. Замена обычных удобрений на бентонитовую глину резко повысила урожайность хлопка-сырца от 2,8 ц/га до 4,7 ц/га, в зависимости от количества вносимого в почву бентонита, причем максимальная прибавка была достигнута при увеличении его дозы до 5 т/га.

Практика использования бентонитов показала, что его применение наряду с увлечением урожайности, способствует также улучшению агрохимических свойств почвы, накоплению и усвояемости фосфора и других полезных для растения макро -и микроэлементов, которыми богаты бентонитовые глины. Большинство бентонитовых месторождений Таджикистана, по своим условиям происхождения и составу, принадлежат к щелочноземельному типу с большим содержанием калия, кальция и магния.

Аналогичные работы по изучению влияния бентонитовых глин на урожайность сельхоз растений были проведены и в других регионах (Грузия, Узбекистан, Россия, Казахстан), по результатам которых была установлена высокая эффективность применения бентонитов для повышения плодородия пахотных земель и получения высоких урожаев. Интересные результаты были получены М.З. Закировым в Узбекистане, которому удалось установить, что внесение в почву бентонитовых глин, богатых такими элементами как фосфор, кальций, марганец, барий, стронций, кобальт, ванадий, молибден, медь, хром, цинк, титан, железо, алюминий, натрий, магний, калий и др., не только улучшило условия питания растений, но и, благодаря сорбционным свойствам, набухаемости и эффекту гидрофильности препятствовало процессу вымывания полезных компонентов (гумуса, азотистых и др. веществ). В Грузии внесение местных бентонитовых глин в малоплодородные почвы повысило урожайность субтропических культур (лимонов, апельсинов).

В Казахстане почвы, получившие в качестве удобрения бентонитовые глины в количестве 130-300 кг/га, дали рост урожайности картофеля на 45%, сахарной свеклы- на 46,5%, табака и люцерны- на 35%, томатов – на 35%, капусты- на 31,3% и что интересно: урожай созревал на 10-15 дней раньше, а в составе овощей содержалось больше витаминов и сахара [6, 9].

Таким образом, проведенный анализ показывает, что применение бентонитовых глин, особенно в легкосуглинистых и песчаных почвах, улучшает их структуру и увеличивает гидроаккумуляционной способности почвы, а также повышает их плодородие и урожайность сельскохозяйственных культур. В условиях Центрального Таджикистана, вопросы, касающиеся разработки технологии применения бентонитов на фоне дифференцированного глубокого рыхления, не изучены и остаются актуальными.

Для решения этой проблемы, нами предлагается новый способ обработки пахотных земель бентонитом [7]. Способ осуществляют следующим образом.

Во время обработки почвы, точнее до посева вносят в почву (1-3 т/га) бентонитовых глин, которые смешиваются с подпахотной слоем почвы, а при проведение междурядных обработках вносят в почву по 0,5 т/га бентонитовых глин взамен традиционным минеральным удобрениям. За вегетационный период вносят до 6,0 т/га бентонитовых глин. Во время полива бентонитовые глины поглощают (сорбируют) воду вследствие набухаемой способности, в связи с чем происходит изменение структуры почвы особенно в песчано-супесчаных и каменистых почвах в сторону их улучшения, снабжает растение такими питательными элементами – биостимуляторами как барий, марганец, кальций, фосфор, магний, молибден, цинк и др., которые крайне необходимы в жизнедеятельности растений и увеличивает влагоемкости почвы. Вышеуказанные особенности бентонитовых глин повышают влагонакопление в расчетном слое почвы, способствуют обогащению и концентрации питательных веществ минеральных удобрений как макро, так и микроэлементами, приводят к глинизацию песчано-супесчаных и каменистых почв, а в конечном итоге повышают урожайность сельскохозяйственных культур.

В целом, для улучшения структуры легкосуглинистых и песчаных почв, а также для получения экологического чистого продукта, нами предлагается взамен разных химических препаратов и минеральных удобрений вносить в почву бентонитовые глины, как мелиоранта, которые богат микро и макроэлементами. Это, в нынешних условиях, из-за недостатка дороговизны традиционных видов минеральных удобрений, выгодно не только в получении высоких урожаев сельскохозяйственных культур, но и экономической эффективности за счет их дешевизны и доступности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абуали ибн Сино (Авиценна).- Канон врачебной науки. Кн.3-Ташкент: ФАН, 1980, -С. 372-375.
2. Авторское свидетельство СССР № 1069655, кл. А 01 В 79/02, С 09 К 17/00, 1981.
3. Авторское свидетельство СССР № 1516025, кл. А 01 В 79/02, С 09 К 17/00, 1987.
4. Авторское свидетельство СССР № 417102, кл. А 01 b 79/02, А 01 n 7/00, 1972.
5. Икромов И.И. Технология и техника микроорошения сельскохозяйственных культур для условий аридной зоны. Монография. -Душанбе: Ирфон, 2023, - 342 с.
6. Кариев А.Р. – Бентониты Таджикистана, их классификация, генезис и применение в народном хозяйстве. - Душанбе: Дониш, 2001, -243 с.
7. Кариев А.Р., Пулатов Ш.Я. Способ обработки пахотных земель бентонитом для улучшения их структуры и увеличения гидроаккумуляционной способности // Малый патент на изобретение № TJ 520 от 05.03.2012г. Бюл. № 74. -6 с.
8. Концепция по рациональному использованию и охране водных ресурсов в Республики Таджикистан: -Душанбе: Дониш, 2002. -65 с.
9. Қориев А.Р., Комилзода Д.Қ., Эргашев Д.Д. Имкониятҳои истифодабарии бентонитҳои маҳаллӣ дар кишоварзӣ. – Душанбе, 2006, -40 с.
10. Нурматов Н.К. Технология орошения сельскохозяйственных культур на склоновых землях. – Душанбе: Ирфон, 1991, -372 с
11. Пулатов Я.Э., Пулатова Ш.С. Водопотребление и режим орошения пшеницы в зависимости от гранулометрического состава почвы в условиях Центрального Таджикистана.Монография.-Душанбе, 2022,-164 с.
12. Пулатов Я.Э., Азизов Н. Техника и технология орошения хлопчатника на каменистых почвах Северного Таджикистана. -Душанбе, 2009, -164 с.
13. Пулатов Ш.Я. Совершенствование бороздкового способа полива. –Душанбе: Хирадмандон, 2020. -174 с.

АННОТАТСИЯ

УСУЛИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СТРУКТУРАИ ХОК ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲОСИЛНОКИИ ОН

Дар мақола таҳлили тарзҳои гуногун оид ба беҳтар намудани таркиб ва зиёд намудани қобилияти обнигоҳдории қумхокҳо ва регхокҳо гузаронида шудааст. Исбот карда шуд, ки истифодабарии гилҳои бентонитӣ, ҳамчун мелиоранти ғанӣ аз микро ва макро элементҳо барои коркарди заминҳои таркиби механикиашон сабук ва баланд бардоштани маҳсулнокии ингуна хокҳо ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ самаранок мебошад.

Калимаҳои асосӣ: *захираҳои обу замин, структураи хок, обгузаронӣ, талафёбии оби обёрӣ, гили бентонитӣ, самаранокии обдиҳӣ, ҳосилнокӣ.*

ANNOTATION

A WAY TO IMPROVE SOIL STRUCTURE AND INCREASE ITS FERTILITY

The article analyzes various methods of improving the structure and increasing the hydroaccumulation capacity of sandy and sandy soils loam soils. The efficiency of application of bentonite clay as an ameliorant, which is rich in micro and macro elements for the treatment of arable land of light mechanical composition to increase their fertility and crop yields is proved.

Key words: *water and land resources, soil structure, water permeability, irrigation water losses, bentonite clays, irrigation efficiency; fertility.*

Сведения об авторе:

Пулатов Шавкат Ярашович - кандидат технических наук, доцент, заведующий кафедрой мелиорации, рекультивации и охраны земель Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. Тел: +992919000660. E-mail: Sh_Pulatov@mail.ru

Information about the author:

Pulatov Shavkat Yarashovich – candidate of technical sciences, associate professor of the Department of melioration, recultivation and land protection of the Tajik agrarian University named after Sh. Shotemur. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki av', 146. E-mail: Sh._Pulatov@mail.ru. Tel.: +992919000660.

ТДУ 624

ТАҲЛИЛИ ГИДРАВЛИКИИ НАҚБИ ДЕРИВАТСИОНӢ ДАР МИСОЛИ *D1-D2* НБО – и "РОҒУН"

Зувайдов М.М.[2], Ҷуракулов М.Р.[1], Хасанов Н.М.[1],

[1]Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С.Осимӣ

[2]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Калимаҳои асосӣ: *нақбҳои ҳосилавӣ, методология, сатҳи остона, гидравлика, ҷараёни об, моделсозӣ, ҳавзи болоӣ.*

Муқаддима. Мутобиқи консепсияи мавҷудбуда оид ба нақбҳои обгузаронӣ, сатҳи саҳни пештоқи даромади нақби дериватсионӣ 1 ва 2 (*D1, D2*) бояд зиёд карда шавад, бо мақсади барҳамдиҳии гузариши миқдори зиёди пасмондаҳо ба воситаи нақб. Ин ҳолат ба воситаи ҷойгиркунии дарвозаҳо дар нуқтаи 1013 м аз сатҳи баҳр (*сатҳи об*) *дар беефи боло* бо чунин тартиб гузаронида мешавад.

Саҳни пештоқи *D1, ки таҷҳизотҳои механикӣ кор мекарданд ва коргарон ҳангоми гузоштани дарвозаҳо дар нуқтаи 1020 м аз сатҳи баҳр ҷойгир буданд. Дар вақти нигоҳдории сатҳи об дар беефи боло обанбор бояд аз ин сатҳ поён бошад.*

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Дар расми 1 хароҷоти 15-солаи ҳамарӯзаи об оварда шудааст. Қайд бояд кард, ки солҳои 1953, 1958 ва 1969 солҳои махсусан харҷи зиёди об ба шумор меравад. Дар ҳамаи сарчашмаҳои ба қайдгиранда дар муддати қисми якуми моҳи март харҷи об аз 500.0 м³/с ва фақат дар давраи обхезӣ аз 300.0 м³/с зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, эҳтимолияти зиёд ҳаст, ки хароҷот аз 300.0 м³/с камро ҳангоми коркарди азнавсозӣо дар моҳи марти солҳои 2018 таҳлил кардан мумкин аст.



Расми 1.- Қайди хароҷоти ҳамарӯза ва ҳисоби обхезӣ

Дар ҳар ҳолат тавсия дода мешавад, дилхоҳ коркардро бо пешбиниҳои метеорологӣ ҳамгиро кардан лозим аст, чунки ҳарорати баланди аномалӣ ба обшавии аномалии пиряхҳо оварда мерасонад ва боришот дар баландиҳои на чандон калон (ҳангоми маҳдуд будан низ) ба зиёдшавии ҷараёни об оварда мерасонад.

Ҳангоми ҷойгиркунии дарвозаҳо дар нақби обпарто D1, нақби D2 бо сабаби иҷрои корҳои ҷорӣ бояд истифода бурда нашавад. Ҳамин тавр, сатҳи об дар беефи боло обанбор аз нуқтаи 1016 м аз сатҳи баҳр зиёд набошад, чунки дар ин ҳолат имконияти пайдошавии хатар барои коркунон дар даромади саҳн дар нуқтаи 1020м аз сатҳи баҳр мавҷуд аст. Ин ҳудуд ба талабот мувофиқ аст ва вобаста ба имкониятҳои интиқоли коркунон ва механизмҳо иҷозати Салино Импреджило лозим аст [1].

Бо сабаби он ки шандорҳо бояд дар шароити гидростатикӣ гузошта шаванд, дарвозаҳои сегменти D1 маҳкам карда мешаванд, ҷараёни об пурра қатъ карда мешавад. Ин ҳолат ба баландшавии тези *сатҳи об дар беефи боло* оварда мерасонад, имконият пайдо мешавад, ки ҳамаи дарвозаҳо гузошта шаванд. Агар ин ҳолат рӯй надиҳад, он гоҳ амалиётро ба ду қисм ҷудо намудан лозим меояд, боз нақби обпарто D1 – ро дар байни ин қисмҳо барои кам кардани *сатҳи об дар беефи боло* кушодан даркор аст.

Дарвозаи шандорӣ (шандор) – ин дарвозаи муваққатӣ дар канал буда, барои гузаронидани корҳои таъмирӣ ва садамавӣ таъин шудааст (расми 2).

Чунин тартиб барои ду намуди хароҷот амсиласозӣ карда мешавад:

-агар ҷараёни об ҳангоми амалиёт 300 м³/с – ро ташкил кунад, дар ин ҳолат об то нуқтаи 1016 м аз сатҳи баҳр тахминан баъди 15 соат мерасад, ба нуқтаи 1020 м аз сатҳи баҳр бошад баъди 19 соат (расми 3);

Расми 2. -Намуди дарвозаҳои шандой



Расми 3. -Пуршавии обанбор баъди махкамкунии D1. Ҷараёни об 300 м³/с

-агар ҷараёни об 500 м³/с ташкил кунад, ин ҳудуд ба таври назаррас кам мешавад ва об то нуқтаи 1016 м аз сатҳи баҳр баъди 7,5 соат, то нуқтаи 1020 м аз сатҳи баҳр бошад, баъди 10 соат баланд мешавад (расми 4).



Расми 4. -Пуршавии обанбор баъди маҳкамкунии нақби обпартои D1. Ҷараёни об 500 м³/с

Натиҷаҳо ва муколамаҳо. Агар пастшавии сатҳи миёнаи обанбор талаб карда шавад, нақби обпартои D1 дар қитъаи соҳили чап асимметрӣ рафтор менамояд. Аз нуқтаи назари илми гидравлика чунин ҳолат на он қадар қобили қабул аст, чунки баъди махкамкунии сӯрохии баромад селаи дуюм оғоз меёбад, ки сабаби лаппишхӯрии дарвозаи шандорӣ мешавад. Барои боварӣ ҳосил намудан, ки селаи асимметрӣ ба вайроншавии дарвозаи шандорӣ оварда намерасонад, реҷаи корро ададан амсиласозӣ намуданд. Қадами аввал дар ин вақт бо амсиласозии ададии нақби дериватсионии D1 дар 20 м паст бо самти ҷараён аз саҳни даромади дарвозаи равзана (тахминан 400 м) гузошта мешавад. Ҳисобуниҳо дар Маркази техникии гидрогеологии назди корпуси (HECRAS) ШМА гузаронида шудаанд ва натиҷаҳо дар расми 5 оварда шудааст. Чи хеле аз расм аён аст, барои партофти об то 500 м³/с ,ҷараёни об то равзанаи дарвоза расида ҳамавақт дар ҳолати хатарнок ҷойгир аст. Ин чунин маъно дорад, ки равзанаи дарвоза пурра кушода мешавад, баргардиши об дар нақб аз шароит дар беефи поён вобастагӣ надорад ва нақб зери фишор қарор намегирад.



Расми 5. -Профили ҳамвории об дар беефи боло назди ҳуҷраи дарвозаи D1 ададан дар HECRAS ҳисоб карда шудааст



Расми 6. -Ҳудуди ҳисоби модели 2D саҳни даромади нақби дериватсионӣ D1. Дар расми чап домени пурра; дар рост, ҷузъи иншооти обҷамъкунӣ

Бо дарназардошти натиҷаҳои HECRAS хати каҷи рейтингиро дарҳол баъди иншооти обҷамъкунро поёнтар бо ҷараёни гузоштан мумкин аст ва онро ба сифати шартҳои ҳудудӣ барои модели ададии 2D саҳни даромад истифода бурдан мумкин аст. Таҳлили ададии 2D бо истифода аз барномаи таъминотии BASEMENT [2] гузаронида шуд. Домен бо доштани 12 000 хонача дар расми 6 оварда шудааст. Ду ҳолат амсиласозӣ карда шудааст. Якум, барои тасдиқи натиҷаҳо саҳни даромади нақби обпартои D1 бе азнавсозӣ омӯхта шуд. Дуюм, ҳолати пурра маҳкамкунии яке аз даромадҳо. Ҳисобкуниҳои охир дар расмҳои 7 ва 8 оварда дода шудаанд.



Расми 7. - Сатҳи об дар ҳолати статсионарӣ (300 м³/с)



Расми 8. -Сурати ҳолати статсионарӣ (300 м³/с)

Натиҷаҳои профили ҳамвориҳои об барои хароҷоти гуногуни об дар расми 9 оварда шудааст. Чи хеле, ки дида мешавад ҷараёни об дар ҳудуди амсиласозӣ ором аст.



Расми 9. -Профили ҳамвории об бо масири саҳни даромади нақби дериватсионӣ D1 дар ҳолати аввалаи ҳуд

Ин ҳолат ҳангоми ҷойгиркунии дарвозаи шандорӣ тағйир меёбад (расми 10). Тағйирёбӣ ба зиёдшавии назарраси *сатҳи об дар беефи боло* ба хароҷоти об оварда мерасонад ва реҷаи хатарноки ҷараёнро дарҳол баъди конструксия дар беефи поён ташкил мекунад.



Расми 10. -Профили ҳамвории об дар масири пештоқи даромади нақби обпартои D1, ҳангоми ҷойгир кардани дарвозаҳои шандорӣ дар беефи поён.



Расми 11. -Пешниҳоди кутоҳи ҳисоби мутаносибии Q-UWL

Қобилияти гузарониши нақб вобаста аз сатҳи об дар беефи боло (BASEMENT DT1-1) бо хатти каҷи ҳосилшуда муқоиса кардан мумкин аст, расми 12 (ҳамвории озод HPI DT1-1)[3]. *Сатҳи об дар беефи боло* ба воситаи амсилаи BASEMENT дученака (2D) ҳисоб кардашуда аз хатти каҷи натиҷаҳои таҷрибаҳо паст меояд, барои он ки ба амсилаи ададӣ плитаи уфуқиро ворид накарда буданд.

Усули ададӣ гарчанде қобилияти гузарониши пештоқи даромади нақбро зиёд мекунад, ҳарчанд ҳисобкуниҳо дурустанд, барои он ки ҳангоми ҷойгиркунии дарвозаҳои шандорӣ дар даромади беефи поён ва муайянкунии қобилияти гузарониши пештоқи даромади нимкушода дониста шавад. Натиҷаҳои ададии (BASEMENT DT1-1 w/stoplogs) бо хатти каҷи ҳосилшуда дар асоси муодилаҳои хароҷоти об пешниҳодшуда муқоиса кардан мумкин аст, ки ҳисоби он аз нимаи фарохи имконпазираён аст [3].

Қисмати озоди ҳамвории хати каҷ бо дарназардошти формулаи поён ҳисоб карда мешавад.

$$Q = 0.802 \cdot 6.75 \cdot \sqrt{2g(UWL - 989.6)^3}$$

Ҳарчанд қисми зери фишор будаи он низ аз [3] гирифта мешавад:

$$Q = 0.23 \cdot 60.16 \cdot \sqrt{2g(UWL - 992.04)}$$

Дар асоси натиҷаҳои ба дастомада фаъолнокии миёнаи нақби обпартои D1 ва таъсири онро ба сатҳи беефи поён намоиш додан мумкин аст. Ҳангоми ҷараёни 300 м³/с сатҳи оби беефи боло дар муддати 15 соат ба нуқтаи 1016 м аз сатҳи баҳр мерасад. Вақте ки дарвозаи сегментӣ кушода мешавад, *сатҳи об дар беефи боло* ҳангоми доимо паст шудани он дар муддати 20 соат ба нуқтаи 1002,0 м аз сатҳи баҳр мерасад (расми 12).



Расми 12. -Амалиёти тағйирёбии *сатҳи об дар беефи боло* ва ҳаҷми обанбор ҳангоми партофти об ба воситаи D1 бо истифода аз даромади беефи боло баъди ба нуқтаи 1016 м. аз сатҳи баҳр. Доими ҷараён 300 м³/с –ро ташкил мекунад

Ҳангоми ҷараён 500 м³/с будан *сатҳи об дар беефи боло* кам мешавад, вале мувозинатии *сатҳи об дар беефи боло* дар ин ҳолат то нуқтаи 1007.0 м аз сатҳи баҳр мерасад. Аз ин нуқтаи *сатҳи об дар беефи боло* ҳангоми маҳкам будани дарвозаҳои сегментӣ об то нуқтаи 1016.0 м аз сатҳи баҳр дар муддати вақти 5 соат баланд мешавад ва то нуқтаи 1020.0 м аз сатҳи баҳр кам аз 8 соат мерасад (расми 13).



Расми13. -Ҷараёни доими 500 м³/с. Раванди ивазшавии сатҳи об дар беефи боло ва ҳаҷми обанбор ҳангоми партоби об ба воситаи D1 бо истифодабарии даромади сатҳи об дар беефи боло то нуқтаи 1016.0 м аз сатҳи баҳр расидан

Хулосаҳо:

- ба назар гирифта мешавад, ки ҷараёни об дар моҳи март аз нуқтаи 300 м³/с паст мемонад ва танҳо ҳангоми шароитҳои махсус ин қиммат то нишондоди 500 м³/с мерасад;

- ҳамаи корҳоро бо тавсияҳои метеорологҳо ҳамгиро намудан лозим аст, чунки ҳарорати баланд метавонад шароити барфобкуниро тезонад ва боришоти зиёд дар баландиҳои нисбатан пасттар баландшавии ҷараёни обро метезонад;

- ҳангоми ҷараёни об баробари 300 м³/с будан, вай дар муддати вақти 15 соат нишонаи 1016 м аз сатҳи баҳр ва дар муддати 19 соат ба нишондиҳандаи 1020 м аз сатҳи баҳр наздик мешавад;

- ҳангоми ҷараёни об баробари 500 м³/с будан, ҳудуд кӯтоҳ мешавад ва об то нишонаи 1016 м аз сатҳи баҳр дар муддати вақти 7,5 соат баланд мешавад ва то нишонаи 1020 м аз сатҳи баҳр дар муддати 10 соат мерасад;

- ҳангоми камшавии об дар обанбор бо ҷараёни 300 м³/с *сатҳи об дар беефи боло* то нишонаи 1016 м аз сатҳи баҳр дар муддати 15 соат мерасад. Ҳангоми кушодашавии дарвозаҳои сегментӣ *сатҳи об дар беефи боло* мунтазам паст шуда, дар муддати 20 соат то нишонаи 1002.0 м аз сатҳи баҳр мерасад;

- ҳангоми ҷараёни об баробари 500 м³/с будан, *сатҳи об дар беефи боло* инчунин мумкин паст шавад, вале мувозинатии *сатҳи об дар беефи боло* дар ин ҳолат аз нишонаи 1007 м аз сатҳи баҳр баланд мешавад. Аз нишонаи қайдшудаи *сатҳи об дар беефи боло* ҳангоми такроран маҳкамкунии дарвозаҳои сегментӣ об то нишонаи 1016 м аз сатҳи баҳр дар муддати 5 соат баланд мешавад ва то нишонаи 1020 м аз сатҳи баҳр бошад кам аз 8 соат мерасад.

АДАБИЁТ

1. Салини Импреджило. Программа работ, MU07, декабрь 2017.
2. D. Vetsch, R. Fäh, D. Farshi и R. Müller, «BASEMENT - объектно-ориентированная система программного обеспечения для моделирования природных опасностей» в Festtagskolloquium 75 Jahre VAW, 2005.
3. РусГидро, Отчет по теме «Гидравлические исследования строительных туннелей 1-го и 2 -го уровня с впускными типами валов, в том числе схема сифонного водосброса русла реки Вахш для туннеля 1-го уровня» (контракт № 12/124-12 от 10.02.2012), этап 1, 2012 г.
4. ОАО Рогунская ГЭС, лот 2 – Контракт на строительство плотины, том 2 – Требования Заказчика, Проектное задание, июль 2015 г.
5. Инженерное и техническое сопровождение строительства Рогунской плотины, «Анализ прочности соединительных галерей структуры деривационных туннелей 1 и 2 уровней через русло реки Вахш», A-0214-B-CW-DCO-TR-001-A1, 29 апреля 2017 г.
6. Инженерная и техническая поддержка строительства Рогунской плотины, «Геологическое сопровождение при проектировании и строительстве этапа 1 (этап 2)», A-0214-C-CW-GGE-TR-029-A0, 27 июня 2017 г.
7. Eurocode 2, "Design of Concrete Structures", EN1992-1-1
8. Eurocode 7, "Geotechnical Design", EN1997-1
9. CEB-FIP, "Fib Model Code for Concrete Structures 2010", Fédération Internationale du Béton/International Federation for Structural Concrete (Fib), 2013.
10. SAP2000, "User's Manual", version 14, 2016.
11. TNO DIANA, "DIANA User's Manual", Release 10.1, 2017.

АННОТАЦИЯ
ГИДРАВЛИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ДЕРИВАЦИОННОГО ТОННЕЛЯ НА ПРИМЕРЕ D1-D2 РОГУНСКОЙ ГЭС

В статье приводится оценка периода, предусмотренного для опускания шандорных затворов входного сооружения деривационного тоннеля *D1*, при отсутствии эксплуатации деривационного тоннеля *D2* и выполнении полного перекрытия реки Вахш. Гидравлические условия, которые могут

произойти при промежуточном понижении воды в водохранилище, были проанализированы при помощи численного моделирования (1-мерной и 2-мерной моделей). Также рассматривается уровень порога впускного отверстия *D1/ D2, который необходимо поднять для предотвращения пропуска большого количества отложений через тоннель. Это будет сделано посредством установки шандоров до отметки 1013.0 м н.у.м. в определенной последовательности.*

Ключевые слова: *деривационные тоннели, методология, уровень порога, гидравлика, приток воды, моделирование, верхний бьеф*

ANNOTATION

HYDRAULIC ANALYSIS OF THE DERIVATION TUNNEL ON THE EXAMPLE OF D1-D2 OF ROGUN HPP

The article presents an assessment of the period foreseen for lowering of the shandor gates of the inlet structure of the D1 diversion tunnel in the absence of operation of the D2 diversion tunnel and full closure of the Vakhsh River. Hydraulic conditions that may occur at intermediate drawdown of water in the reservoir were analyzed by numerical modeling (1-dimensional and 2-dimensional models). Also considered is the level of the D1/ D2 inlet threshold, which needs to be raised to prevent large amounts of sediment from passing through the tunnel. This will be done by installing shandrels up to 1013.0 m a.s.l. in the following sequence.

Keywords: *diversion tunnels, methodology, threshold level, hydraulics, water inflow, modeling, upstream*

Сведение об авторах:

Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич-ассистент кафедры строительства Бохтарского государственного университета имени Н.Хусрава. 735140. Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.Тел.:(+992) 918198656

Джуракулов Муродали Рахатович - кандидат технических наук, и.о. доцента кафедры «Материалы, технология организация строительства». Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими, 734042, г.Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Тел.: (+992) 900500551

Хасанов Нурали Мамедович – доктор технических наук, и.о. профессора кафедры «Основания, фундаменты и подземные сооружения». Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими, 734042, г.Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Тел.: (+992) 988899575

Information about the authors:

Zuwaydov Maҳmadullo Maҳmasolievich - Assistant of the Deportment construction" of N.Khusrav Bokhtar State University named N.Khusrav. 735140. Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67.

Murodalī Rakhatovich Djrakulov - Tajik Technical University named after academician M.S.Osimi, condidate of technical sciences associate professor of the department “Materials, technology, construction organization”. 734042, Dushanbe, avenueacademician Raҷabov, 10.

Khasanov Nurali Mamedovich - Tajik Technical University named after academician M.S.Osimi, doctor of technical sciences, associate professor of department "Foundations, bases and underground constructions". 734042, Dushanbe, Academicians Rajabov Avenue 10.

ТДУ 631.115.8

КООПЕРАТСИЯИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН АСОСИ РУШДИ САМАРАНОКИ ИСТЕҲСОЛОТИ МАЙДАМОЛӢ

Раҳматзода Ҳ. Б.-Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *кооператсияи кишоварзӣ, истеҳсолоти майдамолӣ, самаранокӣ, шаклҳои хурди хоҷагидорӣ, бахши кишоварзӣ, бунёди кооперативҳои истеъмолӣ.*

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои моҳият, зарурият, нақш ва аҳамияти кооператсия дар соҳаи кишоварзӣ бахшшида шудааст. Ҳамкории хоҷагиҳои шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар асоси кооперативонӣ имкон медиҳад, ки бисёр мушкилоти марбут ба масъалаҳои ташкилӣ-молиявӣ ҳаллу фасл карда шаванд. Дар солҳои охир бахши кишоварзӣ рушди устуворро нишон медиҳад. Масалан, аз рӯйи натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти молиявии солҳои охир аксарияти корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи аграрӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштаанд. Дар ин таҳқиқот шароитҳои бунёд ва амалкарди ташкилотҳои кооперативӣ оварда шудааст.

Аз таҷрибаи кишварҳои рушдкарда бармеояд, ки дар ин кишварҳо имкониятҳои зиёди рушди кооперативҳои кишоварзӣ мавҷуданд. Дар онҳо муносибатҳои иқтисодӣ асосан ба принсипҳои худидоракунӣ, рушди демократия ва ташаббускорӣ такя менамоянд. Ҳарҷанд дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷумҳурии мо шаклҳои гуногуни кооперативҳо ташкил шуда бошанд ҳам, вале иқтидори истеҳсолӣ ва заминаҳои молиявии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра истифода бурда нашуданд. Инчунин, таносуби истифодаи омилҳои истеҳсолот: замин, меҳнат, сармоя ва иттилоот риоя карда нашуданд.

Ба андешаи мо, дар замони муосир вазъи ноустувори кооперативҳои кишоварзӣ ба масъалаҳои зерин вобаста мебошанд:

- мавҷуд набудани маблағҳои пулии озод;
- номукаммал будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ;
- мавҷуд набудани шароити ташкили фаъолияти таъминотӣ ва фурӯши маҳсулот;
- мавҷуд набуани имконияти баромадан ба бозорҳои хориҷи кишвар;
- гарон будани нархҳо ба маводҳои таъминотӣ;
- рақобати шадид бо молистеҳсолкунандагони бузург ва ғайраҳо. Аз ин рӯ, муайян намудани нақш ва аҳамияти кооператсияи кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии он ҳамчун асоси истҳсолоти майдамолӣ аҳамияти калон пайдо мекунад.

Дар комплекси агросаноатӣ ҳамроҳи корхонаҳо ва ташкилотҳои калони кишоварзӣ, инчунин шаклҳои хурди хоҷагидорӣ бомуваффақият амал карда истодаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолоти майдамолӣ шакли асосӣ ва муҳими соҳаи кишоварзӣ гардидааст. Вобаста ба таҳлилҳои гузаронидаи мо дар соҳаи кишоварзӣ шумораи кооперативҳо аз шумораи умумӣ 85%-ро ташкил медиҳад. Дар вилояти Хатлон бошад, тибқи таҳлилҳои мо арзиши маҳсулоти умумии кишоварзии истеҳсолнамудаи кооперативҳои кишоварзӣ тайи давраи солҳо 2017-2021 ба ҳисоби миёна 40,5%-и маҳсулоти умумиии кишоварзии вилоятро ташкил додааст. Суръати афзоиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар кооперативҳои кишоварзӣ ба 55,6% баробар шуд, ки нисбат ба дигар категорияҳои хоҷагиҳои вилоят баланд аст. Ба 100 гектар афзоиши арзиши маҳсулоти умумии кишоварзии кооперативҳои кишоварзӣ 47,4%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ 55% баланд мебошад [13, с.65].

Дар ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ба сохтори субъектҳои соҳибкории кишоварзӣ назар андозем, пас мебинем, ки қисми зиёди онро хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил медиҳанд, ки 96,1%-и миқдори умумии субъектҳои хоҷагидории деҳотро дар бар мегиранд. Дигар корхонаҳои кишоварзӣ бошанд 3,9%-и миқдори умумии субъектҳои хоҷагидориро ташкил медиҳанд ва аз хоҷагиҳои зерин иборат мебошанд: хоҷагиҳои ёрирасон, хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва кооперативҳои кишоварзӣ. Чунин таносуб ба талаботи замон ва пеш аз ҳама ба маҳаҳҳои самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии истеҳсолот ҷавобгӯ шуда наметавонад. Рақаму далелҳои оморӣ гувоҳи онанд, ки дар бахши аграрии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити ҳозира (соли 2020) 33394 адад хоҷагиҳо ва муассисаҳои калон, миёна ва хурд, аз ҷумла, 49 ассотсиасия, 32889 хоҷа-гии деҳқонии инфиродӣ, 56 хоҷагии саҳҳомӣ, 505 корхонаи кишоварзии байнихоҷагӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон амал мекунанд. Дар натиҷаи татбиқи як қатор чорабиниҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва махсусан амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9 октябри соли 1995, №312 ва аз 1.12.1997, №874 “Дар бораи ҷудо намудани 50 ва 25 ҳаз/га замин барои хоҷагиҳои шахсии ёрирасони шаҳрвандон”ба қадри назаррас афзуншавии ис-

теҳсоли маҳсулоти растанӣ ва чорво ҳам дар хоҷагиҳои хонагии аҳолӣ, ҳам дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва инчунин афзун шудани суръати рушдро дар тамоми бахшҳои аграрӣ мефаҳмонад [14,с.41].

Афзуннамоии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурди майдамолӣ бо дар назардошти ҳавасмандгардонии кооператсияи кишоварзӣ ва интиқоли онҳо ба модели инноватсионии рушд ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҷмуъ ва хоҷагиҳои майдамолӣ оварда мерасонад. Вобаста ба ин, чунин андеша дорем, ки кооперативи кишоварзӣ ба таври “фармоишӣ” ташкил карда намешавад. Ташкилотҳои кооперативиро худи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ташкил менамоянд, он бо санад ё ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатӣ ташкил намегардад. Давлат ин гуна иттиҳодияҳоро ҳавасманд менамояд ва раванди дастрасии дастгирии давлатиро содда менамояд.

Кооператсияи аграрӣ аз калимаи лотинӣ гирифта шуда маънои он якҷоя кор, меҳнат карданро дорад. Кооператсияи аграрӣ дар Европаи Ғарбӣ муваффақона рушд карда истодааст. Дар давлатҳои Европаи Ғарбӣ кооперативҳои кишоварзӣ 80%-и ғалла ва қанд, то 96%-и ширро истеҳсол намуда ба фурӯш мебароранд.

Баъзе мушкилиҳое, ки дар иқтисоди кишоварзӣ дар ҷумҳурии мо ҷой доранд, бевосита ба истеҳсолоти майдамолӣ вобастааанд. Ба ин мушкилиҳо дастрасӣ надоштан ба фурӯши маҳсулот, захираҳои молиявӣ ва моддӣ-техникӣ, номутаносибии нархҳо байни маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ ва ғайраҳоро метавон номбар кард. Барои баромадан аз ин ҳолат пеш аз ҳама ин дастгирии рушди коопративҳо аз тарафи давлат ҳисобида мешавад. Рушди фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва некуаҳволии одамон оварда мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни ислоҳоти соҳаи аграрӣ гузаронида шуд ва дар ин замина як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти кооперативҳо қабул карда шуданд, ки асоси фаъолияти онҳоро инъикос менамоянд. Соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» қабул гардид, ки дар он мафҳуми «кооперативи истеҳсолӣ» чунин маънидод карда шудааст: «Коопера-тиви истеҳсолӣ (артел)-иттиҳоди ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият барои фаъолияти якҷояи истеҳолӣ ё дигари хоҷагидорӣ мебошад, ки ба иштироки шахсии меҳнатӣ ва тарзи дигари иштирок, инчунин, аз ҷониби аъзо (иштирокчиён)-и он муттаҳид сохтани аъзоҳаққии саҳмии амволӣ асос меёбад. Ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативҳои истеҳсолӣ (минбаъд кооператив) иштироки шахси ҳуқуқиро дар фаъолияти он пешбинӣ карда метавонад» [12]. Аз қонуни мазкур бармеояд, ки кооператив шахси ҳуқуқӣ буда, ҳаммчун ташкилоти тиҷоратӣ фаъолият менамояд.

Расми 1. - Аломатҳои асосии кооперативҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ [13, с.24]

***Эзоҳ:** *Ба ғайр аз кооперативҳои қарзӣ*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» соли 2013 қабул карда шудааст. Тибқи ин қонун кооперативҳои истеҳсолӣ, бояд дар муҳлати на дертар аз ду сол аз рӯзи мавриди

амал қарор додани қонуни нав бояд ба кооперативҳои тиҷоратӣ табдил дода мешуданд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» мафҳу-ми кооперативҳо чунин шарҳ дода шудааст: «Кооператив-иттиҳодияи мустақил ва ихтиё-рии бо тартиби муқаррарнамудида бақайдгирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъ намудани талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, инчунин, саъю кӯшиши шахсони мазкур тавассути муттаҳидкунии молу мулк (аъзоҳаққии саҳмӣ) ва таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молу мулки якҷоя таъсис дода мешавад» [11].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки кооперативҳо дар ду шакл таъсис дода шаванд: кооперативи тиҷоратӣ ва кооперативи ғайритиҷоратӣ. Кооператив ташкилоти тиҷоратӣ мебошад. Вобаста ба оинномаи кооператив тибқи тартиби муқаррарнамуда фоидаи кооператив байни аъзоёни он тақсим карда мешавад. Кооперативҳои кишоварзӣ ин иттиҳодияҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки дар худ аъзоёнро вобаста ба истеҳсоли маҳсулот дар доираи як иттиҳод муттаҳид мекунанд. Аъзоёни кооперативи кишоварзӣ як қисми амвол ва захираҳои моляивии худро якҷоя намуда, фонди оинномавии кооперативро ташкил менамоянд. Амволи мазкур моликияти кооператив мебошад.

Баъд аз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ишғол намуд. Дар ин замина ба рушди кооперативҳои кишоварзӣ эътибори ҷиддӣ дода нашуд, танҳо як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанда қабул гардиданд.

Ташкили кооперативҳои кишоварзӣ асосан аз таҷдиди колхозу совхозҳо манбаъ мегиранд. Зарур аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар оянда ташкили кооперативҳои қарзӣ, истеъмолӣ ва дигар шаклҳои кооперативҳоро ба роҳ монем. Аммо, шумораи кооперативҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5845 адад дар соли 2016 то 4921 адад дар соли 2020 коҳиш ёфтаанд [4, с. 328-329].

Мутаасифона, он чиз ташвишовар аст, ки ин ҷараёни кооперативонӣ то ба ҳол дар бисёр минтақаҳо суст ба роҳ монда шудааст. Дар адабиёти илмӣ фаҳмиши дурусти мафҳуми кооператив вуҷуд надорад. Тибқи таҳлилҳои мо имконияти воқеии афзун намудани маҳсулоти кишоварзӣ бо воситаи шаклҳои хурди хоҷагидории майдамолӣ-бо воситаи муттаҳиднамоии онҳо мавҷуд нест. Ба ақидаи баъзе олимон тараққиёти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва соҳибкории инфиродии кишоварзӣ метавонанд асоси воқеии пешрафти соҳаи кишоварзӣ гарданд. Аммо, мутаассифона, ин боиси рушди исеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ намегардад, чунки сатҳи касбии аъзоёни хоҷагиҳои ёрирасон аз аъзоёни хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ) аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Соҳибони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба тағйироти назарраси сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ омода намебошанд ва аз тарафи дигар аз ҷониби давлат дастгириҳо кам ба назар мерасад.

Хоҷагиҳои ёрирасон ва дигар шаклҳои хурди хоҷагидорӣ дар деҳот имкониятҳои рушдро аз бисёр ҷиҳат аз даст додаанд, роҳи аз ин ҳолати мушкил баромадани инро, мо дар фаъолнокии кооператсияи онҳо мебинем. Бисёр хоҷагиҳое, ки онҳоро ёрирасон меномем дар ҳаёти воқеӣ кайҳо ба ин мувофиқ нестанд, зеро истеҳсолот дар ин хоҷагиҳо воситаи асосӣ дар таъмину рӯзгузаронии оилаҳои деҳқонӣ мебошанд. Дар як вақт хароҷотҳо барои нигоҳдорӣ дар оилаҳо меафзоянд, андозаи онҳо афзун мешаванд, аз ин лиҳоз, кооперативонӣ-ин роҳи рушди ояндаи истеҳсолоти майдамолӣ мегардад. Кооперативҳои истеъмолии соҳаи кишоварзӣ ба соҳибкории истеҳсолии ба маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд машғул мебошанд. Кооперативҳои тиҷоратии кишоварзӣ бо хусусияти фарқкунандаи худ, ки қонеъ гардонидани талаботҳои моддии аъзоёни кооператив мебошад, аз дигар кооперативҳои истеҳсолӣ фарқ мекунанд. Даромади кооперативҳои кишоварзӣ чун дигар кооперативҳо байни аъзоён тақсим карда намешавад ва барои истеҳсоли маҳсулот истифода бурда мешавад. Фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории кооперативҳо истеъмолӣ бо хусусиятҳои гуногуни истеҳсолӣ ва тақимотӣ аз дигар кооперативҳо фарқ мекунанд [5;6].

Чунин кооперативҳои истеъмолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мавҷуданд:

- коопративҳои коркарди маҳсулот (истеҳсоли гӯшт, шир, сабзавот, маҳсулотҳои нонӣ ва ғ.);
- коопративҳои хизматрасонӣ (иҷрои корҳои сохтмонӣ, таъмирӣ ва ғайра);
- коопративҳои фурӯши маҳсулот ва молҳо;
- коопративҳои таъминотӣ (интиқоли ашёҳо ва маводҳо, харид ва интиқоли молҳо);
- коопративҳои қарзӣ - расонидани хизматҳои молиявӣ, ба гардиш даровардани воситаҳои маблаггузаронӣ (инвесторони) фардӣ;
- коопративҳои суғуртавӣ.

Намунаи рафтори аъзоёни кооперативро, ки бо арзишҳои ахлоқӣ-этикӣ асос ёфтаанд ба монанди: худкумаккунӣ, якдилӣ, озодӣ, адолат, масъулияти иҷтимоӣ ва ғамхорӣ байни якдигар принсипҳои кооперативониро ифода менамоянд [8]. Ба афзалияти сохторҳои кооперативӣ ҳалли ду масъалаи муҳим дохил мешаванд:

-муттаҳид намудани субъектҳои хоҷагидории майдамолии кишоварзӣ;

- фаъолияти пурраи субъектҳои хоҷагидории майдамолии кишоварзӣ дар шакли кооператив.

Кооперативҳои кишоварзӣ дар асоси принсипҳои зерин фаъолият менамоянд:

- аъзогии ихтиёрӣ;

- кумак ба якдигар бо мақсади таъмини самараи иқтисодӣ барои ҳар як аъзои кооператив, ки дар фаъолияти хоҷагидории он иштирок менамояд;

- тақсими фоида ва зарари кооператив байни аъзоёни он бо дарназардошти иштироки онҳо дар фаъолияти хоҷагидории кооператив;

- дастрасии маълумот оид ба фаъолияти кооператив;

- идоракунии фаъолияти кооператив дар асоси принсипҳои демократӣ (як аъзои кооператив - як овоз);

- иштироки шахсии аъзоён дар идоракунии кооператив.

Омилҳои зерин дар соҳаи кишоварзӣ ба рушди кооператсия таъсири манфӣ мерасонанд:

-омода набудани одамон ба чунин шакли хоҷагидорӣ;

- нобоварӣ ба кори самараноки иттиҳодияи ташкилгардида;

- мавҷуд набудани зерсохтори ҳуқуқӣ.

Ба сифати қувваи пешбари муттаҳидкунии хоҷагиҳои хурди майдамолӣ хешовандон, ҳамдеҳагон метавонанд муттаҳид гарданд. Одамон аз рӯйи ақида, фикр, мавқеи иҷтимоию иқтисодӣ метавонанд дар ин иттиҳодияҳо муттаҳид гарданд.

Кооператсия омили муҳими афзун намудани сатҳи истеҳсоли маҳсулот, паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ ва муомилотӣ, баланд бардоштани сатҳи даромаднокии ҳамаи иштироккунандагони ин иттиҳодия мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки кооператсия барои ҷалби сармоя ва барқароршавии иқтидори истеҳсолии комплекси агросаноатӣ замина мегузорад. Дар натиҷаи кооператсия истеҳсолоти миқёсан калон ба вуҷуд омада, дар асоси ҳавасмандгардонии шахсӣ аз натиҷаи фаъолият имкониятҳо барои рушди комплекси агросаноати пайдо мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Аббасова А.А. Проблемы устойчивого развития сельского хозяйства Дагистана // Проблемы развития АПК региона. – 2011. - №1(5).
2. Аллахвердиев А.И., Ахмедова К.А. Организационно-экономический механизм управления сельскохо-зяйственными кооперативными формированиями // Проблемы развития АПК региона. - 2014. - № 1 (17).
3. Беликова Е.В., Черкашина А.С. Кооперация мелкотоварного производства как условие обеспечения продовольственной безопасности и повышения занятости сельского населения // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2010. - №8.
4. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.-2021. -С.328- 329.
5. Коваленко С.Б., Козенко З.Н. Сельскохозяйственная кредитная кооперация.-М.: Финансы и стат-ка, 2005.
6. Козенко З.Н., Зверева Г.Н. Имущественные интересы сельхозтоваропроизводителей: теоретические аспекты и современные направления реализации в регионе. – Волгоград, 2008.
7. Козлова Л.С. и др. Как создать сельскохозяйственный кредитный потребительский кооператив и организовать его работу. – Москва, 2007.
8. Раджабов А.Н. Кооперация – одна из форм межхозяйственной интеграции в агропромышленном комплексе: материалы научно-практической конференции «Современные проблемы развития регионального АПК». – Махачкала, 2004.
9. Черкашина А.С., Иванова Е.А. Условия развития сельскохозяйственной потребительской кооперации // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2010. - № 12.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» (АМОҶТ с. 2013, № 7, мод. 519).- 10 с. .
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» (АМОҶТ с. 2002, с.2002, №11, мод.687; с.2010, №12, қ.1, мод.819)
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992, № 7, мод.105; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995, №22, мод. 268, соли 2002, №11, мод. 702; соли 2008, №1 қисми 2, мод. 13).-10 с.
13. Қурбонзода А.Д. Ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050608-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.- Душанбе, 2013.-189 с.
14. Имомназарова Т.А. Формирование малого предпринимательства в сельском хозяйстве (на материалах РРП), диссертатсия на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.03 – Региональная и территориальная экономика. -Душанбе, 2022.-С.41.

АННОТАЦИЯ

СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННАЯ КООПЕРАЦИЯ КАК ОСНОВА ЭФФЕКТИВНОГО РАЗВИТИЯ МЕЛКОТОВАРНОГО ПРОИЗВОДСТВА

Решение обеспечения безопасности продовольствия и высококалорийного питания населения в короткий период времени требует роста сельскохозяйственной продукции и конкурентоспособности отечественной сельскохозяйственной продукции. В статье рассматриваются вопросы, касающиеся роли и значения сельскохозяйственной кооперации в развитии мелкотоварного производства. Сотрудничество личных подсобных и фермерских хозяйств на кооперативной основе

позволяет решить многие организационно-финансовые вопросы. Приведены условия создания и функционирования кооперативных формирований.

Ключевые слова: *сельскохозяйственная кооперация, мелкотоварное производство, эффективность, малые формы хозяйствования, аграрный сектор, создание кооперативных формирований.*

ANNOTATION

AGRICULTURAL COOPERATION AS A BASIS FOR THE EFFECTIVE DEVELOPMENT OF SMALL-SCALE PRODUCTION

The solution of ensuring food safety and high-calorie nutrition of the population in a short period of time requires the growth of agricultural products and the competitiveness of domestic agricultural products. The article considers issues related to the role and importance of agricultural cooperation in the development of small-scale production. The cooperation of personal subsidiary farms and farms on a cooperative basis allows us to solve many organizational and financial issues. The conditions of creation and operation are given

Keywords: *agricultural cooperatives, small-scale production, efficiency, small forms of management, the agricultural sector, cooperative formations.*

Сведение об авторе:

Рахматзода Хайдар Бобо-доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики Российско-Таджикского славянского университета. 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. Тел: (+992) 907753981. E-mail: haydar57@mail.ru

About the author:

Rakhmatzoda Haidar Bobo - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy of the Russian-Tajik (Slavic) University. 734000, Repablic of Tajikistan street Mirzo Tursun-zade, 30 Phone: (+992) haydar57@mail.ru 907753981. E-mail: haydar57@mail.ru

ТДУ: 330.15

МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ, НИШОНДИҲАНДАҲО ВА УСУЛҲОИ АСОСИИ МУАЙЯН КАРДАНИ САМАРАНОКИИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Олимов А.Х., Мусоев Р.М.- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Калимаҳои асосӣ: *самаранокии экологӣ, самаранокии иқтисодӣ, нуриҳои маъданӣ, муҳити зист, даромад, моддаҳои гизоӣ, муҳофизати хок, фаъолияти экологӣ, зарари экологӣ, талафоти ҳосил, эрозияи хок.*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақсади асосии корхонаҳои кишоварзӣ ба даст овардани ҳадди аксари маҳсулот ва гирифтани фоидаи зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар натичаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсиррасонӣ ба унсурҳои муҳити зист ба миён меояд. Аксарияти раванди таъсири манфии беруна ҳамчун оқибатҳои манфии экологӣ ва иқтисодии истеҳсолот тавсиф мешаванд, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкории агра-рӣ ба инобат гирифта намешаванд. Истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун омили берунаи таъсиррасон ба вазъи иқтисодии истифодабарандагони сарватҳои табиӣ бевосита таъсир намерасонад. Истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ба кам кардани хароҷоти дохилӣ манфиатдор мебошанд, вале омилҳои ба муҳити зист таъсиррасонро ба инобат намегиранд.

Муҳаққиқони рус А.П.Дороговсев, Л.М. Дороговсева, О.Г. Моронова [6] ҳолати таъсири истеҳсолоти кишоварзӣ ба муҳити зистро бо он шарҳ медиҳанд, ки захираҳо ба монанди меҳнати зинда ва гузашта ба низоми ченакҳои иқтисодӣ дохил мешаванд, вале муҳити табиӣ ба ин низом дохил намешавад. Баҳогузорӣ накардани омилҳои муҳити зист ва дараҷаи пасти шуурнокии экологӣ имкон намедиҳад, ки субъектҳои соҳибкории аграрӣ дарк намоянд, ки беҳтар намудани ҳолати муҳити зист фавран ба афзоиши самараи иқтисодии истеҳсолот таъсир мерасонад. Ба ақидаи Олсон К. [12], истифодаи омилҳои истеҳсолӣ ба миқдори дақиқ ва зарурӣ боиси кам шудани хароҷот ва паст шудани иқтидори истеҳсолии аз ҷиҳати экологӣ тоза мегардад. Бинобар ин, барои корхонаҳои кишоварзӣ, ки мехоҳанд захираҳои худро дар баробари нигоҳ доштани мувозинати табиӣ самаранок истифода баранд, зарур аст, ки ба фаъолияти истеҳсолот дар шароити ҳозира баҳои объективӣ диҳанд.

Дар шароити гузариш ба муносибатхои бозаргонӣ корхонаҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликият танҳо дар сурати мавҷуд будани самараи баланди экологӣ ва иқтисодии истеҳсолот устуворона рушд карда метавонанд. Нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки барои ин истифода мешаванд, чун қоида танҳо самараи ибтидоиро муайян менамоянд, яъне муқоисаи хароҷотро бо натиҷа баҳо дода, оқибатҳои экологиро баҳо намедиҳанд. Бо вуҷуди ин, оқибатҳои манфӣ аксар вақт таъсири мусбати истеҳсолотро инкор мекунанд. Тибқи андешаи А.В.Телегин [9] ҳангоми ҳисоб кардани фоидаи нуриҳои маъданӣ ва пеститсидҳо, бо назардошти таъсири онҳо ба муҳити зист, нишондиҳандаи самаранокӣ нисбат ба ҳисобҳо бо усули стандартӣ, мутаносибан 2,0 ва 2,3 маротиба кам мешавад. Корхонаҳои кишоварзӣ аз истифодаи нуриҳои маъданӣ ва воситаҳои муҳофизати растанӣ даромад гирифта, маҷбур мегарданд, ки барои зарари экологӣ хароҷоти

калони иловагиро сарф кунанд. Ҳамин тавр, дар вақти баҳо додан ба самараи истеҳсолоти кишоварзӣ танҳо истифодаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дуруст нест. Аҳаммияти умумимиллии ин масъала зарурати муайян кардани самараи экологӣ ва иктисодии соҳаи кишоварзиро ба миён меорад, ки ин дар навбати худ кор карда баромадани усулҳои нав ва такмил додани усулҳои анъанавиро барои асоснок кардани имкониятҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва умуман истеҳсоли маҳсулот дар назар дорад.

Олими тоҷик Одинаев Ҳ. [8] нишондиҳандаи самаранокии экологӣ ва иқтисодӣ нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти таъсири кишоварзӣ ба ҳолати муҳити табиӣ тавсиф мекунад. А.П. Дороговсев, Л.М. Дороговсева, О.Г. Моронова дар ин маврид кайд мекунанд, ки пеш аз хама таъсири истеҳсолот ба ҳолати агроэкологии захираҳои замин ба назар гирифта шавад. Ин нишондиҳанда самаранокии истифодаи захираҳои моддию меҳнатиро дар раванди истеҳсолот, ки бо рафъ ё пешгирии олудашавии муҳити зист аз фаъолияти кишоварзӣ бармеояд, инчунин талафи маҳсулот дар натиҷаи бад шудани ҳолати экологии муҳити зистро муайян менамояд. Самаранокии экологӣ ва иқтисодиро дараҷаи истифодаи пойгоҳи моддию техникӣ, дараҷаи раванди пешрафти илмию техникӣ, механизми иқтисодии идоракунӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои муҳофизати муҳити зисти истеҳсолоти кишоварзиро муайян мекунад.

Тибқи андешаи муҳаққиқони рус С.Н.Бобилев, А.В.Голубев, А.В. Ткач [4] ва дигарон самаранокии экологӣ ва иқтисодӣ бо як қатор омилҳои дигаре, ки ба захираҳои табиӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шавад:

- ҷойгиркунии сохтори ландшафтҳои кишоварзӣ, заминҳои кишоварзӣ, майдонҳои кишт;
- таносуби зироатҳои бехтаркунанда ва хоквайронкунанда дар киштгардон;
- иҷрои қатъии маҷмуи тадбирҳои муҳофизати хок (чорабиниҳои зидди эрозияи хок, мелиоративӣ, гидротехникӣ ва ғайра);
-дараҷаи ҷуброни рафъи моддаҳои ғизоӣ, махсусан дар шароити парвариши зироатҳои кишоварзӣ бо истифода аз технологияҳои интенсивӣ;
-таъсири техногении низоми истифодаи мошинолотҳои кишоварзӣ, истифодаи коркарди муносиби хок;
- ҳолати низоми ҳифзи растанихо ва ҳайвонот бо истифода аз воситаҳои агробиологӣ;
-дараҷаи технологии истеҳсоли маҳсулот бо назардошти ҳосилхезии хок, ҳолати фитосанитарию мелиоративии онҳо;
-истифодаи заминҳои обӣ бо назардошти баланси захираҳои об, сарфи об барои зироатҳои хоҷагии қишлоқ, ҳолати иншоотҳои мелиоративӣ;
- истифодаи оқилонаи заминҳои табиии хӯроки чорво;
- сохтан ва истифода бурдани иншоотҳои тозакунанда, анборҳо барои нигоҳдории пору ва нуриҳои маъданӣ;
- вазъияти хизматрасонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ташкили хизматрасонии агрономӣ, зоотехникӣ, агрохимиявӣ;
- риояи тавсияҳо оид ба гузаронидани равандҳои технологӣ ба таври таҷрибавӣ дар шароити истеҳсолӣ таҳияшуда.

Муҳаққиқ Гаитов М.Я. [1] барои баҳодиҳии оқилонаи истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва табиӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун комплекси ягонаи табиию иқтисодӣ, инчунин баҳодиҳии самтҳои дақиқи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, таъмин намудани такрористеҳсолкунии муҳити табиӣ ҳисоби самаранокии экологӣ ва иқтисодиро пешниҳод намудааст.

Ин нишондиҳанда дар чунин ҳолатҳо ҳисоб карда мешавад:

- ҳангоми баҳодиҳии самарабахшии экологӣ ва иқтисодии чорабинии амалишаванда дар соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ ва умуман истеҳсолоти кишоварзӣ;
- ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои воқеии фаъолияти экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- ҳангоми тартиб додани консепсияҳои рушд, пешгӯиҳо, барномаҳои комплексӣ ва дигар тадбирхои рушди соҳаи кишоварзӣ;
- ҳангоми асоснок кардан, пешгӯӣ кардан ва тафтиш кардани лоиҳаҳои азхудкунии техника ва технологияи нав, объектҳои истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва дигар объектҳои соҳаи кишоварзӣ;
- ҳангоми асосноккунии иқтисодии тадбирҳои ҳифзи муҳити зист ва зеркомплексҳои онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ки ба ноил шудан ба сифати стандартии муҳити зист нигаронида шудаанд;
- ҳангоми баҳодиҳии муқоисавии нишондиҳандаҳои пешбинишуда ва воқеии экологию иқтисодии рушди соҳаи кишоварзӣ.

Баҳодиҳии самаранокии экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ҳам барои фаъолияти алоҳида ва ҳам барои тамоми корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо гузаронида шавад.

Меъёри самаранокии экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҳалли масъалаи қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ба маҳсулоте, ки бо хароҷоти муносиби истеҳсолот ҳангоми нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли муҳити зист ба даст меояд, иборат мебошад. Ин меъёр имкон медиҳад, ки раванди истеҳсолот то чӣ андоза талаботи иҷтимоиро ба маҳсулоти кишоварзӣ қонеъ мегардонад, баҳо дода шавад.

Яке аз меъёрҳои маъмултарини баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот даромади соф мебошад. Аммо, дар асл, он танҳо категорияи иқтисодӣ аст ва наметавонад ба истифодаи нуриҳои минералӣ, воситаҳои муҳофизати растанӣ ва дигар маҳсулот баҳои дуруст диҳад, яъне оқибатҳои экологиро, ки ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда метавонанд, ба назар намегиранд. Бояд гуфт, ки навоварии нисбии баҳисобгирии самарабахшии экологӣ ва иқтисодӣ дар хоҷагии қишлоқ яке аз сабабҳои асосии мавҷуд набудани методологияи ягонаи аз тарафи умум кабулшудаи ҳисобкунии он мебошад.

Муҳаққиқ Е.Г. Лисенко [7] пешниҳод мекунад, ки самараи экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар асоси ҳисоби зарар ва таъсири экологӣ ва иқтисодӣ, инчунин нишондиҳандаҳои умумӣ ва муқоисавии он муайян карда шавад. Зарари экологӣ ва иқтисодӣ талафоти воқеӣ ё имконпазире мебошад, ки дар шакли пулӣ ифода ёфта, ба кишоварзӣ дар натиҷаи бадшавии сифатии муҳити зист расонида шудааст ё хароҷоти иловагии ҷуброни ин зиёнҳо мебошад. Барои арзёбии зарари экологӣ ва иқтисодӣ, муаллифон усули барқарорсозӣ дар асоси арзёбии хароҷоти зарурӣ барои пешгирӣ ё рафъи зарари экологӣ ба муҳити табиӣ аз фаъолияти кишоварзӣ расонидашуда ва ҳаҷми талафоти маҳсулоти кишоварзӣ истифода мебаранд. Хароҷот дар асоси ҳисоби сарфи маблағҳои пешгирии ифлосшавии муҳити зист бо роҳи ҳисоб кардани маблаггузории асосӣ барои бунёд, сохтан ва таъмири иншоот, таҷҳизот, технология ва ғайра, пешгирӣ ё кам кардани зарар ба муҳити беруна ва хароҷоти ҷорӣ муайян карда мешаванд.

Тибқи андешаи мо, зарари иқтисодӣ ба кишоварзӣ, пеш аз ҳама, эрозияи хок, олуда шудани хок ва растанӣ бо моддаҳои кимиёвӣ ба амал меояд, ки дар навбати худ боиси кам шудани ҳосил ва кам истеҳсол шудани маҳсулоти кишоварзӣ мегардад. Он метавонад оқибатҳои гуногун дошта бошад: аз бад шудани саломатии инсон, маҷбур шудан ба нафаскашии ҳавои ифлос, нӯшидани оби дорои маводҳои зарарнок ва истеъмоли маҳсулоти бо моддаҳои хатарнок олудашуда, паст шудани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ва марги ҳайвоноти дар обанборҳо зиндагикунанда. Илова бар ин, ифлосшавии муҳити зист ба хоҷагии ҷангал зарар мерасонад, ки ин дар сустшавии афзоиши биомасса инъикос меёбад.

Таъсири экологӣ-иқтисодӣ шакли тағйирёфтаи таъсири иқтисодӣ мебошад. Он ҳамчун фарқияти байни натиҷаҳои истеҳсолот ва хароҷоти он, бо назардошти ҳаҷми зарари экологӣ ва иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад. Он барои як давраи муайян дар асоси муқоисаи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии қишлоқ, маҳсулоти умумӣ, ниҳоӣ, бозорӣ ва хароҷоти истеҳсоли онҳо бо назардошти зарари бевосита ва ғайримустақим, ки дар натиҷаи бад шудани хусусиятҳои сифатии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба амал меояд, ҳисоб карда мешавад.

Ҳисоб кардани самараи экологӣ ва иқтисодӣ ҳангоми таҳлили самараи ҳақиқии экологӣ-иқтисодӣ, ҳангоми тартиб додани пешгӯиҳо ва бизнес -нақшаҳои иттиҳодияҳо, хоҷагиҳо ва дигар корхонаҳо, барномаҳои комплексии азхуд намудани комёбиҳои илму техника, ҳангоми тартиб додан ва тафтиш кардани лоиҳаҳои техникӣ, технологӣ, ташки-лӣ ва дигар чорабиниҳо дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст. Дар ин ҳолат, бояд байни таъси-ри воқеӣ ва пешбинишавандаи экологӣ ва иқтисодиро фарқ кард. Аввалин таъсиреро тавсиф мекунад, ки воқеан дар муҳити зист дар тӯли як муддати муайян вуҷуд дорад. Он дар асоси муқоисаи нишондиҳандаҳои ҳақиқии иқтисодии фаъолияти хоҷагӣ ва хароҷоти истеҳсолот бо назардошти зараре, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории аз ҷиҳати экологӣ расонида шудааст, ҳисоб карда мешавад. Самараи пешбинишаванда дар ташак-кул ва таҳияи тадбирҳои дарозмуддат (нақшаҳо, пешгӯиҳои рушди хоҷагии қишлоқ дар вилоятҳо, корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, тадбирҳои технологӣ, техникӣ, ташкилӣ ва дигар тадбирҳо) мувофиқи мақсад аст. Ин бо мақсади интихоби усуле амалӣ карда мешавад, ки ба даст овардани самараи ҳадди аксари экологӣ ва иқтисодиро ҳангоми риояи талаботи муқарраршуда оид ба сифати муҳити зист таъмин менамояд.

Самаранокии умумии (мутлақи) экологӣ ва иқтисодӣ вобаста ба хароҷоти зарурӣ дар ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

- дар тарҳрезӣ ва асосноккунии ояндаи фаъолияти хоҷагидорӣ;
- фаъолияти техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ;
- ҳангоми муқоисаи нишондиҳандаҳои воқеии ба даст овардашуда.

Самаранокии муқоисавии экологӣ ва иқтисодӣ дар асоси муқоисаи нишондиҳандаҳои натиҷавии чорабиниҳои гузаронидашуда оид ба беҳтар намудани вазъи экологӣ, таъсир ва самаранокии мутлақи ноил шудан ба сатҳи зарурии натиҷаҳои иқтисодӣ ва экологӣ бо харҷи камтарин

муайян карда мешавад. Барои арзёбии самаранокии экологӣ ва иқтисодӣ маълумот аз ҳисоботи солона, лоиҳаҳо ва барномаҳои ояндадори кишоварзӣ, барномаҳои соҳавӣ, лоиҳаҳои заминсозӣ, нақшаҳои корҳои селексионӣ ва зотпарварӣ, меъёрҳо ва дигар маводҳо истифода мешаванд. Инчунин, бояд қоидаҳои экологӣ ва иқтисодӣ, дастурҳо, тавсияҳои муассисаҳои илмӣ, дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам ба назар гирифта шаванд.

Дар вақти муайян кардани самараи экологӣ ва иқтисодии зироаткорӣ хусусияти истифодаи заминро ба назар гирифтан лозим аст. Замин метавонад бевосита ҳамчун воситаи истеҳсолот (дар истеҳсоли маҳсулот) ва ё ҳамчун асоси фазоӣ (ҷойгиршавии комплексҳои чорводорӣ, фермаҳо, фабрикаҳои парандапарварӣ, анборҳо ва дигар объектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ) амал кунад. Дар ҳар як ҳолати мушаххас зарари экологӣ ва иқтисодӣ ба муҳити зист гуногун хоҳад буд, ки дар навбати худ баҳодиҳии он усулҳои гуногунро талаб мекунад. Барои ҳисоб кардани самаранокии экологӣ ва иқтисодии таҷрибаҳои алоҳидаи кишоварзӣ ё истифодаи нуриҳо Голубев А.В. [3] пешниҳод мекунад, ки самараи иқтисодии нуриҳо (СИН) ҳисоб карда шавад, ки дар ин ҳолат тавассути таъсири ҳосилнокии хок (ТҲХ) ифода карда мешавад:

$$СИН = СИЭ + ТҲХ \qquad (1.1)$$

Таъсири иқтисодиро бо формулаи маълуми зерин муайян кардан мумкин аст:

$$СИ = Ҳ*Н - Х = ДС \qquad (1.2)$$

дар инҷо:

Ҳ - ҳосилнокӣ сентнер/гектар

Н - нарх, сомонӣ.

Х - хароҷот, сомонӣ /гектар;

ДС - даромади соф.

Таъсири хосилхезии хокро бо тағйироти таркиби гумуси хок алоқаманд кардан ба мақсад мувофиқ аст, ки дар аксари мавридҳо тамоюли тағйирёбии ҳосилхезии хокро бо дурустии кофӣ инъикос менамояд. Ба ин мақсад формулае, ки тағйироти экологӣ ва иқтисодиеро, ки дар зери таъсири тадбирҳои агротехникӣ, аз ҷумла истифодаи нуриҳо ба амал меояд, чунин ифода кардан мумкин аст, ки дар он ММГ ва ПЗ мутаносибан микдори гумус дар хок баъди ва пеш аз гузаронидани тадбирхои агротехникии парвариши зироат, т/га; К - коэффитсиенти намнокӣ;

$$СИН = ДС \mp ХМН * \frac{МГт - МГб}{К} \qquad (1.3)$$

Дар ин ҷо:

ХМН – хароҷоти меъёрии нуриҳо барои 1 гектар, сомонӣ;

МГт – миқдори гумуси мавҷудбуда дар хок;

МГб - миқдори гумус баъд аз истифодаи нуриҳо.

Ҳамин тавр, арзиши маҳсулоти иловагии гирифташуда ё нестшуда дар натиҷаи тағйир ёфтани ҳосилхезии хок дар ҳаҷми даромади соф, зиёд ё кам шудани он ва бо ҳамин бо баҳогузорӣ кардани андозаи самараи экологӣ ва иқтисодӣ инъикос меёбад.

Бо истифода аз нишондиҳандаи самаранокии экологӣ ва иқтисодӣ мо метавонем сатҳи даромаднокии умумиро муайян кунем:

$$ДСУ = \frac{ДСХ}{Х} * 100\% \qquad (1.4)$$

ки дар формула:

ДСУ- дараҷаи даромаднокии умумӣ;

ДСҲ – дараҷаи самаранокии ҳосилнокӣ;

Х - хароҷоти гузаронидани тадбирҳои агротехникӣ, андохтани нуриҳои маъданӣ, сомонӣ.

Ба ақидаи Голубев А.В. бо соддагии нисбии муайян кардани тағйироти ҳосилхезии хок, ин усул мукаммал аст ва аз ин рӯ, дар аксари корхонаҳои кишоварзӣ метавон онро истифода бурд, ки ин боиси боз ҳам баҳодиҳии объективии самаранокии истеҳсолот мегардад. Тибқи андешаи мо ба баъзе норасоиҳои усули ҳисобии мазкур диққат додан лозим аст. Тавре ки дар боло зикр гардид, мушкилоти экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо бо тағйирёбии таркиби гумус маҳдуд мешавад, балки муаммои ҳисоби зарари экологӣ васеътар аст, ки аз норасоиҳои ин усули ҳисобкунӣ шаҳодат медиҳад. Ба фикри мо, барои баҳодиҳии самараи экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири ду омили муҳимтарини истеҳсолотро ба мухити зист ба назар гирифтан лозим аст:

1) талаф ёфтани ҳосилхезии хок зери таъсири эрозия ва ифлосшавии обу ҳаво. Хусусан ифлосшавии обу ҳаво ҳангоми истифодаи обҳои зеризаминӣ барои нӯшокӣ ва ҳангоми ҷойгир кардани корхонаи кишоварзӣ дар минтақаи обгиранда муҳим аст.

2) дар давоми як давраи истеҳсолӣ, хусусан баъди гузарондани як тадбири агротехникӣ тағйир ёфтани таркиби гумусро дар хок ошкор кардан амалан имконнопазир аст. Ин муддати хеле дарозро талаб мекунад, ки онро таҳқиқоти Коршен М.[11] ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳои дарозмуддати худ муайян намудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки дар пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар корхонаи кишоварзӣ тағйирот дар захираи гумус дар хок танҳо дар муддати дароз

ба амал меояд. Ин тағйиротро танҳо пас аз даҳсолаҳои истифода бурдани нуриҳои маъданӣ дар замин ба таври таҳлилӣ муайян кардан мумкин аст. Илова бар ин, коэффитсиенти гумуснокии моддаҳои органикӣ, ки дар формулаи (1.3) истифода мешаванд, аз бисёр омилҳо вобаста аст ва дар ҳудуди муайян фарқ мекунад. Мукаммалтар ҳисоб кардани самараи экологӣ ва иқтисодии истифодаи нуриҳо, ки дар баробари тағйир ёфтани микдори гумус, тағйироти таркиби моддахои асосии ғизо-азот, фосфор, калий ба назар гирифта мешавад, ин камбудиҳоро бартараф карда наметавонад. Дар ин ҳолат формулаи самаранокии экологӣ ва иқтисодии истифодаи нуриҳо шакли зеринро мегирад:

$$\text{СИН} = \text{ДС} \mp \text{ХМН} * \frac{\text{ГМ}-\text{ГБ}}{\text{К}} \mp \Delta\text{NPK} \qquad (1.5)$$

Дар ин ҷо:

ХМН – хароҷоти меъёрии нуриҳо барои 1 гектар, сомонӣ;

ГМ – миқдори гумуси мавҷудбуда дар хок;

ГБ – миқдори гумус баъд аз истифодаи нуриҳо;

$\mp\Delta$NPK – тағйироти сохтории нуриҳои азотӣ, фосфорӣ ва калийгӣ дар таркиби хок.

Шакли тағйирёфтаи муодилаи (1.5) муодилаи (1.6) мебошад, ки барои муайян кардани даромаднокии зироати муайян ва умуман соҳаи кишоварзӣ пешниҳод мегардад:

$$\text{СИЭ} = (\text{Х} - \text{Ст}) * \text{Н} - \text{ХИ} \mp \frac{\Delta\text{Тг}}{\text{К}} * \text{Хн} \qquad (1.6)$$

Дар ин ҷо:

СИЭ – самари иқтисодӣ ва экологӣ;

Ҳ – ҳосилнокии зироат;

Ст – сарфи тухмӣ;

Н – нарх;

ХИ – хароҷоти истеҳсолӣ;

ΔТг – тавозуни гумус дар таркиби хок;

Хн – хароҷоти андохтани нуриҳои маъданӣ.

Чунин методологияи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои экологӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби Ткач А.В ва Степанов А.А. пешниҳод шудааст. Он аз арзёбии арзиши зарари экологӣ ва иқтисодии ба заминҳои кишоварзӣ расонидашуда иборат аст, ки дар шакли бад шудани сифатии ҳолати онҳо (пеш аз ҳама, паст шудани ҳосилнокии хок ва талафоти маҳсулот дар натиҷаи паст шудани ҳосилнокӣ) зоҳир мегардад. Он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{Зэ} = \text{Зэ}n * Si \qquad (1.7)$$

ки дар он:

Зэ – зарари экологӣ ва иқтисодӣ аз талафоти ҳосилхезии хок, сомонӣ;

Зэn – ҳаҷми зарари мушаххаси экологӣ ва иқтисодӣ аз паст шудани ҳосилнокии хок, сомонӣ/га;

Si - майдони навъи і-уми заминҳои кишоварзӣ бо ҳосилхезии паст, гектар.

Маблағи зарари мушаххаси экологӣ ва иқтисодӣ аз ҳосилхезии талафшудаи хок аз рӯйи маблағи хароҷоте, ки барои барқарор кардани он зарур аст ва арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ дар натиҷаи паст шудани ҳосилхезӣ ба 1 гектар замини корам муайян карда мешавад:

$$\text{Зэ}=\text{МХ} + \text{Аа} \qquad (1.8)$$

Хароҷоти зарурӣ барои барқарор кардани ҳосилхезии гумшуда дар асоси сарфи хароҷот барои рафъи зараре, ки дар натиҷаи талафоти гумус ва моддаҳои ғизоӣ дар хок ба амал меояд, ҳисоб карда мешавад:

$$\text{Хб} = \sum \text{Хб}i \qquad (1.9)$$

ки дар ин ҷо:

Хб - хароҷот барои барқарор намудан зарари экологӣ, сомонӣ/га.;

Хбi - хароҷот барои барқарор намудани і - навъи нишондиҳандаи хок (таркиби гумус, азот, фосфор, калий ва ғайра), сомонӣ/га.

Талафоти гумус ва маводи ғизоӣ аз рӯйи миқдори эквивалентии нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, ки барои барқарор кардани ҳосилхезии гумшуда заруранд, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$\text{Мнм} = \text{Хтг} * \text{Ман} \qquad (1.10)$$

Мнм - меъёри ба замин андохтани пору барои барқарор кардани 1 тонна гумус ё фоизи моддаҳои ғизоӣ дар нуриҳои мувофиқи стандартӣ ё коэффитсиентҳои онҳо.

Хтг – ҳаҷми талафи гумус;

Ман – меъёри андохтани нурӣ

Хароҷоти нигоҳ доштан, кашондан ва ба хок андохтани нуриҳои маъданӣ аз рӯйи стандартҳои дахлдори минтақавӣ, ки ба индекси афзоиши нархҳо барои иҷрои ин намуди кор тасдиқ карда мешаванд, сурат мегирад.

Арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ дар натиҷаи паст шудани ҳосили зироат аз сабаби кам шудани ҳосилхезии хок бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$МТҳ = Ҳ*Нх \quad (1.11)$$

МТҳ -микдори талафи ҳосили зироати хоҷагии қишлоқ, сентнер/га;

Ҳ – ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ

Нх - нархи харид бо нархҳои ҷории маҳсулоти кишоварзӣ (маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ), сомонӣ/сентнер.

Тибқи ақидаи мо баҳодиҳии талафи маҳсулот дар натиҷаи паст шудани ҳосилнокии замин ба амал омадааст, бояд аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ баҳогузорӣ карда шавад. Талафи умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун ҷамъи талафи ҳар як намуди зироат муайян карда мешавад. Талафоти маҳсулоти кишоварзӣ бо фарқияти ҳосили миёнаи зироат дар маддати на кам аз 8 сол ва баъд аз таҳлили назоратии хок бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ТМ = Ҳ_1 – Ҳ_2 \quad (1.14)$$

$Ҳ_1$ - маҳсулнокии миёнаи дарозмуддати маҳсулоти кишоварзӣ то паст шудани ҳосилхезии хок, сентнер/га;

$Ҳ_2$ - ҳосили миёнаи дарозмуддати зироати кишоварзӣ баъд аз паст шудани ҳосилхезии хок, сентнер/га.

Телегин А.В. мувофиқи формулаи зерин истифода бурдани нишондиҳандаи умумии самаранокии хоҷагиҳои кишоварзӣ-нишондиҳандаи комплексии даромаднокиро ба мақсад мувофиқ мешуморад;

$$Дм = \frac{Ф-Т+а-в}{АФа+БОТ} \quad (1.15)$$

Дм – даромаднокии маҷмуии истеҳсолоти кишоварзӣ;

Ф – фоида аз истеҳсоли маҳсулот ва фурӯши он;

Т - зараре, ки аз фаъолияти истеҳсолии корхона расонида шудааст;

а - даромади иловагӣ аз сифати хуби муҳити табиӣ;

в - зарар аз паст шудани сифати муҳити табиӣ;

АФа – арзиши фондҳои асосӣ;

БОТ - баҳодиҳии омилҳои табиӣ (замин, об ва дигар захираҳо), ки корхона барои истеҳсолот бо онҳо таъмин аст. Чунон ки аз формула бармеояд, корхона ҳар қадар кам захираҳои табиӣ дошта бошад ва ба табиат ҳар қадар камтар зарар расонад, дараҷаи даромаднокӣ ҳамон кадар баланд мешавад.

Доираи усулҳои баҳодиҳии таҳлили таъсири истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳолати муҳити зист хеле васеъ аст ва аз усулҳои баҳодиҳии нисбатан сода, ки муқоисаи низоми нишондиҳандаҳои экологию иқтисодиро дарбар мегирад, то усулҳои хеле мураккаб дар шакли моделҳои гуногун мавҷуд аст. Дар адабиёти иқтисодӣ як қатор усулҳо, ба монади варақаҳои санҷишӣ, тавозуни экологӣ ё экологӣ-иқтисодӣ, тавозуни иҷтимоӣ, баҳисобгирии экологӣ, аудити экологӣ ё аудити экологӣ низ мавҷуд ҳастанд. Камбудии умумии аксари ин усулҳо ин пурра баҳо надодан ба ҳолати экологии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Бинобар ин, дар соҳаи кишоварзӣ баҳодиҳии комплексии таъсири истеҳсолотро ба муҳити табиӣ дар асоси моделҳое, ки дар асоси барномасозии хаттӣ сохта шудаанд, гузаронидан лозим аст.

Модел ба банақшагирии анъанавии иқтисодӣ ҷузъи экологиро илова мекунад, ки дар он равандҳои табиатан баамаломада бояд то ҳадди имкон дақиқ инъикос карда шаванд. Моделҳое ҳастанд, ки А.В. Голубев [2] пешниҳод кардааст. Чунин моделҳо имкон медиҳанд, ки сохтори аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шавад. Голубев А.В. [3] ба хулосае омад, ки муайян намудани оқибатҳои экологии фаъолияти хоҷагидорӣ дар корхонаи кишоварзӣ бояд ҳатмӣ бошад.

Аз баррасии сарчашмаҳои илмии таъсири истеҳсолоти кишоварзӣ ба муҳити атроф ба чунин хулоса омадем:

1.Замин неъмати бознагардандаи табиат аст ва бо меҳнати одамон ба вуҷуд наомадааст. Одамон аз даврахои қадим замин ва дигар сарватҳои табиатро истифода мебурданд, аммо барои беҳтар намудани ҳолати ин сарватҳо кӯшиши зиёд накардаанд. Фаъолияти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла кишоварзӣ, метавонад ҳолати захираҳои табиатро беҳтар ё бадтар кунад.

2. Дар натиҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсиррасонӣ ба унсурҳои муҳити зист (замин об ва ғайраҳо) ба миён меояд. Раванди таъсири манфии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун оқибатҳои манфии экологӣ ва иқтисодии истеҳсолот тавсиф мешаванд, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкории

аграрӣ ба инобат гирифта намешаванд. Бинобар ин, дар шароити афзуншавии зиёди аҳолӣ махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок ва сарфакорона истифода бурдани замин, инчунин таъсири манфӣ нарасонидан ба он, баҳодиҳии объективонаи таъсири истеҳсолоти кишоварзӣ ба заминро ба миён меорад.

3. Дар адабиёти иқтисодӣ усулҳои зиёди баҳодиҳии таъсири манфии истеҳсолоти кишоварзӣ ба муҳити атроф мавҷуданд. Усулҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки ҳам самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ ва ҳам самаранокии парвариши зироатҳои алоҳида ва истеҳсолот бо назардошти омилҳои муҳити зист баҳогузорӣ карда шаванд. Дар баробари ин нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда муаммоҳои экологии кишоварзиро ба пуррагӣ муайян карда наметавонанд ва инчунин имкон намедиҳанд, ки дар як вақт ба ҳолати иктисодию экологии истеҳсолоти кишоварзӣ барои оянда баҳо дода шавад.

4.Тибқи андешаи мо муайян кардани нишондиҳандаҳои самараи экологӣ ва иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ба самараи умумии истеҳсолоти кишоварзӣ объективона баҳо дода шавад. Муайян намудани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ дар раванди истеҳсолот ва ҳисоб кардани хароҷоти вобаста ба рафъ ё пешгирии таъсири антропогенӣ ва муқаррар намудани талафоти маҳсулот дар натиҷаи бад шудани сифати экологии муҳити зист имконпазир мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Гаитов М.Я. Эколого-экономическая эффективность сельскохозяйственного производства // Актуальные проблемы развития агарного сектора в условиях становления рыночных отношений.- Казань, 1997. -С.85-89.
2. Голубев А.В. Адаптивная агроэкономика. - М.: Колос, 1996. - 167 с.
3. Голубев А.В. Определение и обоснование эколого-экономической эффективности сельскохозяйственного производства // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. - 1993. - № 10. - С.42-45.
4. Голубев А.В. Экономико-экологические основы химизации земледелия.-Саратов: Саратовский СХИ,1994.-171 с.
5. Голубев А.В. Основы адаптивной агроэкономики // Международный с-х. журнал. - 1994. - №5. - С.24-27.
6. Дороговцев А.П., Дороговцева Л.М., Моронова О.Г. Эффективность агроэкосистем европейского севера. -Вологда: ВоГТУ, 2000. — 144 с.
7. Лысенко Е.Г. Эколого-экономические основы эффективности сельского хозяйства. - М., 2000. - 255 с.
8. 0динаев Х.А. Эколого-экономическая эффективность сельскохозяйственного производства (на примере Таджикистана): Автореф. дис... канд. экон. наук: 08.00.19. - М.: МГУ им. М.В. Ломоносова, 1995. - 24 с.
9. Телегин А.В. Эколого-экономическая эффективность сельскохозяйственного производства // Наук-сельскому хозяйству. - Курган, 1994.-С348-351.
10. Ткач А.В., Степанов А.А., Ушвицкий Л.И. Определение и обоснование эколого-экономической эффективности сельскохозяйственного производства // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. -1993. -№10.-С.40-42.
11. Korschens M. Simulationsmodelle flir den Umsatz und die Reprodiktion der organischen Substanz im Boden *II* Berichte liber Landwirtschaft, 1992. - Sonderheft 206. - S.140-155.
12. Olson K. Precision agriculture: current economic and environmental issues *II* Materials of the Sixth Joint Conference on Food, Agriculture and the Environment, University of Minnesota. - 1998. - 10 p.

АННОТАЦИЯ
ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ, ПОКАЗАТЕЛИ И ОСНОВНЫЕ МЕТОДЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОТРАСЛИ

В последние годы, объем производства сельскохозяйственной продукции составляет 23-26%, от общего внутреннего продукта Республики Таджикистан. Несмотря на большую долю аграрного сектора в экономике страны, в результате производства сельскохозяйственной продукции страдают элементы окружающей среды. Большая часть процесса внешнего негативного воздействия описывается как негативные экологические и экономические последствия производства, которые не учитываются субъектами аграрного бизнеса. В данной статье, на основе изучения экономической литературы, авторы рассмотрели многие методы негативного воздействия сельскохозяйственного производства на окру-жающую среду.Отмечается, что на основе предложенных методов невозможно определить экономическую эффективность сельскохозяйственного производства без оценки экологического эффекта.

Ключевые слова: *Экологическая эффективность, экономическая эффективность, минеральные удобрения, окружающая среда, доходы, питательные вещества, охрана почв, экологическая деятельность, экологический ущерб, потери урожая, эрозия почвы.*

ANNOTATION
ECONOMIC ESSENCE, INDICATORS AND MAIN METHODS OF DETERMINING ECOLOGICAL AND ECONOMIC EFFICIENCY IN AGRICULTURE

In recent years, the volume of agricultural production has been 23-26% of the total domestic product of the Republic of Tajikistan. Despite the large share of the agricultural sector in the country's economy, elements of the environment suffer as a result of agricultural production. Most of the external negative impact process is described as negative environmental and economic consequences of production, which are not taken into account by agricultural business entities. In this article, based on a study of economic literature, the authors considered many methods of negative impact of agricultural production on the

environment. It is noted that based on the proposed methods, it is impossible to determine the economic efficiency of agricultural production without assessing the environmental effect.

Keywords: *Ecological efficiency, economic efficiency, mineral fertilizers, environment, income, nutrients, soil protection, environmental activities, environmental damage, crop losses, soil erosion.*

Сведение об авторах:

Олимов Аловиддин Хайруллоевич-доцент кафедры финансы и кредит в АПК Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 101-17-90-90, E-mail: olimov-1976@mail.ru

Мусаев Рахимбек Махмадражабович-ассистент кафедры информационных технологий в АПК Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. Тел: (+992) 918-67-96-48.

About authors information:

Olimov Aloviddin Khayrulloevich-Associate Professor of the Department of Finance and Credit of the Agro-industrial complex of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Avenue. Phone: (+992) 101-17-90-90, E-mail: olimov-1976@mail.ru

Musaev Rahimbek Makhmadrazhabovich-Assistant of the Department of Information Technologies of the Agro-industrial complex of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Avenue. Phone: (+992) 918-67-96-48

ТДУ: 631.151.2 (575.2)

ИВАЗИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ БА КООПЕРАТИВҲОИ ТИҶОРАТӢ-ИСТЕҲСОЛӢ-ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Мирзоев Б.–Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *кооператив, хоҷагиҳои деҳқонӣ, тиҷоратӣ, моликият, самаранокӣ, танзими замин.*

Ислоҳоти аграрӣ дар мамлакати мо шароити ташкилӣ – иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароити истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро тағйир дод. Гузаштан ба муносибатҳои бозоргонӣ ба деҳқон барои нишон додани мустақилияти худ имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Пойдор гардидани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мураккаб ва душвор амалӣ мегардад, зеро ин намуди хоҷагидорӣ дар асоси меҳнати шахсии аъзоёни як оила таъсис ёфтааст.

Ҳар як деҳқон (фермер) аз меҳнати иҷрокардаи хеш, бояд ҳамасола фоида ба даст орад. Ӯ вазифадор аст, ки фаъолияти истеҳсолии худро дар хоҷагӣ чунон ташкил намояд, ки ҳамаи кормандон аз маблағҳои ба даст омада, талаботи ҳаётии худро қонеъ гардонанд ва бо маблағҳои боқимонда истеҳсолоти худро васеъ намоянд. Барои иҷро намудани нақша на танҳо хоҳиш ва саъю кӯшиш, инчунин қобилияти худро дар амал ҷорӣ намудан низ зарур аст. Соҳибкориро бояд ҳамеша омӯхт.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) намуди махсуси соҳибкорӣ буда, аз шароити табиӣ – иқлимӣ вобастагии калон доранд. Аз ин сабаб, деҳқон бояд ба неруи худ умед бандад, имконияти мустақилона қабул намудани қарорро дошта бошад ва бомуваффақият аз ҳалли душвориҳо барояд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба гурӯҳи соҳибкорӣ тааллуқ дорад, ки маблағҳои худӣ ва қарзӣ, инчунин даромадҳо ҳам барои истеъмоли шахсӣ, ҳам барои васеъкунии истеҳсолот доранд ва мақсади асосии фаъолият ин ба даст овардани фоида мебошад. Таҳлили раванди ислоҳоти корхонаҳо дар кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар раванди ислоҳоти корхонаҳои кишоварзии давлатӣ (совхозҳо) ва ташкилотҳои колхозӣ–кооперативӣ (колхозҳо ва корхонаҳои байнихоҷагӣ) гузаштан ба намудҳои нави хоҷагидорӣ ва иқтисодиёти бисёрзинагӣ ба амал омад.

Ин раванд ҳанӯз давом дорад, ки дар натиҷа тағйироти бефосилаи таносуби шумораи ташкилотҳои гуногуни ташкилӣ – ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ ба амал омад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун намуди хурди хоҷагидорӣ асоси кишоварзии имрӯза ба ҳисоб мераванд.

Тибқи нишондиҳандаҳои агентӣ оид ба омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай зиёдшавии шумораи онҳоро нишон дода шудааст (ҷадв.1).

Ҷадвали 1.-Динамикаи хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар вилоятҳо ва минтақаҳо	Солҳо					
	2018	2020	2021	2022	2023	2023 нисбат ба 2018
Ҷумҳурии Тоҷикистон	172668	179005	167009	172107	176524	102,3
Ш.Душанбе	-	-	691	697	698	-
ВМКБ	16059	16113	1581	2256	3423	21,3
Суғд	64615	66331	65543	66603	67204	104,7
Хатлон	60212	63672	65604	68090	70085	116,4
НТҶ	31782	32889	33590	34461	35024	110,3

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе,2024.с. 342

Агар дар соли 2018-172668 хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2023 шумораи онҳо ба 176524 расидааст. Шумораи аз ҳама бештари хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти

Хатлон ба қайд гирифта шудааст, ки он 70085 ё 39,7% ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд–67294 (38,1%), ноҳияҳои тобеи ҷумҳур–35024 (19,8%), ВМКБ–3923(2,2%) ва шаҳри Душанбе-698(0,4%) ташкил медиҳад. Агар мо ба рушди хоҷагиҳои деҳқонии Россия назар афканем, ҳолати баръакс мушоҳида мешавад. Дар соли 2012 агар шумораи чунин хоҷагиҳо 308135 бошад, пас дар охири соли 2015 шумораи онҳо ба 215218 расид, яъне миқдори онҳо 30,2% кам шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 2,3% афзоиш ёфт ва ин раванд мунтазам давом дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 63028,4 млн сомонӣ истеҳсол карда шуд, ки аз он 41,1% маҳсулот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда шудааст. Бо вуҷуди он дар соҳаҳои кишоварзӣ як қатор проблемаҳо мавҷуд аст, ки ба рушди устувори он монеъ мешавад. Махсусан дар чанд соли охир хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ на он қадар самаранок фаъолият менамоянд. Масъалаи маҳдудияти дастрасии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба бозор боқӣ мондааст, ки шароити номукаммали инфрасохтори он ва баландшавии монополияи соҳаи савдо ба он таъсир мерасонад. Рушди пасти иҷтимоиёти аҳолии деҳот вазъияти иҷтимоӣ-демографиро бад карда, сабаби аз деҳот ва аз ҷумҳурӣ рафтани аҳолии қобили меҳнат гардидааст. Майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2023 ба 549,6 ҳаз/га расид, ки он дар соли 2018 ба 549,5 ҳаз/га баробар мебошад (ҷадв.2).

Ҷадвали 2.-Масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар вилоятҳо ва минтақаҳо	Солҳо					
	2018	2020	2021	2022	2023	2023 нисбат ба 2018
Ҷумҳурии Тоҷикистон	549523	553948	567216	545639	549577	100,0
Ш.Душанбе	-	-	1712	1336	1356	-
ВМКБ	8463	7830	7950	7839	7849	92,7
Суғд	186891	184815	187486	174599	175154	93,7
Хатлон	274396	287630	293288	291536	291976	106,4
НТҶ	79773	73673	76735	70329	73242	91,8

Сарчашма: ***Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе,2024.с.70***

Нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми хоҷагиҳои деҳқонӣ, яъне майдони кишт ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ торафт хурд шуда истодааст. Агар дар соли 2010 ба як хоҷагӣ 9,6 га майдони кишт рост ояд, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 3,1 га расида, 3,1 маротиба камтар шудааст.

Дар Россия бошад агар дар соли 2012 ба як хоҷагии деҳқонӣ 53,6 га майдони кишт мувофиқ ояд, дар охири соли 2015 ин нишондиҳанда ба 91,7 га баробар шудааст, яъне ҳаҷми хоҷагиҳои деҳқонӣ 71,1 % афзоиш ёфта то рафт васеъ шудааст.

Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2023 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 41,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар таркиби маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда, аз ҷумла маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 95,7 фоиз ва соҳаи чорводорӣ бошад, танҳо 4,3 фоизро ташкил медиҳад. Агар ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 63,8 фоизи заминҳои кишоварзӣ вобаста бошад, пас истеҳсоли ками маҳсулоти чорводорӣ дар онҳо боиси нигаронӣ мебошад. Ҳолати имрӯзаи иқтисодиёти аграрӣ дар умум, шаклҳои хурди хоҷагидорӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ) пойгоҳи устувори рушд надоранд. Истеҳсолоти соҳаи аграрӣ аз шароити табиӣ – иқлимӣ, аз мавсимияти истеҳсолот, муҳлати дарози гирифтани даромад аз хароҷоти истеҳсолӣ вобаста буда, инчунин танзим нашудани бозори фурӯши маҳсулот ба рушди устувори соҳа таъсири зиёд мерасонад. Дар чунин шароит истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ метавонанд бо воситаи кооперативҳо фаъолияти худро дар бозор беҳтар намоянд. Ба кооперативҳои кишоварзӣ метавонанд хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва корхонаҳои хурди коркард шомил шаванд. Кооператсия намуди махсуси ташкили истеҳсолот буда, он ҳамчун иттиҳодияи ихтиёрии молистеҳсолкунанда, ки барои расидан ба мақсади умумӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ, бештар самаранок, окилона ва бехтар истифодабарии захираҳо сохта шудааст, мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шаҳодат медиҳад, ки ҳаракатҳои кооперативии фермерҳо дар соҳаҳои истеҳсолот, таъминкунӣ ва фурӯш ба зарурияти нигоҳ доштан ва рушди хоҷагиҳои хурд эҳтиёҷ доранд. Он имконияти афзун кардани даромад, беҳтар кардани шароити меҳнат ва кам кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулотро пайдо мекунад. Талабот ба кооперативкунонӣ чунин аст, ки он дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ба андозаи зиёд шудани теъдоди молистеҳсолкунандагони хурди миёна мустақилона ба худ роҳ мекушояд. Мушкилот дар фаъолияти шаклҳои хурди хоҷагидорӣ, ин пеш аз ҳама, душвории мустақилонаи фурӯши маҳсулот бо сабаби дурии бозори фурӯш ва қиматии хизматрасонии нақлиётӣ мебошад. Самаранокии рушди шаклҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ бевосита аз барқароркунии робитаҳои интегратсионӣ (муттаҳидгардонӣ) ва кооперативкунонӣ бо истеҳсолоти калони ҷамъиятӣ вобаста

мебошад. Фаъолият ва рушди шаклҳои хурди хоҷагидорӣ бе кооперативкунонӣ ва ташкилотҳои коллективӣ имконнопазир аст.

Ташаккулёбии иқтисодиёти аграрии кооперативӣ имконияти муттаҳидшавии истеҳсолкунандагони алоҳида ва коллективҳоро барои нисбатан самаранок истифодабарии захираҳои заминӣ, меҳнатӣ, моддӣ–техникӣ ва молиявии кишоварзӣ таъмин мекунад. Барои он ки шаклҳои хурди хоҷагидорӣ фаъолияти самаранок дошта бошанд, ташкили ихтиёрии кооперативҳои аграрии истеҳсолӣ-тиҷоратӣ ва коркарди маҳсулотро ҳавасманд намудан лозим аст. Таъкид бояд кард, ки ҳар сол вобастагии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз саноат, ки захираҳои моддӣ-техникӣ тавлид мекунанд, зиёд шуда истодааст. Ба ин хотир рушди бомуваффақияти кооперативҳо аз таъмин кардани афзалиятнокии нархи маҳсулоти кишоварзӣ нисбати молҳо ва хизматрасонии саноатӣ вобаста аст.

Мақсади асосии танзими давлатии муносибати самаранок ба замин ин бо ҳар роҳ ҷоннок кардани боздеҳи замин мебошад, ки ба пешрафти иқтисодиёт, иҷтимоиёт, муҳити зист ва соҳаҳои аграрӣ мусоидат намояд. Замин манбаи асосие мебошад, ки бо истифодаи самараноки он метавон фоида ба даст овард. Истифодаи пайвастаи замин ба пастшавии боздеҳи он оварда мерасонад. Давлат сифати захираҳои заминро таъмин карда метавонад. Дар сурати хурд–хурд истифодабарии замин ин омил ғайриимкон аст. Он танҳо дар сурати ҳаҷми зиёди замин сурат мегирад. Яъне, ҳар чи қадар хоҷагии фермерӣ дар шакли кооперативӣ бузург бошад, пойгоҳи моддӣ–техникиаш ҳам мустаҳкам мегардад.

Давлати ҷавони мо, кунун дар ҳолати гузариш ба муносибатҳои бозорӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ислоҳоти соҳа мо бояд истеҳсолотро дар асоси қонунҳои рушди иқтисодиёт ба роҳ монем, яъне нақши давлатии танзими замин қавӣ гардад ва соҳаи кишоварзӣ дастгирӣ ёбад. Консепсияи илмии ислоҳот ба роҳ монда шуда, бояд ба истифодабарии танзимноки замин гузарем. Таҷрибаи соҳаи кишоварзии мамлакатҳои рушдёфта ва кооперативҳои тиҷоратӣ-истеҳсолӣ ба мисли кооперативи ба номи Латиф Муродови шаҳри Ҳисор шаҳодат медиҳад, ки ҳар чӣ қадар хоҷагӣ калон бошад, ҳамон қадар самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ баланд мешавад. Аз ин рӯ, зарурияти он пеш омадааст, ки дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ кооперативҳои тиҷоратӣ-истеҳсолии кишоварзӣ ташкил карда шаванд.

АДАБИЁТ:

1. Голубев А.В. Основы эффективного аграрного производства. -Москва, 2013
2. Коваленко Н. Я. Экономика сельского хозяйства. -Москва, Юрайт, 2017
3. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ, -Душанбе, 2024
4. Кооперация и агропромышленная интеграция в АПК. Под общ. ред. Г.А.Петраневой.-М.:Колос,2005.:
5. Мирзоев Б. Экономическая эффективность интенсификации кормопроизводства. Душанбе: Ирфон. 2016.-232с.

АННОТАЦИЯ

ЗАМЕНА ХОЗЯЙСТВ НА ТОРГОВО-ПРОИЗВОДСТВЕННЫЕ КООПЕРАТИВЫ – ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

В статье проанализировано количество и площадь фермерских хозяйств в Республике Таджикистан и описаны недостатки данной формы собственности. Подчеркнуто, что с каждым годом усиливается зависимость сельскохозяйственного производства от промышленности, производящей материально-технические ресурсы. Опыт аграрного сектора развитых стран и организации торгово-производственных кооперативов показывает, что чем крупнее хозяйство, тем выше эффективность сельскохозяйственного производства. По этой причине, необходимо создавать торгово-сельскохозяйственные производственные кооперативы во всех регионах республики.

Ключевые слова: *кооператив, фермерские хозяйства, бизнес, собственность, эффективность, земельное регулирование.*

ANNOTATION

REPLACEMENT OF FARMS INTO TRADE AND PRODUCTION COOPERATIVES - A FACTOR IN IMPROVING THE EFFICIENCY OF AGRICULTURAL PRODUCTION

The article analyzed the number and area of farms in the Republic of Tajikistan and describes the shortcomings of this form of ownership. It is emphasized that every year the dependence of agricultural production on the industry producing material and technical resources is increasing. The experience of the agricultural sector of developed countries and the organization of trade and production cooperatives shows that the larger the economy, the higher the efficiency of agricultural production. For this reason, it is necessary to create trade and agricultural production cooperatives in all regions of the republic.

Key words: *cooperative, farms, business, property, efficiency, land regulation.*

Сведения об авторе:

Мирзоев Бобо – кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики АПК Таджикского аграрного университета им. Ш. Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел.: (+992) 919-02-88-48, bobojon.1954@mail.ru

Author Information:

Mirzoev Bobo - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics of the Agro-Industrial

Complex of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur, 734003, Republic of Tapjikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Tel.: (+ 992) 919-02-88-48, bobojon.1954@mail.ru

ТДУ 338:636,5/.6(575.3)

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ПАРАНДАПАРВАРӢ

Бобоазиззода Ш. А.[1], Бобозода Оятуллои Сафаралӣ[2]
[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
[2]Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ

Калимаҳои асосӣ: *парандапарварӣ, принсиҳо, механизм, идоракунӣ, саноатӣ, кишоварзӣ, бозор, истеҳсол*

Парандапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, аҳолиро бо маҳсулоти баландсифати парҳезӣ ва ғизои сафедадор-тухм ва гӯшт таъмин менамояд.

Ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди соҳаи парандапара-варӣ имкониятҳои зеринро пайдо мекунад; истифодабарии пурраи захираҳои меҳнатӣ, ворид гардидани даромади якхела ва таъмини мунтазами аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ дар давоми сол.

Яке аз шартҳои ноил гардидан ба самаранокии зарурӣ ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир тавассути хуб ба роҳ мондани нигоҳубин ва парвариши парандагон, ҳам дар самти истеҳсоли гӯшт ва ҳам тухм ба ҳисоб меравад. Дар ин асос, таваҷҷуҳи асосӣ ба баланд бардоштани сифатнокии гӯшти истеҳсолшавандаи паранда, бо роҳи зиёд намудани муҳлати додани хӯрока ба чӯҷаҳо ба шумор меравад. Яке аз самтҳои муҳимтарини татбиқи вазифаҳои зикргардида - истифодаи пурраи захираҳои ҷамъовардаи иқтидори соҳаи парандапарварӣ, дастовардҳои охирини илм, техника, технология ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад.

Соҳаи парандапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии самти чорводорӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо ғизои сафедадор мавқеи намоён дорад. Аз рӯи маълумоти КВД “Саноати парандапарварии Тоҷикистон” айни замон дар ҷумҳурӣ 228 адад корхонаҳои парандапарварӣ фаъолият намуда истодаанд, ки нисбати соли гузашта 10 адад зиёд мебошад. Аз ин 101 адад корхонаҳо ба истеҳсоли тухм, 113 адад корхона ба истеҳсоли гӯшти паранда, 8 адад корхонаҳо ба истеҳсоли тухму гушти паранда ва 6 адад корхонаҳо ба истеҳсоли тухми инкубатсионӣ, чӯҷаи якрӯза ва тухми истеҳсолӣ машғул мебошанд.Чунон ки таҳқиқот нишон дод, корхонаи ҳозиразамони парандапарвари комплекси мураккаб буда, мутаносиби кори онро механизми хоҷагӣ, аз ҷумла банакшагирӣ, идоракунӣ, ҳисоб хароҷот ва танзими иҷтимоӣ таъмин менамояд. Ҳамаи ин ва дигар унсурҳои механизми хоҷагӣ ва ё корхонаҳо шакли дақиқи муносибатҳои истеҳсолӣ дар амалия мебошад. Ин маънои онро дорад, ки такмили механизми хоҷагӣасосан ин такмил додани муносиабтҳои истеҳсолӣ ва кувваҳои истеҳсолкунанда мувоҷиқ кунондани онро ифода мекунад.

Механизми корхонаҳои парандапарварӣ ба гузариш ба усулҳои иқтисодии хоҷагидорӣ нақши асосии ҳалкунандаро мебозад.

Механизми иқтисодии парандавпарварӣ дар доираи васеи фишангҳои иқтисодиро дар бар мегирад, ки ба ин тамоми системаи пардохти тичоратӣ, нархҳои чакана ва яклухти маҳсулоти паранда аз ҷумла мурғ, хуроки чорво ва воситаҳои истеҳсоли фермаҳо, тарофаю хизматҳое, ки корхонаҳои хизматрасонӣ ба корхонаҳои парандапарварӣ, системаи карзӣ, музди меҳнат ва длигар фишангҳои иқтисодӣ имкониятҳои васеъро дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки асоси гузаштан ба усулҳои иқтисодии хоҷагидорӣ такмили механизми хоҷагӣ мебошад. Дар гузаштаи нисбатан наздик ба назардошти инкишофи кооператсияи меҳнатӣ ва раванди илмию техникие, ки имруз вуҷуд дорад, системаи мураккаби муносибатҳои иқтисодӣ вуҷуд надошт.

Татбиқи принсипҳо, ҳадафҳо, афзалиятҳо ва сиёсати хоҷагии парандапарварӣ бояд бо ёрии усулҳои мувофиқи кор, дастурҳо, қоидаҳо, стандартҳо, ки дар асоси ягонагии принсипҳои омодасозии онҳо ба як гурӯҳ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Дар айни замон масъалаи ба тартиб андохтани мазмуни функционалии корхонахои саноати парандапарварӣ, характери амал ва муносибатҳои унсурҳои таркиби он, ки якҷоя мазмуни асосии механизми иқтисодии идоракунии ин системаро ташкил медиҳад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ асоси механизми идоракуниро дар соҳаи парандапарварӣ механизми ташкилии идоракунӣ бо инфраструктураи он ташкил дода ба Шумо имкон медиҳад, ки ҳадаф ва вазифаи идоракуниро дақиқтар муайян намоед.

Механизми хоҷагидорӣ маҷмуи усулҳо ва тартиботи ҷудогона буда, аз вазифаҳои ҳақиқии истеҳсолот, ки дар навбати худ механизми хоҷагидории маҷмуи усулҳо ва тартиботи ҷудогона буда, аз вазифаҳои ҳақиқии истеҳсолот, дар навбати худ натанҳо бо қонунгузории давлатӣ, балқи қонунҳои объективии истеҳсолот мебошад.

Ба андешаи мо муҳимтарин принсипҳои ташкили идоракуни дар корхонаҳои парандапарварӣ инҳо мебошад:

- принсипи мувофиқати мақсаднок ва муттамарказ, ки таъсиси системаи ба ҳам алоқаманди мақсадноки идоракуниро дар бар мегирад, то дар ниҳояти кор дар як вақти муайян маҳз маҳсулоте, ки истеъмолкунанда дар вақти муайян ба он ниёз дорад, пайдо шавад;
- принсипи муттасилӣ ва эътимоднокӣ дар фароҳам овардани чунин шароитҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва технологӣ мебошад, ки дар онҳо устуворӣ ва муттасилии режими муайяни раванди истеҳсолот ба даст оварда мешавад;
- принсипи банақшагирӣ, мутаносибӣ дар он ифода меёбад, ки системаи идоракунӣ бояд ба ҳалли на танҳо проблемаҳои ҳозира, балки дурнамои рушди корхона низ нигаронида шавад. Ҳамаи марҳалаҳои пай дар пай раванди истеҳсолот, фаъолияти ояндаи корхонаро бо кори дақиқии он дар давраи муайян танҳо бо ёри банақшагирии дурнамои ҷорӣ ва оперативӣ пайваст кардан мумкин аст;
- принсипи илмӣ ва асоснокии усулҳои хоҷагидорӣ дар назар дорад, ки усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои хоҷагидорӣ бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар амал санҷида шаванд;
- принсипи самаранокии идоракунӣ аз мавҷудияти роҳҳои гуногунҷабҳаи расидан ба як ҳадаф ба вуҷуд меояд. Корхона бояд доимо дар ҷустуҷуи роҳҳои самарабахши ташкили истеҳсол ва истеҳсоли маҳсулоти паррандапарварӣ бошад;
- принсипи мувофиқ будани манфиатҳои шахси, коллективӣ ва давлатӣ бо характери ҷамъиятии истеҳсолот муайян карда мешавад. Дар айни замон байни корхонаи парандапарварӣ ва мақомоти давлатию маҳаллӣ ҳамкорӣ ва назорати ҳамдигарӣ зарур аст.

Парвариши парандапарварӣ яке аз шохаҳои муҳимтарини маҷмааи агросаноатӣ мебошад, ки ҳамаи равандҳои технологии такрористеҳсолкунии парвариши парандаро то истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва фурӯши он дар бар мегирад.

Тухми мурғ аз давраҳои қадим то ҳол чун ғизои беҳтарини парҳезӣ истифода бурда мешавад. Дар таркиби он 13% сафеда, 12% равған, 1% моддаҳои маъданӣ, 0,7-1,5% маводи қанддор, инчунин миқдори зиёди витаминҳо, макро ва микроэлементҳо, аминокислотаҳо ва дигар маводи аз ҷиҳати биологӣ фаъоли барои организми инсон муҳим мавҷуд аст.

Гӯшти мурғ парҳезӣ буда, ҳазмшавии он нисбати гӯшти дигар намудҳои чорво ба 10-15% зиёд аст ва дар таркибаш 20-25% сафеда, 15-17% равған мавҷуд мебошад.

Солҳои 1991-2000 бо сабаби ноустувории шароитҳои пешбурди хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ ва таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти соҳа суст шуд. Ташкили корхонаҳо, хоҷагиҳои ёрирасон ва наздиҳавлигӣ дар сатҳи зарурӣ набуд, самараи кори онҳо ба талаботи рӯз ҷавоб дода наметавонист. Аз ин сабаб дар соли 1995 саршумори паранда дар ҷумҳурӣ то 478 ҳазор сар ва истеҳсоли тухм то 50 млн. дона кам гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди минбаъдаи парандапарварӣ дар кишвар, барқарор ва васеъ намудани иқтидори соҳа, зиёд намудани корхонаҳо, хоҷагиҳои ёрирасон ва инфиродӣ, зиёд намудани саршумори тамоми намудҳои паранда, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти он дар Тоҷикистон «Барномаи рушди соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» (2006) тасдиқ намуд. Инчунин бо мақсади ба танзим даровардани рушди соҳа соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парандапарварӣ» қабул гардид.

Бо саъю кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзӣ ва Корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» ҳоло фаъолияти қариб ҳамаи корхонаҳои парандапарварӣ то соли 1990 барқарор гардида, шумораи онҳо соли 2017 ба 65 адад расид. Ҳамон сол саршумори паранда дар ҷумҳурӣ 5,2 миллион сар, истеҳсоли тухм 341,4 миллион дона ва гӯшти паранда 7,6 ҳазор тоннаро ташкил дод.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» бо бахши парандапарварӣ ва «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул карда шуд. Ғайр аз ин, дар бораи беҳтар намудани таъминоти корхонаҳои соҳа бо хӯрокӣ, тухми инкубатсионӣ ва чӯҷаҳо, қувваи доимии барқ, таҷҳизоти технологӣ ва ғайра як қатор қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул карда шуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) бо мақсади рушди парандапарварӣ дар кишвар ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ соҳаи мазкурро яке аз самтҳои афзалиятнок эълон намуда, ҷиҳати аз ҳамаи андозу пардохтҳо озод намудани воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа ба муҳлати 6 сол дастур доданд. Ин қарор ба рушди парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ такони калон дода, танҳо дар зарфи 6 соли охир шумораи корхонаҳои парандапарварӣ, саршумори паранда, истеҳсоли тухм ва гӯшт ба маротиб зиёд гардид. Дар натиҷа соли 2023 нисбат ба соли 2017 миқдори корхонаҳои парандапарварӣ 3,5 маротиба,саршумори паранда 2,0 маротиба, истеҳсоли тухм 3,6

маротиба ва истеҳсоли гӯшти паранда бошад 7,3 маротиба афзуд. Истеҳсоли тухм соли 2023 ба 1,22 млрд дона ва гӯшти паранда ба 55,4 ҳазор тонна расонида шуд.

Бо мақсади барқарор намудан ва рушди соҳаи парандапарварӣ дар давраи истиқлоли ҷумҳурӣ Корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» корҳои назаррасро амалӣ намуда, барои ворид намудани таҷҳизоту технологияи муосир аз хориҷи кишвар мусоидат намуд.

Дар пешбурди соҳаи парандапарварии ҷумҳурӣ ҳиссаи фабрикаҳои зотпарварии парандапарварӣ: Симурғ (ш.Истаравшан), Суғдиён-Свердловск ва Суғд-Самарқанд паранда (н.Мастчоҳ), Рушди парандапарварӣ (ш.Турсунзода), инчунин фабрикаҳои истеҳсоли тухм: Ганҷи ҳилол (н. Файзобод), Тарз (ш.Ваҳдат), Мурғи порсиён (ш.Левакант), Парандапарварии Хуҷанд, Чӯҷаи заррин, Амина К, Парандапарвар 2017 (н.Б.Ғафуров), Мурғи ихлос (ш.Душанбе), Парандаи Мастчоҳ, Сайди саҳар (н.Спитамен) ва фабрикаҳои истеҳсоли гӯшти чӯҷа-бройлерҳо: Беҳамто (н.Ёвон), Мармарӣ ва Раҳмонҷон (н.Данғара), Мурғи Муъминобод (н.Муъминобод), Баҳори пурфайз, Мумтоз-мурғпарвар (ш.Ваҳдат), Чӯҷаи Байзо (н.Б.Ғафуров), Суғд Самарқанд (ш.Бӯстон), корхонаи коркарду истеҳсоли гӯшти паранда Мурғи Покиза ва ғайра назаррас мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи истеҳсоли тухму гӯшти бедонаи Шайхи Холмуҳаммад (н.Рӯдакӣ) ва истеҳсоли гӯшти мурғи марҷони Оби Ховалинг (н.Ховалинг), Ҳилол (н.Рӯдакӣ) ва хоҷа-гиҳои деҳқонию инфиродӣ фаъолият доранд.

Парандапарварони ҷумҳурӣ бо дастгирии Ҳукумат ва Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ ва ёрии машваратию амалии олимони соҳа тамоми қувваро ба он равона мекунанд, ки истеҳсоли маҳсулоти соҳаро то меъёрҳои қабулгардида расонида, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар ҳиссаи сазовор гузоранд.

Тибқи меъёри сабади истеъмолӣ ба як нафар аҳолӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2022 №76 тасдиқ гардидааст (194,4 дона тухм ва 18 кг гӯшти паранда ба ҳар сари аҳолӣ), бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ дар оянда истеҳсоли тухм ба 1,7 маротиба ва гӯшти паранда 3,5 маротиба бояд зиёд карда шавад.



Расми 1.- Сохтори ташкилӣ ва вазифаҳои хадамоти маркетингӣ дар корхона.

Қайд намудан зарур аст, ки дар рушди соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ саҳми олимони соҳа назаррас буда, онҳо дар таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон «Дар бораи парандапарварӣ» фаъолона иштирок намуданд. Аз ҷониби олимон зоту кроссҳои мурғони сертухму сергӯшт, мурғи марҷон, кабк ва бедона дар асоси таҳқиқоти қиёсӣ муайян шуда, технологияи самарабахши парвариши онҳо таҳия гардидааст. Инчунин меъёрҳои хӯронидани парандаҳои кишоварзӣ дар шароити ҷумҳурӣ бо истифода аз иловаҳои ғайриананавии маҳаллӣ муайян шуда, дар истеҳсолот татбиқ гардидааст. Бо роҳбарии олимони варзида тайёр намудани мутахасисони баландихтисос ва олимони ҷавони соҳа бо маром идома дорад. Олимон дар тарғибу ташвиқ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ва муаррифии дастовардҳои ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ ҳиссаи арзанда гузошта истодаанд. Таҳлили вазъияти масъала нишон медиҳад, ки сарфи назар аз мавҷудияти як қатор корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллифони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҷанбаҳои умумӣ ва махсуси маркетинг алоқаманданд, дар онҳо хусусиятҳои пешниҳоди ба пуррагӣ ва ба таври намунавӣ истифода бурдани усули маркетинг дар бозори маҳсулоти парандапарварӣ вуҷуд надоранд. Наметавонем дар бораи истифодаи системаи маҷмӯии маркетингӣ, ки ҳамаи ҷузъҳои таркибии онро дар ин ё он муносибатҳои сегментии бозори маҳсулоти парандапарварӣ фаро мегирад, сухан намоем. Ба андозаи муайян ин бо сабаби заиф гардидани заминаи методологӣ ва методӣ, хусусиятҳои умумии он, ки имкон намедиҳад ҳамаи роҳҳои маҷмааи маркетингро дар кори амалии худ ба пуррагӣ истифода намоем, бо назардошти хусусиятҳои бозори маҳсулоти парандапарварӣ, алоқаманд мебошад, тамоми воситаҳои омехтаи маркетинг алоқаманд мебошад.

Муаллифон мақсаднок мешумораанд, ки дар ин марҳила ба сохтори идоракунӣ дохил намудани (ба истиснои муовини директор оид ба маркетинг) ду муовини директори генералӣ (президент), ки роҳбарӣ менамоянд: як муовин - самти истеҳсолот, дигар муовин – самти ёрирасон (сохтмони асосӣ, таъмини моддию техникӣ, нақлиёт ва ғайра).

Тавре аз нақша мебинем хадамоти маркетингӣ аз чаҳор бахши асосӣ иборат аст, ки дар он иттилооти маркетингӣ бояд мутамарказ гардонида, тавсияҳо барои гузаронидани сиёсат ҷиҳати истеҳсол, фурӯш, нарх, навъҳои маҳсулот, сиёсати молиявӣ, кадрӣ, инчунин муносибатҳо бо истеъмолкунандагон ва таъминкунандагон таҳия карда шаванд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин марҳила ба сохтори идоракунӣ дохил намудани (ба истиснои муовини директор оид ба маркетинг) ду муовини директори генералӣ (президент), ки роҳбарӣ менамоянд: як муовин - самти истеҳсолот, дигар муовин–самти ёрирасон (сохтмони асосӣ, таъмини моддию техникӣ, нақлиёт ва ғайра). Ҳамин тариқ, корхона бояд дар сохтори худ се бахш, ки дар он бахши асосӣ бо таҳияи ҳамаи барномаҳои маркетингӣ (нақшаҳо, дурнамоҳо) машғул мебошанд ва масъулиятро ҷиҳати татбиқ ва ноил шудан ба ҳадафҳои худ ба дӯш доранд.

Роҳбарии корхонаро директори маркетинг ба дӯш дорад, ки ҳамаи дигар шуъбаҳо ба он тобеъ мебошанд. Тибқи нақша онро ба намуди зерин метавонем нишон диҳем (рас. 2).

Ҳамин тариқ, маркетинг метавонад интегратсия шуда ба фаъолияти корхона қисман ва ё пурра ворид карда шавад. Дар давраи гузариш, зери мафҳуми роҳҳои амалигардонӣ ҳамчун маҷмӯи ташкилотҳо ва шахсони алоҳида, ки ҳамчун миёнарав амал мекунанд ва ё барои интиқол ҳуқуқи моликиятро ба шахси дигар додан кӯмак менамоянд, фаҳмида мешавад. Ин яке аз равандҳои системаи иқтисодӣ, технологӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мебошад, ки бо мақсади интиқоли маҳсулот аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда ёрӣ медиҳад.



Расми 2. -Интегратсияи пурраи маркетинг дар корхона

Айни замон, роҳҳои татбиқшаванда ба бевосита ва бавосита тақсим карда мешаванд. Таҷрибаи бисёр кишварҳо исбот кардааст, ки истифодаи ҳар гуна шаклҳои идоракунӣ, новобаста аз шакли моликият, консепсияҳои зарурии маркетинг имконият медиҳад самаранокии истеҳсолот ва

рушди устувори хоҷагиҳои парандапарварӣ дар маҷмӯъ беҳтар карда шавад. Зарур аст, ки мақоми ин бахш баланд бардошта шавад. Он аз ҳаҷми вазифаҳои намояндагӣ ба хадамоти маркетингӣ сарчашма мегирад. Вазифаи хадамот ин масъулият барои ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми корхона мебошад, дар ҳоле ки ду адади дигар: истеҳсолӣ ва ёрирасон бояд диққати худро ба вазифаҳои хусусӣ равона созанд. Дар ҳамин кафолатнокии самти воқеии маркетинги корхона инъикос мегардад. Хеле муҳим аст, ки он вазифаеро, ки ба хизматрасонии маркетингӣ дар амал марбут аст, бештар аз кордонии роҳбар ва кормандони соҳибтаҷриба вобастагӣ дорад. Марҳилаи сеюм бо пайдоиши хизматрасонии маркетингии махсус, ки бо дигар бахшҳои корхона ҳуқуқи якхела доранд, муайян карда мешавад.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки марҳилаи сеюми инкишофи сохтори маркетингӣ аз ҳама маъмултарин мебошад. Дар асл, аксарияти корхонаҳо, ба истиснои корхонаҳои кишоварзӣ, дар марҳилаи сеюми рушд қарор доранд. Он дар корхонаҳои хурд, миёна ва калон вуҷуд дорад.

Дар соҳаи парандапарварӣ имрӯзҳо тавсияҳо марбут ба маркетинги хурд, ки метавонанд дар айёми нав дар корхонаҳои парандапарварӣ ва алоҳида бунёд карда шаванд, дода мешавад. Вобаста ба марҳилаи чоруми рушди маркетинг бошад, тибқи ақидаи олимон, он дар натиҷаи ба идоракунии корхона омадани "одам-маркетинг" ба даст меояд. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ бар асари тағйир ёфтани шаклҳои хоҷагидорӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ тухм ва гӯшти паранда асосан дар корхонаҳои махсусгардонидашудаи парандапарварӣ истеҳсол мегардад. Қисми муайяни истеҳсоли маҳсулоти соҳа ба хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ рост меояд.

Яке аз омилҳои асосии рушди соҳа ба пуррагӣ фаъолият намудани корхонаҳои истеҳсоли хӯрокиҳои серғизои омехта барои парандаҳои кишоварзӣ мебошад. Омили дигари рушди хоҷагиҳои парандапарварӣ истифодаи таҷҳизоти технологии муосир барои инкубатсияи тухм, парвариши чӯҷа ва нигоҳубини парандаҳои болиғ, ҳамчунин коркарди маҳсулоти соҳа мебошад. Инчунин дар оянда беҳтар намудани фаъолияти хоҷагиҳои зотпарварӣ, низоми корҳои селексионию зотпарварӣ, таъмини ҳифзи солимии саршумори паранда ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос зарур мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Бобоев С.Б., Комилзода Д.К., Роҳҳои бехтар намудани самаранокии рушди парандапарварй дар Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалй дар мавзуи «Роҳҳои самарабахшгардонии истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда дар шароити гарму хушк» -Душанбе: Эр-граф, 2020. -С 313-315.
2. Бобоазиззода Ш.А., Мадаминов А.А. Муаммоҳои баланд бардоштани самаранокии махсулоти парандапарварӣ дар Думхурии Тоҷикистон (монография). –Душанбе: Матбааи Донишгохи милли Тодикистон, 2018.- 143 с.
3. Бобоазиззода Ш.А. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли тухм дар соҳаи парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.А. Бобоазиззода, З. Валиев // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Таҳлили ҳадди ақали сабади истеъмолӣ дар ҶТ-2016”. -С. 76-72.
4. Бобоазиззода Ш. Ресурсосберегающая технология-основа повышения эффективности птицеводства в Республике Таджикистан / Ш. Бобоазиззода // Материалы сборник научных статей. -2017.-С.-279-282
5. Комилзода Д.К., Рахматова С.А., Эргашев Д.Д., Бобозода О.С., Усмонов Н.С., Бозоров Ш.Э. Парандапарварӣ. – Душанбе: ҶДММ «Собириён», 2023.- 224 с.
6. Маълумотхои омории КВД «Саноати парандапарварии Тодикистон»-и Вазорати кишоварзй дар солхои сохибистиклолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024).

АННОТАЦИЯ:
СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ НА ОБРАБАТЫВАЮЩИХ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

В данной статье авторы проанализировали и рассмотрели принципы экономических механизмов производства и движения продукции на рынке с точными показателями по совершенствованию экономического механизма управления на промышленных предприятиях.

Ключевые слова: *птицеводство, принципы, механизм, управление, промышленность, сельское хозяйство, рынок, производство.*

ANNOTATION:
IMPROVEMENT OF THE ECONOMIC MANAGEMENT MECHANISM IN INDUSTRIAL PROCESSING ENTERPRISES

In this article, the authors analyzed and considered the principles of economic mechanisms of production and movement of products on the market with precise indicators for improving the economic management mechanism in industrial enterprises.

Keywords: *poultry farming, principles, mechanism, management, industry, agriculture, market, production.*

Сведение об авторе:

Бобоазиззода Шамшод Абдугафур - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ширишох Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. телефон: (+992)939 80 02 02, E-mail. shamshodb@mail.ru

Бобозода Оятуллои Сафаралӣ – кандидат сельскохозяйственных наук, заведующий отделом интенсивного птицеводства Института животноводства и пастбищ Таджикской академии сельскохозяйственных наук, Республика Таджикистан. город Душанбе, улица Гипрозем-17. E-mail: bobozoda 1991@bk.ru, телефон: (+992) 93 881 38 39.

Information about the authors:

Boboazizzoda Shamshod Abdugafur - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Management and Entrepreneurship of the Tajik Agrarian University named after Shirinshokh Shotemur. 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Avenue. telephone: (+992) 939 80 02 02, E-mail. shamshodb@mail.ru
Bobozoda Oyatulloi Safarali - Candidate of Agricultural Sciences, Head of the Intensive Poultry Department of the Institute of Animal Husbandry and Pastures of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, Republic of Tajikistan. Dushanbe city, Giprozem-17 street. E-mail: bobozoda 1991@bk.ru, phone: (+ 992) 93 881 38 39.

ТДУ: 338.43 (575.3)

БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТ ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ СОҲАИ РАСТАНИПАРВАРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Набиев И.И.[1], Раҳимов Ш.Ҳ.[2]- [1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтему, [2]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Калимаҳои асосӣ: *растанипарварӣ, соҳа, маҳсулот, истеҳсол, таҳлил, вилоят, ноҳия, омил, саҳм, ҳосилнокӣ, рушд, арзиш.*

Растанипарварӣ яке аз соҳаи калидии комплекси агросаноатӣ ба шумор рафта, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии он боиси густариши иқтидори содиротӣ, воридотивазкунандагӣ ва заминаи асосии бунёди ҷойҳои кории нав дар минтақа ва ҷумҳурӣ мегардад. Яке аз равишҳои тозаи расидан ба самаранокии умумимиллӣ ин истеҳсол кардани маҳсулотҳои хусусияти воридотивазкунандагӣ дошта мебошад, ки гардиши молро дар дохили кишвар таъмин карда, замина барои рушди иқтисоди миллӣ мегардад [2, с. 210].

Табиист, ки дар таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти тозаи кишоварзӣ саҳми соҳаи растанипарварӣ нисбат ба соҳаи чорводорӣ назаррас буда, тадричан рушд додани соҳаи растанипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба мақсад мувофиқ аст. Ҳудудан яке аз минтақаи калонтарини кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон мебошад, ки қисми зиёди маҳсулоти растанигии мамлакат дар ин минтақа тавлид мегардад. Бо назардошти ин, рушди устувор ва мунтазами соҳаи растанипарварии вилояти Халони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ду ҳадафи стратегии мамлакат:-таъмини амнияти ғизоӣ ва саноатикунонии босуръат заминаи мусоид хоҳад гузошт. Барои расидан ба ҳадафи дар мақола гузошташуда таҳлили масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (аз рӯйи ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо) қадами нахусти фаъолияти мақсаднок дар самти баҳодиҳии ҳолат ва тамоюли рушди истеҳсолоти соҳаи растанипарварӣ мебошад, ки аз ҷониби мо тӯли солҳои 2021-2022 ин арзёбӣ амалӣ карда шуд (ҷадв.1).

Ҷадвали 1.- Замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (аз руйи ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо)

Шаҳру ноҳияҳо	2021		2022		Фарқияти мутлақ	
	га	таркиб, %	га	таркиб, %	га	таркиб, %
Ҳамагӣ дар вилояти Хатлон	**430514**	**100**	**433804**	**100**	**3290**	0
Норак	1141	0,27	1148	0,26	7	-0,01
Бохтар	1163	0,27	1163	0,27	0	0,00
Балҷувон	5615	1,3	5747	1,32	132	0,02
Носири Хусрав	9596	2,23	9906	2,28	310	0,05
Кӯшониён	22923	5,32	23185	5,34	262	0,02
Вахш	24280	5,64	24329	5,61	49	-0,03
Восеъ	28035	6,51	28090	6,48	55	-0,03
Хуросон	16628	3,86	16697	3,85	69	-0,01
Данғара	38419	8,92	38770	8,94	351	0,02
Дӯстӣ	19549	4,54	19592	4,52	43	-0,02
Кубодиён	17210	4	17137	3,95	-73	-0,05
Ҷалолиддини Балхӣ	23179	5,38	23191	5,35	12	-0,03
Кӯлоб	10636	2,47	10646	2,45	10	-0,02
Ҷайҳун	23858	5,54	23934	5,52	76	-0,02
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ	17536	4,07	17555	4,05	19	-0,02
Муъминобод	15176	3,53	15249	3,52	73	-0,01
Фархор	28210	6,55	28442	6,56	232	0,01
Панҷ	19807	4,6	19494	4,49	-313	-0,11
Левакант	2525	0,59	2525	0,58	0	-0,01
Темурмалик	16038	3,73	16040	3,70	2	-0,03
Ховалинг	8161	1,9	8208	1,89	47	-0,01
Абдураҳмони Ҷомӣ	20605	4,79	20944	4,83	339	0,04
Шаҳритус	15133	3,52	15403	3,55	270	0,03
Шамсиддини Шоҳин	13262	3,08	14225	3,28	963	0,20
Ёвон	31829	7,39	32185	7,42	356	0,03

Сарчашма: ***Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2022. Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати омори назди***

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. -Душанбе, 2023. -С.116.

Таҳлили таркиби масоҳати замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон аз рӯйи ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо нишон дод, ки дар афзоиши майдони умумӣ саҳми назаррасро ноҳияҳои Данғара 8,94%, Ёвон 7,42%, Фархор 6,56%, Восеъ 6,48%, Вахш 5,61%, Ҷалолиддини Балхӣ 5,35%-ро ташкил медиҳанд.

Васеъшавии майдони кишт аз ҳисоби хоҷагиҳои ноҳияҳои Шамсиддини Шоҳин ба андозаи 963 гектар, Ёвон ба 356 гектар, Данғара 351 гектар, Носири Хусрав 310 гектар, Кӯшониён 262 гектар ба амал омадааст. Масоҳати нисбатан ками замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои Норак, Бохтар, Левакант, Балҷувон мушоҳида мегардад. Дар ду соли охир дар масоҳати замини кишти аксари ноҳияҳои вилояти Хатлон тағйироти куллӣ дида намешавад.

Агар тағйирёбии масоҳати замини кишти зироатҳои кишоварзӣ ба ҳайси омили экстенсивии зиёдкунии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ баромад намояд, пас ни-шондиҳандаи ҳосилнокии зироатҳо бошад, омили интенсивии таъминкунандаи афзоиши он маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, барои мукаммалии таҳқиқот арзёбии сатҳи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзии вилояти Хатлонро дар муқоиса ба нишондоди ҷумҳурияӣ зарур мешуморем (ҷадв 2).

Муқоисаи нишондиҳандаи ҳосилнокии сатҳи вилоятию ҷумҳуриявӣ нишон медиҳад, ки соли 2022 дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон ҳосилнокии мевагиҳо 87,9%, ангур 22,6%, ғалладонагиҳо 13,1%, сабзавот 6,3% нисбати сатҳи ҷумҳуриявӣ зиёд аст, ки ин зуҳурот аз пешсафии кишоварзони хатлонӣ шаҳодат медиҳад. Новобаста аз ин дастовард, тайи ду соли таҳлили дар бахши ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон сатҳи ҳосилнокии картошка 8,1% ва пахта 0,9% коҳиш ёфтааст.

Ҷадвали 2. - Сатҳи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои 2021-2022, с/га

Номгӯйи зироатҳо	Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ҶТ		Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон		Фарқияти мутлақ, +; -	
	2021	2022	2021	2022	2021	2022
Ғалладона	30,7	33,7	37,4	38,1	6,7	4,4
Пахта	22,6	22,7	22,3	22,5	-0,3	-0,2
Сабзавот	280,5	286,1	297,2	304,0	16,7	17,9
Картошка	181,4	191,1	175,2	175,6	-6,2	-15,5
Полизӣ	284,5	312,4	305,7	315,1	21,2	2,7
Мевагиҳо	40,3	43,9	78,4	82,5	38,1	38,6
Ангур	77,6	84,7	94,1	103,8	16,5	19,1

Сарчашма: ***Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷ. оморӣ.-Душанбе, 2023. -С.276; Омори солонаи вилояти Хатлон дар с.с.1991-2022. Маҷ.оморӣ. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар в.Хатлон. -Душанбе, 2023. -С.134-140.***

Одатан баррасии ду омил-майдони кишт ва ҳосилнокӣ имкон медиҳад, ки тағйирёбии маҳсулоти умумии кишоварзиро дар шакли натуралӣ ва арзишӣ дар шакли динамика арзёбӣ намоем. Хусусан, дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ таҳқиқи нархгузорӣ ва омилҳои бозорӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамоянд. Аз ин рӯ, дар рафти таҳқиқот бояд захираҳои баландбардории самаранокии он таҳқиқ гардад.

Мавриди зикр аст, ки арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз ҳисоби ду омил-ҳаҷм ва сифати маҳсулот ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, зарур меояд, ки сатҳи истеҳсоли маҳсулоти растанипарвариро бо ифодаи натуралӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баҳогузорӣ намоем (ҷадв. 3).

Маълумоти ҷадвали 3 аз он далолат менамояд, ки миёни 25 шаҳру ноҳияҳои вил. Хатлон дар истеҳсоли ғалладонагиҳо ноҳияҳои Данғара, Восеъ, Фархор; дар истеҳсоли пахта ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Фархор, Ёвон; дар истеҳсоли сабзавот ноҳияҳои Ҷайҳун, Кӯшониён, Вахш дар истеҳсоли картошка ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Данғара, Панҷ; дар истеҳсоли полизиҳо Ҷайҳун, Дустӣ, Данғара саҳми арзанда доранд.

Агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварии вилояти Хатлон соли 2022 нисбат ба соли 2021 ба ҳисоби миёна 5,1%-ро ташкил намояд, пас суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагиҳо 8,0%, сабзавот 6,3%, картошка 5%, полезиҳо 4,9%, пахта 1,2%-ро ташкил намудааст. Агар аз руйи намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ таҳлил намоем, пас натиҷаи беҳтарини суръати афзоиши истеҳсоли ғалладонагиҳо дар шаҳри Бохтар ба 60,2%, ноҳияҳои Восеъ ба 22,9%, Ҷайҳун ба 18,1%, Ҳамадонӣ ба 14,9%, Кӯшониён ба 14,3% баробар гардидааст. Аз маълумотҳои ҷадвал маълум аст, ки аз 19 шаҳру ноҳияҳои пахатпарвари вилояти Хатлон дар 6 ноҳия истеҳсоли пахта коҳиш ёфтааст. Ба андешаи мо, коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли яке аз маҳсулоти стратегӣ-пахта дар 6 ноҳияи вилояти таҳқиқотӣ нигаронку-нанда буда, аз мусъулини соҳа талаби дарёфти роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онро дар солҳои минбаъда зарур мешуморем.

Ҷадвали 3.- Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои в.Хатлон, тонна

Шаҳру ноҳияҳо	Ғалла		Пахта		Сабзавот		Картошка		Полизӣ	
	2021	2022	2021	2022	2021	2022	2021	2022	2021	2022
Норак	2578	3167			5152	5301	963	988	841	846
Бохтар	1915	3068	708	700	20523	15521	1273	1113		
Балҷувон	7606	7714			3971	3982	4720	4404	3085	3107
Н. Хусрав	30547	30343	7336	7541	31401	31894	4282	4630	32167	32755
Кӯшониён	41911	47912	25794	26365	144348	140777	18341	19508	13652	13767
Вахш	58732	61082	21630	22609	90726	112337	12771	15417	42700	46100
Восеъ	73642	90492	17112	17793	83066	91098	11272	12636	44137	42697
Хуросон	48213	48840	8997	9997	47454	52677	6631	7500	14565	15360
Данғара	101646	102891	10974	11366	68350	57985	13907	13970	51106	52189
Дӯстӣ	47718	51225	18161	17812	84362	93363	5262	7107	61025	61085
Кубодиён	42766	43955	15629	9968	87060	90176	12378	9143	38944	41055
Ҷ.Балхӣ	51222	58215	20127	16092	93889	98723	10933	12104	39593	41440
Кӯлоб	20894	21855	6982	6944	65475	66904	4791	3551	7629	8310
Ҷайҳун	50798	60001	16827	17307	264587	276838	7633	9531	78827	83466
М.С.А. Ҳамадонӣ	51017	58619	13740	13946	64427	76256	8069	9322	28842	32333
Муъминобод	29691	30249			15030	15335	9624	10205	5188	5660
Фархор	74596	82321	14011	22518	71451	82598	10699	12477	38409	42017
Панҷ	59466	58182	13578	14820	53196	63141	19236	14270	20235	27290
Левакант	5500	5529	2453	2537	10969	10403	1800	1840	4657	3925
Темурмалик	35113	35251			6755	6865	3221	3222	8079	8152
Ховалинг	14512	14194			6639	6496	4957	9546	611	698
А. Ҷомӣ	56529	63812	18490	18660	69631	70940	13965	14668	18643	20133
Шаҳритуз	47042	49622	12283	12565	77110	81496	10650	11674	44975	46928
Ш. Шоҳин	28866	32011			2489	2534	5268	4405	2381	2477
Ёвон	50160	55062	25170	23690	80017	91191	11155	11318	44991	45036
Ҳамагӣ дар вил.Хатлон	**1032680**	**1115612**	**270002**	**273230**	**1548078**	**1644831**	**213801**	**224549**	**645282**	**676826**

Сарчашма: ***Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32 соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷ. оморӣ.-Душанбе, 2023. -С.198-210.***

Дар истеҳсоли сабзавот таҷрибаи пешқадамро молистеҳсолкунандагони ноҳияҳои Вахш (23,8%-и рушд), Ҳамадонӣ (18,4%), Панҷ (18,7%), Фархор (15,6%) ба даст овардаанд. Дар сабзавотпарварӣ коҳиши сатҳи истеҳсолот дар ноҳияҳои Бохтар 24,4%, Данғара 15,2%, Левакант 5,2%, Ховалинг 2,2% ба мушоҳида мерасад. Ҳарчанд истеҳсоли картошка дар вилояти Хатлон дар сатҳи 5% таъмин гардида бошад ҳам, суръати рушди он дар ноҳияҳои Вахш ба 20,7%, Дӯстӣ ба 35%, Ховалинг ҳатто ба 92,6% мерасад. Муттассифона, истеҳсоли картошка дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Балҷувон, Кубодиён, Кӯлоб, Панҷ, Шамсиддин Шоҳин нисбати соли 2021 коҳиш ёфтааст.

Истеҳсолоти полизиҳо бошад, ба истиснои ноҳияи Восеъ ва шаҳри Левакант дар дигар шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон рӯ ба афзоиш аст. Ҳамин тавр, агар дар маҷмуъ саҳ-ми шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро ҷамъбаст намоем, пас маълум мегардад, ки сатҳи баландтари индекси умумии ҳаҷми ҷисмонии маҳсулоти растанипарвариро молис-теҳсолкунандагони ноҳияҳои Фархор 1,225, Вахш 1,122, Ҷайҳун 1,113, Дӯстӣ 1,103, Восеъ 1,091 ба даст овардаанд. Ҳамзамон, қимати пасттарини индекси мазкурро ноҳияи Кубо-диён, шаҳри Кӯлоб (ҳарду аз ҳисоби коҳиши сатҳи истеҳсоли пахта), шаҳри Левакант, ноҳияи Данғара (ҳарду аз ҳисоби коҳиши сатҳи истеҳсолоти сабзавот) ноил гардидаанд.

Ба ақидаи мо, бо вуҷуди таҳлилҳои гузарондашуда муайян намудани ҳиссаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварии вилояти Хатлон аҳамияти калон дорад (ҷадв 5).

Ҷадвали 4. - Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар вилояти Хатлон аз руйи шаклҳои хоҷагидорӣ барои солҳои 2021-2022, тонна

Намуди зироат	Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо		Корхонаҳои кишо-варзӣ		Хоҷагиҳои аҳолӣ		Хоҷагиҳои деҳқонӣ	
	2021	2022	2021	2022	2021	2022	2021	2022
Ғалла	1032680	1115612	68086	76246	380036	392082	584558	647284
Пахта	270002	273230	57931	60626			212071	212604
Сабзавот	1518078	1644831	62121	61092	681614	674092	797343	909647
Картошка	213801	224549	15224	11396	102883	113325	95694	99828
Полизӣ	645282	676826	23646	31762	153669	157130	467967	487934
Меваҷот	216271	237759	7098	11410	113549	117848	95624	108501
Ангур	108451	125529	1045	2910	77821	81034	29585	41585

Сарчашма: ***Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32 соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2023. -С.165-177***

Таҳлили истеҳсоли маҳсулоти растанипарварии вилояти Хатлон аз руйи шаклҳои хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки дар истеҳсоли аксар намуди маҳсулоти растанипарварӣ, ҳиссаи бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ назаррас аст. Масалан, соли 2022 хоҷагиҳои деҳқонӣ 77,8%-и истеҳсоли пахта, 72,1%-и маҳсулоти полизӣ, 58%-и истеҳсоли ғалладонагӣ, 55,3%-и истеҳсоли сабзавоти вилояти Хатлонро таъмин намудаанд. Дар ин давра ҳиссаи бахши хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли мева 49,6% ва дар истеҳсоли ангур 64,6%-ро ташкил менамояд. Дар маҷмуъ, соли 2022 дар ҳамаи категория-ҳои хоҷагидорӣ 77,8%-и истеҳсоли пахта аз ҳисоби бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 22,2%-и он аз ҳисоби бахши корхонаҳои кишоварзӣ таъмин гардидааст.

Дар умум, ғаллаи вилояти Хатлон 58,0% аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ, 35,1% аз ҳисоби хоҷагиҳои аҳолӣ ва 6,8% аз ҳисоби корхонаҳои истеҳсолӣ ба даст омодааст. Дар истеҳсоли картошка саҳми бахши хоҷагиҳои аҳолӣ 50,4%, хоҷагиҳои деҳқонӣ 44,5%, корхонаҳои кишоварзӣ 5,1%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, дар ду соли охир аз рӯйи дигар намудҳои маҳсулоти растанипарварӣ низ саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ, пас хоҷагии аҳолӣ ва дар охир бахши корхонаҳои кишоварзӣ мавқеъ гирифтаанд.

Аз натиҷаи таҳлил маълум гардид, ки мавқеи хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон сол ба сол мустаҳкам гардида, ҳиссаи он дар истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти растани-парварӣ зиёд гардида истодааст. Чунончӣ, соли 2021 дар истеҳсоли ғалла 56,6%, соли 2022 ба 58% баробар гардида, фарқият 1,4 банди фоизиро ташкил намудааст, ҳамин гуна зиёд-шавии ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли сабзавот 3,6 банди фоизӣ, ангур 5,8 банди фоизӣ, меваҷот 1,4 банди фоизӣ мушоҳида мегардад. Ҳамзамон, дар ин бахш ҳиссаи истеҳ-соли пахта ба 0,7 банди фоизӣ, картошка 0,3 банди фоизӣ, полизӣ 0,4 банди фоизӣ коҳиш ёфтаанд.Дар ин маврид, таҳлили саҳми шаҳру ноҳияҳо дар ташаккулёбии арзиши маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон аҳамияти муҳим дорад (ҷадв. 6).

Ҷадвали 6. - Арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2022, ҳаз. сомонӣ

Шаҳру ноҳияҳо	Арзиши маҳсулоти кишо-варзӣ		аз ҷумла соҳаи:			
			растанипарварӣ		чорводорӣ	
	2021	2022	2021	2022	2021	2022
Вилояти Хатлон	24400,8	26041,9	16924,4	17974,5	7476,4	8067,4
аз ҷумла дар						
Бохтар	115,2	123,6	108,5	103,6	6,7	20,0
Кӯшониён	1746,4	1834,0	1226,9	1266,8	519,5	567,2
Вахш	1456,6	1614,2	1018,8	1143,5	437,8	470,7
Хуросон	837,6	893,7	598,1	641,3	239,5	252,4
Дӯстӣ	1190,2	1258,5	915,1	970,1	275,1	288,4
Қубодиён	1312,8	1326,1	893,3	857,6	419,5	468,5
Ҷ.Балхӣ	1389,8	1429,2	1004,7	1015,5	385,1	413,7
А. Ҷомӣ	1098,6	1137,7	838,9	863,3	259,7	274,4
Ҷайҳун	1899,9	2123,3	1702,1	1873,6	197,8	249,7
Панҷ	1090,8	1171,6	750,3	804,2	340,5	367,4
Шаҳритус	1143,5	1204,9	837,7	887,5	305,8	317,4
Ёвон	1651,1	1782,9	1035,2	1089,0	615,9	693,9
Носири Хусрав	659,5	675,6	435,4	442,8	224,1	232,8
Левакант	186,3	190,1	112,2	109,2	74,1	80,9
Кӯлоб	777,9	810,0	505,4	525,0	272,5	285,0
Муъминобод	862,4	893,6	365,7	374,6	496,7	519,0
Восеъ	1388,8	1510,2	1040,0	1140,8	348,8	369,4
М.С.А.Ҳамадонӣ	1039,6	1158,3	727,6	830,6	312,0	327,7
Фархор	1300,8	1501,5	861,3	1034,2	439,5	467,3
Темурмалик	459,7	468,2	227,1	229,7	232,6	238,5
Данғара	1727,0	1809,3	1133,6	1148,1	593,4	661,2
Ховалинг	236,8	257,6	159,9	176,3	76,9	81,3
Ш. Шоҳин	395,5	420,6	237,4	252,8	158,1	167,8
Балҷувон	318,5	323,5	133,8	133,8	184,7	189,7
Норак	115,5	123,7	55,4	60,6	60,1	63,1

Сарчашма: ***Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2022. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.113-115***

Арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар сатҳи вилояти Хатлон 69% аз соҳаи растанипарварӣ, 31% - аз ҳисоби соҳаи чорводорӣ ташаккул меёбад. Саҳми соҳаи растанипарварӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо аз сатҳи миёнаи вилоятӣ зиёд аст. Масалан, таносуби соҳаҳои растнипарварӣ ва чорводорӣ дар ноҳияи Ҷайҳун 88,2% ва 11,8%, дар шаҳри Бохтар 83,8% ва 16,2%, дар ноҳияи Дӯстӣ 77,1% ва 22,9%. Аз 25 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар 4 ҳолат ҳиссаи арзиши маҳсулоти

умумии соҳаи растанипарварӣ нисбати соҳаи чорводорӣ паст аст: дар ноҳияи Муъминобод мутаносибан 41,9% ва 58,1%, ноҳияи Темурмалик 49,1% ва 50,9%, ноҳияи Балҷувон 41,4% ва 58,6%, шаҳри Норак 49% ва 51%.

Соли 2022 нисбат ба соли 2021 суръати рушди арзиши маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят Хатлон 6,7%, соҳаи растанипарварӣ 6,2%, соҳаи чорводорӣ 7,9%-ро ташкил дода, нишондиҳандаи суръати инкишофи арзиши маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар аксар шаҳру ноҳияҳо нисбат ба соҳаи растанипарварӣ зиёд аст. Дар муқоисаи шаҳру ноҳияҳо арзиши маҳсулоти растанипарварӣ бештар дар шаҳру ноҳияҳои Фархор 20,1%, Ҷайҳун 10,1%, Ховалинг 10,3%, Норак 9,4% рушд кардааст. Аз баррасии вазъи муосири соҳаи растанипарварии вилояти Хатлон ба таҳқиқ расид, ки дар шаклгирии маҳсулоти растанигии объекти таҳқиқот вобаста ба шакли хоҷагидорӣ, ҳиссаи бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ арзанда мебошад.

АДАБИЁТ:

1.Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 32 соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2023. - 328 с.

2.Набиев И.И., Раҳимов Ш.Ҳ. Таҳлили детерминантии маҳсулоти растанигӣ ва дарёфти захираҳои афзоиши он дар корхонаҳои кишоварзӣ //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2022. -№1/4 (104). - С.210-216.

3.Набиев И.И., Шоимардонов М.Ҷ. Масъалаҳои асосии рушди истеҳсолоти растанипарварӣ дар шароити имрӯза /Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки омилҳои биоиқлимӣ дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ».- Душанбе, 2018. - С.281 - 283.

4.Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои1991-2022. Маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. -Душанбе, 2023. - 250 с.

5.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2023. - 276 с.

6.Элмуродов З. Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. Китоби дарсӣ. Нашриёти «Корҳои полиграфии МТА», -Душанбе, 2013. - 120 с.

АННОТАЦИЯ

ОЦЕНКА СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИЙ РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВА В ОТРАСЛИ РАСТЕНИЕВОДСТВА В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Увеличение производства растениеводческой продукции, за счет обеспечения эффективности влияющих факторов, является основной задачей сельскохозяйственной науки и производства, и в данной статье рассматривается процесс изменения площади посевных площадей и урожайности основных продовольственных культур, в качестве основного фронта влияния на формирование производства растениеводческой продукции Хатлонской области в современных условиях. Также, в ходе исследования, было установлено, что в 2022 году 69% стоимости валовой сельскохозяйственной продукции Хатлонской области сформировалась за счет отрасли растениеводства, а 31%-за счет животноводства. В то же время, было доказано, что в 2022 году по сравнению с 2021 годом, темпы роста стоимости валовой сельскохозяйственной продукции Хатлонской области составили 6,7%, растениеводческой отрасли-6,2%, животноводческой отрасли-7,9%, а показатель темпов роста стоимости продукции животноводческой отрасли в большинстве городов и районов, выше, чем в отрасли растениеводства.

Ключевые слова: *растениеводство, отрасль, продукция, производство, анализ, область, район, фактор, вклад, урожайность, развитие, стоимость*.

ANNOTATION

ASSESSMENT OF THE STATUS AND TRENDS OF PRODUCTION DEVELOPMENT IN THE PLANT PRODUCTION INDUSTRY IN KHATLON REGION

Increasing the production of plant products by ensuring the effectiveness of the influencing factors is the main task of science and agricultural production, and in this article, the process of changing the area of the cultivated area and the productivity of the main food crops is discussed as the main factor affecting the formation of the production of plant products of Khatlon region in modern conditions. Also, in the course of research, it was determined that in 2022, 69% of the value of the total agricultural products of Khatlon region will be generated by crop production and 31% by animal husbandry. At the same time, it was proven that in 2022, compared to 2021, the rate of development of the value of general agricultural products of Khatlon region was 6.7%, the field of plant breeding was 6.2%, and the field of animal husbandry was 7.9%, indicating the rate of development of the value of products, in most cities and districts, livestock breeding is more important than plant crop production.

Key words: *crop production, industry, product, production, analysis, region, district, factor, contribution, productivity, development, value.*

Информация об авторах:

Набиев Иномджон Илхомович -Таджикский аграрный университет имени Ш. Шохтемура, кандидат экономических наук, дотцент кафедры экономического анализа и статистики. 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146. (+992) 93 997 12 17, E-mail: inomnabizoda@jmail.com

Рахимов Шарифджон Хабибулаевич-Бохтарский государственный ениверситет имени Н.Хусрава, преподаватель кафедры экономической теории. 735141, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, проспект Айни 67. Телефон: (+992) 93 466 94 79, E-mail: rahmzoda9090@mail.ru

Information about the authors:

Inomjon Nabiev-Tajik Agrarian University named after Sh.Shohtemur, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Economic Analysis and Statistics. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146. **Tel**: (+992) 93 997 12 17, E-mail: inomnabizoda@jmail.com

Rahimov Sharifjon Habibulloevich - Bakhtar State University named after N. Khusrav, teacher of the Department of Economic Theory. 735141, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, Ayni avenue 67. Phone: (+992) 93 466 94 79. E-mail: rahmzoda9090@mail.ru

ТДУ: 332.62:631

УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИСОДИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

Элмуродов Х.З. –Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *рента, нархи замин, заминистифодабаранда, қитъаи замин, дифферентсиалӣ, баҳодиҳи иқтисодии замин.*

Яке аз самтҳои такмил додани истифодаи оқилона ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ баҳодиҳии иқтисодии он мебошад. Дар иқтисодиёти бозоргонӣ, нархи замин табиатан ҳамчун функсияи моликияти хусусӣ ва бозори замин ба вуҷуд омада, методология ва методикаи муайян кардани арзиши замин аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад [4]. Ҳангоми ташаккули бозори замин, ҳуқуқи он ҳамчун мол баромад мекунад ва ҳаҷми даромади аз он бадастомада нархашро муайян менамояд. Подоше, ки соҳибмулки замин бар ивази барои истифода додани ин захираи табиӣ ба даст меорад, рентаи замин (аз забони фаронсавӣ rendita - «бозгаштдодашуда», «бозпасдодашуда») номида мешавад. Зеро – замин захираи пурнашаванда ва маҳдуд аст ва рентаи замин пардохт барои истифодаи он мебошанд [5].

К. Маркс се намуди асосии рентаи заминро, ки ҳар яки онҳо мавқеъ ва хусусияти худро доро мебошад, чудо намудааст: дифференсиалӣ (тафриқавӣ), монополӣ ва мутлақ (ҷадвал).

Ҷадвали 1. - Намудҳои рента ва усулҳои ташаккули он

Намудҳои рента	Рентаи дифференсиалии I	Рентаи дифференсиалии II	Рентаи монополӣ	Рентаи мутлақ
Шарти ташаккул	Фарқияти қитъаҳо аз рӯи ҳосилхезӣ ва ҷойгиршавӣ (ҳосилхезии табиӣ)	Самаранокии гуногуни хароҷоти илова (ҳосилхезии сунъӣ)	Дар заминҳои сифаташон истисноӣ ва мавҷудиятаашон маҳдуд, ки дар онҳо зироатҳои камёфт (нодир) кошта мешаванд.	Мавҷудияти ҳуқуқи моликият ба замин (ҳамчун пардохт барои ҳуқуқи истифодаи замин ба вуҷуд меояд
Намудҳои фоидаи иловагӣ	Фарқияти байни нархи ҷамъиятӣ ва инфиродии истеҳсолот дар заминҳои ҳосилхезиашон нисбатан беҳтар ва ба бозори фурӯш наздиктар	Фарқияти байни хароҷоти барои ҷамъият зарурӣ ва хароҷоти инфиродии истеҳсолот, ки ҳосилхезии иқтисодии заминро боломебардорад	Дар натиҷаи аз пешниҳод зиёд будани талабот, ҳамчун фарқи байни нархи монополӣ ё инфиродии истеҳсолот ба вуҷуд меояд	Ба нархи ҷамъияти дохил карда мешавад. Арзиши ҳуқуқи монополии заминдориро ташкил медиҳад.Манбаи ташаккулёбӣ-нархи маҳсулоти истеҳсолшуда
Тақсимоти фоидаи иловагӣ	Ба соҳибмулки замин	Ба субъекти хоҷагидорӣ дар давоми муҳлати иҷора	Ба соҳибмулки замин қисман ба субъекти хоҷагидорӣ-иҷорагир ё соҳибмулки замин	Ба соҳибмулки замин

Манбаъ: ***Розен, Л. К вопросу об абсолютной ренте и ее использовании при оценке сельскохозяйственных угодий / Л. Розен // Достижения науки и техники АПК. - 2004. - №2. - С. 43-45*** **[5]** ***(дар асоси адабиёт муаллиф тартиб додааст)***

Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки рентаи мутлақ ба моликияти хусусӣ ба замин вобаста аст, зеро маҳз бо он мақсаднокии харидани заминҳои сифаташон пасттар дар ҳолати мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти дар онҳо истеҳсолшаванда муайян карда мешавад.

Тибқи ақидаи умумии классикон рента ин қисми даромадест, ки дар натиҷаи меҳнати одамон ба даст наомада, балки табиат таъмин кардааст. Бинобар ин, рента ин як ҷузъи муайяни дастоварди умумии ҷамъият буда, ба фойида дохил карда намешавад. Он бо ин ё он қоидаҳои қонунӣ, умуман барои эҳтиёҷоти ҷамъият бояд гирифта шуда, истифода карда шавад. Аммо, дар баробари ҳамаи ин мавҷудияти рентаи мутлақ масъалаи баҳснок аст, ки ба он К. Маркс таваҷҷуҳ карда буд. Соҳаи кишоварзии аз чиҳати саноатӣ рушдкардаро бо истифодаи ҳадди ақали меҳнати дастӣ баррасӣ карда, олим Л. Розен дар истеҳсолоти он ба вуҷуд омадани арзиши изофии навро намеёбад. Илова бар ин,ӯ таъкид мекунад, ки ба бахши кишоварзии бештари мамлакатҳо кӯмакпулиҳои зиёд дода мешаванд. Ҳамаи ин аз мавҷуд набудани шароит барои пайдо шудани рентаи мутлақ шаҳодат медиҳанд [5].

Як қатор олимон ба асоси баҳодиҳии иқтисодии давлатии заминҳои кишоварзӣ, инчунин даромад аз рента мегузоранд [1]. Дар айни замон дар қонунгузории вобаста ба замин, ки ба масъалаҳои методикаи гузаронидани ин баҳодиҳӣ вобастагӣ дорад, чунин мафҳумҳо ҳамчун даромад аз рентаи дифференсиалӣ, мутлақ ва ҳисобшуда истифода мешаванд. Даромад аз рентаи

дифференсиалӣ ин даромади иловагӣ мебошад, ки дар заминҳои сифаташон ва ҷойгиршавиашон нисбатан беҳтар ташаккул ёфтаанд. Дар сурати манфӣ будани даромад аз рентаи дифференсиалӣ онро ҳамчун сифр қабул мекунанд. Даромад аз рентаи мутлақ ин даромади ҳадди ақал мебошад, ки барои як гектар замини кишоварзӣ, новобаста ба сифат ва маҳалли ҷойгиршавӣ барои тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳаҷми ягона муқаррар карда мешавад.

Ташаккулёбии бузургии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар сабаби моликияти давлатӣ будани замин рентаи мутлақ ба вуҷуд намеояд.

Даромад аз рентаи ҳисобӣ – маблағи умумии даромадҳои дифференсиалӣ ва мутлақ мебошад. Бо баробари ин, азбаски дар шароити иқтисодиёти бозорӣ замини бе маблаг вуҷуд дошта наметавонад, олимони дигар дар шароити моликияти давлатӣ будани замин, ба қатори рентаи мутлақ хароҷот барои азхудкуниро ба қатори он ворид мекунанд [2].

Аз нигоҳи назария дар раванди баҳодиҳии иқтисодии замин ихтилофоти зерин пайдо шуданаш мумкин аст. Замин дар давоми ҳаёти иқтисодии худ арзишашро гум намекунад. Аммо дар раванди истифода хосиятҳои муфиди он аз сабаби талафи захираҳои ҳосилхезӣ, таъсироти экологӣ ва хоҷагидории нодуруст метавонанд паст гарданд. Дар натиҷаи чунин таъсирот арзиши замин метавонад бузургии манфӣ қабул кунад. Масалан, замин метавонад дар мавридҳое дорои арзиши манфӣ гардад, агар [3]:

- пардохтҳо барои замин аз даромади он зиёдтар бошанд;
- низоми рушдёфтаи бозорҳо вуҷуд надорад, ки ин барои ба таври объективӣ ба вуҷуд омадани рента имкон намедиҳанд;
- қитъаҳои замин бо уҳдадориҳо ҷиҳати барқарор кардани ҳолати муъҳадили муҳити зист вобастаанд, ки хароҷоти онҳо аз арзиши молу мулк пас аз иҷрои ин корҳо зиёдтар мебошанд;
- пули иҷора, ки бояд пардохт карда шавад, аз арзиши бозории иҷора зиёд аст;
- соҳиби замин уҳдадор аст, ки хароҷотро барои беҳдошти замин анҷом диҳад ё дигар талаботи бо қонун муқарраршударо дар ҳаҷмҳое иҷро намояд, ки аз арзиши амволи аз чунин уҳдадориҳои озод баландтар аст.

Барои муайян кардани арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин, шумораи зиёди усулҳои анъанавӣ (муқоисаи фурӯш, капитализатсия кардани рентаи замин дар намуди иҷорапулӣ ё даромади софи амалиётӣ, усули истифодаи пешбинишаванда, усули баҳодиҳӣ аз рӯйи меъёри андози замин бо дарназардошт ва бе дарназардошти ҳосилхезии табиӣ ва ғ.) ва махсус (усули баҳодиҳӣ бо роҳи тасҳеҳ ё танзими нархи меъёрӣ, усули баҳодиҳӣ бо роҳи ислоҳ кардани арзиши кадастрӣ ва ғайра) мавҷуданд.

Усулҳои аз ҳама бештар истифодашавандаро баррасӣ менамоем.

Усули муқоисаи фурӯш дар айни замон бинобар мавҷуд набудани бозори мутавозини ҳуқуқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, инчунин маҳдудияти фурӯши ҳуқуқҳо ба қитъаҳои замин, ки дорои қобилияти пешниҳод кардани маҷмуи генералӣ барои паст кардани хатогиҳо ҳисоб меёбад, амалан худ рушд намекунад. Ҳангоми рушд намудани бозори мазкур татбиқи ин усул имконпазир мегардад ва он воситаҳои аз ҳама боэътимод барои расидан ба ҳадафи гузошташуда мешавад. Зарурати интихоб кардани объектҳои шабеҳ ва даровардани тасҳеҳот (ислоҳот) ба нарҳҳои фурӯши онҳо ба амал меояд.

Ҳамаи ҳисобҳои арзиши ҳуқуқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ бо усулҳои муносибати даромадӣ ба чунин мафҳуми асосӣ ба монанди капитализатсия асос меёбанд.

Мусаллам аст, ки нишондиҳандаҳое, ки ба таври назаррас ба бузургии арзиши замин таъсир мерасонанд (муҳлати капитализатсия, фойидаи меъёрӣ), ба мушаххасоти бозорӣ мувофиқат намекунад. Истифодаи меъёри пасткардаи фойида, ки ба 7 фоиз баробар мебошад (ҳарчанд дар шароити имрӯза меъёри воқеии боздеҳии сармоя на камтар аз 18 фоизро ташкил медиҳад) [6], дар ҳисобкуниҳо ба ҳисоб нагирифтани фойидаи соҳибкор чунин маъно дорад, ки фойида (манфиатҳо) аз замини кишоварзӣ ба таври сунъӣ зиёд карда мешавад, нишондиҳандаи арзиши кадастрӣ бошад, бештар ба нишондиҳандаи қимати захираҳои замин барои ҷомеа мувофиқат мекунад.

Дар робита ба муайян кардани коэффитсиенти капитализатсияи заминҳои кишоварзӣ, олимони гуногун шумораи зиёди тавсияҳои мухталифро пешниҳод мекунанд. Масалан, М.М. Газалиев чунин мешуморад, ки барои ба вуҷуд овардани ҳосилнокии самаранок дар шароити табиӣ 100 сол ва бештар аз он талаб карда мешавад [7].

А. Рисмятов ҳангоми баҳодиҳии дороиҳои заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ бо усули даромаднокӣ муҳлати капитализатсияро ба даври ҳаётии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводории истеҳсолшаванда вобаста мекунад [8]. Ба ақидаи ӯ, ин давра ба 10 сол баробар аст, зеро тақрибан дар муддати даҳ сол азнавкунии базаи техникии корхона ба вуҷуд меояд, навъҳои нав, технологияҳои нав пайдо мешаванд, ротатсияи кормандон ва ғайра ба амал меояд.

Ба ақидаи мо, муқаррар кардани муҳлати миёнаи беҳтарин зарур аст, ки ин барои кам шудани натиҷаҳои ба дастомадаи бисёрқиммата имкон медиҳад. Мо чунин мешуморем, ки муҳлати капитализатсия метавонад бо чунин бузургӣ, ба монанди давомнокии ҳаёти фаъоли корхонаҳои кишоварзӣ алоқаманд карда шавад. Ба андешаи мо, таърифҳои мафҳумҳои мазкурро ба таври зерин таҳия кардан мумкин аст. Меъёри капитализатсия дар баҳодиҳии амвол ин меъёри даромадест, ки робитаи байни даромади овардашаванда ва арзиши объекти баҳодиҳиро инъикос мекунад. Он ҷамъшавии фойидаи солонаро дар давраи муайяни капитализатсия бо дарназардошти ҳамаи хавфҳои ба объект хос инъикос менамояд

Баҳодиҳии умумии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баҳисобгирӣ ва таъмини иттилоотии идоракунии давлатии захираҳои замин истифода мешавад, дар айни замон баҳодиҳии кадастрии замин мебошад. Муайян кардани арзиши кадастрӣ ба зиммаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Корҳои баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз 12.05.2001 таҳти №18 ва мувофиқи «Дастури услубӣ оид ба баҳои сифатии хок ва баҳои иқтисодии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки соли 2004-ум, баъди мувофиқа намудан бо Вазорати кишоварзӣ, Вазорати иқтисод ва савдо, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатӣ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.08.2003 таҳти №99 ба қайд гирифта шуда, бо қарори коллегияи Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2004 тасдиқ шудааст, иҷро карда мешавад.

Мақсади асосии баҳодиҳии кадастрии замин аз баҳодиҳии иқтисодии замин ва баҳисобгирии арзиши замин дар таркиби захираҳои табиӣ, инчунин муқаррар кардани пардохти асоснок барои замин иборат мебошад. Он ба таснифоти замин аз рӯйи таъйиноти мақсаднок ва истифодаи функсионалӣ асос меёбад [9].

Баҳодиҳии яклухти заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» оғоз гаштааст. Дар давраи пеш аз ислоҳот заминҳои хоҷагиҳо, ҳамчун воситаи истеҳсолот барои эҳтиёҷоти таъминоти иттилоотӣ ва дастгирии меъёрии низоми банақшагирӣ ва маъмурии системаи идоракунии хоҷагӣ ҳангоми банақшагирӣ ва таҳлили маҳсулнокӣ ва асосноккунии ҷойгир намудани нақшаҳои хариди давлатии маҳсулоти кишоварзӣ арзёбӣ мегардиданд. Дар робита бо кӯшишҳои ҷорӣ намудани ҳисоб-баробаркуниҳои дохилихочагӣ, рушди пудрати иҷоравӣ ва дигар масъалаҳои хоҷагидорӣ аз аввали солҳои 2004 сар карда, дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи «Дастури услубӣ оид ба баҳои сифатии хок ва баҳои иқтисодии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳодиҳии дохилихоҷагии замин гузаронида шуда истодааст.

Тибқи усули баҳодиҳии кадастрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои кишоварзӣ сарфи назар аз навъи истифода барои замини корам ё заминҳои дарави алафҳои табиӣ, чарогоҳ ё дарахтони бисёрсола ҳамчун захираи истеҳсолӣ арзёбӣ карда мешаванд. Баҳодиҳии дарахтони бисёрсола бо методикаи мазкур бояд такмил дода шавад. Дарахтони мевадиҳандаи бисёрсола, ҳамчун дарахтони баландинтенсивӣ ва намуди замин, бе шубҳа бояд объектҳои алоҳидаи баҳодиҳии кадастрӣ бошанд. Аммо, мутаассифона, усули расмии баҳодиҳии онҳо ҳанӯз вуҷуд надорад. Танҳо лоиҳаҳои усулҳо (методикаҳо) вуҷуд дорад.

Бино ба ақидаи бисёр олимон, усули имрӯзаи ҳисоб намудани арзиши кадастрии заминҳои таъйиноти кишоварзӣ ба бузургии рентаи аз ҷиҳати назариявӣ дар шароити муайяни иқтисодӣ имконпазир, вале на воқеӣ, ки ба вазъи ҳозира дар мамлакат ҷавобгӯ аст, такя мекунад. Ин боиси беасос баландшавии он мегардад. Ҳатто дар ҳолати истифода кардани меъёрҳои пасти андоз кафолат дода намешавад, ки аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ на фақат даромади зиёдатӣ, ки амалан вуҷуд надорад, балки маҳсулоти зарурии изофагӣ низ гирифта намешавад, ки ин ҳолат метавонад вазъияти бе ҳамон ҳам душворро дар соҳаи кишоварзӣ мушкилтар гардонад. Ҳангоми чунин муносибат ҳеҷ асосе барои тасдиқи он нест, ки нархи кадастрӣ метавонад ба сифати механизми иқтисодии самаранокии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад.

Таҳлили услубҳои баҳодиҳии кадастрии давлатии заминҳои кишоварзиро анҷом дода, мо камбудиҳои зерин ва самтҳои такмил додани онро қайд намудем.

Методикаи баҳодиҳии кадастрии давлатии моҳиятан статикӣ ва инерсионӣ буда, тағйирпазирии муносибатҳои имрӯзро дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷудояндаро инъикос намекунад. Аз ин рӯ, барои нисбатан мобилӣ (сайёр) кардани арзиши кадастрӣ, мо таъсис додани механизми институтсионалии (ниҳодии) назорати нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва дастрасиро ба ин иттилоот барои ҳамаи шахсони манфиатдор мувофиқи мақсад мешуморем. Яъне индексатсияи даврии меъёрҳои истифодашавандаро пешбинӣ кардан зарур аст.

Методикаи ҷойдоштаи баҳодиҳии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми баҳодиҳии зироатҳои кишоварзӣ дар заминҳои корами лалмӣ, аз руйи ду зироат, яъне зироат-

ҳои ғалладонагиҳо ва алафҳои бисёрсола арзёбӣ мегарданд. Ба андешаи мо, дар қатори баҳодиҳии зироатҳои кишоварзии заминҳои корами лалмӣ, иловагӣ низ зироати сабзавоту полезиро арзёбӣ намудан мувофиқи мақсад мешуморем. Иловатан, дар чарогоҳҳо ва алафзорҳо ҳангоми баҳодиҳии арзиши қитъаи ин заминҳо, хароҷотҳои азхудкунӣ ва такрористеҳсолкунӣ ҳамроҳ карда мешаванд. Ба ақидаи мо, ин хароҷотҳо ҳисоб карда нашаванд, зеро, ки дар ин заминҳо хароҷотҳои технологӣ ба амал намеоянд.

Барои баланд бардоштани дараҷаи воқеияти баҳодиҳии кадастрии давлатии заминҳои кишоварзӣ ҳисоби рентаи заминро бо нишондоди даромаднокии умумии растанипарварӣ ва чорводорӣ мувофиқат кунонидан мувофиқи мақсад аст. Барои баҳодиҳии кадастрии майдонҳои хӯроки чорво арзёбии онҳоро аз рӯйи арзиши аслии хӯрока ва даромаднокии чорводорӣ тавсия додан мумкин аст. Дар натиҷаи ин, ба андешаи мо якбора тафриқасозии нишондиҳандаҳои арзиши кадастрӣ барои объектҳои баҳодиҳӣ паст мегардад, зеро қисми зиёди маҳсулоти умумӣ ва хароҷот дар чорводорӣ ба ҳосилхезии хок ва воситаҳои технологии заминҳо номутаносиб мебошад.

Камбудиҳои баҳодиҳии кадастрии заминҳои кишоварзии дар боло қайдшударо ба назар гирифта, ба хулоса омадан мумкин аст, ки вай ба талаботи асосии худ: баҳисобгирии даромадҳои воқеӣ ва арзиши ҳуқуқи истифодабарии замин ҷавобгӯ нест. Аммо, бо вуҷуди камбудиҳо доштани баҳодиҳии иқтисодии замин, онро ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии бозори иттилоот ва нишондиҳандаҳои арзёбии ҷудогонаро, ки дар маводҳои корҳои баҳодиҳии замин мавҷуданд, истифода кардан мумкин аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо ба хулоса омадем, ки барои самаранок фаъолият кардани иқтисодиёти мамлакат, идоракунии оқилонаи давлатии захираҳои замин тавассути барқарор кардани бори (вазнинии) андози нисбатан одилона ва ба ин васила дастгирӣ намудани соҳаи кишоварзӣ, инчунин амалисозии бисёр амалиёти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ бо замин (хариду фурӯши ҳуқуқи истифодабарии замин, тақсимкунӣ, ба расмиёт даровардани гарав ва ғайра), арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои заминро муайян кардан зарур аст. Ва ҳарчанд, ки татбиқи усулҳои баҳодиҳии арзиши бозорӣ ҳангоми амалисозии баҳодиҳии умумии замин мушкил аст, муайян намудани маҳз арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои мушаххаси замин асоси ба роҳандозии бисёр механизмҳои бозоргонӣ мебошад. Ҳамин тариқ, қатъи назар ба таҷрибаи бисёрсола дар корҳои баҳодиҳии замин дар кишвари мо, баҳодиҳии арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ҳам дар методология ва ҳам ташаккули муносибатҳои бозорӣ ба мушкилоти зиёд дучор мешавад. Вазъияти мазкур дар навбати аввал дар натиҷаи набудани бозори замин, қатъи назар аз бозори иҷораи замин дар кишвар ва чун натиҷа, усулҳои муқарраргардидаи баҳодиҳии бозоргонӣ ба вуҷуд меояд.

АДАБИЁТ:

1. Абдалимов А., Қурбонов К. Ю. Выравнивание объективных условий использования различных категорий сельскохозяйственных земель. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2015.- С.139
2. Абдалимов А. Механизми ҳавасмандгардонии иқтисодии истеҳсо-лоти хоҷагии қишлоқ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2/8(181).- Душанбе: Сино.- 2015. -С. 225-231
3. Сергеев Н.А., В.Ф. Могила, А.А. Новиков, В.В. Макаров, О.Е. Медведева; под общ. ред. Н.А. Сергеева. Оценка сельскохозяйственных земель: учеб. пособие для вузов по спец.147120301 «Землеустройство»/ - Новочеркасск, 2004. -С.148.
4. Райзберг, Б.А. Рыночная экономика: учеб. пособие / Б.А, Райз-берг. - М.: Деловая жизнь, 1995. -С. 224.
5. Розен, Л. К вопросу об абсолютной ренте и ее использовании при оценке сельскохозяйственных угодий / Л. Розен // Достижения науки и техники АПК. – 2004, №2. -С. 43-45.
6. Медведева, О.Е. Оценка стоимости земель сельскохозяйственного назначения и иного сельскохозяйст-венного имущества: прил. к журн. «Имуществ. отношения в Рос. Федерации» / О.Е. Медведева. - М. [Междунар. акад. оценки и консалтинга]. -2004. -С.128.
7. Газалиев, М.М.Оценка земель сельскохозяйственного назначения в Калужской области/ М.М. Газалиев//Экономика сельскохозяйственных предприятий. -2003, №11.-С.22-24.
8. Рысьмятов А. Мониторинг уровня капитализации аграрного предприятия/А.Рысьмятов, А.Набока, Е.Следева // Международный сельскохозяйственный журнал. -2004, №6. -С.3-9.
9. Маҷмуи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, бобби 2-Муқаррароти умумӣ, моддаи 5. Объекти баҳодиҳӣ, Душанбе. 2004. -С.122.

АННОТАЦИЯ

МЕТОДЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ОЦЕНКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ

В статье подробно описаны основные методы экономической оценки сельскохозяйственных земель, а также отмечено, что земля, как основное средство сельскохозяйственного производства, в балансе не учитывается. Поэтому необходимо, чтобы в новых экономических отношениях стоимость земельного участка определялась по рентному методу оценки. В этом контексте, на основе исследований зарубежных и отечественных экономистов, в статье классифицируются различные методы оценки земельных участков сельскохозяйственного назначения.

Ключевые слова: *рента, цена земли, землепользователь, земельный участок, дифференциация, экономическая оценка земель.*

ANNOTATION
METHODS OF ECONOMIC ASSESSMENT OF AGRICULTURAL LANDS

The article describes in detail the main methods of economic assessment of agricultural land and notes that Land, as the main means of agricultural production, is not taken into account in any way in the balance sheet. Therefore, it is necessary that in the new economic relations the value of the land plot be determined by the rental valuation method. In this context, based on the research of foreign and domestic economists, the article classifies various methods of assessing agricultural land plots.

Keywords: *rent, land price, land user, land plot, differentiation, economic valuation of land.*

Сведение об авторе:
Элмуродов Хуршед Зохиржанович- кандидат экономических наук., доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского аграрного университета имени Ш. Шотемур. Телефон: (+992 93) 3350555; Hura0742@mail.ru

Information about the authors:
Elmurodov Khurshed Zohirjanovich – candidate of economic sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics of the Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur. Phone: (+992 93) 3350555; E-mail: Hura0742@mail.ru

ТДУ: 633. 15: 631.5

САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ПАРВАРИШИ ҶУВОРИМАККА ВОБАСТА БА НАВЪҲО

Аламуратов Б.Б.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *ҷуворимакка, ангорӣ, фосилавӣ, киштҳои асосӣ, самаранокии иқтисодӣ, навъҳо, арзиши маҳсулот, гектар, даромади соф*

Зироаткории интенсивӣ дар заминҳои корами обёришаванда бояд ба нақша гирифта, идора карда шавад. Истифодаи маҳсулнокии заминҳои корами обӣ тавассути киштҳои асосӣ, такрорию ангорӣ ва фосилавӣ дар низоми парвариши се ҳосили хӯрокаҳо ва ду дон дар як сол шарти муҳими самаранок ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагиҳои мухталиф ба шумор меравад. Танҳо самаранок истифодабарии захираҳои заминию биоиқлимӣ шароит фароҳам меоваранд, ки ҳадафҳои пешбинишуда ҳалли худро ёбанд.

Дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ новобаста аз даврахои он таҳияи илман асосноки харитаи технологӣ зинаи муҳими ташкилӣ ба шумор меравад. Дар ин ҳуҷҷат нақшаи муфассали чорабиниҳои пайи ҳам иҷрошаванда, муҳлатҳо, миқдор ва сифати ҳама корҳо аз тайёрии тухмиҳо сар карда то ҷамъоварии ҳосил бо инъикоси нишондодҳои самаранокии иқтисодӣ ҷой дода мешаванд [1].

Яке аз нишондодҳои муҳиме, ки самаранокии ин ва ё он зироат, навъ, дурага ва дигар унсурҳои таҳқиқшавандаи технологиро тавсиф менамояд, ин арзиши аслии маҳсулот ва дарачаи даромаднокӣ ба шумор меравад. Чунки баландравии истеҳсоли маҳсулотро набояд бо ҳар гуна арзиш, балки бо масрафҳои минималии меҳнатию воситаҳои истеҳсолот ба даст оварда шавад.

Маълум аст, ки муфидияти ҳаргуна тарҳрезиҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тавассути натиҷаҳои ниҳоии самаранокии иқтисодии омилҳои таҳқиқшаванда маълум карда мешавад. Дар ин радиф шумораи зиёди таҳқиқотчиён самаранокии киштҳои ангориро дар низоми рӯёнидани ду ҳосили дон дар як соли нашвӣ собит намудаанд [2].

Масалан, Каримов А. (1970) аз рӯйи натиҷаи таҳқиқотҳояш дар шароити вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) ба хулосае меояд, ки дар мавриди парвариши ду ҳосили дон дар як соли нашвӣ, баромади маҳсулот назаррас зиёд шуда, низоми истифодабарии заминҳои шадидгашта, маҳсулнокии ҳар як гектар ду маротиба меафзояд. Дар шароити заминҳои корами обёришавандаи Ҷумҳурии Туркманистон дар мавриди парвариши гандуми тирамоҳӣ ва ҷуворимаккаи ангорӣ барои дон дар ҳамон майдон бузургии даромади 352 рублро ташкил намудааст (Б.Мамедханов, 1972) [3].

Тибқи маълумоти В.Х.Зубенко ва диг. (1969) дар ноҳияи Дони кишвари Краснодар дар ҳолати тавъами гандуми тирамоҳӣ бо ҷуворимакка ва ҷав бо ҷуворимакка шароит фароҳам оварданд, ки аз ҳар як гектар мутаносибан 191,09 ва 413,0 сомонӣ ба даст оварда шавад. Натиҷаи таҳқиқоти мо дар мавриди омӯзиши алоқамандии маҳсулнокии ҷувормакка дар киштҳои ангорӣ дар шароити хоҷагии «Ҳисор»-и ноҳияи Фархор вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои онҳо самаранокии иқтисодии ин усули истифодаи заминҳои корами обиро дар низоми парвариши ду ҳосили дон дар давоми як соли нашвӣ собит менамоянд (ҷадв.1) [4].

Аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда маълум мешавад, ки дар доираи навъҳою зичии ниҳолҳо масрафҳои истеҳсол кам тағйир меёбанд. Фарқиятҳо дар доираи аз 6707,3 то 6744,4 сомонӣ/га тағйир ёфта, тафовут ҳамагӣ 37,1 сомони/га ро ташкил мекунад. Нишондоди арзиши маҳсулот вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои онҳо куллан тағйир меёбад. Дар доираи навъҳо нишондоди баландтарини арзиши маҳсулоти аз ҳар як гектар истеҳсолшуда дар варианти 60 ҳазор/га навъи «Дилшод» (11400,0 сомонӣ/га) ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондод нисбати вариантҳои беҳтарини (50 ҳазор/га) навъҳои «Аскар», «Зоҳир», «Шуҳрат» мутаносибан 750,0; 1350,0 ва 2700 сомонӣ/га зиёд аст. Дар навъҳои «Аскар», «Зоҳир» ва «Шуҳрат» варианти 50 ҳазор

растанӣ/га мутаносибан бо нишондодҳо 10650,0; 10050,0 ва 8700,0 сомонӣ/га нисбати дигар вариантҳо бартарӣ доранд [4].

Ҷадвал.-Самаранокии иқтисодии парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳои мухталиф ва зичии ниҳолҳои онҳо

Навъҳо	Зичии ниҳолҳо, ҳаз./га	Ҳосили дон, с/га	Арзиши маҳсулот аз 1 га, сомонӣ	Масрафҳои истеҳсолӣ дар 1 га, сомонӣ	Арзиши аслии 1с дон, сомонӣ	Даромади соф аз 1 га, сомонӣ	Дараҷаи даромаднокӣ, %
Аскар	40	67,0	10050,0	6735,4	100,5	3315,3	49,2
	50	71,0	10650,0	6739,5	94,9	3910,5	58,0
	60	60,0	9000,0	6732,1	112,2	2267,3	33,7
	70	45,0	6750,0	6713,4	149,2	360,6	5,4
Зоҳир	40	61,0	9150,0	6729,8	150,0	2420,2	36,0
	50	67,0	10050,0	6735,4	100,5	3314,6	49,2
	60	65,0	9750,0	6733,4	103,4	3016,6	44,8
	70	48,0	7200,0	6716,6	139,9	483,4	7,2
Шухрат	40	56,0	8400,0	6724,9	120,1	1675,1	25,0
	50	58,0	8700,0	6726,5	116,0	1973,5	29,3
	60	49,0	735,0	6717,7	137,1	632,3	9,4
	70	41,0	6150,0	6707,3	163,6	557,3	8,3
Дилшод	40	57,0	8550,0	6725,2	117,9	1824,8	27,1
	50	58,0	8700,0	6726,5	116,0	1973,5	29,3
	60	76,0	11400,0	6744,4	88,7	4655,6	69,0
	70	68,0	10200,0	6737,8	99,1	3762,2	55,8

Муфидияти парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ аз рӯйи нишондодҳои арзиши аслии маҳсулот, даромади соф ва дараҷаи даромаднокӣ аз як воҳиди заминҳои корами обӣ тасдиқи худро меёбад. Дар ин самт натиҷаи таҳқиқотҳои мо собит менамоянд, ки ба бузургии ин нишондодҳо навъҳо ва зичии ниҳолҳои онҳо таъсири калон мерасонанд. Масалан, дар мавриди парвариши навъи «Аскар» вобаста ба зичии ниҳол (40, 50, 60 ва 70 ҳаз./га) арзиши аслии маҳсулот аз 94,9 то 149,2 сомонӣ/ га даромади соф аз 36,6 то 3910,5 сомонӣ/га ва дараҷаи даромаднокӣ аз 0,5 то 58,0% тағйир меёбад. Аз лиҳози самаранокӣ нишондодҳои пасттарин (149,2 сомонӣ/га; 36,6 сомонӣ/га ва 0,5%) дар варианти 70 ҳаз./га ва беҳтарин (94,9 сомонӣ/га; 3910,5 сомонӣ/га ва 58,0%) дар варианти 50 ҳаз./га ба қайд гирифта шудааст.

Ин қонунияти тағйирёбии нишондодҳои тавсифкунандаи самаранокии иқтисодии парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба зичии ниҳолҳо дар навъҳои «Зоҳир» ва «Шухрат» низ баръало зоҳир мешавад. Варианти 50 ҳаз./га-и ин навъҳо ва мутаносибан бо нишондодҳои 100,5 сомонӣ/с; 3314,6 сомонӣ/га; 49,2% ва 116,0 сомонӣ/с; 1973,5 сомонӣ/га нисбати вариантҳои 40, 60 ва 70 ҳаз./га ниҳол бартарӣ доранд. Ин тамоили ба мушоҳида расида дар навъи «Дилшод» нисбат ба ин навъҳо тафовут дорад. Дар киштҳои ангории ин навъ варианти 60 ҳаз./га нисбати дигар варианти зичии ниҳолҳо-40,50 ва 70 ҳаз./га бартариро доро мебошад. Бузургиҳои нишондодҳои арзиши аслии маҳсулот, даромади соф ва дараҷаи даромаднокӣ мутаносибан ба ин нишондодҳо 88,7 сомонӣ/с; 4655,6 сомонӣ/га ва 69,0%ташкил намуда нисбати дигар вариантҳо 10,4-29,2 сомонӣ/с кам ва 1193,4-2830,8 сомонӣ/га ва 17,6-41,9% зиёд мебошанд.

Дар умум дар шароити таҷрибаҳои саҳроӣ аз лиҳози самаранокӣ нишондодҳои беҳтарини арзиши аслии маҳсулот ва даромади соф аз 1 га ва инчунин дараҷаи даромаднокии парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ дар варианти 60 ҳаз./га-и навъи «Дилшод» ба қайд гирифта шудааст. Бузургиҳои нишондодҳои арзиши аслии маҳсулот, даромади соф ва даромаднокии парвариши ҷуворимакка нисбат ба вариантҳои беҳтарини навъҳои «Аскар», «Зоҳир» ва «Шухрат» мутаносибан 6,2; 11,7; 27,3 сомонӣ/с, 745,1; 1341,0 2682,1 сомонӣ/га, 11,0; 19,8; 44,0% зиёданд.

Нишондодҳои пасттарини самаранокии иқтисодии парвариши ҷуворимаккаро дар киштҳои ангорӣ тавсифкунанда дар навъи «Шухрат» ба мушоҳида мерасад. Бузургии нишондоди даромаднокӣ дар доираи зичиҳои 40, 50, 60 ҳаз./га мутаносибан 25,0%; 29,3 ва 9,4%-ро ташкил намуда, дар зичии 70 ҳаз/га-и ниҳолҳо ҳатто 557,3 сомонӣ/га зарар меоварад.

Таҳлили маводи самаранокии иқтисодии ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои онҳо нишон медиҳад, ки навъҳои «Аскар», «Зоҳир» бо зичии ниҳолҳо 50 ҳаз./га ва «Дилшод» бо зичии 60 ҳаз./га ниҳолҳо шароит фароҳам меоваранд, ки аз ҳар як воҳиди масоҳати мутаносибан 3910,5; 3314,6 ва 4655,6 сомонӣ/га даромади соф бо дараҷаи даромаднокии 58,0; 49,2 ва 69,0% ба даст оварда шавад.

Тавъами ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ бо кишти асосии гандуми тирамоҳӣ имконият медиҳад, ки қувваҳои корӣ, захираҳои обӣ, мошинолоти кишоварзӣ ва дигар воситаҳои истеҳсолот ва ба ин васила захираҳои хокию биоиқлимӣ самаранок истифода бурда шаванд.[5]

Парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангории тобистона бо мақсади ба даст овардани ҳосили дуюми дон аз заминҳои корами обӣ дар таъмини чорводорӣ бо хӯрокаҳои сергизо низ аҳамияти калонро доро мебошанд. Татбиқи васеи киштҳои ангорӣ дар истеҳсолот имконият медиҳад, ки хоҷагиҳо масоҳати кишти зироатҳои камқиматро кам ва дигар зироатҳои пурбаҳоро зиёд намоянд.

АДАБИЁТ:

1. Мирзовалиев М.М. Два урожая в год в Гиссарской долине // Сельское хозяйство Таджикистана, 1983. - №2 – С 39.
2. Касымов Д.К., Набиев И.Н., Махмадёров У.М. Программирование урожаев пожнивной кукурузы // Вестник «Кишоварз». – 1993. - №3. – С. 51
3. Литвинов В.Н., Бойсариев М.Э., Мирзовалиев М.М. Пути увеличения производства зерна и кормов в Таджикистане // Обзорн. информ. – Душанбе. – 1992 – 106 с.
4. Набиев Т.Н. Особенности получение двух урожаев зерна на орошаемых землях: Учебное пособие – Душанбе, 1995. – С. 59.
5. Шукуров Р.Э. Агротехнические аспекты программирования урожаев зерновых культур и хлопчатника в Таджикистане – Душанбе: Сармад - Компания, 2009. – 220 с.

АННОТАЦИЯ

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ ВЫРАЩИВАНИЯ КУКУРУЗЫ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ СОРТОВ

В статье приводится данные о продуктивности орошаемых земель за счет основных, повторных и промежуточных посевов в системе выращивания трех урожаев продовольственных и двух зерновых культур в год. Рассматривается важное условие эффективной реализации деятельности различных хозяйств, повышения эффективности является лучшим показателем первоначальной стоимости продукции и чистого дохода с 1 га, а также зафиксирован уровень рентабельности выращивания кукурузы в зависимости от густоты стояние растений по вариантам 60 тыс./га сорта «Дилшод».

Ключевые слова: *кукуруза, пожнивные культуры, промежуточные культуры, основные культуры, экономическая эффективность, виды, себестоимость продукции, га, чистый доход*

ANNOTATION

COST EFFECTIVENESS OF GROWING MAIZE BY VARIETY

The article on the productivity of irrigated lands through main, repeated and intermediate crops in a system of growing three harvests of food and two grain crops per year examine sanim port ant condition for the effective in plementation of the activities of various farms, increasing efficiency is the best in dictator of the ideal cost of production and net income from 1 hectare, and al sore corded the level of profitability of growing corn in the vineyard in the variant of 60 thousand/ha of the «Dilshod» variety.

Key words: *corn, post-harvest crops, intermediate crops, main crops, economic efficiency, types, cost of products, hectares, net income.*

Сведения об авторе:

Аламуратов Бахтиёр Боронович – кандидат сельскохозяйственных наук, старший преподаватель кафедры агрохимии и почвоведения Таджикского аграрного университета им. Ш. Шахтемур, 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Рудаки 146, E-mail: alamuratov.Бахтиёра72@ mail.ru .(+992) 918-55-40-93

Information about the author:

Alamuratov Bakhtiyor Boronovich – candidate agricultural sciences, senior teacher of the department of agro chemistry and soil science of the TAU named after Sh. Shotemur, 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Street 146, E-mail: alamuratovBahtiyor72@mail.ru tel.(+992) 918-55-40-93

ТДУ 633.11 // 633.37 (575.3)

БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ҒАЛЛАДОНАГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдуллоев Д.А.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *рушд, зироатҳои галладонагӣ, самаранокӣ, истеҳсолот, ҳосилнокӣ, майдон, соҳа.*

Дар шароити инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ заминаи асосии рушди минбаъдаи истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ин вусъатбахшии технологияи парвариш бо назардошти татбиқи технологияи инноватсионӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои моддию техникии соҳа, интенсификатсия ва махсусгардонии истеҳсолот дар асоси дастгирии давлатӣ бо корхонаҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ғалладонагӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чандин ҷаласаю вохӯриҳо дар назди олимону мутахассисони соҳа оид

ба рушди корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва аҳолӣ вазифаҳои мушаххас гузоштаанд. Таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар яке аз масъалаҳои муҳим дар назди олимон, кишоварзон ва деҳқонон мебошад. Аз ин рӯ, сиёсати ҳукумат барои тараққӣ додани соҳаи ғаллакорӣ ва афзун намудани ғаллаи худӣ равона карда шудааст.

Бинобар ин, дар сурати истифодаи навгониҳои илмии ҷаҳонӣ, татбиқи технологияҳои муосир, ҷорӣ кардани дастовардҳои илм дар истеҳсолот ва мустаҳкам кардани робитаи илму истеҳсолот, соҳаи кишоварзии мамлакат метавонад зина ба зина рушд кунад.

Баланд бардоштани самаранокии минбаъдаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ мушкилоти мураккаби имрӯзаи соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта шуда, ҷиҳати муайян намудани мушкилоти ҷойдошта истифодаи як қатор масъалаҳои методологиро дар омӯзиши хусусиятҳои самаранокии истеҳсолӣ талаб менамояд, ки аз меъёр ва нишондиҳандаҳои он вобаста аст.

Дар ҳалли масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ татбиқи муносибати такрористеҳсолкунии муносиб вобаста ба имкониятҳои истеҳсолӣ зарур мебошад.

Дар шароти бозор муҳим аст, ки намудҳои самаранокиро вобаста ба аломатҳояшон ҷудо намоем, чунки ҳамаи онҳо аҳамияти амалӣ доранд. (расми 1.)



Расми 1. - Намудҳои самаранокии истеҳсолот аз рӯйи аломатҳои алоҳида

Баъзе иқтисодчиён самаранокии технологиро ҳамчун омили рушди системаи соҳаҳои истеҳсолот дар муқоиса бо меъёрҳо ва стандартҳои илмии асоснокшуда ва инчунин таҷрибаҳои хоҷагиҳои пешқадам тавсиф мекунанд.

Дар ғаллапарварӣ низ, ба монанди дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ намудҳои самаранокӣ: иқтисодӣ, истеҳсолӣ - технологӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ муайян ва қабул карда шудаст. Ҳамаи онҳо ба ҳам вобастагӣ ва алоқамандӣ доранд (расми 2).

Шарти асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ин коркарди механизми иқтисодии фаъолияти корхонаҳои ғаллапарварие мебошад, ки ба ду самт нигаронида шудааст:

- дар асоси талаботи муносибатҳои бозори худтанзимкунии истеҳсолот, рақобатпазирии он, талабот ва пешниҳод фишанги асосӣ мебошад;
- бо ёрии усулҳои иқтисодӣ танзимкунии давлатӣ.

Айни замон, барои ба танзимории истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ва баланд бардоштани самаранокии он зарур аст, ки ҷиҳати расидан ба мақсади гузошташуда, самтҳои мақсадноки ташкили ҳамгиро дар сохторҳои гуногун ва муттаҳидсозии якҷояи фаъолиятро амалӣ намоем.

Дар ҷумҳурӣ ҳамасола дар масоҳати 75-80 ҳазор гектар замин дар кишти такрорӣ барои парвариши навъҳои тезпаз ва миёнапази зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешавад, ки ин барои рӯёнидани 15-50 с/га ҳосили дони иловагӣ имконияти мусоид фароҳам меоварад.

Истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда имконият медиҳад, ки аз ҳар гектар замин ду ҳосили дон ва дар маҷмуъ аз кишти асосӣ зиёда аз 1 миллион ва аз кишти такрорӣ бошад, 400-450 ҳазор тонна ҳосили ғалла истеҳсол карда шавад. Дар ҳолати зиёд намудани ҳосилнокии миёнаи гандум ба 45-50 с/га, имконият пайдо мешавад, ки истеҳсоли солонаи ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишти асосӣ ва такрорӣ ба 1,8-2,0 млн. тонна расонида шавад [4].

Бо назардошти таҳлили дар боло овардаамон масоҳати майдони кишти ғалладонагиҳо дар соли истеҳсолии 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 391,484 ҳазор гектар баробар гардида, ин нишондод дар соли истеҳсолии 2023 ба 398,318 ҳазор гектар баробар гардидааст, ки нисбат ба нишондоди аввал 1,7 % зиёд мебошад.

Расми 2. - Алоқамандии байниҳамдигарии самаранокӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ

Дар соли истеҳсолии 2020 дар ҷумҳурӣ 1561,356 ҳаз. тонна ғалладонагӣ истеҳсол карда шудааст, ки ба як га 31,1 сентнер рост меояд. Ин нишондод дар соли истеҳсолии 2023 ба 1754,890 ҳазор тонна баробар гардид, ки нисбат ба соли истеҳсолии 2020- 193,5 ҳаз/т зиёд мебошад. Ин аз баланд гардидани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 1. - Масоҳати майдони зироатҳои ғалладонагӣ дар шаклҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, га

Солҳо	Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ		аз ҷумла					
			Корхонаҳои кишоварзӣ		Хоҷагиҳои деҳқонӣ		Хоҷагиҳои аҳолӣ	
	Ҳамагӣ	%	Ҳамагӣ	%	Ҳамагӣ	%	Ҳамагӣ	%
2020	391484	100,0	56236	14,3	245902	62,8	89346	22,8
2021	394546	100,0	53094	13,4	254577	64,5	86875	22,0
2022	390531	100,0	62188	16,0	242805	62,2	85538	21,9
2023	398318	100,0	59858	15,0	252793	63,5	85667	21,5

Сарчашма: ***Ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024.***

Таҳлили маълумотҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар байни шаклҳои хоҷагидорӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ нисбатан самараноктар арзёбӣ гардидаанд. Дар хоҷагиҳои ғаллапарварӣ нишондиҳандаҳои иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ беҳтар ба мушоҳида мерасад.

Маълумоти ҷадвали 1 шаҳодат аз он медиҳад, ки агар соли 2023-ро дида бароем, масоҳати кишти зироатҳои ғалладона дар байни шаклҳои хоҷагиодорӣ дар хоҷагии деҳқонӣ мебошад, ки 63,5%-ро ташкил додааст.

Дигар намуди шаклҳои хоҷагидорӣ бошад, дар якҷоягӣ 36,5%-ро ташкил додааст.

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур, хулоса карда мешавад, ки мавқеи махсус ва устуворро дар истеҳсоли зироатҳои ғалладонагӣ шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон касб намудаанд. Ин ба он алоқаманд аст, ки аҳолии ин минтаҷа аз замонҳои пеш ба парвариши ғалладонагиҳо машғул мебошанд.

Ҷадвали 2.-Динамикаи рушди зироатҳои ғалладонагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2021 - 2023

Минтақаҳо	Нишондиҳандаҳо					
	Хосили умумӣ, ҳаз.тонна			Майдони кишт, ҳаз. га		
	2021	2022	2023	2021	2022	2023
ВМКБ	7,239	7,515	7,775	4,889	4,753	4,789
Вилояти Хатлон	1032,680	1115,612	1086,171	190,179	192,045	197,872
Вилояти Суғд	328,667	396,234	409,762	128,107	125,656	127,351
Ноҳияҳо тобеи ҷумҳурӣ	211,829	230,706	245,297	70,102	66,780	67,277
Душанбе	5,881	6,297	5,905	1,269	1,297	1,029
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	1586,292	1756,364	1754,890	394,546	390,531	398,318

Сарчашма: ***Ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024***

Дар ин минтақа намудҳои мухталифи зироатҳои ғалладонагӣ: гандум, шолӣ, ҷуворимакка барои дон ва зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва ғайраҳо васеъ парвариш карда мешаванд. Ин зироатҳо ба саломатии инсон аҳамияти калон дошта, васеъ истифода карда мешавад, ҳамчунин дар саноати қаннодӣ низ истифода мегардад.

Ба хотири муайян намудани хусусияти ҷойгиркунӣ ва истеҳсоли ғалладонагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоҳати майдони кишти ғалладонагиҳоро дар солҳои таҳлилии 2021 ва 2023 вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ баррасӣ менамоем. Соли 2021 -1,2% масоҳати ғалладонагиҳо дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 32,4% дар вилояти Суғд, 17,7% дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 48,2% дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон парвариш карда шудааст.

Ҳамин таносуб дар соли истеҳсолии 2023 низ нигоҳ дошта шуда, мутаносибан дар минтақаҳо ба 1,2; 31,9; 16,8 ва 49,6% баробар гардидааст. Аз ин хулоса карда мешавад, ки вилояти Хатлон муҳимтарин минтақаи ғаллапарварии ҷумҳурӣ буда, пас аз он дар ин росто шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд меистад.

Ҷадвали 3.-Ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ дар шаклҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, га

Солҳо	Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ	аз ҷумла		
		Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ
2020	31,1	26,3	30,8	34,8
2021	30,7	25,4	30,4	34,7
2022	33,3	28,4	33,5	36,2
2023	31,3	26,2	31,7	33,7

Сарчашма: ***Ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024***

Ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ дар соли муқоисавии 2023 дар дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон 31,3 сентнер баробар гардидааст, ки нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ,ки нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ҳосилнокии баланд доранд, 2 сентнер аз 1 га камтар мебошад. Ҳамин таносуби фарқияти ҳосилнокӣ дар соли истеҳсолии 2020 ба 3,7 сент/га мебошад. Ин фарқият пеш аз ҳама ба таъсири омилҳои иқлимӣ ва раванди дурусти диверсификатсияи соҳаи ғалладонагӣ вобаста бошад, аз нигоҳи дигар ба ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ дар як гектар вобаста мебошад. Бинобар ин, аз таҳлили дар боло овардашуда, хулоса кардан зарур аст, ки ҳангоми дуруст ҷойгир кардани истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар шаҳру навоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то 30-35,3 фоиз ҳосилнокӣ ва дараҷаи даромаднокиро низ зиёд кардан имконпазир аст. Хулоса, омӯзиши шароити табиӣ ва иқтисодии хоҷагиҳои ғаллапарвар, чун омили муҳим, ҷиҳати татбиқи хусусияти хоси ҷойгиркунии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Масоҳати умумии майдони кишти зиротаҳои ғалладонагӣ дар ҷумҳурӣ дар соли истеҳсолии 2023 ба 398,318 ҳаз/га баробар гардида, аз ин масоҳат 1754,890 ҳаз/т маҳсулоти ғалладонагӣ истеҳсол гардидааст. Аз миқдори умумии ҳосили ҷамъовардашудаи зироатҳои ғалладонагӣ 23,3% ё 409,762 ҳаз/т саҳми кишоварзони вилояти Суғд, 61,8% ё 1086,171ҳаз. тонна саҳми кишоварзони вилояти Хатлон, 13,9% ё 245,297ҳаз/т саҳми кишоварзони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 0,4% ё 7,775 ҳаз/т саҳми кишоварзони вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад. Хулоса, таҳлили кунунии ҳолати истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, шаклҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва таҳлили ҷузъии масоҳати майдони кишт, ҳосилнокӣ ва ҳосили умумӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дараҷаи самаранокии ниҳоии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар шаҳру навоҳӣ ба таври зарурӣ таъмин нагардидааст.

Омили асосии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, ин тағйир додани технологияи парвариш ва модернизатсияи он мебошад. Бисёре аз олимони ватанӣ ва хоричӣ дар он ақидаанд, ки татбиқи технологияи ҳадди ақали коркарди хок ба рушди кишоварзӣ таъсири мусбат мерасонад. Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда, таҳлили дастовардҳо ва норасогиҳои раванди истеҳсолот дар хоҷагиҳои ғаллапарварӣ, хулоса карда мешавад, ки самаранокии истеҳсоли маҳсулоти ғалладо-

нагӣ дар навбати аввал, аз татбиқи технологияи инноватсионӣ, омилҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, дастгирии давлатӣ ва низоми қонунгузорӣ вобаста аст.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев Д.А., Мадаминов А.А. Омилҳои баландбардории самаранокии истеҳсоли зироати ғалладонагӣ дар вилояти Суғд // Кишоварз/ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.- Душанбе, 2019.
2. Абдуллоев Д.А. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ (дар мисоли маводҳои вилояти Суғд) /08.00.05. Абдуллоев Д.А.: Автореф. дисс. канд. экон. наук. -Душанбе, 2020 - 169 с.
3. Алтухов А.И. Экономика зернового хозяйства Россия. М.:-ООО «НИПКЦ Восход-А», 2010.- 800с
4. Дастур оид ба тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон. -Душанбе, 2016, 40с
5. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана /А.А. Мадаминов. -Душанбе: ТАУ, -2006. -С.133-156
6. Мадаминов А.А. Некоторые аспекты устойчивого развития сельского хозяйства /Проблемы экономического устойчивого развития АПК Таджикистана – Душанбе, 2001. - С.15
7. Набиев И.И. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли корхо-наҳои минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон). Автореф. дисс. канд. экон. наук –Душанбе, 2020. -60 с
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024.

АННОТАЦИЯ
ПОВЫШЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА ЗЕРНОВЫХ КУЛЬТУР В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрены проблемы повышения эффективности производства зерновой продукции и совершенствование экономического механизма деятельности зерновых предприятий, а также определены основные факторы развития производства. Используя статистические данные, автор проанализировал тенденцию повышения экономической эффективности производства зерна и на основе своих исследований предложил основные пути повышения экономической эффективности.

Ключевые слова: *развитие, зерновые культуры, эффективность, производство, урожайность, площадь, отрасль.*

ANNOTATION
INCREASING THE ECONOMIC EFFICIENCY OF GRAIN CROPS PRODUCTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers the issues of increasing the efficiency of grain production and improvemehts the economic mechanism oactiviesf grain enterprises, and also identifies the main factors in the development of production. Using statistical data, the author analyzed the trend of increasing the economic efficiency of grain production and, based on its research, proposed the main ways to increase economic efficiency.

Key words: *development, grain crops, efficiency, production, yield, area, sector.*

Сведение об авторе:

Абдуллоев Диловар Абдунаимович-кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикиского аграрного университета имени Ш. Шотемур, г. Душанбе, проспект Рудаки, 146,E-mail: dilo8484@mail.ru, Телефон: (+992) 918842884, 104558484

Information about the author:

Abdulloev Dilovar Abdunaimovich-Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics Tajik agrarian university named after Shokhtemur, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146, E-mail: dilo8484@mail.ru, Pfone: (+992) 918842884, 104558484

ТДУ:657.322

СИСТЕМАИ АМАЛИНАМОИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ХОҲАГИИ ҚИШЛОҚ

Қурбонализода Ҳ.Қ., Алимардонзода Т.А., Раҷабов Т.Б.-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *баҳисобгириии муҳосибӣ, қарорҳои идоракунӣ, сармоя, баҳисобгирии идоракунӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нишондиҳандаҳои ҳисоби бухгалтерӣ, хароҷот, даромад,*

Дар шароити муосир самти асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ин моҳирона идора кардани хароҷот ба ҳисоб рафта, дар ин раванд ташаккули маълумоти пурра ва мукаммал, ки дар системаи ҳисоби хоҷагӣ ҷамъ карда шудааст, нақши калонро мебозад. Иттилооти молиявӣ ҳамчун сарчашмаи муҳиме мебошад, ки ба истифодабарандагон зарур буда, метавонад ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ бошад, ки сатҳу сифат ва эътимоднокии он, дурустӣ ва қабули саривақтии қарорҳои идоракунӣ, инчунин имконияти ҷалби сармояи иловагиро барои рушди соҳаи кишоварзӣ муайян менамояд. Ҳангоми навиштани мақола тарафҳои мусбати соҳаи кишоварзӣ ва дурнамои амалӣ кардани системаи баҳисобгирии идоракунӣ дар шакли амалияи корхонаҳои кишоварзӣ дида баромада шудааст. Омӯзиш ва истифодаи системаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ин тарзи ҳисоботдиҳие ба ҳисоб меравад, ки он дар мамлакат истифода карда шуда ба воқеияти объективии иқтисодиёти ватанӣ мувофиқ мебошад. Қайд намудан бо маврид аст, ки аз ҷониби сохторҳои дахлдори гузаронидашуда барои муайян намудани арзиши объктҳои хариду фурӯш, инчунин комплексҳои моликияти давлатӣ асоснок карда меша-

вад. Бо вуҷуди ин, дар ҳама ҷо назари хеле соддакардашудаи баъзе шаклҳои баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла тавозуни тавозунӣ, ҳамчун ҷадвале ба ҳисоб меравад, ки манбаи маблағҳои ба ҳуҷҷатҳои муҳосиботӣ дохилшуда, инчунин бақияи онҳоро инъикос менамояд.

Маҷмуи унсурҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ ин сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки дар як мафҳуми ягонаи идоракунӣ тартиб дода шуда, барои ташаккули системаи баҳисобгирии идоракунии субъекти хоҷагидор муттаҳид карда мешавад, ки барои ҷамъоварӣ, андозагирӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлил пешбинӣ шудааст. Маълумоте, ки барои идоракунии ташкилот дар маҷмуъ, дар заминаи марказҳои масъулият, равандҳои тиҷоратӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ, тактикӣ ва оперативии идоракунӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии намуди фаъолияти иқтисодӣ заруранд, амалӣ кунонида мешаванд. Қайд намудан бо маврид аст, ки соҳибмулкон ва сармоягузорон дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ аксар вақт ба маълумоти иловагӣ ниёз доранд ва маълумотҳоро ҳамчун манбаъи муҳим нигоҳ медоранд. Ба мо маълум аст, ки нишондиҳандаҳои тавозунӣ яке аз манбаи маълумот оид ба вазъи молиявӣ истифодашаванда буда, дараҷаи устувории иқтисодӣ ва сатҳи қобилияти пардохтпазирии корхонаи мушаххас мебошанд. Ҳангоми навиштани мақола ба мо маълум гардид, ки дар зери таъсири кадом омилҳо истифодабарандагон ба маълумоти иловагӣ ниёз доранд аз ҷумла, тамоюли мушаххаси рушди иқтисодии ташкилотҳо метавонанд манбаи иловагии ахбор барои ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ бошад.

Нишондиҳандаҳое, ки ҳамчун рӯйхат метавонанд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда шаванд ва бо истифода аз тавозун тартиб дода шуда, тамоми маълумоти барои истифодабарандагон заруриро дастрас намоянд. Ҳуҷҷатҳои зикршуда маълумотҳои муҳимро инъикос карда наметавонанд. Қайд менамоем, ки ҳуҷҷат он маълумоте ба ҳисоб меравад, ки дар шароити бозор соҳибон ва сармоягузорони корхона, инчунин роҳбарони он бояд тасдиқи дурустии ҳуҷҷатҳоро бояд донанд. Бояд гуфт, ки тавозун дар бораи сабабҳои тағйирёбии ҳаҷми сармоя, ҳам ба ташкилотҳо сармоягузорӣ карда мешавад ва ҳам дар бораи ҷараёни фаъолияти он тасаввурот медиҳад. Сохтори тавозуни муҳосибӣ шакли баробариро дар иқтисодиёт маънидод менамояд. Қайд намудан бо маврид аст, сохтори ин тавозунро, ки тавсифи дороиҳо, уҳдадориҳое, ки сармояро ифода мекунад, ҳамчун манбаи маълумот истифода бурда мешавад.

Тараққиёти системаи ҳисоби идоракунӣ дар ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ аз сабаби мавҷуд набудани пойгоҳи ягонаи назариявӣ, ки ба воситаи он воситаҳои ҳисоби идоракунӣ ба системаи ягона пайваст карда мешаванд, халал мерасонад. Ин масъаларо тавассути таҳияи консепсияи ягонае, ки дар шакли сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод шудааст, ҳал кардан мумкин аст. Азнавсозии куллии муносибатҳои иқтисодие, ки дар комплекси агросаноатӣ ба амал меояд, ташкили оқилонаи ҳисоби хоҷагӣ ва баланд бардоштани роли онро дар идоракунии истеҳсолот дар назар дорад. Тараққӣ кардани саноати хоҷагии қишлоқ дар шароити бозор, бо роҳи истифода бурдани усулҳои иқтисодии хоҷагидорӣ, беҳтар гардонидани сатҳу сифати корхонаҳоро талаб мекунад. Вобаста ба сохтори комплексҳои агросаноатӣ дар системаи идоракунӣ махсусан нишондиҳандаҳои ҳисоби бухгалтерӣ, инчунин ахбороти иқтисодӣ, ки ба он дохил карда шудаанд роли муҳимро мебозад. Дар рушди тараққиёт ва иқтисодиёти мамлакат комплекси агросаноатӣ вазифаи муҳимро оид ба идоракунӣ, инчунин назорате, ки маъмурияти корхонаҳо амалӣ менамоянд, хеле афзоиш меёбанд. Қайд намудан бо маврид аст, ки тамоми самтҳои иқтисодиёт хусусиятҳои мусбии худро доранд, ки мавҷуд будани онҳо дар амалӣ намудани ташкили баҳисобгирии идоракунӣ вобаста ба соҳаҳои муайяни фаъолият равона карда мешаванд.

Ҷадвали 1. -Таҳлили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар нафар аҳолӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Соли 2022 нисбат ба соли 2017
	2017	2018	2019	2020	2021	2022	
Гӯшт	14,1	14,5	14,8	16,0	16,7	17,5	1,2
Шир	107,5	108,9	108,5	108,5	106,3	106,6	1,0
Тухм	38,6	49,9	78,7	104,5	107,4	121,4	3,1
Ғалла	161,2	141,5	152,2	165,0	161,8	175,0	1,1
Картошка	88,6	106,8	107,9	108,7	106,2	109,6	1,2
Сабзавот	210,4	234,7	236,7	263,5	264,9	272,0	1,3
Маҳсулоти полезӣ	71,4	71,1	76,1	80,5	83,5	84,4	1,2
Мева ва буттамева	45,8	49,6	51,4	49,7	45,3	51,3	1,1
Ангур	25,8	26,8	26,8	25,4	27,3	30,2	1,2

Сарчашма: ***Ҳисоби муаллифон***

Хоҷагии қишлоқ хусусиятҳои муҳими худро доро аст, ки пеш аз ҳама ин хусусиятҳо бо раванди истеҳсолот дар соҳа бо заминҳои кишоварзӣ, ҳайвонот ва набототи олам, ки онҳо ҳамчун объекти меҳнат фаъолият мекунанд, алоқамандӣ дорад. Фарз карда мешавад, ки бо рушди ҳамаҷониба ва мавҷуд будани шахсиятҳои инсонӣ вобаста ба рушди ҳамаҷонибаи сатҳу сифати баланди таҳсил, сатҳи баланди тибб, фарҳанг, шароити зиндагонии осоишта ва инчунин бехавф

баргузор намудани шароитҳои хуби корӣ ва додани музди меҳнати мувофиқ, рушди аҳолии кишвар ва суботи ҷомеа асоснок карда мешавад [5, С.162-173],

Барои мисол ва таҳлилнамоии самтҳои хоҷагии қишлоқ аз маълумотҳои оморӣ истифода намуда таҳлилҳо мегузаронем.

Ҳангоми истифоданамоии маълумотҳо натиҷаҳои соли 2017–ро нисбат ба соли 2022 муқоиса намудем, ки маълумотҳои муҳим ба даст оварда шуд. Натиҷаҳои ба даст овардашуда дар сутуни охирони ҷадвали 1 оварда шудааст. Қайд намудан бо маврид аст, ки аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда танҳо махсулоти истеҳсоли тухм 3,1 маротиба нисбат ба соли 2017 дида дар соли 2022 афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаҳое, ки ҳан-гоми гузаронидани таҳлил мо истифода намудем, сарчашма аз омори соли 2023 ба даст оварда шудааст, ки шаҳодати ҳамин гуфтаҳост.

Сиёсати ҳисоботи бухгалтерӣ яке аз омилҳои асосие ба шумор меравад, ки ба арзиши нишондиҳандаҳои ҳисоботи баҳисобгирии бухгалтерӣ инчунин ташкилот ва корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бевосита таъсир мерасонад. Бинобар он дар ширкатҳои бонуфуз, ки онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ҳисобида мешаванд, яке аз унсурҳои асосии ҳисоботи молиявӣ ба шумор мераванд. Ҳангоми таҳлилнамоии амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ё идоракунӣ ба он бисёр нақши калон дода намешавад, вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти мусбии корхонаҳо аз усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар корхонаҳо ҳамчун сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ қайд шудаанд, вобастагӣ дорад. Ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ё ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ, инчунин соҳаҳои кишоварзие мавҷуд ҳастанд, ки онҳо мустақиман бо сиёсати ҳисобдорӣ сатҳи андозбандиро таҳия мекунанд. Вобаста ба ин, дар ҳуҷҷатҳои дахлдори дохилии сохторҳои соҳибкорӣ бояд усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳо инъикос карда шаванд. Бунёд сохтани корхона дар соҳаи хоҷагии қишлоқ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Барои мисол оид ба корхонаҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ таҳлилҳо мегузаронем.

Ҷадвали 2.-Таҳлили корхонаҳои истеҳсолии хоҷагии қишлоқ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Соли 2022 нисбат ба соли 2017
	2017	2018	2019	2020	2021	2022	
Шумораи корхонаҳо	1999	2161	2164	2283	2397	2802	1,4
Ҳаҷми маҳсулот (бо нарҳҳои с.2022), млн.сомонӣ	23835	26362	29841	32467	39221	43025	1,8
Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафа	86,8	85,6	84,2	84,3	85,3	86,3	1,0

Сарчашма: ***Ҳисоби муаллифон***

Ҳангоми таҳлил намудан муайян карда шуд, ки шумораи корхонаҳо нисбат ба соли 2017 дида 1,4 маротиба дар соли 2022 зиёд шудааст. Қайд намудан бо маврид аст, ки агар шумораи корхо-наҳо зиёд шавад, ин барои аҳолии кишвар хело хуб мебошад. Ҳаҷми маҳсулот бошад 1,8 маротиба нисбат ба соли 2017 афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда ҳам хуб мебошад. Шумораи миёнаи со-лонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ як маротиба нисбат ба солҳои дигар дида дар соли 2022 зиёд шудааст, ки он ҳам барои беҳтаргардонии сатҳу сифати зисти аҳолии кишвар басо муҳим мебошад. Чунин тарзи таҳлилнамоӣ тамоми корхонаҳои хоҷагии ҷумҳуриро ба танзим меорад, ки вобаста ба самтҳои мусбии фаъолияти корӣ, моделҳои нави сиёсати баҳисобгирии идоракуниро омода ва пешниҳод намоянд, ки он ҳамаи хусусиятҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ва самти пурраи андозҳоро инъикос намуда, мафҳумҳо ва номгӯи зиёди сабабҳои қабули қарорҳои муайянро ба амал орад.

Истифоданамоии маълумоти баҳисобгирӣ ва ташаккули зерсистемаҳои баҳисобгирии идора-кунӣ ҳангоми татбиқнамоии охирин зарурати истифоданамоии мафҳумҳои муҳими баҳисобгирии муҳосиботро ба миён меора. Чунин намуди фаъолиятро давлат ба танзим намедарорад, ки он им-конмедиҳад усулҳои муҳимтарини баҳисобгирии муҳосибӣ бо таври васеъ истифода шаванд ва онҳо бештар бо хусусиятҳои субъектони хоҷагидорӣ мувофиқ мебошанд. Қайд намудан бо маврид аст, ки низомномаи дохилӣ оид ба сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимтарини корхона, ки бояд дар навбати аввал таъсис дода шавад, ба ҳисоб меравад.

Одатан таҳия намудани заруратҳои охирин барои баҳисобгирии идоравӣ вақте ба миён меояд, ки шаклҳои ҳисоботи таҳияшуда ва маълумоте, ки онро мустақиман аз системаи баҳисобгирии молиявӣ дастрас карда намешаванд, пур карда шаванд. Ин гуна мафҳумҳо муайян намудани қои-даҳоеро дар назар дорад, ки он дар муомилоти тиҷоратӣ мувофиқан инъикос карда шуда, баҳод-иҳии моликияти корхона, таҳлили манбаъҳои охирин ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти он дар корхона амалӣ гардонида мешавад. Қайд менамоем, ки вобаста ба унсурҳои асосӣ ва ҳатмии сиё-сати баҳисобгирии идоракунӣ, ки он аз ҷиҳати илмӣ таҳияшуда ҳисобида мешаванд ва аз ҷиҳати қонунӣ тасдиқшуда ҳисобида шудаанд, вуҷуд надоранд. Фарз менамоем, ки имрӯзҳо ҳангоми ташаккулёбии сохтори баҳисобгирии идоракунӣ вобаста ба принсипҳои муайян намудани сиёсати ҳисобдорӣ барои баҳисобгирии анъанавӣ такя намудан мантиқан дуруст аст.

Пешниҳод менамоем, ки сиёсати татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ се ҷанбаро дорост, ки онҳо: методологӣ, техникӣ ва ташкилӣ мебошанд. Ҷанбаъи якум характери объектҳои алоҳидаро

дорад; ҷанбаи дуюм вобаста ба асбобҳои корӣ алоқаманд мебошад; ҷанбаи сеюм усулҳои ташкилнамоии хизмати бухгалтериро муайян мекунад.

Фарз менамоем, ташкилотҳои тиҷоратие, ки дар мамлакат фаъолият менамоянд ба онҳо сохторҳои ғайримарказонидашудаи идоракунӣ лозим аст, ки беосита ба воҳиди корхонаҳо таъмин намудани як қисми вазифаҳои ҳисобгирии идоракуниро дар назар дорад. Қайд намудан бо маврид аст, тақсим кардани марказҳои масъулияти молиявие, ки оид ба қабули қарорҳои ҷустуҷӯӣ мустақиланд онҳо бештар ба самтҳои баҳисобгирии идоракунӣ вобастагӣ доранд.

Ташаккулёбии ҳар як шӯъбаҳои ин ё он ташкилот, додани ҳуқуқ ва назорат кардани нишондиҳандаҳои асосии ба хусусиятҳои фаъолияти онҳо мувофиқро дар бар мегирад, ки он яке аз ҳадафҳои муҳим дар сатҳи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Сохтори умумии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ба маҷуӯи марказҳои масъулияти дорои аҳамияташон гуногун тақсим карда мешавад. Бояд барои тамоми ин гуна марказҳо ва ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ, дараҷаи муҳими мустақилиятнок, маъмурӣ ва молиявиро дар бар гирад ва муқаррар карда шавад.

Дар корхонаҳо бештар сатҳи самаранокиро бо ду параметри асосӣ ва расидан ба ҳадафҳои муайянкардашуда, инчунин натиҷаи истифодаи зҳахираҳо муайян менамоянд. Муҳимтарин сохтор ин сохторест, ки барои иҷрои вазифаҳои худ ба қадри имкон захираҳои худро сарфа менамояд.

Фарз менамоем, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ мақсади муҳими корхонаҳо ва ташкилотҳоро нафари масъулиятдор, яъне сардори он муайян менамояд, ки мақсадҳо чунинанд:

- марказҳои муҳими хароҷот, ки онро мудири ҳар як ташкилот ва корхона назорат менамояд, хароҷотро ба назар мегирад;
- сардори даромад маркази асосии даромадро назорат менамояд;
- сардори корхона ва ё ширкат маркази асосии фоидаро назорат менамояд;
- маркази сармоягузорӣ, ки роҳбари он оид ба ҳаҷми сармояи муомилот ва маблағгузории асосӣ қарор қабул менамояд.

Марказҳое, ки дар боло намбар карда шудаанд онҳо бештар барои назорат бурдани хароҷот таъсис дода мешаванд. Дар ҳар як корхона барои хароҷотҳои муҳим роҳбари он ҷавобгар ҳисобида мешавад. Корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, ки маркази даромад ба ҳисоб мераванд барои даромади асосии молу маҳсулот масъул мебошанд.

Марказҳои сармоягузорие, ки бештар ба даромади сармоягузорӣ машғуланд, маблағгузории молиявии қаблии ширкатро муайян мекунанд. Қайд менамоем, ки сардори ҳар як корхона барои ҳаҷми маблағгузорӣ ва самаранокии истифодаи онҳо масъул мебошад. Марказҳои навоварие, ки барои муайян кардани бахшҳои нави тиҷорат ё лоиҳаҳои навоворонае, ки татбиқи онҳо сармоягузории ибтидоиро талаб мекунад, бештар таалуқ дорад. Тартиб додани ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти сохторҳо яке аз вазифаҳои шахсоне мебошад, ки дар корхона роҳбарӣ менамоянд.

Омӯзиши масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои калон ва ассотсиатсияҳои корпоративӣ имкон дод, ки ду равиши маъмултарини ташкили ҳисоби идоракунӣ муайян карда шаванд. Яке аз вариантҳо бунёди марказҳои масъулиятро дар бар мегирад, ки ҳамчун воҳиди таҳлили истифодаи захираҳо амал мекунанд. Дар ин маврид муҳим он маркази масъулиятест, ки фаъолияташ таҳти назорат аст, на маҳсулоти дар ин марказ истеҳсолшуда.

Варианти дигар сохтори баҳисобгирии идоракуниро дар асоси арзиши система, ки бо давраи истеҳсолӣ бо ҳам алоқаманд аст, дар бар мегирад. Маҳсулоти истеҳсолшуда объекти баҳисобгирӣ ва назорат мебошад. Бо дарназардошти афзалиятҳо ва нуқсонҳои ин равишҳо, инчунин сохтори мураккаби ташкилии хоҷагиҳои кишоварзии гуногунсоҳа, ҷудокунии ҳудудии воҳидҳо, хусусиятҳои соҳавӣ ва муайян намудани якчанд самтҳои махсусгардонии ташкилотҳо, ки раванди ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоотро мушкил мекунанд, имконияти истифодаи системаҳои ҳисобдорӣ ва идоракунии шабакавӣ, дастурҳо оид ба аломатҳои таҳлилии таксимоти бисёрсатҳа таҳия карда шудаанд.

Азхуднамоии хусусиятҳои кори ҳар як шӯбаҳои дар боло номгирифта бештар ба мо имконият дод, ки бо роҳи баланд бардоштани масъулият, роҳбарони онҳоро барои натиҷаҳои кори мусбаташон пешниҳодҳо намоем. Бино бар ҳамин масъулияти беҳтарин ба зиммаи роҳбари ширкати сармоягузор гузошта мешавад, ки он бештар барои истифодаи самараноки маблағи ба корхона гузошташуда масъул мебошад. Барои беҳтар намудани сатҳу сифати зисти аҳолии кишвар маҳсулотҳои умумии хоҷагии қишлоқ самараи муҳим меоранд (ҷадв.3).

Ҷадвали 3. -Таҳлил ва натиҷагирии маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Соли 2022 нисбат ба соли 2017
	2017	2018	2019	2020	2021	2022	
Ҳамагӣ маҳсулот	35251,2	36668,9	39276,0	42765,6	45633,1	49272,5	1,4
Растанипарварӣ	24643,5	25493,6	27469,4	29719,6	31487,5	33902,1	1,4
Чорвопарварӣ	10607,7	11175,3	11806,6	13046,0	14145,6	15370,4	1,4

Сарчашма: ***Ҳисоби муаллифон***

Бинобар он метавонем дар мақола ин самтро пайгирӣ намоем.

Барои муқоиса намудан аз ҷадвали электронии MS Excel истифода намуда таҳлин намудем. Муайян карда шуд, ки ҳар се нишондиҳандаи таҳлилшаванда нисбат ба соли 2017 дида 1,4 маротиба дар соли 2022 боло рафтааст, ки он барои беҳтаргардонии сатҳу сифати хоҷагии қишлоқ саҳми беандоза мегузорад. Барои ин нишондиҳандаҳо (растанипарварӣ, чорвопарварӣ) таҳлилҳо гузаронида дурнамои онро дар намуди ҷадвалҳо ва диаграмма пешниҳод менамоем. Барои иҷроиши ин амал ҷадвали электронии MS Exce –ро истифода намуда, таҳлили коррелятсионӣ мегузаронем.

Ҷадвали 4.- Ҳисоби нишондиҳандаи растанипарварӣ ва дурнамои он.

Солҳо	Растанипарварӣ	Дурнамои нишондиҳандаи растанипарварӣ
2017	24643,5	
2018	25493,6	
2019	27469,4	
2020	29719,6	
2021	31487,5	
2022	33902,1	
2025		39239,9
2026		41140,6
2027		43041,3
2028		44942,0
2029		46842,7
2030		48743,4

Сарчашма: ***Ҳисоби муаллифон***

Ҳангоми дурнамо намудан ҷадвали электронии MS Excel истифода бурда шуд. Натиҷаҳои ба даст омада, дар сутуни дурнамо оварда шудааст. Барои боз ҳам аниқтар гардидани таҳлил натиҷаҳои муаяйншударо дар намуди диаграммавӣ пешниҳод менамоем [14, С.12-15.].

Расми 1.- Таҳлили графикии соҳаи растанипарварӣ.

Қайд намудан бо маврид аст, ки ҳангоми таҳлил намудан оид ба нишондиҳандаи растанипарварӣ то соли 2028 дурнамо гузаронида шуд. таҳлилҳо нишон доданд, ки ин нишондиҳанда дар солҳои оянда низ рушд менамояд. Дар рафти таҳлил намудан муайян карда шуд (ҷадв.5), ки соҳаи чорвопарварӣ ҳам дар оянда сол ба сол рушд менамояд, дар ин ҳолат ҳам сатҳи тамоми ҳоҷагиҳои қишлоқ беҳтар мегарданд [15. С.39-46.].

Ҷадвали 5. -Ҳисоби нишондиҳандаи чорвопарварӣ ва дурнамои он.

Солҳо	Чорвопарварӣ	Дурнамои нишондиҳандаи чорвопарварӣ
2017	10607,7	
2018	11175,3	
2019	11806,6	
2020	13046	
2021	14145,6	
2022	15370,4	
2025		18029,1
2026		18999,5
2027		19969,9
2028		20940,3
2029		21910,7
2030		22881,1

Сарчашма: ***ҳисоби муаллифон***

Ин нишондиҳандаро ҳам ба мисли нишондиҳандаи растанипарварӣ таҳлил намуда, онро дар намуди диаграмма пешниҳод менамоем.

Аз расми 2 маълум аст, ки соҳаи чорвопарварӣ ҳам дар солҳои оянда рушд менамояд.

Соҳаҳои таҳлилнамуда барои бештар намудани сатҳу сифати хоҷагиҳои аҳолии кишвар муҳим ва зарур мебошанд. Сатҳи зиндагии аҳолӣ, муҳимтарин меъёри баҳодиҳии самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад [12, С.101-115].



Расми 2. -Таҳлили графикии соҳаи чорвопарварӣ.

Ҳангоми навиштани мақолаи илмӣ пешниҳод менамоем, ки марказҳои масъулиятшиносии хоси соҳаи истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар хоҷагии қишлоқ ба марказҳои асосӣ ва ёрирасон тақсим карда шаванд. Ба мафҳумҳои пешниҳодшуда пеш аз ҳама зироаткорӣ, чорводорӣ ва коркард, дуюмин истеҳсолот ва шуъбаҳои гуногуни махсусгардонидашуда дохил мешаванд [13, С.226-230]. Барои осонии кор ва тафсири маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ, ба ҳар як марказ ва ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ коди муайяне таъин кардан мумкин аст. Албатта ин амал барои осонии кори истифодабаранда мебошад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як намуди баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат ба дигар намудҳои он нав буда, ба дигаршавии шароити хоҷагидорӣ ва технологияҳои истеҳсолии дар корхона истифодашаванда ҳассостар аст. Гарчанде, ин намуди баҳисобгирӣ ҳоло дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми сазовори худро пайдо накардааст, вале он дар мамлакатҳои хориҷӣ аллакай аз аввалҳои нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфта, имрӯз ҳамчун илм ва соҳаи фаъолияти амалӣ пойдор шудааст [15, С.66-74].

Дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагии қишлоқ ҳамавақт стандартҳои баҳисобгирии идоракуниро истифода мебаранд, ки онҳо бояд принсипи асосии пешниҳоди муомилоти тиҷоратӣ дошта бошанд. Дар натиҷаи таҳия намудани нақшаи идоракунии ҳисобҳо вобаста ба корхонаҳои мушаххас ва ташкилотҳои дахлдор тавсия дода мешавад, ки нақшаи ҳисобҳои намунавии баҳисобгирии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотҳоро ба ҳисоб гиранд. Қайд намудан мумкин аст, ки системаи ягонаи баҳисобгирӣ бидуни ҷудо кардани ҳисобҳои ҳисоббарорӣ, ҳисобҳои идоравӣ ва молиявие, ки хароҷоти истеҳсолиро инъикос мекунанд пеш бурдан мумкин аст. Фарз менамоем, ки ташаккули шаклҳои мушаххаси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ин муайян намудани таркиби ҳисоботи идоракунӣ ва давраҳои пешниҳоди он мебошад, ки ба мақсад мувофиқ аст. Гуфтан бо маврид аст, ки нисбат ба ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ метавонад муфассалтар буда дорои гурӯҳбандии қуллайи маълумот ва ҷанбаҳои гуногуни таҳлилӣ бошад. Қайд менамоем, ки мо ҳамеша дар раванди иҷроиши кор вобаста ба ташкилотҳо ва хоҷагиҳои қишлоқ баробари хати амудии маъмурӣ ҳаракат менамоем, ки дар он вақт сатҳи тафсилоти гузоришҳо бояд коҳиш ёбанд.

Дар лаҳзаи гуногунии имконпазирии ҳуҷҷатҳо мо метавонем чунин имкониятҳоро истифода намоем:

- омилҳо ва сатҳи фарогирӣ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, даврӣ, ҷамъбастӣ, ниҳоӣ;
- муарифи намудани басомадҳо маҷмӯӣ, таҳлилӣ;
- иттилоот ва хусусиятҳои асосии он, вобаста ба фаъолияти амалиётӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ.

Намудҳои қисми системаи баҳисобгирии идоракунӣ ин стандартии ҳисоботи баҳисобгирии молиявӣ мебошад. Дар раванди навиштани мақолаи илмӣ усулҳоеро пешниҳод намудем, ки онҳо таҳлили бисёрҷониба, баҳодиҳии холисона ба фаъолияти шуъбаҳо ва кормандони онҳо ва сари вақт ошкор намудани шахсони масъулро маънидод менамоянд. Тавсияҳоро дар кори амалӣ аз ҷониби хадамоти ҳисобдорӣ, шуъбаҳои таҳлилӣ ва роҳбарони соҳаҳо ва зинаҳои гуногуни

идоракунии ташкилотҳои кишоварзӣ дар ташаккули пойгоҳи иттилоотӣ ва истифодаи бисёрҷанбаи он истифода бурдан мумкин аст.

Дар рафти иҷроиши мақола пешниҳод менамоем, ки чор шакли ҳатмии ҳисоботи идоракунӣ тасдиқ карда шавад, ки мавҷуд будани онҳо дар ҳама гуна ташкилот мувофиқ ҳисобида мешавад. Намунаи асосии онҳо бо тартиби хоса оварда мешаванд:

• ҳисобот оид ба хароҷот нисбат ба марказҳои масъулият;
• ҳисобот оид ба қарзи дебиторӣ дар ташкилот;
• ҳисобот оид ба қарзи кредиторӣ дар ташкилот;
• ҳисобот дар бораи гардиши пули нақд дар ташкилот.

Равандҳои назорат ва идоракунии хароҷот асоси баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Ҳуҷҷатҳои марбута бояд дар байни ҳамаи ҳисоботи роҳбарияти корхона ва ё ташкилот ҷойи асосиро ишғол намояд. Қайд менамоем, ҳисоботе, ки аз ҷониби воҳидҳои сохторӣ пешниҳод карда мешаванд муҳосиб бояд дар бораи корхона таҳлил ва дар маҷмуъ аз рӯйи натиҷаҳои давраи муайян ҳисоботи ягонаро ба тартиб орад.

2) бо такмили сатҳи болоии заминҳо - алафзор.

Технологияи такмилдиҳии куллии заминҳои хӯрокворӣ ва нигоҳубини алафҳои бисёрсола дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Дар сурати ба таври куллӣ беҳтар шудани заминҳои хӯрокворӣ, вайроншавии пурраи алафҳои мавҷуда ва кишти омехтаи нави серҳосил ба амал меояд.

Пас аз гузаронидани чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани заминҳои чарогоҳ ҳосилнокии он 50 фоиз зиёд шуда, 22,5 с/га-ро ташкил медиҳад. Дар сурати беҳтар шудани сатҳи замин, вайроншавии қисман дар дарахти мавҷуда ба амал меояд, ҳамаи чорабиниҳо ба дастгирии алафҳо дар ҳолати истеҳсолӣ равона карда шудаанд. Чорабиниҳои асосии такмили сатҳии чарогоҳҳо дар ҷадвали 2 оварда шудааст. Пас аз гузаронидани чорабиниҳои дар боло зикршуда оид ба беҳтар кардани қитъаи замини чарогоҳ, ҳосилнокии он 25 фоиз зиёд шуда, 22,5 с/га-ро ташкил медиҳад.

Ғайр аз роҳҳои дар боло номбаршуда барои бунёди чарогоҳҳои ободкардашуда, имкониятҳои дигар низ мавҷуданд. Масалан, вақте, ки чарогоҳи системавии чорво дар чарогоҳи табиии хеле серҳосил ташкил карда мешавад. Аммо, бо дарназардошти он, ки дар ин кор нуриҳо андохтан ва як қатор дигар чорабиниҳои марбута барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани ҳосилнокии алаф зарур аст, ин роҳ бояд ба усули дуюм дохил карда шавад [4].

Ҷадвали 1.-Технологияи ба куллӣ беҳтар намудани марғзорҳо-чарогоҳҳо

Номи амалиётҳо	Вақти гузаронидан	Нишондиҳандаҳои сифатӣ	Таркиби агрегат
Чорабиниҳои гидромелиоративӣ			
Паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ бо истифода аз сой	Баҳор	Паҳнои сой 4м, пастшавии калонтарин дар маркази 40 см	Мошини сойкуна-нада
Чорабиниҳои ободӣ-техникӣ			
Тозакунӣ аз растаниҳои зараровар, дарахтон ва буттаҳо			
Буридани растаниҳои зараровар, дарахтон ва буттаҳо	Тирамоҳ	Дар сатҳи 0-2 см аз сатҳи замин бурида мешавад	Мошини буттабур ДП - 24
Решакан кардани растаниҳои зараровар, дарахтон ва буттаҳо	Тирамоҳ	Кандани кундаҳо	Мошини кундаков АКП - 1
Ҷамъоварии мағзи чӯб	Тирамоҳ	Несткунии пурра	Хасткашаки буттазор К-3
Сӯзондани мағзи чӯб	Тирамоҳ		
Нобуд кардани дунгиҳо			
Нобуд кардани дунгиҳо	Тирамоҳ	Несткунии пурра	БТД - 1
Чорабиниҳои агротехникӣ			
Коркарди аввалия ва омода намудани замин барои кишти омехтаи алаф: чархмол намудан	Баҳор	Дар 3-4 маротиба	БДТ-2,5 А дар пай-вастшавӣ бо дандона
Шудгоркунӣ	Баҳор	Пас аз 2-3 рӯз ҳангоми рехтани нуриҳои зарурӣ, дар 22-24 см	ПЛН-4-35
Шудгор кардан	Баҳор	Дарҳол пас аз кишт барои буридани қаба-ти, чуқурии 10 см, дар ду гузаргоҳи агрегат	БДТ-7
Тарҳкашии рӯизаминӣ	Пеш аз истифо-даи нуриҳои минералӣ	Дар сатҳи ҳамвор ҳисобида мешавад, агар пастшавии чуқуртар аз 45 см дар қитъаи дарозии 34 м вуҷуд надошта бошад	Булдозерҳо е ғал-такҳои релс
Дохил намудани нуриҳои органикӣ ва минералӣ	Пеш аз шудгор	Барои ҳосили ба нақша гирифта-шуда	РОУ-4, РУМ
Парвариш	Пеш аз кишт	Сохтори замин маҳин мебошад	КПС -4
Кишти омехтаи алаф	Баҳор	Ба чуқурии додашуда	СЗТ-1

Дар кишти алафҳои бисёрсола дар киштзор чарогоҳҳои обод карда шуда низ бунёд мешаванд. Аз рӯйи давомнокии истифодаи чарогоҳҳо ба се гурӯҳ тақсим карда мешавад: кӯтоҳмуддат (2-3 сол), миёенамӯҳлат (4-6 сол) ва дарозмуҳлат (7 ва зиёда сол).

Вазифаи муҳим интихоби ҷойгиршавии чарогоҳ дар ҳудуди минтақа, хоҷагӣ мебошад. Ҳангоми ҳалли он бояд пеш аз ҳама мувофиқати заминҳо ва ҷойгиркунии онҳо баррасӣ гардад. Барои гузоштани чарогоҳҳои обод карда шуда хокҳои серҳосил (хокистарӣ, чимдор ва торфӣ), ки дар қисмҳои пастшудаи релеф ҷойгиранд, бештар мувофиқанд, зеро захираҳои намӣ дар онҳо пас аз танзими тартиботи обӣ барои гирифтани ҳосили баланди алафҳо кофӣ мебошанд.

Ҷадвали 2.-Нақшаи технологии такмили сатҳии чарогоҳҳо

Номи амалиётҳо	Вақти гузаронидан	Нишондиҳандаҳои сифатӣ	Таркиби агрегат
Чорабиниҳои ободӣ – техникӣ			
Тозакунӣ аз ҷинсҳои дарахтон ва буттаҳо			
Буридани ҷинсҳои дарахтон ва буттаҳо	Тирамоҳ	Дар сатҳи 0-2 см аз болои замин бурида мешавад	Мошини бутта-бур ДП - 24
Решакан кардани ҷинсҳои да-рахтон ва буттаҳо	Тирамоҳ	Кандани ҳамаи кундаҳо	Мошини кунда-ков АКП - 1
Ҷамъоварии мағзи чӯб	Тирамоҳ (пас аз 1-2 моҳи буридан)	Несткунии пурра	Хасткашаки бут-тазор К - 3
Сӯзондани мағзаи чӯб	Тирамоҳ (пас аз 5-10 рӯзи тоза кунӣ)		
Тоза кардан аз сангҳо			
Туда кардан ва баровардани сангҳо	Тирамоҳ	35-60 см дар як диаметр	Мошини сангчин КУСМ-100
Такмил ва танзими тартиботи об			
Ба дигар тараф равона кар-дани обҳои ҷамъшуда ва рӯизаминӣ		Ба дараҷаи зарурии намноккунӣ	Мошини барф-тӯдакунӣ ё ҷӯяксоз
Чорабиниҳои агротехникӣ			
Мубориза бо алафҳои бегона	Баҳор	Вакте ки алафҳои бегона назар ба растаниҳои боғи баландтаранд	Даравидан
Молакунӣ	Пас аз паст шудани об	Барои нобуд кардани найча	БДТ-3
Кишт кардани алафҳо	Аввали баҳор ё нимаи аввали тобистон	Ба чуқурии додашуда	ЗТС-1
Истифодаи нуриҳо	Баҳор	Баробар ба меъёр	РУМ-4
Нигоҳубини гиеҳҳо-алафдаравӣ	Тобистон	Июл	

Хокҳои хушк бо иқтидори ками намӣ, ки дар қум ва шағал ҷойгиранд, барои гузоштани чунин чарогоҳҳо ному-вофиқанд, зеро ҳосили ин ҷо дар авҷи тобистон одатан аз сабаби нараси-

дани намӣ паст аст [5].

Дар сурати хушксолии доимӣ, алафҳо дар чунин заминҳо кам мешаванд ва самаранокии нуриҳои воридшуда коҳиш меёбад. Заминҳои камҳосилро барои чарогоҳҳои обод карда шуда истифода бурдан ғайримантиқӣ аст, зеро хароҷоти бунёди онҳо (деворбандӣ, роҳандозии роҳҳои чорводорӣ, таҷҳизоти майдончаҳои ширдиҳӣ, ташкили обанбор) ва истифода (нуридиҳӣ, нигоҳубин) аз сифати хок вобастагии зиёд дорад. Дар чунин заминҳо ин чарогоҳҳо ҳосили паст медиҳанд ва арзиши хӯроки аз чарогоҳ гирифташуда баланд хоҳад буд. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи истифодаи замини хоҷагӣ бояд масоҳати заминҳо барои чарогоҳҳои обод карда шуда муқаррар карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки масоҳати чунин чарогоҳҳо ҳарсола бунёд шуда, инчунин воситаҳои моддӣ ва техникии заруриро дуруст ба нақша гирад.

Пас аз муайян кардани масоҳати чарогоҳҳо бояд нақшаи ҷойгиркунии онҳо дар ҳудуди хоҷагӣ тартиб дода шавад. Дар ин ҳолат бояд шиддати ояндадори чорводорӣ барои 10 соли оянда ва ихтисоси он дар доираи хоҷагӣ ба назар гирифта шавад [6]. Дар наздикии фермаҳои чорводорӣ ҷойгиркунии чарогоҳҳои чорвои ширӣ тавсия дода мешавад, зеро дар ин ҳолат масъалаҳои ташкили оббозӣ ва ширдиҳии ҳайвонот осонтар ҳал карда мешаванд ва илова бар ин, хароҷоти роҳҳои чорводорӣ кам карда мешавад.

Барои гӯсолаҳо чарогоҳҳои махсус ҷудо кардан лозим аст. Онҳо бояд дар наздикии гӯсолахонаҳо ҷойгир карда шаванд, зеро гӯсолаҳо ғизои доимиро талаб мекунанд ва дар ҳавои бад онҳо бояд дар зери соябон нигоҳ дошта шаванд, ки мувофиқтарини онҳо худи гӯсола аст [7]. Ҳудуди чарогоҳҳо барои гӯсолаҳо бояд дар хокҳои ҳосилхез сохта шаванд, зеро самаранокии истифодаи онҳо танҳо дар сурате баланд хоҳад буд, ки ҳосили миёна аз 5000 воҳиди хӯрок аз 1 га зиёд бошад.

Самаранокии истифодаи чарогоҳҳои ободкардашуда аз андозаи массиви чарогоҳҳо вобаста аст. Одатан, ҳар қадаре ки масоҳати чунин чарогоҳҳо калонтар бошад, истифодаи он қулайтар ва хароҷоти истифодаи он камтар мешавад. Чарогоҳ барои говҳо бояд чаронидани як гурӯҳи ҳайвонотро иҷозат диҳад. Тавсия дода мешавад, ки массиви чарогоҳҳо имкон диҳад, ки ҳайвонотро дар гурӯҳҳои алоҳида парвариш кунанд. Барои чаронидани навзодон бояд дар хоҷагӣ чарогоҳи алоҳида таъсис дода шавад ва чарогоҳ мувофиқи синну соли он ташкил карда шавад. Дуруст тартиб додани нақшаи бунёди чарогоҳҳои ободкардашуда хеле муҳим аст, зеро истифодаи оқилонаи онҳо сохтмони гаронбаҳои иншоотро талаб мекунад (роҳҳои чорводорӣ, обёриҳо, майдончаҳои ширдиҳӣ, деворҳо) [8].

Такмили куллӣ яке аз усулҳои самараноки ташкили чарогоҳҳои обод карда шуда мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки бо ин усул мо метавонем дар муддати кӯтоҳтарин хӯроки алафро бо ҳосилнокии 56 ҳазор воҳиди хӯрок ба даст орем. Дар шароити намнокии табиӣ ва 810 ҳазор воҳиди хӯрок дар ҳолати намнокии сунъии иловагӣ (обёрӣ). Усулҳои асосии такмили куллӣ инҳоянд: чорабиниҳои техникӣ; танзими сохтори обии хок; коркарди аввалияи хок; ғизодиҳӣ ва нарм кардани замин; интихоби муҳлатҳо ва усулҳои ғунҷоиш; ташкили нигоҳубини алафҳо дар хушксолӣ [9]. Чорабиниҳо намудҳои корҳои зеринро дар бар мегиранд, ба монанди тоза кардани буттаҳо, ҷангалҳои хурд, буттаҳо, сангҳо ва банақшагирии сатҳи қитъа.

Танзими реҷаи об дар замин. Алафҳои чарогоҳ аз аввали баҳор то охири тирамоҳ меруянд ва сатҳи калони трнспиратсияи баргҳоро доранд. Онҳо барои ташаккули зироат оби зиед сарф мекунанд ва аз ин рӯ, ба намии замин хеле серталаб мебошанд. Истеъмоли умумии оби онҳо тақрибан 500 мм аст, аммо намӣ дар замин дар чарогоҳҳо ғайриқобили қабул аст, зеро он метавонад ба чорво зарар расонад. Аз ин рӯ, қитъаҳои барои чарогоҳҳои ободкардашуда ҷудошуда бояд хушк карда шаванд.

Коркарди аввалияи хок. Коркарди аввалияи хок ҳангоми бунёди чарогоҳҳо ба хок андохтани нуриҳои минералӣ, ба нақша гирифтани сатҳи хок ва фишурдани он, кишти хушсифати тухмии алафҳои бисёрсола ва чуқурии якхелаи пӯшонидани онҳоро таъмин кунад. Усулҳои коркарди хок бояд вобаста ба қудрати қабати гумус ва инчунин хусусияти зироатҳои қаблӣ фарқ кунанд.

Бо масоҳати кофии чарогоҳҳои обод карда шуда дар хокҳои камҳосили хокистарӣ, чимдор дар ҷараёни аз нав бор кардани онҳо, инчунин парвариши алафҳои пешакии яксола дар давоми 1-2 сол имконпазир аст. Истифодаи нуриҳои органикӣ дар зери ин гиёҳҳо ба парвариш ва баланд бардоштани ҳосилнокии хок мусоидат мекунад ва дар оянда муваффақтар гузаронидани яхбандиро таъмин мекунад.

Институти илмӣ-тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи АИК тавсия медиҳад, ки ҳангоми ҷойгир будани қитъаҳо дар баландӣ системаи омехтаи химиявии коркарди хок истифода шавад, ки коркарди пешакии алафро бо гербитсидҳо амалӣ менамояд (раундап, гликоген 46 кг/га) барои нобуд кардани алафҳои бисёрсолаи решадор дар бар мегирад. Пас аз 14-15 рӯз пас аз коркард бо гербитсидҳо дар ҳолати заифӣ дернин (3-5 см) бо плугҳои ПГП-4-40 е ПГП-7-40 бо пардаҳои винтӣ е лувинтӣ бо кунҷҳо барои беҳтар гардонидани қабати дернин ва пӯшонидани он.

Дар сурати нокифоя будани таъминоти хоҷагӣ бо чарогоҳҳо, бояд зудтар аз нав барқароркунӣ гузаронида шавад. Ҳангоми зудтар обёришавии чарогоҳҳо, кишт бо сипор дар агрегати дорои чархҳои ҳалқавӣ-испорӣ гузаронида мешавад [10]. Коркарди пеш аз кишт бо агрегати омехтаи АКШ-7,2 гузаронида мешавад. Агар коркард барои зироатҳои зимистона гузаронида шавад, пас пеш аз кишт нуриҳои минералӣ (Р,К) ворид карда мешаванд ва пас аз он коркард бо агрегати омехтаи АКШ-7,2 ва кишт гузаронида мешавад. Дар сурати буридани қабати алафҳои бисёрсола дар баҳор, нуриҳои фосфорӣ-калийӣ барои кишт ва азотӣ барои АКШ-7,2 ворид карда мешаванд. Агар майдони алафхои бисёрсоларо алафи зараровар хазанда банд накарда бошанд, он гоҳ барои буридани алаф мошинаҳои дискии БДТ-7 ё БДТ-10 ва барои шудгор испорҳои винтдор ё нимвинтдорро истифода бурдан мумкин аст.

Бозсозии алафҳои куҳна, вайроншуда одатан бо усули суръатбахш гузаронида мешавад ва ҳангоми баста шудани чарогоҳҳо бо алафҳои устувори чарогоҳ, шохчаи чӯбдор ва дигар алафхо бо давраи пешакии парвариши зироатҳои яксолаи саҳроӣ. Усули охирин дар сурати мавҷуд будани масоҳати кофии чарогоҳҳо афзалиятнок аст. Парвариши зироатҳои саҳроӣ ба минерализатсияи боқимондаҳои растаниҳо, парвариши хок, ворид кардани нуриҳои органикӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва дарозумрии истифодаи алафҳои чарогоҳ мусоидат мекунад.

Қабули ҳатмии коркарди пеш аз кишт ҳангоми бунёди чарогоҳҳо дар майдонҳои навтаъсис ва аз нав коркардшаванда бо хокҳои минералӣ бояд нақшаи сатҳ бошад. Он бояд пас аз дисккунӣ пеш аз истифодаи нуриҳои минералӣ ва сафол бо ёрии банақшагирандагони пойгоҳи дарози ПА-3 гузаронида шавад, ки шумораи гузаришҳои онҳо аз он вобаста аст. Ҳар як гузариши минбаъдаи банақшагир дар кунҷ ё перпендикуляр ба пешина меравад [11].

Пас аз банақшагирӣ ва ворид кардани нуриҳои минералӣ, қитъа вобаста ба пайвастагии хок бо дастгоҳи обтаъминкунии ЗКВБ-1,51 (бе об), дастгоҳи ҳалқавӣ ё агрегатҳои омехта, масалан РВК-3 коркард карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ, пас аз кишти иловагӣ бо чархҳои сабук гузаронида мешавад.

Дар масоҳатҳое, ки аз зери пешгузаштагони фосилавӣ озод шудаанд ва пас аз ҷамъоварии омехтаҳои яксолаи лӯбие ва ҷави русӣ, ки ҳамчун зироатҳои пешакӣ парвариш карда мешаванд, ҳангоми коркарди хок барои кишти алафҳои бисёрсола шумо метавонед бе гардиши қабат кор кунед ва бо дискҳои дукаратаи дискҳои вазнин ба монанди БДТ-7,0 е БДТ-10,0 маҳдуд шавед. Барои беҳтар баробар кардани сатҳи хок, дисккунӣ бояд дар ду диагонал гузаронида шавад.

Бунёди чарогоҳҳои ободкардашуда тавассути кишти алафҳои бисёрсолаи лӯбиёгӣ ва сабз бояд дар пойгоҳҳои дарёҳо, дар қитъаҳои наздики сатҳи обҳои зеризаминӣ ва обёрӣ гузаронида шавад. Ҳар як қитъа бо сутунҳо ва сим муҳофизат карда мешавад. Барои тайёр кардани он сутунҳои оҳанӣ-бетонӣ бо андозаи 15х15 см е чӯбӣ, ки аз ҷинсҳои сахт сохта шудаанд, бо андозаи 12Х14, истифода мешаванд.

Сутунҳоро дар масофаи 80 м дур аз ҳамдигар насб мекунанд. Қитъаҳои заминҳоро бо симҳои галванӣ бо андозаи 2,53 мм муҳофизат мекунанд, сим барои говҳо дар се қатор, барои навзодон дар 4 қатор кашида мешавад. Дар байни такягоҳҳои асосӣ сутунҳои миёна бо ҳамон баландӣ, каме тунуктар (810 см) ва дар ҳамон чуқурӣ пас аз 20 м аз якдигар гузошта мешаванд. Дар байни онҳо барои кам кардани таназзул ва ташаккули сӯрохиҳои якхела хатҳои сим дар деворҳо тавассути 56 м камарбанд гузошта мешаванд. Масоҳати ҳар як қитъа дар чарогоҳҳои беҳтаршуда 20-25 гектарро ташкил медиҳад.

Усули самаранок ва мақсадноки ташкили чарогоҳ ташкили он дар заминҳои назди ферма мебошад. Ин ҷойгиршавии чарогоҳ имкон медиҳад, ки ҳайвонот бо хӯроки сабз пурра таъмин карда шаванд ва маҳсулоти арзонтарин ба даст оварда шавад (ҷадв. 3).

Зарурати сохтмони лагерҳои тобистона аз байн меравад, масоҳати замин барои ҷудо кардани қитъаҳо коҳиш меёбад, харочоти корам кардани заминҳо ва тухми алафҳо коҳиш меёбад, ки ин ташкили чарогоҳҳои мавсимиро суръат мебахшад. Аз ин рӯ, чарогоҳҳои дар заминҳои назди ферма ҷойгиршуда бартарӣ доранд ва қобили қабултаранд. Истифодаи чунин чарогоҳ аз ҳама оқилона ва иқтисодӣ хоҳад буд. Ҳамин тариқ, чарогоҳи ободкардашуда як масоҳати серҳосил аст, ки бо роҳи беҳтар кардани масоҳати табиии хӯрокворӣ ё сатҳи замин, инчунин яхбандии киштзор, ки дар он ҳудуди чарогоҳ сохта шудааст, чарогоҳи чорво ва нигоҳубини мувофиқи алафҳо амалӣ карда мешавад.

Ҷадвали 3.-Нақшаи намунавии технологии ташкили чарогоҳҳои обод карда шуда

Пайванди технологӣ	Таъиноти мақсаднок	Самаранокӣ
Ҳисоб кардани талабот ба масоҳати чарогоҳҳо	Талаботи оптималии масоҳати чарогоҳро бо назардошти саршумори чорво, ҳосилнокӣ ва ҳосилнокии чарогоҳҳо муайян мекунад.	Дарозумрии чарогоҳҳоро бо ҳосилнокии баланди онҳо таъмин мекунад.
Коркарди замин, корам кардан	Ҳолати оптималии ғизоро таъмин мекунад.	Ҳосилнокӣ ва сифати хӯроки ҳосилшударо зиед мекунад.

Ташаккули алафҳои гуногунҷинс	Ташкили конвейери бефосилаи сабз.	Тамоми давраи чарогоҳро бо хӯроки арзон таъмин мекунад, хароҷоти хӯроки иловагиро кам мекунад.
Ташкили ҳудуди чарогоҳ	Тарҳрезии загонҳо, деворҳо, чорвогузарҳо.	Самаранокии истифодаи чарогоҳҳоро баланд мебардорад, истифодаи дарозмуҳлатро нигоҳ медорад.
Истифодаи оқилонаи чарогоҳҳо	Муайян кардани тартиботи истифодаи алафҳои бегона, ташкили чарогоҳҳои порсионӣ-загонӣ.	Хӯрдани хӯрокро зиед мекунад, дарозумрии алафҳои боғиро нигоҳ медорад.
Нигоҳубини чарогоҳ	Гузаронидани ғизодиҳӣ барои беҳтар кардани ғизои растаниҳо, оберӣ дар ҳолати зарурӣ.	Ҳосилнокии массаи сабз ва сифати хӯрокро баланд мебардорад.

Чарогоҳҳои дарозмуддати ободкардашуда воҳиди арзонтарини хӯрокворӣ медиҳанд, ки ин арзиши чорводориро коҳиш медиҳад.

Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Се роҳи сохтани заминҳои хӯроки сермаҳсули дарозмуддат вуҷуд дорад:

1. Дар масоҳати азхудшаванда пас аз гузаронидани корҳои пешакӣ алафҳои чарогоҳ кошта мешаванд;
2. Беҳтар кардани алафҳои табиӣ;
3. Зироатҳои куҳнаи алафҳои бисёрсола барои истифодаи дарозмуддати чарогоҳҳо боқӣ мемонанд [12].

Таъсиси чарогоҳи ободкардашуда бо роҳи ҳисоб кардани масоҳати чарогоҳ ба чорво, ки бо формулаи зерин истифода мешавад, амалӣ карда мешавад:

$$П = \frac{К * Д * Ч}{У * И} \quad \frac{К * Д * Ч}{У * И}$$

ки К - талаботи шабонарӯзии хӯроки чарогоҳ барои 1 сар, кг;

Д - давомнокии давраи чарогоҳ, рӯзҳо;

Ч - шумораи ҳайвонот дар рама, сарҳо;

У - ҳосили алафи чарогоҳ дар мавсим, т / га;

И - коэффитсиенти пуррагии истифодаи хӯроки чарогоҳ (0,9)

Барои ҳисоб намудани масоҳати қитъаи замин формулаи дар зер овардашударо истифода мебаранд:

$$П = \frac{К * Ч * С}{У * И} \quad \frac{К * Ч * С}{У * И}$$

ки С - давомнокии оптималии чаронидани ҳайвонот дар замин, рӯзҳо;

У - ҳосили миенаи алаф аз рӯи давраҳои барангехтан, т / га.

Аз ҷадвали мазкур маълум мешавад, ки масоҳати умумии чарогоҳ барои чорвои гов 45 гектарро ташкил медиҳад. Бо масоҳати як майдони кишт 18 гектар барои чарогоҳ 3 майдони кишт лозим аст. Барои чорвои гӯсфандон масоҳати умумии чарогоҳ каме бештар аз 4 гектарро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 4.-Ҳисоб кардани масоҳати чарогоҳ ба як рамаи ҳайвонот

Намуди ҳайвонот	Шумораи ҳайвонот дар рама (сар)	Давомнокии давраи чарогоҳ, рӯзҳо	Талаботи ҳаррӯзаи тамоми сар-шумори чорво ба хӯроки сабз, т	Ҳосилнокии чарогоҳҳо, т/ га	Коэффитсиенти пуррагии истифодаи алафи чарогоҳ	Масоҳати чарогоҳ дар чорво, (га)	Масоҳати як кура (га)	Шумораи курахо (адад)
Говҳо	90,00	150,00	5,40	20,00	0,90	45,00	18,00	3,00
Гӯсфанду буз	83,00	160,00	0,42	20,00	0,90	3,69	1,48	3,00

Растаниҳои алафӣ одатан борҳо истифода мешаванд: дар марҳилаҳои аввали инкишоф, гулкунӣ, охири гулкунӣ, оғози гулкунӣ, яъне вақте ки онҳо дорои моддаҳои зиёди ғизоӣ мебошанд. Барои ба даст овардани ҳосили баланд, ниҳолҳои бисёрсола бояд ғизо дода шаванд. Барои ҳисоб кардани миқдори нуриҳои минералӣ усули тавозуни элементарӣ истифода мешавад. Он ба ҳисоб кардани миқдорҳо бо назардошти баровардани элементҳои ғизоӣ аз ҳосили ба нақша гирифташуда, ҳосилхезии самаранок, коэффитсиентҳои истифодаи моддаҳои ғизоӣ аз хок ва нуриҳо асос ёфтааст.

Ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки бордоршавӣ ба ҳосили ба нақша гирифташуда пас аз гузаронидани чорабиниҳо оид ба беҳбудии рӯизаминӣ ва куллӣ талаб карда намешавад. Ҳисоб кардани ҷадвали "Муҳлати истифодаи нуриҳои минералӣ" талаб карда намешавад.

Барои бунёди чарогоҳи ободкардашуда интихоби намудҳо дар омехтаи алаф барои истифодаи чарогоҳ ва ҳисоб кардани меъёри кишт муҳим аст. Намудҳои омехтаҳои алафро бо назардошти таъмини якхелатарин давраҳои афзоиш интихоб мекунанд, то ҳамзамон, давраи чарогоҳро дароз кунанд. Ба омехтаҳои алафҳои дарозсола намудҳои бо суръати гуногуни рушд дохил карда мешаванд; дар баробари навъҳои поёнӣ, навъҳои болоӣ, хусусан навъҳои решадор низ бояд кишт карда шаванд.

Вазифаи гузоштани чарогоҳ бо роҳи сохтани омехтаҳои алафҳои барвақтӣ, миёна ва дер пухташуда дар як массив ҳал карда мешавад.

Ҷадвали 5.-Ҳисоб кардани миқдори нуриҳо барои ҳосили ба нақша гирифташуда

Нишондиҳанда	Қитъаи №1			Қитъаи №2		
	N	P_2O_5	K_2O	N	P_2O_6	K_2O
Ҳосилнокии ба нақша гирифташуда, т	2,25			2,25		
Истеъмоли моддаҳои ғизоӣ (дар кг): ҳангоми ташаккули 1т маҳсулоти молӣ, кг/ га	19,00	6,40	16,00	19,00	6,40	16,00
барои ташаккули ҳосили ба нақша гирифташуда, кг/га	42,75	14,40	36,00	42,75	14,40	36,00
Мазмуни ғизоии замин: мг ба 100 г хок	11,00	16,00	10,00	7,50	12,00	14,00
кг / га дар қабати замини қорам 20-см	330,00	480,00	300,00	225,00	360,00	420,00
Коэффитсиенти истифодаи маводи ғизоӣ аз замин,%	20,00	10,00	20,00	20,00	10,00	20,00
Ниҳол аз замин маводи ғизоӣ мегирад, кг/га	66,00	48,00	60,00	45,00	36,00	84,00
Илова бар ин, аз ҳисоби нуриҳои минералӣ, кг д.в.	-23,25	-33,60	-24,00	-2,25	-21,60	-48,00
Коэффитсиенти истифодаи нуриҳои минералӣ, %	60,00	20,00	50,00	60,00	20,00	50,00
Миқдори д. в. дар нуриҳо, %	34,00	20,00	60,00	34,00	20,00	60,00
Бояд моддаҳои ғизоӣ (дар кг ба 1 га) бо нуриҳои минералӣ ворид карда шаванд	-68,38	-168,00	-40,00	-6,62	-108,00	-80,00

Дар ин принсип ҷадвали 6 сохта шудааст.

Ҷадвали 6.-Ҳисоб кардани меъёри кишти тухмӣ

Намудҳои алафҳо	Гурӯҳ и биологӣ	% ниҳол дар омехтаи алаф	Иқтидори хоҷагии тухм, %	Меъёри кишт		
				Дар кишти тоза бо 100% қобилияти хоҷагидорӣ	Дар омехтаи алаф бо назар-дошти мувофиқати хоҷагидорӣ	
					кг/га	Млн. дона. дар як га
		П	Х	Н	К	М
Омехтаи алафҳои пешпазак						
Шапалаки марғзор	Хӯшадор	30,00	55,00	12,00	6,55	26,18
Райграси баланд	Хӯшадор	65,00	67,00	20,00	19,40	7,19
Юнучқаи зард	Лӯбиёӣ	60,00	67,00	12,00	10,75	5,51
Омехтаи алафҳои миена-дер						
Аиати бесук	Хӯшадор	40,00	71,00	20,00	11,27	3,22
Сулӣ марғзор	Хӯшадор	65,00	76,00	18,00	15,39	8,32
Бедаи гулобӣ	Лӯбиёӣ	30,00	66,00	10,00	4,55	6,23
Омехтаи алафҳои дерпазак						
Шапалаки ботлоқӣ	Хӯшадор	40,00	45,00	12,00	10,67	76,19
Алафҳои даштии сафед	Хӯшадор	40,00	64,00	9,00	5,63	37,50
Қӯноқаки марғзор	Хӯшадор	65,00	71,00	12,00	10,99	26,16

Тавре, ки аз ин ҷадвал дида мешавад, дар омехтаҳои алаф алафҳои гуногун мавҷуданд. Асосан решакан ва решакан-"рихлокустӣ" бартарӣ доранд. Онҳо устувортарин мебошанд ва дар алаф муддати дароз нигоҳ дошта мешаванд. Инчунин, алафҳо аз рӯйи хусусияти баргҳо фарқ мекунанд. Дар омехтаи алафҳо ҳам растаниҳои поёнӣ ва ҳам болоӣ мавҷуданд, ки сифати алафро беҳтар мекунанд. Ба кор даровардани растаниҳои лӯбиёгӣ ғизои зиёд доранд ва хароҷоти нуриҳои азотиро кам мекунанд.

АДАБИЁТ:

1. Программа развития пастбищ в Республике Таджикистан на 2023-2027 годы. 29 ноября 2022 года.
2. Закона Республики Таджикистан «О пастбищах» от 20 июня 2019 года, №1618
3. Абдуалимов Б.А. Землеустройство сезонных пастбищ Таджикистана. -Душанбе, 2003. -С. 111-112.
4. Абдуалимов Б.А., Мадаминов А. А. Истифодабарии самаранокии заминҳои корами обӣ, омили асосии таъмини бехатарии озуқавории мамлакат// Журнал «Экономика Таджикистана» - №4(1), 2021, -С. 52-58
5. Абдуалимов, Б. Муносибатҳои заминистифодабарӣ, таърихи заминдорӣ ва истифодаи замин дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, дар давраи гузариш / Б. Абдуалимов, А. Мадаминов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 2. – P. 34-39. – EDN IKCKRO.
6. Копанев Г.В. Экономика и организация обводнения пастбищ// Москва: Наука, 1967 г.
7. Мадаминов, А. Перспективы развития и размещения предприятий пищевой промышленности Республики Таджикистан / А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № S2. – С. 201-206. – EDN MVGGHX.
8. Мадаминов, А. Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистан / А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-2. – С. 217-224. – EDN WIJYSM.
9. Мадаминов, А.А. Экономическая устойчивость предприятий пищевой промышленности как фактор продовольственной безопасности страны/А.А.Мадаминов//Экономика Таджикистана.–2022.–№4-2. –С. 49-55. –EDN JYYEVK.
10. Абдуалимов, Б. Асосҳои назарияви ташкили истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ (чарогоҳҳои мавсимӣ)ба мақсади таъмини рушди устувори соҳа / Б. Абдуалимов, А. Мадаминов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 1. – P. 61-67. – EDN OMYWMV.
11. Абдуалимов, Б. Асосҳои илмии таъмини истифодаи самараноки чарогоҳҳои мавсимӣ дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон /Б.Абдуалимов, А.Мадаминов// Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – No. 4-1. – P. 57-64. – EDN JSFOEV.
12. Абдуалимов, Б. Асосҳои истеҳсолӣ ва илмӣ барои таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонӣ / Б. Абдуалимов, А. Мадаминов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – No. 1. – P. 83-86. – EDN EZTSFA.

АННОТАЦИЯ

ПУТИ СОЗДАНИЯ КУЛЬТУРНЫХ ПАСТБИЩ В РЕГИОНАХ СТРАНЫ

Последнее время перед сельским хозяйством, в частности, животноводством стоят проблемы

по обеспечению данной отрасли сезонными кормами. Особенно, есть необходимость принятия мер по обеспечению рационального использования пастбищных территории, которые соответствуют около 80% сельскохозяйственной территории Таджикистана. Пастбищное хозяйство, на сегодняшний день, является единственным источником дешёвого (природного) корма, который положительно влияет на себестоимость животноводческой продукции (мясо, молоко, шерсть и др.) Поэтому, нам необходимо, в ближайшем будущем, урегулировать вопросы пастбещепользования по регионам республики.

Ключевые слова: *пастбищное хозяйство, пастбищные угодья, эффективное использование пастбищных угодий, комплексные меры по улучшению, нормы выпаса скота на 1 га, окультуренные пастбища.*

ANNOTATION
WAYS TO BUILD COMFORTABLE PASTURES

Recently, agriculture, in particular livestock farming, has been faced with the problem of providing this industry with seasonal feed. Especially highlights the need to take measures to ensure the rational use of pasture areas, which correspond to about 80% of the agricultural territory of Tajikistan. Pasture farming today is the only source of cheap (natural) feed, which has a positive effect on the cost of livestock products (meat, milk, wool, etc.). Therefore, we need to resolve the issues of pasture management in the regions of the republic in the near future.

Key words: *pasture farming, pasture lands, efficient use of pasture lands, comprehensive improvement measures, grazing standards per 1 hectare.*

Сведения об авторах:

Абдуалимов Бахром Абдулазимович - кандидат экономических наук, доцент, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 734025. Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни, 44. E-mail: b.abdualimov@bk.ru

Мадаминов Асроркул Абдуллоевич - научный сотрудник отдела исследований развития и размещения производительных сил Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. 734025. Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни, 44. Телефон: (+992) 900508004, E-mail: asror11@outlook.com

About authors:

Abdualimov Bahrom Abdulazimovich - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Leading Researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 44. E-mail: b.abdualimov@bk.ru

Madaminov Asrorkul Abdulloevich is a researcher at the Department Research on the Development and Deployment of Productive Forces at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 44. E-mail:asror11@outlook.com Phone: (+992) 900508004,

ТДУ: 338.1

СТРАТЕГИЯ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТ

Мирзоев С.А.-Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Калимаҳои асосӣ: *минтақа, ҳудудҳои деҳот, сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ, стратегия, рушд, рушди устувор, самаранокӣ.*

Дар шароити имрӯза зарурияти воқеии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳот ба миён омадааст. Он баҳри баланд бардоштани ташаккули механизмҳои идора ба рушди устувор равишҳои навро талаб мекунад. Таносуби мавзеъҳои аҳолинишини деҳот ва шаҳр, мавҷудияти фарқият дар имкониятҳои онҳо, шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккули иқтисоди равандҳои инноватсионии мамлакат, дар таъмини сатҳи баланди зиндагии ҳайёти аҳолӣ мавқеи хоси деҳотро муаррифӣ менамоянд. Чи тавре, ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, механизмҳои таъмини рушди устувори ҳудудҳои деҳоти ноҳияҳо босамар амалӣ карда намешаванд, ки зарурати воқеии таҳияи равиши стратегии ташаккул ва дастгирии рушди устувори ҳудудҳои деҳотро ба миён овардааст.

Стратегияи қабул гаштани ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба амалии рушди устувори ҳудудҳои деҳот, дар давраи то соли 2030 [4] сатҳи баланди мустақилияти маҳалҳо, мустақилияти онҳо аз нуқтаи назари трансфертҳои байнибуҷетии сатҳҳои болоии онро буҷетиро дар назар дорад. Вале мутаасифона механизмҳои мавҷудаи идораи рушди устувори ҳудудҳои деҳот ба талаботи имрӯзаи деҳот начанон ҷавобгӯанд. Метод ва воситаҳои рушди устувори ҳудудҳои деҳот, ки дар стратегияи мазкури зикршуда инъикос ёфтаанд, ба соҳаҳои экологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, самтҳои (институтсионалӣ)-и ҳаёти деҳоти ноҳияҳо камбудиҳоро ороянд. намекунанд. Таҳқиқоти гузарониашуда фарқияти торафт мураккабгаштаи рушди деҳотро ошкор намуд. Ҳолатикунонии зарурати ҷустуҷӯи воситаҳои нави идораи рушди устувори ҳудудҳои деҳотро ба миён овараст. Стратегияи мил-лии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 таҳия гаштааст, ки яке аз фишанг-ҳои иҷрои сиёсати маҳаллӣ ба ҳисоб меравад, боби «баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ» такмил додани маҷмуи аграрӣ иҷрои вазифаҳои зеринро ар бар мегиранд:

- таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯроквории истеҳсолоти ватанӣ;
- рушди устувори ҳудудҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот;

- баланд бардоштани рақобатпазирии маҷмуи аграрӣ;
- ба таври босамар ивазкунии маҳсулоти воридотӣ дар бозори маҳсулоти чорводорӣ ва ташкили иқтидорҳои рушдёфтаи содиротӣ (махсусан дар соҳаи растанипарварӣ), ки дар оянда имкон медиҳад дар бозори ҷаҳонии маҳсулоти аграрӣ мавқеи устуворро пайдо кард;
- беҳтаркунӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии захираҳои замин ва дигар захираҳои табиии дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифодашаванда.

Мо ба андешаи М.В. Лоскутова розием, ки дар таҳқиқоти худ зикр кардааст, ки равиши маҷмуӣ ба рушди ҳудудҳои деҳот ҳамчун қисмати давлат, минтақаҳои он зарур мебошад [3].

Барои исботи он ва амалӣ гаштани мақсаи рушди устувори деҳот амалӣ ва ҷиҳатҳои гуногуни таъсиркунанда вуҷу доранд, ки як чантаи онҳоро ба таври зерин арзёби менамонем (расми 1).

Давраи ояндаи низоми банақшагирии стратегӣ ба андешаи мо консепсияи рушди комплекси агросаноатии вилояти Хатлон барои ояндаи дарозмуҳлат монанд ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҷории соҳаҳои дигари хоҷагии халқ бояд бошад. Яке аз вазифаҳои асосии стратегияи рушди маҷмуи агросаноатӣ ҳалли мушкилоти рушди устувори деҳот бояд гардад.

Расми1. Ҷиҳати асоснокшавии руши устувори ҳудудҳои деҳот.



Манбаъ: ***аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.***

Яке аз қазияҳои ҳал талаб ва хоссае ин кумаки агар вилоятҳои ҷумҳурӣ, аз маркази молиявӣ мебошанд, ки барои рушди ҳудудҳои деҳот ёрии молиявӣ гирифтанӣ бошанд, бояд стратегияи рушди комплекси агросаноатии, худро бо консепсияи рушди дарозмуҳлати соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд.

Новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди ҷомеаи илмӣ ба мушкилоти вуҷуддошта дар самти банақшагирии стратегӣ дар сатҳи ташкилотҳои маҳалӣ то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Тавсияҳои илмӣ оид ба ин самти кор бо пешниҳодҳо оид ба ташаккули стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо хело маҳдуданд. Хусусан дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявии мақомоти маҳаллии идораи ҳудудҳои деҳот бо махсусиятҳои худ мебошанд, ба назари мо таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи таъмини рушди устувори деҳот хеле муҳим аст [4].

Ба ақидаи муҳаққиқ Коваленко Е.Г., ки зарурати истифодаи усулҳои стратегии идораи рушди ҳудудҳои деҳотро асоснок кардааст ҳамфикрем ба хусусиятҳои фарққунандаи маҳал [6] ва чунин меҳисобем, ки ҳангоми ташаккули стратегияи рушди устувор ддар маҳалҳои якхелаи деҳотӣ истифодаи равиши зикршуда мувофиқи мақсад аст.

Таҳқиқотҳо исботианд, ки аксарияти ноҳияҳои ба ҳам монанди як х деҳот аз ҳудаи маблағгузорӣ ҳудадориҳои харочоти намудааанди ба зиммаи онҳо вогузошта аз ҳисоби даромадҳои дохили намебароянд, чун ки имкониятҳо оид ба ҷалби захираҳои молиявӣ ба буҷети маҳаллӣ, сармоягузорӣ ба соҳаҳои иқтисоди онҳо ҳудудҳо аз ҳамдигар фарқиятҳои асосиро доранд.

Равиши стратегии пешниҳодкардаи мо ба рушди устувори ноҳияҳои якхелаи деҳотӣ ва усули барномавию мақсадноки банақшагирии чорабиниҳои равонашуда ба рушди устувории буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин, беҳтаргардонии шароити экологӣ ва иҷтимоии зиндагии аҳолӣ бояд асоснок ва ба тартиби зерин бояд нигаронда шавад:

- мутобиқати амалҳои гузарондашуда ба доираи қонунгузориҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии вилояти Хатлон;
- ягонагии вазифаҳои чорабиниҳо ва корҳои гузарондашаванда;
- баҳаммонандии методологӣ ва стратегӣ;
- асоснокӣ ва самаранокии иқтисодӣ;
- мунтаззамӣ;
- шаффофият ва ошкорӣ.

Дар шакли умумӣ мақсади он таҳияи тартибҳо оид ба муносибгардонии сиёсати буҷетӣ ва андозӣ, таъмини рушди самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ барои дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, интенсификатсияи дар равандҳои истифодаи захираҳои замин, таъмини заминаҳо барои беҳтаргаштани ҳолатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ сатҳи зиндагии аҳоли дар ноҳияҳои якхелаи деҳот мебошанд.

Раванди марҳилавии механизми ташкили танзими байнибуҷетӣ дар вилоят аз равишҳои илман асосноки баланд бардоштани устувории буҷетӣ ва таъминоти буҷети иборат бошад. Амали гаштани онҳо имконият медиҳанд ҷиҳатҳои сусти муносибатҳои молиявию иқтисодӣ захираҳои имконпазирии онҳо ошкор гашта, ки имкониятҳои асосии рушди муносибатҳои буҷетӣ ба қайд гирифта шаванд. Равиши асосноки, мазкур медиҳад, ки самтҳои нисбатан самараноки маҷмӯи захирахои маҳдуди молиявӣ барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда муайян карда шаванд. Ҷорӣ намудани чорабиниҳои банақшагирифта имконият медиҳанд, ки мутобиқатгардонӣ ва назорат аз сатҳи устувории буҷетӣ амалӣ кунонда шавад.

Истифодаи самаранокии захирахои замин шароит фароҳам меорад, ки афзоиши ҳосилнокӣ ва ҷамъоварии умумии зироати кишоварзӣ ноҳия таъмин гаронданд. Дар натиҷа ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд ояд, сатҳи бекорӣ коҳиш ёбад пойгоҳи андозӣ мустаҳкам гашта барои баланд бардоштани фаъолмандии расмӣ ҷалби сармоягузории иловагӣ ва ниҳоятан рушди деҳот амлӣ гарадад.

Рушди иҷтимоӣ ва экологии ноҳияҳои бо ҳам монанди деҳот дар навбати аввал бояд мавҷудияти захираҳои зарурии молиявиро баҳри иҷрои барномаҳои таҳиягаштаи самти иҷтимоии дастгирии аҳолӣ ва ҷобаҷогузории маҷмуи чорабиниҳо барои беҳтарнамудани шароити зиндагии онҳо мувофиқ гардонд. Ҳамин тавр, равиши консептуалӣ тавассути таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи рушди устувори ноҳияҳои деҳот бояд метавонад амалӣ гардонад, ки дар навбати худ пай дар ҳамӣ ва идомати фаъолият таъмин карда мешавад.

Мавриди амалигаштани таҳлили шароити аввалияи иҷрои стратегия рушди иҷтимоию- иқтисодӣ арзёбии сатҳи рушди вазъи молиявии ҷамъият, сифати банақшагирии буҷетӣ ва самаранокии сиёсати он коэффитсиенти нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии рушд ба назари эътибор гирифта шаванд. Чуноне, ки дида мешавад имрӯз дар назди ноҳияҳои деҳот на танҳо қазияҳои хусусияти иқтисодидошта, балки мушкилоти зиёди иҷтимоӣ ва экологӣ вуҷуд доранд истодаанд, ва ҳалли худро мехоҳанд. Норасоии қувваҳои кори дорои тахассусҳои баланди касбӣ бекории афзоянда аз он ҷумла, ки муҳоҷирати доимии ҷавонон ба ҳолати ҳозира нақши бевоситаи худро дар маҳалҳои деҳотӣ ва самтҳои асосии сиёсати иҷтимоиро дар ноҳияҳои деҳотӣ муайян мекунад таъсири манфии худро расонидааст.

Дар баробари он, мавҷудияти ҷойҳои холии корӣ дар ҳудудҳои мазкур барои таъмини ҳасти лозима ҷаззоб намегардонанд. Танҳо дастрасӣ ба инфрасохтори пешрафтаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ба монанди тиббӣ, маориф, нақлиёт, маишӣ, фарҳангӣ шумораи хоҳишмандони зиндагиро дар деҳот афзун карда метавонанд.

АДАБИЁТ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳияи Барномаҳои ислоҳоти секторӣ аграрӣ» аз 2 июли соли 2009, №406
2. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
3. Консепсияи рушди ҳудудҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020.
4. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи то соли 2030.
5. Самандаров И.Х. Уровень развития социальной инфраструктуры села. Душанбе. Изд-во ТАУ, 2003. – С.140.
6. Коваленко Е.Г. Модернизация механизма устойчивого развития сельских территорий: монография / Е.Г. Коваленко, Т.М. Полушкина, О.Ю. Якимова и др.; под общей ред. Е.Г. Коваленко. – М.: Издательский дом Академии Естествознания, 2014. – С.166.
7. Мерзлов А.В. Устойчивое развитие сельских территорий: теория, методология и практика: дис. док. экон. наук. – Москва, 2006.
8. Федорова О.В. Формирование системы устойчивого развития сельских территорий //Дис. На соиск. уч. степ. к.э.н. М., 2010.
9. Шарифов З.Р. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ. Душанбе, Ирфон 2019, -159 С.

АННОТАЦИЯ:
СТРАТЕГИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ

В данной статье проанализированы стратегия и перспективы развития села, региона, сельской местности, социально-экономическая политика, стратегия устойчивого развития, методология, экономическая эффективность. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года, которая считается одной из рычагов реализации местной политики, в рамках раздела «повышение национальной конкурентоспособности», совершенствования аграрного комплекса, решает следующие задачи, такие как: обеспечение населения сельскохозяйственной продукцией и продуктами питания отечественного про-изводства, устойчивое развитие сельских и горных территорий, повышение уровня жизни сельского населения; повышение конкурентоспособности аграрного сектора; эффективное замещение импортной продукции на рынке сельскохозяйственной продукции и создание развитых экспортных мощностей (особенно в сфере растениеводства),

что в перспективе, позволит вести эффективную сельскохозяйственную деятельность, при которой продукция займет свое место на внешнем рынке, повысится продуктивность земель и других природных ресурсов, используемых в сельскохозяйственном производстве.

Ключевые слова: *регион, сельские территории, социально-экономическая политика, экологическая стратегия, развитие, устойчивое развитие, эффективность.*

ANNOTATION:

STRATEGY AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF RURAL AREAS

This article analyzes the strategy and prospects for the development of the village, region, rural area, socio-economic policy, sustainable development, strategy, methodology, economic efficiency. The National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030, which is considered one of the levers for implementing local policy, within the section "increasing national competitiveness", improving the agricultural complex, solves the following tasks, such as: ensuring the provision of the population with agricultural products and food products of domestic production; sustainable development of rural and mountainous areas; improving the standard of living of the rural population; increasing the competitiveness of the agricultural sector; effective substitution of imported products in the agricultural market and the creation of developed export capacities (especially in the field of crop production), which in the future will allow efficient agricultural activities, in which products will take their place in the foreign mar-ket, increase the productivity of land and other natural resources used in agricultural production.

Key words: *region, rural areas, socio-economic policy, environmental strategy, development, sustainable development, efficiency.*

Сведения об автор:

Мирзоев Сухбатулло Авганович – кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры учета и аудита Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. ш. Душанбе, проспект Борбада 48/5; телефон (+992) 988646225.

Information about the author:

Mirzoev Sukhbatullo Avganovich – candidat of economic sciences, associate professor of the accounting and audit department of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Dushanbe highway, Borbada avenue 48/5; phone (+992) 988646225.

ТДУ: 338.48

ОМӮЗИШИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

Хоҷазода Д.Қ.[1], Наимов Д.М.[2]-[1]Қоллеҷи махсусгардонидашудаи ш. Бохтар

[2]Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, комплекси агросаноатӣ, кишоварзӣ, раванди инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, мамлакатҳои хориҷӣ, рушди инноватсонии комплекси агросаноатӣ.*

Дар замони имрӯза тамоюлҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳон нишон медиҳанд, ки барои рушди босурати иқтисодиёт, фаъолияти инноватсионӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳанд, ки яке аз ҳадафҳои асосии амалинамоии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ ин истифодаи сарфаи захираҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва баландсифат, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои пешқадам ҷиҳати истеҳсоли молу маҳсулоти нави кишоварзӣ, рушди иқтидори генетикии соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, усулҳои муосири парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ва дар маҷмуъ рушди соҳаи комплекси агросаноатӣ бо истифода аз маҷмуи методҳои инноватсионӣ мебошад. Дар шароити бемайони рушдкунандаи муносибатҳои бозоргонӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рушди устувори иқтисодӣ тавассути истифодаи усулҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла комплекси агросаноатӣ мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии кишвар, ки санаи 28.12.2023 ироа гардид, иброз дошта буданд, ки "...Моро зарур аст, маданияти баланди заминдориро риоя намуда, ҷиҳати истифодаи самараноку сарфакоронаи он, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираҳои об тадбирҳои доимӣ андешем..."[8]. Инчунин дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030" ба масъалаи рушди фаъолияти коплекси агросаноатӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуда, рушди минбаъдаи ин соҳаи муҳим арзёбӣ гардидааст.

Дар амалинамоии равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, мутахассисони баландихтисоси соҳа мавқеи калидӣ доранд. Зеро онҳо метавонанд ҳамчун муҳаррики асосии ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ, омили асосии ташкили лабораторияҳои кишоварзӣ барои парвариш ва истеҳсоли навъҳои беҳтарини зироатҳои гуногун бо гузаронидани таҷрибаҳои

биологӣ, ташкили корҳо оид ба таъсиси кооперативҳои ёрирасони ҳоҷагии халқ дар деҳот бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ баромад намоянд.

Имрӯзҳо дар бисёр кишварҳои пешрафта ба мисли Чин, Нидерландия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Бразилия ва ғайра барои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ таваҷҷуҳи хоса ба захираҳои зеҳнӣ равона гардидааст.

Барои арзёбии умумии дараҷаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта муҳим мебошад. Аз соли 2007-ум инҷониб дараҷаи рушди фаъолияти инноватсионии давлатҳои ҷаҳон тавассути индекси глобалии инноватсионӣ (The Global Innovation Index) муайян карда мешавад, ки он аз 80 нишондиҳандаи гуногун иборат мебошад (ҷадв.1).

Ҷадвали 1.-Мавқеи кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи индекси инноватсия дар соли 2023 (The Global Innovation Index 2023)

Мавқе	Давлатҳо	Дараҷа
1	Швейтсария	67,6
2	Шветсия	64,2
3	Иёлоти Муттаҳидаи Амрико	63,5
4	Британияи Кабир	62,4
5	Сингапур	61,5
6	Филандия	61,2
7	Нидерландия	60,4
8	Олмон	58,8
9	Дания	58,7
10	Ҷумҳурии Корея	58,6
51	Федератсияи Россия	33,3
81	Ҷумҳурии Қазоқистон	26,7
82	Ҷумҳурии Узбекистан	26,2
111	Ҷумҳурии Тоҷикистан	18,3
131	Ҷумҳурии Ангола	10,3

Манбаъ: ***Таҳияи муаллифон аз рӯйи ҳиссоботи солонаи The Global Innovation Index 2023 манбаи электронӣ:https://www.wipo.int/edocs/pubdocs/en/wipo-pub-2000-2023-section1-en-gii-2023-at-a-glance-global-innovation-index-2023.pdf (санаи дархост 02.10.2024)***

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар соли 2023 аз рӯйи индекси глобалии инноватсионӣ (The Global Innovation Index 2023) дар байни кишварҳои ҷаҳон натиҷаҳои инноватсионии Швейтсария бо нишондиҳандаи (67,6 балл) ҷойи аввал ва Ҷумҳурии Ангола бо нишондоди (10,3 балл) мавқеи охиронро гирифтанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад дар ин радабандӣ бо нишондиҳандаи (18,3 балл) мақоми 111-умро ишғол менамояд. Афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин радабандӣ бо мисли рушди системаи дониш ва технологияҳо дар сатҳи 85-ум, рушди институтҳо дар сатҳи 90-ум, рушди бозори дохилӣ дар сатҳи 94-ум мебошанд. Нишонаҳои пасти он бошад ин номукаммалии натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ дар сатҳи 123-ум, рушди инфрасохтор дар сатҳи 122-ум, рушди тиҷорат дар сатҳи 110-ум, рушди сармояи инсонӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ дар сатҳи 99-умро ташкил медиҳанд [1, с.18].

Қайт кардан ба маврид аст, ки дар рушди фаъолияти инноватсионӣ нишондиҳандаҳои зерин таъсири аввалиндараҷа мерасонанд, ба мисли хароҷоти илмӣ-таҳқиқотӣ, шумораи кормандони баландихтисос, қобилияти истифодаи техника ва технологияҳо, ҳолати инфрасохтор, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва зеҳнӣ. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар замони имрӯза механизмҳои зиёде мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо давлат метавонад рушди фаъолияти инноватсиониро таъмин намояд. Метавон як катор мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳониро мавриди баррасӣ карор дод, ки дар замони имрӯза рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии ин мамлакатҳо бараъло ба мушоҳида мерасад.

Дар замони имрӯза Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бузургтарин содиркунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дастгирии давлатӣ дар рушди ин соҳа мавқеи асосиро мебозад. Хароҷотҳои таҳқиқотҳои илмӣ – техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ пурра аз ҷониби давлат маблағгузорӣ ва назорат карда мешавад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дорои заминаи хуби танзими давлатии меъёрҳои ҳуқуқии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ буда, танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар ин кишвар аз ҷониби ниҳодҳои алоҳидаи давлатӣ ба монанди Фонди илмии Амрико, Маркази миллии таҳқиқотии саноатӣ, Вазорати кишоварзии ИМА, Академияи миллии илмҳо ва дигар сохторҳо амалӣ карда мешавад. Хусусияти хоси сиёсати аграрии Амрико дар ташаккули соҳаҳои механизатсиякунонӣ, селексиякунонӣ, химиякунонӣ, татбиқи биотехналогияҳо ва дигар марҳилаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ фаъол мебошад. Дар ин баробар рушди фаъолияти илмӣ мавқеи хеле муҳимро ишғол менамояд. Дар замони имрӯза бисёр донишгоҳҳои бонуфузтарини ҷаҳонӣ мавҷуд аст, ки барои тайёр намудани

кормандони баландихтисос дар комплекси агросаноатӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нақши муҳимро мебозанд.

Рушди иқтисодиёти рақамӣ дар солҳои охир яке аз соҳаҳои муҳимтарини комплекси агросаноатии ИМА маҳсуб меёбад, ки дар айни замон рушди ин соҳаро таъмин намуда истодааст. Имрӯзҳо зиёда аз нисфи деҳқонон ҳадди ақал як технологияи инноватсионӣ бо номи "хоҷагидории дақиқ"-ро (точного земледелия) истифода мебаранд. Рушди технологияи "хоҷагидории аниқ" дар солҳои 1990-ум бо пайдоиши системаҳои ҷаҳонии ҷойгиршавӣ (GPS) ва системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ (GIS) оғоз ёфтааст. Истифодаи GPS дар соҳаи кишоварзии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, аз соли 2001-ум инҷониб истифода мешавад.

Тӯли даҳсолаи охир технологияи "хоҷагидории дақиқ"- бо истифода аз қабули барномаҳои мобилӣ, интернети баландсуръат ва моҳвораҳои боэътимод ба дараҷае афзоиш ёфт, ки онҳо ҳоло амалан тамоми соҳаҳои кишоварзии ИМА истифода бурда мешаванд. Технологияи "хоҷагидории дақиқ" имкони зиёд намудани ҳосили маҳсулотро то ба 20-30 %, кам намудани хароҷотро то ба 15-20% (дар як гетар) ва 2-3 баробар кам намудани коргаронро фароҳам намудааст [9].

Нидерландия аз ҷумлаи мамлакатҳое ба ҳисоб меравад, ки масоҳаташ на он қадар бузург мебошад, вале аз ҷиҳати истеҳсоли молу маҳсулотҳои кишоварзӣ баъд аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мавқеи дуюмро ишғол менамояд. Дар замони имрӯза фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои агросаноатии Нидереландия бомуваффақияти назаррас рушд намуда истодааст. Дар ин радиф метавон якчан ширкатҳоро қайд намуд:

Ширкати машваратии "Lely"- ҳамчун як ширкати кишоварзии оилавӣ ба шумор рафта, дар сатҳи байналмилалӣ кор ва фаъолият менамояд. Вазифаи асосии ин ширкат осон намудани зиндагии фермерон тавассути роҳҳои омӯзонидани методҳои инноватсионӣ ва хидматҳои фардӣ ба шумор меравад, ки аз соли 1948 то инҷониб кору фаъолият менамояд. Асосгузорони ин ширкат бародарон Корнелис ва Арей мебошанд. Ин навъи хизмати машвараті дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади паҳн намудани донишҳои инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ ба ролҳ монда шудааст. Масалан, дар соҳаи чорводорӣ ҳариб ҳамаи намудҳои кори анбор-аз ширчӯшӣ сар карда, то идоракунии самараноки чорводорӣ тавассути системаҳои идоракунии ферма тавсия дода мешавад [5].

Ширкати дигаре, ки дар ин самт нақши калон дорад ин Ширкати "VDK Agri" мебошад. Ин ширкати нидерландӣ тақрибан 40 сол аст, ки дар таҳия, истеҳсол ва фурӯши системаҳои парвариши гӯсолаҳо бо методҳои нави инноватсионӣ машғул мебошад. Вазифаи асосии ширкати мазкур, бо технологияҳои пешрафтаи инноватсионӣ парвариш намудани чорво ба ҳисоб меравад. Ширкати VDK Agri дар асоси маҷмуи донишҳои инноватсионӣ маҳсулоти хушсифат истеҳсол мекунад, ки чорводорони тамоми ҷаҳон ҳар рӯз бо камоли мамнуният истифода мебаранд. Яке аз маҳсулоти инноватсионии ин ширкат системаи VDK Agri ба ҳисоб меравад, ки ба парвариши чорво бо роҳҳои нави инноватсионӣ амалӣ карда мешавад [3].

Дар замони имрӯза маҳсулотҳои инноватсионии ширкати VDK Agri (ба монанди VDK Agri Open, Top Premium Single , Top Premium Duo, VDK Agri Indoor Combo 100 см,120 см, VDK Agri Open Top standard) барои парвариши гӯсолаҳои аз 0 то 2-3-сола дар бисёр давлатҳои пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо, Амрико ва Русия васеъ истифода мешавад [6].

Мисоли дигар ин ширкати бузурги оилавӣ **Koppert Biological Systems,** яке аз пешрафтатарин ширкати ҷаҳонӣ дар бозори низомҳои биологӣ ба ҳисоб меравад. Асоси фаъолияташ ин бо усулҳои нав муборизаи бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои растаниҳоро ташкил медиҳад. Идораи марказӣ дар шаҳри Де Лири Нидерландия ҷойгир аст, аммо ширкат дар кишварҳои гуногун намояндагиҳо ва шуъбаҳои худро дорад.

Навъи дигари инноватсияҳо дар соҳаи кишоварзии Нидерландия ин гармхонаҳои дар бом ҷойдошта ба ҳисоб мераванд. Идеяи бунёди гармҳонаҳо дар боми бинои куҳнаи шаҳри Гаагаи Нидерландия ба ду донишҷӯ тааллуқ дорад. Ин лоиҳа дар охирҳои соли 2015 оғоз ёфтааст ва барои рушди он аз тарафи фонди рушди сохтмони манзили ҳукумати маҳалии Нидерландия 2,7 миллион евро грант ҷудо шуда буд [2, с.178]

Таҷрибаи Канада дар рушди фаъоляти иноватсионии комплекси агросаноатӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Аз ҷиҳати содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ Канада пас аз ИМА ва Нидерландия дар ҷаҳон мавқеи сеюмро ишғол менамояд. Воситаҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар ин соҳа аз ҷониби ҳукумат тавассути барномаҳои мақсаднок истифода мешавад. Дар таъмини давлатии сиёсати рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ мавқеи асосиро "Барномаи шарикии кишоварзии Канада" ишғол менамояд. Ин барнома нақшаии страте-гии 5-сола аз соли 2018 то соли 2023 иборат буда, ду қисмати асосӣ «барномаи агра-илмӣ» (*AgriScience Program*) ва «барномаи агра-инноватсионӣ»-ро (*AgriInnovative Program*) ташкил медиҳад (ҷадв. 2).

Ҷадвали 2.-Сохтори барномаи шарикии кишоварзии Канада (Canadian Agriculture Partnership Program)



Манбаъ*:Таҳияи муалиф аз рӯйи маълумоти “Барномаи шарикии кишоварзии Канада” (Canadian Agriculture Partnership Program)*

Дар доираи “Барномаи таҳқиқотии кишоварзӣ” (*AgriScience Program*) ҳукумати федералӣ ду зербарномаро маблаггузорӣ мекунад: ташаккули кластерҳои илмӣ дар асоси соҳавӣ (*AgriScience – Clusters*) ва татбиқи лоиҳаҳои инфиродии илмии кишоварзӣ (*AgriScience – Projects*).

Федератсияи Россия имрӯзҳо ба мисли бисёр кишварҳои ҷаҳон дар рушди фаъолияти инноватсионии комплекси агросаноатӣ диққати махсус медиҳад. Танзими давлатии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Федератсияи Россия тавассути як қатор барномаҳои давлатӣ ба мисли: “Консепсияи рушди равандҳои инноватсионии КАС-и Россия”, “Барномаи давлатии илмӣ-техникӣ”, “Барномаи федералии илмию техникии рушди хоҷагии қишлоқ дар солҳои 2017-2030”, **“**Стратегияи рушди инноватсионӣ то соли 2020” ва дигарҳо. Давлат тибқи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳо метавонад мустақиман ва ғайримустақим ба эҷоди фазои мусоиди инноватсионӣ таъсир расонад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ шаҳодат медиҳанд, ки усулҳои бевоситаи рушди инноватсионӣ ин маблаггузории буҷетӣ ба коркардҳои илмю таҳқиқотӣ, ки таъмини устувории рушди инноватсиониро таъмин менамояд, ба ҳисоб меравад [1, с.149].

Комплекси агросаноатии Федератсияи Россия дар марҳалаи тараққиёт ва навсозии фаъолона қарор дошта, рушди соҳаи кишоварзиро имрӯзҳо дар ин кишвар бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан душвор аст. Дар замони имрӯза дар хоҷагии қишлоқи Федератсияи Россия чунин технологияҳои пешрафтаро ба мисли малакаи зеҳнӣ “BigData”, системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ (СИҶ), биотехнология, хоҷагии вертикалӣ (вертикальное земледелие), дугоникҳои рақамӣ, ҳавопаймоҳои бесарнишин (аградронҳо) истифода бурда мешавад [4].

Таҷрибаи беназири Ҷумҳури мардумии Чин дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии аграрӣ ва рақамикунонии он, такмили муносибатҳои истеҳсолӣ ва автоматикунонии хоҷагии қишлоқ бо технологияҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мавқеи баландро ишғол менамояд. Сиёсати давлатии аграрӣ ин муҳимтарин воситаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки амнияти озуқавории мамлакатро таъмин менамояд.

Ҷумҳурии Мардумии Чин тибқи маълумоти WIPO (Созмони зеҳнии молу мулк) оид ба татбиқи платформаҳои робототехникӣ дар рейтинги ҷаҳонӣ миёни сегонаи давлатҳои пешрафта қарор дорад. Дар солҳои охир Ҷумҳурии мардумии Чин дар бахши аграрӣ “Консепсияи кишоварзии интелектуалӣ”-ро истифода мебарад. Дар зери мафҳуми кишоварзии интелектуалӣ дар асоси татбиқи технологияҳои нав ба мисли дронҳо, малакаи зеҳнӣ, маълумотҳои калон, IoT, моҳвораҳо ва дигар навовариҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ин васила ба фермерон имкон медиҳад, ки кори худро осон намуда, ба натиҷаҳои беҳтар ноил шаванд [7, с. 140].

Истифодаи консепсияи кишоварзии интелектуалӣ дар хоҷагии қишлоқ ин самти муҳими рушди фаъолияти инноватсионнӣ дар бахши аграрӣ ба ҳисоб меравад. Агар мо тадбиқи робортҳо ва ҳавопаймоҳои бесарнишинро дар хоҷагии қишлоқи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии мардумии Чин муқоиса намоем, ба мо равшан ба назар мерасад, ки Ҷумҳури Мардумии Чин дар муқоса ба ИМА масоҳати хоҷагиҳои аграрӣ бо ҳам зиҷ ҷойгир шудаанд, ки ин имконияти хуби фоаъолиятро тавассути ҳавопаймоҳои бесарнишин ва роботҳо фароҳам меорад. Аз ҷиҳати омухтани хусусиятҳои рушди комплекси агросаноатӣ, баррасии амалия ва тадбиқи таҷрибаи кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Дар замони имрӯза вобаста ба

рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Қазокистон мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ раванди кластерии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Қазокистон нисбат ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ рушд кардааст. Имрӯзҳо қариб ҳамаи самтҳои истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Қазокистон ба раванди кластерӣ дохил шудаанд.Дастгирии давлатии сиёсати рушди фаъоляти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Қазокистон дар асоси як қатор барномаҳои давлатӣ тадбиқ крарда шудаанд: “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Қазокистон”, “Барномаи давлатии рушди индустриалӣ - инноватсионии Ҷумҳурии Қазокистон барои солҳои 2020-2025”, “Барномаи давлатии рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Қазокистон барои солҳои 2013-2017, 2017-2021” ва дигарҳо. Дар ин баробар муассисаҳои калоне ҳастанд, ки мустақиман барномаҳои инноватсионии рушди соҳаи кишоварзиро татбиқ менамоянд, ба мисли: ҶС “Нух КазАгро”, ҶС “КазАгроИнноватсия” ҶС “КазАроМаркетинг”, ҶС “Маркази интиқол ва тиҷоратикунонии технологияҳои кишоварзӣ” ҶС “КазАгроФинанс” [11, с.19].

Ҳамин тариқ, таҷрибаи ҷаҳониро оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии давлатҳои пешқадам аз қабили давлатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Нидерландия, Канада, Ҷумҳурии мардумии Чин, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазокистон мавриди баррасӣ қарор дода, чунин хулоса намудан мумкин аст:

1.Таъмини меъёрӣ-ҳуқуқии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии ин ва ё он мамлакати пешрафта аз ҳисоби санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии созгор дар ин соҳа ба роҳ монда мешавад. Мавқеи муҳимро дар ин ҷода қабул намудани барномаҳои стратегӣ, лоиҳаҳо ва маблағгузориҳои давлатӣ ташкил медиҳанд.

2. Ташкил намудани марказҳои машваратии хизматрасонӣ дар асоси дониш. Давлат метавонад марказҳои машваратӣ ва шабакавии паҳнкунии донишро бунёд сохта ва тавассути онҳо фаъолии рушди инноватсиониро барои тамоми субъектҳои комплекси агросаноатии мамлакат таъмин менамояд.

3. Равиши кластерӣ барои ба вуҷуд овардани ҳамгироиҳои илмӣ-техникӣ, рушди минтақавии соҳаи КАС мавқеъи бисёр муҳимро мебозад. Кластерҳои инноватсионии комплекси агросаноатӣ ҳамчун иттиҳодияи ҳудудӣ-истеҳсолӣ, ҳамгироии корхонаҳои агросаноатӣ, муассисаҳои илмӣ ва мақомоти давлатӣ фаҳмида мешаванд, ки ҳамгироии онҳо имконияти истифодаи оптималии захираҳои илмӣ–техникӣ ва таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти агросаноатӣ, иқтисодиёти минтаҷа ва умуман кишвар ба шумор меравад.

4. Таҷрибаи давлатҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта, нишон медиҳад, ки дар замони имрӯза яке аз роҳҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ ин ҷорӣ намудани техналогияҳои нави рақамӣ ба мисли хоҷагидории дақиқ (точного земледения), малакаи зеҳнӣ, моҳвораҳо, системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ (СИҶ), биотехнология, биоинжинерия, хоҷагии вертикалӣ (вертикальное земледелие) ва ҳавопаймоҳои бесарнишин дар КАС (агродронҳо) ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Б. Мицкевич, А.Г. Ефименко. Мировой опыт инновационного развития организаций апк в условиях цифровой экономики. сах-147-156 . с 149
2. И.В. Ивойлова «Инновации в сельском хозяйстве нидерландов» журнал Journal of Economy and Business, vol. 6-1 (88), 2022 , 176-181с
3. Манбаи электронӣ: https://agri-news.ru/novosti/sistemyi-dlya-soderzhaniya-telyat/
4. Манбаи электронӣ:https://sfera.fm/articles/oborudovanie/top-10-tekhnologii-v-selskom-khozyaistve-v-rossii#i-4
5. Манбаи электронӣ: https://www.lely.com/ru/about-lely/
6. Манбаи электронӣ: VDK Agri режим доступа https://vdk-agri.ru/
7. Мамычев А. Ю , Склярова С.А “Цифровизация и роботизация селского хозайства в соврименном Китае: оснавние приоритеты, направления инновационной политики государство” журнал:Advance in Law (2020) Том 8. Специальный выпуск 139-155. 140с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии соли 2020. Манбаи электронӣ: www.president.tj. Санаи муроҷиат: 11. 09.2024.
9. Скотников А.В., New Ag Systems, Plymouth MN, Клочков А.В. «Технологии точного земледелия в США» Манбаи электронӣ: https://agriecomission.com/base/tehnologii-tochnogo-zemledeliya-v-ssha
10. Харебава А.Р, Гуссаева А.А, Дощанова А.И. «Особенности инновационного развития АПК Республика Казакистан: Проблемы и перспективы. Журнал прикладные экономические исследование №3(25), 2018 сах. 19. С 18-24
11. Global Innovation Index 2023, Манбаи электронӣ: https://www.wipo.int/edocs/pubdocs/en/wipo-pub-2000-2023-section1-en-gii-2023-at-a-glance-global-innovation-index-2023.pdf

АННОТАЦИЯ
ИЗУЧЕНИЕ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА ИННОВАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ В АГРОПРОМЫШЛЕННОМ КОМПЛЕКСЕ

На современном этапе мировой экономики, увеличение объемов сельскохозяйст-венной продукции, развитие агропромышленного производства, производство эколо-гически чистой и качественной продукции, в этом контексте, обеспечение безопасности пищевых продуктов, входят в число проблем, с которыми сталкивается большинство стран мира. Правительство Республики Таджикистан реализует Национальную стратегию развития Республики Таджикистан до 2030 года, в которой обеспечение продовольст-венной безопасности считается одной из стратегических целей, а развитие инновационной деятельности играет ключевую роль. Ведь в сложных условиях развивающейся мировой экономики государств могут стабилизировать свое положение на региональном и мировом рынке и добиться значительных результатов только за счет внедрения инноваций в народнохозяйственой деятельности.

Ключевые слова: *инновации, инновационная деятельность, агропромышленный комплекс, сельское хозяйство, инновационный процесс в агропромышленном комплексе, сельскохозяйственная продукция, зарубежные страны, инновационное развитие агропромышленного комплекса.*

ANNOTATION

STUDYING FOREIGN EXPERIENCE OF INNOVATION PROCESSES IN THE AGRICULTURAL COMPLEX

At the present stage of the world economy, increasing the volume of agricultural products, the development of agro-industrial production, the production of ecologically clean and high-quality products in this context, ensuring food safety are among the problems faced by most countries. The Government of the Republic of Tajikistan is implementing the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period of 2030, in which ensuring food security is considered one of the strategic goals, and the development of innovation activities plays a key role.Because, in the difficult conditions of the developing world economy, states can stabilize their position in the regional and global markets and achieve significant results only by introducing of innovations in economic activity.

Keywords: *innovation, innovative activity, agro-industrial complex, agriculture, innovative process in agro-industrial complex, agricultural products, foreign countries, innovative development of agro-industrial complex.*

Сведение об авторах:

Ходжазода Давронджон Курбонали - кандидат экономических наук, доцент, директор специализированного колледжа города Бохтар. Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Бободжона Гафурова 27. E-mail: d.hojaev86@mail.ru. Телефон: (+992) 906-66-06-29

Наимов Далер Мадалиевич - докторант (PhD) Таджикского государственного финансово-экономического университета по специальности «Экономика». Адрес: РТ, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: daler.naimov.96@mail.ru. Телефон: (+992) 987-81-87-11

Information about the authors:

Khojazoda Davronjon Kurbonali - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Director of the Bokhtar Specialized College. Republic of Tajikistan, Bokhtar, Bobokhon Gafurov Street 27. E-mail: d.hojaev86@mail.ru. Телефон : (+992) 906-66-06-29

Naimov Daler Madalievich - PhD student of the Tajik State University of Finance and Economics by specialty «Economics». Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14. E-mail: daler.naimov.96@mail.ru. Phone: (+992) 987-81-87-11

ТДУ: 631.1: 633.379

ЗАМИН ВА ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВИИ МУНОСИБАТҲО

Қудратзода П.Қ. - Донишгоҳи давлатии Данғара

Калимаҳои асосӣ: *замин, иқлим, об, хок, хоҷагӣ, кишт, сабзавот, маҳсулнокӣ, рақобат, минтақа, ҷаҳон.*

Унсурҳои табиати хоҷагии қишлоқ замин, хок, наботот ва дигар элементҳоро дар бар мегирад. Таъсири мутақобилаи ин нишондиҳандаҳо устуворӣ ва самаранокии соҳаи кишоварзиро муайян месозад. Маданияти истифодабарии замин вобаста ба шароити мусоид, тағйирёбии иқлим, самаранокии ҳосилнокиро баланд намуда, барои ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида заминаи боэътимод мегузорад. Инчунин ба ин категория чарогоҳҳои муваққатӣ ё қитъаҳоеро низ ворид намудан мумкин аст, ки имконияти коркард ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намуданашон аз эҳтимол дур нест.

Дар шароити имрӯза барои парвариши чорво чарогоҳҳои доимӣ ва марғзорҳо истифода бурда мешаванд, ки ба ин намуди заминҳои кишорварзии истифодашаванда боз чарогоҳҳои идорашаванда ва табиӣ, заминҳои дорои навъҳои гунони наботот ба монанди даштҳои сералаф дохил мешаванд. Имрӯз ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида яке аз омилҳои муҳим дар таъмини самаранокии истифодаи иқтидори истеҳсолӣ вобаста ба шароити саноатикунонии босуръати мамлакат маҳсуб меёбад. Дар муҳити рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ истифодаи методҳои системавии таъмини самаранокии замин бо назардошти ҳифзи қабати ҳосилхезии хок ва бо усулҳои биологӣ баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ

аҳамияти муҳим дорад. Метавон зикр намуд, ки дар ин радиф истифодаи манбаъҳои обӣ низ нақши муҳимро мебозанд.

Нишондиҳандаҳои оморӣ дар миқёси ҷаҳон дар ин самт чунин аст:

Дар шароити кунунӣ 38%-и масоҳати умумии замини сайёра дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешавад, ки ин нишондиҳанда наздик ба 5 млн/га фарогир мебошад. Аз се як қисми ин заминҳоро заминҳои корам ташкил медиҳанд ва аз се дуи дигари онро чарогоҳҳо.

10%-и заминҳои корам дар самти парвариши растаниҳои доимӣ, аз қабили дарахтони мевадиҳанда, нахлҳои равғанӣ ва какао истифода мешаванд. 21%-и заминҳо ҳамчун таҷрибаи муҳими замисозӣ обёрӣ карда мешаванд, ки барои хоҷагии қишлоқ дар шароити рақобатпазирӣ зарур шуморида мешавад.

Захираҳои демографии ҷаҳон (тайи солҳои 1968-2023) дар ҳоли рушд мебошанд. Ин омил моро водор месозад, ки воситаҳои асосии истеҳсолот, аз ҷумла заминро оқилона истифода намоем. Зеро дар сурати зиёдшавии табиии шумораи аҳолӣ, инчунин талабот ба маҳсулоти ниёзи аввал меафзояд. Табиисит, ки доираи замини киштбоб дар чунин ҳолат бетағйир мемонад, аммо талабот ба истифодаи он дар ҳоли рушд мебошад, ки аз рӯйи таҳлилҳои гузаронидашуда тақрибан ду маротиба бештар дар ҳоли ҳозир гардидааст.

Тибқи омори истифодаи замин солҳои 1968-2023 нишондиҳандаи масоҳати замини киштбоб ба сари аҳолӣ поин фаромада аз 0,45 гектари соли 1968 ба 0,21 гектар дар соли 2023 баробар гардидааст. Дар минтақа бошад вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва иқлимию хокӣ заминҳои кишоварзӣ муайян карда мешаванд, ки тақсимоти он дар даҳсолаи охир (2013-2023) ба Осиё бузургтарин масоҳати заминҳои китшаванда рост омадааст, ки майдони он 1,6га ва ё 34%-ро фарогир мебошад. ИМА 1,2 ва ё 25%, Африқо 1,1 ва ё 24%-ро дар бар мегиранд. Дар чунин ҳолат ингуна майдони заминҳо дар Аврупо ва Океания 9-10% мебошанд.

Иқтидори ирригатсионӣ дар минтақа аҳамияти бузург дошта, дар робита ба ин дар даҳсолаи охир минтақаи сернуфуз, ё ин ки бештари масоҳати заминҳои обёришавандаро дар ихтиёри худ дошт, ин Осиё буд, ки 237 млн/га ва ё 70%-и чунин заминҳоро ихтиёрдорӣ менамуд. Аз рӯйи нишондиҳандаи мазкур ИМА ҷойи дуюмро, 52 млн/га, 16%; Аврупо 26 млн/га, 8%; Африқо 15 млн/га, 5%; Океания 3 млн/га, 1%-ро дар бар мегирад.

Вобаста ба таносуби заминҳои корами умумӣ ва заминҳои обӣ Осиё 40%, ИМА 13%, Аврупо 9%, Океания 7% ва Африқо 6%-ро дар бар мегирад.

Дар миёни солҳои 2013-2023 дастрасии аҳолӣ ба замин дар Осиё камтарин ба назар расида, ин нишондиҳанда ба сари аҳолӣ 0,13%-ро ташкил намудааст. Аз рӯйи ин нишондиҳанда Африқои Шимолӣ ва Америкаи Ҷанубӣ, Аврупо 0,40% рост омадааст ва дар Океания бошад 1,21 га ба ҳар сари аҳолӣ рост омадааст.

Дар даҳсолаи охир талабот ба истифодаи замини кишоварзӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, ин нишондиҳанда ба ҶХХ 500 млн. гектар дар ҷойи аввал; ИМА ва Австралия ҳар кадоме тақрибан 400 млн. га, Бразилия 278 млн/га рост меояд. Бузургтарин майдони кишти растаниҳои кишоварзӣ дар Ҳиндустон ба қайд гирифта шудааст, ки тақрибан 170 млн/га-ро ташкил медиҳад. ИМА бошад пас аз он дар ҷойи дуюм бо нишондиҳандаи 158 млн/га, ҶХХ ва Россия тақрибан 120 млн/га -ро дар алоҳидагӣ ташкил медиҳанд.

Дар самти истифодаи заминҳои обии кишоварзӣ метавон бузургтарин кишварҳо дар минтақа Ҳиндустон ва ҶХХ-ро номбар намуд, ки ба ҳиссаи ин кишварҳо дар алоҳидагӣ 68 млн/га замин рост меояд. Пас аз он ИМА 27 млн/га, Покистон 20 млн/га ва Эрон 9 млн/га -ро дар ихтиёр доштанд.

Дар давлати Олмон тибқи таҷрибаи андӯхта эрозияи замин ҳангоми истифодабарӣ дар кишоварзӣ ба қайд гирифта мешавад. Бинобар ин, тибқи қонуни ин кишвар «Дар бораи чораҳо оид ба такмили сохтори аграрӣ ва ҳифзи хоҷагии қишлоқ ва ҷангалдорӣ» кишоварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар самти парвариши растаниҳои кишоварзӣ ва нигоҳубини чорво эътироф гардидааст. Дар ин кишвар ба парвариши долу дарахтони мевадиҳанда, ангурпарварӣ, сабзавоти бехмевагӣ, моҳидорӣ ва ғайраҳо аҳамияти махсус зоҳир карда мешавад.

Тибқи қоидаи роич, дар Олмон ва музофотҳои он вобаста ба зарурати истеҳсолӣ қонунҳо дар хоҷагии қишлоқ қабул карда мешаванд. Аз ҷумла қонуни “Баден-Вюртемберг”, ки соли 1972 қабул гардидааст ва қонуни мазкур кишоварзӣ ва ҷангалдориро яке аз асосҳои иқтисодиёти ҷомеа муқаррар кардааст. Дар ин раванд тибқи муқаррароти қонунгузории кишвар вазифаҳои кишоварзӣ ин тибқи талабот бозори дохиларо таъмин намудан, тавлид намудани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар, нигоҳубини табиат аз таъсири омилҳои манфӣ, инчунин назорати қатъии манзараҳои табиӣ мебошанд. Соҳаҳои асосии кишоварзӣ дар Олмон ин самаранокии истифодабари замин, тавлиди маҳсулоти растанипарварии аз ҷиҳати экологӣ тоза, боғу токпарварӣ, маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ, рушди соҳаи моҳидорӣ, занбури асалпарварӣ ва дигар соҳаҳои ба кишоварзӣ алоқаманд мебошанд.

Тибқи Кодекси граждании соли 2008, Кодекси тиҷоратии соли 1897, Қонуни саҳомии соли 1965, Қонун дар бораи ҶДММ-и соли 1892 ва Қонун дар бораи кооперативҳо соҳаи соҳибкории кишоварзӣ танзим карда мешавад. Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур бобҳои алоҳидаи истифодаи замин мавҷуд нестанд. Кишоварзӣ ва хоҷагии қишлоқ дар шакли муқаррарнамудаи актҳои зикргардида дар умум танзим карда мешавад, ки натиҷааш самараи дилхоҳ ба бор овардааст.

Соли 2011 давлати Олмон тибқи Қонун дар бораи кишоварзӣ ва Қонун дар бораи тағйир додани ухдадориҳои оинномавӣ-2007 ба Вазорати озуқаворӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи истеъмолкунандагон салоҳияти аз фермаҳо гирифтани маълумотро оид ба истифодабарии оқилонаи замин дар зарфи ҳар як чор сол додааст, ки тибқи тартиби мазкур маълумот дар бораи вазъияти хоҷагии қишлоқ, баҳо додан ба истифодабарии замин ва типификатсияи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ пешниҳод карда мешавад.

Тибқи "Қонуни омори аграрӣ" коргоҳу корхонаҳо ҳамчун воҳиди техникию иқтисодӣ, ки ширкатҳои саҳомиро пеш бурда, маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва ё дигар соҳаҳоро танзим мекунанд. Инчунин, заминро аз касалиҳои эрозиявӣ ҳифз мекнанд, муносибат ба замин амалӣ карда мешавад. Бо мақсади нигоҳ доштани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва пешгирӣ намудани парокандагии заминҳои хоҷагии қишлоқ дар бораи мерос гирифтани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва заминҳои онҳо муқаррароти мушаххас дар назар дошта шудааст.Дар Олмон миёни субъектҳои истеҳсолӣ ба ҳайси шахсони ҳуқуқӣ 51% кооперативҳои истеҳсолӣ фаъолият мекунанд. Боқимонда шахсони воқеӣ ва субъектҳои инфиродӣ.

Замин сарватҳои табиӣ ва сарватҳои зеризаминӣ дар давлати Олмон мувофиқи қонуне, ки намудҳо ва андозаи ҷубронпулии пешакӣ ва одилонаро муайян мекунад, ба моликияти давлатӣ ё ба дигар шаклҳои хоҷагии ҷамъиятӣ дода мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Горячкина Т.В., Ярич И.Г. Страны мира. -Москва, 2018
2. https://studme.org/61679/pravo/germaniya
3. https://www.fao.org/sustainability/news/news/ru/c/1287543/

АННОТАЦИЯ

ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЕ В ПЕРЕХОДНЫХ УСЛОВИЯХ, ОБЕСПЕЧЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОДУКЦИИ НА ОСНОВЕ МИРОВОГО ОПЫТА

В данной статье собраны и проанализированы сведения о земле, ее роли в обеспечении воспроизводства, ее значение в конкурентном процессе производства, а в связи с ростом населения земного шара, внимание к ней, как к основному средству производства, возросло. Также, имеются материалы о распределении земель сельскохозяйственного назначения на душу населения планеты, регионов, опыте развитых стран по использованию земли в современных условиях.

Ключевые слова: *земля, климат, вода, почва, сельское хозяйство, посадки, овощи, урожайность, конкуренция, регион, мир.*

ANNOTATION:

LAND USE IN TRANSITIONAL CONDITIONS, ENSURING PRODUCTION COMPETITIVENESS BASED ON WORLD EXPERIENCE

In this article, analyzed information is collected about the land, its role in ensuring reproduction, its importance in the competitive process of production, and due to the increase in the world's population, the attention to it as the main means of production has been collected. There are also materials on the distribution of agriculturally important land per head of the world's population, regions, the experience of developed countries regarding the use of land in modern conditions.

Key words: *earth, climate, water, soil, agriculture, planting, vegetables, productivity, competition, region, world.*

Сведения об авторе:

Кудратзода Парвиз Кудрат-кандидат экономических наук, декан факультета финансов и экономики Дангаринского государственного университета. 735320, Таджикистан, Дангара, ул. Маркази, 25, тел.: (+992) 905070863.

Information about the author:

Kudratzoda Parviz Kudrat – Candidate of Economics, Dean of the Faculty of Finance and Economics of Dangara State University. 735320, Tajikistan, Danara, Center street, 25, Tel.: (+992) 905070863.

ТДУ:331,5 (327)

ТАМОЮЛИ РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР КИШВАРҲОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУТТАҲИД

Раҳимов Ҷ.О.[1], Исмоилзода А.М.[2]

[1]Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,

[2]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Калимаҳои асосӣ: *бозори меҳнат, шуғл, бекорӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, ҷойи корӣ, омодакунии мутахассисон.*

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот рӯбарӯ гардид, ки асоситарини инҳоро метавон номбар кард:

- ба ихтисор мувоҷеҳ шудани теъдоди шуғлдорон дар бахши давлатӣ;
- нокифоя будани музди маош дар шуғли расмию ғайрирасмӣ;
- шиддат ёфтани дараҷаи бекорӣ, хосатан бекории махфӣ;
- дигаргуншавии таркиби касбият вобаста ба соҳаҳо;
- коҳишёбии сатҳи талабот ба захираи меҳнатӣ ва шуғли зарурӣ;
- шиддатёбии ботадриҷи шуғли ноқис;
- муҳоҷиршавии сокинони мамлакат ба хориҷи кишвар;
- инкишофи номунтазами бозори меҳнати минтавқавӣ;
- аз байн рафтани мувозинат миёни бозори меҳнат ва хадамоти таълимӣ;
- ноустувории махсусияти гендерӣ дар соҳаи интихоби касбият ва ҳоказо.

Дар ин асно, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин ба назар гирифта шудааст: “Таъмини афзоиши саривақтии теъдоди шуғли пурмаҳсулу устувор ва ҳосилнокии меҳнат, инчунин, таъминсозии ҳифзи иҷтимоии пурсамар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маромі калидии рушд дар бахши меҳнат барои давраи дарозмуддат пешбинӣ шудааст. Феълан, шуғли пурсамар масоили ба ҳам алоқаманди дараҷаи инкишофи иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбағалӣ, масоили ҳифзи манфиат ва ҳуқуқу уҳдадориҳои коркунонро ҳамчун омили калидӣ дар самти шоистагардонии зиндагонии аҳолии мамлакат фаро мегирад” [6, с.68] .

Баъд аз пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва қадам гузоштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ, иқтисодиёти мамлакатҳои пасошуравӣ таҳти таъсири манфии як зумра омилҳои муайян рӯ ба таназзул оварданд. Алалхусус, дигаргуниҳои бавуқуъомада ба бозори меҳнат сахт таъсир гузоштанд, зеро бинобар сабаби бозмонии кори корхонаҳои азими саноатӣ ва коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот мувофиқан ҷойҳои корӣ низ ихтисор гардиданд ва ҳамаи ин ба дигаргуншавии таркиби захираҳои меҳнатӣ ва бозори меҳнат оварда расонд. Марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар вазъияти душворе ба амал омад, ки дар он давра ҷойҳои кории нав созмонёфта, тавони пурра таъмин намудани сатҳи бекориро надоштанд.

Дар ибтидои солҳои 1994 дар мамлакатҳои пасошуравии дар марҳилаи ботадриҷи рушд қарор дошта, теъдоди аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъолашон тамоюли камшавиро касб кард. Тибқи назарсанҷиҳо солҳои 90-уми асри гузашта, теъдоди шуғлдоштагон дар бештари мамлакатҳои ИДМ чандин маротиба кам гардиданд. Аз рӯйи маълумоти расмии оморӣ дараҷаи назарраси таназзулёбӣ дар давлатҳои Арманистон, Қазоқистон, Молдова, Тоҷикистон ва сатҳи пасттарини таназзулёбӣ дар мамлакатҳои Озарбойҷону Қирғизистон ба амал омад. Инчунин, дар ин марҳала шуғл дар дав-латҳои Ӯзбекистону Туркманистон яку якбора афзоиш ёфт. Хосатан, дар интиҳои солҳои 90-ум дар тамоми мамлакатҳои собиқ ИДМ, ба ғайр аз мамлакатҳои Арманистон, Молдова ва Украина зиёдшавии шуғл ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар ин давра танҳо давлатҳои Озарбойҷону Қир-ғизистон теъдоди бошуғлтаъминбудагонро бо нишондоди соли 1990 баробар намудааанду халос.

Бояд тазакур дод, ки шурӯъ аз соли 1991 қисми бештари муҳоҷирони тоҷик ба Федератсияи Россия ҳиҷрат намуданд. Одатан, дилхоҳ ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ҳам натиҷаи манфӣ ва ҳам натиҷаи мусбиро ба бор меорад. Агар аз як ҷониб муҳоҷират устувории бозори меҳнатро таъмин созад, аз ҷониби дигар, ин падида ба маҳдуд гардидани бозори захираҳои меҳнатии маҳал ва инкишофи иқтисодиёти пинҳонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Илова бар ин, муҳоҷиратро ҳамчун фирор намудани сармояи инсонӣ аз мамлакатҳои рӯ ба инкишоф бо иқтисодиёти баъди буҳронӣ ба мамлакатҳои аз якдигар инкишофёфта баҳогузорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Вале, дар раванди мавсими муҳоҷират сармояи инсонӣ дар худ даромади хуберо тавлид карда метавонад, аммо ҷабҳаҳои ба Ватан баргардонидани ҳиҷраткунандагон дар иқтисодиёти он мамлакат таҷассум меёбад. Барои исботи ин гуфтаҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистонро мисол овардан ба маврид аст. Тибқи маълумоти расмии низоми бонкдорӣ соли 2008-ум адозаи интиқоли маблағи муҳоҷирон зиёда аз 2.5 млрд долларро дар бар мегирифт, ки ин бузургӣ 56%-и маҷмуи маҳсулоти дохилаи ҳамонсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медод.

Аммо бояд тазаккур дод, ки дар ин давра тамоюлҳои нави дигаргунсозиҳои иқтисодӣ пайдо шудан гирифтанд. Ҳамзамон, тамоюли вобастагии рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно аз вазъи иқтисодии Руссия айён мегардид. Дар ин давра ИДМ ҳамчун яке аз минтақаҳои рушдёбандаи ҷаҳон маҳсуб меёфт, ки асосан аз ҳисоби баланд шудани нархҳои ҷаҳонии сӯзишворӣ ба рушд ёфтани иқтисодиёти Руссия ва мувофиқан афзудани савдои хориҷии он ба минтақа мусоидат намудааст. [5, С.281-300]. Пас аз ин, се сол пайиҳам, яъне солҳои 2009-2010 таҳти асари ошуфтагии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳолати бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан рӯ ба

таназзул оварда, махсусан соли 2011 ин падида рӯ ба беҳбӯдӣ овард. Новобаста аз ин рӯйдод, соли 2011 дараҷаи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳои ИДМ баландтар ба чашм мерасид. Масалан, 11,5% дар Тоҷикистон, 5,9% дар Арманистон, 5,3% дар Қазоқистон, 8,6% дар Қирғизистон, 9,4% дар Молдова ва 7,5% дар Федератсияи Руссия .

Бо шуғли доимӣ таъминсозии аҳолии мамлакат яке аз омили асосии инкишофи иқтисодиёти баъдибурҳониро талаб мекунад, ки дар натиҷа субъектҳои хоҷагидорӣ дараҷаи ҳосилнокии меҳнатро боло бурда, ба ин васила ҷойҳои кории муносибу сердаромад бунёд мекунанд.

Феълан, иқтисодиёти ҷаҳони муосир барои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ хавфи бештареро ба миён меорад. Бо назардошти зуд - зуд тавлид шудани технологияи муосири истеҳсолӣ дар бозори меҳнати имрӯза, рақобат торафт пуршиддатар мегардад. Бинобар ин, ҷиҳати таъмини рушди муносиби иқтисодиёти соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, бояд сатҳи сармогузорӣ ба техникаву технологияи муосири истеҳсолӣ то ҳадди ниҳоӣ зиёд карда шавад. Дар сурати чунин будан, дар бозори меҳнати имрӯза таваҷҷуҳ ба мутахассисони баландпоя тадриҷан меафзояд. Мавҷудияти мутахассисони сатҳи баланд барои дилхоҳ давлат, минтақа ё корхона омили муҳими таъмини рушди иқтисодӣ мебошад. Аз як тараф теъдоди бекорон зиёданд, аз дигар тараф барои сармоягузорони стратегӣ яке аз проблемаҳои муҳим ин норасоии кадрҳои баландихтисос ҳисобида мешавад. Сухан оид ба он меравад, ки қисми зиёди кадрҳои баландихтисос дар ҷойҳои кории дорои маошашон паст банд ҳастанд. Низоми омода намудани кадрҳо бошад, ба талаботи рӯзафзун ва зудтағйирёбандаи бозори меҳнат мутобиқат намекунад. Яъне, муаммо на дар нуфузи аҳолӣ, балки дар сохтори ихтисосҳои омодашаванда мебошад.

Бояд чунин хулоса кард, ки ҷабҳаи асосии инкишофи иқтисодиёти пасобурҳонӣ то андозае аз сатҳи рақобатпазирии мутахассисони баландмалака вобаста мебошад, ки ин падида ба самаранокии истеҳсолот ва таъмини шуғли пойдор заминаи мусоид созмон медиҳад. Ин озмоиш дар давлати Ҷопон натиҷаи мусбиро ба бор овардааст. Дар асл ҳадафи ин стратегия таъмини самаранокии фаъолияти корхонаву муасисаҳо дар заминаи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати коркунон мебошад.

Аз таҳлили овардашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат аз вазъи иқтисодиёти ҷаҳон вобастагӣ дорад. Сабаб он аст, ки равандҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ дурудароз давом карда, ба истеҳсолоти дохилӣ таъсири худро расонданд. Аз ин бармеояд, ки асоси рушди устувори бозори меҳнатро соҳаҳои саноат ва кишоварзии ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кишоварзӣ соҳаи асосӣ ҳисоб мешавад ва қариб 3/2 ҳиссаи шуғлдоштагон дар ин соҳа машғуланд.

Ҷадвал.-Дурнамои афзоиши шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор (ҳаз.нафар)

№	Нишондиҳандаҳо	2021	2023	2024	2025	Афзоиш бо % нисбат ба соли 2021
1.	Шумораи аҳолӣ	9886,8	10272,0	10426,0	10666,0	8,4%
2.	Захираҳои меҳнатӣ	5653,0	5934,0	6041,0	6150,0	7,4%
3.	Қувваҳои корӣ	2587,0	2645,0	2689,0	2734,7	5,1%

Манбаъ: ***Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025 [7, С.3].***

Аз рӯйи “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025” чунин бармеояд, ки тӯли ин солҳо пешгӯйии теъдоди сокинони ба кор машғул буда аз 2636,0 ҳаз. нафар то ба 2729,0 ҳазор нафар омада мерасад. Муқоисакуниҳои мо нишон дод, ки дар соли 2021 теъдоди аҳолии машғули кор 7,1 фисад афзоиш меёбад. Афзоиши шумораи миёнасолонаи сокинони ба кор машғулбуда тӯли солҳои 2023-2025 назаррас буда, ба 7,1% баробар мебошад.

Зиёдшавии теъдоди қувваи корӣ ва ҳамзамон аҳолии машғули кор ба баландшавии самаранокии истеҳсолот таъсири мусбӣ расонида, дар назар дошта шудааст, ки тӯли даврахои 2023-2025 андозаи молу маҳсулоти саноатии мамлакат аз 60138 млн сомонии соли 2023 то ба 92264 млн сомонӣ дар соли 2025 афзоиш меёбад. Дар ин марҳилаи таҳлилӣ мувофиқан саҳми маҳсулоти саноатӣ дар дохили маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (баъдан ММД) аз 47,2 фоиз то 56,6 фоиз зиёд мешавад.

Дар имрӯза шароит ба рушду нумӯи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои мухталиф таъсиргузор мебошанд. Барои мукаммалии таҳқиқот мо ин омилҳоро ба таври зайл номбар мекунем: аз меъёри муайншуда зиёд пешниҳод кардани қуваи корӣ, оқибатҳои давраи гузариш ва ҷанги шаҳрвандӣ, муҳоҷирати кадрҳо ва мутахассисон ба хорича, норасоии ҷойҳои корӣ бинобар сабаби барзиёди захираҳои меҳнатӣ, норасоии мутахассисони ҳозиразамон, сатҳи пасти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, мавҷуд набудани механизми омодакунии мутахассисон, ки ба талаботи муосир ва дурнамо ҷавобгӯй бошад, сатҳи пасти музди меҳнат ва ғайраҳо. Бояд изҳор дошт, ки айни замон яке аз омилҳои асосии таъсиргузор ба бозори меҳнати

Ҷумҳурии Тоҷикистон шуғли ғайрирасмӣ маҳсуб меёбад. Бинобар сабаби бисёр паҳн шудани чунин зуҳурот мақомоти омори давлатӣ имконияти қайд ва коркарди маъулумотро оид ба соҳаҳо ва дараҷаи фарогирии шуғли ғайрирасмиро надорад. Ба ақидаи мо, дар мавриди баланд будани сатҳи шуғли ғайрирасмӣ бояд ҳавасамандгардонии соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятнок гардад. Асбаски, асоси бозори меҳнатро шуғли дохилӣ ва муҳоҷирати меҳнатии беруна ташкил медиҳад, айни замон зарурати ҳифзи иҷтимоии шуғлдоштагони бахши ғайрирасмӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ пеш омадааст.

Дар омодасозии мутахасисони баландпояи ба меъёри бозори меҳнат ҷавобгӯй, амали пиринсипҳои дар зер овардашуда нақши босазо доранд:

- муҳайё намудани шароити мувофиқ ҷиҳати омода кардани мутахасисони ба меъёрҳои амалкунандаи бозори муосири меҳнат мутобиқ;
- таъминсозии инкишофи муносиби низоми омодасозии кормандони соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, мувофиқ ба талаботи мунтаззами миллии ихтисосҳо;
- риояи шаффофият дар касби тахассусият;
- авлавият дар омода сохтани кормандони соҳибтахассус вобаста ба ихтисосҳои равияи техникӣ ва тақвияти маҳорати корбастсозии технологияи комуникатсионию иттилоотии муосир;
- таъмини шаффофият дар арзёбии салоҳият;
- ҳамоҳангсозии равиши миллии омода кардани мутахассисони мувофиқ ба меъёрҳои байналхалқӣ.

Бинобар он, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи дар сатҳи баланд омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори имрӯзаи меҳнат ҷавобгӯй, мукаммалгардонии касбият дар бахши саноат, побарҷо намудани рақобатпазирӣ ва инчунин, як қатор омилҳои иқтисодӣ низ метавонанд дар оянда тадбирҳои судмандеро дар мавриди рушди заминаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда, дар қатори мамлакатҳои иқтисодиёти бозоргониашон ташаккулёфта мавқеъ гирад.

АДАБИЁТ:

1. Азиатский Банк Развития. Гендерная оценка сводный отчет включение гендерных подходов в стратегии по сокращению бедности Азербайджан, Республика Казахстан, Кыргызская Республика, Таджикистан. https://www.adb.org/sites/default/files/ institutional-document/32475/cga- synthesis-ru.pdf.
2. Коровкин А.Г., Долгова И.Н. Что происходило на рынках труда стран СНГ в 1992-2002 годах // А.Г. Коровкин, И.Н. Долгова // Демоскоп. -2004. - №183, -С.184.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ. 1.08.2003, №44.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат” аз 29.01.2021, № 1761
5. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 / «Садои мардум», №148-149 аз 03.12.2016, с. 68
6. Souza L.V de, Havrylyshyn O. Return to Growth in CIS Countries: Monetary Policy and Macroeconomic Framework / L.V de Souza, O. Havrylyshyn, Springer Berlin Heidelberg, 2006. - 332 с. 5

АННОТАЦИЯ
ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ РЫНКА ТРУДА В СТРАНАХ СОДРУЖЕСТВ НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

В данной научной статье исследованы общие тенденции развития рынка труда в странах СНГ, проблемы и факторы, влияющие на региональный рынок труда, на основе изучения опыта ряда зарубежных государств, обоснованы специфические особенности рынка труда в Республике Таджикистан и пути его совершенствования.

Ключевые слова: *рынок труда, занятость, безработица, трудовые ресурсы, рабочая сила, рабочее место, подготовка специалистов.*

ANNOTATION
LABOR MARKET DEVELOPMENT TRENDS IN THE CIS COUNTRIES

This scientific article examines the general trends in the development of the labor market in the CIS countries, problems and factors affecting the regional labor market, based on the experience of a number of foreign countries, substantiates the specific features of the labor market in the Republic of Tajikistan and ways to improve it.

Keywords: *labor market, employment, unemployment, labor resources, labor force, workplace, specialist training.*

Сведения об авторах:

Рахимов Джамшед Одинабекович – кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Международного университета туризма и предпринимательства, 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: rahjam@mail.ru, Телефон: (+992) 938454488,

Исмоилзода Абуалӣ Маҳмадалӣ–соискатель кафедры экономической теории Бохтарского государственного университета им. Н. Хусрав, 734003, Республика Таджикистан, город Бохтра, улица Бохтар, 35/1. Телефон: (+992) 777008696, E-mail: abuali.ismoilov.96@mail.ru

Information about the authors:

Rahimov Jamshed Odinabekovich - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Statistics.International University of Tourism and Entrepreneurship, 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 93 845 44 88, E-mail: rahjam@mail.ru
Ismoilzoda Abuali Mahmadali – applicant for the Department of Economic Theory Bokhtar State University named after N. Khusrav, 734003, Republic of Tajikistan, Bokhtra city, Bokhtar street, 35/1. Phone: (+992) 777008696, E-mail: abuali.ismoilov.96@mail.ru

ТДУ: 338.38

ХУСУСИЯТҲОИ МАХСУСГАРДОНӢ ВА КОНСЕНТРАТСИЯИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДӢ

Юсуфзода Ф.С.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *махсусгардонӣ, консентратсия, кишоварзӣ, маҳсулоти умумӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, тақсимоти меҳнат.*

Махсусгардонии хоҷагии қишлоқ яке аз шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад, ки самти истеҳсолии воҳидҳои маъмурию хоҷагиро барои истеҳсоли намуди муайяни маҳсулоти кишоварзӣ тавсиф мекунад. Махсусгардонӣ ҳиссаи бештари истеҳсоли намуди маҳсулотро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотҳо ифода менамояд.

Раванди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо афзоиши қувваҳои истеҳсолкунанда алоқаманд аст. Афзоиши шумораи мошинолотҳо ва техникаи кишоварзӣ, воридоти нуриҳои маъданӣ ва хӯроки чорво, инчунин хӯроки омехта (консентратсиякунонидашуда) тағйир додани равандҳои технологӣ ва дигаркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ба мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, дар соҳаи кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулот ва рушди ин соҳа заминаи техникӣ- иқтисодӣ ба миён оварда, дараҷаи махсусгардонӣ ва мутамарказонии онро баланд менамояд.

Дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла соҳаи кишоварзӣ аз раванди тақсимоти меҳнат берун намемонад. Вобаста ба хусусиятҳои фарқкунандаи истеҳсолоти кишоварзӣ бояд дараҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ҷудо кард. Чунки дар ин соҳа муоаммоҳо ва қонуниятҳои равандҳои иқтисодӣ ҷараёнҳои табиӣ ва экологиро касб карда, бо ин ё он восита ба дараҷаи таъсирнокӣ ба табиат, замин, захираҳои меҳнатӣ ва дар маҷмуъ ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат таъсир мерасонад. Дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити суръати баланди воридшавӣ ва истеҳсоли техника ва технологияҳои замонавӣ одамон бо техника ва технология, ки дар соҳаи саноат истеҳсол мегарданд, сару кор дошта, аз тарафи дигар бо воситаҳои олами зинда аз он ҷумла, замин зинда машғул аст. Аз ин сабаб, дар соҳаи кишоварзӣ тақсимоти ҷамъиятии меҳнат нисбатан маҳудиятҳои худро дорад. Дар соҳаи саноат тақсимоти меҳнат барои истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулот, тақсимоти меҳнат барои равандҳои технологӣ, тақсимоти меҳнат барои ҷузъи маҳсулоти истеҳсолшаванда ба миён меояд, дар соҳаи кишоварзӣ бошад, мо ин равандро мушоҳида карда наметавонем. Алоқаи ногусастании истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо шароити хоку иқлим низ тақсимоти ҷуғрофии меҳнатро тақозо мекунад.

Махсусгардонии минтақаи алоҳидаи кишоварзӣ ё корхонаи алоҳида аз муайян намудани соҳаи асосӣ ва фароҳам овардани шароит барои тараққиёти афзалиятноки он иборат аст. Махсусгардонӣ самти истеҳсолиро тавсиф намуда, сохтори соҳавии минтақа ё иқтисодиётро муайян мекунад.Дар аксар корхонаҳои кишоварзӣ бо роҳи раванди маҳсусгардонӣ асосан ба як ё ду соҳаи асосии зироаткорӣ ва ё як-ду соҳаи чорводорӣ такя намуда, дар баробари ин як ё ду соҳаи ёрирасонро муттаҳид менамояд. Ин чунин маъно надорад, ки дар ҳар як хоҷагӣ зарурияти мавҷуд будани ҳамаи соҳаҳо амалӣ гардад, ё ин ки тамоми соҳаи растанипарварӣ ва намуди чорво парвариш ёбад, чунки хусусиятҳои иқлимӣ ба ин имконият намедиҳанд. Дар назария ва амалияи иқтисодӣ олимон ба он назаранд, ки шумораи бештари соҳаҳо дараҷаи самаранокии онҳоро паст менамояд.

Барои самаранок истифода бурдани замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ махсусгардонии дуруст банақшагирифташуда ва оқилонаи истеҳсолоти кишоварзӣ зарур аст. Дар натиҷаи маҳсусгардони асоснокшуда аз ҷиҳати иқтисодӣ, ичтимоӣ ва технологӣ ва табиӣ сифат ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар ва афзун гардонда мешавад. Ба ақидаи мо барои самараноку хубтар ва сифатнок истифода намудани замин, захираҳои меҳнатӣ, беҳтарсозии сохтори захираҳои меҳнатӣ махсусгардонӣ шароити мусоид фароҳам оварда, шарти асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Дар натиҷаи махсусгардонӣ самаранокиии истифодаи маблаггузориҳои асосӣ ба фондҳои асосӣ баланд гашта, барои ҷорӣ намудани инноватсия ва таҷрибаи пешқадам шароит фароҳам меояд. Паст намудани сатҳи арзиши аслӣ ва зиёд шудани даромаднокии истеҳсолот дар натиҷаи махсусгардонӣ ба даст оварда мешавад. Таҳлил ва баррасии адабиёти иқтисодии мавҷудбуда оид ба махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ба чунин хулоса овард, ки дар соҳаи кишоварзӣ махсусгардонӣ ба шаклҳои зерин ҷудо карда мешаванд: минтақавӣ, байнихоҷагӣ, дохилихоҷагӣ ва дохилисоҳавӣ.

Самти бештари молии истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа, ҷумҳурӣ ва вилоят махсусгардонии минтақавӣ мебошад. Дар асоси махсусгардонии минтақавӣ таркиби соҳаҳои асосӣ, иловагӣ ва ёрирасон ва таносуби миқдори онҳо муайян карда мешавад. Ба ибораи дигар тақсимоти ҳудудии соҳаи кишоварзӣ махсусгардонии минтақавиро ифода мекунад. Истеҳсоли маҳсулоти молии алоҳида махсусгардонии хоҷагӣ ва саҳми истеҳсолии ҳар як корхонаро муайян мекунад. Моҳияти махсусгардонии дохилихоҷагии истеҳсолоти кишоварзӣ дар оқилона ҷойгиркунии соҳаҳои алоҳида ва истеҳсоли навъҳои маҳсулот ифода меёбад.

Аз омӯзиши адабиёти иқтисодӣ бармеояд, ки сохтори маҳсулоти молӣ ва инчунин ҳиссаи маҳсулоти соҳаи асосӣ нишондиҳандаи асосии иқтисодие мебошанд, ки дараҷаи махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро инъикос менамоянд. Аз таҳлил бармеояд, ки ҳар чӣ қадар шумораи соҳаи асосӣ дар хоҷагиҳо кам бошад, дараҷаи махсусгардонӣ ҳамон қадар баланд мешавад ва дар натиҷа самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамон қадар баланд мегардад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки дараҷаи молнокии маҳсулот (маҳсулоти фурӯхташуда ва ё боркардашуда), миқдори он ба ҳар 100 гектар замини кишоварзӣ, сохтори маҳсулоти умумӣ, арзиши фондҳои асосӣ ва маблағгузории асосӣ ба 100 гектар майдони кишт, таркиби майдонҳои кишт, таркиби чорво, инчунин зичии ҷойгиршавии чорво ба ҳар 100 гектар киштзор дараҷаи махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро муайян менамоянд. Нишондиҳандаи махсусгардонии дохилихоҷагӣ сохтори маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Барои тавсифи пурратари махсусгардонӣ дар баробари нишондиҳандаҳои он коэффисиенти махсусгардонӣ низ истифода мешавад. Ҳиссаи ҳар як соҳаи алоҳида дар арзиши умумии маҳсулоти фурӯхташуда, инчунин миқдори маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳа ҳангоми ҳисоб кардани кооэффисиенти махсусгардонӣ ба назари эътибор гирифта мешаванд. Коэффисиенти махсусгардонӣ ($К_м$) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_м = \frac{100}{\sum D(2N-1)},$$

ки дар инҷо:

100 –вазни қиёсии маҳсулоти фурӯхташудаи соҳаҳои алоҳида, %;

D - ҳиссаи маҳсулоти ҳар як соҳа дар сохтори маҳсулоти фурӯхташуд, %;

N-рақами силсилавии навъи маҳсулоти молӣ аз рӯйи ҳиссаи ишғолкардаи он.

Бо системаи нишондиҳандаҳои зерин самаранокии иқтисодии махсусгардонӣ ва ҷойгиркунонии соҳаҳои кишоварзӣ муайян карда мешаванд, ки асоситаринашон инҳо мебошанд:

- арзиши аслии маҳсулоти умумӣ ва фурӯхташуда ба 100 гектар замини кишоварзӣ, ба як корманд, ба 100 сомонӣ фондҳои асосии истеҳсолӣ ва 100 сомонӣ хароҷоти истеҳсолӣ;
- барориши маҳсулот ба 100 гектар замини кишт, гӯшт ва шир ба 100 гектар замини таъиноти кишоварзӣ;
- даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.

Дар баробари махсусгардонӣ консентратсияи истеҳсолот ҳам ба сатҳи самарнокии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири калон мерасонад. Вай дар як корхона, соҳа ё иттиҳодияи истеҳсолӣ, инчунин минтақа, вилоят, ноҳия ҷойгиркунонии воситаҳои истеҳсолот, меҳнат ва истеҳсолотро ифода мекунад.

Шиддатнокии истеҳсолот инъикоскунандаи пешрафти илму техника мебошад. Консентратсияи истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ин инкишоф додани корхона ва хоҷагиҳои хурду миёна бо мақсади самаранок ташкил намудани истеҳсолот, истифодаи равандҳои инноватсионӣ ва такмили низоми нави идоракунии истеҳсолот мебошад. Яке аз шартҳои асосии рушди инноватсияҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва бо ин восита афзун намудани самаранокии иқтисодии истеҳсолот баланд бардоштани консентратсияи истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Барои муайян намудани бартарии истеҳсолоти калонро нисбат ба истеҳсолоти хурд шиддтанокии истеҳсолот ва таъсири қонуни иқтисодӣ имконият медиҳанд. Мувофиқи ин қонуниятҳои иқтисодии амалкунанда такрористеҳсоли васеъ назар ба такрористеҳсолоти оддӣ афзалияти зиёди техникию иқтисодӣ дорад.

Асоси моддии шиддтанокӣ дар хоҷагии қишлоқ мунтазам такмил додани қувваҳои истеҳсолкунанда дар натиҷаи таъсир ва пешрафти комёбиҳои илму техника мебошад. Дар сурати истифода набурдани техника ва мошинолотҳо ва истифодаи меҳнати дастӣ шиддтанокии истеҳсолот хеле маҳдуд аст. Дар натиҷаи дар як корхона бештар истифода намудани инноватсияҳо, раванди автоматикунии меҳнат ва истеҳсоли маҳсулот зарурати объективии ташкили истеҳсолоти бузург ба миён меояд.

Вале, бартарии истеҳсолоти калон нисбат ба истеҳсолоти хурд беҳаду ҳудуд нест. Дар соҳаи кишоварзӣ, ки бо хусусиятҳои худ аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ менамояд, раванди қонуни афзалияти истеҳсолоти калон нисбат ба истеҳсолоти хурд беҳаду ҳудуд нест.

Консентратсияи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар ду самт: дар дохили корхона ва бо роҳи кооператсияи байнихоҷагӣ ва ташкили хоҷагиҳои ба дараҷаи олӣ махсусгардондашуда ба амал бароварда мешавад. Дар самти аввал барои дар миқёси калон пеш бурдани соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби дар воҳидҳои истеҳсолӣ ва ё дар ноҳияҳое, ки барои ин соҳа шароитҳои беҳтарин доранд, шароити мусоиди моддию техникӣ фароҳам оварда мешавад. Дар афзоиши истеҳсоли ҳар як намуди маҳсулоти кишоварзӣ таҳсимоти меҳнат дар соҳа консентратсияи истеҳсолот нақши муҳим дошта ба минбаъд ҳам комилтар кардани кооператсия асос меёбад.

Дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ ба андозаи (ҳудуди) мутлақи хоҷагиҳо ва воҳидҳои истеҳсолии онҳо вобаста аст. Бинобар ин, масъалаи муқаррар намудани ҳаҷми оқилонаи корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳам муҳим боқӣ мемонад. Андозаи оқилонаи хоҷагиҳо, соҳаҳо ва зерсоҳаҳои соҳаи кишоварзӣ бо махсусгардонӣ, дараҷаи раваниди механиконии истеҳсолот, миқдори захираҳои меҳнатӣ асоснок карда мешавад. Самараноктар истифода бурдани ҳамаи омилҳои истеҳсолот ва аз ҳар воҳиди замин бо сарфи кам хароҷот ба даст овардани маҳсулоти барзиёд самаранокии махсусгардониро инъикос менамояд. Мақсади асосии махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ мунтазам зиёд кардани истеҳсоли он маҳсулоте мебошад, ки барои ба вуҷуд овардани онҳо дар ин ё он ҳудуд шароити мусоиди табиию иқтисодӣ мавҷуд аст, ки бо хароҷоти камтарини онҳо истеҳсол карда шавад.

Бо мақсади пурратар ва самаранок истифода бурдани замин, захираҳои моддӣ ва меҳнатии махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ истеҳсоли ин ё он маҳсулотро истисно намекунад ва якҷоя ва бо дигар соҳаҳо пайвастшавии онҳоро талаб менамояд. Махсусгардонӣ хусусиятҳои ба худ хосе дорад, ки бо хусусиятҳои худи соҳа, хусусияти мавсимии истеҳсолот ки ба замин асос карда мешавад, алоқаманд аст.

Истеҳсолоти кишоварзӣ пайвастагии раванди қувваҳои истеҳсолкунандаро барои муттаҳидии истеҳсолот дар соҳа талаб менамояд, шароити мусоид фароҳам меоварад, аз тарафи дигар, худи табиати соҳаҳои гуногуни саноатро талаб мекунад.

Раванди махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро якбора ба амал бароварданн мумкин нест. Ин раванди пай дар пай чун қоида, давра ба давра ба амал меояд, зеро қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият мувофиқан инкишоф меёбанд. Ба ин муносибат тамоюли пай дар пай кам кардани шумораи соҳаҳо ва консентратсияи истеҳсолот дар онҳо давом мекунад. Вазифа аз он иборат аст, ки дар шароити ҳозираи табиӣ ва иқтисодӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ дурусттар ва мувофиқ ба соҳаҳои асосӣ соҳаи дуюмдараҷа интихоб карда шавад.

Хусусиятҳои махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолоти кишоварзиро як қатор омилҳои табиию иқтисодӣ муайян мекунанд. Дар маҷмуъ онҳоро ба омилҳои дохилӣ ва беруна ҷудо кардан мумкин аст.

Омилҳои берунии махсусгардонӣ дараҷаи тараққиёти саноат, ки хоҷагии қишлоқро бо таҷҳизот, нуриҳои минералӣ, хӯроки чорво, маҳсулоти нефтӣ, қувваи барқ, захрхимикатҳо ва дигар маводҳо таъмин менамояд; ҷойгиршавии хоҷагӣ нисбат ба истеъмолкунандагони маҳсулот; мавҷудияти роҳҳо ва нақлиёт; обёрии заминҳо; дараҷаи нархи маҳсулоти саноат ва хоҷагии қишлоқ ва ғайра.

Ба омилҳои дохилии махсусгардонӣ асосан дараҷаи консентратсия, таъминот бо захираҳои меҳнатӣ ва ташкили оқилонаи истеҳсолот ва идоракунии маркетингӣ дохил мешаванд. Махсусгардонӣ, чунон ки маълум аст, танҳо дар дараҷаи муайяни консентратсия имконпазир аст. Ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва консентратсия ба ҳамдигар вобаста буда, раванди умумии таҳсимоти ҷамъиятии меҳнатро хусусиятнок мекунанд.

Консентратсияи истеҳсолоти кишоварзӣ-дар хоҷагиҳои алоҳида, ноҳияҳо ё минтақаҳои алоҳида муттаҳид намудани истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулот, зироат ва замина гузошта ба низом ва раванди махсусгардонӣ мебошад. Консентратсияро ҳам аз рӯйи натиҷаҳои истеҳсолот, яъне миқдори маҳсулоте, ки дар як хоҷагӣ истеҳсол карда мешавад ва ҳам аз рӯйи консентратсияи омилҳои истеҳсолӣ дар як хоҷагӣ, яъне мавҷуд будани замин, ниҳолҳо, ҳайвонот ва ғайра тавсиф кардан мумкин аст. Раванди консентратсияи истеҳсолот дар хоҷагиҳои чумҳурӣ, аз он ҷумла вилояти Хатлон устуворона давом дорад. Ин талаб мекунад, ки ҳаҷми оптималии корхонаҳо, соҳаҳо ва иттиҳодияҳо мувофиқи дурнамои тараққиёти раванди илмию техникӣ ё инноватсионӣ муайян карда шаванд.

Бартарии истеҳсолоти калон нисбат ба истеҳсолоти хурд бо омилҳо ва нишондиҳандаҳои гуногун муайян карда мешавад. Муҳимтарини онҳо аз инҳо иборат мебошанд: дараҷаи тараққиёти пойгоҳи моддию техникӣ ва хусусиятҳои раванди технологӣ, шаклҳои ташкил ва идоракунӣ. Ҳаҷми корхонаҳо бошад, ба самараи истеҳсолот ва маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятӣ таъсири калон мерасонад.

Дар давраи иқтисодиёти нақшавӣ бештар ба бартариятҳо ва самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои ҳудудан калон диққат дода мешуд. Чунин ақидае ҳам мавҷуд буд, ки самаранокии истеҳсолот

ба андозаи он вобаста аст. Ин ақида сабаби ба вуҷуд омадани кооперативҳои истеҳсолӣ ва комплексҳои калони чорводорӣ гардида дар аввали солҳои сиюми асри 20 ба нест шудани хоҷагиҳои хурд оварда расонид. Ҳама гуна азнавсозӣ ва муттаҳидкунии такрорӣ ба хоҷагии қишлоқ зарари калон расонд.

Таҳлил ва омӯзиши равандҳои илм ва амалия нишон медиҳад, ки бартариҳои зиёди ба ном «истеҳсолоти хурд»-ро бояд эътироф кард. Мафҳуми «хоҷагии хурд» хеле шартӣ аст, зеро ҳаҷми ҳар як истеҳсолот ба дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва дараҷаи интенсивии хоҷагии қишлоқ вобаста аст. Бартарияти хоҷагиҳои хурд аз он иборат аст, ки агар онҳо бо техникаи ҳозиразамон мусаллаҳ шуда, инноватсияро ба кор бурда, шароитҳои табиии иҷтимоию иқтисодии маҳалро моҳирона истифода намоянд, самаранокии баландро соҳиб мегарданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамкории хурду бузург самараи баланди иқтисодӣ медиҳад. Бинобар ин, ҳоло хоҷагиҳои аҳолӣ, деҳқонӣ ва дигар шаклҳои хурди корхонаҳои кишоварзӣ бо корхонаҳои калон ҳамкорӣ мекунанд ё дар ҳайати ин корхонаҳо фаъолият мекунанд.

Дар ҷадвали 1 сохтори маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон дар давоми 5 соли охир инъикос ёфтааст.

Ҷадвали 1. – Сохтори маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023

Солҳо	Ҳамагӣ	аз он ҷумла:	
		растанипарварӣ	чорводорӣ
2019	100	70,4	29,6
2020	100	72,4	27,6
2021	100	74,3	25,7
2022	100	72,3	27,7
2023	100	69,8	30,2

Сарчашма*: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 -2023 саҳ.112*

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки дар сохтори маҳсулоти умумии кишоварзӣ вилояти Хатлон соҳаи растанипарварӣ бартарият дорад. Соли 2021 ҳаҷми маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 70,4% бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2021 ба 74,3% расидааст, аммо дар соли 2023 ба 69,8% паст фаромадааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи ду соли охир ҳиссаи маҳсулоти чорводорӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сабаби асосии ин ташкил намудани хоҷагиҳо ва корхонаҳои нави истеҳсоли гӯшт дар ноҳияҳои Ёвон, Данғара ва Ховалинг (ширкати «Мармарӣ») ва ворид намудани навъҳои гуногуни чорво ва паранда ба вилоят мебошад. Аз нуқтаи назари ҷойгиркунии оптималии соҳаи кишоварзӣ байни соҳаи асосӣ бояд як мутаносибият бошад.

Дар давоми 5 соли охир дар сохтори маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқи вилоят тағйироти калон ба амал омад (ҷадв. 2).

Ҷадвали 2. - Таркиби маҳсулоти умумии кишоварзии корхонаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон (ба ҳисоби фоиз) дар солҳои 2019 -2023

Соҳа ва маҳсулотҳо	2019	2020	2021	2022	2023
Маҳсулоти умумӣ	100,0	100,0	100,0	100,0	100
Растанипарварӣ	70,4	72,4	74,3	72,3	69,8
аз он ҷумла:					
Ғалладонагиҳо	27,0	27,7	28,3	27,4	26,3
Зироатҳои техникӣ	28,2	29,3	30,0	29,1	28,1
Картошка, сабзавот ва полезиҳо	7,8	8,2	9,2	9,0	8,8
Алафҳои хӯроки чорво	7,4	7,2	6,8	6,8	6,6
Чорводорӣ	29,6	27,6	25,7	27,7	30,2
аз он ҷумла:					
ҲКШ	4,2	3,8	3,5	3,8	4,1
Гусфандпарварӣ	25,4	23,8	22,2	23,9	26,1

Сарчашма*: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 -2023 -С.112.*

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 чунин хулоса кардан мумкин аст: 1) Дар соли 2023 ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар маҳсулоти умумӣ нисбати соли 2019 0,6 банди фоиз кам шудааст, аммо ҳиссаи маҳсулоти чорводорӣ бошад дар ин давра дар маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон 0,6% зиёд шудааст. Новобаста аз он ки ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи таҳқиқшаванда кам шуда бошад ҳам, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар ин давра (дар солҳои 2019-2023) – 2,4 маротиба зиёд шудааст. Чунин тамоюлро дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар вилоят мушоҳида кардан мумкин аст; 2) Дар таркиби истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи растанипарварӣ дар давраи таҳқиқшаванда як тамоюли устувори афзоиши соҳаҳо мушоҳида карда намешавад. Сабаби асосии чунин ҳолат аз нигоҳи мо дуруст тадбиқ нашудани низоми ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии зироатҳо ва тез – тез иваз кардани ҳаҷми майдони кишт вобаста ба талаботи бозори истеъмоли аҳолӣ мебошад. Сабаби дигари чунин ҳолат аз

нигоҳи мо ноустувории нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозори маҳсулоти кишоварзии вилоят ва ноҳияҳои он мебошад.

Ба ном муомилоти дохилисоҳавӣ (дохили қишлоқ) ба маҳсулоти молӣ дохил карда нашудааст. Ба ин дар байни корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, инчунин аҳолии қишлоқ бевосита фурӯхтан ё мубодилаи маҳсулот дохил мешавад.

Аз ин бармеояд, ки маҳсулоти молиро бо маҳсулоте, ки аз ҳудуди ин ё он хоҷагӣ берун мебарояд ва маҳсулоти ғайритиҷоратиро бо маҳсулоте, ки дар дохили корхонае, ки ин маҳсулот истеҳсол карда мешавад, муайян кардан мумкин нест. Аз як тараф, маҳсулоте, ки ба кормандон хоҷагии онҳо фурӯхта мешавад ва ба онҳо ҳамчун музди меҳнат ҷудо карда мешавад, аз доираи корхонаи мазкур берун намебарояд. Аммо он ба маҳсулоти тиҷоратӣ дохил карда шудааст. Аз тарафи дигар, як қисми маҳсулоте, ки аз ҳисоби хоҷагӣ берун меравад, ба маҳсулоти бозоргир таллуқ надорад. Ин ба маҳсулоте дахл дорад, ки хоҷагиҳо ба ҳамдигар мефурушанд ё иваз мекунанд.

Хулоса. Масъалаи махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ як масъалаи муҳими таркиби иқтисодиёти кишоварзӣ буда, дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ, саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат, афзоиши талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории соҳаи кишоварзӣ нақши он боз ҳам меафзояд ва таҳқиқи махсусро талаб мекунад. Натиҷаи таҳлилҳо нишон доданд, ки дар он хоҷагиҳо таносуби оптималии ҷойгиркунии зироатҳо ва низоми махсусгардони риоя гардида, нитшондиҳандаҳои иқтисодии самаранокӣ рӯ ба афзоиш дорад. Махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии зироатҳо дар хоҷагиҳои вилоят на танҳо ба самаранок истифода бурдани захираҳои моддӣ–истеҳсолӣ мусоидат намудааст, балки имконият фароҳам овард, ки захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода карда шаванд. Дар давраи дурнамои миёнамуҳлат ба андешаи мо нигоҳ доштани таносуби байни соҳавӣ дар доираи 65 :35 ба мақсад мувофиқ аст.

АДАБИЁТ

1. Аграрная экономика / Учебник. Под ред. д.э.н. профессора Малыша М.Н. - Санкт-Петербург: Лань, 2002.
2. Аджиев А.М., Кантаев И.А. Основы возрождения виноградновинодельческой отрасли Дагестана // Виноград и вино России. 1997, №1, -С.2-4.
3. Алиев Р.З., Алиев М.Р. Государственно-правовые и технологические проблемы конкурентоспособности виноградарства и виноделия. //Виноделие и виноградарство. 2006, №2
4. Егоров Е.А. Организационные и экономические проблемы научного обеспечения развития садоводства и виноградарства в XXI веке.//Виноград и вино России. Спецвыпуск.-М., 2000, -С.1-4.
5. Зональная специализация производства винограда и винодельческой продукции на Северном Кавказе //Виноградарство и виноделие. 2004, №5.
6. Коваленко Н.Я. Экономика сельского хозяйства. Учебник. - М.: ЮРКНИГА, 2004.
7. Программа экономического и социального развития Республики Дагестан на период до 2010 года. - Махачкала, 2004.
8. Социально-экономическое положение Республики Дагестан. -Махачкала, 2007.

АННОТАЦИЯ

ОСОБЕННОСТИ СПЕЦИАЛИЗАЦИИ И КОНЦЕНТРАЦИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ НОВЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ

В научной статье рассматриваются теоретические вопросы специализации и концентрации сельскохозяйственного производства, долгосрочной динамики производства валовой продукции в отрасли растениеводства и животноводства, а также состав валовой и товарной продукции отрасли сельского хозяйства. Определены и обсуждены основные направления совершенствования специализации и концентрации сельскохозяйственных предприятий в условиях новых экономических отношений.

Ключевые слова: *специализация, концентрация, сельское хозяйство, валовая продукция, сельскохозяйственное производство, разделение труда.*

ANNOTATION

FEATURES OF SPECIALIZATION AND CONCENTRATION OF AGRICULTURAL PRODUCTION IN THE CONTEXT OF THE DEVELOPMENT OF NEW ECONOMIC RELATIONS

The scientific article examines theoretical issues of specialization and concentration of agricultural production, long-term dynamics of production of gross outputs in the field of crop and livestock production, as well as the composition of total and financial agricultural products. sector. The main directions for improving the specialization and concentration of agricultural enterprises in the conditions of new economic relations are identified and discussed.

Key words: *specialization, concentration, agriculture, gross outputs, agricultural production, division of labor.*

Сведение об авторе:

Юсуфзода Фаррух Сайвали-старший преподаватель кафедры информационных технологий АПК Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. 734003. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 938078887. E-mail. aloviddin-08@mail.ru

Author Information:

Yusufzoda Farrukh Sayvali-Senior teacher at the Department of Information Technologies of the Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur, 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 146 Rudaki Avenue. Phone: (+992) 938078887, E-mail. aloviddin-08@mail.ru

ТДУ:338.01

МУҲИМИЯТ ВА САМАРАБАХШИИ ИҚТИСОДИИ АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ – ИҚТИСОДИИ МАҲСУЛОТИ ВОРИДИВАЗКУНАНДАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ВА АМНИЯТИ ҒИЗОӢ

Қурбонова М.Т.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *буҳрон, фаъолсозӣ, устуворӣ, идоракунӣ, механизм, коркард, омилҳо, сарҳад, воридивазкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, озуқаворӣ.*

Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои масъалаҳои иқтисодиёт ва ҳамзамон ба амал омадани буҳронҳои иқтисодӣ боиси авҷ гирифтани таъсири он ба норасоии маҳсулоти асосӣ, ки ба фаъолияти истеҳсолии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мерасад ва боиси норасоии маҳсулоти воридивазкунандаи кишоварзӣ гардидааст, сол аз сол зиёд шуда истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои норасоии маҳсулоти воридивазкунандаи кишоварзӣ бо назардошти бештар ба назар расидани омилҳои маҳдудиятҳои воситаҳои роҳҳои хизматрасонии маҳсулот воридкунанда, таъсири тағйирёбии иқлим ва вазъи сиёсии кишварҳои ҳамсарҳад бо он, боиси пасту баландшавии арзиши маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ, ба монанди зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, зироатҳои лӯбиёгӣ, зироатҳои равғандиҳанда, маҳсулотҳои гӯштӣ, ширӣ, меваҷотӣ ва ситрусӣ мушоҳида мешавад.

Шароити табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон табиатан хос барои тавлидсозии маҳсулоти воридивазкунандаи кишоварзӣ-зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, лӯбиёгӣ, зироатҳои равғандиҳанда, маҳсулотҳои гӯштӣ, ширӣ, меваҷотӣ ва ситрусӣ вобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ манфиатбахш бошад ҳам, аммо роҳҳо ва усулҳои ба низом даровардани ташкили иқтисодии маҳсулоти воридивазкунандаи кишоварзӣ, ҳанӯз мушахассан ҳал нашудааст. Зеро роҳҳои ҳадафнок парвариш намудани зироатҳои асосии маҳсулоти воридивазкунандаи кишоварзӣ, механизми устувори идорашавии он, бо таври муааммо ба назар мерасад. Дар натиҷа ҳолатҳои баландшавии арзиши маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ то рафт арзиши онҳо баланд ва масъалаҳои норасоии маҳсулоти асосиро дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷуд овардааст, ки он ба рушди иқтисодиёти миллӣ, таъсири манфии худро расонида истодааст.

Гарчанде дар рафти амалисозии ислоҳоти бозоргонӣ дар соҳаи хоҷагии халқ масъалаҳои ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ-зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, зироатҳои лӯбиёгӣ, зироатҳои равғандиҳанда, маҳсулотҳои гӯштӣ, ширӣ, меваҷотӣ ва ситрусӣ ба нақша гирифта шуда бошад ҳам, аммо ба масъалаҳои ба назар гирифтани афзоиши талаботи аҳолӣ, зиёдшавии коргоҳҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, талафёбии маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳодисаҳои табиӣ, ба назар гирифта нашудааст.

Дар натиҷа раванди ба низомдарории маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ, боиси пасту баландшавии арзиши маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ - зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, зироатҳои лӯбиёгӣ, зироатҳои равғандиҳанда, маҳсулотҳои гӯштӣ, ширӣ, меваҷотӣ ва ситрусӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои апрел, май бештар мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири манфии худро мерасонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, асосан маҳсулоти ғалладонагиҳо, картошка, лӯбиёгиҳо, маҳсулотҳои гӯштӣ, ширӣ бештар тавачуҳ зоҳир намояд ҳам, аммо ба масъалаҳои танзими аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ аз ҷиҳати экологӣ ҷавобгӯ ва маҳсулотҳои асосии барои ба таъмини корхонаҳои саноатӣ, барномаҳои давлатии комплеси агросаноатиро қабул намуд, ки дар нақшаи амали он, ба масъалаи ташкили маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ, ба назар гирифта шудааст. Бо назардошти ин, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин самт ба роҳ монда шуда таҳлилҳои илмӣ ҷиҳати тавлидшавии маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ ва воридодии он, мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Таъмини устувори аҳолӣ ба маводи озуқаворӣ, яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин самт таҳқиқотҳои илмӣ бо таври таҳлилӣ амалӣ шуда бошанд ҳам, аммо равандҳои таъминсозии аҳолӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ бо маҳсулоти воридивазкунандаи кишоварзӣ, бо назардошти ба назар гирифтани талаботҳои ҳаррӯзаи аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ ба нақша гирифта нашудааст. Зеро дар 3 соли охир зиёда аз 320 адад корхонаҳои саноатӣ ба фаъолият сар карданд, аммо масоҳати парвариши зироатҳои воридивазкунанда баръакс маҳдуд шудааст. Дар натиҷа ҳолатҳои норасои маҳсулотҳои зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, лӯбиёгӣ, зироатҳои равғандиҳанда дар бозорҳо ва марказҳои хизматрасонӣ нисбати солҳои 2019-2020 аз 2,5 то 3 маротиба арзиши он баланд гардид.

Равандҳои истеҳсолии маҳсулоти ғизоӣ вобаста аз эҳтиёҷоти аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ ба рушди имкониятҳои қисмати матлуботӣ бештар мусоидат намояд ҳам, аммо таъсири маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ то рафт ба назар расида ба норасоии маҳсулоти ғизоӣ дар моҳҳои феврал, март, апрел ва аввалҳои моҳи май ба назар мерасад. Дар мисоли норасоии маҳсулоти хоми пахта дар корхонаҳои саноатӣ, маҳсулоти гӯштӣ, ширӣ, мушоҳида мешавад.

Дар давраи то ислоҳотӣ дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ.тамоюли баръакс дар заминаи талаботи рӯзафзуни аҳолӣ, инчунин талаботи.саноати коркард ба ба ашёи хом мушоҳида мешуд. Баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав.ташкилёбии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ рӯй дод, ки тағйироти ҷиддиро дар иқтисодиёти соҳа пешбинӣ мекард ва ба манфиатҳои ҳаётии аҳолӣ ҷавоб бояд мегуфт. Ин вазъият гузариши натавонист ба тариқи аслӣ ба идоракунии устувори шаклҳои гуногуни.моликият ва хоҷагидорӣ.ба низом дарояд.

Танзими иқтисодии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити рақобати сахт бояд ба гузаштан аз бухронҳои.иқтисодӣ, дастгирии давлатӣ ба хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ, иҷоравӣ ва дигар сохторҳои ташкилии ҳуқуқӣ равона бояд мегардид.

Қонеъ гардондани.талаботи ҳарӯзаи аҳолӣ.ба озуқаворӣ – яке аз шартҳои.ҳатмии зиндагӣ ва рушди.ҷомеа маҳсуб меёбад. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ шарти аввалини ҳаёти истеҳсолкунандагони бевосита ва умуман ҳар як истеҳсолот мебошад. Дар тӯли 30 соли охир аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 4,5млн.нафар зиёд шуд (ҷадв. 1), тибқи пешгӯии олимон, дар муддати 10 соли оянда (то с. 2030) он бо то 2,0- 2,5 млн. афзуда ба 13 млн.нафар мерасад. Ғайр аз он бояд ба инобат гирем, ки даромадҳои аҳолӣ беист афзуда истодааст, аз ин ҷо, талаботи аҳолӣ ба молҳои.ниёзи.мардум низ зиёд мешавад.

Ҷадвали.1 - Нишондиҳандаҳои асосии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Солҳо. / Нишондиҳандаҳо.	1991	2000	2010	2015	2023	2023.бо.% нисбати с.1991
1	Шумораи аҳолии доимӣ, ҳаз.нафар	5505,6	6250,0	7621,2	8551,2	10288,3	186,8
2	Аҳолии шаҳр	1698,0	1659,9	2020,5	2260.3	2969,6	174,9
3	Аҳолии деҳот	3807,6	4590,1	5600,7	6290,9	7318,7	192,2
4	Афзоиши воқеии аҳолӣ, ба 1000 нафар аҳолӣ	33,0	22,3	25,0	24,1	28,9	87,5

Манбаъ: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 2006, 2017, 2019,2023.

Муҳимии хоҷагии қишлоқ боз бо ин аён мешавад, ки дар ин соҳа қариб 65%-и шумораи умумии коргарон меҳнат мекунанд, ки дар доираи истеҳсоли моддӣ машғуланд. Саҳми калонро он дар аз нав бавуҷудоварии қувваи корӣ барои дигар соҳаҳои хоҷаги халқ мегузорад. Дар хоҷагии хоҷагии қишолоқ 18-20% маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат истеҳсол мешавад (ҷадв.2).

Ҷадвали 2. - Маҷмӯи.маҳсулоти дохилӣ

Солҳо / Нишондиҳандаҳо	1991	2014	2015	2016	2017	2018	2023
Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, бо %	100	100	100	100	100	100	100
Вазни хоси ҳачми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҷангал тибқи тамоми категорияҳои хоҷагиҳо дар ҳачми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо.%	36,5	23,4	21,5	20,8	20,3	19,8	8,3

Манбаъ: Хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Душанбе, 2023.

Дастовардҳои ҷумҳуриамонро дар солҳои. Истиқлолият таҳлил карда, бо боварии том гуфтан мумкин, ки хоҷагии қишлоқ ба роҳи рушд қадами устувор гузошт.

Амалӣ кардани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба пурзӯр намудани нақши усулҳои иқтисодии идоракунии механизми роҳбарӣ, такмили шаклҳои хоҷагидорӣ, васеъ кардани мустақилияти хоҷагидории корхонаҳо ва ҳисоби тиҷоратӣ, мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии хоҷагиҳо ва баланд бардоштани шавқмандии кормандон ба натиҷаҳои истеҳсолот имкон дод, ки суръати рушди хоҷагии қишлоқ тезонда шавад. Дар давраи таҳлилӣ истеҳсоли ҳамаи маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ, ғайр аз пахта ва пилла як маротиба зиёд шуд. Афзоиши.бештар назаррас дар истеҳсоли зироатҳои ғалладонагиҳо, сабзавотӣ, картошка ва полезӣ мушоҳида мешавад.

Дар асоси имконоти нав барои рушди базаи моддӣ-техникии хоҷагиҳои кишоварзӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи васеи ислоҳоти хоҷагии қишлоқро барои давраи то соли 2022 қабу кард, ки дар натиҷа истесолӣ маҳсулоти кишоварзӣ сол аз сол зиёд гардида истодааст. Яъне интенсификатсияи ҳаматарафаи истеҳсолот ва ҷорӣ намудани системаҳои истеҳсолии инноватсионӣ, имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ замина гузошта истодааст.

Нишондиҳандаи сифатии муҳими рушди.истеҳсолоти.маҳсулоти кишоварзӣ имконияти механизми худтаъминкунии озуқавории ҳар як кишварро ба низоми иқтисодӣ ворид намояд. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, имкониятҳои нави зиёд намудани маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзиро ба ҳар нафари аҳолӣ зиёд намояд сол аз сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он чунин аст (ҷадв.3).

Маълумотҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ истеҳсоли тамоми маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ тамоюл ба афзоиш дорад. Хусусан инкишофи зиёд дар истеҳсоли маҳсулотҳои ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот ва зироати полезӣ ба назар мерасад.

Ҷорӣ намудани механизми иқтисодии истеҳсолии маҳсулотҳои воридивазкунандаи кишоварзӣ, имконияти ба низом даровардани воситаҳои истеҳсолӣ маҳсулоти кишоварзиро афзун намояд.

Ҷадвали3. - Истеҳсоли.маҳсулоти.кишоварзӣба ҳар нафари аҳолӣ, бо кг

солҳо / маҳсулотиозуқавори	1991	2015	2016	2017	2018	2019
Ғалла	54,3	164,8	166,1	163,8	143,5	150,4
Картошка	32,3	105,0	103,9	88,6	106,9	105,7
Сабзавот	112,1	197,2	202,2	210,4	234,8	232,0
Полезиҳо	31,2	70,1	68,7	71,4	71,1	74,5
Мева.ва майдамеваҳо	31,6	35,4	42,1	45,8	49,6	50,4
Ангур	21,6	24,1	24,8	25,8	26,7	26,3
Гушт (бо вазни холис)	13,4	13,2	27,0	28,2	29,0	29,0
Шир	104,9	105,2	106,2	107,5	108,9	106,4
Тухм, дона	81,1	42,3	39,0	38,6	49,9	77,1

Манбаъ: Ҳоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Душанбе, 2020, с. -15.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2018,2019,2020,2021,2022,2023.
2. Попков, В.П. Организация и финансирование инвестиций / В.П. Попков, В.П. Семенов. - Санкт-Петербург: Питер, 2018. – 224 с.
3. Донник, И.М. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции, сырья и продовольствия: состояние, задачи / И.М. Донник, Б.А. Воронин, О.Г. Лоретц // Аграрный вестник Урала. -2015. -№ 3 - С. 54-59.
4. Белайц, Д.С. Концепция материальнотехнического обеспечения сельскохозяйственного производства / Д.С. Белайц //Экономика. - 2017. - № 5. - С. 742-745.
5. Адилов, Р.М. Механизм укрепления материально-технической базы АПК РД в условиях санкций /Р.М. Адилов// Региональные проблемы преобразования экономики. - 2015. - № 4. - С. 14-19.
6. Старкова, О.Я. Конкуренция и государственная поддержка как условия развития аграрного сектора экономики /О.Я. Старкова // Пермский аграрный вестник. - 2015. - №9. - С. 86-91.

АННОТАЦИЯ

ЗНАЧЕНИЕ И ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОСНОВ ИМПОРТА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЕСПЕЧЕНИИ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ И ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В данной научной статье анализируется влияние экономического, экологического и политического кризисов, в результате которого создается ситуация эскалации импорта сельскохозяйственной продукции, в частности: сезонный дефицит сельскохозяйственной продукции; ограничения предоставления услуг по импорту продукции; влияние изменения климата и политической ситуации граничащих с нашей республикой стран; несоблюдение механизма управления процессами переработки сельскохозяйственной продукции; разработка способов использования импортной сельскохозяйственной продукции, разработка путей по импортозамещению сельскохозяйственной продукции. В то же время, в данной статье оцениваются пути увеличения производства сельскохозяйственной продукции, адресной реализации государственных программ агропромышленного комплекса.

Ключевые слова: *кризис, активизация, стабильность, управление, механизм, перера-ботка, факторы, граница, импортер сельскохозяйственной продукции, продовольствие.*

ANNOTATION

IMPORTANCE AND ECONOMIC EFFECTIVENESS OF THE ORGANIZATIONAL-ECONOMIC FOUNDATIONS OF IMPORTED AGRICULTURAL PRODUCTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN ENSURING THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY AND FOOD SECURITY

This scientific article analyzes the impact of economic, environmental and political crises, as a result of which a situation of escalation of agricultural imports is created, in particular: seasonal shortage of agricultural products; restrictions on the provision of services for the import of products; the impact of climate change and the political situation of countries bordering our republic; non-compliance with the mechanism for managing the processing of agricultural products; development of ways to use imported agricultural products, development of ways to import agricultural products. At the same time, this article evaluates ways to increase agricultural production, targeted implementation of state programs of the agro-industrial complex.

Keywords: *crisis, activation, stability, management, mechanism, processing, factors, border, importer of agricultural products, food.*

Сведения об авторе

Курбонова Мавзуна Туйчиевна-старший преподаватель кафедры организация производства на предприятиях АПК, Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемур, 734013. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. E.mail: kurbanova_dat86@mail.ru. Телефон: (+992) 918808844

Information about the author

Kurbanova Mavzuna Tuichievna-senior lecturer of the Department of Organization of production at enterprises of the agro-industrial complex, Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur, 734013. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue. E.mail: kurbanova_dat86@mail.ru. Phone: (+992) 918808844

ТДУ: 334.72(575.3)

ТАКМИЛИ ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛОТИ ХӮРОКВОРӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Сафарова А.Ҷ.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шохтемур

Калимаҳои асосӣ: *сабати истеъмолӣ, талабот, истеъмолот, истеҳсолот, амнияти озуқаворӣ, воридот, содирот, маҳсулоти хурокворӣ, меъёр, худтаъминкунӣ, дурнамо.*

Ташкили раванди уствор ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бештар аз ҳал намудани масъалаҳои ташкил, ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ, низоми ҳуқуқӣ, меъёр, омилҳои иқтисодӣ ва истифодабарии онҳо дар шароити ҳозира бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва миллӣ, урфу одатҳои миллӣ вобастагӣ дорад.

Ташкили истеҳсолоти хӯрокворӣ бояд бо назардошти таркиби сабади истеъмолии аҳоли такмил дода шавад. Сабади истеъмолиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ”муайян ва ба танзим даровардааст.

Дар Қонуни мазкур таркиби“Сабади истеъмолӣ” дар шакли зерин муайян карда шудааст:

а) маҷмуи маҳсулоти озуқа;

б) маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа;

в) маҷмуи хизматрасонӣ.

Тибқи методологияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мазмуни мавҷудияти озуқаворӣ ин : «Мавҷуд будани озуқаворӣ - мавҷудияти миқдори озуқаворӣ дар натиҷаи истеҳсоли худӣ ё аз ҳисоби бозор мебошад. Дар сатҳи мамлакат мавҷуд будани озуқаворӣ аз рӯйи ҷамьи захираҳои озуқаворӣ, воридоти тиҷоратӣ, ёрии озуқаворӣ ва истеҳсолоти худӣ муайян карда мешавад.

Ба мавҷудияти озуқаворӣ омилҳои зерин: шароити обу ҳаво, ҳосилнокӣ, саршумор ва маҳсулнокии чорво, нархи муқарраркардаи истеҳсолкунандаҳо ба озуқаворӣ, нархи хӯрокворӣ дар мамлакатҳои ҳамсоя, инчунин масъалаҳои сиёсати дохилӣ, ки истеҳсолот, савдо, тақсимот ва нархгузориро муайян менамоянд, ба назар гирифта мешаванд» [1].

Бояд ёдовар шуд, ки Тибқи нишондиҳандаҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030” шумораи аҳолии Тоҷикистон дар соли 2020 ба 9500,0 ҳаз.нафар расида, то соли 2025 ба 10490 ҳаз. нафар ва то соли 2030 ба 11580 ҳазор нафар хоҳад расид. Бо истифода аз шумораи аҳолии дар стратегия муайянкардашуда ва меъёрҳои истеъмоли маводҳои хӯрокворӣ, мо талабот бо маводҳои озуқавориро барои солҳои 2025 ва 2030 муайян намудем (ҷадв.1).

Ҷадвали 1.-Дурнамои талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ то давраи соли 2030 аз рӯйи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ

Нишондиҳандаҳо	Воҳ.ченак	Меъёр, кг/сол	Солҳо		
			2020	2025	2030
Шумораи аҳолӣ,	млн.нафар	Х	9500,0	10490,0	11580,0
Нон ва маҳсулоти нонӣ	ҳаз.т	147,7	1403,2	1549,4	1710,4
Картошка	ҳаз.т	92,0	874,0	965,1	1065,4
Сабзавот ва полизиҳо	ҳаз.т	166,1	1578,0	1742,4	1923,4
Мева	ҳаз.т	124,0	1178,0	1300,8	1435,9
Гӯшт	ҳаз.т	40,8	387,6	428,8	472,5
Шир	ҳаз.т	115,3	1095,4	1209,5	1335,2
Тухм	млн. дона	180,0	1710,0	1888,2	2084,4
Қанд	ҳаз.т	20,3	192,9	212,9	235,1
Равган	ҳаз.т	16,6	157,7	174,1	192,2

Сарчашма: ***Таҳияи муаллиф аз рӯйи меъёрҳо ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”.***

Чи тавре аз рақамҳои ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, соли 2030 талабот ба ҳамаи намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ ба таври назаррас меафзояд.

Бояд дар назар дошт, ки таъмини талабот аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти худӣ омили асосии амнияти озуқаворӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботҳои ФАО давлат дар ҳамон вақт амнияти худро таъмин карда ба ҳисоб меравад, ки он талаботи худро бо гандум дар доираи 80% таъмин намояд.

Агар ин талаботро ба ҳисоб гирем, пас Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020-ум 836,9 ҳаз. тонна гандум истеҳсол намуд, ки дар сурати 78,0 %-и ба орд табдил додани он, аз он метавон 652,8 ҳаз. тонна орд истеҳсол кард, ки ба 46,5 фоизи талабот баробар аст (ҷадв.2).

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои оморӣ истеҳсоли картошка дар соли 2020 ба 1022,5 ҳаз. тонна расонида шуд ва тибқи ҳисобҳои мо, он дар соли 2025 ба 1281,6 ҳаз. тонна хоҳад расид (ҷадв. 3).

Тибқи меъёрҳои физиологӣ, барои истеъмоли як нафар дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 92 кг картошка дар назар дошта шудааст. Аз рӯйи ин меъёр, дар соли 2025 истеҳсоли картошка бояд ба 1165,1 ҳазор тонна расонида шавад, ки ин нисбат ба талабот 20,7 фоиз зиёд аст, дар соли 2030 низ

нишондиҳандаи истеҳсолот ба талабот 20,3 фоиз зиёд хоҳад буд.

Ҷадвали 2. - Дурнамои таъмини талабот бо нон ва маҳсулоти нонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

Солҳо / Нишондиҳандаҳо	Воҳ. Ченак	2020	2025	2030
Талабот	ҳаз.т	1403,2	1549,4	1710,4
Истеҳсол	ҳаз.т	652,8	1053,0	1460,2
Худтаъминкунӣ	%	46,5	68,0	85,4
Зарурати воридот	ҳаз.т	750,4	496,4	250,2

Сарчашма: ***Таҳияи муаллиф аз рӯйи меъёрҳо ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».***

Ҷадвали 3. - Дурнамои таъмини талабот бо картошка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

Нишондиҳандаҳо	Воҳ. Ченак	Солҳо		
		2020	2025	2030
Талабот	ҳаз.т	874,0	965,1	1065,4
Истеҳсол	ҳаз.т	1022,5	1165,1	1281,6
Худтаъминкунӣ	%	117,0	120,7	120,3
Зарурати воридот	ҳаз.т	-	-	-

Сарчашма: ***Таҳияи муаллиф аз рӯйи меъёрҳо ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».***

Дар ҳолате, ки ба 1 га майдони картошка ба ҳисоби миёна танҳо 83,5 кг нуриҳои минералӣ ва 1,9 тонна нурии органикӣ пошида шудааст. Ҳол он ки меъёри андохтани нуриҳо ба 1 га картошка бо моддаи таъсиррасонанда 100-175 кг натрий, 40-50 кг фосфор, 140-230 кг калий, на камтар 30-40 тонна поруро ташкил мекунад. Бо риоя намудани меъёрҳои мавҷуда ва расонидани ҳосилнокии он то 200 сен/га ва майдони ҳақиқии кишти картошка ба 45 ҳаз. га, истеҳсоли онро метавон ба 900,0 ҳаз. тонна расонид, ки талаботро пурра таъмин менамояд. Маҳсулоти хӯровории дигар, ки Тоҷикистон метавонад талаботи худро пурра таъмин намуда, зиёдатиашро ба хориҷи кишвар интиқол диҳад, сабзавот ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон, аз рӯйи нишондиҳандаҳои оморӣ, истеҳсоли сабзавот дар соли 2020 ба 3236,3 ҳаз. тонна расонида шуд ва тибқи ҳисобҳои мо он дар соли 2025- ба 3883,6 ва соли 2030- ба 4660,3 ҳаз. тонна хоҳад расид (ҷадв. 4).

Ҷадвали 4. - Дурнамои таъмини талабот бо сабзавот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

Солҳо / Нишондиҳандаҳо	Воҳ. Ченак	2020	2025	2030
Талабот	ҳаз.т	1578,0	1742,4	1923,4
Истеҳсол	ҳаз.т	3236,3	3883,6	4660,3
Худтаъминкунӣ	%	205,1	222,9	242,3
Зарурати воридот	ҳаз.т	Нест	Нест	нест

Сарчашма: ***Таҳияи муаллиф аз рӯйи меъёрҳо ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».***

Дар сохтори ғизои аҳолӣ маҳсулоти соҳаи чорводорӣ мавқеи хоса дорад. Ба мавҷуд будани гӯшт ду омил-истеҳсоли дохилӣ ва воридот аз хориҷи кишвар таъсир мерасонад (ҷадв.5). Истеҳсоли гӯшт дар соли 2020 –ум талаботро 38,8 фоизи қонеъ намуда, ба як нафар аҳолӣ дар сол 16,0 кг-ро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2016-ум 2,5 кг, ё 18,5 фоиз зиёд аст [4].

Ҷадвали 5. - Дурнамои таъмини талабот бо гӯшт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

Солҳо / Нишондиҳандаҳо	Воҳ. Ченак	2020	2025	2030
Талабот	ҳаз.т	387,6	428,8	472,5
Истеҳсол	ҳаз.т	150,2	192,3	234,6
Худтаъминкунӣ	%	38,8	44,8	49,7
Зарурати воридот	ҳаз.т	237,4	236,5	237,9

Сарчашма: ***Таҳияи муаллиф аз рӯйи меъёрҳо ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».***

Тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030» талабот ба гӯшт дар соли 2025-ум 428,8 ҳаз. т ва соли 2030 ба 472,5 ҳаз. т баробар хоҳад шуд.

Дар ҳолати нигоҳ доштани сатҳи мавҷудаи рушд дар ин солҳо, истеҳсоли гӯшт мутаносибан ба 192,3 ва 234,6 ҳаз. т хоҳад расид. Худтаъминкунӣ бо гӯшти истеҳсоли худӣ дар соли 2025 ба 44,8 ва соли 2030 ба 49,7 фоиз баробар хоҳад шуд. Дар ҷумҳурӣ дар ҳолати бунёд намудани комплексҳои калони чорводорӣ ва барқарор намудани фермаҳои мурғпарварӣ истеҳсоли гӯштро то 60 фоизи талабот расонидан мумкин аст.

Воридоти гӯшт аз хориҷи кишвар сол то сол коҳиш ёфта, дар соли 2020 нисбат ба соли 2016-ум 25 ҳаз/т кам ворид гаштааст. Мутаассифона, нишондиҳандаҳои оморӣ ҳақиқатро инъикос намена-моянд. Агар дар Маҷмуаи омории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли гӯшт ба 1 нафар аҳолӣ дар солҳои 2019-14,8 кг ва соли 2020-16 кг-ро ташкил карда бошад [5], пас истеъмоли он тиб-қи маҷмуаи омории «Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо», мутаносибан 28,1 ва 26,4 кг-ро ташкил додааст. Дар ин солҳо аз хориҷи кишвар мутаносибан 24,0 ва 15,0 ҳаз. т гӯшт ворид гаштааст, ки ба як нафар 2,6 ва 1,6 кг рост меояд. Миқдори мавҷудаи гӯшт бо назардошти воридот дар солҳои 2019 ва 2020 ба як нафар мутаносибан 17,4 ва 17,6 кг рост меояд, ки нисбат ба истеъмол мутаносибан 10,7 кг ё 61,5% ва 8,8 кг ё 50,0% кам аст. Ҳамин тавр, бояд эътироф кард, ки дар ҳисоботи омории «Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо» истеъмоли гӯшт зиёд карда нишон дода шудааст ва эътимоднок нест.

Ҳамин тавр, таҳқиқи мавҷудияти маводҳои хӯрокворирo, чун омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дониста, метавон чунин хулоса намуд:

1. Таҳлилҳо собит намуданд, ки Тоҷикистон дар дурнамои наздик имконияти талаботи аҳолии худро бо картошка, сабзавот, мева ва ангур, шир, тухм пурра таъмин карданро дорад.

2. Амнияти таъмини нон ва маҳсулоти нонӣ, гӯшт, қанд, равған то соли 2030 масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад ва аз воридот вобастагии амиқ дорад.

3. Таҳқиқот собит намуд, ки омили асосии ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ риояи талаботҳои агротехникии парвариши зироатҳо ба ҳисоб рафта, дар шароити кунунӣ, бе истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, гирифтани ҳосили дилхоҳ аз имкон берун аст.

АДАБИЁТ

1. Амнияти озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Буллетени иттилоотӣ №1-4 – 2017-2018гг. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. –С.36.
2. Амнияти озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. №4 -С.3 (саҳ. 64, 78, 80).
3. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, 1.08.2012, №383.
4. Вазъи иҷтимоӣ- иктисодӣ. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ-декабри 2017. –С.19-26.
5. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2012, № 1030 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, № 12, қ.1, моддаи 1084) тасдиқ гардидааст.

АННОТАЦИЯ

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИИ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКТОВ ПИТАНИЯ – ГЛАВНЫЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В данной статье показано, что, в ближайшем будущем Таджикистан имеет возможность полностью обеспечить потребности своего населения картофелем, овощами, фруктами и виноградом, молоком, яйцами. В тоже время, обеспечение хлебом и хлебопродуктами, мясом, сахаром, маслом до 2030 года остается вопросом, требующим решения и глубоко зависящим от импорта. Исследования доказали, что основным организационно-экономическим фактором обеспечения продовольственной безопасности является соблюдение агротехнических требований выращивания сельскохозяйственных культур, без применения минеральных и органических удобрений невозможно получить желаемый урожай.

Ключевые слова: *потребительская корзина, спрос, потребление, производство, продовольственная безопасность, импорт, экспорт, продукты питания, норма, самообеспеченность, перспектива.*

ANNOTATION

IMPROVEMENT THE ORGANIZATION OF FOOD PRODUCTION IS THE MAIN FACTOR IN ENSURING FOOD SECURITY

This article shows that in the near future Tajikistan has the opportunity to fully meet the needs of its population with potatoes, vegetables, fruits and grapes, milk, and eggs. At the same time of supplies of bread and bakery products, meat, sugar, and butter until 2030 remains an issue that needs to be resolved and is deeply dependent on imports. Research has proven that the main organizational and economic factor in ensuring food security is compliance with agro technical requirements for growing crops; without the use of mineral and organic fertilizers it is impossible to obtain the desired harvest.

Key words: *consumer basket, demand, consumption, production, food security, import, export, food, norm, self-sufficiency, prospect.*

Сведение об авторе:

Сафарова Анорхол Джумаевна- старший преподаватель кафедры менежмента и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. e-mail: anora2303 телефон: (+992) 935018144

Information about the author:

Safarova Anorkhol Dzhumaevna - Senior teacher of the Department of Management and Entrepreneurship of Tajik Agrarian University named after S.Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. e-mail: anora2303 phone: (+992) 935018144

ТДУ:338.43.:63(575.3)

РАВИШҲОИ УСЛУБИИ БАҲОДИҲИИ ИСТИФОДАИ ПОЙГОҲИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ ДАР КИШОВАРЗӢ

Ҳисайнов Н.А.-Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Калимаҳои асосӣ: *пойгоҳи моддӣ-техникӣ, прогресси илмӣ-техникӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, захираҳои моддию техникӣ, фондҳои асосӣ, идоракунии инноватсионӣ, усулҳои инноватсионӣ, технологияҳои инноватсионӣ.*

Рушди бомуваффақияти иқтисодиёти хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ ба монанди дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба ташаккул ва мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникӣ (ПМТ) вобастагии мустақим дорад.

Пойгоҳи моддию техникӣ дар худ маҷмуи воситаҳои истеҳсолоти бузурги ҳозиразамони мошиниро, ки барои пешбурди фаъолияти хоҷагӣ заруранд, инъикос мекунад. Ташаккул додани пойгоҳи моддию техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ маънои пурра бо иқтидорҳо ва фондҳои асосии зарурӣ таъмин намудани истеҳсолотро дорад, ки ба талаботи замон ва стандартҳои замонавӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар шароити муосир роҳбарони хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолию хоҷагии худ ба ташаккул, мустаҳкам намудан ва модернизатсияи пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии он диққати махсус медиҳанд. Дар алоқамандӣ бо ин, мо дар мақола оид ба равишҳои услубии баҳодиҳии истифодаи ПМТ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси мақолаҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотии аз ҷониби олимону коршиносони ватаниву хориҷӣ ба табърасида, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, барои дар истеҳсолоти хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷорӣ намудан, пешниҳод намоем.

Муҳаққиқи тоҷик Нажмудинов М.С. дар кори илмӣ-таҳқиқотии худ дар масъалаи равишҳои услубии баҳодиҳии истифодаи ПМТ дар кишоварзӣ ибрози назар намуда, қайд мекунад, ки таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва истиқлолияти иқтисодии онро фаъолияти пурсамари комплекси агросаноатӣ, инчунин рушди имкониятҳои иқтидории он барои истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ муайян мекунад. Муҳаққиқи номбурда ҳалли ин масъаларо пеш аз ҳама бо роҳи нав кардани пойгоҳи моддию техникии хоҷагиҳо ва корхонахои кишоварзӣ, дар умум тамоми комплекси агросаноатӣ таъмин карда мешавад. Аммо ҷараёни навсозӣ аз сабаби пурра ё қисман набудани захираҳои молиявӣ барои азхуд кардани техникаи пешкадами кишоварзӣ халал мерасонад[6, -С.33-34].

Мо низ ақидаи муҳаққиқи номбурдаро тарафдорӣ намуда, қайд карданӣ ҳастем, ки ба ғайр аз таъмини амнияти озуқавории мамлакат, инчунин ҳалли масъалаҳои ноил шудан ба худтаъминкунии озуқаворӣ ва ба ҳолати сифатан нав табдил додани бозори озуқавории ҷумҳурӣ на танҳо беҳтар намудани муносибатҳои иқтисодиро дар соҳаи истеҳсол, тайёр кардан, савдо ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, балки таҷдидҳои инноватсионии сохтори фаъолияти ҳамаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзиро талаб мекунад.

Коршиноси белорусӣ Александр Русакович дар мақолаи худ қайд мекунад, ки равишҳои методии баҳодиҳӣ ва муайянкунии афзалиятҳои ташаккули пойгоҳи моддию техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ алгоритми муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба пойгоҳи моддию техникӣ ва методологияи арзёбии иқтидори инвеститсионӣ - инноватсионии корхонаҳои кишоварзиро дар бар мегиранд. Алгоритми тартибдодаи вай имкон медиҳад, ки ҳам афзалиятҳои сармоягузорӣ ба пойгоҳи моддию техникӣ ва ҳам захираҳои зиёд кардани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соҳаҳои махсусгардонии истеҳсолот муайян карда шаванд ва он чор марҳиларо дарбар мегирад:

Марҳилаи 1. Интихоби омилҳои амсилаи регрессионӣ.

Марҳилаи 2. Сохтани моделҳои регрессионӣ.

Марҳилаи 3. Муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба пойгоҳи моддию техникӣ.

Марҳилаи 4. Муайян кардани афзоиши нишондодҳои самараноки захираҳои иқтисодию молиявии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби ба таври васеъ истифода намудани пойгоҳи моддию техникӣ [1, С.189-194].

Қобили қайд аст, ки алгоритми таҳиянамудаи коршиноси мазкур барои ҷорӣ намудан дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба мақсад мувофиқ мебошад, аммо ба фикри инҷониб алгоритми мазкур афзалият ва нуқсонҳои худро низ доро мебошад.

Олими рус, Полухин А.А. дар рисолаи илмии худ қайд мекунад, ки барои хоҷакиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ муҳим нест, ки техникаи кишоварзӣ дар кадом кишвар ва бо кадом тамға истеҳсол шудааст, муҳим он аст, ки хусусияти техникӣ ва иқтисодии он, ҳосилнокӣ, арзиш,

нигоҳдорӣ, эътимоднокӣ, шиддатнокии энергия, хароҷоти нигоҳдорӣ, мавҷудияти он дар маркази хизматрасонии техникӣ ва таъмир дар минтақа, шароитҳои таъминот, мавҷудият ва шароити дарёфти маблағҳои қарзӣ ва ғайра таъмин бошад. Ҳамчунин, ба фикри олими номбурда, проблемаи асосии баҳодиҳии зуд ва холисона ба мавҷудияти техникӣ, самаранокии истифодаи техникаи кишоварзӣ, самаранокии ҷорӣ намудани технологияи нав, инчунин ба мақсад мувофиқ будани навсозии техникӣ ва мураккаб будани ин ҳисобҳо мебошад. Олими номбурда, қайд мекунад, ки дар робита ба ин, равишҳои методие, ки мо таҳия карда истодаем, дар шакли барномаҳои компютерӣ, яъне МЭҲ пешниҳод карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҳангоми истифодаи усулҳои пешниҳодшуда маълумоти зуд ва ба осонӣ тафсиршаванда ба даст оварда шаванд[8, С.13-14].

Ҳамчунин, дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030” роҳҳои асосии рушду равнақи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дарҷ гардидааст, ки аз чунин қисматҳо иборат мебошад:

1. Тартибу низом ва идоракунии мутахассисоне, ки дорои идеяҳои нав, маҳорати идоракунии алтернативӣ, ташаккулдиҳӣ ва азбарнамоии технологияҳои инноватсионии рақобатпазир дар соҳаи кишоварзӣ;

2. Ҳимояи маҳсулотҳои истеҳсолии ватанӣ ва дастгирии соҳибкорони истеҳсолӣ дар доираи меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, такмилу таҷдиди низоми муҳофизати бозори дохилӣ аз маҳсулотҳои истеҳсолии қалбакӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва аҳолӣ истифодабаранда;

3. Рушду равнақ додани кластерҳои рақобатпазири истеҳсолӣ дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, ҳамчунин ба роҳ мондани занҷирҳои истеҳсолӣ, ки ивазнамоии молҳои воридотӣ ва рушду равнақи содиротро таъмин карда метавонанд;

4. Тағйирёбӣ ва мутобиқсозии корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳолати бавуҷудоии иқлим, омодасозии роҳҳои пешгирӣ кардан ва ба сертификатсияи байналмилалии сифати маҳсулоти рақобатпазии корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулотҳои содиротии кишоварзӣ;

5. Омодакунӣ ва бароҳмонии равандҳои ташаккулёбии тақозои иловагӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба неруи барқ дар фасли гармо[9, С.77].

Барои баҳодиҳии истифодаи ПМТ дар кишоварзӣ бояд нишондиҳандаҳои асосии фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардони хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Фондҳои асосӣ дар кишоварзӣ дар шакли натуралӣ ва арзишӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд[5, С.73-84]. Нишондиҳандаҳои натуралӣ оид ба таркиби миқдорӣ ва сифатӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ ва муҳлати хизмати фондҳои асосӣ маълумот медиҳанд. Чунин шакли баҳисобгирии воситаҳои асосӣ баҳодиҳии натуралии фондҳои асосӣ номида мешавад.

Барои муайян кардани арзишу сифати фондҳои асосӣ ба мақсади баҳисобгирӣ, таҳлили ҳисоббаробаркуниҳои иқтисодию молиявӣ ва рушдёбии нишондиҳандаҳои умумисоҳавӣ баҳодиҳии арзишӣ лозим аст[3].

Ин шакл ва намудҳои баҳодиҳиро баҳодиҳии пулӣ-молиявии фондҳои асосӣ низ меҳисобанд. Барои муайян кардани баҳодиҳии пулию молиявии фондҳои асосӣ миқдори маблағҳо барои харид, муҳаё ва азнавсозии фондҳои асосии сарфкардашударо инъикос менамояд. Ҳамзамон, баҳодиҳии пулӣ-молиявӣ водор месозад, ки ҳаҷми хӯрдашавии (амартизатсия)-и фондҳои асосӣ ба маҳсулоти тайёр гузаронида мешавад, муайян карда шавад.

Олими дигар Субаева А.К. дар мақолаи худ баён намудааст, ки дар шароити рақобатпазирии имрӯза, бояд принсипҳои асосии методологии баҳодҳии рақобатнокии ПМТ-и КАС татбиқ карда шавад, ки аз чунин қисматҳо иборат мебошад:

1) принсипи даврнокӣ ва мураккаб. Принсипи мазкур арзёбии таъсири мутақобилаи маҷмуи омилҳои дохилӣ ва берунии рақобатпазирии пойгоҳи моддию техникӣ дар комплекси агросаноатиро дар бар мегирад;

2) принсипи интегралӣ, ки алоқамандии байни унсурҳои рақобатнокии пойгоҳи моддию техникиро дар КАС ташкили амиқ ва мушаххас карда тавонад;

3) бо назардошти омилҳои истеҳсолот, ки мувофиқи онҳо системаи баҳодиҳӣ бояд нишондиҳандаҳоеро дар бар гирад, ки хусусиятҳои мушаххаси соҳаи КАС-ро инъикос намуда, таъсири онҳоро ба рақобатпазирии пойгоҳи моддию техникӣ ба инобат гиранд;

4) ба назар гирифтани хусусиятҳои сегментҳои гуногуни бозори пойгоҳи моддию техникии КАС дар асоси дурусттар муайян кардани талаботи истеъмолкунандагон дар минтакаи (сегменти бозор) ин ё он ноҳия ва пурратар қонеъ гардондани онҳо;

5) устувории квазии конъюнктураи бозор бо назардошти он, ки дар ҳар як лаҳзаи мушаххас сохтори тақозои самарабахш комилан имкон медиҳад, ки истеъмолкунандагон аз рӯйи аҳамияти (муҳимияти) нишондиҳандаҳои инфиродии сифатии пойгоҳи моддию техникии КАС-ро муайян кунад;

6) иерархияи нишондиҳандаҳои ба система дохилшуда, ки бояд аз умумӣ ба мушаххас гурӯҳбандӣ (нишондиҳандаҳои умумии маҷмуӣ хусусиятҳои интегралии самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии пойгоҳи моддию техникии комплекси агросаноатиро инъикос мекунанд, нишондиҳандаҳои хусусӣ тасвири умумӣ бо назардошти таъсири хусусиятҳои мушаххас ба раванди таҳқиқшаванда) карда шаванд;

7) амнияти иттилоотӣ – низом бояд нишондиҳандаҳое дошта бошад, ки ҳисобашон тавассути ҳисоботи оморӣ бо иттилооти пурра, боэътимод ва саривақтӣ дастрас карда шавад;

8) муттасилӣ – тасҳеҳи эҳтимолии нишондиҳандаҳои система ё дохил кардани нишондодҳои иловагиро ҳангоми дастрас шудани маълумоти нав дар бораи пойгоҳи моддию техникии комплекси агросаноатӣ ё муҳити рақобати атрофи он ба назар гирад[10, С.3186-9190].

Ба фикри инҷониб, асоси методологияҳои баҳодиҳии истифодабарии пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ дар амалия татбиқ кардани намудҳои баҳодиҳии истифодаи пойгоҳи моддию техникӣ, ки ба ақидаи дигар равишҳои систематикӣ низ меноманд, ба шумор меравад. Ба воситаи равишҳои систематикӣ ба пуррагӣ омӯзиши объект, таҳлили сохти он ва робитаи байни элементҳо, инчунин ба назар гирифтани хусусияти тағйиротӣ дар система дар зери таъсири шароити мусоиди реҷаи кори система ва дар ин асос кор карда баромадани вариантҳои ба реҷаи оқилонаи кор гузарондани система ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тарик, самаранокии иқтисодии истифодабарӣ ва истеъмоли пойгоҳи моддию техникӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ бо системаи нишондиҳандаҳо тавсиф карда мешавад. Барои беҳтар нишон додан ва таҳлили нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи ин намуди захираҳо системаи нишондиҳандаҳоро вобаста ба пойгоҳи моддӣ ва аз ҷиҳати воситаҳои техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногун муайян кардан лозим меояд.

Ҳамзамон, Орипов А.А. дар мақолаи худ бо номи “Равишҳои инноватсионӣ дар низоми хизматрасонии аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор” вобаста ба масъалаи баҳодиҳии истифодаи самараноки ПМТ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ, қайд мекунад, ки самаранокии идоранамоии хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо ҳолати ПИТ, ба роҳ мондани навтарин дастовардҳои илму техникаи муосир, ки истеҳсолоти маҳсулоти рақобатнокии кишоварзиро таъмин карда метавонад, зич алоқаманд аст. Барои ин коллексияи миқдорӣ ва сифатнокии парки мошинҳову тракторҳо бояд тамоми ҳаҷми корҳои дастиро дар муҳлати кӯтоҳ бо хароҷоти пасттарин таъмин намояд, ки ин ба дуруст ташаккул ёфтани системаи хизмати техникии соҳаи кишоварзӣ вобаста аст[7, С.24-31].

Мо низ ақидаи олими номбурдаро тарафдорӣ намуда, қайд намуданӣ ҳастем, ки дар ҳақиқат барои фаъолияти бомуваффақияти инноватсионӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон омӯзиши фаъолонаи навоварӣ, дастгирии давлатии он, равона кардани як қисми маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ ва маҳаллиро ба рушди илми кишоварзӣ талаб мекунад.

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии инноватсионӣ, ташаккули ниҳодҳои рушди инноватсия дар кишоварзӣ, татбиқи имтиёзҳои андоз ва дигар имтиёзҳо барои хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ, ки технологияи нав, инноватсия ва навсозии техникаи онҳоро фаъолона ҷорӣ мекунанд, ҳал кардан лозим аст.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло барои гузаштан ба усули инноватсионии рушди комплекси агросаноатӣ зарур аст, ки масъалаҳои умумии низоми рушд ҳал карда шаванд, зеро онҳо афзоиши самаранокиро бозмедоранд. Ин чорабинӣ рушди ниҳодҳои нави ташкилию ҳуқуқӣ ва механизмҳои дастгирии давлатии моддӣ, техникӣ ва маъмурии рушди комплекси агросаноатиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, мо дар асоси маълумотҳои Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҷадвал усулҳои инноватсионии рушди КАС ва мақсади асосии онҳоро пешниҳод менамоем (ҷадв. 1).

Дар ҳолати истифодаи усулҳои дар ҷадвали 1 нишондодашуда, хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гаридида маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мегарданд.

Оид ба масъалаи самаранок истифодабарии ПМТ-и хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ олими рус Исрофилова Х.Б. қайд мекунад, ки категорияи иқтисодии «Пойгоҳи моддию техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ» самтҳои гуногун дорад, ки истифодаи оқилонаи онҳо моҳияти иқтисодиёти муосири деҳотро ба куллӣ тағйир дода метавонад. Ба шумори онҳо интенсификатсия, электрофикатсия, мелиоратсия, обёрикунӣ, механиконии комплексӣ, аз ҷумла саноатикунонии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дохил мешаванд.

Категорияҳои номбаршуда наметавонанд дар як лаҳза амалӣ шаванд, балки марҳилаҳои куллии таърихии рушдро талаб мекунанд. Дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон масъалаҳои амалӣ гардондани «саноатикунонии босуръати кишоварзӣ»-ро бе худкифоягии озуқаворӣ ноил шудан ғайримумкин аст. [4. -С.3-4].

Ҷадвали 1.- Усулҳои инноватсионии рушди КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он

Номгӯйи усулҳои инноватсионии рушди КАС	Мақсади усулҳои инноватсионии рушди КАС
Усули мувофиқ, устувор ва тараққиёфтаи бахши таҳқиқ ва коркард	Васеъ намудани донишҳо оид ба рақобатпазирии бозорҳои ҷаҳонӣ, ки масъалаҳои амнияти озуқавории мамлакат (минтақа) ва ташкили муҳити пурсамари рушди инфрасохтори инноватсиониро таъмин намоянд.
Усули ташаккули низоми маорифи ба талаботи замон ҷавобгӯ	Ба мутахассисони КАС ва умуман аҳолии деҳот додани дониш ва маҳорату малакаи барои низоми инноватсионӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ зарур.
Усули ҳалли масъалаҳо вобаста ба рушди технологияҳои сермаҳсул	Истифодаи технологияҳои геоиттилоотӣ, навсозӣ дар асоси равандҳои сифатноки пойгоҳи моддию техникии инноватсионӣ дар КАС
Самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва сармояро бо истифода аз давомнокии миёнаи давраи як гардиш, ки бо рӯзҳо чен карда мешавад, арзёбӣ кардан мумкин аст. Давраи гардиш нишон медиҳад, ки барои анҷом додани гардиши пурраи як манбаи муайяни маблағ барои корхона чӣ қадар вақт лозим аст. Ба ибораи дигар, дар кадом давра як сомонӣ сармоя як сомон даромад меорад. Барои ҳар як корхона ба давомнокии давраи миёнаи гардиши сармоя аз бисёр омилҳои объективӣ ва субъективӣ, ки ба соҳаи он, микёси фаъолият ва хусусиятҳои муқарраршудаи гардиши тиҷорат хосанд, таъсир мерасонад. Ин нишондиҳанда пеш аз ҳама дар динамика арзёбӣ мешавад. Албатта, ин муҳлат ҳар қадар кутоҳ бошад, захираҳои молиявӣ ҳамон қадар тезтар самара мебахшанд. Паст шудани давраи муомилот аз паст шудани самаранокии истифодаи

сармоя ва захираҳои молиявӣ шаҳодат медиҳад. Алгоритми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои муомилот (таносубҳо ва давраҳои муомилот) дар ҷадвал оварда шудаанд.

Ҷадвал.- Нишондиҳандаҳои гардиши сармояи худӣ ва уҳдадориҳо дар давоми сол

Нишондиҳанда	Коэффисенти гардиш	Давомнокии миёнаи як гардиш дар рӯз
Сармояи худӣ	Даромад аз фурӯш	Бузургии миёнаи сармояи худӣ*360
	Арзиши миёнаи сармояи худӣ	Даромад аз фурӯш
Сармояи қарзӣ	Даромад аз фурӯш	Бузургии миёнаи сармояи қарзӣ*360
	Арзиши миёнаи сармояи қарзӣ	Даромад аз фурӯш
Қарзҳо	Даромад аз фурӯш	Бузургии миёнаи уҳдадории қарзӣ*360
	Арзиши миёнаи уҳдадорӣ аз рӯйи қарз	Даромад аз фурӯш
Уҳдадориҳои кредиторӣ	Даромад аз фурӯш	Бузургии миёнаи уҳдадориҳои кредиторӣ*360
	Арзиши миёнаи уҳдадориҳои кредиторӣ	Даромад аз фурӯш
Уҳдадориҳои таъмин-кунандагон ва пуд-ратчиён	Даромад аз фурӯш	Бузургии миёнаи уҳдадориҳои кредиторӣ*360
	Арзиши миёнаи уҳдадориҳои кредиторӣ	Даромад аз фурӯш

Манбаъ: ***Таҳияи муаллиф***

Тавсия дода мешавад, ки арзиши миёнаи тавозунии сармояи худӣ ва уҳдадориҳо барои соли таҳлилшуда бо истифода аз формулаи хронологии миёна ҳисоб карда шавад, ба шарте ки шумораи санаҳо (рӯзи, моҳ), ки барои онҳо маълумоти ҳисоботӣ мавҷуд аст, аз меъёр ду маротиба зиёд бошад. Дар мисоли мо маълумотҳои балансӣ танҳо барои аввал ва охири сол мавҷуданд. Дар ин маврид барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои миёнаи солонаи балансӣ формулаи миёнаи арифметикӣ бояд истифода шавад [4, -С.251].

Воситаҳои молиявии таъминоти молиявии корхона инҳо мебошанд: воситахои карзӣ (векселҳо, эмиссияҳои вомбаргҳо); нархгузорӣ; саҳмияҳо (форвард, фючерсҳо, опсионҳо, шартномаҳои своп); асъори хориҷӣ (реҷаи қурб ва нархгузории асъор); меъёрҳои амортизатсия.

Ҳамин тариқ, мавҷуд будани ҳаҷми кифояи захираҳои молиявӣ-пулӣ истифодабарии самараноки онҳо, ҳолати хуби молиявӣ, лаёқатмандии пардохтӣ, устувории молиявӣ, ликвиднокиро ифода менамоянд. Бо ин мақсад вазифаи муҳими корхона ёфтани захираҳои афзунгардонии маблағҳои молиявии худ мебошад ва нисбатан самаранок истифода бурдани онҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кори корхона аст.

Ҳамин тавр, манбаъхои ташаккули захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, чунон ки тахлил нишон дод, манбаъҳои қарз (карзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати банк); қарзҳои кӯтоҳмуддат ва кредиторӣ; дотатсия аз буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо ва фоидаҳо, вале дар аксар корхонаҳои кишоварзӣ манбаи асосии ташаккули захираҳои молиявии корхонаи кишоварзӣ маблағҳои худӣ мебошанд.

АДАБИЁТ

1.Антонов Ю.Г. Повышениеэкономической эффективности производствавиноград Автореферат.–Краснодар,2005. -С.10.
2.Абалкин Л.Н. д р. Эффективность производства: - М.: -Пром издать, 1971.-С.32.
3.Барнгольц С.Б. Оборотные средства промышленности СССР /С.Б. Барнгольц. -М.1965.-283 с.
4.Басовский Л. Е. Экономический анализ (комплексный экономический анализ хозяйственной деятельности) / Л.Е. Басовский, А.М. Лунева, А.Л. Басовский. - М.: ИНФРА-М, 2003. -251 с.
5.Гладко А.В. Организационно-экономические проблемы развития садоводства в Атеистском прос. Монография. – Барнаул, 2005. -С. 15.
6.Каюмов Ф.К. Эффективность АПК в условиях перехода к рынку. Монография. -М.,1992.-С. 5.
7.Мартинкевич Ф.С., Большакова В.П. и др. Факторный анализ эффективности сельскохозяйственного производства. – М.: Наука и техника,1983, -С 82.
8.Ряйзберг Б.А., Лозовский Л.Ш.. Современный Экономический словарь, Москва, 2008. -С. 507.
9.Сергеев А.А.Социально–экономический критерии эффективности общественного производства.-М.:Наука.1978.-С.378.
10. Терехов Ю.И. Мищенко В.И., Планирование эффективностисельскохозяйственного производства. – Харьков: Вещи школа, 1984. -С. 123.
11. Финансовый менеджмент: теория и практика: Учебник / Под ред. Е.С. Стояновой. - 4-е изд. перераб. и доп. - М.: Изд-во «Перспектива», 1999. -656 с.
12. Холод Н.И. Модели показателей роста экономической эффективности сельскохозяйственного производства. –Минск: Высшая школа 1990, -С. 144
13. Шеремет А.Д. Методика финансового анализа / А.Д. Шеремет, Р.С. Сайфулин. - М.: ИНФРА-М, 1995. - 176 с.
14. Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и эффективности хозяйственногомеханизма АПК. –Душанбе: Ирфон, 2008. -С. 359
15. Экономический анализ: Под ред. Л.Т. Гиляровской. -2-е изд., доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. - 615 с.

АННОТАЦИЯ
МЕТОДИКА ОЦЕНКИ ФИНАНСОВЫХ ФОНДОВ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Автор в своей статье исследовал вопрос методов оценки финансовых ресурсов сельскохозяйственных предприятий. В ходе исследования автор больше остановился на вопросе оценки финансового состояния сельскохозяйственных предприятий, методах эффективного использо-

вания финансовых ресурсов сельскохозяйственных предприятий, показателях движения собственного капитала и обязательств сельскохозяйственных предприятий, методе расчета рентабельность, метод анализа финансовых коэффициентов и метод оценки стоимости финансовых ресурсов.

Ключевые слова: *оценка, ресурс, финансы, сельскохозяйственные предприятия, рентабельность, показатель, финансовые коэффициенты, сельскохозяйственные предприятия, финансовые ресурсы, фондоотдача, кредитоспособность, платежеспособность.*

ANNOTATION

METHODS FOR ASSESSING THE FINANCIAL RESOURCES OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

The author in his article studied the issue of methods for assessing the financial resources of agricultural enterprises. In the course of the study, the author focused on the issue of assessing the financial condition of agricultural enterprises, methods for effectively using the financial resources of agricultural enterprises, indicators of the turnover of own capital and liabilities of agricultural enterprises, methods for calculating profitability, methods for analyzing financial ratios, methods for assessing the value of financial resources.

Keywords: *assessment, resources, finance, agricultural enterprises, profitability, indicator, financial ratios, agricultural enterprises, financial resources, capital efficiency, lending capacity, solvency.*

Сведения об авторе:

Муродова Дилбар Илохиддиновна–старший преподаватель кафедры экономики и управления Дангаринского государственного университета. E-mail. Dilbar.murodova@inbox.ru. Телефон (992) 900-99-06-87.

Information about the author:

Murodova Dilbar Ilohiddinovna–head ticher of the Department of Economics and Management, Dangara State University. E-mail. Dilbar.murodova@inbox.ru. Phon: (992) 900-99-06-87.

ТДУ 338.43:633 (470.333)

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲЛИЛИ ҚАТОРИ ДИНАМИКӢ ВА ПЕШГУЙИИ ҲОСИЛНОКИИ КАРТОШКА

Қурбонова Ф.К.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳосилнокии картошка, пешгӯӣ.*

Соҳаи картошкапарварӣ калонтарин соҳаи кишоварзӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.Чунки ин соҳа барои рушди амнияти озуқаворӣ нақши муҳимро мебозаду дар ҷумҳурӣ яке аз зироати асосии комплекси озукаворӣ ба ҳисоб меравад.

Кишти картошка ва зироатҳои сабзавоту полезиҳо дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо аз соли 2013 то соли 2022 аз 13,1% то 17,08 %и майдони умумии киштро ишғол намуданд.

Мақсади ин таҳқиқот таҳлили истеҳсоли картошка аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳои ҷумҳурӣ ва нишон додани равиши методологии таҳлили қатори динамикии ҳосили картошка ва пешгӯии он мебошад.Таҳқиқот бо истифода аз усули бузургиҳои нисбӣ ва миёна, таҳлили қатори динамикӣ ва пешгӯӣ анҷом дода шуд. Сарчашмаҳои иттилооти рақамии маълумот аз маҷмуаи омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2017; 2023) оварда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон картошка дар корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ кишт карда мешавад (ҷадв. 1).

Ҷадвали 1. - Масоҳати майдонҳои кишти картошка дар хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Категорияҳои хоҷагиҳо	2013	2020	2021	2022	Соли 2022 нисбат ба, %.	
					2013	2021
Майдони кишт, ҳазор га						
Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо	44380	52731	57204	56092	126,39	98,06
Корхонаҳои кишоварзӣ	3437	4904	5808	7182	208,96	123,66
Ҳоҷагиҳои аҳолӣ	22003	23540	24056	23934	108,78	99,49
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	18940	24287	27340	24976	131,87	91,35
Ба ҳисоби % нисбат ба хочагихои хамаи категорияхо					**Фарқият, бо %**	
Корхонаҳои кишоварзӣ	7,73	9,30	10,15	12,80	5,07	2,65
Ҳоҷагиҳои аҳолӣ	49,47	44,64	42,05	42,67	-6,8	0,62
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	42,8	46,06	47,79	44,53	1,73	-3,26

Дар соли 2022 дар майдони 56092 ҳаз/га картошка кишт карда шуд, ки нисбат ба соли 2013 26,39% зиёд, вале нисбат ба соли 2021 1,94% кам мебошад.

Истеҳсоли картошка дар хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ бештар кишт шудааст. Дар соли 2022 саҳми онҳо 44,53% ё 24976,4 ҳаз/гаро ташкил дод. 42,67% (23934 ҳаз/га) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 12,80% (7182 ҳаз/га) ба корхонаҳои кишоварзӣ рост меояд.

Динамикаи тамоюли коҳишёбии майдони кишти картошка дар хоҷагиҳои деҳқонӣ соли 2022 нисбат ба соли 2021 1374га ё 8,66%, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 122га ё 0,51% буда, афзоиши майдони

кишти картошка дар корхонаҳои кишоварзӣ соли 2022 нисбат ба соли 2013 1374га ё 8,96% -ро нишон медиҳад.

Майдони кишти картошка бошад дар ин солҳо аз 39,43% то 38,19% майдони кишти картошка ва зироатҳои сабзавоту полизиҳоро ташкил додааст, яъне майдони кишти картошка 1,23% коҳиш ёфтааст. Таҳлили дар байни зироатҳо тақсим кардани майдонҳои кишт аз тарафи истеҳсолкунандаҳо нишон дод, ки хоҷагиҳо кишти картошкаро коҳиш додаанд (ҷадв. 2)

Ҷадвали 2.-Динамикаи тамоюли коҳишёбии майдони кишти картошка

Солҳо	Ҳосилнокӣ аз 1га	Зиёдшавии мутлақ, с		Суръати зиёдшавӣ, %		Суръати чӣ қадар зиёдшавӣ, %		Миқдори зиёдшавӣ
		Ба дараҷаи пешистода	Ба дараҷаи ибтидоӣ	Ба дараҷаи пешистода	Ба дараҷаи ибтидоӣ	Ба дараҷаи пешистода	Ба дараҷаи ибтидоӣ	
2018	193,2	-			100			
2019	191	-2,2	-2,2	98,86	98,86	-1,14	-1,14	1,932
2020	187,2	-3,8	-6	98,01	96,89	-1,97	-3,11	1,91
2021	181,4	-5,8	-11,8	96,90	93,89	-3,00	-6,11	1,872
2022	191,1	9,7	-2,1	105,35	98,91	5,02	-1,09	-0,01

Ҳамин тавр, ҳосилнокии картошка дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба соли 2018 кам шудааст. Камшавии зиёдтарини ҳосилнокӣ ба соли 2018 нисбат ба соли 2021 (11,8 с ё 6,2%) рост меояд. Дар тамоми давраи таҳлил ҳосилнокии кортошка ба ҳисоби миёна ба 4,2с ё 2,18% кам шудааст (ҷадв.3).

Ҷадвали 3. - Структураи истеҳсоли картошка аз руйи категорияҳои ҷумҳурӣ

Категорияҳои хоҷагиҳо	2013	2020	2021	2022	Соли 2022 нисбат ба, %.	
					2013	2021
Ҷамъоварии умумӣ, ҳазор тонна						
Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо	1115,70	1022,55	1041,32	1094,43	98,09	105,10
Корхонаҳои кишоварзӣ	74,59	100,89	126,50	174,90	234,48	138,26
Хоҷагиҳои аҳолӣ	596,86	365,98	302,20	315,50	52,86	104,40
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	444,25	555,68	612,20	604,00	135,96	98,66
Ба ҳисоби % нисбат ба хоҷагиҳои ҳамаи категорияҳо					**Фарқият, бо %**	
Корхонаҳои кишоварзӣ	6,69	9,87	12,15	15,98	9,29	3,83
Хоҷагиҳои аҳолӣ	53,50	35,79	29, 02	28,83	-24,67	-0,19
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	39,82	54,34	58,79	55,19	15,37	-3,6

Хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 55%-и маҳсулоти умумии картошкаи ҷумҳуриро истеҳсол кардаанд. Ҳиссаи корхонаи кишоварзӣ дар соли 2022 15,9 % ва хоҷагиҳои аҳолӣ бошад 28,83 %ро ташкил дод.

Ҳосили картошка, ки аз 1 га майдон кишт ҳисоб карда шудааст, дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 188,78 сентнерро ташкил дода, нисбат ба соли 2018 1,09% кам ва нисбат ба соли 2021 5,34% афзудааст. Яке аз вазифаҳои асосии ин таҳқиқот омӯзиши тағйирёбии ҳосили картошка бо мурури замон мебошад. Ин масъала тавассути сохтан ва таҳлили қатори динамикӣ ҳал карда мешавад. Нишондиҳандаҳои таҳлилии қатори динамикӣ бо роҳи муқоисаи байниҳамдигарии дараҷаҳои қатор ба ҳисоб меравад. Дараҷаи муқоисашаванда дараҷаи ҷорӣ ва дараҷае, ки бо он муқоиса карда мешавад, дараҷаи базавӣ номида мешавад.

Ҳангоми муқоисаи ҳар як дараҷа бо дараҷаи қаблӣ нишондиҳандаҳои занҷирӣ ба даст оварда мешаванд. Агар муқоиса бо ҳамон як дараҷа (дараҷаи ибтидоӣ) сурат гирад, пас нишондиҳандаҳо асосӣ (базисӣ) номида мешаванд.

1. Афзоиши мутлақ ҳамчун фарқияти байни ду дараҷаи қатори динамикӣ муайян карда мешавад ва нишон медиҳад, ки дараҷаи қатори додашуда аз дараҷаи дар асоси муқоиса қабулшуда бо кадом миқдор зиёд аст (суръати мутлақи афзоиш ё пастшавии дараҷаи қатори динамикиро ифода мекунад).

Занҷирӣ (ба дараҷаи гузашта): $\Delta = Y_i - Y_{i-1}$ (фарқи байни дараҷаи оянда ва пешина: $Y_1 - Y_0$; $Y_2 - Y_1$; $Y_3 - Y_2$) ва ғайра

Базисӣ (бо дараҷаи ибтидоӣ): $\Delta = Y_i - Y_0$ (фарқи байни дараҷаи оянда ва ибтидоӣ: $Y_1 - Y_0$; $Y_2 - Y_0$; $Y_3 - Y_0$) ва ғайра

2. Сурати афзоиш бо нисбати ду дараҷаи муқоисашаванда муайян карда мешавад ва суръати афзоиши нисбӣ ё ки пастравии дараҷаи қатори динамикиро нишон медиҳад.

Агар суръати афзоиш аз 100% зиёд бошад, пас дараҷа зиёдшаванда, агар хурд аз 100% бошад, он гоҳ дараҷа кам мешавад.

Занҷирӣ (ба дараҷаи пешина): $T_p = \frac{Y_i}{Y_{i-1}} \cdot 100\%; (\frac{Y_1}{Y_0}; \frac{Y_2}{Y_1}; \frac{Y_3}{Y_2})$

Базавӣ (ба дараҷаи ибтидоӣ) $T_p = \frac{Y_i}{Y_0} \cdot 100\%; (\frac{Y_1}{Y_0}; \frac{Y_2}{Y_0}; \frac{Y_3}{Y_0})$

3.Суръати зиёдшавӣ нишон медиҳад, ки чанд % дараҷаи муқоисашаванда аз дараҷаи базисӣ қабулшудаи қатор зиёд ё кам шуда аст. Сурати зиёдшавии занҷирӣ бо воситаи аз суръати

афзоиши занҷирӣ тарҳ кардани 100 %, суръати зиёдшавии базисӣ бо воситаи аз сурати афзоиши базисӣ тарҳ кардани 100% ҳисоб карда мешавад.

$$T_{\text{счз}} = \text{Т}_{\text{са}} - 100\%$$

4. 1% зиёдшавӣ бо роҳи тақсими зиёдшавии мутлақи занҷирӣ ба суръати афзоиши занҷирӣ муайян карда мешавад ва нишон медиҳад, ки чанд воҳиди мутлақ дар 1% афзоиш мавҷуд аст.

$$\Pi = \frac{A_{\text{з}}}{\text{Т}_{\text{зз}}}$$

Натиҷаи ҳисобкуниро дар ҷадвали 4 нишон медиҳем.

Ҷадвали 4.-Нишондиҳандаҳои аналитикии ҳосили картошка дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Солҳо	Ҳосил-нокӣ аз 1 га	Зиёдшавии мутлақ, с		Суръати зиёдшавӣ, %		Суръати чӣ қадар зиёдшавӣ, %		Мундари-ҷаи зиёд-шавӣ
		Ба да-рҷаи пешистода	Ба дарҷаи ибтидоӣ	Ба да-рҷаи пешистода	Ба да-рҷаи ибтидоӣ	Ба да-рҷаи пешистода	Ба да-рҷаи ибтидоӣ	
2018	193,2	-	-	-	100	-	-	-
2019	191	-2,2	-2,2	98,86	98,86	-1,14	-1,14	1,932
2020	187,2	-3,8	-6	98,01	96,89	-1,97	-3,11	1,91
2021	181,4	-5,8	-11,8	96,90	93,89	-3,00	-6,11	1,872
2022	191,1	9,7	-2,1	105,35	98,91	5,02	-1,09	-0,01

Ҳамин тавр, ҳосилнокии картошка дар хоҷагиҳои ҳамаи категорияҳо нисбат ба соли 2018 сол ба сол коҳиш ёфта истодааст, Коҳишёбии зиёдтар соли 2021 нисбат ба соли 2018 (ба 11,8с ё 6,1%) ва камтарин дар соли 2022 нисбати соли 2018 (2,1с ё 1,1%) рост меояд. Дар давоми ҳамаи давраи таҳқиқшаванда ҳосилнокӣ ба ҳисоби миёна 188,78 с рост меояд.

Барои таҳлили пурра қимати миёнаи нишондиҳандаҳои қатори динамикӣ, ки характеристикаи умумии рушди онро нишон медиҳад, ҳисоб карда мешавад. Ба ин нишондиҳандаҳои зерин дохил мешавад: дарҷаи миёнаи қатори динамикӣ; ҳисоби миёнаи афзоиши мутлақ; суръати миёнаи афзоиш; суръати миёнаи қимати афзоиш.

Дарҷаи миёнаи қатори фосилавӣ аз рӯйи формулаи қимати миёнаи арифметикии оддӣ ҳисоб карда мешавад.

$$\bar{\acute{O}} = \frac{\sum \acute{O}_n}{n} = \frac{\acute{O}_1 + \acute{O}_2 + \cdots . + \acute{O}_n}{n}$$

Дарҷаи миёнаи қатори лаҳзавӣ аз рӯйи формулаи қимати миёнаи хронологӣ ҳисоб карда мешавад.

$$\bar{\acute{O}} = \frac{\frac{1}{2}\acute{O}_1 + \acute{O}_2 + \cdots . + \frac{1}{2}\,\acute{O}_n}{n}$$

Дар мисоли мо қатор қатори фосилавӣ, бинобар он қимати миёнаи дарҷаи қатор ба

$$\bar{\acute{O}} = \frac{\sum \acute{O}_n}{n} = \frac{\acute{O}_1 + \acute{O}_2 + \cdots . + \acute{O}_n}{n} = \frac{193{,}2 + 191{,}0 + 187{,}2 + 181{,}4 + 191{,}1}{5} = 188{,}8$$

баробар мешавад.

Қимати миёнаи афзоиши мутлақ бо роҳи тақсим намудани суммаи афзоиши мутлақи занҷирӣ ба миқдори онҳо ҳисоб карда мешавад.

$$\bar{\Delta} = \frac{\sum \Delta_{\text{з}}}{n} = \frac{-2{,}2 - 3{,}8 - 5{,}8 + 9{,}7}{4} = -0{,}53$$

Суръати миёнаи афзоиш аз руйи формулаи қимати миёнаи геометрӣ ҳисоб карда мешавад:

$$\bar{\acute{O}} = \sqrt[4]{K_1 \cdot K_2 \cdot K_3 \cdot \ldots \cdot K_n} = \sqrt[4]{0{,}99 \cdot 0{,}98 \cdot 0{,}97 \cdot 1{,}05} = \sqrt[4]{3{,}99} = 1{,}413 \cdot 100\% = 141{,}3\%$$

Ҳисоби миёнаи суръати зиёдшавӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\bar{\text{Ó}}_{\text{сма}} = \bar{\text{Ó}}_{\text{са}} - 100\% = 141{,}3 - 100 = 41{,}3\%$$

Аз ин ҷо мебарояд, ки ба ҳисоби миёна ҳосилнокии картошка дар солҳои 2013-2022 188,8 сентнерро ташкил додааст. Ҳосилнокии картошка ҳар сол ба ҳисоби миёна 0,53 сентнер ё 41,3 % кам шудааст. Яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқотҳои омории қаторҳои динамикӣ ин муайянкунии равиши умумии ҳаракати он мебошад.

Моҳияти сохтани тамоюл (тренд) ба ҳамвор кардани тағйирёбии кӯтоҳмуддати маҷмӯйи омилҳои таъсиррасон, ки барои шарҳ додани тамоюли дарозмуддати муайяншуда дар натиҷаи таъсири маҷмӯйи як қатор сабабҳо дар якҷоягӣ бо як омил, омили вақт муайян шудааст, мебошад.

Баробаркунии аналитикӣ (таҳлилӣ) ин бо роҳи маъмул муайян кардани тамоюли рушд, ки натиҷаи онро барои пешгӯикунии оморӣ истифода кардан мумкин аст, мебошад.

Моҳияти (баробаркунии аналитикӣ) баробарсозии таҳлилӣ интихоби муодилаи назариявии тамоюл мебошад, ки ба ҳисоби миёна аз дарҷаҳои воқеии (эмпирикӣ) қатори вақтӣ дуршавии камтар дорад. Интихоби шакли ифодаи тамоюли таҳлилӣ:

- агар афзоиши мутлақи занҷирӣ устувор бошад, он гоҳ шакли тамоюл хати рост аст: $У_t = a_0 + a_1 \square t$;

- агар суръати афзоиши занҷирӣ устувор бошад, он гоҳ шакли тамоюл хатти экспоненсиалӣ мебошад: $У_t \square a_0 a_1^t$;

- агар афзоиши мутлақи занҷирӣ якранг афзоиш ёбад (ё кам шавад), он гоҳ шакли тамоюл параболаи дараҷаи дуюм аст.

$$У_t = a_0 + a_1 * t + a_2 t^2;$$

Бо истифода аз муодилаи хати рост баробаркунии таҳлилии қатори вақтии ҳосили картошкаро дар ҷумҳурӣ гузаронем:

$У_t = a_0 + a_1 + t$

Параметри a_1 дар ин ҳолат афзоиши миёнаи мутлақи (камшавии) сатҳи баробаркардашударо дар як воҳиди вақт инъикос мекунад.

Мо параметрҳои a_0 ва a_1-ро бо усули квадратҳои хурдтарин ҳисоб мекунем

Ҷадвали 5. – Ҷадвали ҳисобкунии системаи муодилаҳои муқаррарӣ

Солҳо	$\acute{O}$	t	t^2	$\acute{O} * t$	$\acute{O}_t$
2018	193,2	1	1	193,2	191,5
2019	191	2	4	382	190,2
2020	187,2	3	9	561,6	188,8
2021	181,4	4	16	725,6	187,4
2022	191,1	5	25	955,5	186
Ҳамагӣ	**943,9**	**15**	**55**	**2817,9**	**943,9**

Системаи муодилаҳои муқаррарӣ чунин шакл дорад:

$$\begin{cases} 943{,}9 = 5a_0 + 15a_1 \\ 2817{,}9 = 15a_0 + 55a_1 \end{cases}$$

Системаи муодилаҳои ҳосилшударо бо ёрии усули Крамер дар барномаи Ms Excel ҳал намуда ҳосил мекунем.

Δ=	5	15	
	15	55	50
Δa0=	943,9	15	
	2817,9	55	9646
Δa1=	5	943,9	
	15	2817,9	-69
a0=	192,92		
a1=	-1,38		

Ҳамин тавр, муодилаи регрессия бо омили вақт намуди зеринро мегирад: $\acute{O}_t$=192.92 - 1.38*t

Ин маънои онро дорад, ки ҳосилнокии картошка дар солҳои алоҳида ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ дар 5 сол коҳиш ёфта, ба ҳисоби миёна 1,38 с аз 1 га мебошад.

Бо иваз кардани қимати вақти t дар муодилаи тамоюл (тренд) қиматҳои ҳосили мувофиқи (назариявии) картошка $\acute{O}_t$-ро ҳосил мекунем.Дурустии ҳисоби параметрҳои тамоюлро бо воситаи фарқи байни суммаи қиматҳои воқеӣ ва назариявии дараҷаи қатори динамикӣ санҷидан мумкин аст. Чӣ тавре, ки дар ҷадвали 5 нишон дода шудааст, қимати натиҷавӣ байни ҳам баробаранд.

Тамоюли асосии қатори динамикӣ асос барои пешгуӣ аст, яъне муайянкунии андозаи ҳодисаи омӯхташаванда барои пешгуйикунӣ, ки берун аз ҳудуди қатори динамикии мавҷуда вуҷуд дорад. Усули пешгуйикунӣ дар асоси тахмин, қонунияти рушди қатори динамикӣ дар пешгуйикунии оянда нигоҳ дошта мешавад, яъне пешгуйи татбиқшавии ин қонуният дар оянда асос карда мешавад. Экстраполятсия (паҳншавӣ) дар асоси муодилаи тамоюл: ба муодила қимати t дар соли пешгӯйишаванда гузошта мешавад. Бузургии дискретии пешгуйиро ҳосил мекунем.

$$\acute{O}_t = 192.92 - 1.38*t = 192{,}92 - 1{,}38*6 = 184{,}64$$

Пас, агар тамоюл ба коҳишёбии ҳосилнокии картошка нигоҳ дошта шавад, он гоҳ дар соли 2023 дараҷаи имконпазир 184,64 с мебошад.

АДАБИЁТ

1. Мадаминов, А.А. Проект создания системы безвирусного семенного картофеля в Республики Таджикистан / А.А. Мадаминов, М. Мамадкулов и др. // Доклад на международном семинаре. –Торонто (Канада), 27.06.1997. –30 с.
2. Мадаминов, А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (Состояние и перспективы) / А.А. Мадаминов // Душанбе, ТАУ, 2006. -228 с.
3. Макарова, О.В. Экономическая эффективность функционирования картофелепродуктового подкомп-лекса: диссертация доктора экономических наук: 08.00.05. – Рязань, 1999. – 403 с.

4. Маликов И.А., Мирзоев Б. Формирование нового сельского хозяйства-залог продовольственной безопас-ности Таджикистана/Маликов И.А., Мирзоев Б. // Экономика сельскохозяйственных и перерабатываю-щих предприятий. – Москва, 2012. - № 8. - С.33-38.
5. Маликов, И.А.Продовольственная безопасность Таджикистана:проблемы и пути решения/Маликов И.А.// Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - Москва, 2012. - № 10. - С.56-60.
6. Мансуров, Е.Н. Картофельный сезон – 2013. Перспективы и возможности // Картофельная система. – 2013. – № 1.
7. Дьяченко, О.В. Анализ и диагностика финансово-хозяйственной деятельности предприятия и организа-ции: курс лекций для бакалавров: учебное пособие / О.В. Дьяченко. – Брянск: Изд-во БГАУ, 2015. – 116 с.

АННОТАЦИЯ

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ АНАЛИЗА ДИНАМИЧЕСКОГО ДИАПАЗОНА И ПРОГНОЗИРОВАНИЯ УРОЖАЙНОСТИ КАРТОФЕЛЯ

В статье отражено нинешное состояние производства картофеля в Республике Таджикистан. Анализ проводился через динамику изменения за 2013-2021 годы показателей посевных площадей картофеля, общего сбора урожая и урожайности картофеля. Отражен методический подход к (динамическому) анализу временных рядов. Показаны аналитические показатели и среднее значение динамического ряда, отражен способ их расчета, суть самих показателей, поясняется полученный результат. Методика прогнозирования урожайности картофеля отражена с использованием метода аналитического сглаживания и рассчитана степень возможной урожайности картофеля в 2022 году в хозяйствах всех категорий Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *сельскохозяйственные предприятия, хозяйства, дехканское хозяйства, урожайность картофеля, прогноз.*

ANNOTATION

METHODOLOGICAL BASIS FOR ANALYZING THE DYNAMIC RANGE AND FORECASTING POTATO YIELDS

This article reflects the current state of potato production in the Republic of Tajikistan. The analysis was carried out through the dynamics of changes for 2013-2021 in indicators of potato sown area, total harvest and potato. Reflects a methodological approach to (dynamic) time series analysis. Analytical indicators and the average value of the time series are shown, the method of their calculation, the essence of the indicators themselves are reflected, and the result obtained is explained. The methodology for predicting potato yields is reflected using the analytical smoothing method and the degree of possible potato yields in 2022 in farms of all categories of the Republic of Tajikistan is calculated.

Key words: *agricultural enterprises, farms, dekhkan farms, potato yields, forecast.*

Сведние об авторе:

Курбанова Фируза Кенджаевна-ассистент кафедры менеджмента и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур, 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: (+992) 985856155

Authors information:

Kurbanova Firuza Kenjaevna- assistant at the department of management and entrepreneurship of the Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Phone: (+992) 985856155

ТДУ. 636-637

ҲОЛАТИ КУНУНИИ СОҲАИ РАСТАНИПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Курбонова Ф.К. - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *корхонаи кишоварзӣ, растанипарварӣ, нишондиҳанда, маҳсулот, ҳосилнокӣ.*

Соҳаи растанипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз зерсоҳаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад, ки дар соли 2022 маҳсулоти ин соҳа 68,8%- и арзиши ҳамаи маҳсулоти умумии кишоварзиро ташкил медиҳад. Ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ масъалаи муҳими соҳаи кишоварзӣ буда, истифодаи оқилона, моҳирона, пурра ва самараноки вай рушди корхонаҳои кишоварзиро таъмин менамояд. Ба ин хотир ҳолати кунунии соҳаи растанипарварии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ки онҳо нишондиҳандаҳои умедбахши ҳавасмандгардонии фаъолияти онҳо мебошанд, баҳогузорӣ менамоем. Нишондиҳандаи аввали инъикоскунандаи соҳаи растанипарварии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ин масоҳати заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ ва масоҳати дарахтони мевадор, буттамевагиҳо ва ангур ба шумор меравад (ҷадв.1).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки 63,4% заминҳои кишт дар истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, танҳо 16,6 % заминҳои корам дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Аммо афзоиши мутлақ ва нисбии панҷсола нишон медиҳад, ки майдони кишти корхонаҳои кишоварзӣ сол то сол зиёд гардида истодаанд, масалан дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 33,1 ҳаз. га ё худ 4% афзудааст. Агар аз руйи зироатҳо нигарем дар тамоми майдонҳои кишт афзуншавӣ дида мешавад, танҳо дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 майдони кишти заҒир ба 1,1 ҳаз.га ё ин ки ба 7,5% ва зироатҳои техникӣ ба 7,4 ҳаз.га ё ин ки ба 3,4% коҳиш ёфтааст. Майдони картошка дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 то 13,1% зиёд гардидааст, ки ин ба танзим дарории нархи бозор

хело таъсири мусбӣ расонида буд. Нисбат ба дигар категорияҳои хоҷагӣ корхонаҳои кишоварзӣ аз руйи таҳқиқотҳои панҷсола дар зиёд гардонидани майдони кишти зироатҳо бартарӣ дорад.

Ҷадвали 1. - Масоҳати заминҳои кишти зироатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, ҳазор га

Категорияҳои хоҷагӣ	Солҳо					Соли 2022 нисбат ба соли 2018	
	2018	2019	2020	2021	2022	Мутлак, ҳаз/га	Нисбӣ, %
Майдони кишт							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	826,7	847,0	856,7	861,7	859,8	33,1	4,0
Корхонаҳои кишоварзӣ	107,0	119,5	130,2	124,0	143,5	36,5	34,1
Хоҷагиҳои аҳолӣ	170,2	171,2	172,6	170,5	170,7	0,5	0,2
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	549,5	556,3	553,9	567,2	545,6	-3,9	0,7
Зироати ғалладона ва лӯбиёӣ якҷоя бо ҷуворимакка барои дон							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	374,9	383,7	391,5	394,5	390,5	15,6	4,1
Корхонаҳои кишоварзӣ	44,5	51,5	56,2	53,0	62,2	17,7	39,7
Хоҷагиҳои аҳолӣ	92,4	92,2	89,3	86,9	85,5	-6,9	7,4
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	238,0	240,0	245,9	254,6	242,8	4,8	2,0
Зироатҳои техникӣ							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	214,6	215,5	213,4	202,0	207,2	-7,4	3,4
Корхонаҳои кишоварзӣ	37,1	40,1	44,1	41,2	45,1	8,0	21,5
Хоҷагиҳои аҳолӣ	5,0	4,5	4,1	3,9	4,0	-1,0	20,0
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	172,5	170,9	165,2	156,9	158,1	-14,4	8,3
Зағир							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	14,5	14,6	13,9	13,9	13,4	-1,1	7,5
Корхонаҳои кишоварзӣ	1,6	2,4	2,2	1,7	2,4	0,8	0,5
Хоҷагиҳои аҳолӣ	3,1	2,9	2,7	2,5	2,3	-0,8	25,8
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	9,7	9,2	9,0	9,7	8,7	1,0	10,3
Картошка							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	49,6	51,8	52,7	57,2	56,1	6,5	13,1
Корхонаҳои кишоварзӣ	3,6	4,3	4,9	5,8	7,2	3,6	100
Хоҷагиҳои аҳолӣ	18,0	18,1	23,5	24,1	23,9	5,9	32,7
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	28,0	29,4	24,3	27,3	25,0	-3,0	10,7
Сабзавот							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	68,3	67,0	70,4	71,2	70	1,7	2,4
Корхонаҳои кишоварзӣ	3,8	3,5	3,8	3,7	3,7	-0,1	2,6
Хоҷагиҳои аҳолӣ	29,3	30,0	30,5	30,9	31,5	2,2	7,5
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	35,2	33,5	36,1	36,6	34,8	-0,4	1.1
Полизии озуқавӣ							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	19,9	21,9	22,7	22,6	20,7	0,8	4,0
Корхонаҳои кишоварзӣ	1,4	1,6	1,9	1,8	2,0	0,6	42,8
Хоҷагиҳои аҳолӣ	3,3	3,3	3,3	3,2	3,2	-0,1	3,0
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	15,2	17,0	17,5	17,6	15,5	0,3	1,9
Зироатҳои хӯроки чорво							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	99,2	107,0	105,9	113,9	115,1	15,9	16,0
Корхонаҳои кишоварзӣ	16,7	18,4	19,2	18,4	23,2	6,5	38,9
Хоҷагиҳои аҳолӣ	22,1	23,2	21,8	21,5	22,5	0,4	1,8
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	60,4	65,4	64,9	74,0	69,4	9,0	14,9

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, саҳ. 26-29.

Дар ҷадвали 2. масоҳати дарахтони мевадор, буттамевагиҳо ва ангур оварда шудааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки масоҳати дарахтони мевадор, буттамеваҳо ва ангур дар панҷ сол тамоюли зиёдшавӣ доранд, аз ҷумла дар корхонаҳои кишоварзӣ.

Ҷадвали 2. - Масоҳати дарахтони мевадор, буттамевагиҳо ва ангур, ҳазор га

Категорияҳои хоҷагӣ	Солҳо					Соли 2022 нисбат ба соли 2018	
	2018	2019	2020	2021	2022	Мутлак, ҳаз/га	Нисбӣ, %
Дарахтони мевадор, буттамевагиҳо							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	158,9	160,5	161,8	160,9	164,4	5,5	3,4
Корхонаҳои кишоварзӣ	23,9	25,6	25,1	26,1	28,5	4,6	19,2
Хоҷагиҳои аҳолӣ	35,8	35,4	35,6	35,8	37,8	2,0	5,5
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	99,2	99,5	101,0	98,9	98,0	-1,2	1,2
Ангур							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	38,1	38,6	39,8	39,4	39,7	1,6	4,2
Корхонаҳои кишоварзӣ	4,3	4,5	4,6	4,6	5,4	1,1	25,5
Хоҷагиҳои аҳолӣ	10,8	11,3	12,3	12,3	21,9	11,1	102,7
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	23,0	22,8	22,8	22,4	12,2	-10,8	46,9

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, саҳ. 120- 127.

Дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ин майдони дарахтони мевадори корхонаҳои кишоварзӣ ба 4,6 ҳаз.га ё ин ки ба 19,2% афзуд. Масоҳати ангур ба 1,6 ҳаз.га ё ба 4,2% афзун гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки 17,3% масоҳати умумии дарахтони мевадор ва 13,6% масоҳати ангур дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ мебошанд. Майдони зиёди дарахтони мевадор, буттамевагиҳо яъне 59,6% дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ангур 55,1% дар хоҷагиҳои аҳолӣ дида мешавад.

Аммо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ масоҳати дарахтони мевадор дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба ҳаҷми 1,2 ҳаз.га ё 1,2 % ва ангур ба ҳаҷми 10,8 ҳаз.га ё 46,9% коҳиш ёфтааст (ҷадв.3.).

Ҷадвали 3. - Ҷамъоварии умумии зироатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, ҳазор тонна

Категорияҳои хоҷагӣ	Солҳо					Соли 2022 нисбат ба соли 2018	
	2018	2019	2020	2022	2023	Мутлак, ҳаз/т	Нисбӣ, %
Ғалладона							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	1296,2	1414,6	1561,3	1586,2	1756,3	460,1	35,5
Корхонаҳои кишоварзӣ	109,5	139,2	156,1	144,3	189,8	80,3	73,3
Хоҷагиҳои аҳолӣ	434,2	435,2	492,5	499,7	516,8	82,6	19,0
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	752,5	840,2	912,6	942,1	1049,7	297,2	39,5
Пахта							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	300,3	403,0	396,0	388,8	404,6	104,3	34,7
Корхонаҳои кишоварзӣ	58,9	79,4	92,2	93,7	100,1	41,2	70,0
Хоҷагиҳои аҳолӣ	-	-	-	-	-	-	-
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	241,4	323,6	303,7	295,0	304,5	63,1	26,1
ЗаҒир							
Дар ҳамаи кате-гориҳои хоҷагӣ	11,8	11,1	11,2	11,7	12,1	0,3	2,5
Корхонаҳои кишоварзӣ	2,9	1,4	1,2	0,9	1,4	-1,5	51,7
Хоҷагиҳои аҳолӣ	2,1	2,3	2,1	2,0	1,8	-0,3	2,5
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	6,8	7,4	7,8	8,7	8,8	2,0	29,4
Картошка							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	964,6	994,4	1022,5	1041,3	1094,4	129,8	13,4
Корхонаҳои кишоварзӣ	72,2	88,2	100,8	126,4	174,8	102,6	142
Хоҷагиҳои аҳолӣ	315,0	317,6	365,9	302,1	315,5	0,5	0,1
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	577,4	588,6	555,6	612,6	604,0	26,6	4,6
Сабзавот							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	2119,4	2182,6	2479,3	2597,5	2714,8	595,4	28,0
Корхонаҳои кишоварзӣ	102,4	105,6	127,4	118,3	132,2	29,8	29,1
Хоҷагиҳои аҳолӣ	892,4	908,9	972,4	1081,8	1069,1	176,7	19,8
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	1124,6	1168,1	1379,4	1397,3	1513,3	388,7	34,5
Полизии озуқавӣ							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	641,7	701,2	756,9	818,8	842,6	200,9	31,3
Корхонаҳои кишоварзӣ	29,8	34,2	47,4	43,2	59,2	29,4	98,6
Хоҷагиҳои аҳолӣ	135,1	132,5	138,7	159,7	163,0	27,9	20,6
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	476,8	534,5	570,7	615,8	620,4	143,6	30,1
Мева ва буттамева							
Дар ҳамаи кате-гориҳои хоҷагӣ	447,9	473,8	467,8	444,3	512.0	64,1	14.3
Корхонаҳои кишоварзӣ	22,9	26,4	21,1	15,0	27,1	4,2	18,3
Хоҷагиҳои аҳолӣ	222,6	220,6	215,6	228,2	239,2	16,6	7,4
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	202,4	226,8	231,0	201,0	245,7	43,3	21,3
Ангур							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	241,9	247,2	239,0	267,4	301,1	59,2	24,4
Корхонаҳои кишоварзӣ	10,1	9,4	5,3	11,6	15,2	5,1	50,4
Хоҷагиҳои аҳолӣ	117,0	119,3	115,1	115,7	119,9	2,9	2,4
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	114,8	118,5	118,5	140,0	166,0	51,2	44,5

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, саҳ 35-39.

Нишондиҳандаи дигаре, ки фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро нишон медиҳад, ҷамъоварии умумии зироатҳои кишоварзӣ мебошад, ки дар ҷадвали 3. оварда шудааст.

Натиҷаҳои таҳлили ҷадвали 3 шаҳодат медиҳад, ки ҷамъоварии умумии зироатҳои кишоварзӣ дар 3 категорияҳои хоҷагидорӣ ба истиснои заҒир тамоюл ба рушд дорад ва зиёда аз 70% зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ кишт ва ҷамъоварӣ карда мешаванд. Аз рақамҳо дидан мумкин аст, ки ҷамъоварии зироатҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба истиснои заҒир афзуда истодааст. Танҳо заҒир ба 1,5 ҳаз. тонна ё 51,7 % коҳиш ёфтааст. Чуноне, ки аз ҷадвал мебинем ҷамъоварии пахта дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ҳам дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мусбист, яъне коҳиш наёфтааст. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ яке аз нишондиҳандаи муҳими фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ буда, вай дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. - Ҳосилнокии зироатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, сентнер/гектар

Категорияҳои хоҷагӣ	Солҳо					Соли 2022 нисбат ба соли 2018	
	2018	2019	2020	2021	2022	Мутлак,с/г	Нисбӣ, %
Ғалладона ва лӯбиёӣ							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	28,7	30,9	31,1	30,7	33,3	4,6	16,0
Корхонаҳои кишоварзӣ	24,1	25,9	26,3	25,4	28,4	4,3	17,8
Хоҷагиҳои аҳолӣ	33,9	34,1	34,8	34,7	36,2	2,3	6,7
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	27,6	30,7	30,8	30,4	33,5	5,9	21,3
Пахта							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	16,2	22,0	21,4	22,6	22,7	6,5	40,1
Корхонаҳои кишоварзӣ	17,8	22,1	23,2	25,0	24,7	6,9	38.7
Хоҷагиҳои аҳолӣ	-	-	-	-	-	-	-
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	16,2	21,9	21,8	21,9	22,1	5,9	36,4
Картошка							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	193,2	191,0	187,2	181,4	191,1	-2,1	1,0
Корхонаҳои кишоварзӣ	202,7	204,9	204,0	217,8	245,3	42,6	21,0
Хоҷагиҳои аҳолӣ	172,1	173,5	145,6	125,4	127,5	-44,6	26,0
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	205,5	199,8	224,2	222,9	236,8	31,3	15,2
Сабзавот							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	256,9	254,6	274,2	280,5	286,1	29,2	11,3
Корхонаҳои кишоварзӣ	250,4	261,1	285,2	282,4	287,8	37,4	15,0
Хоҷагиҳои аҳолӣ	244,5	249,7	252,1	250,6	250,4	5,9	2,4
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	267,8	278,2	291,8	305,6	318,3	50,5	18,8
Полизии озуқавӣ							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	263,6	260,6	266,8	284,5	312,4	48,8	18,5
Корхонаҳои кишоварзӣ	196,5	184,4	220,9	225,6	268,6	72,1	36,6
Хоҷагиҳои аҳолӣ	278,6	283,4	280,2	281,7	288,3	9,7	3,4
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	266,5	263,3	269,4	290,8	323,0	56,5	21,2
Мева ва буттамева							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	43,3	44,1	42,9	40,3	43,9	0,6	1,3
Корхонаҳои кишоварзӣ	17,3	18,0	14,7	10,7	17,1	-0,2	1,1
Хоҷагиҳои аҳолӣ	68,1	67,8	65,9	67,7	66,8	-1,3	1,9
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	35,1	37,6	37,3	32,2	37,9	2,8	8,0
Ангур							
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	72,7	73,2	69,0	77,6	84,7	12,0	16,5
Корхонаҳои кишоварзӣ	29,0	25,8	15,0	31,3	38,0	9,0	31,0
Хоҷагиҳои аҳолӣ	108,6	107,1	95,3	96,2	100,6	-8,0	7,3
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	60,5	62,4	62,5	74,8	84,6	24,1	39.8

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, саҳ 42-45

Аз маълумоти ҷадвали 4. бармеояд, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ ба ғайр аз картошка афзун гардидааст. Дар корхонаҳои кишоварзӣ бошад, ҳосилнокии мева ва буттамева 0,2 с/га ё 1,1% коҳиш ёфта дар дигар зироатҳо бошад, яъне ғалладона ва лӯбиёӣ ба 14,3 с/га ё 17,8 %, пахта ба 6,9с/га ё 38,7%, картошка ба 42,6с/га ё 21%, сабзавот ба 37,4 с/га ё 15,0%, полезӣ ба 72,1 с/га ё 36,6 % ва ангур ба 9,0 с/га ё 31,0 % афзун гардидааст.

Корхонаҳои кишоварзӣ дар муқоиса бо дигар категорияҳои хоҷагӣ ҳосилнокии зироати сабзавот бо хоҷагиҳои деҳқонӣ кариб баробар буда, ҳосилнокии дигар зироатҳо нисбатан ба дигар категорияҳои хоҷагӣ пасттар мебошад. Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавии ҳолати кунунии нишондиҳандаҳои асосии соҳаи растанипарварӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ нишон дод, ки сол то сол зиёдшавии нишондиҳандаҳои соҳаи растанипарварӣ баръало ҳис карда мешавад.Махсусан, нишондиҳандаҳои баландтарини замини кишти зироатҳо, ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳо ва ҳосилнокии зироатҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мансуб буда, нишондиҳандаҳои камтарин ба хоҷагиҳои аҳолӣ мувофиқ меояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаи растанипарварӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бо суръати муайян рушд ёфта истодааст ва он барои таъмини амнияти озуқавории мамлакат саҳмгузор шуда метавонад.

АДАБИЁТ:

1.Қурбонова Ф.К. Таҳлили баъзе омилҳои рушди соҳаи растанипарварии корхонаҳои кишоварзӣ / Ф.К. Қурбонова //Кишоварз, Душанбе, – 2021. - №3(92). - С. 150-154

2.Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. – 353 с.

АННОТАЦИЯ

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ОТРАСЛИ РАСТЕНИЕВОДСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается современное состояние отрасли растениеводства. Автор подтверждает, что из года в год ощущается повышение основных показателей отрасли растениеводство в деятельности сельскохозяйственных предприятий. В частности, самые высокие показатели сельс-

кохозяйственных земель, валовый сбор и урожайности сельскохозяйственных культур принадлежат дехканским хозяйствам, а самые низкие показатели соответствуют населению. Это свидетельствует о том, что отрасль растениеводства в деятельности сельскохозяйственных предприятий развивается определенными темпами и может способствовать обеспечению продовольственной безопасности страны.

Ключевые слова: *сельскохозяйственное предприятие, растениеводство, показатель, продукция, урожайность.*

ANNOTATION

CURRENT STATE OF THE CROP GROWING SECTOR IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers the current state of the crop growing sector. The author confirms that from year to year there is an increase in the main indicators of the crop growing sector in the activities of agricultural enterprises. In particular, the highest indicators of agricultural land, gross harvest and crop yields belong to dehkan farms, and the lowest indicators correspond to the population. This indicates that the crop growing sector in the activities of agricultural enterprises is developing at a certain pace and can contribute to ensuring food security of the country.

Keywords: *agricultural enterprise, crop growing, indicator, products, yield.*

Сведение об авторе:

Курбонова Фарзона Кенджаевна–ассистент кафедры маркетинга и агробизнеса Таджикского аграрного университета имени Шириншоха Шотемур, 734003. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146. Телефон: (+992) 008-08-20-60

Information about the author:

Kurbonova Farzona Kenjaevna – assistant of the Department of Marketing and Agribusiness of the Tajik Agrarian University named after Shirinshokh Shotemur, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 146. Phone: (+992) 008-08-20-60

ТДУ:632.009

САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР ХОҶАГИҲҲОИ ДЕҲҚОНӢ

Сафарзода Ҳ. С.–Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *бехатарии озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, кишоварзӣ, таъминнокӣ, таъминнокии ба маҳсулоти ватанӣ, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, содирот.*

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта дар самти бехатарии озуқавории мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар дастур доданд, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд намудани кишоварзон баҳри истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешанд, инчунин, тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чорҷӯӣ карда шавад. Тадбиқи тадбирҳои андешида бе рушди бахши кишоварзӣ, ки яке аз соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ буда, таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат, амнияти озуқавории мамлакат, асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад,мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисодӣ новобаста ба намуди он, тағйироти захираҳои маҳсулоти муайян ба амал меояд, ки ба қонеъ гардондани талаботи афзоянда ва васеъшавандаи ин ё он истеъмолкунандагон равона карда мешавад. Дар ин раванд қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунандагони худ кӯшиш намуда, ҷамъият беш аз пеш бо норасоии захираҳои барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ зарур рӯ ба рӯ мешавад. Ба ибораи дигар, афзудани талабот аз як тараф ва норасоии захираҳо аз ҷониби дигар дар назди инсоният мушкилоти тағйирнопазирро мегузоранд. Албатта, сухан дар бораи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла замин,об,захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, неруи барқ ва соҳибкорӣ меравад. Пеш аз ҳама, заминро ҳамчун захираи табиии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳем. Дар илми иқтисодӣ ин мафҳум маънои васеъ дорад, яъне дар зери мафҳуми он ҳама гуна захира - аз нуриҳо ва ҷангал гирифта то газ ва ҳаво, дар назар дошта мешавад [10, с.22-23].

Нишондиҳандаҳои мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад [3, с.20].

Дар соҳаи кишоварзӣ замин омили фаъоли истеҳсолот мебошад. Дар сатҳи корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ мафҳуми майдони умумии замин ва замини кишти хоҷагии қишлоқро фарқ мекунанд, яъне заминҳои барои истифода муайяни хоҷагии қишлоқ: корам, марғзор, чарогоҳ, дарахтони бисёрсола ва монанди инҳо. Ин заминҳо бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд мебошанд. Онҳо гурӯҳи заминҳои кишти хоҷагии қишлоқро ташкил медиҳанд. Аммо истеҳсолоти кишоварзӣ бе роҳҳои асосӣ ва роҳҳои воридии сӯйи сахро, алафзор, анборӣ, бинокорӣ ё иншоотҳои берун аз нуқтаҳои аҳолинишин (ферма, молхона) вуҷуд дошта наметавонад. Замини ин объектҳо ҳам заминҳои корхонаи соҳаи

кишоварзӣ ҳисоб мешаванд. Ба ҳамин гурӯҳ замини мавзеъҳои нобоби аз нуқтаҳои аҳолинишин берун – сойҳо, ботлоқҳо ва монанди инҳо, ки ба заминдорони муайян тааллуқ доранд, дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, майдони умумии замин масоҳати ба корхонаи соҳаи кишоварзӣ вобасташуда мебошад. Аммо он қисми майдони умумии кишт, ки бевосита барои истеҳсоли кишоварзӣ истифода мешавад, ба заминҳои корами кишоварзӣ дохил мешавад.Бояд ёдовар шуд,ки хоҷагиҳои қисмати шарқӣ, ки дар онҳо чарогоҳҳои табиӣ-чарогоҳ, алафзорҳо бартарӣ доранд, истисно карда мешаванд. Таносуби монанд дар сохтори заминҳои корам низ ҷой дорад. Дараҷаи баланди кишти заминҳои корами кишоварзӣ маънои истифодаи самараноки захираҳои заминии хоҷагиро дорад.

Захираҳои моддӣ-аз воситаҳои истеҳсолот, яъне восита ва олоти меҳнат, ки барои таъмини ҷараёни истеҳсоли неъматҳои моддӣ заруранд: мошинҳо, таҷҳизот, асбобҳо, ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, боғу ҷангал, ашёи хом, мавод, истеҳсоли қатъшуда ва монанди инҳо иборат аст. Дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ ва амалии хоҷагӣ аз давраи низоми хоҷагидории марказонидашудаи нақшавӣ то замони муосир ба ин захираҳо ҳамчун фондҳои асосӣ ва гардишкунанда баҳо дода мешавад. Истифодаи ин истилоҳотро дар муомилот зарурати нишон додани фарқияти корхонаҳо дар капитализм ва сотсиализм ба миён овард.

Дар замони капитализм шахси хоҷагидор сармояи шахсиашро барои хариди воситаҳои истеҳсолот сарф мекард. Дар шароити сотсиализм ба ҳар як корхона мутамарказона барои ташкили равони истеҳсолӣ воситаҳои зарурӣ ҷудо карда мешуд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба корхона фондҳои асосӣ намедиҳанд, онҳоро аз ҳисоби маблағҳои худӣ шахсӣ, қарзӣ, ҷалбкардашуда ёфтан лозим, новобаста, аммо новобаста аз чунин шаклҳои манбаъҳои маблағгузорӣ мафҳуми фондҳои асосӣ ва гардишкунанда то ҳол боқӣ мондааанд,дар рушди амалияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нақши муҳимро иҷро мекунад.

Ҷадвали 1.-Динамикаи масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор гектар.

Категорияҳои хоҷагидорӣ	С О Л Ҳ О						
	1991	2016	2020	2021	2022	2023	Соли 2023 нисбати соли 1991 (%)
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	821	837,2	856,7	861,7	859,8	861,5	104,9
Аз он ҷумла: корхонаҳои кишоварзӣ	782,7	117	130,2	124	143,5	141,3	18,1
Дар хоҷагиҳои аҳолӣ	38,3	175,1	172,6	170,5	170,7	170,6	4,5 баробар
Дар хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ)	-	545,1	553,9	567,2	545,6	549,6	101,0
Ҳиссаи масоҳати кишти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар майдони кишти умумӣ зироатҳои кишоварзӣ,%	-	65,1	64,7	65,8	63,5	63,8	100

Манбаъ: Маҷмуи омории Кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. –С. 30, 2024. С. 26.

Аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 1 чунин бармеояд, ки дар зарфи солҳои 1991-2023 масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ 4,9% зиёд гардидааст. Ҳамин тавр, дар ин давра масоҳати заминҳои дар ихтиёри хоҷагиҳои аҳолӣ буда 4,5 баробар, махсусан дар давраи истиқлолияти давлатӣ афзоиш ёфтааст. Аммо бо сабаби тадбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ колхозу савхозҳо барҳам дода шуда, дар асоси онҳо шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ(фермерӣ) ташкил карда шуданд, ки ин ба масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсир расонида ва ҳоло дар ихтиёри онҳо 18,1%, майдони кишт боқӣ мондааст. Дар асоси заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳаҷми 545,1 ҳазор гектар хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил карда шудааст, ки ин соли 2023-63,8% майдони кишти умумии соҳаи кишоварзии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Дар ояндаи наздик эҳтимолияти зиёд шудани ҳиссаи майдони кишти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисобӣ аз худ кардани заминҳои лалмӣ, бекорхобида ва заминҳои бо сабаби коркунони оби полезӣ аз гардиши кишоварзӣ баромада ва заминҳои оби зери заминӣ боло шуда, хушконидани заминҳои шӯршуда, зиёд кардани он аст.Зиёд шудани майдони кишт ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулот мусоидат мекунад.

Яке аз омили дигари зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ ин зиёд кардани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Динамикаи тағйирот ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ аз ҷадвали 2 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 2.-Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагиҳо ва лӯбиёгиҳо аз рӯйи котегорияҳои хоҷагӣ дар солҳои 1991-2023 (с/га)

Категорияҳои хоҷагӣ	С О Л Ҳ О						
	1991	2016	2020	2021	2022	2023	
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ	12,8	28,4	31,1	30,7	33,3	31,3	2,4 баробар
Дар категория ҳои кишоварзӣ	12,8	23,4	26,3	25,4	28,4	26,2	2,1 баробар
Дар хоҷагиҳои аҳолӣ	-	31,5	34,3	34,7	36,2,	33,7	107
Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	28,4	30,8	30,4	33,5	31,7	111,6

Манбаъ: Маҷмуи омори Кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, -Душанбе, 2022. –С. 46. 2024 -С. 42.

Чи тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 2 мушоҳида карда мешавад, ҳосилнокии ғалладонагиҳо ва лӯбиёгиҳо дар соли 2023 нисбати соли 1991 дар ҳиссаи категорияҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 2,4 ба-

робар нисбати соли 2016-10,2% афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда дар сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ соли 2023 нисбати соли 2016-11,6% зиёд шудааст, яъне агар имконияти зиёд кардани майдони кишт набошад ҳам бе тағир додани масоҳати кишти замин аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокӣ, мо метавонем ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагиҳоро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёд кунем (ҷадв.3).

Ҷадвали 3. -Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагӣ (ҳаз. тонна).

Категорияҳои хоҷагӣ	С О Л Ҳ О							
	1991	2016	2020	2021	2022	2023	Соли 1991 нисбати соли 2023	
							1991	2018
Ғ а л л а								
Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо	292	1435,8	1561,4	1586,3	1756,3	1754,9	6 баробар	122,2
Даркорхонаҳои кишоварзӣ	292	145,9	156,2	144,4	189,8	169,8	58,2	109,6
Дар хоҷагиҳои аҳолӣ	-	424,7	492,5	499,7	516,8	507,3	-	119,4
Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ	-	865,2	912,7	942,2	1049,7	1077,8	-	124,6
Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсолти умумӣ ғаллаи ҷумҳурӣ, %	-	60,3	58,5	59,4	59,8	61,4	-	101,8

Манбаъ: Маҷмуи омори Кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. –С.39. 2024 -С.35.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 чунин хулоса кардан мумкин аст:1) ҳаҷми истеҳсолоти ғалла дар ҷумҳурӣ аз 292 ҳаз/т соли 1991 дар соли 2023 ба 1754,9 ҳаз/т расонида шудааст, ки ин нисбатан 6,0 баробар зиёд аст. Ҳаҷми истеҳсоли ғалла дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 865,2 ҳаз/т соли 2016 дар соли 2023 ба 1077,2 ҳаз/т расонида шудааст, ки ин нисбатан 24,6% афзоишро ташкил медиҳад; 2) Агар соли 2016 истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 60,3% ҳиссаи маҳсулоти умумӣ истеҳсоли ғаллаи ҷумҳуриро ташкил дода бошад, пас ин тамоюли нигоҳдошта шуда дар соли 2023-61,4% ё ин ки 1,1 банди фоизро зиёд таъмин карда шудааст; 3) Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки агар соли 2016 дар ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагиҳо ба ҳар сар аҳолӣ 141,4 кг ташкил дода бошад пас ин нишондиҳанда соли 2023 ба 172,3 кг расонида шудааст, ки ин нисбатан ба соли 2018-21,8% зиёд шудааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ин нишондиҳанда, агар соли 2016-83,8 кг-ро ташкил диҳад, пас он дар соли 2023 ба 102,6 кг ё ин ки 22,4% афзоиш ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки зиёд шудани масоҳати заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳосилнокии ғалладонагиҳо ва дигар намуди зироатҳо ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ва афзоиши он дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намудааст (ҷадв.4).

Ҷадвали 4. -Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархи муқоисавии соли 2022 (млн сомонӣ)

Номгуи соҳаҳо	С О Л Ҳ О							
	1991	2016	2020	2021	2022	2023	Соли 1991 нисбати с. 2023	
							1991	2018
Ҳамаги аз он ҷумла	21631,3	43066,2	50225,7	53576,2	57841,7	63028,4	2,9 баробар	146,4
Растанипарварӣ	14562,0	30535,7	35597,5	37715,0	40607,1	43365,7	2 баробар	142
Чорводорӣ	7069,3	12530,6	14628,2	15861,2	17234,5	19662,7	2,8 баробар	157
Аз он ҷумла дар хоҷагиҳои деҳқонии(фермерӣ)								
Ҳамагӣ аз он ҷумла	-	16978,5	20673,2	21917,9	23477,1	25906,3	-	152,6
Растанипарварӣ	-	16530,3	20210,3	21344,7	22653,9	24780,1	-	150,0
Чорводорӣ	-	448,2	462,9	573,2	823,2	1126,1	-	2,5
Ҳиссаи маҳсулоти умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ ҷумҳурӣ (%)								
Ҳамагӣ аз он ҷумла	-	39,4	41,2	40,9	40,6	41,1	-	104,3
Растанипарварӣ	-	54,1	56,8	56,6	55,8	57,1	-	105,5
Чорводорӣ	-	3,6	3,2	3,6	4,8	5,7	-	158,3

Манбаъ: Маҷмуи омори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024. –С. 16. Ҳисоби муаллиф

Чи тавре аз маълумотҳои ҷадвали 4 дида мешавад ҳаҷми арзишҳои маҳсулоти умуми дар соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ соли 2023 нисбати соли 1991-2,9 баробар ва нисбати соли 2018 146,4% зиёд шудааст. Чунин афзоиш дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар зарфи солҳои 2018-2023 ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар ҷумҳурӣ 42% ва соҳаи чорводорӣ 57% зиёд шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар таркиби афзоиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ҳамаи маҳсулоти сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ назаррас мебошад. Масалан дар соли 2018-39,4% ҳаҷми маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ дар сектори хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ истеҳсол карда шудааст. Ин нишондиҳанда соли 2023 ба 41,1% расонида шудааст.

Таҳлили чорводорӣ таркиби арзиши маҳсулоти умумии дар хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки соли 2018-54,1% арзиши маҳсулоти умумии соҳаи растанипарварӣ дар сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол карда шудааст. Ҳамин тавр, дар соҳаи чорводорӣ ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа аз 3,6% соли 2018 ба 5,7% ё ин ки 2,1 банди фоиз зиёд шудааст. Сабаби афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла соҳаи чорводорӣ ва растанипарварӣ, агар аз яктараф зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот бошад, аз тарафи дигар ин баланд бардоштани нархи хариди захираҳои моддӣ-истеҳсолӣ ва нархи фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса новобаста аз зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ имконият дод, ки истеҳсоли он ба ҳисоби ҳар як соҳаи аҳолӣ тамоюли зиёд шавиро гирифтааст.

Дар мавриди харидорӣ кардани воситаҳои асосӣ сифату хусусиятҳои техникии онҳо бояд диққати махсус дода шавад. Якум, фондҳои истеҳсолӣ иқтидори истеҳсолии меҳнатро баланд мекунанд ва дурудароз истифода карда мешаванд.

Дуюм, барои дарёфти фондҳои асосӣ маблағҳои калони пулӣ лозим аст, ки дар муҳлати тез харҷотро бароранд.

Сеюм, қиматии фондҳои асосиро ба назар гирифта, шароитҳои мувофиқи пайдо кардани онҳоро ҷустуҷӯ кардан лозим аст: бо роҳи қарзгирӣ, лизинг, бо нархҳои паст ва ғайра.

Чорум, фондҳои асосӣ бо ду роҳ зиёд карда мешаванд: экстенсивӣ (бо роҳи вусъат додани заминҳои кишт) ва интенсивӣ (баланд кардани ҳосилнокии замин). Дар роҳи экстентивии тараққиёт зиёд кардани миқдори фондҳои асосӣ шарт аст, роҳи интенсивии (самаранокӣ) таҷдид ва ивази фондҳои асосиро ба ҷадидтар ё маҳсулнокиро бе тағйири сифати маҳсулот дар назар дорад.

Панҷум, теъдоди зиёди фондҳои истеҳсолӣ имкониятҳои мутобиқатшавии иқтисодиёти корхонаро ба бозори тағйирёбанда кам мекунад. Дар натиҷаи харҷоти зиёд корхона дар ҳолати душвори иқтисодӣ афтида, ба талаботи тағйирёбандаи бозор мутобиқ шуда наметавонад.

Захираҳои меҳнатӣ қисми таркибии кувваҳои истҳсолкунандаи ҷамъият, аҳолии қобили меҳнати мамлакат мебошанд, ки барои таъмини раванди истеҳсолот соҳиби донишҳои махсус, омодагии касбӣ ва таҷриба ҳастанд. Қувваи корӣ меҳнати фикрӣ ва ҷисмониро дар бар мегирад, аммо тамоюли ивази меҳнати ҷисмонӣ ба фикрӣ вусъат ёфта истодааст.

Қувваи корӣ, бо вуҷуди мавҷуд будани бекорӣ аз рӯйи ҳайати касбӣ ва зеҳнии худ маҳдуд аст. Захираҳои меҳнатӣ унсурҳои моддии истеҳсолотро ба ҳаракат медароранд, маҳсулот, нарх ва маҳсулоти иловагиро дар шакли даромад ҳосил мекунанд. Тафовути захираҳои меҳнатӣ аз намудҳои дигари захираҳои корхона дар он аст, ки ҳар як коргари кироя метавонад шароитҳои ба ӯ пешниҳодшударо рад намояд ва тағйири шароити меҳнатро талаб намояд ва ҳатто бо хоҳиши худ аз кор равад. Захираҳои меҳнатӣ омили муҳими таъмини рушди истеҳсолот ба ҳисоб меравад.Чи тавре ки дар боло зикр гардидааст, дар амалия омилҳои зиёди ба ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ таъсиркунанда бисёр аст ва аз нигоҳи мо тасвири масоҳати заминҳои кишт, ҳосилнокии аз як гектар, истифодаи нуриҳои минералӣ махсусан тезтар ба назар мерасад.Аз ин ҷой ки дар кишоварзӣ ба масъалаи зиёд кардани маҳсулоти замин кишт ва ҳосилноки аз як га диққаткунандаи махсус дода мешавад.

Натиҷаи такмил нишон дод, ки дар соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбати соли 1991 ба ҳар сари аҳоли тамоюли зиёдшавиро дорад. Масалан,агар соли 1991 ба ҳар сари аҳоли дар ҷумҳурӣ 54,3 ғалладона истеҳсол карда шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 172,3 кг расонида шудаас, ки нисбатан 3,2 баробари афзоишро ташкил медиҳад. Чунин афзоишро аз рӯйи астеҳсоли маҳсулоти картошка (3,5 баробар), сабзавот(2,7 баробар), полезӣ (3,2 баробар), меваҳо ва буттамеваҳо (2,1 баробар), гӯшт (дар вазни кушташуда 1,5 баробар), шир (104,7%), тухм (дона) (1,5 баробар) мушоҳида кардан мумкин аст.

Сабаби афзоиши бо суръати истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳар сар аҳолӣ ин аз як тараф зиёд шудани майдони кишти асосӣ ва иловагӣ, аз тарафи дигар баланд баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо як га майдони кишти зироатҳо ба ҳисоб д.

Зиёдшудани ҳосилнокӣ ва ҳаҷми маҳсулоти зироати кишоварзӣ имконият дод, ки сатҳи таъминоти аҳолӣ ба маҳсулнокии озуқаворӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда нисбат тамоюл зиёдшавиро дорад.

Таҳлили сатҳи таъминотнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (таносуби фоизи ба меъёри тавсияшавандаи истеъмоли як одам дар сол дар солҳои 2018-2023 нишон медиҳад, ки дар қисми зиёди онҳо нисбат ба меъёри муқарраркардашуда афзоиши он таъмин карда шудааст. Аммо ҳоло ҳам талаботи аҳолӣ аз рӯйи истеҳсоли мевагӣ ва ангур, шир ва маҳсулоти ширӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, тухм ва дигар маҳсулотҳо пурра таъмин карда намешавад. Масалан, истеҳсоли мевагӣ ва ангур соли 2023-65,6%, шир ва маҳсулоти ширӣ 92,4%, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 92,9%, тухм (дона) 65% ва ғайра. Чунин ҳолат зарурати зиёд кардани ҳосилнокӣ аз 1 га киштзор ва маҳсулнокии чорворо аз 1 сар саршумори чорво, такмили механизми низоми идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ кардани натиҷаҳои инноватсиониро дар саҳми кишоварзӣ талаб мекунанд. Ҳамзамон, дар ин самт таҳия ва таъмин намудани иҷрои барномаи давлатиро барои даврахои кӯтоҳмуҳлати солҳои 2024-2035 зарур мешуморем.

Чи тавре аз маълумотҳои омории болозикр маълум гардид, ки ҳоло талаботи аҳолӣ аз рӯйи маҳсулнокии алоҳида пурра аз кишти истеҳсолот маҳсулоти дохилӣ таъмин карда намешавад ва давлат дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ бо мақсади пурра таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ баъзе аз маҳсулотҳоро аз хориҷи кишвар ба мамлакат ворид менамод. Масалан, соли 2021 ба ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 380,4 ҳаз/т молҳои озуқаворӣ, аз он ҷумда 219,5 хаз/т

гандум, 11,8 ҳаз/т орд, 54,6 ҳаз/т қанду шакар ва маҳсулоти қандӣ, 20,6 ҳаз/т равғани растанӣ, 13,8 ҳаз/т сабзавот, 17,1 ҳаз/т мевазот ва бехмеваҳо инчунин дигар маҳсулотҳо ворид карда шудааст[1].

Таҳлили истифодаи захираҳои обу замин дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ нишон дод, ки яке аз истифодабарандагони ин ду омили муҳими табиии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба шумор меравад ва ҳаҷми истеҳсоли ин шакли хоҷагидорӣ маҷмуи маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ нисбатан зиёд аст ва давраи кӯтоҳмуҳлат чунин тамоюли рушди ин шакли хоҷагидорӣ боқӣ мемонад. Маълум аст, ки масоҳати замини киштшаванда, захираҳои кишоварзӣ ва воситаҳои истеҳсолот, олами ҳайвонот, растаниҳо истифодаи онҳо ҳадду худуди муайян доранд. Аз меъёр зиёд истифода ва ё истеъмоли онҳо сабаби сар задани як қатор ҳодисаҳои дигари табиӣ мегардад. Бинобар ин, ба роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ зарур аст, ки истеҳсолотро дар асоси риояи меъёрҳои илман асосноки агротехникӣ ба роҳ монанд ва аз натиҷаҳоиинноватсионии соҳа самаранок истифода намоянд.

АДАБИЁТ:

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. – С. 24-25.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2021, -340 с.соли 2024, -С 16,26,32,35,38,42,282,286,290.
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2021 - 56с.
4. Загайтов И.Б. Актуальные вопросы теории планирования / И.Б. Загайтов. - Воронеж: ФГОУ ВПО ВГАУ, 2008. - 224 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021 с, 35 с.
7. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С. Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). -№8 (9). -2016. - С.15-23.
8. Солиев, А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. ТНУ. – Душанбе, 2014. – № 2/8. – С. 3-7.
9. Фасеҳзода (Фасихов) И.С. Иқтисодиёти агросаноатӣ ва муносибатҳои бозорӣ. Васоити таълимӣ / И.С.Фасеҳзода.- Душанбе, 2015.-303 с.
10. Фасеҳзода (Фасихов) И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан). Монография / И.С. Фасихов.- Душанбе: Ирфон,2016.150 с.

АННОТАЦИЯ
ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ В ДЕХКАНСКИХ ХОЗЯЙСТВАХ

В статье анализируется теоретические аспекты науки в развитии сельскохозяйственного сектора, с учетом удовлетворения потребностей населения в продукции сельскохозяйственного сектора. Обсуждаются вопросы, связанные с производством продуктов питания, соблюдением агротехнических норм и, в целом, правильным использованием земельных ресурсов страны, а также особенностями отрасли производства продукции в секторе дехканских (фермерских) хозяйств страны. Достижение национальных целей и обеспечение доступа населения к продовольствию, снижение уровня бедности и развитие аграрного сектора являются центральными вопросами научной статьи. В заключении, следует отметить, что только реализация стратегии продовольственной безопасности необходима и обязательна для общества, что имеет важное значение для достижения основных целей Правительства Республики Таджикистан, в обеспечении продовольственной безопасности населения, также важна роль развития сельскохозяйственных хозяйств.

Ключевые слова: *продовольственная безопасность, снабжение, обеспеченность отечественной продукцией, развитие дехканских хозяйств, экспорт.*

ANNOTATION
ECONOMIC EFFICIENCY OF USE OF LAND RESOURCES IN FARMS

The article analizes the theoretical aspects of science and the development of the agricultural sector, taking into account the satisfaction of the needs of the population in the agricultural sector. Issues are discussed to food production, compliance with agrotechnical standards and, in general, the correct use of the country's land resources, as well as the characteristics of the production sector in the country's dekhkan (farm) sector. The achievement of national goals and ensuring public access to food, is poverty reduction and the development of the agricultural sector are central issues of the scientific article. In conclusion, it should be noted that only the implementation of the food security strategy is necessary and binding on society what is impoitant, and to achieve the main goals of the Government of the Republic of Tajikistan, ensure food security of the population, also is impoitant the role of developing agricultural farms. is essential.

Keywords: *food security, agriculture, supply, provision of domestic products, development of dehkan farms, export.*

Сведение об авторе:

Сафарзода Хамза Сафар-соискатель Таджикиского аграрного университета имени Шохтемура. 734003, Республика Таджикистан. г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. Тел.: (+992) 985969591

Information about the author:
Safarzoda Hamza Safar-aplican of Tajik agrarian university named after Sh.Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan. Dushanbe, av. Rudaki, 146. phone: (+992) 985969591

ТДУ: 331.5, 552

АСОСНОККУНИИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИН ОМӮЗИШИ БОЗОРИ ИМРӮЗАИ МЕҲНАТ

Мирзоев К.Б.-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *бозори меҳнат, бахши хусусӣ , қобилияти меҳнатӣ, тақсимоти меҳнат, хизматрасонӣ.*

Дар бештари асарҳои адабиёти иқтисодӣ бахшида ба масъалаҳои бозори меҳнат пешниҳодшуда, то ҳанӯз дар бораи моҳияти худи масъала ва дар бораи мафҳумҳо ва категорияҳое, ки бозори меҳнатро муайян мекунанд, омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкурро душвор мегардонад, ягонагии ақида вуҷуд надорад. Далели ин он аст, ки то ҳол худи объекти таҳқиқот аз рӯйи консептуалӣ муайян карда нашуда буд: «бозори меҳнат», «бозори қувваи корӣ», «бозори захираҳои меҳнатӣ», «бозори шуғл», «маҷмуи бозори қувваи корӣ ва бозори ҷойҳои корӣ». Муҳокимаҳои фаъол оид ба ҳисоб гирифтани чигунагии мол рафта истодаанд: қувваи корӣ, меҳнат, хизматрасониҳои меҳнатӣ, қобилияти меҳнатӣ. Сарҳадҳои бозори меҳнат аз ҷиҳати назариявӣ бо тарзҳои гуногун муайян карда мешаванд, баъзеҳо онро ба маънои «маҳдуд» (шумораи ҷойҳои холӣ ва шумораи корҷӯён), «дигарон» (ба маънои васеъ, аз ҷумла талаботи қонеъшуда ба меҳнат, яъне бо кор таъмин ва ғ.) маънидод менамоянд.Вуҷуд доштани миқдори зиёди нуқтаҳои назари гуногун, ба ақидаи мо, аз набудани муносибати ягонаи методологии омӯзиши бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Баъзе аз муҳаққиқон бозори меҳнатро ҳамчун моддӣ таҳлил мекунанд, дар ҳоле ки он аз системаи муносибатҳои иқтисодии миёнаравии он бармеояд, ки дар он робитаҳо ва муносибатҳои амиқ сарфи назар карда мешаванд, ки объекти таҳқиқшавандаро ҳамчун ҷузъи ягона ифода мекунанд. Дигарон бозори меҳнатро ба таври муназзам баррасӣ мекунанд, вале бидуни асосноккунии кофии назариявии сохтори он, ки дар доираи он хусусиятҳои асосии бозори меҳнат, қонунҳои асосии фаъолият ва рушди он муайян карда мешаванд .

Ба ақидаи мо, омӯзиши назариявии бозори меҳнат замони муосир дар чунин марҳилае қарор дорад, ки дар он равандҳои нави баамаломадаро пурра асоснок кардан, хосиятҳои нави онро муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан танҳо дар доираи парадигмаи (ҷадвали тасриф) нав, ки асоси он бояд ҷустуҷӯи механизмҳои мушаххаси яклухтии объект ва муайян намудани пуррагии робита ва вобастагиҳои он бошад, мумкин аст, яъне дар доираи муносибати системавӣ. Истифодаи дастгоҳи категориядори муносибати системавӣ аз таърифи мафҳуми «система» оғоз мешавад. Вобаста ба ин бояд таъкид намуд, ки дар илми муосир низ дар мавриди таърифи мафҳуми «система» ягонагӣ вуҷуд надорад ва аз ин рӯ, таърифҳои он хеле гуногун мебошанд. Танҳо В.Н. Садовский, масалан дар бораи он қариб чил таърифро медиҳад. Дар байни онҳо таърифи система ҳамчун баъзе синфҳои тарҳҳои риёзӣ; таъриф тавассути мафҳумҳои «элемент», «муносибат», «яклухт»; таъриф тавассути мафҳумҳои “ворид”, “баромад”, “идоракунӣ” ва ғайра оварда шудааст.

Муносибатҳои мавҷудаи иқтисодии бозорӣ пурра ва равшантар дар тарҳи макроиқтисодии В. Леонтев нишон дода шудааст, ки дар он бозори меҳнат чун зерсистема амал менамояд, аз як тараф ба афзоиши ҷараёни инкишофи иқтисоди бозорӣ, таносуби макроиқтисодӣ ва мувозинати макроиқтисодӣ таъсири мустақим дорад ва аз тарафи дигар, худи он таҳти таъсири тамоми ҷузъҳои макроиқтисодӣ ва ҷараёни инкишофи рушди иқтисодӣ дар умум қарор дорад. Ин тарҳи макроиқтисодӣ имкон медиҳад, ки бозори меҳнатро аз системаи умумии макроиқтисодӣ ҷудо намуда, онро ҳамчун системаи мустақили иқтисодии дараҷаи поёнтар пешниҳод намоем, ки имкон медиҳад талаботи беруна ба қувваи корӣ дар шароити гузариши иқтисодӣ ҷудо карда шавад (нақшаи 1).



Нақшаи 1.- Бозори меҳнат ҳамчун низоми иқтисодӣ (порча аз тарҳи макроиқтисодии В. Леонтев)

Дар системаи пешниҳодшуда муносибатҳои такрористеҳсолӣ ва моликияти сатҳҳои гуногун ва гетерогенӣ дар типология муттаҳид карда шудаанд, ки ба яке аз принсипҳои асосии муносибати системавӣ – сохторбандӣ комилан мувофиқат намекунад ва он тавре маълум аст, якхелагии ҳатмӣ, типологияи робитаҳои системавиро пешбинӣ менамояд.

Муносибати таҳавулотиро ба дарки бозори меҳнат дар таҳқиқоти бозори меҳнат С.Г.Михнева, ки лоиҳаи системаи худро, яъне муносибати сесатҳаро низ пешниҳод кардааст ба андешаи мо, барои асосноккунии равандҳои нави дар бозори меҳнат ба амаломада нокифоя мебошад. Дар алоқа ба шароити иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ҳадафро метавон ҳамчун нақшаи мантиқии зерин муаррифӣ намуд (нақшаи 2), ки ҳадафи стратегӣ таъмини шуғли пурра баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ мебошад.

Нақшаи 2.- Нақшаи назариявии принсипи ҳадафҳо барои иқтисоди бозорӣ

Ҳадафи интихобшуда бояд ҳамчун роҳнамое хизмат намояд, ки сарҳадҳои таҳлилии муайянкунии унсури ташкилкунандаи системаро муайян менамояд. Чунин муносибат ба таҳлили бозори меҳнат имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳими он, хусусиятҳои системавии он ошкор карда шавад ва ҳамзамон, маҷмуи ақидаҳои назариявӣ дар бораи система, яъне кулли тамоми маҷмуи категорияҳои иқтисодӣ мантиқан ба тартиб дароварда, тамоми маҷмуи категорияҳои иқтисодӣ, ки бозори меҳнатро муайян менамояд, тобеъ карда шаванд.Таъкид кардан зарур аст, ки ҳеҷ кадоме аз принсипҳои зикршуда мустақилона вуҷуд надоранд, баръакс ҳамаашон бо ҳам зич алоқаманданд, ҳамдигарро пурра ва тараққӣ медиҳанд. "Ҷойи фазоӣ"-и ҳар як элемент дар система ҳам аз дараҷаи таъсири унсурҳои дигар ва дар маҷмуъ система ба хосиятҳои элементи мазкур ва ҳам аз дараҷаи таъсири худи элемент ба дигар элементҳо ва умуман система вобастагӣ дорад.

Истифодаи муносибати зикршуда имкон медиҳад, ки координатҳои бозори меҳнат ҳам дар фазои робитаҳои функсионалӣ-мантиқӣ бо категорияҳои дараҷаи тартиби якхелаи он (андозаи уфуқӣ) ва ҳам дар фазои ташкилшудаи иерархии моҳиятҳои тартиботи гуногун, ки дорои хусусиятҳои онҳоро доро (андозаи амудӣ) мебошанд, аз ҷиҳати назариявӣ муайян карда шаванд.

Ғояи бисёрҷанбавӣ ҳамчун моҳияти падидаҳои алоҳидаи иқтисодӣ дар асарҳои В.Алтухов вомехӯранд, ки онро бори аввал ба миён гузоштааст. Ӯ таъкид мекунад, ки гуногунӣ бар муқобили ақидае, ки дар диалектикаи марксистӣ муқаррар шудааст, на танҳо чизи дуюмдараҷа, балки ҳосилшуда, ки бо моҳияти амиқи «ягона» хос аст, ба шумор меравад. Гуногунрангии зоҳирӣ ва намоён дар сатҳи рушди раванд - бештар натиҷа, натиҷаи гуногунрангии ботинӣ, муҳим, моҳияти падидаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, зуҳури хусусияти хоси плюралистии табиии ашёҳо мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки бозори меҳнати деҳот ҳамчун объекти таҳқиқоти мустақил дар асарҳои номбаршуда, ба истиснои банди хурди монографияи «Шуғл ва бозори меҳнат: воқеиятҳои нав, афзалиятҳои миллӣ, дурнамо» амалан нишон дода нашудааст, ки онро бо нокифоя омӯхтани масъала шарҳ додан мумкин аст. Дар алоқа ба истилоҳи асосии «бозори меҳнат» таърифҳои гуногуни муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуданд, ки моҳият ва маънои онро ифода мекунанд. Гуфтан ба маврид аст, ки қариб ҳамаи муҳаққиқон то ин ё он дараҷа эътироф мекунанд, ки бозори меҳнат зуҳуроти муносибатҳои молу пул, яъне муносибатҳои хариду фурӯш дар соҳаи шуғл мебошад. Аммо дараҷаи таъсири ин муносибатҳо ба таври якхела шарҳ дода намешавад.Баъзе муҳаққиқон ба муносибатҳои хариду фурӯши моли «қувваи корӣ» тамоман таваҷҷуҳ зоҳир накарда, бозори меҳнатро ҳамчун кулли маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ташаккули талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он мефаҳманд. Масалан, барои олимони амрикоӣ Р.А.Эренберг ва Р.С.

Смит бозор-ин воситаест, ки коргаронро бо ҷойҳои корӣ таъмин, қарорҳо ва соҳаи шуғлро ҳамоҳанг мекунад.

Бояд гуфт, ки Л.А.Костин таърифҳои гуногуни бозори меҳнатро таҳлил намуда, дуруст қайд мекунад, ки дар ҳамаи таърифҳои дар боло зикршуда ягон нишонае вуҷуд надорад, ки бозори меҳнат дар доираи фазои баамаломадаи иқтисодии механизми ҳамко-рии байни корфармоён ва кормандони ҷалбшуда, ки ифодакунандаи ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии байни онҳоро инъикос менамояд, вуҷуд дорад. Қариб кулли таҳқиқотчиён то андозае эътироф мекунанд, ки бозори меҳнат ба яке аз бозорҳои анъанавии мол мансуб намебошад. Ин ақидаро профессор В.И. Плакся бештар пурра нишон додааст: «ин навъи мушаххаси бозори мол аст, ки таркиби он фурӯши (хариду фурӯши) навъи махсуси маҳсулот–қувваи корӣ ё қобилияти одам ба кор мебошад». Асосан бо тафсирҳои гуногуни бозори меҳнат, ки номбар шудаанд, моҳияти онро танҳо дар доираи мубодилаи меҳнат, яъне раванди бевоситаи хариду фурӯши қувваи корӣ розӣ шудан мумкин аст. Тарафҳои дигари такрористеҳсолии он амалан ба мафҳуми баррасишаванда дохил карда нашудаанд. Ба ақидаи мо, чунин маҳдудияти бозори меҳнати мазкур танҳо бо марҳилаи мубодилаи он аз ҷиҳати методологӣ комилан дуруст нест.

Л.А. Костин ба ғайриқонунӣ будани шабоҳатии мафҳумҳои «аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол» ва «қувваи корӣ» таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин меҳисобад, ки захираҳои меҳнатӣ – мафҳуми умумии хеле васеътар мебошанд, «дар худ аҳолии аз тарафи иқтисодӣ фаъол, ки истеҳсолотро тарк карда таҳсил менамоянд ва бо фаъолияти корӣ машғул нестанд, дохил мешаванд». Ба фикри мо, аз мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» ҳамчун категорияи муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ва нишондиҳандаи асосии баҳисобгирии оморӣ даст кашидан комилаан нодуруст аст. Дар шароити бекории оммавӣ ва доимо афзудани талабот ба ҷои кор категорияи иқтисодии мазкур як намуди қоғази махсуси лакмус ба ҳисоб меравад, ки то чӣ андоза ҷомеа аз қувваи асосии истеҳсолкунандаи худ самаранок истифода мебарад. Танҳо аз ҳисоби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол кам кардани тамоми захирахои меҳнатӣ ва аз ин ҷо ташаккул додани муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи меҳнат чӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чӣ аз ҷиҳати сиёсӣ ғайриқонунӣ мебошад. Бо чунин миқёси назарраси камбизоатӣ дар кишвар ҳиссаи зиёди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол, ки берун аз бозори меҳнат мемонад - ин натиҷаи истифодаи бесамари захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки калимаи «меҳнат», ҳамчун қоида фаъолияти мувофиқи мақсад будаи шахсро дар истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ, ки бо сарфи қувваи ҷисмонӣ ва зеҳнии вай алоқаманд аст, ифода мекунад. Меҳнат дар баъзе мавридҳо барои истинод ба категорияи муайяни одамон-синфи коргар, коргарон ё умуман кормандон истифода мешавад. Истилоҳи «қувваи корӣ» бевосита барои ифодаи мафҳумҳои зерин истифода мешавад:

Аввалан, мувофиқи таърифи К.Маркс, «қувваи корӣ» дар умум қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ мебошад, ки организм, шахсияти одами зинда дорад ва дар ҳар вакте ки вай ҳар гуна арзишҳои истеъмолиро ба вуҷуд меоварад, ба амал ҷорӣ карда мешавад.

Дуюмин, «қувваи корӣ» дар маводҳои расмии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи аз ҷиҳати иқтисодии фаъоли аҳолии қобили меҳнат, ки шуғл дорад ё дар ҷустуҷӯи кор мебошад, нишон дода шудааст.

Сеюмин, кормандони корхонаи мушаххас ё кормандоне, ки умуман бештари вақт дар захираи луғавии ғайрирасмӣ истифода мешаванд.

Дар ҳолатҳои муайян категорияи «кормандони кироя» ҳам бо калимаи «меҳнат» ва ҳам бо ибораи «қувваи корӣ» фаҳмонида мешавад. ҳамчунин, калимаи «меҳнат» ва ибораи «қувваи корӣ» вариантҳои гуногуни маъноӣ доранд. Аз ин ҷост,ки истифодаи ин мафҳумҳо,ба фикри мо бояд бо тавзеҳоти мувофиқ бо нишон додани сарчашмаҳои пайдоиши онҳо илова шавад. Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳумҳои «бозори меҳнат» ва «бозори қувваи коргарӣ» низ ҷой дорад ва онҳоро чун синоними якдигар мефаҳманд. Агарчанде меҳнат-фаъолияти бошууронаи қувваи коргарӣ бошад-қобилияти ба меҳнат доштаи одам аст. Аз ин рӯ, ҳардуи ин калима (меҳнат ва қувваи коргарӣ) бо ҳам шабеҳ (якхела) нестанд, вале онҳо бо ҳам сахт алоқаманданд. Меҳнат бе қувваи коргарӣ вуҷуд надорад, қобилияти ҷисмонӣ ва фикрии инсон танҳо дар раванди меҳнат дар амал ҷорӣ мегардад. Зеро дар бештари адабиёт мо низ мафҳумҳои «бозори меҳнат» ва «бозори қувваи коргарӣ»-ро ҳаммаъно мефаҳмем. Бозори меҳнат ифодакунандаи таҳозои кулл ва арзаи кулли қувваи коргарӣ мебошад, ки дар асоси баҳамтаъсиррасонии тарафайни онҳо ҷобаҷогузории қувваи кории аҳолии фаъоли иқтисодӣ бо назардошти фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳа ва ҳудуд, ҳолати демографӣ ва дараҷаи ихтисосноқӣ таъмин карда мешавад.

Дар бозори меҳнат муносибатҳои иқтисодии байни кордиҳанда ва коркунони кироя ба вуҷуд меоянд, ки ба якҷояшавии қувваи коргарӣ бо воситаҳои истеҳсолот мусоидат мекунанд. Хамин тавр, талаботи кордиҳанда ба меҳнат ва талаботи коркунони кироя-ба музди кор бояд таъмин карда шавад. Дар бозор ивазшавии шакли арзиш ба вуҷуд меояд: шакли молии арзиш (меҳнат) ба шакли пулии арзиш-музди кор табдил меёбад. Табодули қувваи коргарӣ аз дигар молҳо фарқ до-

рад. Ин ҷо дигаршавии молик ба вуҷуд намеояд, чунки қувваи коргарӣ ба ихтиёри харидор на доимӣ набуда, балки ба як вақти муайян-дар ҳолати меҳнат кардан мегузарад. Кордиҳанда молики маҳсулоти ба вуҷуд овардаи коргари кироя мегардад.

Бозори меҳнат-бозори махсус мебошад. Зеро меҳнаткунанда иҷрокунандаи шахсияти беназири инсон буда, на танҳо қобилияти муайян ба меҳнат кардан дорад, балки боз сифатҳои зиёди дигар дорад: боиси рафтори меҳнатӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, хусусиятҳои рӯҳию физиологиро низ доро мебошад. Аз тарафи дигар, кордиҳандагон ҳам на танҳо ба дараҷаи ихтисоснокӣ аҳамият медиҳанд, балки боз ба муносибати коргар ба ҳамкорон, ҳунармандӣ, маҳорати дар коллектив кор кардан, қобилияти бозомӯзӣ ва азнавомӯзӣ, зудҳаракатии меҳнатӣ ва ғайраро ба ҳисоб мегиранд.

Бояд қайд намуд, ки меҳнат на фақат қимати иқтисодӣ, балки боз қимати иҷтимоӣ дорад, зеро манбаи даромад ва мавқеи одамро дар ҷамъият муайян мекунад. Дар бозори меҳнат нарх ва миқдори меҳнат бо таносуби тақозо (аз тарафи корхона) ва арза (аз тарафи муваққатан бекор будагон) муайян карда мешавад. Тақозо ба меҳнат аз талабот ба маҳсулоте, ки бо ин меҳнат ба вуҷуд оварда мешавад, вобаста аст. Дар навбати худ ширкат миқдори коркунонро, ки киро кардан зарур аст, муайян карда истода бояд «нархи меҳнат» (музди меҳнат)-ро ба ҳисоб гирад. Нархи меҳнат бошад аз ҳосилнокии интиҳоии он вобаста аст.

Бозори захираҳои меҳнат ин таҷассумгари шумораи бештари муносибатҳои вобаста ба ташаккули тақозо ба қувваи корӣ ва арзон он аст, ки ба воситаи низоми амалкунандаи такрористеҳсол, тақсимот ва шуғли кормандон амалӣ карда мешавад.

Дар асри навин итиллоот аслан худи падидаи “таҳсил” маҳсули коркарди зеҳнист, ки вазифаи асосии он дарёфт, коркард ва ҷамъоварии маълумот барои рушди захираҳои инсонӣ аҳамияти махсус дорад. Инсон ҳамчун манбаи зеҳнӣ дониста мешавад, яъне таъминоти ҳамеша такмилёфтаи дониш ва малакаҳое мебошад, ки ҳангоми зарурат истифода бурда мешаванд.

Дониш натиҷаи фаҳмиши воқеият мебошад, ки бо амалия тасдиқ карда шудааст ва дар тафаккури инсон инъикос меёбад ва дар сифати захираи зеҳнӣ аз сифати иттилооте вобаста аст, ки дар асоси он ташаккул ёфтааст. Дар давраи нав, нақши ормонҳои олии рӯҳонӣ меафзояд, ки ба равандҳои эҷодӣ нигаронида шудааст, ки ба зарурати худшиносии мусбӣ барои ба даст овардани инсони комил ё худмухтор нигаронида шудааст.

У. Блум андозагирии маънавиро ҳамчун андозае муайян кардааст, ки аз миқдори мавҷудияти рӯзмарраи моддии инсон бештар андоза дорад. Р.Ассаджиоли истилоҳи маънавиро ба тамоми функсияҳо ва зуҳуроти инсонӣ мансуб медонад, ки хусусияти муштараки онҳо: -муносибат ба арзишҳои аз маъмулӣ баландтар ба монанди эстетикӣ, ахлоқӣ, қаҳрамонона, гуманистӣ мебошад. Р. Уолман эҳтиёҷоти рӯҳониро ҳамчун ҷустуҷӯи қадимӣ ва доимии инсон барои робита бо чизи муҳимтар ва эътимодбахш бо рӯҳи худ бо ҷаҳони таърих ва табиат, тамоюлҳои ҷудонашавандаи рӯҳ ва ҳаёти махфӣ муайян мекунад. Танҳо одам хоҳиш дорад ва имконият пайдо мекунад, ки чизи зарурӣ эҷод кунад-эҷоди навигарие, ки арзиши эстетикӣ ва семантикӣ дорад. Талабот ба эҷодкорӣ талаботи асосии шахсест, ки шуури худро ташаккул медиҳад ва амалӣ месозад. Таҷассуми эҷодкори дар фаъолияти худ ифодагари нотакрории шахс мебошад, ки имконият медиҳад шахс аҳамияти бузург пайдо кунад.

Дар адабиёти марксистӣ мафҳуми «бозори қувваи корӣ» истифода бурда мешавад ва зери мафҳуми қувваи корӣ қобилияти меҳнатии одамон фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи табдили қувваи корӣ меравад. Коргари кироя барои қобилияти меҳнатиаш музд мегирад.

Дар мактаби назарияи иқтисодии ғайримарксистӣ истилоҳи «бозори меҳнат» истифода мешавад. Дар зери мафҳуми қувваи корӣ миқдори муайяни аҳолии қобили меҳнат фаҳмида мешавад, яъне «касоне, ки синнашон аз 16 боло аст ва аллакай соҳиби коранд ё фаъолона онро ҷустуҷӯ доранд, ё ин ки интизоранд, ки баъди аз кор озод шуданашон боз ба хизмати ӯ муроҷиат мекунанд». Назарияи иқтисодии муосир ҳангоми истифодаи ин истилоҳ аз он бармеояд, ки маҳз меҳнат дар бозори меҳнат фурӯхта ва харида мешавад. Музди меҳнат ҳамчун даромади омилӣ дар баробари фоизҳо аз сармоя, иҷораи истифодаи замин ва фоидаи соҳибкоронро низ таҷассум мекунад.

Нисбат ба истилоҳи «бозори меҳнат» тавсифҳои ҳархелаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуданд, ки моҳият ва маънои онро ифода мекунанд. Қариб ҳамаи муҳаққиқон ба ин ё он дараҷа эътироф мекунанд, ки бозори меҳнат-ин зуҳуроти муносибатҳои молию пулӣ, яъне муносибатҳои хариду фурӯш дар соҳаи шуғл мебошад. Аммо дараҷаи таъсири ин муносибатҳо ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Чанде муаллифон дар умум ба муносибатҳои хариду фурӯши мол «қувваи корӣ» эътибор надода, дар зери мафҳуми бозори меҳнат кулли муносибатҳои ҷамъиятиро дар бораи ташаккули талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он тасаввур мекунанд. Ба ғайр аз он тавсифҳои соддатар низ вуҷуд доранд. Масалан, барои олимони амрикоӣ Р.А. Эренберг ва Р.С. Смит бозор-ин асбобест, ки кормандонро бо ҷойҳои корӣ таъмин мекунад ва қарорҳоро дар соҳаи шуғл ҳамоҳанг месозад.

Гурӯҳи дигари олимон, бозори меҳнатро дар умум тавассути механизми табодули қувваи корӣ муайян менамоянд. Ҳамин тавр, Н.А. Волгин ин мафҳумро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои молию пулӣ шарҳ медиҳад, ки талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, қабул ба кор ва тақсимоти кормандонро аз рӯйи тарзи фаъолият ба табдили воситаҳои рӯзгузаронӣ фаро мегирад. Ба ҳамин тариқ, таркиби асосии бозори меҳнатро дар тафсири А.И. Рофе бозори меҳнат, пеш аз ҳама системаи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо кироя ва пешниҳоди қувваи корӣ, яъне бо хариду фурӯши он алоқаманд аст. Дар ин сурат илова кардан лозим аст, ки бозор - ин фазои иқтисодӣ - соҳаи бо кор таъминкунӣ буда,дар он харидорон ва фурӯшандагони маҳсулоти мушаххас - меҳнат ҳамкории дутарафа доранд; дар ниҳоят, он механизмест, ки мувофиқати нарх ва шароити меҳнатро байни корфармоён ва кормандони кироя таъмин менамояд.

Аз нуқтаи назари мо андешаи як гурӯҳ муаллифон, ки мафҳуми бозори меҳнатро васеътар баррасӣ менамоянд, моҳияти онро танҳо ба фурӯш ва хариди қувваи корӣ маънидод накардаанд, бештар қобили қабул мебошад. Муҳаққиқони зикргардида зери калимаи бозори меҳнат кулли системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва институтҳои иҷтимоиро мефаҳманд, ки такрористеҳсолкунӣ, мубодила ва истифодаи меҳнатро таъмин мекунанд. Фарқияти куллии тавсифи зикргардида аз дигар мафҳумҳо дар он аст, ки ба бозори меҳнат на танҳо соҳаи мубодилаи меҳнат, балки соҳаи такрористеҳсолкунии иқтидори меҳнатӣ: механизмҳои бозории таълим, таълими касбӣ, инчунин соҳаи истифода бурдани меҳнат, яъне механизмҳои бозории идоракунии кадрҳо дар истеҳсолотро дохил мекунанд. Чанде аз олимон ақидаҳои анъанавиро дар бораи мубодила дар бозори меҳнат ҳамчун амали хариду фурӯш пурра намуда, чунин меҳисобанд, ки дар ин ҷо бояд сухан дар бораи шартҳои махсуси иҷоравии кирояи меҳнат равад ва категорияи меҳнатро ҳамчун иҷора баррасӣ мекунанд. Ба чунин ақида, масалан А.В.Коврижний ҳамроҳ мебошад.Ба фикри мо, муносибатҳои иқтисодии «корманд-корфармо»-ро тавассути мафҳумҳои «бегона ва азони худ кардан» аз нуқтаи назари фаҳмиши ҳуқуқии онҳо шарҳ додан мумкин нест. Дар ҳама гуна қонунгузорӣ зикр шудааст, ки объекти ҳуқуқи моликият ашёи воқеан мавҷудбуда - молу мулке мебошад, ки бо хусусиятҳои инфиродӣ муайян карда мешавад. Дуруст аст, ки ҳар чиро бевосита дар ихтиёри худ надорӣ истифода бурдан номумкин аст, яъне қобилияти меҳнатии дигарон ва ҳам худи онҳоро ихтиёрдорӣ кардан мумкин нест - бегона кардан, ба касе додан ва ғайра.

Дар шароити имрӯза бо пуррагӣ гуфта метавонем, ки таҷрибаи муосири муносибат-ҳои меҳнатӣ аз доираи назарияҳои ҳам неоклассикӣ ва ҳам марксистӣ берун рафтааст, ки дар назди илми иқтисод таҳияи чунин консепсияи назариявиро мегузорад, то тавонад равандҳои дар бозори меҳнат ба амаломадаро ба таври кофӣ, аз ҷумла дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш инъикос намояд. Яке аз муқаррароти ташаккулдиҳандае, ки метавонад асоси ин мафҳум қабул карда шавад, чунинанд: қобилият ба меҳнат-ҳамчун унсури ба тартибдарории бозори меҳнат, кироя-муносибати ибтидоии бозори меҳнат. Таъкид намудан зарур аст, ки на ҳамаи олимон ин нуқтаи назарро қабул менамоянд. Пешгӯиҳо оид ба ин масъала то ҳануз идома дорад.

Ба ҳамин хотир, масалан И.Т.Корогодин чунин меҳисобад, ки «ба сифати муносибати ибтидоии тавсияи мазкур танҳо метавонад муносибати тақсимоти меҳнат даъво намояд»,-ҳамчунин тасдиқ менамояд, -«тақсимоти меҳнат намудҳои гуногуни меҳнати мушаххасро ба вуҷуд меорад, ки барои иҷрои он қобилияти касбии одамон талаб карда мешавад». Дар ин бобат чунин нуқтаро зикр менамоем. Тақсимот меҳнат ҳамчун категория назар ба самти иҷтимоии муносибатҳо бештар самти техникиро инъикос мекунад. Аз ин ҷост, ки муносибатҳои ибтидоӣ бояд оғози иҷтимоӣ, самти иҷтимоӣ дошта бошанд,зеро ба фикри мо ин ба муносибатҳои кироя комилан хос мебошад.

Мо чунин меҳисобем, ки тақсимоти меҳнат, аз ҷумла дар натиҷаи фарқи қобилияти меҳнатии одам ба амал меояд. Доштани қобилияти меҳнатии оддӣ (ҷисмонӣ) ва зеҳнӣ (ақлонӣ) аз ҷониби шахс ихтисоснокии меҳнатро дар шакли мушаххаси он муайян менамояд. Меҳнати мушаххас қобилиятҳои муайян ва омодагии муайяни касбиро талаб менамояд. Чунин фикрронии муаллифон бештар аз таркибе, ки мафҳуми «хизматрасонӣ» имрӯз дорад, ақиб мондааст. Дар таснифоти муосир зиёда аз шашсад намуди хизматрасонӣ, аз ҷумла компютерӣ, нақлиётӣ, алоқа ва ғайра мавҷуд аст, ки онҳоро бесамар номидан мумкин нест. Хизматрасонӣ ҳамчун предмети фурӯш аз молҳои анъанавӣ фарқияти куллӣ дорад (гарчанде ки хизматрасонӣ ҳам мол аст) ва онҳо ноаён, ғайримоддӣ мебошанд, нигоҳ дошта намешаванд, савдои хизматрасонӣ бо истеҳсоли онҳо дар муқоиса аз савдои мол, ки бо он алоқа надоранд, вобаста мебошад. Ин чунин маъноро дорад, ки хизматрасонии меҳнатӣ, то лаҳзаи фурӯш вуҷуд надорад ва истеҳсоли хизматрасонӣ ё дар лаҳзаи фурӯш ва ё баъд аз он ҷорӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, қобилияти бевоситаи амалии шахс барои меҳнат аз мавқеи корманд ҳамчун худи меҳнат, аз мавқеи корфармо - ҳамчун омили истеҳсолот, аз мавқеи муносибатҳои «корманд ва корфармо» - ҳамчун хизмати меҳнатӣ, маводи муносибатҳои кироя амал мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Алтухов В. Многомерный мир третьего тысячелетия//Мировая экономика и международные отношения. - 2000. -№7.

2. Амонова Д.С. Социальная политика и социальная справедливость в Республике Таджикистан (экономические аспекты исследования) Монография. - Душанбе: Ирфон, 2006, -С.23-25.
3. Ашуров С. Проблемs и перспективи профессионально-технического развития трудовых ресурсов Таджикистана. - Душанбе, 2007.
4. Бабаджанов Р.М. Алимов А.Л. Тенденции рынка труда в контексте реализации стратегий развития Республики Таджикистан. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили иҷтимоию иқтисодии ташаккули шакли инноватисионии иқтисод ва баланд бардоштани сифати сармояи инсони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (27-28 октябри 2017). -С.117-129.
5. Бобоҷонов Р.М. Проблемы занятости как составная част // Труд и социальная защита. - НИИ труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан, №1(4). -Душанбе, 2010. –С. 19-20.
6. Бобоҷонов Р.М. Вопроси формирования миграционной политики. //Труд и социальная защита. - НИИ труда и социальной зашиты населения Республики Таджикистан, №4(15) г. Душанбе, 2012. -С.31-33.
7. Борисова Л.И. Государственная политика занятости в Республике Таджикистан и её эффективность. // В сб. «Материали республиканской конференции: «Пути повышения эффективности занятости трудовых ресурсов Таджикистана в условиях переходной экономики» (2-3 ноября 2012 г.). – Душанбе: «ТоРус», 2013.- С.22-25.
8. Сельское хозяйство Республике Таджикистан. Статистический сборник, Душанбе-2023.
9. Костин Л.А. Российский рынок труда: вопроси теории, истории, практики. - М., 1998.-С.44-49.

АННОТАЦИЯ

ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ И НАУЧНОЕ ОБОСНОВАНИЕ ИЗУЧЕНИЯ СОВРЕМЕННОГО РЫНКА ТРУДА

Большое количество различных точек зрения в статье обусловлено отсутствием единого методологического подхода к исследованию рынка труда. Некоторые исследователи анализируют рынок труда, как материальный, другие анализируют рынок труда системно. В статье анализируется теоретическое исследование рынка труда, в котором новые процессы полностью обоснованы, его новые свойства определяются и теоретически обоснованы только в рамках совершенствования рынка труда в аграрном секторе. Анализ показывает, что доля частного сектора в структуре занятости имеет тенденцию к увеличению.

Ключевые слова: *рынок труда, частный сектор, рабочая сила, разделение труда, услуги.*

ANNOTATION

THEORETICAL AND SCIENTIFIC BASIS FOR STUDYING THE MODERN LABOR MARKET

A large number of different points of view in the article is due to the lack of a unified methodological approach to labor market research. Some researchers analyze the labor market as material, others analyze the labor market systematically. The article analyzes the theoretical study of the labor market, in which new processes are fully justified, its new properties are determined and theoretically justified only within the framework of improving the labor market in the agricultural sector. The analysis shows that the share of the private sector in the employment structure tends to increase.

Keywords: *labour market, private sector, labour force, division of labour, services.*

Сведение об авторе:

Мирзоев Комрон Бобоевич-соискатель Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 146. Тел.: (+992) 111501009, E-mail: komronbek@gmail.com

Information about the author::

Mirzoev Komron Boboevich - Applicant of the Tajik Agrarian University named after S. Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Тел.: (+992) 111501009, E-mail: komronbek@gmail.com

ТДУ: 338.242

ХУСУСИЯТҲО ВА МЕТОДОЛОГИЯ АРЗЁБИИ САМАРАИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Суфиев А.Ҷ.-Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ

Калимаҳои асосӣ: *танзими давлатӣ, методология, истеҳсолоти кишоварзӣ, бозори озуқаворӣ, коэффисиент, нарх, захира, самара, механизм.*

Натиҷагирии таърифҳои асосии назарияи иқтисодӣ дар марҳилаҳои ташаккули андешаҳои илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳаҳои иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида аз он дарак медиҳанд, ки аз лиҳози хусусиятҳои хоси худ, истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дорои низоми худтанзимкунанда намебошад. Ин хусусиятҳо фаъолияти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва ташаккули бозори озуқаворӣ зарурати ба вуҷуд овардан ва татбиқ намудани шаклу механизмҳои танзими давлатиро дар соҳаи кишоварзӣ таҳозо менамояд.

Танзими давлатии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ тарзи ташкили идоракуние мебошад, ки маҷмуи таъсири беруна нисбат ба иқтисодиёт, зери таъсири усулҳои гуногун аз ҷумла, муайян ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили истифодабарии захираҳои маъмурӣ, муайян ва ҷорӣ намудани стандартҳои ягона, истифодаи фишангҳои маъмурӣ ва дигар тадбирҳои танзимию назоратии давлатиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, метавон конвенсияи шаклҳои мавҷудаи танзими давлатиро бо ҳиссаи муайян ба се гурӯҳ таҳсим намуд:

1. Шаклҳои таъсиррасонӣ, ки тавассути маҷмуи санадҳои меъёрӣ ва мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар асоси механизми таҳия, тасвиб ва дар амал татбиқи онҳо сурат мегирад. Чунин

шакли танзим имконият фароҳам меоварад, ки низоми мавҷудаи иқтисодӣ ташаккул ёфта, раванди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилию маъмурӣ дар истеҳсолот ба худ қоидаҳои умумиро касб намуда, барои тамоми субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба таври умумӣ муқаррар ва тадбиқ гарданд.

2. Шаклҳои таҳрикдиҳандаи ҳавасмандӣ ба субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба сифати корбурди усулҳои молиявию қарзӣ ҷиҳати танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, таъмин намудани мувозинати байни талабот ва пешниҳод дар бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ фаҳмида мешаванд. Ба ин шаклҳо системаҳои буҷетӣ, андоз, қарзӣ ва пулӣ дохил мешаванд. Шаклҳои мазкур дар ҷараёни истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, мувофиқ ба мавҷудияти воситаҳои гуногуни молиявию қарзӣ дар шакли пешниҳодоти сармояи пулию қарзӣ, асъорӣ, сабукиҳои андозӣ, фароҳамсозии шароити мусоиди пешгирии фарсудашавии бармаҳали воситаҳои асосӣ ва ғайра.

3. Дар шакли сеюми конвенсияи идоракунии танзими давлатӣ , ки ба шакли якуми танзим алоқамандӣ дорад, ин дар шакли роҳандозии тадбирҳои маъмурӣ, ки дар ин ҷо ба сифати воситаҳои танзимкунанда, низоми муайяни стандартҳо, тартиб ва қоидаҳои ягона, расмиёти таъсиррасонии идоракунӣ, ки дар маҷмуъ низоми мушаххаси батанзимдарориро мураттаб месозад, ифода меёбанд. Шакли сеюм бошад, ба таври мустақим ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти он дар шароити кунунӣ алоқамандӣ дошта, фармонҳо, қарорҳо, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳоро дар бар мегирад.

Шаклҳои танзими давлатӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар ташаккул ёфта низоми мукаммали танзими давлатиро ташкил дода, дар марҳалаҳои гуногуни рушди иқтисодиёти миллии давлатҳо ва дар маҷмуъ иқтисоди ҷаҳонӣ зуҳур меёбанд. Ин раванд бо тағйирёбии марҳилаҳои рушди иқтисодӣ мавқеи афзалиятноки ин ё он шакли танзими давлатиро иваз намуда, дар низоми идоракунии танзими давлатӣ зарурати дигаргунсозиро ба вуҷуд меорад.

Ҳолати имрӯзаи ташаккулёбии соҳаҳои иқтисоиёти КАС-ро ҳамзамон, метавон бо дигар хусусиятҳое низ тавсиф намуд, ки дар низоми амалкунандаи идоракунии танзими давлатӣ таҷассум гардидаанд. Яке аз хусусиятҳои хоси онро аз рӯйи ҳуқуқ ба моликияти замин, ки ҳамчун воситаи асосии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ташкил медиҳад. Шакли ҳуқуқ ба моликияти замин дар кишвар, ки мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад давлат ҳукумрон дониста мешавад ва шакли истеҳсолот дар замин бошад, намудҳои ҳукмронии субъектҳои алоҳидаи хоҷагидориро аз рӯйи объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ифода месозад. Шаклҳои мавҷудаи ҳуқуқ ба моликият ҳамкориҳои яккаҳукумрониро дар соҳаи иқтисодиёти КАС дар мавриди корбурди дурусти усулҳои идоракунӣ, метавонад ба танзим дарорад, зеро дар ин ҷо замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот баромад мекунад, ки субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба онҳо ҳуқуқӣ соҳиб шуданро ҳамчун моликият надоранд. Ин раванд соҳибкоронро ба он водор месозад, ки дар асоси талаботи ҷорӣ бо истифода аз имтиёзҳои мавҷуда, ки бо шартҳои муайян аз тарафи давлат пешниҳод мегарданд, вобаста ба рақобат-пазирии маҳсулоти истеҳсолӣ ва самаранокии фаъолият мунтазам тадбирандешӣ намоянд. Тавре, ки маълум аст, тақсимоти ҳуқуқи моликият ба замин, аз ҷониби давлат назорат бурда шуда, дар асоси нақшаҳои гуногуни кишоварзию ғайрикишоварзӣ, пешгирии худсаронаи ғасби замин дар майдонҳои заминҳои алоҳида санҷишҳо гузаронида шуда, хусусияти тағйирёбии иҷтимоии сиё-сати давлатиро касб менамояд. Ин раванд дар алоқамандӣ ба талаботи муносибатҳои бозорӣ ба роҳ монда шуда, бахшҳои гуногун хоҷагии халкро рушд медиҳад ва дар ин замина имкониятҳои дастрасӣ ба замин ва фаъолияти хоҷагидориро барои соҳибкорон фароҳам меоварад.

Хусусиятҳи дигари фарқкунандаи иқтисодиёти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ин зарурати ҷорӣ намудани махсусгардонии минтақаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси афзалиятҳои иқлимию ҷуғрофӣ, имкониятҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба инобат гирифта шуда, зарурати гурӯҳбандии афзалиятҳои минтақавиро талаб намуда, зарурати интихоби шакл ва усули таъсиррасонии давлатиро барои танзим ҳар як гурӯҳро тақозо менамояд.

Дар шароити муосири роҳандозии сиёсати таъсиррасон дар соҳаи кишоварзии мамлакат махсусан, дар марҳилаҳои тараққиёти бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ дар рушди иқтисоди ватанӣ барои ташкили муназзами истеҳсолот таъсири назаррас дорад. Аз ҷониби дигар, шаклҳои дигари ташкилӣ ва дараҷаи пешрафти технологияҳои навин дар фаъолияти субъектҳои бахшҳои иқтисодиёти кишоварзӣ барои рушди соҳаҳо бояд ба инобат гирифта шавад. Дар сиёсати муосири идоракунии иқтисодиёти кишоварзӣ ба субъектҳои хоҷагидор, аз қабили деҳқон, хоҷагиҳои хонаводагӣ, фермер, сармоягузорони хоричӣ ва дар маҷмуъ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии хоҷагиҳо талаботи ягона вуҷуд надорад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ оид ба ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои навин дар бахши воқеии иқтисодиёти кишоварзӣ начандон самарабахш арзёбӣ мегардад. Албатта, ҳолати мазкур аз омилҳои гуногун вобастагӣ дошта сабаб-

ҳои худро дорост, аз қабили иҷро нагардидани саривақтии ухдадориҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳал дар вилоят ва ноҳияҳои он, ки он наметавонад вобаста ба тағйирёбии ҳолатҳо дар марҳилаҳои муайян ба қабули қарори дахлдор муваффақ шуда, ба ҳолати ба амал омада ба таври фарогир вокуниш нишон дода, сохтор ва технологияи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзиро бо дарназардошти суръати рушди инноватсионии таҷҳизоти техникӣ иваз намоянд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки зимни банақшагирии тадбирҳои танзими давлатӣ эҳтимолияти бавуҷудоии хавфҳои таваккалии муваққатӣ ба инобат гирифта шуда, байни давраи таъсири омилҳои манфӣ ва ивазгардии хатҳои нави истеҳсолӣ дар низоми иқтисодиёти кишоварзӣ пурра омӯхта шавад.

Тавре, ки таҷрибаи идоракунии иқтисодиёти кишоварзӣ ва ислоҳоти соҳа дар нимаи аввали соли 90-уми асри гузашта нишон медиҳад, ислоҳоти мазкур ба фалаҷ гардидии низоми амалкунандаи танзими бозори маҳсулоти кишоварзӣ оварда расонид. Раванди мураккаб ва аз доираи назорат берун мондани сиёсати идоракунӣ, ба ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ба дигаргуниҳои бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ҳолати нобаробариҳои манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкилотҳои савдоро ба миён овард. Гузашта аз ин, нархи чаканафурӯшии маҳсулоти кишоварзӣ дар савдо дар шароити имрӯза бошад, ба ҳисоби миёна аз 25 то 35%-ро дар бар мегирад, ин ҳам бошад дар ҳоле, ки дар кишварҳои муттараққии ҷаҳон махсусан кишварҳои ғарбӣ он дар бештари мавридҳо аз 15% зиёд ба назар намерасад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки бо ин васила манфиатҳои худи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ поймол гардида, барои рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар муқобили маҳсулоти воридотӣ имкониятҳои истеҳсолӣ маҳдуд шуда, зарурати дастгирии давлатӣ ва роҳандозии тадбирҳои танзими бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ пеш меояд.

Ҷанбаҳои ноустувории илмии ислоҳоти иқтисодии солҳои 90-уми асри гузашта дар асарҳои иқтисоддонон ва олимону мутахассисони соҳаи кишоварзӣ дарҷ шудааст. Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки айни замон зарурати пиёдасозии сиёсати ҳимоятгаро дар бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ оид ба нархгузорӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ пеш омадааст. Зеро дар натиҷаи тамоюли баландшавии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ зимни савдои чаканафурӯшии маҳсулот, ҳавасмандии молстеҳсолкунандагон аз лиҳози беҳтарсозии сифати маҳсулот кам гардида, бехатарии амнияти озуқавории кишвар зери суол меравад. Бо дарназардошти кам будани заминҳои корам дар кишвар, махсусан дар вилояти Хатлон, баъзе номгӯи маҳсулоти ниёзи аввалия дар мамлакат аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад, ҳол он ки дар ҳолати самаранок истифодабарии заминҳои корами вилоят имконияти дар дохили кишвар истеҳсол намудани маҳсулоти мазкур, махсусан дар хоҷагии қишлоқ мавҷуд мебошад.

Мушкилоти ҷойдошта, ки дар боло дарҷ гардид, натанҳо характери минтақавӣ дорад, зеро ин раванд дар натиҷаи зухуроти бухронӣ дар бозори ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ ба амал омада, аз ҷониби давлат зарурати паст намудани нархи маҳсулоти ватаниро дар асоси роҳандозии тадбирҳои зарурӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, инчунин фароҳам овардани шароит барои рақобатпазирии молҳои ватанӣ ва маҳсулоти кишоварзии аз хориҷи кишвар воридшударо ба миён меорад. Бинобар сабаби дар муддати тӯлонӣ муяссар шудан ба натиҷаҳои чунин сиёсат, самаранокии он зери шубҳа меравад. Зеро яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани таваррум, ин баланд гардидани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ, мавҷуд набудани шароити мусоид барои фароҳам овардани рақобати озод дар бозори фурӯши маҳсулот ва ҷорӣ нагардидани сиёсати ҳимоятгароии давлат ба шумор меравад.

Зимни омӯзиши адабиёти илмӣ маълум гардид, ки дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ҷиҳати таҳкими низоми таъмини самаранокии танзими давлатӣ тавсияҳои илмӣ ба сифати пешниҳоди роҳу усулҳои самарабахш дар иқтисодиёт ҳамчун воситаҳо, механизмҳо, вазифаҳо, принсипҳо барои расидан ба ҳадафҳои ягона татбиқи амалии онҳо дар низоми иқтисодӣ, ки аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатӣ таҳия, татбиқ ва истифода шаванд, ҷой дода шудаанд.

Дар низоми танзими давлатии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар шакли андешидани тадбирҳо ва роҳандозии воситаҳои танзими давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ду роҳи асосии таъсиррасонӣ ҷой дорад:

- дастгирӣ ва ҳавасмандии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- батанзимдарории давлатии механизми бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ.

Дар мавриде, ки бобати тафовути ду самти дар боло зикргардида сухан мегӯем, донистан зарур аст, ки воситаҳои дастгирии давлатии субъектҳои иқтисодиёти кишоварзӣ дар бештари мавриди тавассути роҳандозии маблағгузории буҷетӣ, дар шакли субсидияҳо бо фоизи қарзӣ, харидории захираҳои истеҳсолӣ ва дигар шаклҳои субсидия сурат мегиранд. Ин ҳам бошад, дар ҳоле чунин сурат мегирад, ки танзими давлатӣ ва назорати механизми бозори фурӯши маҳсулот дар хоҷагии қишлоқ аз санадҳои меёрии ҳуқуқии соҳа, тадбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар деҳотҷойҳо ва дар маҷмуъ аз сиёсати иқтисодӣ вобастагии зич дорад.

Чораҳои қонунӣ ва ҳатмии иҷрои онҳо дар сурати иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар баробари хусусияти таҳдиди маҳдудиятҳо дар фаъолият ва пешбинӣ шудани ҷаримаҳо бояд дорои хусусиятҳои ҳавасмандӣ низ бошад. Зеро давлат танзими иқтисодии бозориро дар ду шакл ҷорӣ месозад:

- батанзимдарории сохторӣ ва рафтор;
- батанзимдарории рафторӣ.

Дар марҳилаи якум ҷиҳати танзими бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ баҳри ба вуҷуд овардани баробарии талабот ва таклифот, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагон, бартарафсозии таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ истифода мешаванд. Роҳандозии чунин тадбирҳо метавонанд дар ҷорӣ намудани маҳдудияти содирот ва воридоти барои номгӯи алоҳидаи маҳсулотҳои кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонида афзалиятҳои иқтисодиёти миллиро дар бар гиранд.

Дар марҳилаи дуюм бошад баҳри танзими фаъолияти иштирокчиёни бозори фурӯши маҳсулот бо мақсади фароҳамсозии шароити муносиб ҷиҳати ба вуҷуд овардани фазои мусоиди рақобати озод ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ рафтори субъектҳои бозор ба танзим дароварда шавад.

Зимни истифодаи усулҳои номбаршуда маҷмуи тадбирҳо ва воситаи танзими давлатии фаъолияти хоҷагиҳо бо тариқи шартан ҳатмӣ мавриди назорати ҷиддӣ қарор дода шуда, ҷиҳати таъмини ҳамкории самараноки субъектҳои фаъолияти хоҷагидор бо ҳокимияти давлатӣ ва дар ин замина баҳри итоат ва иҷрои босифати уҳдадориҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Гузашта аз ин, бояд дар хотир дошт, ки дар маҷмуъ тадбирҳо ва воситаҳои танзими давлатии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзиро, ки бо мақсади таъсиррасонӣ ба объекти танзимшаванда равона мегарданд, метавон ба танзимгарони мустақим ва ғайримустақим аз ҳамдигар ҷудо кард. Дар ин ҷо, ба сифати танзимгарони мустақим чораҳо ва воситаҳое баромад мекунанд, ки рафтори тамоми субъектҳои хоҷагидорро зери назорати қатъӣ қарор дода тавонанд. Барои мисол гуфта мегузарем, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи қонунгузории соҳавӣ, фармонҳо, қарорҳо ва дигар талаботи расмиёти коргузорӣ, ки аз ҷониби мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба амал бароварда мешаванд.

Ҷиҳати тафсири бештари танзимгарони ғайримустақим маҷмуи тадбирҳое дониста мешаванд, ки ба тағйирёбии амалиётҳои таъсиррасонӣ иҷозат медиҳанд ва дар ин раванд аз воситаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти объекти танзимкунанда истифода мебаранд, ки ба ноил шудани манфиатҳои моддӣ, маънавӣ ва ғайра оварда мерасонанд.

Воситаҳои таъсиррасон дар тадбирҳои пешгирифтаи танзимгарони ғайримустақим бошад, меъёрҳои андозбандии истеҳсолкунандагон, боҷҳои гумрукӣ, тарифҳо, фоизҳо аз рӯйи қарзҳои истифодашуда, меъёрҳои хурдашавии воситаҳои асосии истеҳсолот шомил мешаванд. Дар ин баробар бояд илова намуд, ки дар ин шакли ба танзимдарорӣ ҷубронпулӣ барои шароити зараровар ва вазнини меҳнат, мукофотпулӣ ва ғайраҳо ба инобат гирифта мешавад.

Дар бештари маврид тасниф намудани усулҳо ва воситаҳои танзими давлатии иқтисодиёти кишоварзӣ бо дарназардошти гурӯҳбандии тадбирҳои маъмурию иқтисодии батанзимдарорӣ истифода шуда, дар ин ҳолат тадбирҳои маъмуриро бо тадбирҳои бевоситаи батанзимдарорӣ ва иқтисодиро бо тадбирҳои бавоситаи батанзимдарорӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Зимни таҳқиқи таҷрибаи амалии татбиқи тадбирҳои танзими давлатии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ маълум гардид, ки тавассути танзими маъмурӣ ва иқтисодӣ аз маҷмуи фишангҳо фишангҳое корбарӣ мешаванд, ки онҳо дар алоҳидагӣ қобилияти ба объекти танзимшаванда ба таври мустақим ё ғайримустақим таъсир расонда метавонанд. Аз ин лиҳоз, мутобиқи талаботи танзими маъмурӣ усулҳои ҳавасмандии иқтисодии маблағгузорӣ, аз қабилӣ дотатсияҳо, субсидияҳо, фармоиши ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва ғайра ба кор бурда мешаванд. Ҳамзамон, воситаҳои батанзимдарории маъмурӣ, тавассути меъёрҳо, боҷҳо, стандартҳо, квотаҳо ва ғайра қодирияти ба объектҳои танзимшаванда ба таври ғайримустақим таъсиррасон шуда метавонанд.

Истифодабарии воситаҳои танзими давлатӣ дар алоқамандии мутақобилаи амалияи воқеии фаъолияти хоҷагидорӣ ба кор бурда мешаванд ва ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ доираи муайяни таъсиррасонӣ, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатиро дар бар мегиранд. Аз ин сабаб, ҳангоми таҳияи стратегияи танзими давлатӣ зарур аст, ки муносибатҳои мутақобилаи тадбирҳо ба инобат гирифта шуда, дорои хусусиятҳои ба вуҷуд овардани низоми мукаммали батанзимдарорӣ бошад.

Бо ҳамин мазмун аз тарафи мутахассисону олимони соҳа чунин адешаҳои илмӣ низ ҷой доранд: Маҷмуи тадбирҳо ва воситаҳои танзим дар ҳамкории комплексии онҳо механизми ташкилию иқтисодии танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, ки онро ҳамчун системаи зерсохторҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳамдигар шартнок ифода кардан мумкин аст [1]. Дар ин баробар муносиб мешуморем, ки андешаҳои дигареро низ дар ин сатр ҷой диҳем: Фаъолияти мувофиқашуда ва пайвандҳои зерсистемавӣ самаранокии тамоми механизми ташкилиро муайян мекунанд. Лекин танзими самаранок наметавонад бо иҷрои дохили низом вобаста бошад. Ҳамко-рии

самараноки механизмҳои ташкилию иқтисодӣ ва объекти танзими системаи истеҳсолоти агра-рӣ, ки мутобиқшавии мутақобилаи онҳо дар шакли ташкил ва истифодаи институтҳои идоракунӣ ё институтҳои иқтисодӣ сурат мегирад, муҳим аст [2]. Чунин назари системаи танзими давлатӣ хоси равиши институтсионалӣ мебошад, ки дар асарҳои В.И. Нечаев ва А.В. Толмачёв оварда шудаанд [3].

Ба ақидаи А.П. Яковлев, методологияи баҳодихии танзими хусусиятҳои комплекси агросаноатӣ бо назардошти дараҷаи ҳосилнокии минтақаҳои алоҳида аз рӯйи иқтидори иқтисодии сектори аграрӣ бояд ба муайян кардани қисмҳои захиравӣ, биоиқлимӣ ва истеҳсолӣ асос ёбад. Методологияи пешниҳодшуда барои арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори кишоварзии минтақавӣ, ба андешаи муаллиф, бояд бо дарназардошти хусусиятҳои хоси минтақавӣ аз рӯйи самараи иқтисодии заминҳои ҳосилхез ба инобат гирифта шавад[4].

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти низоми танзими давлатии як қатор кишварҳо аз бахшҳои зерин иборат мебошанд:

- ✓ бахши ҳуқуқӣ моликият - аз низоми ҳамоҳангии қоида, меъёр, урфу одат иборат буда, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, субъект ва объекти онҳоро муайян месозад. Бахши мазкур муносибати субъект ва объекти фаъолияти хоҷагидориро дар раванди ба амал баровардани муносибатҳои иқтисодӣ ба танзим медарорад;
- ✓ бахши ҳуқуқии идоракунии иқтисодиёт-бахши мазкурро як гурӯҳи алоҳидаи назорати меъёрҳои ҳуқуқӣ зери идораи худ қарор дода, танзими муносибатҳои иқтисодии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, интиқол, шабакаҳои тақсимот, истеъмоли маҳсулот ва хидматрасониҳоро ба уҳда мегирад;
- ✓ бахши ташкили идоракунии макроиқтисодӣ-ба низом даровардани захираи кадрии соҳа, тақсимоти вазифаҳо, ваколатҳои мақомоти идоракунӣ ва шаклҳои фаъолиятро бахши мазкур бо усулҳои махсус ба амал мебарорад. Объектҳои иқтисодӣ, равандҳо, бо ташкилотҳо ба роҳ мондани муносибатҳо дар сатҳи минтақавӣ, соҳаҳо, сохторҳои мусоидат- кунанда дар рушди соҳибкорӣ ба ин бахш дохил мешаванд.

Бахшҳои иқтисодӣ тавассути тартиб, қоидаҳои ҷорӣ, меъёрҳои расмии коргузорӣ ва дар ин баробар ба воситаи бахшҳои ғайрирасмӣ, ки амалишавии онҳо ба самтҳои мушаххас, ки муносибатҳои хоси касбиро дар ҷомеа талаб менамоянд, амалӣ карда мешаванд.

Бахшҳои ғайрирасмӣ дар муқоиса бо чаҳорчӯбаи танзимкунанда зуд-зуд тағйирёбанда буда, устувории бештар нишон медиҳанд, зеро дар самти тадбиқи амалии талаботи муайяншуда чораҳои ҳавасмандӣ низ роҳандозӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба маврид аст, ки ҳукумати кишвар зимни роҳандозии тадбирҳои танзими давлатӣ чораҳои ҳавасмандиро низ таҷриба намуда, хусусиятҳои иқтисодии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба инобат гирифта шавад.

Дар айни замон динамикаи рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят ва дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ бо омилҳои дорои хусусиятҳои гуногуни таъсиррасони беруна баҳо дода мешавад. Дар сурати аъзои комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) будани кишвар, мебояд бо мақсади ҳалли мушкилоти воридотивазкунӣ ва дар ин баробар амнияти озуқавории мамлакат таъсиси омилҳои бозори байналмилалии фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дуруст ба инобат гирифта шавад. Аз ин нигоҳи мавқеъгирӣ, такмили низоми воридоту содирот, гузаштан ба сатҳи нави муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти тиҷорати беруна дар асоси ҳамкориҳои мутақобилаи судманд бо фароҳамсозии шароити баробарҳуқуқии байналмилалӣ, зарурати тағйироти ҷиддӣ дар фаъолияти ниҳодҳои барбутаи соҳа пеш омадааст.

Дастгирии давлатӣ ба механизми мавҷудаи иқтисодии фаъолияти кишоварзӣ таъсири калон намерасонад, яъне принсипҳои ташаккул, тақсим ва азнавтақсимкунии даромадро вайрон намекунад. Чунин дастгирӣ танҳо барои беҳтар мутобиқ кардани субъекти хоҷагии халқ ба шароити мавҷудаи такрористеҳсолкунии васеи соҳаҳо, аз ҷумла ба мубодилаи нобаробари байнисоҳавӣ (нобаробарии нарх) дар сектори аграрии иқтисодиёт ёрӣ мерасонад.

Имрӯзҳо дар бораи самтҳо ва миқёси дахолати давлат ба иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки дар тараққиёти хоҷагии халқ аҳамияти калон дорад, муҳокимаи васеи илмӣ давом дорад. Маълум аст, ки дар шароити мавҷуда норасоии маблағҳои буҷетӣ, ки барои дастгирии давлатӣ заруранд, дар назди ҳукумати кишвари мо бо мушкилоти ҷиддии истифодаи самараноки маҷрои дастраси дастгирии молиявӣ дар доираи сиёсати кишоварзӣ бо назардошти қоидаҳои СУС қарор дорад.

Нишондиҳандаи самаранокии ин самти ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ метавонад муқоисаи ҳаҷми сармоягузории буҷетӣ ба комплекси агросаноатӣ ва фоидае бошад, ки ҳамаи иштирокчиёни соҳибкории кишоварзӣ ва ҳар яки онҳо алоҳида ба даст меоранд. Тавре ки маълум аст, моҳияти категорияи самаранокии иқтисодӣ ноил шудан ба ҳадафҳои дар назди субъекти хоҷагидорӣ гузошташуда мебошад.

Дар ин роҳ аз меъёри миқдори дараҷаи таъсири дастгирии давлат ба натиҷаҳои молиявии кори субъектҳои хоҷагӣ истифода бурдан беҳтар аст.

То ҳол дар мамлакати мо усули методологии аз тарафи умум қабулшуда мавҷуд нест, ки имкон медиҳад вектори фоидаовартарини дастгирии рушд интихоб карда, барои ин ҳаҷми зарурӣ ва кофии маблағгузорӣ дуруст муайян карда шавад.

Ин омил дар тақсимоти маблағҳои буҷетӣ, ки ба ин мақсадҳо ҷудо карда мешавад, мушкилоти хеле ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Тадқиқоти таҷрибаи мавҷудаи дастгирии хоричӣ нишон дод, ки барои ин мақсад аксар вақт коэффисиентҳои махсус тартибдодашудаи стандартишуда истифода бурда мешаванд, ки самараи сиёсати аграрии дастгирии нархҳои маҳсулоти истеҳсолкунандагонро баҳо медиҳанд.

Муносибати методологии баҳодиҳии самаранокии дастгирии давлатии кишоварзӣ бо истифода аз коэффитсиентҳои мутобиқшуда ба муқоисаи нархҳои воқеии фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагон ва нархи хариди захираҳои барои истеҳсоли он зарурӣ бо сатҳи нархҳои пешбинишаванда, ки дар сурати мавҷуд набудани онҳо ба вуҷуд меоянд, иштироки давлат дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ, яъне дар шароити рақобати мукаммали бозор ва мувозинати софи он асос ёфтааст.

Ин миқдори бо муайян кардани сатҳи номиналӣ ва самараноки омили ҳифз ва омили самаранокии субсидияҳо сурат мегирад. Коэффисиенти муҳофизати номиналӣ, ки бо номи КМҲ ё NPC (коэффисиенти номиналии муҳофизат) ихтисор карда шудааст, ба таври зерин муайян карда мешавад:

$$NPC_i = P_i^d / P_i^w \qquad (1)$$

ки P_i^d / P_i^w нархҳои миллӣ (минтақавӣ) ва ҷаҳонии маҳсулоти i-ум мутаносибанд.

Дар варианте, ки NPC > 1 аст, вазъияте ба амал меояд, ки истеҳсолкунандагони кишоварзӣ субсидия мегиранд, вале харидорон маҷбур мешаванд, ки барои онҳо ҷиҳати харидории маҳсулот бо нархи баланд пул диҳанд. Чунин ҳолат метавонад танҳо дар мавриде сурат бигирад, ки андозбандии соҳаи кишоварзӣ аз ҳад зиёд аст. Дар варианти сеюм, вақте ки NPC = 1, сиёсати дастгирии давлатӣ бетараф мешавад.

Ҳар қадаре ки NPC дар ин ё он самт аз воҳид фарқ кунад, сиёсати ҳукумат ба нархи бозор барои ҳар як маҳсулоти мушаххас ҳамон қадар таъсир мерасонад. Варианти миёнавазни нишондиҳандаҳои инфиродии NPC сатҳи омилҳои ҳифзи танзими тамоми истеҳсолоти кишоварзиро таъмин менамояд. Ҳангоми муайян кардани сатҳҳои оптималии иштироки давлат дар иқтисодиёти кишоварзӣ, ба ғайр аз коэффисиентҳои муҳофизати номиналӣ, коэффисиенти ҳифзи самараноки истеҳсолкунандагон, ки бо мухтасари EPC ё EPC (коэффисиенти ҳифзи самаранок) истифода мешавад.

EPC ҳамчун таносуби арзиши иловашуда, ки дар натиҷаи истеҳсол ва коркарди маҳсулот ба вуҷуд меояд, бо нархҳои дохилӣ ба арзиши иловашуда, ки дар сатҳи нархҳои ҷаҳонии ин маҳсулот муқаррар карда мешавад, муайян мегардад. Фарқи байни нишондиҳандаҳои EPC ва NPC дар он аст, ки якум таъсири иштироки давлатро ба нархи маҳсулоти тайёр ва нархи ашёи хоми харидашударо дар як вақт арзёбӣ мекунад.

Дар амал омили самараноки муҳофизатро аз рӯйи таносуб ҳисоб кардан мумкин аст.

$$EPC_i = \frac{P_i^d - \sum_j^k = 1 a_{ij} P_j^d}{P_i^w - \sum_j^k = 1 a_{ij} P_j^w}, \qquad (2)$$

ки дар он ***aij*** арзиши як воҳиди захира дар ҳисобу китоби воҳиди маҳсулот мебошад.

Мутаносибан сатҳи нархҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба захираи j тибқи вариант, истеҳсолкунандагон аз истифодаи захираҳои дохилӣ нисбат ба варианти иштирок накардани давлат самараи бештар мегиранд, дар ҳоле ки истеҳсолкунандагон дар натиҷаи дахолати ҳукумат як қисми фоидаи худро аз даст медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Кирсанова, О.В. Совершенствование организационно-экономического механизма господдержки страхования в сельском хозяйстве/О.В. Кирсанова// Экономика с.-х. и перераб. предприятий.-2012.-№1.-С. 43-45.
2. Нечаев, В. И. Организация и управление сельскохозяйственным производством / В.И. Нечаев, Ю.И. Бершицкий// - М.: Колос, 2012. - 428 с.
3. Толмачёв А.В. Государственное регулирование развития малого аграрного хозяйствования / А.В. Толмачёв, А.А. Тубалец, И.А. Папахчян//Национальный доклад «О ходе и результатах реализации в 2016 году Государственной программы развития сельского хозяйства и регулирования рынков с.-х. продукции, сырья и продовольствия на 2013-2020 годы».- М: Росинформагротех, 2017. -208 с. Краснодар: Куб ГАУ, 2016. - 160 с.
4. Яковлев, А.П. Региональная аграрная политика: предпосылки, принципы и механизмы формирования: дис…канд. экон. наук:08.05.00 /Яковлев Антон Павлович. - Ростов н/Д, 2002, - 185 с
5. Одинаев Ш. Т., Суфиев А.Ҷ. Гузоришҳоои академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои ҷаъмиятшиносӣ.- 2021, -№3, -С. 178-184.

АННОТАЦИЯ
ОСОБЕННОСТИ И МЕТОДОЛОГИЯ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

В данной статье рассматриваются вопросы характера и методологии оценки эффективности государственного регулирования сельскохозяйственного производства. Отмечается, что, в силу своих специфических особенностей, производство сельскохозяйственной продукции не имеет саморегулирующейся системы, эти особенности деятельности сельскохозяйственного производства, для формирования продовольственного рынка, требуют создания и реализации форм и механизмов государственного регулирования в сфере сельского хозяйства. Что касается методической оценки эффективности государственной сельскохозяйственной поддержки, то отмечается, что с помощью адаптированных коэффициентов сравнивались фактические цены реализации сельскохозяйственной продукции и закупочные цены ресурсов, необходимых для ее производства, с прогнозируемым уровнем цен, и для обеспечения их сбалансированности, было признано необходимым участие государства.

Ключевые слова: *государственное регулирование, методология, сельскохозяйственное производство, продовольственный рынок, коэффициент, цена, ресурс, эффективность, механизм.*

ANNOTATION
FEATURES AND METHODOLOGY OF ASSESSING THE EFFICIENCY OF STATE REGULATION OF AGRICULTURAL PRODUCTION

This article examines the issues of the nature and methodology of assessing the effectiveness of state regulation of agricultural production, it is noted that due to its specific features, the production of agricultural products does not have a self-regulating system, these features of agricultural production for the formation of the food market require the creation and implementation of forms and mechanisms of state regulation in the field of agriculture. As for the methodological assessment of the effectiveness of state agricultural support, it is noted that with the help of adapted coefficients, actual selling prices of agricultural products and purchase prices of resources necessary for its production were compared with the projected price level and to ensure their balance, state participation was recognized as necessary.

Key words: *government regulation, methodology, agricultural production, food market, coefficient, price, resource, efficiency, mechanism.*

Сведения об авторе:
Суфиев Алишер Джамаевич-соискатель Института экономики и системного развития сельского хозяйства ТАСХН. 734049, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хаёти Нав-306, тел: +(992)988887708.

Information about the author:
Sufiev Alisher Dzhamaevich - applicant at the Institute of Economics and Systemic Development of Agriculture, TAAS. 734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Hayoti Nav-306, tel: +(992)988887708.

УДК: 332.122.

РАЗВИТИЕ «ЗЕЛЕНОГО» ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ: АНАЛИЗ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Саменбетова Д.С.-Омская гуманитарная академия

Ключевые слова: *рынок органической продукции, сельское хозяйство, агробизнес, зеленая экономика, государственное регулирование, региональная экономика.*

Реальные возможности Таджикистана для перехода к «зеленой экономике» определяются, прежде всего, его природными ресурсами. На территории страны находится больше половины водных ресурсов Центральной Азии. Земельные ресурсы, включая важные участки неиспользованных земель в долинах и предгорьях, пригодные для производства сельскохозяйственной продукции, а также природно-климатические условия являются одними из благоприятных факторов для развития сельского хозяйства и производства экологически чистой сельскохозяйственной продукции.

Таджикистан имеет природные условия для развития туризма и агротуризма: большой поток туристов в последние годы, разветвленная национальная транспортно-коммуникационная система, большое количество дехканских хозяйства, имеющих вековую историю традиционного ведения сельского хозяйства.

Таджикистан является одной из стран Центральной Азии, где сельское хозяйство играет важную роль в экономике и обеспечении продовольственной безопасности. АПК занимает второе место в номинальном ВВП страны (табл.1).

Таблица 1 - Номинальный ВВП по отраслям происхождения в 2021-2023, млн. сомони

Отрасль	Годы					
	2021		2022		2023	
	Чистый продукт	Доля	Чистый продукт	Доля	Чистый продукт	Доля
Промышленность	24139,0	23,8	27762,0	23,5	21143,0	16,2

Сельское хозяйство	22690,7	22,4	27104,8	22,9	31769,7	24,3
Строительство	11417,3	11,3	13250,1	11,2	10313,2	7,9
Торговля	13361,8	13,2	16102,8	13,6	19467,1	14,9
Транспорт и связь	5208,6	5,3	6023,5	5,1	11994,2	9,1
Материально-техническое снабжение	-	-	-	-	-	-
Заготовки	-	-	-	-	-	-
Другие отрасли материального производства	-	-	-	-	-	-
Рыночные и нерыночные услуги	14562,4	14,4	17251,1	14,6	22948,1	17,5
Косвенные налоги	9696,5	9,6	10687,4	9,1	13156,1	10,1
ВВП	101076,3	100,0	118181,7	100,0	130791,5	100,0

Источник: ***агентство по статистике при Президенте Республике Таджикистан*** www.stat.tj

В соответствии с данными агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, основными культурами, выращиваемыми в Таджикистане, считают пшеницу, ячмень, овес, рис, кукурузу, хлопок, табак, фрукты и овощи (табл. 2).

Таблица 2 - Распределение сельскохозяйственных угодий в 2021-2022 гг.

	Годы						
	2021			**2022**			
	Всего	**Общест. сектор**	**Дехкан. хоз-ва.**	**Всего**	**Общест. сектор**	**Хоз-ва. насел.**	**Дехкан. хоз.**
Всего культур	861692	123981	170495	859768	143432	545639	170697
в том числе:							
Орошаемые земли	230495	28535	54940	230538	31360	144654	54524
Озимые культуры	206505	25311	49134	208531	28245	131608	48678
в том числе:							
Озимая пшеница							
Рожь	20	1	0	247	4	13	231
Ячмень	23969	3224	5806	21760	3111	13033	5616
Весенние культуры	163868	24557	31902	159498	30818	98064	30616
в том числе:							
Пшеница	68291	10138	12527	62536	12090	39350	11097
Ячмень	45960	7574	5582	46402	9354	32302	4746
Кукуруза	17635	1667	5792	17870	1876	10420	5575
Рис	12733	3849	1663	12891	4625	5991	2275
Овес	1859	455	2	1944	254	1643	48
Прочие зерновые и бобовые	17390	874	6336	17855	2620	8359	6876
Хлопок	173770	38004	0	181542	41245	140297	0
Лен	13960	1703	2533	13435	2440	8713	2283
Табак	63	3	30	52	0	20	32
Картофель	57204	5808	24056	56092	7182	24976	23934
Овощи	71240	3667	30971	69992	3711	34763	31517
Корма	113944	18378	21510	115135	23233	69394	22507
Дыни и тыквы	22595	1759	3180	22595	1759	17657	3180
Прочие промышленные культуры	14554	1568	1374	10890	1683	7102	2104

Источник: ***агентство по статистике при Президенте РТ www.stat.tj***

Несмотря на ограниченность природных ресурсов и подверженность климатическим угрозам, рост сельскохозяйственной отрасли с 2010-2019 год составил, в среднем, на 6,4 процента, на 8,8 и 6,6 процента в 2020 и 2021 годах, соответственно. Рост сельскохозяйственной отрасли, в основном, обусловлен продвижением земельных реформ, ускорением диверсификации производства и, в некоторой степени, увеличением производительности продукции растениеводства и животноводства. По данным официальной статистики, в сельском хозяйстве в 2020 году, занятость составляла 61 процент, от всей занятости в экономике, при 21 проценте добавленной стоимости. Рост занятости в данном секторе является прямым результатом формирования индивидуальных дехканских хозяйств в рамках земельной реформы. Количество дехканских хозяйств выросло с 51 до 172 тысяч, в период 2010 - 2021 годов [1].

Таджикистан обладает огромными земельными угодьями, однако фермеры возделывают землю традиционным способом, т.е. применение синтетических удобрений и ядохимикатов отсутствует. Данный аспект предполагает огромный приоритет у страны СНГ. Ограниченные финансовые возможности таджикских сельхозтоваропроизводителей не позволяют избыточного применения минеральных удобрений, средств химической защиты растений, тем самым создав естественный благоприятный фон для органического сельского хозяйства. В розничной торговле продуктами питания в столице Душанбе прослеживается явное давление зарубежного продовольствия, формирование органического сельского хозяйства без соответствующей переработки, упаковки, транспортной логистики, хранения и реализации, что не гарантирует качества продовольствия даже при органическом исходном сырье. В последние годы, Таджикистан активно реализует различные проекты, связанные с сельским хозяйством, развитие социального регулирования в бизне-

се (СРБ) и создание саморегулируемых организаций (СРО). Эти инициативы нацелены на оптимизацию аграрного сектора, улучшение условий труда для фермеров и повышение качества продукции, а также на внедрение устойчивых практик в рамках управления ресурсами и ведения сельского хозяйства. Таким образом, развитие органического рынка продукции становится актуальными вопросом в рамках устойчивого развития региона.

В Таджикистане «Центр Развития Органических Продукций» Сугдагросерв Органик (ЦРОП САС Органик) в 2002 году стал первым инициатором органического земледелия. ОАО «САС Органик» был создан при содействии проекта «Партнёрство для развития частного предпринимательства» Международной Финансовой Корпорации и Швейцарского государственного секретариата по экономическим вопросам. ОАО «САС Органик» был создан в 2002г. при содействии проекта «Партнёрство для развития частного предпринимательства» Международной Финансовой Корпорации и Швейцарского государственного секретариата по экономическим вопросам. Внедрение органического земледелия началось в Согдийской области с заготовок биохлопка.

Главной целью САС Органик было внесение изменений в систему сельскохозяйственного органического производства Таджикистана, и в первую очередь - в хлопковом секторе страны. Позже, в 2009 году САС Органик уже сотрудничал с 39 фермерами, из которых 4 фермера стали биофермерами в первый год проекта, охват общей ирригационной площади составил 69,9 га земли. Реализация проекта выполнялась в сотрудничестве с ПК «Био-Кишоварз» в 6 регионах Согдийской области [3, с.200]. В 2014 году количество био-фермеров достигло 1177 на 3666,4 га – органических землях, из них под хлопок было отведено 1669,3 га, пшеницу – 413,5 га, маш – 13,8 га, другие сельхозкультуры – 1567,5 га [6, с.77].

Основным законом, регулирующим органическое земледелие является закон Республики Таджикистан от 22 июля 2013 года № 1001 «О биологическом хозяйствовании и производстве». В соответствии с законом, дается определение экологической продукции [5]. В национальных законодательствах отсутствуют положения по регулированию импорта и экспорта. Деятельность иностранных органов сертификации, ведущих свою деятельность в данных странах, не регулируется, в результате чего отсутствует точная статистическая информация по сертифицированным ими органическим продуктам. Национальных сертифицирующих органов в республике нет, есть только иностранные – IMOControl, KIVA, Bioinspect.

Важным моментом организации органического сельского хозяйства выступают законодательные аспекты, в т.ч. сертификация. Отсутствие собственных соответствующих сертификационных органов и стандартов тормозит процесс успешного внедрения органического сельского хозяйства. В настоящее время, в Таджикистане отсутствует единая и полноценная система сертификации органической продукции, что создает препятствия для развития органического сельского хозяйства и доступа к международным рынкам.

Отсутствие реестра производителей органической продукции представляет собой значимую преграду для развития органического рынка в любой стране, включая Таджикистан. Реестр органических производителей обеспечивает прозрачность, доверие и качество на всех уровнях цепочки поставок. Без реестра неясно, какие производители могут предлагать органическую продукцию, что приводит к отсутствию информации о местных производителях. Это ограничивает возможности для сбыта, и маленькие производители не могут получить доступ к более крупным рынкам. Для выхода на международные рынки органической продукции, наличие реестра является обязательным требованием в большинстве стран. Отсутствие официальных документов и сертификаций может поставить под угрозу экспортные возможности, и доходы местных производителей.

В законе Республики Таджикистан «О биологическом хозяйствовании и производстве» №1592 от 4.04.2019г., а также в других нормативно-правовых актах не прописаны условия создания дополнительных стандартов либо ГОСТов, по которым бы можно было утверждать является ли продукция экологически чистой, либо нет. Также, в законе не рассмотрен вопрос о сертификации. Одной из главных проблем является отсутствие аккредитованных органов сертификации, которые могут проводить аудиты и выдавать сертификаты органической продукции, в соответствии с международными стандартами. Не описан механизм получения сертификата. Это создает неопределенность и недоверие у потребителей и покупателей, которые требуют достоверности и качества органической продукции [5]. Следующим мероприятием в вопросе развития органической продукции является совершенствование закона Республики Таджикистан «О биологическом хозяйствовании и производстве», который был принят в 2019 году.

Экспорт органической продукции из Таджикистана, в последние годы претерпевает значительный рост. Органический хлопок, арахис и абрикосы выгодно экспортируются из Таджикистана на международные рынки. Основные страны-партнеры, которые импортируют органическую продукцию из Таджикистана, включают в себя: Россию, Казахстан, Узбекистан, Турцию, Герма-

нию, Францию, Италию и другие европейские страны, а также Китай. Экспорт органической продукции стабильно растет и представляет собой важную составляющую экономики Таджикистана.

В заключение необходимо отметить отдельно вопрос государственной поддержки органического сельского хозяйства в Таджикистане. Как было обозначено ранее, одной из главных проблем в развитии экологического сельского хозяйства является совершенствование как законодательной базы, так и самих институтов, регулирующих бизнес-процессы, институциональные факторы развития экологического сельского хозяйства. Разработка стандартов для экологически чистых продуктов – одна из первостепенных задач в реализации основ экологического сельского хозяйства в рамках устойчивого развития «зеленого» предпринимательства. Государство должно разработать законодательные акты, позволяющие создать реестр производителей органической продукции. Эти акты должны регламентировать процесс сертификации, обязательные стандарты и условия для получения статуса органического производителя.

В Таджикистане, недостаточно развиты механизмы контроля и надзора за производством и продажей органической продукции. Необходима полная технологическая цепочка экологически чистого производства, от органического сельского хозяйства до переработки и упаковки органической продукции. Сбыт органической продукции должен осуществляться внутри страны, но ввиду больших затрат дехканским хозяйствам проще продавать органическую продукцию на экспорт, чем развивать сбытовой рынок готовой органической продукции. Отсутствие реестра производителей органической продукции является серьезной преградой для формирования динамичного и устойчивого органического рынка.

Государственная поддержка в создании правильной нормативно-правовой базы, систем сертификации и финансирования может значительно улучшить ситуацию и способствовать развитию не только органического сектора, но и аграрного рынка в целом, повышая доходы фермеров и обеспечивая безопасность продуктов питания для потребителей. В дальнейшем, наличие развитой инфраструктуры перерабатывающих предприятий, во многом, стабилизирует экологическую ситуацию и проблемы села. Таджикистан может вернуть себе нишу натуральных невосстановленных соков из абрикосов, персиков, айвы, яблок, граната, винограда, томата на экспорт, развивая масштабы производства Худжандского консервного комбината.

Выделение средств для субсидирования небольших фермеров на обучение, сертификацию и внедрение органических методов производства является ключевым аспектом. Это позволит маленьким производителям участвовать в органическом рынке без значительных финансовых затрат. Необходимо обратить внимание на привлечение инвестиций как государственных, так и общественных, и частных организаций для обеспечения экологического роста сельского хозяйства. Создание национальных таджикских брендов продуктов питания, одновременно выполняющих условия к органической продукции и требований к халяльной продукции по мусульманским канонам, позволит повысить экспортный потенциал. Большинство фермеров имеют небольшие масштабы и плохо интегрированы в агропродовольственные цепочки создания стоимости. Секторы переработки продуктов питания и поставок ресурсов, также небольшие и фрагментированные.

Таким образом, анализируя опыт ведения и проблемы при ведении «зеленого» предпринимательства в зарубежных странах, можно перенять опыт успешной организации органического сельского хозяйства для конкретной страны.

Если государство заинтересовано в реализации экспорта органической продукции, оно должно компенсировать часть расходов на логистику, затраты на получение сертификата, на маркетинг и продвижение национальной органической продукции, возможно при этом снизить налоговые платежи. Для того, чтобы государство выделяло финансовую поддержку производителям органических продуктов, необходимо закрепить законодательно как будет осуществляться государственная поддержка в рамках устойчивого развития органического сельского хозяйства.

ЛИТЕРАТУРА

1. Агентство по статистики при Президенте РТ www.stat.tj.
2. Бабаджанов Д.Д. Влияние изменения климата на аграрный сектор Согдийской области: / Изменение климата и его влияние на развитие экономики и социальное общества стран // «Дабир» г. Худжанд – 2024. – С.19-24.
3. Вазиров А.К. Госрегулирование экологической безопасности сельского хозяйства как основа устойчивого развития горного региона // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. - № 4. – С.119-205.
4. Гафуров Х. и др. Новая система ведения сельского хозяйства в аспекте «Таджикской модели развития» (1-2 вариант). - Душанбе, 2006.
5. Закон Республики Таджикистан от 22 июля 2013 года, № 1001 «О биологическом хозяйствовании и производстве».
6. Курбонов Э.Т. Становление рыночных механизмов развития земельных отношений в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 73-78.
7. Мухаббатов Х.М., Кимсанов У.О. Рациональное использование водных и энергетических ресурсов - основа развития "зеленой экономики" в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе, 2021. - № 2 (36). - С.196-201

8. Одинаев Х.А. Устойчивое сельское хозяйство и перспективы сохранения агроэкосистем // Актуальные проблемы формирования информационного общества в Республике Таджикистан: состояние и перспективы развития/Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 15 мая 2018 г.). - Душанбе, 2018. - С. 221-223.
9. Пириев Дж.С. Теоретические основы региональной организации производства и кластерной политики // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2019. - № 5. - С.66-72.
10. Шокиров Р.С., Махмудов М.К. Рынок экологически чистой продукции: современная интерпретация и особенности становления в Таджикистане // Вестник ТГУПБП. – Худжанд, 2018. - №3.

АННОТАТСИЯ
РУШДИ СОҲИБКОРИИ САБЗ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛ, ПРОБЛЕМАҲО ВА ДУРНАМО

Дар мақолаи мазкур иқтидори кишоварзии органикӣ ҳамчун унсури калидӣ дар рушди соҳибкории сабз дар Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Кишваре, ки дорои захираҳои ғании табиӣ, минтақаҳои гуногуни иқлимӣ ва анъанаҳои неки кишоварзӣ мебошад, барои ташаккули бозори рақобатпазири маҳсулоти органикӣ тамоми имкониятҳоро дорад. Кишоварзии органикӣ на танҳо як роҳи баланд бардоштани устувории системаҳои кишоварзӣ, балки воситаи муҳими амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ мебошад. Дар мақола вазъи кунунии соҳаи кишоварзӣ, имкониятҳои сертификатсия ва дастрасии деҳқонони тоҷик ба бозорҳои байналмилалии маҳсулоти органикӣ таҳлил карда шудааст.Ба нақши давлат дар ҳавасмандгардонии истеҳсолоти органикӣ тавассути ҷорӣ намудани ташаббусҳои қонунгузорӣ, дастгирии барномаҳои таълимӣ ва рушди инфрасохтор таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Намунаҳои ташаббусҳои муваффақиятноки маҳаллӣ дида баромада мешаванд, ки аллакай натичаҳои мусбат дода, на танҳо ба пешрафти иқтисодӣ, балки ба адолати иҷтимоӣ низ мусоидат мекунанд. Дар натиҷа, дар мақола таъкид шудааст, ки кишоварзии органикӣ дар Тоҷикистон метавонад як муҳаррики муҳим барои табдил додани соҳаи кишоварзӣ ба як соҳаи устувортар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, ҳамгироии таҷрибаи пешқадам ва таъмини муҳити солим барои наслҳои оянда гардад.

Калимаҳои асосӣ: *бозори маҳсулоти органикӣ, кишоварзӣ, агробизнес, иқтисодиёти сабз, танзими давлатӣ, иқтисоди минтақавӣ.*

ANNOTATION
DEVELOPMENT OF GREEN ENTREPRENEURSHIP IN TAJIKISTAN: ANALYSIS, PROBLEMS AND PROSPECTS

This article examines the potential of organic agriculture as a key element in the development of green entrepreneurship in Tajikistan. The country, possessing rich natural resources, a variety of climatic zones and traditional agricultural practices, has every opportunity to form a competitive market for organic products. Organic agriculture is not only a way to improve the sustainability of agricultural systems, but also an important tool for food security and biodiversity conservation. The article was analyzed the current state of the agricultural sector, the possibilities of certification and access of Tajik farmers to international markets for organic products. Particular attention is paid to the role of the state in stimulating organic production through the introduction of legislative initiatives, support of educational programs and infrastructure development. Examples of successful local initiatives are examined that are already showing positive results, contributing not only to economic growth, but also to social justice. In conclusion, the article highlights that organic agriculture in Tajikistan can become an important driver for transforming the agricultural sector into a more sustainable and environmentally friendly industry, integrating good practices and ensuring a healthy environment for future generations.

Key words: *organic product market, agriculture, agribusiness, green economy, government regulation, regional economy.*

Сведение об авторе:
Саменбетова Дилара Сергалиевна-соискатель кафедры экономики и управления персонала Омской гуманитарной академии, тел:+77025165721, dsamenbetova@arcada.kz.

Information about the author:
Samenbetova Dilara Sergalievna- applicant of the Department of Economics and Personnel Management, Omsk Humanitarian Academy, pfone: +77025165721, dsamenbetova@arcada.kz.

ТДУ:

УСУЛҲОИ ТАНЗИМ ВА ИДОРАКУНИИ ХАТАРҲО ДАР ТАШКИЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД

Исоев А.Ш.[1], Убайдуллоев Ф.К.[2]-[1]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, [2]Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиТоҷикистон

Калимаҳои асосӣ: *хатар, идоракунӣ, методология, ташкилотҳои маблаҳгузории хурд, омил, раванди идоракунӣ, номуайянӣ, субъети идоракунӣ, объекти идоракунӣ.*

Дар муҳити босуръат тағйирёбандаи иқтисодӣ, идоракунии хавфҳо унсури ҷудонашавандаи рушди ташкилотҳои маблаҳгузории хурд мегардад. Он на танҳо имкон медиҳад, ки талафот кам

карда шавад, балки сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд бардошта шуда, эътимоди муштариён ва шариконро таҳвият диҳад. Ғайр аз хавфҳои анъанавии қарзӣ ва пардохтпазир, ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд ба дигар намудҳои хавфҳое, ки метавонанд ба фаъолияти онҳо таъсири манфӣ расонанд, диққат диҳанд. Муносибати системавӣ ба идоракунии хавфҳо, ки ба фаҳмиши амиқи ҷузъҳои он асос ёфтааст (расми 1), ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳо дар бозори маблағгузории хурд мусоидат мекунад.

Расми 1. Унсурҳои низоми идоракунии хатарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд.
Манбаъ: Маълумоти таҳиянамудаи муаллифон.

Гарчанде ки мо ба алоқамандии хавф бо натиҷаҳои манфӣ одат кардаем, дарк кардан муҳим аст, ки хавф инчунин метавонад бо номуайянӣ дар бораи ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ алоқаманд бошад. Ҳар гуна дуршавӣ аз сенарияи пешбинишуда, ҳам мусбат ва ҳам манфӣ, метавонад унсури хавфро дар бар гирад.Ягон навъи миёнаравии молиявӣ ё шарикии молиявӣ аз хавфу хатар истисно будан наметавонад [12].

Ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ), ба монанди дигар корхонаҳо, ба намудҳои гуногуни хавфҳо дучор мешаванд. Аммо, хусусияти фаъолияти онҳо боиси пайдоиши як қатор хавфҳои хос мегардад, ба монанди хавфҳои қарзӣ, ки бо баргардонидани қарзҳо алоқаманданд ва хавфҳои асъорӣ, ки аз тағйирёбии қурби асъор ба вуҷуд омадаанд. Илова бар ин, ТМХ ба омилҳои беруна, ба монанди тағйирот дар қонунгузорӣ ва вазъи макроиқтисодӣ таъсир мерасонад. Пайдоиши доимии хатарҳои нав, ки аз рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ТМХ чандирӣ ва мутобиқшавиро талаб мекунад.

Ҳудуди байни намудҳои гуногуни хавфҳо дар соҳаи маблағгузории хурд норавшан аст. Хавфҳо бо ҳам алоқаманданд ва тағйир додани яке метавонад тағйиротро дар дигарон ба вуҷуд орад. Рӯйхати хатарҳо, ки аз ҷониби коршиносон ва танзимгарон таҳия карда мешаванд, пайваста васеъ карда мешавад. Ба маънои васеъ, хавф барои ташкилоти маблағгузории хурд ҳама гуна таҳдид ба суботи молиявӣ, даромаднокӣ ё қобилияти иҷрои рисолати иҷтимоии он мебошад. Барои самаранок идора кардани хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, бояд табиат ва таснифи онҳоро амиқ дарк кард. Дар ибтидо ТМХ ба хавфҳои қарзӣ, ки бо баргардонидани қарзҳо алоқаманд буданд, диққати асосӣ медоданд. Аммо, бо афзоиши талабот ба қарзҳо, хавфи пардохтпазирӣ бо таъмини маблағи кофӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои қарзии муштариён ба мадди аввал баромад. Оҳиста-оҳиста доираи манфиатҳои ТМХ васеъ шуд ва онҳо ба доираи васеи хавфҳо диққат доданд, ки ба рушди муносибати системавӣ ба идоракунии хавфҳо мусоидат кард.

Ба ҳамин монанд се намуди хатарро аз он ҷумла хатари қарзӣ, хатари амалиётӣ, хатари бозорӣ дар таснифоте, ки аз ҷониби Комитети Базелӣ дар масъалаи назорати бонкӣ ва ҳуҷҷатҳо бахшида ба усули танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод намудааст, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Муаллифони дигар чор категорияи асосии ба хатарҳои тиҷоратии бонкӣ шабеҳро: қарзӣ, амалиётӣ, бозорӣ ва стратегиро пешниҳод мекунанд [9].

Воқеан манбаи асосии пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби ТМХ ин аз ҳисоби сармояи худӣ ва маблағҳои ҷалбнамудаи муштариён мебошад. Ҳамаи ин боиси пайдо намудани механизми нави идоракунӣ ва роҳҳои паст намудани хатарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд мегардад.Дар фаъолияти ТМХ механизми идоракунии хавфҳои қарзиро ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

- дар ташкилотҳои маблағгузории хавфҳои қарзии инфиродии хурд – шакли якуми хавф ба қарзгирандаи инфиродӣ вобастагӣ дорад ва аз худсарона даст кашидани муштарӣ аз пардохти қарз, муфлисшавии тиҷорат ва ғайра мутааллиқ аст;
- хавфи портфелӣ - ба омиле алоқаманд, ки зарару зиёнҳоро ба якхели сандуқи қарзҳо бар таъсири сабабҳои беруна асоснок мекунад.

Талафоти эҳтимолии хавфи қарзиро аз рӯйи таносуби қарзҳои додашуда ва муҳлаташ гузашта ҳисоб кардан мумкин аст. Ин нишондиҳанда нишон медиҳад, ки кадом ҳиссаи порт-фелро

қарзҳои мушкилии аз 30 то 90 рӯз ба таъхир гузошташуда ташкил медиҳанд.Қарзи беси-фат, яъне қарзҳое, ки ба қарибӣ баргардонида намешаванд, хатари ҷиддитарин барои ташкило-ти маблағгузории хурд мебошанд. Меъёри пардохт, ки ҳиссаи қарзҳои воқеан баргардони-дашударо аз маблағи додашуда нишон медиҳад, аз қобилияти пардохти қарзгирандагон вобаста аст. Пешпардохти қарзҳо одатан ба сатҳи қарзӣ дер таъсир намерасонад.

Ин нишондиҳандаҳо дар арзёбии хавфи қарзӣ нақши калидӣ доранд ва имкон медиҳанд, ки талафоти ояндаро пешгӯӣ ва муҳлати баргардонидани қарзҳо арзёбӣ, инчунин самаранокии сиёсати қарзӣ таҳлил карда шавад.Аммо, ба ғайр аз омилҳои беруна, омилҳои дохилӣ низ ба идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсири назаррас мерасонанд.

Ноуҳдабароии ташкилоти маблағгузории хурд барои назорат кардани омилҳои дохилии овардашуда метавонад ба як қатор рӯйдодҳои манфӣ оварда расонад: афзоиши қарзҳои батаъхирафтода, коҳиши муштариён, кам шудани даромад ва дар натиҷа, зарурати ҷалби захираҳои иловагӣ барои пӯшонидани талафот. Барои самаранок идора кардани хавфҳои қарзӣ, ТМХ бояд на танҳо стратегияи қарздиҳиро таҳия ва татбиқ кунад, балки ба ҷомеа дар бораи фаъолияти худ фаъолона маълумот диҳад. Дар ин ҳолат, бояд ба сегментатсияи пойгоҳи муштариён ва таҳияи маҳсулоте, ки хусусиятҳои ҷараёни пули қарзгирандагонро ба назар мегиранд, диққати махсус дода шавад. Пардохтҳои мунтазам на танҳо имкони баргардонидани қарзро зиёд мекунанд, балки бо муштариён робитаи наздиктар доранд.

Идоракунии самараноки хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд бидуни системаи боэътимоди иттилоотӣ ғайриимкон аст. Маҳз он ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти заруриро барои қабули қарорҳои мутавозин таъмин мекунад. Набудани маълумоти босифат дар бораи вазъи портфели қарзӣ, аз ҷумла қарзҳои беэътимод, метавонад ба оқибатҳои ҷиддии манфӣ оварда расонад. Ҳисоботи саривақтӣ ва муфассал, ки аз ҷониби системаи иттилоотӣ пешниҳод шудааст, ба роҳбарияти ТМХ имкон медиҳад, ки минтақаҳои мушкилотро зуд ошкор кунад ва барои бартараф кардани онҳо чораҳо андешад. Ғайр аз он, доштани системаи самараноки назорати дохилӣ, ки ба расмиёт ва сиёсатҳои возеҳ асос ёфтааст, як унсури муҳими идоракунии хавфҳо мебошад ва ба пешгирии қонуншиканиҳо мусоидат мекунад.Омили дуюме, ки муайян гардид, ин иштибоҳ дар пешниҳоди қарз ё интихоби қарзгирандагон мебошад. Ба андешаи мо, самаранок идоракунии хатар дар сатҳи қарзгирандагон ё мизоҷон, ҷорӣ намудани тартибот дар марҳилаҳои гуногуни қарз муҳим мебошад. Зеро хатар худ ҳангоми интихоби мизоҷон ё қарзгирандагон пайдо мешавад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки меъёрҳои муайян ва интихоби қарзгирандагон дар низоми идоракунии ташкилотҳои маблағгузории хурд муқаррар карда шаванд.Баъд аз ин, давраҳои муайян намудани зарурати қарзгирандагон ва интихоби параметрҳои маҳсулоти қарзӣ сурат мегирад, то мизоҷон дар фаҳмидани ҳуҷҷатгузории қарз нороҳат нашаванд.

Раванди қарздиҳӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳлили муфассали ҳар як муштариро талаб мекунад. Ҳангоми арзёбии дархости қарзӣ на танҳо муайян кардани андозаи қарз ва ҳадафи истифодаи он, балки арзёбии вазъи молиявии қарзгиранда, қобилияти пардохт ва таърихи қарз муҳим аст. Қарор дар бораи додани қарз дар асоси арзёбии ҳамаҷонибаи ҳамаи омилҳои хавф қабул карда мешавад. Қарзҳои калон метавонанд кафолатҳои иловагӣ талаб кунанд. Назорати истифодаи мақсадноки қарз ва риояи ҷадвали пардохт қисми ҷудонашавандаи раванди қарздиҳӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки хавфҳои қарзӣ кам карда шаванд.

Хатарҳои технологӣ, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд дучор меоянд, бо корношоямии компютерҳо маҳдуд намешаванд. Ин як масъалаи мураккабест, ки хатарҳои марбут ба пайвастшавӣ ба интернет, коркарди пардохтҳо, амнияти маълумот ва фаъолияти таҷҳизотро дар бар мегирад. Барои коҳиш додани чунин хатарҳои ТМХ бояд як қатор чораҳо андешида шаванд, ба монанди: истифодаи сахтафзор ва нармафзори боэътимод, нусхабардории мунтазами маълумот, ташкили марказҳои эҳтиёетии маълумот, суғуртаи амвол ва омӯзиши кормандон. Омили инсонӣ дар фаъолияти бомуваффақияти ташкилотҳои маблағгузории хурд нақши калидӣ дорад. Кормандони баландихтисос ба коҳиш додани хатарҳои амалиётӣ ва баланд бардоштани самаранокии кор мусоидат мекунанд. Аммо, ташкили чунин гурӯҳ вазифаи душворест, ки барои омӯзиш ва рушди кормандон сармоягузории назаррасро талаб мекунад. Ғайр аз он, барои нигоҳ доштани кормандони арзишманд шароити мусоиди корӣ ва системаи муассири ҳавасмандкунӣ бояд фароҳам оварда шавад. Бояд қайд кард, ки хатогиҳои кадрӣ, аз қабили назорати нокифоя, беэҳтиётӣ ва набудани расмиёти возеҳ метавонанд ба созмон таъсири манфии ҷиддӣ расонанд.

Ғайр аз нокомиҳои техникӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд бо хатарҳои марбут ба омили инсонӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Таҳдидҳои дохилӣ, аз қабили дастрасии беиҷозат ба маълумот, зарар ё дуздии он, метавонанд ба обрӯ ва вазъи молиявии созмон зарари ҷиддӣ расонанд. Барои кам кардани чунин хатарҳо, бояд системаи назорати дастрасӣ ҷорӣ карда шавад, кормандон мунтазам ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ таълим дода шаванд ва аудитҳои дохилӣ гузаронида шаванд.

Яке аз чораҳои муассир барои пешгирии таҳдидҳои дохилӣ гардиши кормандон, алалхусус онҳое мебошад, ки ба маълумоти муҳим дастрасӣ доранд. Ғайр аз он, таҳияи расмиёти қатъии интизоми кормандон, ки ҳама дастрасӣ ва таҷҳизотро дар бар мегиранд, муҳим аст.

Идоракунии хавфҳои амалиётӣ бояд ҳамаҷониба бошад ва на танҳо чораҳои техникӣ, балки тадбирҳои ташкилиро низ дар бар гирад. Бояд фарҳанги амниятӣ таъсис дода шавад, ки дар он ҳар як корманд масъулияти худро барои бехатарии иттилоот ва дороиҳои ташкилот мефаҳмад.

Ғайр аз хавфҳои амалиётӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд ба хавфҳои бозор, ки бо ноустувории бозорҳои молиявӣ алоқаманданд, дучор меоянд. Хавфҳои асъорӣ, ки бо ҷалби қарзҳои асъорӣ ва додани қарзҳо бо асъори миллӣ алоқаманданд, махсусан барои ТМХ муҳиманд. Барои идоракунии хавфҳои асъорӣ бояд воситаҳои хеҷиронӣ, ба монанди свопҳои асъорӣ ё опсияҳо истифода шаванд.

Хатари пардохтпазирӣ барои ташкилоти маблағгузории хурд низ як масъалаи муҳим аст. Пардохтпазирии маҳдуди дороиҳо, ки бо нишондиҳандаи дарозмуддати портфели қарзӣ алоқаманд аст, аз ТМХ идоракунии дақиқи пардохтпазириро талаб мекунад. Барои нигоҳ доштани пардохтпазирии кофӣ, мониторинги мунтазами дороиҳо ва ухдадориҳои пардохтпазир ва таҳияи нақшаҳои амал барои ҳолатҳои буҳронӣ зарур аст.

Дар маҷмуъ, идоракунии бомуваффақияти хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҳам чораҳои техникӣ ва ҳам ташкилиро дар бар мегирад. Системаҳои назоратӣ бояд пайваста такмил дода шаванд, малакаи кормандон баланд бардошта шаванд ва ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна мутобиқ карда шаванд.

Идоракунии пардохтпазирӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) як раванди доимист, ки муносибати системавӣ ва таваҷҷуҳи доимиро талаб мекунад. Номувофиқии муҳлати пардохти дороиҳо ва ухдадориҳо, инчунин эҳтимолияти хуруҷи пеш аз муҳлат барои устувории молиявии ТМХ хатарҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Барои самаранок идора кардани пардохтпазирӣ, сохтори тавозунро бодиққат ба нақша гирифтан лозим аст, то холигии муҳлати дороиҳо ва ухдадориҳо кам карда шавад. Мониторинги мунтазами пардохтпазирии ҷорӣ ва пешбинишуда имкон медиҳад, ки камбудиҳои эҳтимолӣ саривақт муайян карда шаванд ва нақшаҳои муассири амал таҳия карда шаванд. Эҷоди муносибатҳои дарозмуддат бо мизоҷон дар асоси эътимод ба коҳиши хатари хуруҷ мусоидат мекунад ва суботи созмонро афзоиш медиҳад. Диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ вобастагиро аз як қарздиҳанда коҳиш медиҳад ва чандириро дар идоракунии пардохтпазирӣ зиёд мекунад.

Хавфи фоизӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) яке аз таҳдидҳои муҳимтарин ба суботи молиявии онҳост. Модели анъанавии кори ТМХ, ки дар он онҳо захираҳоро бо меъёри шинокунанда ҷалб мекунанд ва қарзҳоро бо меъёри муқарраршуда медиҳанд, номутаносибии байни даромад ва хароҷотро ба вуҷуд меорад. Мизоҷони ТМХ одатан меъёрҳои фоизии муқарраршударо бартарӣ медиҳанд, ки имконияти ТМХ-ро барои вокуниши фаврӣ ба тағйироти шароити бозор маҳдуд мекунад.

Хавфҳои асосии марбут ба маржаи фоизии ТМХ чунин мебошанд:

- номувофиқии байни меъёрҳои шинокунанда ва муқарраршуда: афзоиши меъёри асосӣ боиси афзоиши арзиши маблағгузорӣ барои ТМХ мегардад, дар ҳоле ки ҳосили портфели қарзӣ бетағйир боқӣ мемонад ва маржаи фоизро коҳиш медиҳад;
- маҳдудиятҳо барои тағйир додани меъёрҳои фоизӣ аз рӯйи қарзҳои додашуда: ухдадориҳои шартномавӣ ва нигаронихои вокуниши манфии муштариён ба баланд шудани фоизи қарзҳои ҷорӣ, ҳатто дар шароити афзоиши арзиши маблағгузорӣ монеъ мешаванд;
- рақобат дар бозори қарзӣ: рақобати баланд дар байни ташкилотҳои маблағгузории хурд ва қобилияти бозтамвили қарзҳо дар дигар ташкилотҳо имкониятҳои баланд бардоштани меъёрҳои фоизиро маҳдуд мекунад;
- таъсири маблағҳои худӣ: чӣ қадаре ки ҳиссаи маблағҳои худӣ дар дороиҳои ТМХ камтар бошад, осебпазирии ташкилот ба тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ ҳамон қадар баландтар аст, зеро қисми зиёди портфел аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ маблағгузорӣ карда мешавад;
- маҳдудиятҳои танзимкунанда: мавҷудияти меъёрҳои ҳадди қарзҳои муқаррарнамудаи танзимкунанда имкониятҳои ташкилотҳоро барои баланд бардоштани даромаднокӣ маҳдуд мекунад.

Ба андешаи мо, барои кам кардани хавфи фоизии ташкилотҳои маблағгузории хурд зарур аст:

- диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ: истифодаи воситаҳои гуногуни ҷалби маблағ (амонатҳо, вомбаргҳо, қарзҳо) бо муҳлатҳои гуногун ва меъёрҳои фоизӣ;
- воситаҳои хеҷирониро истифода бурдан: воситаҳои ҳосилшудаи молиявиро барои муҳофизат аз тағйирёбии фоизҳо истифода бурдан лозим аст:
- сохтори портфели қарзиро оптимизатсия кардан: муҳлатҳо ва асъори қарзҳоро фаъолона идора карда, баҳодиҳии қарзии қарзгирандагонро анҷом додан даркор аст;

- таҳияи шартҳои қарздиҳии чандир: ба мизоҷон имконоти гуногуни маҳсулоти қарзиро бо назардошти талабот ва хатари онҳо пешниҳод намудан;
- мониторинги доимии шароити бозор: тағйиротро дар меъёрҳои фоизӣ, таваррум ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ пайгирӣ кардан.

Ғайр аз он, ТМХ бояд ба таҳкими муносибатҳои муштариён ва баланд бардоштани садоқат диққати махсус диҳанд, то хавфи пешпардохти қарзҳоро коҳиш диҳанд.

Дар ниҳояти кор, идоракунии самараноки хавфи фоизӣ яке аз омилҳои асосии фаъолияти бомуваффақияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад. Таҳлили доимии вазъи бозор ва вокуниши чандир ба тағйирот имкон медиҳад, ки таъсири манфии хавфҳои фоизӣ ба натиҷаҳои молиявии ТМХ кам карда шавад. Давраи аз нав дида баромадани меъёри фоизии дороиҳо ва уҳдадориҳои ТМХ низ мувофиқат намекунад: барои қарзҳои додашуда меъёрҳо ҳангоми тамдид ва барои ҷалби захираҳо – мунтазам, чун қоида, ҳар семоҳа баррасӣ мешаванд, аз ин рӯ, ин омил бояд аз ҷониби ТМХ ҳангоми ҷалби захираҳои кредитӣ ба назар гирифта шавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ тағйротҳои гуногун дар масъалаҳои ҷудокунии марҳилаҳои идоракунии хатарҳо ва номҳои онҳо мавҷуданд. Дар давраи усулҳои васеътари раванди идоракунии хатарҳо мутобиқи стандарти идоракунии хатарҳо, ки дар ҳамҷоя бо Институти идоракунии хатарҳо, Ассотсиатсияи менеҷерони суғурта ва хатарҳо ва Форуми миллии менеҷерони хатарҳои бахши давлатӣ (Британиё) таҳия шудаанд [9].

Чунонеки дар расми 2 инъикос мегардад, усули раванди идоракунии хатарҳо нуҳ марҳиларо дар бар мегирад.



Манбаъ: таҳияи муаллифон.

Расми 2. - Раванди идоракунии хатар дар ташкилотҳои маблағгузории хурд.

Давраи раванд, чун қоида, як сол ё бештар аз он дар ҳолати рӯй додани ҳодисаҳо, ба монанди тағйирот дар талаботи меъёрӣ, ба кор андохтани қувваҳои нав мебошад. Усулҳои тадқиқот дар самти идоракунии хатарҳо аз муайян кардани хатарҳо оғоз меёбад.Муайян кардани усулҳои хатар одатан ба василаи ҷамъоварии маълумоти оморӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо, гузаронидани пурсишҳои хаттии мутахасисон анҷом дода мешавад. Ғайр аз он, ҳамаи хатарҳои муайяншуда аз рӯйи намудҳо тасниф карда мешаванд ва дар рӯхати хатарҳо ба қайд гирифта мешаванд. Рӯйхати хатарҳо усули ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани хатарҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд ва як усули махзани ҳамаи хатарҳои муайяншуда мебошад. Феҳристи хатарҳо мунтазам баррасӣ карда мешавад. Баъд аз маълум кардани хатарҳои асосӣ, ҳаҷми ҳар як хатар арзёбӣ мешавад. Он аз муайян кардани ба вуқуъ омадани хатари мушаххас ва андозаи таъсири оқибатҳои он дар ҳоллати рух додани он иборат аст.

Натиҷаҳои баёни эҳтимолияти таъсир барои ҳама хатари муайяншуда инчунин дар феҳристи хатарҳо сабт карда мешаванд. Маълумот дар бораи хатарҳои муайян ва байёншуда ба корбарони манфиатдор - ҳам дохилӣ (идоракунии ташкилот) ва ҳам берунӣ аз он (саҳмдорон ва танзимгарон) тавассути ҳисоботи мунтазам пешниҳод карда мешавад. Самаранокии системаи идоракунии хатарҳо бештар аз он алоқаманд аст, ки раванди иртибот чӣ гуна ташкил карда шудааст ва то чӣ ҳад иттилоот дар бораи хатарҳо сари вақт ва ба андозаи зарурӣ пешниҳод карда мешавад.

Усулҳои системаи идоракунии хатарҳо, шакле, ки баён гардид, иштирокчиёни раванди идоракунии хатарҳо мебошанд ва вобаста ба марҳилаи усулҳои раванди муайяншуда фарқ мекунанд (ҷадв. 2).

Ҷадвали 2- Иштирокчиёни усулҳои раванди идоракунии хатарҳо вобаста ба даврахои ин раванд

Марҳилаҳои идоракунии хатар	Субъектҳо
Муайян кардани хатар	Воҳиди сохтории ташкилотҳои маблаґгузории хурд, ки барои ташкил ва нигоҳдории системаи муосири идоракунии хатарҳо масъул аст. Коршиносони воҳидҳои сохторие, ки дар фаъолияташон хатарҳоро муайян мекунанд
Тавсифи хатар	Воҳиди сохтории ташкилотҳои маблаґгузории хурд, ки барои ташкил ва нигоҳдории системаи муосири идоракунии хатарҳо масъул аст. Коршиносони воҳидҳои сохторие, ки дар фаъолияташон хатарҳоро муайян мекунанд
Арзёбии хатар	Воҳиди сохтории ташкилотҳои маблаґгузории хурд, ки барои ташкил ва нигоҳдории системаи муосири идоракунии хатарҳо масъул аст. Коршиносони воҳидҳои сохторие, ки дар фаъолияташон хатарҳоро муайян мекунанд
Рейтинги хатарҳо аз рӯи дараҷа аҳамият	Воҳиди сохтории ташкилотҳои маблаґгузории хурд барои ташкил ва нигоҳдории системаи муосири идоракунии хатарҳо (қисми техникӣ) масъул аст. Идоракунии корхона
Коммуникатсия	Андозаи сохтори корхона, ки барои ташкил ванигоҳдории усули муосир иидоракунии хатарҳо вобаста аст.
Усулҳои муайян ва татбиқи роҳои идоракунии хатарҳо	Усулҳои идоракунии ташкилоти маблаґгузории хурд (қабули қарор дар бораи фаъолияти идоракунии хатарҳо).
Назорат ва таҳлили самаранокии раванди идоракунии хатарҳо	Воҳиди сохтории ташкилотҳои маблаґгузории хурд, ки барои ташкил ва нигоҳдории системаи муосири идоракунии хатарҳо масъул аст. Коршиносони воҳидҳои сохторие, ки дар фаъолияташон хатарҳоро муайян мекунанд.

Манба: таҳияи муаллифон

Минбаъд базаи зарурии меъёрию методологӣ тартиб дода, пас аз санҷиши ҳуҷҷатҳои меъёрии таҳияшуда ва системаи иттилоотӣ дар марҳилаи санҷиш, система ба истифодабарӣ лозим аст.Марҳилаҳои баррасишуда ба таври васеъ барои эҷоди ҳама гуна системаи идоракунӣ татбиқ мешаванд, танҳо фарқият дар он аст, ки объектҳо, субъектҳо, мантиқи равандҳо ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ вобаста ба системаи идоракунии таъсисшаванда фарқ мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Ефимова Ю.В. Современная практика микрокредитования // Банковское кредитование. - 2011. - № 3. - С. 94-106.
2. Комилов С.Дж., Хикматов У.С. Формирование и развитие микрофинансового сектора Республики Таджикистан// Социально-экономическое развитие государств Евразии.
3. Кох Ю.В. Микрофинансирование как новый инструмент на рынке финансовых услуг / Ю. В. Кох, Е. А. Малышев // Вестник Забайкальского государственного университета, 2012. -№8. -С. 101.
4. Криворучко С. В., Абрамова М. А., Мамута М. В., Тенетник О. С., Шакер И. Е. Риски микрофинансирования и их регулирование. Риски микрофинансирования и их регулирование (cfin.ru) (санаи дастрасии маълумот 15.02.2022)
5. Лаврушин О.И., Афанасьева О.Н., Корниенко С.Л. Банковское дело: современная система кредитования: Учебное пособие / Под ред. О.И. Лаврушина. - М.: КноРус, 2009. - С. 453.
6. Мамута М.В., Криворучко С.В. и др. Микрофинансирование в России. -М.: Кнорус, 2013.-С. 168.
7. Рахимов, Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста.// Экономика Таджикистана: стратегия развития. - Душанбе, 2003. - №1. - С. 24-40.
8. Серова Е. Г. Реалии рынка микрофинансовых организаций в России: тенденции и перспективы / Е. Г. Серова, И. Н. Понкратов, О. В. Ранга // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. 2015. -№ 2(54). -С. 219.
9. Стандарт управления рисками. Институт риск-менеджмента, Ассоциация страховых и рисковых менеджеров и Национальный форум по управлению рисками в общественном секторе экономики. 2002. URL: http://www.theirm.org/publications/.
10. Терехова А.Г. Трансформация комплаенса и риск-менеджмента в системе внутреннего контроля // Внутренний контроль в кредитной организации. -2011.-№ 1. С. 50-67.
11. A Risk Management Framework for Microfinance Institutions // Deutsche Gesellschaft fur TechnischeZusammenarbeit (GTZ). July 2000. URL:http://www.gtz.de
12. Убайдуллоев, Ф. К. Институт "финансового партнерства" в ретроспективе / Ф. К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 4(28). – С. 107-115. – EDN GYHANP.

АННОТАЦИЯ

МЕТОДЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ И УПРАВЛЕНИЯ РИСКАМИ В МИКРОФИНАНСОВЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ

Авторы, в своей статье, исследовали вопрос методологии управления рисками в микрофинансовых организациях. В процессе исследования, авторы показали основные элементы системы управления рисками в микрофинансовых организациях, классификацию рисков, внутренние факторы влияния на управление рисками в микрофинансовых организациях, процесс управления рисками в микрофинансовых организациях, участников процесса управления рисками в зависимости от стадии этого процесса.

Ключевые слова: *риск, менеджмент, методология, микрофинансовые организации, фактор, процесс управления, неопределенность, субъект управления, объект управления*.

ANNOTATION

METHDS OF REGULATION AND RISK MANAGEMENT IN MICROFINANCE ORGANIZATIONS

In their article, the authors investigated the issue of risk management methodology in microfinance organizations. In the process of the study, the authors is showed the main elements of the risk management system in microfinance organizations, risk classification, internal factors influencing risk management in microfinance organizations, the risk management process in microfinance organizations, participants in the risk management process depending on the stage of this process.

Keywords: *risk, management, methodology, microfinance organizations, factor, management process, uncertainty, management subject, management object.*

Сведения об авторах:

Убайдуллоев Фаридулло Каримович–кандидат экономических наук, заведующий кафедрой международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон:+(992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru

Исоев Аслиддин Шамсиддинович-соискатель кафедры таможенной деятельности Бахтарского государственного университета имени Насыра Хусрава. Телефон: (+992) 918944507.

Information about the authors:

Ubaydulloev Faridullo Karimovich - Candidateof Economic Sciences, Head ofthe Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik state university of finance and economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: + (992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru

Isoev Asliddin Shamsiddinovich - aplicant seeker of the department of customs activities of the Bakhtar State University named after Nasir Khusrav.Phone: (+992) 918944507.

ТДУ:637.03

ИСТЕҲСОЛ ВА ФУРУШИ МАҲСУЛОТИ ПАРАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғафуров М.А.[1], Бобоазиззода Шамшод Абдуғафур[2]-

[1]Иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

[2]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,

Калимаҳои асосӣ: *маҳсулот, паранда, тухм, гӯшт, корхона, арзиши аслӣ, талабот, нарх, самаранокӣ, истеҳсолот, фурӯш.*

Бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар оид ба татбиқи сиёсати аграрӣ, ҷиҳати ноил шудан ба дастовардҳои назаррас ва таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ, аз ҷумла дар самти парандапарварӣ бароҳ монда шудааст

Соҳаи парандапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии самти парандадорӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо ғизои сафедадор мавқеи намоён дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21.02.2018, №1511 ва №1512 соҳаи парандапарварӣ аз пардохти андозҳо ба муҳлати 6 сол, инчунин воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа аз ҳамаи андозу пардохтҳо озод гардида, тадбиқи амалии имтиёзҳои мазкур ба пешрафти соҳа такони ҷиддӣ бахшида истодааст.

Дар ҷумҳурӣ 222 адад корхонаҳои парандапарварӣ фаъолият намуда истодаан, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 адад зиёд мебошад. Аз ҷумла, 100 адад ба истеҳсоли тухми истеъмолӣ, 108 адад ба истеҳсоли гӯшти паранда, 8 адад ба истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда ва 6 адад ба истеҳсоли тухми инкубатсионӣ, чуҷаи якрӯза ва тухми истеъмолӣ машғул мебошанд.

Дарк намудани имкониятҳои назаррас ҷиҳати парвариши парандаҳо ҳамчун истеҳсолоти саноатӣ ҳанӯз ҳам муҳим аст, зеро дар иқтисодиёти иҷтимоӣ тағйиротҳо ба амал омада истодаанд ва ҳолати умумии иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ паст гардида истодааст. Истеҳсолот суст гардида, нишондодҳои сифатнокӣ паст мешаванд ва сатҳи иҷтимоӣ дар деҳот бошиддат баланд рафта истодааст. Дар айни замон, бояд қайд кард, ки дар ко-ҳиш додани нишондиҳандаҳои миқдорӣ бозор “гунаҳкор” нест, балки гап дар чӣ гуна истифодабарии механизми бозор аст, чӣ гуна ислоҳоти аграрӣ ва умуман ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида мешавад, чунки бисёр омилҳои манфӣ дар раванди соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар соҳаи парандапарварӣ берун аз соҳаи кишоварзӣ қарор доранд. Масалан, танҳо монополияи «шарикон» дар маҷмуаи агросаноатӣ ва ниҳоят, дар ҳолати муносибати боэътимодии муносибатҳои молию пулӣ хеле муҳим аст, агар роҳнамоҳои иқтисодӣ, тарзи фаъолияти ҳаррӯза дар замин бо истифодаи воситаҳои нав равона карда шаванд ва принсипҳои фаъолияти истеҳсолӣ, пешбурди механизми бозор, беҳтар намудани он ва танзими механизми мазкур, ки ба шароити мушаххас асос ёфтаанд бояд, ба роҳ монда шавад.

Гунаҳкор намудани мақомоти дахлдор ҷиҳати ба бахши кишоварзӣ диққати бештар додан, татбиқ намудани чораҳои дастгирии ҳимояи он ва ғайра кори нодуруст аст. Вале мо бояд воқеияти ҳаёт, иқтидори воқеии давлатиро пеш аз ҳама, захираҳои буҷетӣ, вазъи бозор, сатҳи пасти талабот, қобилияти харидории аҳолиро ба инобат гирем ва бештар аз он, дигар мақомот сабабҳои объективӣ ва субъективиро ба инобат гирем. Айни замон имконияти зуд тағйир додани ин ҳолатро ҳукумати маҳаллӣ ё ки мамлакат надорад. Ин воқеият ва шароитҳо чунинанд, ки роҳи

ҷустуҷӯро пеш аз ҳама дар истифодабарии ҳарчи бештари захираҳои мавҷуда ва имкониятҳо дар ҳар як хоҷагии мушаххас дар асоси принсипҳо ва қонунҳои иқтисоди бозоргонӣ дарёфт намоем.

Ин дар ҳолест, ки чун пештара, дар шароити якрангии иқтисодӣ ва дигар шароит, бо назардошти кам гардидани заминаи захиравии соҳаи аграрӣ баъзе хоҷагиҳо, ноҳияҳо, минтақаҳо, ҳатто баъзе соҳаҳо ба нишондиҳандаҳои беҳтарини баланд ва босифати рушди иқтисодӣ ноил мегарданд, истеҳсолотро сермаҳсул ва самараноктар истифода мебаранд, баъзеҳо бошанд баръакс.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар тамоми корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон саршумори паранда тамоюли болоравиро дорад, ки маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд.

Дар соли 2023 саршумори паранда дар ҷумҳурӣ 2,7 маротиба нисбат ба соли 2018 афзоиш назаррас дорад. Аз таҳлили нишондодҳои додашуда маълум мегардад, ки соли 2023 нисбат ба соли 2018 ба ғайр аз ВМКБ дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ саршумори паранда афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1. Саршумори паранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. сар

Минтақаҳо	Солҳо				Соли 2016 бо % нисбати соли 2010
	2018	2020	2022	2023	
	Истеҳсоли тухм, млн. дона				
Ҷумҳурии Тоҷикистон	6636496	9782689	11286299	10646889	2,71 маротиба
ВМКБ	108019	94952	94536	103597	67
Вилояти Хатлон	1822763	2205214	2287748	2715931	1,7 маротиба
Вилояти Суғд	2728202	4635128	5485219	4577905	3,44 маротиба
НТМ	1977506	2847995	3418796	3249456	2,23 маротиба

Манбаъ: ***Ҷадвал аз ҷониби муаллифон бо маводи омории КВД "Саноати парандпарварии Тоҷикистон" ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017.-С.-49-53 тартиб дода шудааст.***

Махсусан, ин маълумоти миқдорӣ нишондиҳандаи ниҳоии самаранокии рушди соҳа ба ҳисоб намеравад, бинобар ин ба назари мо барои муайян кардани он зарур аст, ки нишондиҳандаи сифатнокии он, ки метавонем ба маҳсулнокӣ нисбат диҳем, омӯхта шавад.

Ҷадвали дар боло зикргардида шаҳодат медиҳад, ки афзоиши мунтазами саршумори парандагон ба афзоиши назаррас дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ мусоидат менамояд, тавре дар маълумоти дар поён овардашудаи ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2. -Истеҳсоли тухми паранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2023

Минтақаҳо	Солҳо				Соли 2016 бо % нисбати соли 2010
	2018	2019	2020	2023	
	Истеҳсоли тухм, млн. дона				
Ҷумҳурии Тоҷикистон	450284	725695	983065	1223698	2,71 маротиба
ВМКБ	5665	4046	4131	3832	67
Вилояти Хатлон	78924	85341	102725	134086	1,7 маротиба
Вилояти Суғд	222707	429919	594601	766792	3,44 маротиба
НТМ	142988	206389	116,6	318988	2,23 маротиба

Манбаъ: ***Ҷадвал аз ҷониби муаллифон бо истифода аз маводи омории КВД "Саноати парандпарварии Тоҷикистон" ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024.-С. 49-53 тартиб дода шудааст.***

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2010 истеҳсоли маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он афзоиши назаррас ёфтааст. Махсусан, истеҳсоли тухм дар ҷумҳурӣ дар соли 2023 дар ҷумҳурӣ дар умум 2,7 маротиба зиёд гардидааст, ки нисбат ба митақаҳои кишвар гирем 1,7 маротиба дар вилояти Хатлон, 3,44 маротиба дар вилояти Суғд ва 2,23 маротиба дар шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ зиёд буда танҳо дар ВМКБ нисбати соли 2018 -33 фоиз кам иҷро гардидааст.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи парандадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» бо бахши парандапарварӣ ва «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои парандадорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул карда шуд. Ғайр аз ин, дар бораи беҳтар намудани таъминоти корхонаҳои соҳа бо хӯрокӣ, тухми инкубатсионӣ ва чӯҷаҳо, қувваи доимии барқ, таҷҳизоти технологӣ ва ғайра як қатор қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул карда шуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) бо мақсади рушди парандапарварӣ дар кишвар ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ соҳаи мазкурро яке аз самтҳои афзалиятнок эълон намуда, ҷиҳати аз ҳамаи ан-

дозу пардохтҳо озод намудани воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа ба муҳлати 6 сол дастур доданд.

Ин қарор ба рушди парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ такони калон дода, танҳо дар зарфи 6 соли охир шумораи корхонаҳои парандапарварӣ, саршумори паранда, истеҳсоли тухм ва гӯшт ба маротиб зиёд гардид. Дар натиҷа соли 2023 нисбат ба соли 2017 миқдори корхонаҳои парандапарварӣ 3,5 маротиба, саршумори паранда 2,0 маротиба, истеҳсоли тухм 3,6 маротиба ва истеҳсоли гӯшти паранда бошад 7,3 маротиба афзуд. Истеҳсоли тухм соли 2023 ба 1,22 млрд дона ва гӯшти паранда ба 55,4 ҳазор тонна расонида шуд. Бо мақсади барқарор намудан ва рушди соҳаи парандапарварӣ дар давраи истиқлоли ҷумҳурӣ Корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» корҳои назаррасро амалӣ намуда, барои ворид намудани таҷҳизоту технологияи муосир аз хориҷи кишвар мусоидат намуд.

Дар пешбурди соҳаи парандапарварии ҷумҳурӣ ҳиссаи фабрикаҳои зотпарварии парандапарварӣ: Симурғ (ш.Истаравшан), Суғдиён-Свердловск ва Суғд-Самарқанд паранда (н.Мастчоҳ), Рушди парандапарварӣ (ш.Турсунзода), инчунин фабрикаҳои истеҳсоли тухм: Ганҷи ҳилол (н.Файзобод), Тарз (ш.Ваҳдат), Мурғи порсиён (ш.Левакант), Парандапарварии Хуҷанд, Чӯҷаи заррин, Амина К, Парандапарвар 2017 (н.Б.Ғафуров), Мурғи ихлос (ш.Душанбе), Парандаи Мастчоҳ, Сайди саҳар (н.Спитамен) ва фабрикаҳои истеҳсоли гӯшти чӯҷа-бройлерҳо: Беҳамто (н.Ёвон), Мармарӣ ва Раҳмонҷон (н.Данғара), Мурғи Муъминобод (н.Муъминобод), Баҳори пурфайз, Мумтоз-мурғпарвар (ш.Ваҳдат), Чӯҷаи Байзо (н.Б.Ғафуров), Суғд Самарқанд (ш.Бӯстон), корхонаи коркарду истеҳсоли гӯшти паранда Мурғи Покиза ва ғайра назаррас мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи истеҳсоли тухму гӯшти бедонаи Шайхи Холмуҳаммад (н.Рӯдакӣ) ва истеҳсоли гӯшти мурғи марҷони Оби Ховалинг (н.Ховалинг), Ҳилол (н.Рӯдакӣ) ва хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ фаъолият доранд. Бояд қайд кард, ки яке аз сарчашмаҳои рушди соҳаи парандапарварӣ ин таъминоти пурраи истеҳсолоти соҳаи парандапарварӣ бо хӯрокаи сергизои омехта ва риояи қатъии технологияҳои муосир ҷиҳати парвариши онҳо дар ҳамаи давраи истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, ки тухмдиҳии мурғон тамоюли афзоишро дорад.

Ҷадвали 3.-Суръати инкишофи мурғони тухмдиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2023

Минтақаҳо	Солҳо						Соли 2016 бо % нисбати соли 2010
	2014	2016	2018	2020	2021	2023	
Ҷумҳурии Тоҷикистон	168	191	222	222	220	204	122
Вилояти Хатлон	168	178	180	206	210	206	129
Вилояти Суғд	161	204	256	257	216	205	127
НТМ	175	189	209	209	210	202	115

Манбаъ: ***Ҷадвал аз ҷониби муаллиф бо маводи омории КВД "Саноати парандпарварии Тоҷикистон" ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024.-С.49-53 тартиб дода шудааст.***

Дар шароити кунунӣ сатҳи мурғони тухмдиҳанда – мокиёнҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар соли 2023-ум нисбат ба соли 2014-ум аз 15% то 29% зиёд гардидааст. Таҳқиқоти гузаронида шуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки сабаби асосии суръати инкишофи мурғони тухмдиҳанда дар кишвар аз ҳисоби истифодаи технологияҳои муосир дар корхонаҳои парандапарварӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки шароити фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳар минтақа, ноҳияҳо ва ҳатто дар хоҷагиҳо якхела намебошанд, бинобар ин, нишондиҳандаҳои иқтисодии парандаҳои намуди зотии тухмӣ муқоисанашаванда мебошанд. Қайд намудан бамаврид аст, ки ҷараёни инкишофи соҳаи мазкур нишон медиҳанд, ки дараҷаҳои гуногуни захираҳои мавҷудаи маҳаллӣ ба пуррагӣ истифода бурда шудааст.

Таҳлилҳои дар боло зикргардида оид ба хусусияти арзиши нархгузориҳо дар савдои давлатӣ ва бозорӣ нишон дод, ки сатҳи нархи озоди бозор, асосан бо назардошти талабот ва таъминот муқаррар карда мешавад. Дар иқтисодиёти бозоргонӣ, низоми нархгузорӣ тағйирпазир мебошад ва ба шароити бозор ҳассосона таъсир мерасонад. Чунонки аз ҷадвали таҳлилшуда дида мешавад, нархҳо дар бозори озод тахминан 5-10% нисбат ба савдои давлатӣ баландтар аст. Бо вуҷуди ин, фарқият дар даврае, ки маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ кам истеҳсол мешуд, баландтар мебошад. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки дар соли 2023 зиёда аз 1223698 млн дона тухм тибқи ҳисоботи оморӣ бошад, ин танҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо тибқи маълумоти Кумитаи рушди маҳали назди Президенти ҶумҳуриитТоҷикистон дар кишвар зиёда аз 5000 деҳа мавҷуд мебошад, ки зиёда аз 11 млн паранда, яъне мурғони самти тухмӣ дар парвариши аҳолии деҳот мебошад.

Илова бар ин, муаммои дигар ин аст, ки суръати инкишофи мурғони тухмдиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол ба хисоби миёна 200-2024 ададро ташкил диҳад, пас 11286299

сар паранда дар соли 2022 ва 10646889 сар паранда дар соли 2023 танҳо дар корхонаҳо нигоҳдорӣ карда мешаванд, ки агар 11286299 сар паранда дар як сол 200 адад тухм диҳад, пас истеҳсоли тухми паранда танҳо аз корхонаҳо ба 2,2 млрд мерасад. Инчунин, 11 млн сар парандае, ки дар деҳот, яъне дар дасти аҳолӣ аст, бо назардошти нигоҳбинии хуб метавонад ҳамин миқдор тухм диҳад. Аз рӯйи ин таҳлилҳо ва нигоҳдории парандаҳо дар деҳот бо боварии комил гуфта мешаванд, ки мо аллакай тайи 3 соли охир пурра аз маҳсулоти зикргардида таъмин мебошем.

Тибқи меъёри сабади истеъмолӣ ба як нафар аҳолӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2022, №76 тасдиқ гардидааст 194,4 дона тухм ба ҳар сари аҳолӣ муайян гардидааст. Мусалам аст, ки соҳаи парандапарварӣ дар шароити кунунӣ аҳолиро аз бисёр ташвишҳо раҳо кардааст. Масалан, нархи арзони он бисёр оилаҳоро аз ташвиши харидани гӯшт ва маҳсулоти гӯштии парандаи калону хурд раҳо намудааст. Вале, бояд ба назар гирифт, ки дар таъмини мурғ бо хӯрокворӣ душвориҳо ҳастанд, ки боиси болоравии нархи тухм ва гӯшти он мегарданд. Қаблан арзиши 1 килограмм хӯроки омехтаи паранда ба 4 тухм баробар буд. Ҳоло нархи 1 тухм 1,20 дирам асту нархи 1 килограмм хӯроки омехтаи паранда 5-6 сомонӣ мебошад. Фарқият 3 – 4 баробарро ташкил медиҳад. Ба ҳама мушкилиҳо ва болоравии нархҳои дигар нигоҳ накарда, имрӯз дар ҳамаи минтақаҳои кишвар нархи маҳсулоти паранда баробар аст. Мутахассисони соҳа ҷонибдори коҳиш додани нархи гӯшту тухм ҳастанд. Дар соли 2023 нисбати солҳои пешин яъне то соли 2018 аз 15 то 25 фоиз нарх боло шуда, сабаби асосии он болоравии нархи хӯрокаи парандагон мебошад.

Арзиши аслии маҳсулот нишондиҳандаи муҳими самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар он ҳамаи тарафҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ таҷассум мегардад. Паст кардани дараҷаи арзиши аслӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва актуалии ҳар як соҳа, хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Аз дараҷаи арзиши аслӣ ҳаҷми фоида, суръати истеҳсолоти васеъ, дараҷаи нархҳои чакана ва яклухт вобастагӣ дорад.

Дарёфти захираҳои паст кардани дараҷаи арзиши аслӣ имконият медиҳад, ки қобилияти рақобатнокӣ баланд бардошта шуда, аз муфлисшавии хоҷагӣ эмин нигоҳ дошта шавад ва дар шароити иқтисоди бозаргонӣ фаъолият карда тавонад.

Дар асоси таҳлилҳо вазъи имрӯзаи соҳаи парандапарварӣ дар кишвар ин барои рушди соҳаи муайян паст намудани арзиши аслии маҳсулот мебошад.

Аз рӯйи таҳлилҳо муаяйн карда шудааст, ки 70-80 % арзиши аслии маҳсулоти (тухм) парандаро сарфи хӯрокро ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, баланд шудани арзиши аслии маҳсулот аз он шаҳодат медиҳад, ки хӯроки паранда асосан аз хориҷи кишвар (Руссия, Қазоқистон, Полша) ворид гардида, хариди он бо арзи хориҷӣ (доллар, евро) амалӣ карда мешавад. Аз рӯйи мониторинг дақиқ аст, ки барои коҳишёбии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшудаи паранда арзиши хӯроки он нақши муҳимро мебозад. Масалан, дар Федератсияи Руссия, Қазоқистон, Ӯзбекистон нархи 1 тонна хӯроки паранда 240-270 сомониро ташкил диҳад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши аслии хӯроки паранда ба 500 -550 сомонӣ баробар аст. Агар арзиши аслии хӯроки парандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба нархи хӯроки парандаи давлатҳои ҳамсоя муқоиса намоем 2,1 маротиба баланд аст. Оид ба рушди парандапарварии кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди корхонаҳои хӯрок омехтакунӣ барои парандаҳо амалӣ шуда истодааст, ки барои коҳишёбии арзиши аслии паранда мусоидат мекунад.Арзиши аслии маҳсулоти (тухм)-и паранда дар ҳама минтақаҳои ҷумҳуриямон як хела нестанд, чуноне, ки дар ҷадвали 4 омадааст.

Сарфи хӯрока то 42 -рӯзагии 1 сар мурғ 4652 граммро ташкил медиҳад, ки вазни миёнаи 1 сар мурғи гӯштӣ дар 42 рӯз ба ҳисоби миёна 2,712 кг мебошад.

Арзиши аслии 1 кг маҳсулот (гӯшти паранда) дар соли 2023 ва аввалҳои соли 2024 ба 28,46 сомонӣ ва тухм аз 95дирам то 1,10 дирам баробар аст.Барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти паранда ҷорӣ намудани техникаи нав ва технологияҳои баландсифати меҳнат хеле зарур мебошад.

Ҷадвали 4. -Арзиши аслии маҳсулоти мурғ барои соли 2023

№	Номгӯй	*1 дона тухм*		*1 кг гӯшти мурғ*	
		Нарх	***Фоиз***	***Нарх***	***Фоиз***
1.	Хароҷоти хӯрока ва доруворӣ	0,81	74,2	17,73	62,3
2.	Ваксинаҳо	0,013	1,2	0,23	0,8
3.	Музди меҳнат	0,02	1,9	0,34	1,2
4.	Андоз	0,05	5,25	1,5	5,25
5.	Барқу об	0,088	8	0,28	1
6.	Хариди тухм		-	6,2	22
7.	Хизмати гумрук ва боркашонӣ	-	-	1,5	5,25
8.	Дигар намуди хароҷот	0,10	9,45	0,6	2,1
Ҳамагӣ		1.10	100	28,46	100

Манбаъ: ***КВД “Саноати парандпарварии Тоҷикистон”***

Таҷҳизоти ҳосилнокиаш баланд барои паст кардани арзиши аслӣ аз ҳисоби баланд бардоштани боздеҳии фондҳо, кам намудани хароҷот барои таъмир ва кам кардани ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ ба ҳар воҳиди маҳсулот имконият медиҳад.

Истифодаи ашёи хом ва маводи баландсифат барои беҳтар намудани хусусиятҳои истеъмолии маҳсулоти истеҳсол кардашаванда ва паст намудани саҳми хароҷоти меҳнат кӯмак мерасонад. Ба ғайр аз ин, беҳтар намудани сифати ҳамаи воситаҳои истеҳсолот заминаи муҳими барҳам додани нуқсони дохилиистеҳсолиро ба миён меоварад.

Самти афзалиятноки барҳам додани буҳрон дар соҳаи парандапарварӣ ва баланд бардоштани самаранокии он таъсиси механизми самарабахши иқтисодӣ тавассути амалӣ намудани танзими давлатӣ ва таҳвият бахшидани муносибатҳои иқтисодӣ байни шарикони маҷмааи агросаноатӣ мебошад.

Умуман, омӯзиши системаи бафурӯшбарорӣ, арзёбии иқтисодии роҳҳои ба фурӯш бароварданн маҳсулоти соҳаи парандапарварии мамлакат маълум гашт, ки дар самти рушди тиҷорати соҳаи парандапарварии бозори маҳаллӣ то ҳол суст инкишоф ёфта истодааст. Сабабҳои асосии он инҳоянд: набудани таҷрибаи истифодаи унсурҳои маркетингӣ дар амал бо банақшагирии кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати фаъолияти онҳо, нокифоя будани заминаи иттилоотӣ барои омӯхтани вазъи кунунии бозор, инчунин ноустуворӣ ва тағйирёбии муҳити беруна. Дар ҷадвали зерин нишондиҳандаи нархи воқеии фурӯши тухм ва гӯшти паранда вобаста аз вақти фурӯш дар асоси маводи пешниҳоднамудаи корхонаи парандапарварӣ оварда шудааст (ҷадв.5).

Ҷадвали 5.-Нархи фурӯши тухм ва гӯшти паранда дар ҶСК «Мурғи ҳилол» дар давраи солҳои 2018-2023

Моҳ	10 дона тухм			Соли 2023 бо % нисбати с 2018	1 кг гӯшти паранда бо вазни зинда			Соли 2023 бо % нисбати соли 2018
	2018	2020	2023		2018	2020	2023	
Январ	8,5	9,5	12,5	147	18	22,5	29	161
Феврал	8,5	9,5	12,0	141	18	22,2	29	161
Март	8,5	9,1	12,5	147	18	22,5	29	161
Апрел	8,5	9,1	12,5	147	18	22,5	29	161
Май	8,5	9,2	12,5	147	18	22,5	29	161
Июн	8,5	8,8	12,5	147	18	22,5	29	161
Июл	8	8,7	12,5	156	18	22,5	29	161
Август	8	8	11,5	143	18	22,5	29	161
Сентябр	8,6	8,9	11,5	133	18	22,2	29	161
Октябр	8,6	9,2	12,0	139	18	22,5	29	161
Ноябр	8,5	9,5	12,5	147	18	22,5	29	161
Декабр	8,5	9,5	12,5	147	18	22,5	29	161

Манбаъ: Тибқи маълумоти ҶСК «Мурғи ҳилол» дар давраи солҳои 2018-2024

Маълумоти ҷадвали 5 нишон медиҳанд, ки дар фурӯши тухм ва гӯшти паранда тағйироти ноаён дар ҳар як моҳи давраи таҳқиқот қарордошта дар ҶСК "Мурғи ҳилол" вуҷуд дорад. Дар соли 2023 дар муқоиса ба соли 2018, фурӯши тухм ва гӯшти парандаи ҶСК «Мурғи Ҳилол» 23,6% - 31,5 % тағйир ёфтааст. Асос барои рушди самарабахши соҳаи парандапарварӣ истифодабарии технологияҳои сермаҳсул баланд бардоштани ҳосилнокии парандагонро бо истеъмоли камтари хӯрока ва меҳнат барои як воҳиди маҳсулот таъмин менамояд. Дар муқоиса бо дигар соҳаҳои парандадорӣ, парандапарварӣ дар давраи гузариш худро тобовар зоҳир намудааст, қисми зиёди иқтидори истеҳсолии худро нигоҳ доштааст ва ба андозаи камтарин ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулотро коҳиш додааст.

Соҳаи парандапарварӣ дар истеҳсолоти маҳсулоти агросаноатӣ нақши муҳимро мебозад, маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ бошад, дар номгӯи истеъмоли хӯроки аҳолӣ дар ғизогирии аҳолӣ ҷойи назаррасро ишғол менамояд. Баланд бардоштани самаранокии соҳаи парандапарварӣ рушд ва ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳои бозоргониро дар заминаи афзоиши вобастагии корхонаҳои парандапарвариро аз истеъмолкунандагони маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ, фароҳам овардани муҳити рақобатпазир дар соҳа, инчунин афзоиши истеҳсолот ва фурӯши тухм ва гӯшти паранда пешбинӣ менамояд.

Айни замон, дар саноат истеҳсоли маҷмуи таҷҳизот барои механикикунонӣ ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ барои парвариш ва нигоҳубини чӯҷаҳо, инчунин нигоҳдории парандаҳои калонсол аз худ шуда истодааст. Аммо, истифодабарии техникаҳои баландистеҳсолот дар соҳа нокифоя мебошад. Шартҳои ҷорӣ намудани муносибатҳои нави иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ интихоби асосноккардашудаи воситаҳои техникии механиконидашудаи аз ҳама бештар самаранок, ки метавонанд бо сифати баланд ва бо истифодаи хароҷоти паст корро анҷом диҳанд, талаб менамояд.

Яке аз проблемаҳои муҳими тағйирёбии иқтисодиёти мамлакат дар ташаккули муносибатҳои самарабахши бозоргонӣ дар комплекси агросаноатӣ мебошад, ки дар он соҳаи парандапарварӣ мунтазам инкишоф дорад.

Ин соҳа соҳаи хеле мураккаб буда, натиҷаи баргардонидани сармоягузории барои соҳа сарфгардида хеле баланд мебошад. Ин ягона соҳаи кишоварзие мебошад, ки бо маҳсулоти аз хорича воридшаванда аз рӯйи сифат бомуваффақият рақобатпазир мебошад. Айни замон рушди соҳаи парандапарварӣ махсусан самти истеҳсоли гӯшт яке аз самтҳои муҳими стратегии таъмини амнияти озуқавории кишвар ва афзоиши самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Ноилшавӣ ба устуворнокии молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ тибқи барномаи давлатӣ аз ҳисоби ҷудо намудани субсидия барои пардохти қисми фоизи қарзҳои кӯтоҳмуддат ва сармоягузорӣ пешбинӣ карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Бобоазиззода Ш. Состояние использования материально – технической базы в птицеводстве Таджикистана / Ш. Бобоазиззода // ТАУ // Кишоварз, 2017.-№1 (73).-С.-55-56.
2. Бобоазиззода Ш. Баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли тухми мурғ / Ш. Бобоазиззода // ТАУ // Кишоварз, 2017.-№2 (74).-С.-55-56.
3. Бобоазиззода Ш. Теоритические аспекти повышение экономической эффективности птицеводства / Ш. Бобоазиззода, Д. Ахмедов // Материалы Межд. научно-практической конф. «Актуальные проблемы аграрной науки» посвященной 100 летию академика Алиева Гуляма Алиевича,-Душанбе, 2016.-С.-324-326.
4. Бобоазиззода Ш. Факторы повышения эффективности производства плодоовощного комплекса АПК / Бобоазиззода Ш., // Материалы межд. научно-практической Конф. «Актуальный проблемы аграрной науки» посвященной 100 - летию академика Алиева Гуляма Алиевича, Душанбе,-2016.-С.-326-331.
5. Бобоазиззода Ш.А. Омилҳои ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии маҳсулоти паранда / Ш. Бобоазиззода, Р. Мусоев // Материалы сборник научных статей. -2015.-С. 326-333.
6. Бобоазиззода Ш. Эффективность животноводства-производства жизненно важной продукции / Бобоазиззода Ш., Рачабов З. // Материалы сборник научных статей.-2016.-С.-322-324.
7. Бобоазиззода Ш.А. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли тухм дар соҳаи парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.А. Бобоазиззода, З. Валиев // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ "Таҳлили ҳади ақали сабади истеъмолӣ дар ҶТ"-2016.-С. 76-72.
8. Бобоазиззода Ш. Реализация резервов эффективного использования трудовых ресурсов в сельском хозяйстве / Ш. Бобоазиззода // Материалы сборник научных статей.-2017.-С.-315-317.
9. Бобоазиззода Ш. Ресурсосберегающая технология – основа повышения эффективности птицеводства в Республике Таджикистан / Ш. Бобоазиззода // Материалы сборник научных статей.-2017.-С. 92-.94.
10. Бобылева Г. Захирахои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот /Г.Бобылева.-Парандапарварӣ, 1997.-№4.-С. 4-6.

АННОТАЦИЯ
ПРОИЗВОДСТВО И РЕАЛИЗАЦИЯ ПТИЦЕПРОДУКЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье авторы проанализировали производство и реализацию продукцию птицеводства, в том числе яиц и мяса, а также первоначальную стоимость продукта и отметили, что из мониторинга видно, что стоимость кормов для птицы играет решающую роль в снижении первоначальной себестоимости производимой продукции птицеводства. Например, в Российской Федерации, Казахстане, Узбекистане цена 1 тонны корма для птиц составляет 240-270 сомони, в Республике Таджикистан фактическая стоимость кормов для птиц составляет 500-550 сомони. Если сравнить фактическую цену корма для птиц в Республике Таджикистан с ценой на корм для птиц в соседних странах, то она в 2,1 раза выше.

Ключевые слова: *продукция, птица, яйца, мясо, предприятия, первоначальная себестоимость, спрос, цена, эффективность, производство, реализация.*

ANNOTATION
PRODUCTION AND SALE OF POULTRY PRODUCTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the authors analyzed the production and sale of poultry products, including eggs and meat, as well as the initial cost of the product and noted that monitoring shows that the cost of poultry feed plays a decisive role. important role in reducing the initial cost of manufactured poultry products. For example, in the states of the Russian Federation, Kazakhstan, Uzbekistan, the price of 1 ton of bird feed is 240-270 somoni, in the Republic of Tajikistan, the actual cost of bird feed is 500-550 somoni. If we compare the actual price of bird feed in the Republic of Tajikistan with the price of bird feed in neighboring countries, it is 2.1 times higher. its problems were fully considered.

Keywords: *products, poultry, eggs, meat, enterprises, initial cost, demand, price, efficiency, production, sales.*

Сведения об авторах:

Бобоазиззода Шамшод Абдугафур - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента и предпринимательства Таджикского аграрного университета имени Ширинщох Шотемур, тел: (+992)939 80 02 02, E-mail. shamshodb@mail.ru

Гафуров Мухаммад Абдумутолибович – докторант (PhD) 3 курса Института экономики и систематических исследований развития сельского хозяйства АИКТ, г. Душанбе, г. Хаёти нав Тел: (+992) 907 19 19 02, E-mail. shamshodb@mail.ru.

Information about the authors:
Boboazizzoda Shamshod Abdugafur - Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Management and Entrepreneurship of the Tajik Agrarian University named after Shirinshoh Shotemur
Gafurov Muhammad Abdumutolibovich - doctoral student (PhD) of the 3rd year of the Institute of Economics and Systematic Research of Agricultural Development AAST Tel: (+992)907191902, E-mail. shamshodb@mail.ru.

ТДУ 336.77

ҲИСОБАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ ОМИЛИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдуллоев Н., Қурбонова Ф.М.-Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат

Калимаҳои асосӣ: *муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилотҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркунӣ, нақдӣ, бонк, ғайринақдӣ, кортҳои пардохтӣ, қарз, , кортҳои пластикӣ.*

Алҳол аксари мамлакатҳои дунё тадричан аз ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ба усулҳои нисбатан мусоид, арзон ва самараноки муомилоти ғайринакдӣ гузаштаанд, чунки рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети давлат нақши муҳим мебозад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Ин таҷрибаи давлатҳои пешрафта бозгӯи он аст, ки густариши низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии мамлакат маҳсуб ёфта, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши бениҳоят муҳим дорад. Бо назардошти ин омилҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 июни соли 2023 фармонро «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ба имзо расонид, ки ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар мамлакат такони ҷиддӣ бахшид.

Тибқи Фармони мазкур, шуруъ аз 1.08.2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатнома, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасонии давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Гузариш ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдии хизматрасонии давлатӣ на танҳо аз низоми бонкӣ вобастагӣ дорад, балки андешидани чораҳои таъхирнопазирро аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ талаб менамояд. Низоми пардохтҳои ғайринақдии хизматрасонии давлатӣ зарурати ташаккули инфрасохтори дахлдори қабули пардохтҳоро дар назди мақомоти давлатӣ тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, вазорату идораҳо ва корхонаҳои давлатие, ки хизматрасонии пулакиро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, бояд фавран низомҳои иттилоотии худро созмон дода, якҷо бо низоми бонкӣи мамлакат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Фармони мазкур ҳатман чораҳои зарурӣ андешанд. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ мувазаф гардидаанд, ки инфрасохтори зарурии қабули пардохтҳои ғайринақдиро омода намуда, амнияти пардохтҳо ва имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатиро дар тамоми манотиқи малакат таъмин намоянд. То қабули Фармони мазкур аз ҷониби низоми бонкии мамлакат дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд. Аз ҷумла, бо қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатӣ дар ин самт ҳамкорӣ намуданд.

Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ боз ҳам такмил ва инкишоф меёбад, чунки муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ то рафт мураккаб мегардад, аз ин рӯ ба шаклҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ зарурият пайдо мешавад. Ҳисоббаробаркунӣ дар байни шахсони ҳуқуқӣ оид ба пардохт асосан дар шакли ғайринақдӣ анҷом дода мешавад. Барои ҳамин ҳам, ҳамаи ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо маблағҳои худро дар суратҳисоби бонкӣ нигоҳ дошта, амалиётҳои ҳисоббаробаркуниро фақат бо ёрии бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзӣ амалӣ менамоянд.

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб рафта, ба тариқи аниқу мунтазам ба ташкил намудани ҳисоббаробаркунии пулӣ нигаронида шуда, давраи пулии гардиши воситаҳо дар ҳаёти хоҷагидории корхонаҳо, ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият нақши муҳимро мебозад. Аз ин рӯ, гузариш ба муносиботи нави иқтисодӣ зарурияти ташкил намудани низоми нави пардохткуниро ба миён меорад, ки он ба низоми дузинагии бонкӣ асос меёбад. Ба ғайр аз ин, зарурияти тақсим ва муттаҳидгардонии захираҳои пулии субъектҳои гуно-

гуни хоҷагидорӣ ба амал омада, ташаккулёбии бонкҳои тиҷоратӣ ташкил намудани муносибатҳои кориспондентиро дар байни онҳо ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, ташаккулёбии низоми нави пардохтӣ зарурияти тағйир додани принсипҳои ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро ба миён овард, яъне истифодаи шакли нав ва усулҳои нави амалинамоии пардохткуниро тартиб дод. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва истифоданамоӣ дар ҷараёни инкишофи низоми бонкӣ такмил ёфта, он нисбат ба ҳисоббаробаркунии нақдӣ ба афзалияти бештар ноил гардидааст. Яке аз ин афзалиятҳо ин кам шудани миқдори пули нақд дар гардиши субъектҳои хоҷагӣ ва паст шудани хароҷотҳои муомилот мебошад. Ба ғайр аз он, инкишофи ғайринақдӣ сабаби тез шудани гардиши пули нақд мегардад ва чи қадаре, ки пули нақд мунтазам истифода шавад, ҳамон қадар дар гардиш кам мешавад.

Оммавӣ гардидани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ғайра ҳангоми пардохти молу хизматрасонӣ ба вусъати ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии мамлакат мусоидат намуда, якчанд бартариятро ба вуҷуд меорад, аз ҷумла дар иқтисодиёт ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф шуда, ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ қоҳиш меёбад ва боиси зиёдшавии воридоти маблағҳои андоз мегардад. Инчунин, ба ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Ҳамзамон, пардохти молу хизматрасонӣ, бахусус пардохтҳои давлатӣ осон ва дастрас гардида, талаботи аҳолӣ ба пули нақд каммешавад. Ин боиси кам шудани навбатпоӣ дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилоти қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд мегардад, ба сарфаи вақту хароҷоти роҳкирои аҳолӣ мусоидат мекунад. Шароит фароҳам меояд, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалиёти иловагиро коҳиш диҳанду вақтро сарфа намоянд ва суръат бахшидани пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ боиси ҳарчи бештар ҷалб намудани муштариён мегардад.

Ба манфиати аҳолӣ аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ барои истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва вусъати пардохтҳои ғайринақдӣ «Cash back», яъне баргардонидани маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва чораҳои ҳавасмандгардонӣ ташкил карда мешаванд. Идораи буҷети шахсӣ бартарияти дигари анҷом додани амалиёти ғайринақдӣ мебошад, яъне истифодабаранда имкон пайдо мекунад, ки даромад ва8 хароҷоти худро ба воситаи замимабарномаҳои мобилӣ назорат кунад.

Рушди бозори кортҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарин дар ҳалли масъалаи рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳаҷми пули нақд дар муомилот мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ барои ҳалли масъалаи мазкур ва вусъат бахшидани истифодабарии кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо ҳангоми пардохти молу хизматрасониҳо чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Алҳол, аз тарафи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон кортҳои пардохтии Низоми пардохти миллӣ “Корти миллӣ”, низомҳои пардохтии байналмилалии Visa ва Mastercard, кортҳои муштараки (кобрендинг) низомҳои пардохти UnionPay ва НПМ ”Корти миллӣ” ва кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзӣ ба дар муомилот ҷорӣ гардида истодаанд.

То 31 декабри соли 2023 дар асоси ҳисоботи оморӣ миқдори умумии кортҳои пардохтии ба муомилот баровардашуда 1791 ҳазор ададро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-6,7% зиёд гардидаанд. Аз ҷумлаи ин шумора 58,1% кортҳои Низоми пардохти миллии (НПМ) “Корти миллӣ”, 6,8% кортҳои низомҳои пардохтии байналмилалӣ (Visa ва Mastercard), 1,2% кортҳои пардохтии низомҳои дохилии ташкилотҳои қарзӣ, 11,9% кортҳои пардохтии муштарак (UnionPay-НПМ ”Корти миллӣ”) мебошанд.



Диаграммаи 1.-Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ аз рӯйи низомҳои пардохтӣ
Сарчашма:*Сомонаи расмииБонки миллиитоҷикистон:www.nbt.tj*

Барои бо пули нақд таъмин кардани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ 2 240 адад банкомат ва 3 492 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (НППН) насб47 намудааанд. Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мувофиқан 29,9% ва 63,8% зиёд мебошанд. Илова бар ин, барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 6 939 адад POS - терминал ва 12 560 адад QR–рамз насб карда шуданд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2022 теъдоди онҳо мувофиқан 79,2 фоиз зиёд ва 28,0% кам мебошанд.Сабаби кам шудани теъдоди QR-рамзҳо ин гузариш ба QR-рамзи ягона мебошад. Теъдоди терминалҳои худкори худхизматрасон то 31.12.2023 ба 10 362 адад баробар шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ва моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» Бонки миллии Тоҷикистон раванди додани иҷозатномаи фаъолияти оператори низоми пардохтӣ, аз ҷумла операторони низоми пардохтие, ки хизматрасонии интиқоли маблағҳоро пешниҳод менамоянд, роҳандозӣ намуда истодааст.

Бо мақсади рушди минбаъда ва такмили низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон барои татбиқи навовариҳо дар низоми пардохтҳои чакана ва рушди технологияҳои пардохтҳои мобилӣ шароити мусоид муҳаё намуда, дар ин самт бо тарафҳои манфиатдор ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои пардохт ҳамкорӣ менамояд.



Диаграммаи 2.- Афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ

Сарчашма: ***Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон:*** ***www.nbt.tj***

Аз таҳлили маълумотҳои диаграмма чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сол то сол шумораи банкоматҳо ва постерминалҳо афзоиш ёфтааст. Ба андешаи мо, сабаби асосии афзоиши банкоматҳо, постерминалҳо ва кортҳои пардохтии бонкӣ ин боварии мизоҷон ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ амалиётҳо сол то сол зиёд шуда истодааанд. Масалан, дар соли 2023 гирифтани пули нақд 63,7 млрд. сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли ҳисоботии 2018-53,7 млрд. сомонӣ зиёд аст.

Пардохти молу хизматрасониҳо бошад дар соли ҳисоботии 2023 15,5 млрд, сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли 2022-7,3 млрд.сомонӣ зиёд буда, нисбат ба соли 2018 ба маблағи 10,5 млрд сомнӣ афзоиш ёфтааст.

Фаъолияти худро ташкилоти қарзии молиявӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», меъёрҳои байналмилалии идоракунии корпоративӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷозатномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон мустақилона пеш мебаранд ва дар робита ба ин муайян намудани ҳаққи хизматрасонии бонкӣ низ аз ҷониби онҳо гузаронида мешавад. Дар асоси маълумоти ташкилоти қарзии молиявӣ ҳаққи хизматрасонӣ барои интиқоли маблағҳои пулӣ аз кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ ба дигар кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ аз 0 то 2% мебошад. Аммо, ҳинни хариди молу хизматрасонӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз муштарӣ ҳаққи хизматрасонӣ гирифта намешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосии инкишофи ҳукумати электрониро баланд бардоштани сатҳи сифат, сода ва кам кардани хароҷоти маъмурӣ, дастрас будани хизмати иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон расонида мешаванд, ташкил медиҳад. Вобаста ба ин рушди хизматрасонии фосилавии бонкӣ, аз қабили Интернет-бонкинг, бонкдории мобилӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва оммавӣ гаштани пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла пардохти хизма-

трасонии давлатӣ аз ҷониби аҳолӣ ба рушди консепсияи ҳукумати электронӣ заминаи мусоидат фароҳам меорад.

Алҳол қисми зиёди шаҳрвандони кишвар соҳиби кортҳои пардохтӣ ва истифодабарандагони замимабарномаҳои махсуси бонкианд, ки ба воситаи онҳо имкон доранд дар мавриди хариди молу маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳисоббаробаркуниро ба таври ғайринақдӣ ба анҷом расонанд.

Алҳол қисми зиёди ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пешниҳоди навъҳои гуногуни хизматрасониҳои пардохтӣ бавоситаҳои телефонҳои мобилӣ барномаҳо таҳия мекунанд. Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзии ватанӣ бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ як қатор хизматрасонии фосилавӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ, интернет - бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро роҳандозӣ карда, ба воситаи онҳо ба муштариён барои ғайринақдӣ пардохт намудани ҳаққи молу хизматрасонӣ, имконияти хуб ба вуҷуд овардаанд. Барои ҳавасманд намудани муштариён ҳаққи хизматрасониро кам карда, барномаҳои бонусӣ, кэшбэк, пардохти фоиз аз амалиёти гузаронидашуда ва дигар роҳу воситаҳои ҳавасмандгардониро ҷорӣ карда истодаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар маҷмуъ чораҳои андешида ба афзудани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва теъдоду ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ шароит фароҳам меорад. Дар асоси маълумоти оморӣ, дар муддати 5 моҳи соли 2023 ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ нисбат ба солҳои қаблӣ хеле тараққӣ намудааст. Аз ҷумла, то 31 майи соли 2023 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 5,7 миллионро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли пешин 43 фоиз зиёд шудаанд. Инчунин, теъдоди ҳамёнҳои электронӣ 7,7 миллионро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи солҳои пешин 63% зиёд шудааст (ҷадвал).

Ҷадвал.-Афзоиши кортҳои пардохтиӣ аз соли 2018 то соли 2023

Сол	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Кортҳои пардохтӣ	1,8	2,1	2,8	3,5	5,1	5,7
Ҳамиёнҳои электронӣ	0,02	0,35	1,71	3,53	6,33	7,7
Рушди инфрасохтори пардохтӣ (ададӣ)						
Терминалҳои электронӣ	1485	1813	1899	1843	2132	2421
POS – терминал	3014	3535	3811	3030	3872	4152
QR – рамз	000	2006	5261	11036	17433	19708
Банкомат	678	878	1285	1412	1724	2036

Дар ҳоли ҳозир, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ 17 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 4 152 POS– терминал ва 19 708 QR –рамзро насб кардаанд, ки шумораи POS-4 терминалҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 9,2 фоиз ва QR–рамзҳо ба андозаи 34,5 фоиз зиёд аст. Дар соли 2023 ба воситаи пардохти электронӣ барои хариди молу пардохти хизматрасонӣ зиёда аз 18 миллион амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022, аз рӯйи шумора 55% ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 91 фоиз зиёд мебошанд. Дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 83% ва 17 %-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли4 қаблӣ ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ 6,3 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Тавре аз нишондиҳандаҳои оморӣ бармеояд, тайи солҳои охир шумораи шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воситаҳои электронии пардохтӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ босуръат афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки эътимоду боварии аҳолии мамлакат ба воситаҳои ҳозиразамони пардохтҳои электронӣ ва истифодаи онҳо ҳамарӯза афзуда истодааст. Чих еле, ки дар болои қайд намудем, қисми зиёди ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ бавосмитаи телефонҳои мобилӣ барномаҳо таҳия кардаанд.

Гузариш ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдии хизматрасонии давлатӣ чи тавре дар боло қайд кардем, на танҳо аз низоми бонкӣ вобастагӣ дорад, балки андешидани чораҳои таъхирнопазирро аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ талаб менамояд. Низоми пардохтҳои ғайринақдии хизматрасонии давлатӣ зарурати ташаккули инфрасохтори дахлдори қабули пардохтҳоро дар назди мақомоти давлатӣ тақозо менамояд. Ба ҳамин хотир, вазорату идораҳо ва корхонаҳои давлатие, ки хизматрасонии пулакиро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, бояд фавран низомҳои иттилоотию билингии худро созмон дода, якҷо бо низоми бонкии мамлакат баҳри амалӣ сохтани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22.06.2023 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» тадбирҳои мушаххас андешанд. Дар натиҷаи тадбирҳои то кунун андешидашуда, қабули пардохти як қатор хизматрасониҳои давлатӣ

ба таври ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ роҳандозӣ гардид, аз ҷумла, пардохти як қатор андозҳо, раводиди электронӣ, пардохтҳои гумрукӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, роҳкирои нақлиёти ҷамъиятӣ, пардохти маблағҳои истифодаи қувваи барқ, об, гармидиҳӣ ва ғайра ба роҳ монда шуд. Таҳлили вазъи низоми бонкӣ далели он аст, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ тамоми инфрасохтори барномавии техникии заруриро барои амалисозии самараноки Фармони зикргардида дар ихтиёр дошта, дар сурати мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, тайёранд қабули пардохти ғайринақдии хизматрасонии давлатиро ба воситаи замимабарномаҳои мобилӣ, шабакаҳои терминалӣ ва дигар роҳу усулҳои хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ба роҳандозӣ намоянд.

АДАБИЁТ

1.Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, аз 26 октябри соли 2021, №460.

2.Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2019, №642.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, № 722.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» аз 1 августи соли 2003, № 41.

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16 апрели соли 2012, № 816.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» аз 26 марти соли 2009, № 492.

7.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524.

8.Раҳимзода Ш. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ш. Раҳимзода, С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021..

9.Содиқова М. Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа / М. Содиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020.

АННОТАЦИЯ

БЕЗНАЛИЧНЫЙ УЧЕТ – ФАКТОР РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Массовое использование электронных средств платежа при расчетах способствует прозрачности финансовых потоков, уменьшению размеров неформальной экономики, увеличению налоговых поступлений и других обязательных платежей в государственный бюджет. Поэтому расширение системы безналичных расчетов считается одним из факторов стабильного развития национальной экономики и финансовой системы страны и играет чрезвычайно важную роль в обеспечении прозрачности финансовых операций, обогащении системы безналичных расчетов. государственного бюджета, предотвращение коррупции и снижение влияния человеческого фактора. В условиях рыночной экономики безналичные расчеты получают дальнейшее совершенствование и развитие, поскольку экономические отношения хозяйствующих субъектов становятся все более сложными, поэтому возникает потребность в новых формах безналичных расчетов.

Ключевые слова: *экономические отношения, кредитные организации, бухгалтерский учет, наличные, банковские, безналичные, платежные карты, кредит, пластиковые карты.*

ANNOTATION

CASHLESS ACCOUNTING - A FACTOR OF BANKING SYSTEM DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The massive use of electronic means of payment in settlements contributes to the transparency of financial flows, a decrease in the size of the informal economy, an increase in tax revenues and other mandatory payments to the state budget. Therefore, the expansion of the cashless payment system is considered one of the factors for the stable development of the national economy and financial system of the country and plays an extremely important role in ensuring the transparency of financial transactions and enriching the cashless payment system. state budget, preventing corruption and reducing the influence of the human factor. In a market economy, cashless payments are further improved and developed, since the economic relations of economic entities are becoming more complex, therefore, there is a need for new forms of cashless payments.

Key words: *economic relations, credit organizations, accounting, cash, bank, non-cash, payment cards, credit, plastic cards.*

Сведение об авторах:

Абдуллоев Насрулло-старший преподаватель кафедры финансы, налоги и банковское дело Вахдатский статестического колледж. 735400. Республика Таджикистан, город Вахдат, проспект Сомониён 22, Телефон: (+992) 907781887

Курбонова Фируза Махмадовна-ассистент кафедры финансы, налоги и банковское дело Вахдатский статестического колледж. 735400. Республика Таджикистан, город Вахдат, проспект Сомониён 22.

Author Information:

Abdulloev Nasrullo-Senior Lecturer, Department of Finance, Taxes and Banking, Vakhdat Static College. 735400. Republic of Tajikistan, Vahdat, 22 Somoniyon Avenue,phone: (+992) 907781887

Kurbonova Firuza Makhmadovna-assistant of the Department of Finance, Taxes and Banking Vakhdat Static College. 735400. Republic of Tajikistan, Vahdat, 22 Somoniyon Avenue,

ТДУ 338,22+334 (575,3)

АГРОКЛАСТЕР ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ УСТУВОРИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Раҳимов С. Д. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Калимаҳои асосӣ: *кластерикунонӣ истеҳсолоти кишоварзӣ, тиҷорати хурд ва миёна, самараноки иқтисодии кластер, рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, инноватсияи истеҳсолоти кишоварзӣ.*

Иттиҳодияҳо дар соҳаҳои хоҷагии халқ барои фаъолияти соҳибкорӣ истеҳсолӣ аҳамияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ доранд. Ин шакли хоҷагидориест, ки **(артел)** истеҳсолоти муштарак ё як гурӯҳи ҳунармандон, моҳигирон барои истеҳсоли муштарак ва беҳтар кардани шароити меҳнат муттаҳид мешуданд. Дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба техника ва қувваи корӣ бо арзиши ҳадди ақали хароҷот кӯмак мерасонданд, зеро онҳо кори умумиро ба манфиати истеҳсолот анҷом медоданд. Дар шароити муосир ин амалан боқӣ намондааст, танҳо ҳамсоя метавонад ҳангоми зарурат ба ҳамсоя кӯмак кунад. Кӯмак дар сатҳи федералӣ, аз мансабдорони маҳаллӣ имконпазир аст, аммо ин одатан кӯмаки кӯтоҳмуддат аст. Истилоҳи илмӣ кластер-маҷмӯи унсурҳои якхела, объектҳои фаъолияткунанда, ки гурӯҳи воҳидҳоро ташкил намуда рушди устувори фаъолияти тиҷоратиро пурра муайян мекунад. Ба эътидол овардани шароити иқтисодӣ ва рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат дар солҳои охир барои ташаккулёбии кластерҳо заминаи мусоҳид фароҳам меовард. Барои ташаккулёбии кластер дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар асоси омилҳои бозор кластерҳои истеҳсолӣ даҳсолаҳо таъсис дода мешуданд.

Асоси ташаккулёбии агрокластер корхонаҳои пуриқтидор, бо менеҷменти баландихтисос ва сатҳи баланди фарҳанги корпоративӣ, муттаҳид кардани корхонаҳои якхела, омӯзиши таҷрибаи менеҷмент ва фарҳанги корпоративии корхонаи асосӣ, нишондиҳандаҳои кластер ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, яке аз вазифаҳои ташкили кластерҳои корхонаҳои хурду миёна дар истеҳсолоти кишоварзӣ мутобиқ шудан ба тағйироти доимии муҳити рақобат ва талаботи бозор, инчунин коҳиш додани таъсири бозории воридкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои молии минтақаҳои гуногуни мамлакат мебошад. Таъсиси кластерҳо метавонад ба истеҳсоли молҳо (махсусан маҳсулоти хӯрокворӣ) бо хусусиятҳои нав мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки корхонаҳои хурду миёнае, ки ба кластер муттаҳид мешаванд, рақобатпазирӣ ва мавқеи худро дар бозори мол таҳвият медиҳанд.

Дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодиёти бозоргонӣ кластерҳо бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо бо як намуди истеҳсоли маҳсулот дар бозорҳои мол, дар асоси омилҳои муҳими манфиатҳои иқтисодии иҷтимоӣ ин корхонаҳо, таъсис дода мешаванд. Дар корҳои таҳқиқоти худ **“Рақобат”** М. Е. Портер кластерро ҳамчун гурӯҳи ширкатҳои ба ҳам алоқаманд аз нуқтаи назарияи ҷуғрофӣ ва ташкилотҳои ба ҳам алоқаманд, ки дар соҳаҳои муайян фаъолияткунанда, ки якдигарро пурра мекунанд, намояндагӣ мекунад [2].

Соҳаи кишоварзӣ соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти озуқаворӣ, ки таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ ва миллии мамлакат мебошад, ки дар он 24,3% ММД - и ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳалли амнияти озуқаворӣ ва миллӣ аз бисёр ҷиҳат аз тезонидани суръати рушди соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар умум вобастагӣ дорад, ки истифодабарии самараноки ҳамаи омилҳои истеҳсолот, мустаҳкамгардонии базаи техникии корхонаҳо, ҷорисозии дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ, фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузории соҳаро пешбинӣ менамояд.

Инноватсия ин ҳамчун натиҷаи фаъолияти меҳнати зеҳнӣ, бо коркард, бунёд ва паҳн кардани молу тнхнологияи нав, намудҳои нави ташкилот, ҷори намудани усулҳои идоракунӣ нави истеҳсолот равонакардашуда, натиҷанокии маблағгузории дар рушди иқтисодиёт, ки ҷорӣ кардани техника ва технологияи навро дар истеҳсоли маҳсулоти дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ рақобатпазирро таъмин мекунад, нишон дода, ба самаранокии фаъолияти истеҳсолот, захираҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад.

Ба даст овардани новобастагии хӯрокворӣ шарти зарурии баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии мамлакат буда, барои ҳамроҳ шудан ба иқтисодиёти ҷаҳон, ҳамчун ҳамкори сазовор мусоидат мекунад. Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии аграрӣ имконияти калон ва асоси ҳаматарафа мустаҳкам кардани мавқеи худро дар саҳнаи байналхалқӣ, аз ҳисоби фаъолона ҳамроҳ шудан дар ҳалли масъалаҳои байналхалқии хӯрокворирo дорад.

Мақсади асосии рушди шаклҳои хоҷагидорӣ ва комплексӣ агросаноати дар маҷмӯъ Тоҷикистон ташаккулдиҳии истеҳсолоти агросаноатии рақобатпазири таъминкунандаи бехатарии хӯрокворӣ, новобастагии мамлакат, рушди содироти баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ, зиёд кардани саҳми шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва комплексӣ агросаноати дар иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Масъалаи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ доимо дар маркази диққати ҷамъият, давлат, истеҳсолот ва илм аст. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ на танҳо вазифаи таъмин кардани бехатарии хуроквории мамлакатро иҷро мекунад, инчунин бунёди ҷои кории иловагии мусоидаткунандаи ҷойгиркунии оқилонаи аҳолӣ дар ҳудудҳои гуногуни мамлакат таъминкунии бехатарии экологии он мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи гузаронидани азнавсозии васеъ дар мамлакат иқтисодиёти бисёруклада ташкил ёфт, молистеҳсолкунандагон интихоби озоди шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии хоҷагидорӣ, идоракунии маҳсулот ва даромади худ, ташкили муносибатҳои иқтисодии ба принспҳои иқтисодиёти кушоди озод такякунандаро гирифтанд. Институтҳо ва инфраструктураи бозоргонӣ ташкил шуда истодааст[3].

Ҷорисозӣ дар ҳар як иттиҳоди кластерии шакли идоракунӣ истеҳсолоти кишоварзӣ самаранок мебошад. Чунин шакли навии идоракунӣ истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳамгироии вертикали корхонаҳо ҳуқуқии мустақил – молистеҳсолкунандагон, коркунон, коркард ва нигоҳдорӣ, таъминкунандагони хизматрасониҳо, таъсисдиҳандагони технологияҳо, объектҳои иттилоотӣ, ниҳодҳои молиявӣ, ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷоригардида ва ташкилотҳои сармоягузорӣ ва истеъмолкунандагон, ки ба дуруст истифодабарии хусусиятҳои хоси маҳаллӣ ё деҳот, барои таъсисдиҳӣ ва баландбардории минтақа мусоидат менамояд. Дар баробари ин, мавқеи ташкил ва ташаккулёбии кластер аз хусусияти хоси ҷараёне, ки такрористеҳсолкунии маҳсулотро таъмин месозад вобастагӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки ин намуди фаъолияти истеҳсолӣ ва ба алоқаманди манфиатҳои иқтисодии корхонаҳо вобаста аст. Дар робита ба ин, кластерҳои корхонаҳо бояд ассотсиатсияи корхонаҳоеро ташкил намоянд, ки бо мақсади ҳамгироии равандҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирии тиҷорат ва ба ҳадди аксар расонидани фоида таъсис дода шаванд. Яке аз вазифаҳои бозори пешбари молии ҳар як мамлакат дар бозори озуқаворӣ дохила ва беруна, ки ба рушди устувори кластерҳои соҳаи кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам орад.

Кластерҳои тиҷорати хурд ва миёна дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ метавонанд дар асоси худтанзимкунӣ дар натиҷаи ҳамгироии табиӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ ё бо дастгирии мақомоти минтақавӣ ва мунисипалӣ (ба таври ихтиёри ё сунъӣ) ташкил карда шаванд. Худтанзимкунии фаъолияти соҳибкорӣ, чун ҳарруза, бо ташаббусҳои соҳибкорӣ ҳамчун роҳбар фаъолият мекунад. Бояд дар назар дошт, ки корхонаҳое ихтиёран иштирокчиёни эҳтимолии кластер шуда метавонанд, ки намудҳои муайяни молҳо (кор ва хидмат) истеҳсол мекунанд ва дар бозорҳои мол нисбат ба ҳамдигар рақобат мекунанд. Дар робита ба ин, соҳибкорон ҳангоми ворид шудан ба кластер оид ба фаъолияти худ ё бораи аз даст додани тиҷорати худ (азхудкунии корхонаи пешсаф) ба таври зарури кушиш мекунанд.

Истеҳсолкунандагони аввалиндараҷаи соҳаи кишоварзӣ бо сабабҳои зерин ба нишондиҳандаҳои баланди миёнаравҳо ва каналҳои маҳсулоти фурӯхташуда манфиатдор нестанд:

1) болоравии нархи маҳсулот боиси кам шудани талабот дар бозор мегардад, ки дер ё зуд метавонад боиси аз ҳад зиёд истеҳсол шудани он гардад;

2) нишондиҳандаҳои баланди миёнаравӣ ва каналҳои фурӯши маҳсулот ё фоидаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро аз ҳисоби равандҳои азнавтақсимкунӣ мегиранд. Ин омилҳои номбаршуда ҳавасмандии воридшавии корхонаҳои кишоварзиро ба муттаҳидшавӣ ё кластерҳо суст мекунанд. [2]

Дар ин раванд масъалаҳои таъмини соҳаҳои хаҷагии халқ бо маводи хӯрокворӣ дар ин замина таъмин намудани аҳолиро бо маҳсулоти ватанӣ воридотивазкунанда аз ҷиҳати экологӣ тоза, миёни молистеҳсолкунандагони ватанӣ, маёнаравҳо ва харидорон ҳалли худро бояд пайдо намояд. Таъмини устувории бозори хӯрокварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти такмилдиҳии сиёсати аграрии дар самти баланд бардоштани даромаднокӣ табақаҳои ҷамеа ва рақобатпазирӣ маводҳои хӯрокворӣ, ташаккулёбии инфраструктураи институтсионалӣ, ташакулёбии занҷираи ягонаи логистикӣ ва агрокластерҳо, дастгирии давлатии мол истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағйирёби иқлим, шаффофият ва таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад.

Барои таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯроквории хушсифат аз ҷиҳати экологӣ тоза тадбирҳои зарурӣ андешида шуда дар ин масъала аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну қарорҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқи стратегияву барномаҳои саҳавӣ қабул гардида дар таъмини бехатарии хӯрокворӣ ва дастраси ба ғизоӣ хушсифат иқдоми саривақти ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад”Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даврахои то соли 2030”, ”Барномаи рушди соҳаи механиконии инноватсионии кишоварзӣ барои солҳои 2025-2029” ,Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аминяти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2024” қабул гардид. Ин барномаҳои қабул гардида барои амалӣ ва муайян кардани

самтҳои афзалиятнокӣ сиёсати давлатӣ, ки вобаста ба таъмини бехатарии хӯроквории- иқтисодӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ ба ҳисоб рафта бо меъёрҳо байналмилалӣ ва дохилӣ мамлакат равона гардидаанд.

Тибқи малумоти оморӣ истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни кишоварзӣ афзоиш ёфта ҷиҳати ноил шудан ба яке аз самтҳои муҳими стратегии мамлакат мусоидати калон намуд. Ҳамин аст, ки дар соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 754 ҳазор тонна расонида шуда, истеҳсоли картошка 1 миллион 144 ҳазор тонна баробар гардида, истеҳсоли умуми меваю сабзавот ба 3 миллиону 690 ҳазор тонна ва истеҳсоли гушту тухми парранда 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам шуд, ки сабаби ин аз ташкил ва ба истифода додани фабрикаҳои паррандапарварӣ ва истеҳсоли гушту тухм аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ ба роҳ монда шуд [4].

Бинобар ин ба фикри мо яке аз омилҳои муҳими таъмини бехатарии хӯрокворӣ мамлакат ин ташаккулёбии кооператсияҳо, агрокластерҳо ба идоракунӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои заминӣ, меҳнатӣ, моддӣ-техникӣ, иқтидорҳо (патенсиалҳо) заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар ҳудуди минтақаҳои мамлакат вазифаи аз нав ташкилкунии агрокластерҳои хурду миёна дар минтақаҳои кӯҳи дар муддатҳои муайян рушди устувори истеҳсолоти кишоварзиро таъмин менамояд.

Омилҳои муҳими муттаҳидкунии самаранокии иқтисодии ташкилӣ агрокластер инҳоянд:

Тадбиқи дурусти фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси агрокластер бартарии рақобат ва устувории онро, аз ҷумла тавассути истифодаи технологияҳои инноватсионию-иттилоотӣ таъмин менамояд.

Дар ташаккулёбии кластерҳои соҳаи кишоварзӣ, шумораи иштирокчиён дар тамоми занҷири истеҳсолӣ ва коркарди маркетинги аҳамияти бузург доранд.

Бо мақсади рушди устуворӣ агрокластер дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин омилҳои муҳим зарур мебошанд:

- **Якум,** дастгирии давлат дар тадбиқ ва ташкили қонунии фаъолияти агрокластерҳо ва роҳҳои амалишавии он.
- **Дуюм,** дастгирии иҷтимой-иқтисодӣ ва ташаккулёбии ҳолати имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ бо мақсади рушди устувор ва ташаккули субъектҳое, ки ба маркази агрокластер табдил меёбанд.
- **Сеюм,** субъектҳои агрокластер бояд ба ҷорӣ намудани технологияи равандҳои инноватсионии ворид шаванд.

Дастгирии кластерӣ ба рушди инноватсионии кишоварзӣ воситаи муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа мебошад. Ҳамзамон, он фаъолияти устувор ва инкишофи ҳар як сохторро дар кластер таъмин намуда, барои баланд бардоштани рақобат ва барои ҷалби сармоягузорӣ дар бозори дохили мол (хизматрасонӣ), замин, қувваи корӣ ва сармоя фароҳам меорад.

Дастгирии кластерӣ оид ба рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ба ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ, татбиқи дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам дар истеҳсолоти кишоварзӣ, таълим ва бозомӯзии кадрҳо мусоидат хоҳад кард. Таҳлили гузарондашудаи фаъолияти хоҷагиҳои хурд дараҷаи гуногуни таъсири омилҳо исбот намуд.

Дастгирии давлат барои рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ андозҳои тафриқавӣ, воридоти технологияи нав, андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), боҷи гумрукиро бекор кард, ки ин ҳавасмандӣ барои ташкил ва ташаккулёби агрокластер мусоидат мекунад.

Аммо, ба ақидаи мо, пеш аз ҳама бояд роҳбарон ва мутахассисони сатҳҳои гуногуни соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, моҳияти худи хусусиятҳо, бизнеси аграрӣ ва низоми идоракунии онро дарк намоянд. Бояд робитаи доимии доираи соҳибкорӣ бо низоми идоракунии кишоварзии минтақавӣ ва шаклҳои хурди хоҷагидорӣ нигоҳ дошта шавад. Ин маънои онро дорад, ки функсияҳои идоракунии соҳаи кишоварзии минтақа, ҳамзамон бояд функсияҳои идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ низ бошанд. Аммо, мазмуни ин функсияҳо барои соҳибкории хурди аграрӣ бо хусусияти худ фарқ мекунанд. Ба ақидаи мо, ба функсияҳои умумии идоракунӣ (банақшагирӣ, ташкил, шавқмандкунӣ ва назорат) функсияи маркетингро илова кардан лозим аст, зеро бе маркетинг амалан иҷро намудани агробизнес номумкин аст[3].

Чӣ тавре аён аст, ҳар як функсияи идоракунӣ метавонад, ки ба бизнеси аграрӣ мутобиқ карда шавад. Масалан, ҳангоми ба нақша гирифтани соҳаи кишоварзӣ, ба масъалаҳои бизнес низ аҳамият додан лозим аст. Дар акси ҳол, идоракунӣ гӯё ба ду қисм тақсим карда ва ҳам алоқаманд набударо ҳосил менамоем. Аз расми овардашуда маълум аст, ки масъалаҳои чӣ истеҳсолӣ ва чӣ бозориро ҳал намудан лозим меояд.

Сохтори идоракунии стратегии дилхоҳ шаклҳои хоҷагидории кишоварзӣ дар умум ба тарҳи умумии маъмули менеҷмент шабоҳат дорад, аммо хусусияти худро дорад (расми 1).

Расм. -Модели раванди идоракунии стратегии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ

Аз расм бармеояд, ки таҳлили идоракунии муҳити шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ бояд аз муайянкунии мақсади умумӣ (миссия), идоракунии мақсадҳои стратегӣ (мақсади истеҳсолот, мақсади ташкил, мақсади идоракунӣ, мақсади маркетинг ва ғ.), идоракунии тактикӣ (таҳияи нақшаҳои тактикӣ, танзими истеҳсолот, иҷроиши барномаҳои маркетингӣ, баҳисобгирӣ ва назорат) ва назорати ҳарсолаи натиҷаҳои фаъолият иборат бошад [1].

Такмилдиҳии низоми идоракунии комплексӣ агросаноати, истеҳсоли иттиҳодияҳои молӣ аз рӯйи ҳар як намуди маҳсулот зарур мебошад. Дар асоси интихобӣ онҳоро намояндагони звеноҳои поёнӣ идора хоҳанд кард, на мансабдорони давлатӣ. Ҳар як иттиҳоди молӣ барномаи муфассали фаъолиятро коркард намуда, бояд иҷроиши онро таъмин созад, ки имкон фароҳам меорад, то сохтори истеҳсолотро такмил дода, шароити самараноки институтсионалии пешбарии соҳаи кишоварзиро ташкил менамояд [3].

Натиҷаи ҳамаи ин азнавсозиҳо буд, ки истеҳсол ва истеъмоли маҳ сулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир аз рӯйи бисёр намудҳои маҳсулот, дар таносуб бо

меъёрҳои муайянкардашуда, афзуда истодааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.-Андозаи таъминнокии маводҳои хӯроквории маҳсулоти худӣ ба як нафар аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номгӯи маҳсулот	Меъёр кг	Истеҳсол, кг				Андозаи таъминнокӣ, %				Истеъмол, кг
		1991	2002	2010	2023	1991	2002	2010	2023	
Ғалла	147,7	54,3	109,2	165,7	172,3	37,4	75,3	114,3	116,6	155,8
Картошка	92	32,3	55,7	100,9	112,4	35,1	60,5	109,7	122,1	41.1
Сабзавот ва полезиҳо	166,1	112,1	96,9	275,8	396,4	86,3	58,4	130,0	238,6	128,7
Мевагиҳо ва ангур	124,1	53,2	45,6	46,4	83,9	42,9	36,8	37,4	67,6	35,7
Гӯшт	40,8	13,4	5,2	9,5	19,6	26,8	10,4	19,0	48,0	24,2
Шир	115,3	104,9	64,4	87,4	109,8	42,0	25,8	35,1	95,2	42,3
Тухм (дона)	180	81,1	7,2	30,8	120,2	45,0	4,4	18,7	66,7	156

Сарчашма: ***Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи маҷмӯаи оморӣ кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024, с.15,125.***

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки истеҳсоли ғалла, картошка, сабзавот ба як нафар аҳолӣ аз меъёри муайянкардашуда зиёд буда, имконияти содироти ин маҳсулотҳо зиёд мебошад. Дар баробари ин истеҳсоли гӯшт, шир, тухм, меваҷот, аз меъёрҳои муайянкардашуда хело кам буда, ба воридот ниёз дорад. Истеъмоли ҳамаи ин намуди маҳсулотҳо, ғайр аз ғалла, сабзавот, картошка аз меъёр кам аст. Аммо, ба ақидаи мо, ҳамин тариқ, навсозии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асоси ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба шароити мо мутобиқ, технологияҳои пешрафта ва коркардҳои илмӣ вазифаи муҳимтарини сиёсати агросаноатии Тоҷикистон барои солҳои оянда мебошад. Дар рушди инноватсионии соҳа ҳамгироии таълим, пайвасткунии илм ва истеҳсолот, коркард ва тиҷорат, яъне муносибати кластерӣ ҳангоми ҳалли вазифа муҳим мебошад [3].

Омилҳои муҳими рақобатпазирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад равиши кластерикунонии ва ҳамгироии корхонаҳои кишоварзиро бо корхонаҳои коркарди мамлакат пайваст намуда барои коҳиш додани хароҷоти моддию-техникӣ истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши даромади пулӣ ва барои харид ва пайвасткунии технологияӣ инноватсионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ шароити зарури фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1.Бораева Т.К. Экономические проблемы функционирования и развития малого и среднего бизнеса в сельском хозяйстве. Диссертатция на соискание учёной степени кандидата экономических наук. Владикавказ- 2016,-с. 156

2.Голубев А.В. Инновации и традиции российского агрокомплекса А.В. Голубев // Мир России Москва,2013, - №1- с 61-67.

3.Шарофов У., Раҳимов С.Д. Рушди шаклҳои хурди хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ . Монография.-Душанбе,-2021.С.142

4.Маҷмӯаи оморӣ кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024, с. 15.

5.Методические рекомендации «Формирование агропромышленного кластера муниципального района» // Под редакция. Миндрина А.С. – М., 2010. -57 с.

6.Ефимов А.Б. Организационно-экономические аспекты достижения продовольственной безопасности России. Автореферат диссертации. – Воронеж, 2009, -38 с.

7.Козлов В.В. Какой видится стратегия инновационного развития российского сельского хозяйства // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. Москва, 2010, - №4. -С.89-112

8.Шарофов У. Формирование конкурентоспособного аграрного производства //Кишоварз, №1,-2011. -С.42.

9.Шарофов У. Формирование многотипного сельского хозяйстваважный фактор занятос-ти и улучшения качества жизни сельского населения. //Известие АН РТ, №3,-2013, -С.52.

10. Чаянов А.В. Основные идеи и формы организации сельскохозяйственной кооперации // -М.: Наука, 1991. -С 137-143.

АННАТАТЦИЯ

АГРОКЛАСТЕР – ВАЖНЫЙ ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

В статье о формировании агрокластеров в сфере сельского хозяйства кластеры малого и среднего бизнеса в сфере сельского хозяйства являются основными направлениями устойчивого развития. Обсуждается поддержка государства в формировании кластеризации аграрного секто-ра. Приоритеты кластера даны в сфере сельского хозяйства. Реконструкция сельскохозяйст-венного производства в различных формах ведения хозяйства на основе внедрения современных технологий, адаптированных к нашим условиям, передовых технологий и научных разработок является важнейшей задачей агропромышленной политики Таджикистана на ближайшие годы.

Ключевые слова: *кластеризация хозяйствованного производство, малый бизнес, кластеризация, экономический эффективность кластера, рост различных форм хозяйствование, инновация сельского хозяйства,*

ANNATATION

AGROCLUSTER IS AN IMPORTANT FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL PRODUCTION

in the article on the formation of agroclusters in the field of agriculture, clusters of small and medium-sized businesses in the field of agriculture are the main directions of sustainable development. State support in the formation of clustering of the agricultural sector is discussed. The cluster priorities are given in the field of agriculture. Reconstruction of agricultural production in various forms of farming based on the introduction of modern technologies adapted to our conditions, advanced technologies and scientific developments is the most important task of the agro-industrial policy of Tajikistan in the coming years.

Key words: *clustering of economic production, small business, clustering, economic efficiency of the cluster, growth of various forms of management, agricultural innovation.*

Сведение об авторе:

Рахимов Сарабек Давлатович – к.э.н., доцент кафедры экономики АПК Таджикского аграрного университета имени Ширинсох Шотемур. 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 146. E-mail-sarabek.83@mail.ru тел: (+992) 93-514-90-00

Information about the author:

Rakhimov Sarabek Davlatobich - Senior teacher of the department of economics of the Agro industrial Complex of the Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 146. E-mail-sarabek.83@mail.ru tel: (+992) 93-514-90-00

ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОНИ
маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз»-и
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шохтемур

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

-матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,0 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

-формулаҳо, аломатҳо ва нишонаҳои ҳарфҳои бузургиҳо бояд дар муҳаррири формулаи Microsoft Equationва ё Math Type (ҳуруфи 12) ҳуруфчинӣ карда шаванд. Танҳо он формулаҳое, ки ба он истинод оварда шудаанд, рақамгузорӣ карда мешаванд.

-нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд ва инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

1. Индекси ТДУ барои мақола;
2. Номи мақола;
3. Насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Раҳимов С.Ҳ.);
4. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он) кору фаъолият менамояд;
5. Матни асосии мақола;
6. Рӯйхати адабиёти истифодашуда (на бештар аз 10 номгӯй);
7. Номи мақола, аннотатсия ва калимаҳои асосӣ (бо забони тоҷикӣ ва англисӣ агар мақола бо забони русӣ бошад; бо забони русӣ ва англисӣ агар мақола бо забони тоҷикӣ бошад таҳия гарданд);
8. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 5-7 сатр ва калимаҳои асосӣ аз 5 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад.
9. Маълумот дар бораи муаллифон бо се забон (пурра ном, насаб ва номи падар пурра, ҷойи кор, вазифа, унвони илмӣ, суроғаи ҷойи кор, почтаи электронӣ, телефон).

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа нишон дода шавад. Намуна [4, с.15], яъне адабиёти №4, саҳифаи 15.

ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ
Теоретический и научно-практического журнала «Кишоварз»
Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур

Научные статьи, представленные для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: а) научная статья должна быть подготовлена в соответствии с требованиями, установленными журналом; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Требования к оформлению научных статей:

-текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текста и Times New Roman Tj для таджикского текста, кегль 14, поля 2,0 см со всех сторон, интервал 1,5 мм.

-формулы, символы и буквенные обозначения величин должны быть набраны в редакторе формул Microsoft Equation или Math Type (шрифт 12). Нумеруются лишь те формулы, на которые имеются ссылки.

-таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать, а также, они должны иметь название.

-объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 8 до 10 страниц в формате А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

1. Индекс УДК на статью можно получить в любой научной библиотеке;
2. Название статьи;
3. Фамилия и инициалы автора (пример: Рахимов С.Х.);
4. Название организации;
5. Основной текст статьи;
6. Список использованной литературы (не более 10 наименований);
7. Название статьи, аннотация и ключевые слова (на таджикском, на русском и английском языках);
8. Аннотация оформляется в объеме не менее 5-7 строк, ключевые слова от 5 до 10 слов или словосочетаний;
9. Информация об авторе на трех языках (полные ФИО, должность, ученая степень, место работы, адрес места работы, электронная почта, телефон).

При цитировании конкретного материала, ссылки указываются в квадратных скобках. Образец: [4, с.15], т.е., литература №4, страница 15.

RULES FOR THE AUTHORS
Theoretic and scientific practical magazine “PEASANT” of Tagik agrarian university named after Shirinsho Shotemur

Scientific articles submitted for publication in correspond must the following requirements: a) the scientific article must be prepared in accordance with the requirements established by the journal; b) the article must be the result of scientific research; c) the topic of the article must correspond to one of the scientific directions of the journal.

Requirements oftypography of the scientific articles:

-the text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English text and Times New Roman Tj for Tajik text, size - 14, fields - 2.0 cm from all sides, interval - 1.5.

-formulas, symbols and letter designations of quantities must be typed in the formula editor Microsoft Equation or Math Type (font 12). Only those formulas to which there are references are numbered.

-tables, diagrams, diagrams and figures must be grouped and numbered, and also, they must have a name.

-the volume of the article (including annotation and bibliography) should be in the range of 8 to 10 pages of A4 format. The article should have the following structure:

1. UDC index per article;
2. Title of the article;
3. Surname and initials of the author (example: Rahimov S.H.);
4. The name of the organization in which the author (s) of the article works, the postal address of the organization, city, country;
5. The main text of the article;
6. List of used literature (no less than 6 and no more than 7 titles of scientific literature).
7. Title of the article, annotation and keywords (in Tajik and English, if the article, is in Russian, in Russian and English, if the article, is in Tajik).
8. Annotation is drawn up in the amount of at least 5-7 lines, keywords from 5 to 10 words or phrases;
9. Information about the author in three languages (full name, position, academic degree, place of work, adress of the place of work, E-mail, telephone)

When citing specific material, links are indicated in square paranthesis. Example: [4, p.15], and etc., literature No.4, page 15.